ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ
ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ
TAJIK STATE UNIVERSITY OF FINANCE AND ECONOMICS

ПАЁМИ
МОЛИЯ ВА ИҚТИСОД
№1
(маҷаллаи илмӣ-амалӣ)

ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИЙ
ВЕСТНИК
№1
(научно-практический журнал)

THE FINANCE AND ECONOMIC
BULLETIN
№1
(science-practical journal)

Душанбе, 2026

САРМУҲАРРИР

Сатторзода Б.А. – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

МУОВИНОНИ САРМУҲАРРИР

Саидмуродзода Л.Ҳ. – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Исмаилов Ш.М. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Юсупов Г.А. - доктори илмҳои физика-математика, профессор, мудири кафедраи анализи математикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

КОТИБИ МАСЪУЛ

Муқимов Қ.М.– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

АЪЗОИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

ИҚТИСОДИЁТ

Раҳимзода Шариф – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Фақеров Ҳ.Н. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Мирсаидов С.А - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини якум, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Шарифзода Б.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Қандиёрова Д.О. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Кошонова М.Р. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аминов И. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҷонмамадов Ш.Б. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Раҳматзода Р.Р. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Содиқов М.С. - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Сафаров Б.Г. - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Нурализода Э.Н. - доктори илмҳои иқтисод, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

ҲУҚУҚШИНОСӢ

Исмаилов Ш.М. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Сангинзод Д.Ш. - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Бобозода Ҷ.Қ. - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Мирзоев С.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Табаров Н.А. - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

МАТЕМАТИКА ВА МЕХАНИКА

Юсупов Г.А. - доктори илмҳои физика-математика, профессор, мудири кафедраи анализи математикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Раҳимов Р.М. – номзади илмҳои физика–математика, профессори кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Фарайдунов О.Қ. - номзади илмҳои физика-математика, дотсенти кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Шадманов М.У. – номзади илмҳои физика–математика, дотсент, мудири кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Саидов Б.Б. - номзади илмҳои физика–математика, дотсенти кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
таҳти №417/МҶ– 97 аз 16.05.2025 сабти ном шудааст.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
Паёми молия ва иқтисод
Маҷалла ба Феҳристи тақризшавандаи маҷаллаҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил буда, дар он натиҷаҳои асосии илмии рисолаҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктор ва номзади илм чоп мешаванд.
Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии Шохиси иқтибосоварии илмии Россия (НИИР) мебошад.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР

Сатторзода Б.А. – кандидат педагогических наук, доцент, ректор Таджикского государственного финансово-экономического университета

ЗАМЕСТИТЕЛИ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Саидмуродзода Л.Х. – член-корр. НАНТ, доктор экономических наук, профессор кафедры международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета

Исмаилов Ш.М. – доктор юридических наук, профессор кафедры экономического и финансового права Таджикского государственного финансово-экономического университета

Юсупов Г.А. - доктор физико-математических наук, профессор, заведующий кафедрой математического анализа Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ

Мукимов К.М. – кандидат экономических наук, доцент, проректор по науке Таджикского государственного финансово-экономического университета

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ

ЭКОНОМИКА

Рахимзода Шариф – доктор экономических наук, профессор кафедры финансовой экономики Таджикского государственного финансово-экономического университета

Факеров Х.Н. – доктор экономических наук, профессор кафедры экономики предприятия и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета

Мирсаидов С.А. - доктор экономических наук, профессор, первый заместитель, проректор по учебной работе Таджикского государственного финансово-экономического университета

Шарифзода Б.М. – доктор экономических наук, профессор кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кандиёрова Д.О. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

Кошонова М.Р. - доктор экономических наук, профессор кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета

Аминов И. - доктор экономических наук, профессор кафедры менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета

Джонмамадов Ш.Б. - доктор экономических наук, профессор кафедры мировой экономики Таджикского государственного финансово-экономического университета

Рахматзода Р.Р. - доктор экономических наук, профессор кафедры экономического анализа Таджикского государственного финансово-экономического университета

Содиков М.С. - доктор экономических наук, доцент кафедры мировой экономики Таджикского государственного финансово-экономического университета

Сафаров Б.Г. - доктор экономических наук, доцент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета

Нурализода Э.Н. - доктор экономических наук, профессор кафедры финансы Таджикского государственного финансово-экономического университета

ЮРИСПРУДЕНЦИЯ

Исмаилов Ш.М. – доктор юридических наук, профессор кафедры экономического и финансового права Таджикского государственного финансово-экономического университета

Сангинзод Д.Ш. – доктор юридических наук, профессор, заместитель директора Института изучения стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана

Бобозода Дж.К. – доктор юридических наук, доцент, заведующий кафедрой экономического и финансового права Таджикского государственного финансово-экономического университета

Мирзоев С.А. – кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедрой административного права и противодействия коррупции Таджикского государственного финансово-экономического университета

Табаров Н.А. – кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического и финансового права Таджикского государственного финансово-экономического университета

МАТЕМАТИКА И МЕХАНИКА

Юсупов Г.А. — доктор физико-математических наук, профессор, заведующий кафедрой математического анализа Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

Рахимов Р.М. – кандидат физико-математических наук, профессор кафедры высшей математики Таджикского государственного финансово-экономического университета

Фарайдунов О.К. - кандидат физико-математических наук, доцент кафедры прикладной информатики в экономики Таджикского государственного финансово-экономического университета

Шадманов М.У. – кандидат физико-математических наук, доцент, заведующий кафедрой высшей математики Таджикского государственного финансово-экономического университета

Саидов Б.Б. – кандидат физико-математических наук, доцент кафедры высшей математики Таджикского государственного финансово-экономического университета

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.
Журнал регистрирован в Министерстве культуры Республики
Таджикистан под №417/ЖР - 97 с 16.05.2025г.
Таджикский государственный финансово-экономический университет,
Финансово-экономический Вестник
Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученых степеней доктора и кандидата наук.
Журнал включен в Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).

CHIEF EDITOR

Sattorzoda B.A. – candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Rector of the Tajik State University of Finance and Economics

DEPUTY CHIEF EDITORS

Saidmurodzoda L. Kh. – Corresponding Member of National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of International Finance and Credit Relations of Tajik State University of Finance and Economics

Ismailov Sh.M. – Doctor of Law, Professor of the Department of Economic and Financial Law of the Tajik State University of Finance and Economics

Yusupov G.A. - Doctor of Physical and Mathematical Sciences, Professor, Head of the Department of Mathematical Analysis of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini

AMENABE'S SECRETARY

Muqimov Q.M. – candidate of Economic sciences, Associate Professor, Vise-Rector for Science of the Tajik State University of Finance and Economics

EDITORIAL BOARD

ECONOMY

Rahimzoda Sharif – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Financial Economics, Tajik State University of Finance and Economics

Faqerov H.N. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Economic of enterprise and Entrepreneurship of the Tajik State University of Finance and Economics

Mirsaidov S.A. – Doctor of Economic Sciences, Professor, First Deputy, Vice-Rector for Education of the Tajik State University of Finance and Economics

Sharifzoda B.M. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of Banking of Tajik State University of Finance and Economics

Kandiyorova D.O. - Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory of the Tajik State University of Finance and Economics

Koshonova M.R. - Doctor of Economics, Professor of the Department of Finance of the Tajik State University of Finance and Economics

Aminov I. - Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department Management of the Tajik State University of Finance and Economics

Jonmamadov Sh.B. – Doctor of Economic Sciences, Professor of the Department of World Economy of the Tajik State University of Finance and Economics

Rakhmatzoda R. R. - Professor of the Department of Economic Analysis of the Tajik State University of Finance and Economics

Sodiqov M.S. – Doctor of Economic Sciences, associate professor of the World economy ofthe Tajik State University of Finance and Economics

Safarov B.G. - Doctor of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Theory, Tajik State University of Finance and Economics

Nuralizoda E.N. - Doctor of Economics, Professor of the Department of Finance of the Tajik State University of Finance and Economics

JURISPRUDENCE

Ismailov Sh.M. – Doctor of Law, Professor of the Department of Economic and Financial Law of the Tajik State University of Finance and Economics

Sanginzod D.Sh. - Doctor of Law, Professor, Deputy Director of the Institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan

Bobozoda J.K. - Doctor of Law, Associate Professor, Head of the Department of Economic and Financial Law of the Tajik State University of Finance and Economics

Mirzoev S.A. – Candidate of Law, Associate Professor, Head of the Department of Administrative Law and Combating Corruption of the Tajik State University of Finance and Economics

Tabarov N.A. - Candidate of Law, Associate Professor of the Department of Economic and Financial Law of the Tajik State University of Finance and Economics

MATHEMATICS AND MECHANICS

Yusupov G.A. - Doctor of Physical and Mathematical Sciences, Professor, Head of the Department of Mathematical Analysis of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini

Rakhimov R.M. – Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Professor of the Department of Higher Mathematics of the Tajik State University of Finance and Economics

Faraydunov O.K. - Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor of the Department of Applied Informatics in Economics of the Tajik State University of Finance and Economics

Shadmanov M.U. – Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Higher Mathematics of the Tajik State University of Finance and Economics

Saidov B. B. - Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor of the Department of Higher Mathematics of the Tajik State University of Finance and Economics

The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.
The journal is registed in the Ministry of Culture of the Republic
of Tajikistan №417/ЖР – 97 from 16.05.2025
The Tajik State University of Finance and Economics,
The Finance and Economic Bulletin
The journal is included in the list of scientific journals of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan, in which the main scientific results of dissertations for the degree of doctor and candidate of science should be published.
The journal is included in the Russian Science Citation Index (RSCI).

МУНДАРИҶА
ИҚТИСОДИЁТ

1. **Шариф Р., Эмомов М.Н.** Ташкили механизмҳои институтсионалии рушди минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.....12-19
2. **Пиризода Дж.С. Кудратова Ф.Р.** Эффективность использования инвестиций в сельском хозяйстве Таджикистана в условиях перехода к зеленой.....20-27
3. **Рустам Р., Сулаймонзода Ш.Ф.** Структурные преобразования в региональной экономике вследствие реализации промышленной политики в условиях перехода к зелёной экономике.....28-34
4. **Содиқов М.С., Нусратулозода Н.Н.** Хусусияти ташаккулёбии соҳибкории истеҳсолӣ дар кишварҳои хориҷӣ.....35-40
5. **Муқимов Қ.М., Асадуллозода Х.А.** Ҷанбаҳои назариявии ташаккули механизми истифодаи имтиёзҳои андозӣ.....41-45
6. **Насриддинов Ф.Б.** Назарияи аҳолишиносии Т.Р. Малтус.....46-51
7. **Садиқова Ш.К.** Саводнокии рақамӣ ҳамчун унсури рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ.....52-59
8. **Нусратзода М.Н., Убайдуллозода Ф.У.** Зарурати татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-инноватсонӣ дар рушди тиҷорати навин.....60-67
9. **Муллоев П.Н.** Роль малого и среднего предпринимателства в обеспечении продовольственной безопасности.....68-74
10. **Сулаймонзода Ш.Ф.** Детерминантная роль промышленной политики в качественно-структурной трансформации территориальной экономики.....75-83
11. **Шариф Р., Мирзоев Ҳ.Ҳ.** Вазъи муосири ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушкилотҳои асосии тақвияти он.....84-92
12. **Содиков М.С., Абдуллоева Ш.Ф.** Основные принципы функционирования рынка труда и занятость населения в условиях интеграционных процессов.....93-100
13. **Убайдуллоев Ф.К., Бобошерова Ф.Г.** Механизми буҷетии маблағгузории низоми таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.....101-108
14. **Шодиев К.Қ.** Ташаккул ва рушди иқтисоди сабз дар шароити муосир.....109-114
15. **Абдуджабборзода С., Халифазода Дж.Б.** Принципы расчета ущерба и страховой компенсации в имущественном страховании.....115-123
16. **Алишоев Х.Ҳ.** Заминаҳои пайдоиши бонкдории исломӣ.....124-129
17. **Сабзаева М.С.** Асосҳои назариявии сиёсати монетарии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ.....130-136
18. **Саидов Р.Н.** Молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ.....137-142
19. **Бобомуродов П.У.** Рушди креативии кормандони илмӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.....143-150
20. **Халифазода Дж.Б**. Развитие механизмов агропромышленной интеграции кластерным методом.....151-157
21. **Мамадризоева Н.М.** Нақш ва зарурияти дастгирии буҷетӣ дар такмилдиҳии соҳаи иҷтимоии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.....158-162
22. **Ниёзов М.А., Миршарифзода Э.Қ.** Заминаҳои ташаккулёбии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаи Рашт.....163-169
23. **Комилзода Н.Б., Саидов П.М.** Соҳибкории иҷтимоӣ ҳамчун воситаи ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир.....170-174
24. **Мирзон Н.М., Наимзода М.С., Солиев Ф.М.** Инвестиционный процесс - как основа устойчивого развития аграрного сектора.....175-183
25. **Аҳадов И.Қ., Аҳроров С.Ҳ.** Таҷрибаи хориҷии истифодаи технологияи рақамӣ ва такмили он дар фаъолияти суғуртавӣ.....184-190
26. **Сайдаҳмадов Ф.Б.** Табиати иқтисодӣ ва хусусиятҳои сиёсати сармоягузорӣ.....191-197
27. **Носирзода Ҳ.С., Муминзода С.М.** Нақши технологияҳои рақамӣ дар баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот.....198-205
28. **Мирзоева М.У., Тоҷибоева М.Н., Насрединов М.И.** Саҳми соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ.....206-213
29. **Лю Х.** Исследование влияния стиля руководства на эффективность командного взаимодействия.....214-224

30.**Махмудов Б. Н., Кенжаев И.У.** Теоретические основы формирования инвестиционной привлекательности энергетического сектора региональной экономики.....225-233
31.**Ҷалилзода А.А.** Рақамикунонӣ ва рушди бозори меҳнати минтақавӣ: имконият ва муаммоҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.....234-238
32.**Шамсуллозода Х., Гулов Б.М.** Механизмҳои идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ ва такмили он дар корхонаҳои саноатӣ.....239-246
33.**Одинаев С.В., Қаландаров А.А.** Роҳҳои такмили механизми идоракунии фаъолияти экотуризм дар ҳудуди парваришгоҳи Камароб.....247-252
34.**Вань Д.** Исследование адаптивности методов и показателей оценки эффективности в различных типах организаций: сравнительный анализ на основе нескольких случаев.....253-260
35.**Миршарифзода Э.Қ., Давлатов Ҳ.Ҷ.** Маблағгузории маориф – омили рушди сармояи инсонӣ.....261-267
36.**Ҳабибова Г.О.** Нақши низоми молиявии кишвар дар рушди иқтисодиёт ва босамаргардонии он.....268-274
37.**Саидова М.Ҳ.** Таҳлили вазъи муосири бозори минтақавии хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии вилояти Хатлон.....275-282
38.**Исматзода С.С.** Баъзе масъалаҳои назариявии ташаккулёбии комплекси манзилию коммуналӣ дар шароити бозор.....283-288
39.**Чжан Ц.** Исследование механизма оценки и трансформации эффектов обучения сотрудников на производственных предприятиях.....289-298
40.**Чен Х.** Модель оценки эффективности реакции оранизационного рынка и разработка динамических показателей на основе гибкой стратегии.....299-308
41.**Рофизода С.Ҳ.** Зарурати тадбиқи равишҳои инноватсионӣ дар соҳаи хизматрасониҳои фарҳангӣ-иҷтимоӣ.....309-315
42.**Лю Ц.** Разработка динамического механизма оптимизации и межотраслевая проверка кейсов для оценки эффективности организационного управления.....316-325
43.**Зубайдуллоев М.О.** Нақш ва аҳамияти аудити маблағгузории соҳаи илм ва инноватсия дар шароити муосир.....326-331
44.**Шао П.** Двумерное управление стратегическими рисками в структурных изменениях: гибкое стратегическое планирование и устойчивые механизмы контроля рисков.....332-342
45.**Раҳимзода Ф.М.** Муаммоҳои идоракунии молияи давлатӣ ва роҳҳои ҳалли он дар заминаи таҳия ва қабули кодекси буҷет.....343-351
46.**Шоҳмуродов А.М.** Усулҳои танзими давлатии рушди инноватсионии нақлиёти автомобилӣ.....352-358
47.**Самарддини Ш.** Асосҳои назариявии идоранамоии ҷузвдони қарзии бонкҳои тиҷоратӣ.....359-365
48.**Сафарзода Ҳ.С.** Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ): роҳҳо ва омилҳои баландбардории самаранокии иқтисодии фаъолияти онҳо.....366-374
49. **Қарахонова Н.** Таҳлили самтҳои асосии саноати вилояти Хатлон.....375-382
50. **Ҳаёзода Қ.А.** Пасандозҳои аҳолӣ ҳамчун механизми муҳими таъмини сатҳи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариши иқтисодӣ.....383-392
51. **Шарбатов С.С.** Муносибатҳои асъорӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёти миллӣ.....393-400
52. **Ҷиҳонов С.А.** Асосҳои иқтисодӣ ва институтсионалии идоракунии пули нақд ва роҳҳои таъмини самараи иқтисодии он дар шароити муосир.....401-407
53. **Абдалимов А.** Сайёҳӣ ва рушди минтақаҳои Тоҷикистон.....408-416
54. **Судиқов А.К.** Таҳлили назариявии механизмҳои сармоягузорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ.....417-422
55. **Абдалимова Н.А.** Проблемы формирования и развития человеческого капитала женщин в сфере туризма Республики Таджикистан.....423-432
56. **Раҳимзода Ҷ.Р.** Муаммоҳои рақамикунонии иқтисодиёт дар шароити рушди низоми бонкӣ.....433-440
57. **Ҳикматов М.Н.** Буҷети давлатӣ ва механизмҳои такмили он дар шароити рақамикунонӣ.....441-447

ҲУҚУҚШИНОСӢ

1. **Сатторзода Б.А., Мирзоев С.А.** Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккул ва рушди маърифати ҳуқуқии ҷавонон: заминаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва таҷрибаи сиёсӣ.....448-455
2. **Маҳмадуллозода Н.Р., Ҳаитов С.П.** Мафҳуми ҳуқуқӣ ва моҳияти музди меҳнат дар шароити муосир.....456-464
3. **Дустов С.А.** Оид ба ҳамбастагиҳои шартномаи сармоягузории шарикӣ бо дигар шартномаҳо доир ба фаъолияти якҷоя.....465-469
4. **Сохибзода А.Н.** Правовые основы и методы коммерческой деятельности при оказании услуг.....470-476
5. **Камышева А.О.** Нормативно-правовые механизмы повышения качества туристского образования в условиях цифровизации.....477-486
6. **Негматова Н.А.** Противодействия финансирование терроризма в рамках ООН.....487-490
7. **Саидзода Д.Ҳ.** Таҳаввули ҳуқуқи шартномавӣ дар шароити рақамисозӣ ва нақши шартномаҳои оқилона.....491-501

МАТЕМАТИКА ВА МЕХАНИКА

1. **Байзаев С., Назаров П.А.** Нахождение общего решения некоторых классов обобщенных систем Коши-Римана с ограниченными коэффициентами.....502-509

ИҚТИСОДИЁТ

УДК: 332

ТАШКИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ РУШДИ МИНТАҚАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шариф Раҳимзода
Эмомов М.Н.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар мақола оид ба ташкили механизмҳои институтсионалии рушди минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан рафта, он дар идоракунии дурусти минтақа ва масъалаҳои молиявии он саҳмгузор хоҳад буд. Дар ҳолати дуруст ба роҳ мондани заминаи институтсионалии масъалаҳои минтақавӣ идоракунии молиявии минтақаҳо осон гардида, барои ҷалби сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ замин фароҳам оварда мешавад. Инчунин, қайд гардидааст, ки ҳамаи омилҳои дар боло овардашуда метавонад ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва таъмин намудани хизматрасонии босифати иҷтимоӣ ба аҳолӣ саҳмгузор бошанд.

Муаллифи мақола дар асоси таҳқиқоти назариявӣ бо истифода аз корҳои таҳқиқотии дигар олимону коршиносон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ кӯшиш намудааст, ки монеаҳои институтсионалии рушди минтақаҳоро муайян намуда, роҳҳои бартараф намудани онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Дар хулосаи мақола муаллиф мушаххас намудааст, ки дар ҳолати бартараф намудани ин монеаҳо минтақаҳо босуоъат рушд менамоянд.

Калидвожаҳо: механизми институтсионалӣ, рушди минтақа, маблағгузории самтҳои афзалиятнок, самтҳои афзалиятнок, сиёсати минтақавӣ, рушди устувор, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, субъектони иқтисодӣ, сохтори минтақа, барномаву стратегияҳо, хавфҳои сармоягузорӣ, ҳадафҳои стратегӣ.

Барои иқтибос: Шариф, Р. Ташкили механизмҳои институтсионалии рушди минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р. Шариф, М. Н. Эмомов // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 12-19.

СОЗДАНИЕ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫХ МЕХАНИЗМОВ РЕГИОНАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Шариф Рахимзода
Эмомов М.Н.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотатция. В статье рассматривается вопрос создания институциональных механизмов регионального развития в Республике Таджикистан, которые будут способствовать надлежащему управлению регионом и решению его финансовых вопросов. Надлежащее создание институциональной базы регионального развития облегчит финансовое управление регионами и создаст основу для привлечения внутренних и иностранных инвестиций. Также отмечается, что все вышеперечисленные факторы могут способствовать сокращению бедности и предоставлению населению качественных социальных услуг.

Автор статьи на основе теоретических исследований, исследований других ученых и специалистов, а также нормативно-правовых актов, попытался выявить институциональные препятствия региональному развитию и предложить пути их преодоления в Республике Таджикистан.

В заключении статьи автор указал, что устранение этих препятствий обеспечит динамичное развитие регионов.

Ключевые слова: институциональный механизм, региональное развитие, финансирование приоритетных направлений, приоритетные направления, региональная политика, устойчивое развитие, нормативно-правовые акты, хозяйствующие субъекты, региональная структура, программы и стратегии, инвестиционные риски, стратегические цели.

PRIORITY DIRECTIONS FOR DEVELOPMENT OF REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND ITS METHODOLOGICAL BASIS

Sharif Rahimzoda
Emomov M.N.
Tajik State University of Finance and Economics

Annotation. The article discusses the establishment of institutional mechanisms for regional development in the Republic of Tajikistan, which will contribute to the proper management of the region and its financial issues. If the institutional framework for regional issues is properly established, financial management of the regions will be facilitated and a basis will be created for attracting domestic and foreign investments. It is also noted that all of the above factors can contribute to reducing poverty and providing high-quality social services to the population.
The author of the article, based on theoretical research using the research works of other scientists and experts and regulatory legal acts, tried to identify institutional obstacles to regional development and suggest ways to overcome them in the Republic of Tajikistan.
In the conclusion of the article, the author specified that if these obstacles are eliminated, regions will develop rapidly.
Keywords: institutional mechanism, regional development, financing of priority areas, priority areas, regional policy, sustainable development, regulatory legal acts, economic entities, regional structure, programs and strategies, investment risks, strategic goals.

Пешгуфтор. Дар давраи муосир дар ҳамаи сатҳҳои гуногуни хокимият таваҷҷуҳи зиёд ба рушди минтақа ва маблағгузории самтҳои афзалиятноки дар минтақа қарордошта равона карда шудааст. Дар ҳақиқат, барои татбиқи сиёсати иқтисодии банақшагирифтаи давлат сиёсати минтақавӣ нақши зиёд дорад, яъне дар ҳолати бомуваффақиятона татбиқ шудани сиёсати банақшагирифтаи минтақавӣ дигар нақшаҳои давлатӣ низ иҷро мегарданд. Бинобар ин, дар давлат мақомотҳои махсуси ваколатдоре, лозиманд, ки дар татбиқи сиёсати минтақавӣ вобаста бошанд ва онро ба таври зарурӣ татбиқ намоянд.

Дар низоми иқтисодии ҳар як малакати мустақили дар низоми иқтисоди бозорӣ қарордошта бояд ба нигоҳ доштани раванди маблағгузорӣ дар дохил таваҷҷуҳ зоҳир намоянд, чунки содир шудани сармоя ба берун аз мамлакат боиси коста шудани иқтидори маблағгузории иқтисоди миллӣ мегардад. Аммо нишондиҳандаҳое, мавҷуданд, ки барои хуруҷи сармоя боис мегарданд, ки ба ин мисол шуда метавонад: фоидаи нокифоя, суст тараққӣ намудани бозори дохилӣ, суръати пасти рушди ММД, заминаи номусоиди маблағгузорӣ, ноустувории низоми сиёсӣ ва иҷтимоии давлат ва ғайра.

Бинобар ин, мустаҳам намудани заминаҳои институтсионалӣ ва муайян намудани стратегияи рушди минбаъдаи он дар рушди минтақа, махсусан дар соҳаҳои афзалиятноки он саҳмгузор мебошад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Дар таҳқиқи мақола методҳо ва усулҳои таҳлилӣ ва муқоисавӣ истифода шуда, масъалаи институтсионалии рушди мингтақаҳо мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қароор гирифтанд. Муаллиф дар таҳқиқотии худ масъалаи рушди минтақаҳо ва дастгирии давлатии онҳо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва интститутсионалиро дида баромада, роҳҳои такмили онро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ пешниҳод намудааст. Илова бар ин, муаллиф пешниҳод мекунад, ки барои такмили низоми институтсионалии идоракунии минтақаҳо такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зарур мебошад. Ҳамаи ин бояд бо назардошти хусусиятҳои миллӣ, сатҳи рушди иқтисод ва имкониятҳои иқтисодӣ таҳия ва такмил дода шаванд.

Фарзияи тадқиқот аз он иборат аст, ки ҳангоми дуруст ба роҳ мондани заминаҳои институтсионалӣ иқтисодиёти минтақа рушд намуда, ба пешрафти соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ боис мегардад.

Натиҷаҳо. Иқтисодиёти мамлакат бар замми он ки дорои як қатор масъалаҳои ҳалталаб мебошад, инчунин, рушд додани самтҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар сатҳи минтақаҳо низ бояд дар мади назари ҳукумати ҷумҳурӣ қарор гирад. Ин пеш аз ҳама барои баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти минтақа, масъалаҳои тараққӣ додани бозори истеъмолӣ ва зиёд кардани даромади аҳолӣ равона карда шудааст. Дар ҳалли ин масъала ва бартараф намудани ин мушкилотҳои дар ин самт ҷойдошта, нақши тамоми ниҳодҳои давлатӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллӣ назаррас мебошад.

Аммо, гурӯҳе ақида доранд, ки барои идора намудани минтақа, таҳия ва татбиқи сиёсати вобаста ба он ва дигар самтҳои вобаста ба он ягон ниҳоди махсусе лозим набуда, он бояд тавассути меъёрҳои муқарраркардаи қонун фаъолияти худро ба роҳ монад ва таъсири институтсионалиро ба худ кам намояд.

Чи тавре ки В.В. Катов кайд мекунад «...нақши асосиро дар ташаккули муҳити рақобати минтақа тавассути танзими қонунгузории иқтисодӣ ва институтсионалӣ, таъсиррасонӣ ба бозори молия, мукаррар намудани қоидаҳои рафтори субъектҳои бозор ба давлат тааллуқ дорад. ...яъне: то

ҳадди ақалл кам кардани низоми идоракунии маъмурӣ; бо роҳи қонунгузорӣ барҳам додани тамоюлҳои монополистӣ; ҷудо кардан ва диверсификатсияи сохтори истеҳсолот; оптимизатсияи рушди тиҷорати хурд ва миёна; инкишоф додани базаи иҷтимоӣ ва ғайра» [3].

Аз як тараф ақидаи мазкурро дуруст шуморидан мумкин аст, зеро минтақа бояд масъалаҳои дохилаи худро доир ба тараққиёти худ мустақилона дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ҳал намояд. Аз тарафи дигар барои татбиқи ин шакли идоракунӣ тайёрии ҷидии молиявию маънавӣ лозим буда, ҳадди ақал инфрасохтори тараққикардаи бозор бояд дар дасти аҳолӣ бошад. Аммо давлат аз он нигарон аст ки дар татбиқи ин чорабиниҳо маблағҳои калони пулӣ зарур буда, ин раванд муҳлати дарозро дар бар мегирад.

Бинобар ин, то омода шудан ба ин раванд давлатро зарур аст, ки идоракунии институтсионалиро тақвият диҳад ва барои рушд додани минтақа аз ҷиҳати иқтисодӣ ва инчунин аз ҷиҳати иҷтимоӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонад.

Коршиноси иқтисодӣ Н.В. Невейкина ҷанбаи иқтисодии омилҳоро, ки дорои хусусияти мушаххаси минтақа мебошанд, муайян намуда, онҳоро ба шаш гурӯҳ: ҳудудӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ, институтсионалӣ, ташкилӣ, демографӣ ҷудо намудааст [5].

Пеш аз ҳама ин ташкил намудани инфрасохтори аввалияи барои минтақа зарурӣ аст, ки он метавонад сатҳи зиндагии мардумро боло бардорад ва барои татбиқи дигар ҳадафҳо саҳмгузор бошад.

Барои вусъат додани раванди ҷалби сармояи дохила ва беруна ва дар ин замина рушд додани соҳаҳои афзалиятноки кишвар пеш аз ҳама ташкили дурусти механизмҳои институтсионалӣ лозиманд. Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои охир бо сабаби таъмини рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди кишвар, аз ҷумла дар сатҳи минтақа як қатор ислоҳоти институтсионалӣ гузаронида шудааст. Ин ислоҳот вобаста ба рушд додани соҳаҳои афзалиятнок ва рушди бомароми минтақаҳои кишвар нигаронида шуда, асосан ба самти тақвияти низоми идоракунии давлатӣ, ба таъмини сифати рушди иқтисоди миллӣ, суботи молиявӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, рушди инноватсионии бахши воқеии иқтисодиёт ва саноатикунонии бусуръати кишвар равона гардидааст. Ҳамаи ин, ба он мақсад аст, ки дар натиҷаи таҳкими механизми институтсионалӣ иқтисоди миллӣ ба дастовардҳои назаррас дар самти ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ ноил гардад.

Бинобар ин, ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ аҳамияти аввалиндараҷа додан лозим аст. Дар ин миён алакай якчанд барномаву стратегияҳо ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қабили «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ», «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025», «Дар бораи мораторияи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ», Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2020 қабул ва таҳрир гардидаанд. Инчунин, дар ин раванд якчанд барномаву стратегияҳои соҳавӣ мавриди бозбинӣ қарор гирифта, ба онҳо тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд ва як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари соҳавӣ бо мақсади ҷалби сармоя ва рушди соҳаҳо қабул гардиданд.

Ҳадафи асосии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ва такмили онҳо ин таъмин намудани рушди устувори тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, аз ҷумла саноат ба ҳисоб меравад. Яъне, ҳадаф ба он равона карда шудааст, ки сифати зиндагии аҳолӣ дар натиҷаи рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва беҳтар намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ, боло бурда шавад. Инчунин, дар асоси ташкили механизми институтсионалӣ ба воситаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, механизми ҷалби сармоягузорӣ такмил дода шуда, роҳҳои ҷалби он барои истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва коркард муайян карда мешавад. Барномаҳои дар ин самт қабулшуда, самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ва сиёсати ояндаи онҳоро барои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ муайян намуда, барои дастрас шудани хизматрасониҳои муосири иҷтимоӣ ва баланд гаштани сатҳу сифати зиндагӣ ба аҳолӣ замина хоҳад гузошт.

Инчунин, барои фароҳам овардани шароити мусоид барои рушд ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум вазифаҳои зиёдеро иҷро намудан зарур аст:

1. Танзими иқтисодиёти минтақа;
2. Ҳамкории зич бо мақомоти маҳаллӣ;
3. Додани имтиёз ва ташкили шароити зарурӣ ба соҳибкорон;
4. Таъмини амнияти минтақа;
5. Ташкили сиёсати дурусти иҷтимоӣ;

6. Идоракунии захираҳои табиӣ.

Баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум дар асоси иҷрои вазифаҳо ба он нигаронида шудааст, ки пеш аз ҳама бояд сатҳи институтсионалии самтҳои афзалиятноки минтақа такмил ёбад. Дар ҳолати такмил додани механизмҳои инситутсионалии самтҳои афзалиятнок ба таври зарурӣ рушди минтақа таъмин гардида, дар натиҷа вазифаҳои номбаршуда ба осонӣ роҳи ҳалли худро пайдо менамоянд.

Чи тавре ки қайд гардид, танзими иқтисодиёти минтақа масъалаи муҳим ва асосӣ дар рушди минтақа ба ҳисоб рафта, ҳангоми аз тарафи ниҳодҳои махсуси давлатӣ ба танзим даровардани он масъалаҳои боқимондаи минтақа мунтазам ҳалли худро пайдо менамоянд. Ба иқтисоди минтақа пеш аз ҳама он самти иқтисодие дохил мегардад, ки нақши он дар минтақа нисбат ба дигар сатҳои иқтисодӣ бештар буда, такмил ва ташаккул додани ин самт ба самтҳои дигар таъсири мусбати худро мерасонад.

Барои танзими иқтисодиёти минтақа пеш аз ҳама ниҳодҳои вобастаи давлатӣ доир ба ин масъала дар асоси риояи дурусти санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳавӣ зарур аст. Чунки, пеш аз ҳама танзимкунандаи иқтисодиёти минтақа ин механизми институтсионалӣ ба ҳисоб рафта, такмили он дар пешрафти иқтисодиёти минтақа нақши назаррас дорад.

Одатан, дар минтақаҳои мамлакат як намуди истеҳсоли мол ва ё хизматрасонӣ ташаккул ёфтаанд, ки даромади аҳолии он аз даромади ҳамин самт вобаста аст. Дар минтақаҳои мамлакат вобаста ба шароити иқлимӣ ва мусоид будани ҷойгиршавӣ ба истеҳсоли ягон намуди маҳсулоти кишоварзӣ машғул мешаванд. Барои мисол, дар баъзе минтақаи мамлакат шароит барои парвариш ва истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ мусоид бошад, дар баъзеи дигар парвариши пахтаву шолӣ, дар ягон минтақа ба парвариши мева машғул бошанд дар минтақаи дигар ба парвариши маҳсулоти полезӣ машғуланд. Яъне, ҳар як минтақаро вобаста ба шароити мусоиди истеҳсолиаш гурӯҳбандӣ намуда, онро дастгирии молиявӣ намудан лозим меояд. Ҳамчунин, барои рушд додани самтҳои истеҳсолӣ ва афзоиши маҳсулоти истеҳсолшаванда дастгирии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва мақомотҳои дахлдор зарур аст.

Барои дар амал татбиқ намудани вазифаҳо мақомотҳои сатҳи болоӣ ва мақомотҳои дахлдорро зарур аст, ки ҳамкории худро бо мақомоти маҳаллӣ зич намуда, баҳри татбиқи нақшаҳои дарпешгузошта чораандешӣ намоянд.

Додани имтиёз ба соҳибкорон ва молистеҳсолкунандагони минтақа аз тарафи ҳукумати ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ вазифаи аввалиндараҷа дар шароити пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди минтақа, ба ҳисоб меравад. Зеро, барои рушди минтақа пеш аз ҳама ташаккул додани фаъолияти соҳибкорӣ зарур буда, он дар амалӣ гаштани ҳадафҳои стратегӣ дар минтақа нақшгузор мебошад. Банобар ин, зарур аст, ки ташкили шароити мусоид ва дастгириҳои молиявӣ барои соҳибкорон зарур буда, дарёфти сарчашмаҳои молиявӣ аз ҷумла қарзи бонкӣ роҳи ҳалли ин масъала буда метавонад. Барои ҳалли пурраи масъала бошад, ҳукумати мамлакатро зарур аст, маблағҳои буҷетиро тавассути ташкилотҳои қарзӣ бо додани имтиёзҳо ба соҳибкорон пешниҳод намояд. Зеро, ин масъала дар ҳалли таъмини соҳибкорон, махсусан соҳибкорони истеҳсолӣ, ки дар минтақаҳо аз норасоии воситаҳои пулӣ танқисӣ мекашанд, хизмат менамояд.

Дар ин миён, таъмини амнияти минтақа низ зарур буда, он дар рушди тамоми соҳаҳои афзалиятноки минтақа таъсири мусбати худро мегузорад. Зеро, ки бе амнияти комил ягон субъекти иқтисодии минтақа наметавонанд ҳадафҳои дарпешистодаи худро амалӣ намоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои идоракунии минтақавӣ ва равандҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ дар сатҳи онҳо механизмҳои институтсионалӣ аз қабили мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳо, маҷлисҳои намояндагии мардумӣ ва баъзе ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҷамъиятҳо таъсис дода шудаанд. Ин механизмҳои идоракунӣ барои таъмини тартиботи иҷтимоӣ, рушди иқтисодӣ ва идоракунии самараноки минтақаҳо муҳим ҳисоб мешаванд.

Механизмҳои идоракунӣ, ки тавассути ниҳодҳои далатӣ ба роҳ монда мешавад, дар ҳамкорӣ бо якдигар барои таъмини рушди устувори минтақаҳо дар Тоҷикистон нақшгузор мебошанд.

Танзими иқтисодиёти минтақа ва механизми институтсионалии он вобаста ба хусусиятҳои мамлакатҳои гуногун аз ҳамдигар фарқ карда, бо вуҷуди ин, метавон унсурҳои асосиеро, ки ин равандро танзим мекунанд, муайян намудан мумкин аст. Пеш аз ҳама, ба ин унсур сиёсати давлатиро мисол овардан мумкин аст, ки он дар маҷмуъ асоси идоракунанда ва танзимкунандаи иқтисоди минтақаҳо ба шумор меравад. Чунки, тавассути сиёсати давлатӣ сиёсати иқтисодиву иҷтимоии минтақа таҳия ва амалӣ карда шуда, дар доираи ин, давлат метавонад имтиёзҳои андозӣ, грантҳо, дастгирии буҷетӣ ва дигар имтиёзҳоро барои ҷалби сармоя ва рушди минтақа ба роҳ монад.

Инчунин, аз тарафи давлат барномаҳои махсуси ҷалби сармоягузорӣ таҳия ва қабул мегардад, ки ин метавонад роҳи ҷалби сармоягузориро васеътар намояд.

Дар ин миён, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ дар татбиқ шудани сиёсати давлат оид ба ҳавасгардонии молиявии сармоягузорон бо мақсади ҷалби сармояи иловагӣ нақши асосиро мебозанд. Илова бар ин, давлат метавонад фазои мусоиди сармоягузориро дар минтақаҳои гуногуни худ фароҳам оварда, тавассути пешниҳоди сабукиҳо ба сармоягузорон нақши миёнаравро дар ҷалби сармоя ба минтақа иҷро намояд.

Маблағгузории давлатӣ метавонад ҳамчун воситаи дастгирии мақсадноки бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт ё минтақаҳо хизмат кунад. Масалан, сармоягузорӣ ба рушди инфрасохтор, навовариҳои технологӣ, низоми маориф, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои муҳим равона карда мешавад. Чунин дастгирӣ ба афзоиши ҷолибияти сармоягузории ин минтақаҳо ва рушди минбаъдаи онҳо мусоидат мекунад[6].

Вазифаи асосии давлат дар самти татбиқи сиёсати сармоягузорӣ дар он аст, ки он бояд пеш аз ҳама амнияти минтақаро таъмин намуда, онро аз ҷиноятҳое ки ба татбиқи ин сиёсат таъсири манфӣ расонида, монеаи рушди он мегарданд (терроризм ва дигар таҳдидҳо) муҳофизат кунад. Инчунин, дар баробари ин барномаҳои иҷтимоиро таҳия ва татбиқ менамояд, ки он ба баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ нигаронида шудаанд. Ин барномаҳо барои рушду такомул ёфтани самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ, аз қабили барномаҳои тандурустӣ, маориф ва ҳифзи иҷтимоӣ аз манфиат холӣ нестанд.

Вазифаи дигари давлат идора намудани захираҳои табиии минтақаҳо ва ба саҳми сармоягузорон дуруст расонидани имкониятҳои истифоди онҳо мебошад. Чунки, дарк намудани самаранокии истифодаи ин захираҳо таваҷҷуҳи сармоягузоронро дар ин самт ҷалб менамояд. Ҳифзи захираҳои табиӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо аз тарафи давлат зарур буда, истифодаи самараноки он бояд таъмин карда шавад, чунки манфиати захираҳо барои наслҳои оянда беандоза ба шумор меравад.

Ба гуфтаи А.Н. Айриева, “дастгирии молиявии давлатӣ бояд ба ташаккулёбӣ ва амалигардонии сиёсати сармоягузорӣ дар асоси якҷоякунии усулҳои мустақим ва бевоситаи танзим нигаронида шавад. Ин таъсир муносибатҳои молиявие фаро мегиранд, ки дар ҷараёни фаъолияти сармоягузорӣ ба вуҷуд меоянд ва идоракунии самараноки онҳоро мутобиқи талаботи бозор таъмин менамоянд” [1].

Давлат ҳамеша бо мақомоти маҳаллӣ доир ба рушди самтҳои афзалиятнок дар сатҳи минтақа ҳамкорӣ намуда, барои таъмини ҳамоҳангсозии байни онҳо кӯшиш менамояд. Инчунин, истифодаи самараноки захираҳо барои рушди самтҳои афзалиятноки минтақа аз тарафи давлат мавриди танзим ва назорат қарор дода мешавад.

Ҳамаи он корҳое, ки аз тарафи давлат дар мавриди танзим, назорат ва ташаккули самтҳои афзалиятнок дар сатҳи минтақа ба роҳ монда мешавад, дар маҷмӯъ нақши давлатро дар рушди минтақа муайян менамояд. Бинбар ин, давлатро боз ҳам зарур аст, ки барои рушди иқтисодӣ шароит фароҳам оварад ва дар пешрафти шароити иҷтимоъӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум талоши беандоза намояд. Аммо, ҳамаи ин, аз таъмини амнияту субот дар минтақа, ки масъули он давлат ба ҳисоб меравад, вобастагӣ зиёд дорад.

Густариш додани истифодаи сармояи аҳолӣ ва дигар манбаъҳои ғайрибуҷетӣ барои сохтмони манзил ва инфрасохтори иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва иштироки мустақими мақомоти маҳаллӣ дар фаъолияти сармоягузорӣ, ки асосан бо сармоягузории бевосита амалӣ мешавад, усулҳои танзими равандҳои сармоягузорӣ инҳо ба шумор мераванд [8];

Дар мамлакат доир ба таъмини раванди рушди устувор ва пешбурди иқтисоди миллӣ барномаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва стратегияҳо таҳия гардида, тамоми самтҳои афзалиятноки минтақаҳои кишвар бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъмин шудаанд.

Мақсади асосии қонунгузории молиявӣ дар танзими иқтисодиёти давлат, минтақа ва дигар соҳаҳо, аз қабили соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, ин ба роҳ мондани самти дурусти фаъолият ва самаранок истифода намудани маблағҳои сармоягузоришаванда ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мафҳумҳои идоракунии молиявӣ мавҷуд ҳаст, ки он иҷрои уҳдадорӣ оид ба оқилона истифода шудани маблағҳои аз тарафи сармоягузор ҷудошуда ва натиҷабахшии он иборат аст. Яъне, бояд маблағҳои сармоягузорӣ тарзе истифода бурда шавад, ки тақсимкунандаи маблағ ва истифодабарандаи он дар маҷмуъ соҳиби манфиат гарданд. Аммо, ҳамаи ин дар асоси риояи қатъии талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа бояд сурат гирад.

Дар ҳақиқат, ҳангоми сарфакоронаю самаранок истифода шудани маблағҳои ҷудошуда барои рушди ин ё он соҳа, ҳамчунин дар охир натиҷабахш гардидани он устувории молиявӣ ба

вуҷуд меояд, ки ин ҳам аз дуруст риоя намудани талаботҳои санадҳои меъёрӣ сарчашма мегирад. Вале, дар навбати худ риояи талаботҳои муайяншуда бояд аз тарафи мақомоти танзимкунанда назорат карда шавад ва ба роҳ мондани назорати самараноки дохилӣ ба натиҷабахшии истифодаи маблағҳои сармоягузоришаванда боис мегардад.

Бинобар ин, таҳияи консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар истифодаи самарабахши сармоягузориҳо ба соҳаҳои афзалиятнок ва иқтисодиёти минтақа бетаъсир намонда, инчунин дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақа ва миллӣ нақшгузор мебошад. Ба воситаи ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дурнамосозии макроиқтисодӣ муайян ва рушди устувору татбиқи он таъмин карда мешавад.

Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷой намудани роҳҳои ҳали масъалаҳои нави бавуҷудомада, аз қабили махсусан дар рушди инфрасохтори аввалиндараҷа, идомаи корҳои бундёкорию созандагӣ, беҳтар намудани ҳолати хизматрасониҳо дар соҳаҳои гуногун, рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва дар ин замина таъсис додани ҷойҳои нави корӣ назаррас мебошад. Саҳми бахши хусусӣ дар ҳалли ин масъала зиёд буда, ба воситаи ҷалби маблағҳои ғайридавлатӣ, яъне маблағҳои аҳолӣ, корҳои ободониву созандагиро анҷом ва рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиётро пеш бурдан имкон дорад.

Бинобар ин, доир ба шарикии давлат бо бахши хусусӣ қонуне қабул карда шуд, ки он асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, тартиби татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро дар соҳаи инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ муайян карда, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии давлат ва бахши хусусиро таъмин менамояд [4].

Дар ҳақиқат, рушди ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар ҷумҳурӣ ба татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ вобаста буда, тибқи он ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои бахши хусусӣ аз ҷониби давлат таъмин карда мешавад.

Ҳадафи асосии давлат ҷалби бештари сармоягузорӣ ба иқтисодиёти минтақа буда, ба ин восита таъмин намудани аҳолии минтақа бо молу маҳсулоти баландсифат ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ба ҳисоб меравад. Дар ин миён давлатро зарур аст, ки дар татбиқи амалии лоиҳаҳои барномаҳои рушди минтақаҳо бо бахши хусусӣ ҳамкориро ҷиҳати ҷалби сармоя, зич намояд.

Барои бештар намудани сармоягузорони дохилӣ ба иқтисодиёти маҳал ва ҷалб намудани сармояи онҳо ба татбиқи лоиҳаҳои муайяншудаи иқтисодиёти минтақаҳо зарур аст, ки давлат таваҷҷуҳи худро ба соҳибкории хурду миёна равона созад. Чунки, фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар ташкил ва татбиқи лоиҳаҳои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз қабили соҳаҳои кишоварзӣ, тиҷорат ва хизматрасониҳои маишӣ ва ғайра нақши калидӣ дорад.

Рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна пеш аз ҳама метавонад дар таъмини бозори истеъмолии минтақа нақши муҳим дошта бошад ва инчунин, он метавонад ҳамчун омили самаранокии идоракунии равандҳои иқтисодӣ баромад кунад.

Бинобар ин, танзими фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна аз тарафи давлат муҳим арзёбӣ шуда, онро тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва мақомотҳои махсуси танзимкунанда ба роҳ мемонад. Таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкили мақомотҳои махсуси танзимкунанда маънои оно надорад, ки бо ин восита давлат фаъолияти соҳибкории хурду миёнаро маҳдуд менамояд, балки бо ин роҳ ба онҳо шароит фароҳам меорад то дар зери талаботҳои қонунгузорӣ озод фаъолият намуда, барои рушди митақаҳои мамлакат ва дар маҷмуъ ба иқтисодиёти миллӣ таъсиргузор бошанд.

Дар доираи ин, аз тарафи давлат қонуни махсус бо номи “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардид, ки тавассути он давлат соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна ва калонро дастгирӣ менамояд ва ба он имконияти рушд медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки дар ин қонун масъалаҳои асосии ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ аз тарафи давлат оварда шуда, дигар самтҳои амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст. Масъалаҳое, ки дар қонун қайд гардидааст аз шаклҳо ва намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, бақайдгирии давлатии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ, самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ, маҳдудкунии дахолати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ, имтиёзҳо ҳангоми аидозбандии субъекти соҳибкорӣ, ҳуқуқҳои субъекти фаъолияти соҳибкорӣ, суғуртаи давлатии субъекти соҳибкорӣ, ҳифзи сирри тиҷоратии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар масъалаҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ вобастаанд, иборат мебошад.

Бо вуҷуди он ки масъалаҳои асосии ба фаъолияти соҳибкорӣ дахлдоштаро қонуни мазкур дар бар мегирад, аммо, раванди ташаккули иқтисодиёт масъалаҳои навро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки масъалаҳои ба фаъолияти соҳибкорӣ зарурнабударо хориҷ намуда, ба ҷои он масъалаҳои нави зарурӣ ҷойгир карда мешавад.

Барои ҳалли масъалаҳое, ки вобаста ба пешрафти замон ба вуҷуд меоянд, корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим меояд. Чунки, ин ба беҳтар гардидани фаъолияти соҳибкорӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа замина гузошта, нақши саҳми хусусиро муайян менамояд. Аммо, пеш аз ҳама зарур аст, ки заминаи ҳуқуқиро доир ба ин масъалаҳо омода намуда, қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мутобиқ бояд намуд.

Ҳарчанд, ки дар дар чумҳурӣ шумораи субъектҳои соҳибкорӣ афзоиш ёфта истода бошад ҳам, бо вуҷуди ин, нақши онҳо то ба ҳол ба рушди иқтисодиёти минтақа ба қадри зарурӣ нарасида истодааст. Пеша аз ҳама бояд қайд намуд, ки ба соҳибкории истеҳсоливу тиҷоратии дар минтақаҳо фаъолияткунанда тавассути қонунгузорӣ ҳавасмандиҳо пешниҳод гардад, ки онҳо тавонанд барои иқтисодиёти минтақа манфиати молиявии зиёд биёранд.

Тибқи пешгӯиҳои Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон то соли 2030 аҳолии ҷумҳурӣ батадриҷ афзоиш ёфта, ба 11,5 млн нафар хоҳад расид, ки афзоиши чашмдошти шумораи аҳолии синни қобили меҳнат барои суръат бахшидани рушди иқтисодӣ имконият фароҳам меовард [2].

Суъектони асосие, ки дар пешрафти иҷтимоиву иқтисодии минтақа нақши муассир бозида метавонанд, инҳо ҳастанд:

- ✓ Ҳукумат ва мақомоти маҳаллӣ;
- ✓ Бахши хусусӣ;
В стратегии национального развития Республики Таджикистан на период до 2030 года предусмотрен переход от аграрной модели к промышленно-аграрной, что предполагает довести уровень промышленности от 13,5% в 2015 году к 30% от валового внутреннего продукта.

Подводя итоги авторов, нужно подчеркнуть, что политика предстоящих преобразований в промышленности в условиях перехода к зеленой экономике должна быть нацелена на решение следующих задач:

- ❖ удовлетворение потребностей населения в продовольствии, одежде, жилье, медикаментах и др.;
- ❖ обеспечение рационального уровня занятости;
- ❖ создание среды для привлечения инвестиций.

В развитых индустриальных странах главным источником финансирования, научно-технических мероприятий в условиях перехода к зеленой экономике, являются внутренние поступления (прибыль и амортизация), на которые приходится в среднем 50-60 процентов всех инвестиций, доля внешних источников составляет 40-50%. Нерациональная политика в этом вопросе в республике приводит к тому, что амортизационные отчисления не выполняют своей основной функции – источника обновления основных фондов.

Механизм же ускоренной амортизации, предоставляющей право переводить часть прибыли в необлагаемые налогом амортизационные издержки и широко распространенный в индустриальных странах, используется лишь как метод уклонения от уплаты части налогов и как средство текущих платежей, в том числе и выплаты заработной платы. А между тем эффективное включение фонда амортизации в инновационно-воспроизводственный процесс, могло бы стать значительным фактором экономического роста. Амортизационная политика тесно связана с налоговой, и во многом ее недостатки объясняются, несовершенством и незавершенностью налоговых реформ в республике.

Как мы указали выше Правительство Республики Таджикистан в последние годы увеличило приток инвестиций в сферы с большой добавленной стоимостью. Анализ этих тенденций показывает, что за последнее пять лет добывающая промышленность увеличила объём производимой продукции на 13,1 добыча неэнергетических материалов увеличилось соответственно на 15,4%, в том числе, производство пищевых продуктов на 26,5%, машиностроительная на 18,2 процентов.

Однако надо отметить, что отрасли занимающихся обработкой древесины и изделий из дерева за последние пять лет, уменьшили объём производства на 20%, а производство и распределении электроэнергии воды, зада и тепла за последние годы уменьшилось на 22%.

Литература

1. Азизов Ф.Х., Умаров Х.У. Устойчивое развитие аграрного сектора экономики страны// Монография-Москва: Экономическое образование, 2018.-212 С.

2. Пириев Дж. С. Совершенствование размещения отраслей сельского хозяйства Таджикистана в новых условиях хозяйствования / Дисс.на соиск. уч. степени д.э.н. – Душанбе, 2004. – 351 с.

3. Рахматзода Р., Кудратова Ф.Р., Инвестиции в сельское хозяйство Таджикистана: эффективность, направления и перспективы: монография // Рахматзода Р., Кудратова Ф.Р., «Инфорн» Душанбе- 2021 год с.- 160 (3.11).

4. Раҳимов Ш.М. Возрождение и развитие промышленности Таджикистана в переходный период. Дисс. на соискание… д.э.н.- М., 2001. – 290 с.

5. Стратегия развития зеленой экономики Р.Т. Д-2023-2037 гг. 171 (С-71).

6. Нутенко Л.Я. Промышленная политика Бразилии: книга / Л.Я. Нутенко // научные статьи Латинская Америка. - 2015. - N 10. - С. 43.

7. Мирсаидов С. А. Закономерности развития земельных отношений и механизмы их регулирования в аграрном секторе экономики (на материалах Республики Таджикистан) Дисс. док.эк. наук., 08.00.01. Душанбе, 2006. - 329с.

8. Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи Р. Экономика: // Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи Р. Пер. С англ. Со 2-го изд. - «Дело ЛТД», М.: 1993. -264с.

9. Низомова Т.Дж. Рекострукция промышленных предприятий переходной экономики // монография – Душанбе- «Ирфон» 2005. С.-130.

10. Эпштейн Д.Б. Управление крупными сельскохозяйственными предприятиями и их эффективность [На примере Ленинградской обл.] Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий: // Эпштейн Д.Б. N 3. М.: - 2005. с. – 204.

11. Послание Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон, 21 декабря 2021.

Сведения об авторах

Рустам Рахматзода-доктор экономических наук, профессор кафедры экономического анализа и статистики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Нахимов. 64/14. Тел: 555022000, 907708950. Email: farzona070489@.ru

Сулаймонзода Шухрат Фирдавс-Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры биржевой деятельности, докторант кафедры экономики предприятий и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Нахимов. 64/14. Тел.: (+992) 940-63-63-63. Электронная почта: Sulaymonzoda_sh@mail.ru

About the authors

Rustam Rakhmatzoda-Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Analysis and statistics at the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street. 64/14. Tel.: 555022000, 907708950. Email: farzona070489@.ru.

Sulaymonzoda Shuhrat Firdavs-Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Stock Exchange Activities, Doctoral Candidate of the Department of Economics of Enterprises and Entrepreneurship of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street. 64/14. Tel.: (+992) 940-63-63-63. E-mail: Sulaymonzoda_sh@mail.ru

Маълумот дар бораи муаллифон

Рустам Раҳматзода-доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, Тел.: 555022000, 907708950. Почтаи электронӣ: farzona070489@ru

Сулаймонзода Шухрат Фирдавс-Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти биржавӣ, унвонҷӯ-докторанти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов. 64/14. Тел.: (+992) 940-63-63-63. Почтаи электронӣ: Sulaymonzoda_sh@mail.ru

УДК: 338.001.36

ХУСУСИЯТИ ТАШАККУЛЁБИИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ

Содиқов М.С.
Нусратулозода Н.Н.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур самтҳои асосии хусусияти ташаккулёбии соҳибкории истеҳсолӣ дар кишварҳои хориҷӣ бо дар назардошти татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтааст. Инчунин дарҷ гардидааст, ки дар шароити кунунӣ соҳибкории истеҳсолиро як навъи пешбарандаи соҳибкорӣ номидан мумкин аст. Дар ин ҷо истеҳсоли маҳсулот, молҳо, ва дигар намуди корҳо амалӣ мегарданд, хизматрасонии гуногун ва арзишҳои муайяни маънавӣ ба вуҷуд меоянд. Аз нуқтаи назари омузиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ таҳлили махсусияти фаъолияти хоҷагидории кишвари Кореяи ҷанубӣ низ ҷолиб арзёбӣ мегардад. Таҳлили рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар ин кишвар нишон медиҳад, ки чораҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ барои таъмини рушди муносибатҳои истеҳсолӣ заминаи устувор гузошт.

Калидвожаҳои асосӣ: соҳибкории истеҳсолӣ, хусусияти ташаккулёбӣ, муносибатҳои истеҳсолӣ, самаранокии иқтисодӣ, танзими давлатӣ, таҷрибаи хориҷӣ, равишҳои молиявӣ, маҳсулоти тайёр, муносибатҳои пулӣ, истеҳсоли маҳсулот, рақобати солим.

Барои иқтибос: Содиқов, М. С. Хусусияти ташаккулёбии соҳибкории истеҳсолӣ дар кишварҳои хориҷӣ / М. С. Содиқов, Н. Н. Нусратуллозода // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 35-40.

ОРГАНИЗАЦИОННЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПРОИЗВОДСТВЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАНАХ

Содиков М.С.
Нусратулозода Н.Н.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. В данной статье анализируются и изучаются основные аспекты формирования производственного предпринимательства в зарубежных странах с учетом его реализации в условиях Республики Таджикистан. Также отмечается, что в современных условиях производственный предпринимательство можно назвать ведущим типом предпринимательства. Здесь осуществляется производство продукции, товаров и других видов работ, предоставляются различные услуги и формируются определенные моральные ценности. С точки зрения изучения опыта зарубежных стран также представляется интересным анализ специфики экономической деятельности в Южной Корее. Анализ развития производственного предпринимательства в этой стране показывает, что государственные меры по поддержке предпринимательства заложили прочную основу для обеспечения развития производственных отношений.

Ключевые слова: производственное предпринимательство, природа формирования, производственные отношения, экономическая эффективность, государственное регулирование, зарубежный опыт, финансовые подходы, готовая продукция, денежно-кредитные отношения, производство продукции, здоровая конкуренция.

ORGANIZATIONAL FEATURES OF PRODUCTION ENTREPRENEURSHIP IN FOREIGN COUNTRIES

Sodikov M.S.
Nusratulozoda N. N.
Tajik State University of Finance and Economics

Annotation. This article analyzes and examines the key aspects of the development of manufacturing entrepreneurship in foreign countries, taking into account its implementation in the Republic of Tajikistan. It also notes that, in modern conditions, manufacturing entrepreneurship can be considered the leading type of entrepreneurship. It involves the production of goods, products, and other types of work, the provision of various services, and the development of certain moral values. From the perspective of studying the experience of foreign countries, an analysis of the specifics of economic activity in South Korea is also of interest. An analysis of the development of manufacturing entrepreneurship in this country shows that

government measures to support entrepreneurship have laid a solid foundation for the development of industrial relations.

Keywords: manufacturing entrepreneurship, nature of development, industrial relations, economic efficiency, government regulation, international experience, financial approaches, finished goods, monetary relations, production, healthy competition.

Гузориши масъала. Дар шароити рушди муносибатҳои истеҳсолӣ омузиш ва истифодаи таҷрибаи кишварҳои муваффақ дар самти соҳибкории истеҳсолӣ аз нуқтаи назари рушди истеҳсолоти молҳои воридотивазкунанда ва ба содиротнигаронидашуда барои ҳар як кишвар ҷолиб арзёбӣ мегардад. Маҳз дар заминаи рушди ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ ва истифодаи таҷрибаи кишварҳои тараққикарда таъмини рушди истеҳсолоти муосир ва дар заминаи он афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ имконпазир мегардад. Аз ин рӯ, омузиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти ташаккулёбии иқтисодиёти рақобатпазир ва соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити кунунӣ рузафзун боқӣ мемонад.

Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар корҳои А.А.Мадаминов., Б. А Мулоҷонов., Д. М Аюбов., З.Х Лолаев., Л.И Абдуллоева., М.С. Содиқов., Н.Ҳ. Қодирзода., С.Д. Комилов., Т.Д Низомова., Ф.М Имомёрбеков., Ҳ Абдураҳмон., О. Д Шерқулов., Ф. Н Неъматуллозода ва дигарон баррасӣ гардидаанд.

Мақсади мақола. Ин аз асосноккунии масъалаҳои ташаккулёбии соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёт ва тавсияҳо оид ба рушди минбаъдаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Муҳтавои асосии мавод. Олимон ва муҳаққиқони хориҷӣ оид ба рушди корхонаҳои саноатии корҳои зиёде нашр намуда, барои навсозии он дар кишвари дахлдор тадбирҳои гуногун пешниҳод кардаанд. Дар Тоҷикистон сатҳи рушди корхонаҳои соҳибкорӣ ҳанӯз ҳам аз кишварҳои пешрафтаи иқтисодӣ хеле ақиб мемонад. Дастгирии давлат ба он, сарфи назар аз тадбирҳои андешидашуда, ҳанӯз ҳам қонеъкунанда барои рушди соҳа қарор дорад.

Аз ин лиҳоз, омӯзиши вазъи соҳибкорӣ дар кишварҳои хориҷӣ, таҳлили он ва имкони истифодаи ҷиҳатҳои тавонои он дар амалияи ватанӣ барои илму амалияи ватанӣ аҳамияти хоса дорад. Ин ба мақомотҳои давлатӣ ва маҳаллӣ имкон медиҳад, ки барномаҳои гуногуни дастгирии соҳибкорӣ таҳия намоянд.

Бояд қайд кард, ки дар шароити кунунӣ соҳибкории истеҳсолиро як навъи пешбарандаи соҳибкорӣ номидан мумкин аст. Дар ин ҷо истеҳсоли маҳсулот, молҳо, ва дигар намуди корҳо амалӣ мегарданд, хизматрасонии гуногун ва арзишҳои муайяни маънавӣ ба вуҷуд меоянд. Соҳибкории саноатӣ тавре, ки таҳлилҳо нишон медиҳанд дар таъмини сохтори гардиши тиҷорати мол ва густариши ҳамкориҳои судманди иқтисодиву тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ саҳми басо калон дорад. Натиҷаи хамин аст, ки дар солхои наздик ба инкишофи васеи сохибкории саноатй диккати калон дода мешавад [1, с. 49].

Нақши давлат барои бомуваффакият амал кардани сохибкории саноатй аз халли вазифахои зерин иборат аст:

1) дастгирии давлатии молиявии соҳибкории саноатӣ;

2) танзими салоҳиятноки андоз;

3) таъмини хукукй ва иттилоотии сохибкории саноатй.

Соҳибкории саноатӣ аз рӯи хусусиятҳои худ, на камтар аз дигар намуди фаъолияти хоҷагидорӣ, таваҷҷӯҳи давлат ва дастгирии молиявиро тақозо мекунад. Инчунин дар шароити маҳдуд будани маблағҳои буҷетӣ, дастгирии онҳо ба соҳибкории саноатӣ имкон медиҳад, ки ин соҳаи муҳими муосир суст истифода шавад [2, с. 2].

Дар кишварҳои тараққикарда ба соҳибкории саноатӣ диққати махсус равона гардида, соҳаро ба вектори асосии рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар табдил додаанд. Таъмини рушди соҳибкории саноатӣ пеш аз ҳама дар дастгирии бевоситаи давлат дар шакли дастгирии молиявию инфрасохторӣ ифода мегардад.

Масалан, низоми тақвияти давлатии соҳибкорӣ дар ИМА ҷузъиёти зеринро доро мебошад:

- молиявӣ (мавҷуд будани манбаъҳои сершумори дастрасии сармояи кафолатнок);

-моддию техникӣ (ба иҷора супурдан ва аз ҷумла имконияти хариди воситаҳои истеҳсолот бо шароитҳои имтиёзнок);

-иттилоотӣ (таъмини имкониятҳои истифода бо шабакаҳои иттилоотӣ ва китобхонаҳои техникӣ);

-машваратӣ (рушди хидматҳои махсуси машваратӣ, ба ташкилотчии корхонаҳои хурди инноватсионӣ оид ба масъалаҳои андозбандӣ, суғурта, банақшагирӣ, бозорёбӣ, ҳисобу китоб, ба расмият доровардани патентҳо ва ғ) [3, с. 84].

Қайд кардан зарур аст, ки муваффақияти бисёре аз ширкатҳои инноватсионии амрикоӣ на танҳо бо мавҷудияти лабораторияҳои пуриқтидори илмӣ, балки бо он шарҳ дода мешавад, ки бисёр технологияҳо дар ибтидо ҳамчун як қисми барномаҳои давлатӣ таҳия карда шуданд. Ҳамин тариқ, технологияҳои асосие, ки тиҷорати Apple ва дигар ширкатҳои муваффақи амрикоӣ дар асоси онҳо сохта мешаванд - аз чипҳо то Интернет ва системаи ҷаҳонии ҷойгиршавӣ (GPS) - ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои тадқиқотии ҳукуматӣ сохта шудаанд.

Ҳамин тариқ, сарфи назар аз афзалияти бахши хусусӣ дар соҳаи инноватсионӣ дар Иёлоти Муттаҳида, давлат ба инноватсия тавассути фароҳам овардани муҳити танзими мусоид барои фаъолияти инноватсионии ширкатҳо ва маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ таъсири назаррас мерасонад. Дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ИМА барномаҳои федералии дастгирии соҳибкорӣ, низоми федералии шартнома (низоми хариди давлатӣ), имтиёзҳои андозро дар бар мегирад [5, с. 75].

Вобаста ба масъалаҳои самаранокии тадқиқоти илмӣ-таҳқиқотӣ бояд қайд кард, ки ширкатҳои хурди доништалаб назар ба консернҳои азим 24 маротиба бештар навоварӣ эҷод мекунанд. Татбиқи чунин чорабиниҳои инноватсионӣ дар ИМА барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ заминаи устувор гузошта, барои рушди минбаъдаи он мусоидат мекунад. Бо иртибот ба масъалаи мазкур бояд қайд кард, ки соҳибкории истеҳсолӣ на танҳо дар пешрафт, балки дар тараккиёти хочагии кишлок, тараккиёти саноати мамлакат ва хизматрасонӣ нақши асосиро мебозад, зеро маҳсулоти дар саноат истеҳсолшуда дар доираи васеи сохахои мухталифи хаёти чамъиятй истифода бурда мешавад.

Инчунин дар баробари Амрико, тачрибаи Ҷопон, ки яке аз кишварҳои тараққикарда ба шумор меравад, дар самти соҳибкории саноатӣ низ дар ҷаҳон мавқеъи махсусро ишғол менамояд. Дар ин кишвар соҳибкории саноатӣ дар баробари мавҷудияти бизнеси калон корхонаҳои хурду миёна низ рушдёфта мебошанд.

Дар Ҷопон корхонахои хурду миёна дар асоси принсипи пудратй кор карда, дар саноати автомобильсозй, металлургияи сиёх ва ранга, электроникаи маишй ва асбобхои оптикй махсулоти аълосифат мебароранд. Дар баробари ин дар кишвар дар саноати истеҳсолӣ зиёда аз 300 фирмаи хурду миёнаи Ҷопон ва тақрибан зиёда аз 1000 ширкати инноватсионии сармояи венчурӣ бомуваффақият фаъолият мекунанд.

Корхонахои саноатии хурд ва миёна барои чорй намудани сохахои инноватсионии афкори илмию техникй (технологияхои бепартов ва одам, низоми автоматикунонидашудаи васеъ) хамчун майдони озмоиш хизмат карда метавонанд [7, с. 162].

Аз нуқтаи назари омузиши тачрибаи кишварҳои хориҷӣ таҳлили махсусияти фаъолияти хоҷагидории кишвари Кореяи ҷанубӣ низ ҷолиб арзёбӣ мегардад. Таҳлили рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар ин кишвар нишон медиҳад, ки чорабиниҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ барои таъмини рушди муносибатҳои истеҳсолӣ заминаи устувор гузошт. Тадбирҳои дастгирии давлатии соҳибкории Кореяи Ҷанубӣ аз инҳо иборатанд: сиёсати технологӣ, сиёсати молиявӣ, ташкили бизнес-инкубаторҳо, идоракунии инноватсия, сиёсати маркетинг, сиёсати кадрҳо ва монанди инҳо.

Давлат дар ин соҳа барномаҳои гуногунеро амалӣ менамояд, ки ба самтҳои зерин аз қабили дастгирии навовариҳои технологӣ дар корхонаҳои хурду миёна, дастгирии муносибатҳои байни истеҳсолот, муассисаҳои илмӣ ва илмӣ, дастгирии тиҷоратикунонии технологияҳои таҳияшуда, ташвиқ намудани муассисаҳои давлатӣ барои истифодаи буҷети худ барои дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ тамаркуз мекунанд [4, с. 71].

Дар кишвари Итолиё бошад, соҳибкории саноатӣ дар корхонаҳои хурду миёна васеъ ба роҳ монда шудааст. Минтақаҳои саноатии Италия вазъиятро ба куллӣ тағьир доданд. Захираҳои фирмаҳои хурди истеҳсолӣ муттаҳид шуда, ба корхонаҳои хурд имкон медиҳад, ки дар иқтисоди кишвар нақши мустақил дошта, ба бозори хориҷӣ ворид шаванд. Дар натиҷа 60 минтақаи саноатӣ ба маблағи 70 млрд. долл. молҳои содироткунанда ва хизматрасониро тавлид мекунанд.

Ин кариб чорьяки тамоми экспорти Италияро ташкил медихад. Ва барои баъзе гуруххои молхо, масалан, маснуоти заргарй ин нишондиханда ба 70 фоиз мерасад. Рӯйхати пешсафонро ширкатҳое пеш мебаранд, ки гардиши солонаашон ба даҳҳо миллион доллар мерасад. Ба ин руйхат на тандо корхонаҳои савдо, балки корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти саноатй низ дохил мешаванд [9, с.54].

Аз кишварҳои собиқ шӯравӣ дар самти соҳибкории истеҳсолӣ Россия дар солҳои охир ба муваффақиятҳои калон ноил гашт. Умуман, корхонахои саноатӣ 27 фоизи тамоми корхонахои Россияро ташкил медиханд. Ҳиссаи соҳибкории саноатӣ дар ММД Русия ба ҳисоби миёна 27% -ро ташкил медиҳад [8]. Бояд қайд кард, ки Русия як кишвари дорои системаи пуркуввати иҷтимоӣ аст, ва шумораи зиёди одамоне, ки дар низоми маорифи он таълим дода шудаанд, аксар вақт майдони татбиқи худро на дар кишвари худ, балки дар иқтисоди ҷаҳонӣ пайдо мекунанд.

Соҳаи рушди соҳибкорӣ дар кишваре чун Русия бузург мебошад. Афзоиши баланди шугли саноат дар дахсолаи якум ба даст оварда шуда, натичахои мусбати хеле баланд нишон дода шуд. Суръати афзоиши иқтисоди Русия (аз 6% то 8% дар як сол) мушоҳида гардид, ки дар он саҳми соҳибкории истеҳсолӣ калон мебошад [6, с. 178].

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ки бо кишвари Чин ҳамсарҳад мебошад, истифодаи таҷрибаи он дар рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар хеле ҷолиб мебошад. Корхонаҳои истеҳсолӣ дар Чин хусусиятҳои худро доранд, ки ин кишварро ба яке аз бузургтарин ва муҳимтарин бозигарони иқтисоди ҷаҳонӣ табдил медиҳанд. Чин бузургтарин кишвари тавлидкунандаи ҷаҳон аст, ки аз электроника ва нассоҷӣ то мошинҳо ва таҷҳизоти сангин молҳоро тавлид мекунад.

Яке аз бартариҳои асосии рақобатпазирии Чин арзиши ками меҳнат аст. Ин бисёр ширкатҳои фаромиллиро барои таъсиси пойгоҳҳои истеҳсолии худ дар кишвар ҷалб мекунад.Чин инчунин барои рушди инфрасохтор, аз ҷумла нақлиёт, логистика ва телекоммуникатсия маблағгузории зиёд кардааст. Ин ба харакати самарабахши мол ва ашьёи хом дар тамоми мамлакат ва берун аз он мусоидат мекунад.

Бозори меҳнати Чин хеле чандир аст ва ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки истеҳсолотро дар асоси талабот ба осонӣ танзим кунанд. Инчунин, Чин яке аз бузургтарин ва мураккабтарин шабакаҳои таъминот дар ҷаҳон аст. Чунин иқтидор ба корхонахо имконият медихад, ки маҳсулоти заруриро барои истехсолот зуд ва хушсифат ба даст оранд. Дар баробари ин, Чин ба тадқиқот ва рушд фаъолона сармоягузорӣ мекунад, ки дар натиҷа дар технологияҳои олӣ ва инноватсия ба пешравиҳои назаррас ноил мегардад.

Бо иртибот ба масъалаи мазкур, қайд кардан зарур аст,ки дар чанд соли ахир Чин дар танзими бозор ва сахтгирии қоидаҳо фаъолтар шудааст, ки метавонад ба баъзе ҷанбаҳои соҳибкорӣ таъсир расонад. Масалан, назорати киберамният, ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва қоидаҳои экологӣ сахттар шуданд. Дар натиҷа мо мебинем, ки имруз Чин як макони муҳимтарин барои истеҳсолот ва соҳибкорӣ боқӣ мондаст.

Ҳамин тариқ таҷрибаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки корхонахои истехсолӣ кисми мухими иктисодиёти бисьёр мамлакатхои хориҷӣ ба шумор мераванд. Таҷрибаҳои хориҷӣ дар соҳаи истеҳсолот ва соҳибкорӣ вобаста ба кишвар ва соҳа метавонанд фарқ кунанд, аммо баъзе ҷанбаҳои умумӣ, ки дар амалия мушоҳида мешаванд дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1. - Ҷанбаҳои умумии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар кишварҳои тараққикарда

Олмон	Корхонахои истехсолии баландтехнологӣ
Чин	Истехсоли молхои гуногун, аз ҷумла электроника, бофандагӣ, мошинсозӣ ва дигар молхои васеъи истеъмолӣ
ИМА	Соҳаҳои гуногуни саноатӣ, аз ҷумла авиатсия, дорусозӣ, энергетика ва технология
Ҷопон	Маҳсулоти хушсифат ва нақшаҳои стратегӣ
Шветсия	Ҳузури қавӣ дар технологияҳои баланд ва технологияи сабз

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Аз ҷадвал бармеояд, ки кишварҳои зикргардида дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ заминаи калони иқтисодиву инфрасохториро доро мебошанд. Олмон, Чин, ИМА, Ҷопон ва Шветсия инчунин дар рушди муносибатҳои байналмилалии истеҳсоливу тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ низ нақши калон доранд. Масалан, Олмон бо ширкатҳои истеҳсолии баландтехнологии худ, аз қабили ширкатҳои автомобилии BMW, Mercedes-Benz ва Volkswagen машҳур аст. Мамлакат дорой саноати пуриктидори машинасозӣ буда, инженерони немис бо дакикат ва сифати худ дар истехсолот машхуранд.

Хитой дар истехсоли молхои гуногун, аз чумла электроника, бофандагй, мошинсозӣ ва дигар молхои сермасриф пешсафи чахон мебошад. Мамлакат бо харочоти ками мехнаташ маълум аст, ки ин барои ширкатхои хоричие, ки мехоханд, истехсолотро ба рох монанд ҷолиб арзёбӣ гардад. ИМА бошад, дорои соҳаҳои гуногун, аз ҷумла авиатсия, дорусозӣ, энергетика ва технология

мебошад. Бисёре аз ширкатҳои машҳури технологӣ ба монанди Apple, Microsoft ва Tesla дар ИМА ҷойгир мебошанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Ҷопон бо истеҳсоли босифат ва нақшаҳои дарозмуддати стратегии худ машҳур аст. Дар он ҷо ширкатҳое мисли Toyota, Sony ва Panasonic ҷойгир буда, ба навоварӣ ва сифат диққати марказӣ равона мекунанд. Шветсия бошад, дар соҳаи технологияҳои олӣ ва технологияҳои сабз ҳузури қавӣ дорад. Ширкатҳое ба мисли Ericsson ва Volvo дар соҳаҳои худ пешсаф мебошанд.

Чунин кишварҳои хориҷӣ моделҳо ва усулҳои гуногуни идоракунии саноат ва тиҷоратро пешниҳод мекунанд ва таҷрибаи онҳо метавонад барои омӯхтан ва мутобиқ кардани тиҷорати худ муфид бошад. Шароитҳои гуногуни фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ низ ба хусусияти хоси фаъолияти соҳибкории истеҳсолии ҳар як кишвар таъсир мерасонанд.

Вобаста ба таҳлилҳои масъалаи мазкур қайд кардан зарур аст, ки соҳибкории истеҳсолӣ истехсоли махсулоти саноат ва хочагии кишлок, таъиноти техникӣ, молхои истеъмолии халқ, корхои бинокорӣ, кашондани бор ва мусофирон, хизмати алока, коммуналию маишии хизматрасонӣ, истехсоли ахборот, дониш, нашри китоб, журналро дар бар мегирад. Ба маънои васеътарин, соҳибкории истеҳсолӣ офаридани ҳама гуна маҳсулоти муфид, ки ба истеъмолкунандагон лозим аст ифода меёбад [10, с. 87].

Дар шароити кунунӣ тараккиёти комплекси саноатӣ вазифаи асосии идораи давлатӣ буда, бо рохи ташаккул додан ва дар амал татбик намудани сиёсати иқтисодии самарабахши тараккиёти босубот таъмини суръати афзоиши иктисодиёт хал карда мешавад. Аз нуқтаи назари мавзуъи тадқиқот бояд қайд кард, ки дар кишварҳои сусттараққикарда соҳибкории истеҳсолӣ бинобар сабаби надоштани шароити мусоид аз ҳама хатарноктарин фаъолият маҳсуб мешавад.

Ҳамин тариқ, ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар чунин кишварзҳо дастнорас будани баъзе сарчашмаҳо, маҳдуд будани захираҳои молиявӣ, сатҳи пасти касбияти иштирокчиёни бозор ва дигар мушкилотҳо барои соҳа монеа эҷод мекунанд. Кишварҳои алоҳида аҳамияти иқтисодии соҳибкории истеҳсолиро дарк карда, барои бартараф намудани монеъҳо чораҳои зарурӣ меандешанд. Маҳз соҳибкории саноатӣ барои рушди дигар соҳаҳои фаъолияти хоҷагидории муосир мусоидат намуда, дар таҳкими ҳамкориҳои судманди иқтисодиву сармоягузорӣ замина мегузорад.

Адабиёт

1. Развитие малого и среднего предпринимательства в промышленности как основа индустриализации национальной экономики» (на материалах Республики Таджикистан). Лолаев З.Х. дисс...кэ.н. 08.00.05. Душанбе 2019. С.49.

2. Производственное предпринимательство в России. http://natagonda.narod.ru/vpr1.htm. Санаи мурочиат 02.11.2023.

3. Тачрибаи таквияти давлатии сохибкори дар мамлакатхои хоричи ва истифодаи он дар шароити Чумхурии Точикистон / Ф. Н. Асозода, Б. М. Бобоев, Ф. М. Солиев, М. И. Убайдуллоев // Гузоришхои Академияи илмхои кишоварзии Точикистон. – 2020. – No. 1(63). – P. 83-89.

4. Развитие малого и среднего предпринимательства в условиях формирования новой технологической базы промышленности. Курилко А.К. дисс…к.э.н. 08.00.05. Москва 2018. С. 71.

5. Урунбаева, Н. А. Развитие устойчивого механизма управления водопользования в условиях орошаемого земледелия в зарубежных странах / Н. А. Урунбаева, Д. Б. Халифазода // Финансово-экономический вестник. – 2021. – № S4.2(29). – С. 75-85. – EDN QYQKNW.

6. Халифазода, Ҷ. Б. Ҷанбаҳои назариявӣ ва хусусиятҳои соҳавию минтақавии ташаккулёбии кластерҳои агросаноатӣ / Ҷ. Б. Халифазода // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 1(25). – P. 178-183. – EDN LZPLVE.

7. Халифазода, Ҷ. Б. Кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа: баъзе ҷанбаҳои методологии ташаккулёбӣ ва рушди онҳо / Ҷ. Б. Халифазода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – No. 4-2(54). – P. 160-167. – EDN EBPRVH.

8. Давлатзода, Қ. Қ. Тачрибаи хориҷӣ оид ба ташаккул ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа / Қ. Қ. Давлатзода, Ҷ. Б. Халифазода // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2021. – No. 3(55). – P. 88-93. – EDN BCBOLL.

9. Развитие малого и среднего предпринимательства в промышленности как основа индустриализации национальной экономики» (на материалах Республики Таджикистан). Лолаев З.Х. дисс...кэ.н. 08.00.05. Душанбе 2019. С.54.

10. Развитие малого и среднего предпринимательства в условиях формирования новой технологической базы промышленности. Курилко А.К. дисс…к.э.н. 08.00.05. Москва 2018. С. 87.

Маълумот дар бораи муаллифон

Содиқов Меҳтархон Соқибекович-доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел: (+992) 901-10-20-92. E-mail: metar76@mail.ru

Нусратулозода Нилуфар Нусратулло-ассистенти кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел: (+992)908-90-80-06. E-mail: nilufar-93-93-93@mail.ru

Сведения об авторах

Содиков Мехтархон Сокибекович-доктор экономических наук, и.о.профессора кафедры мировой экономики Таджикского государственного университета финансов и экономики, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: (+992) 901-10-20-92. E-mail: metar76@mail.ru

Нусратулозода Нилуфар Нусратулло-ассистент кафедры прикладной информатики в экономике Таджикский государственный финансово-экономический университет, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: (+992) 908-90-80-06. E-mail: nilufar-93-93-93@mail.ru

About the authors

Sodikov Mekhtarkhon Sokibekovich-Doctor of Economics, Acting Professor, Department of World Economy, Tajik State University of Finance and Economics, 64/14 Nakhimov Street. Tel.: (+992) 901-10-20-92. E-mail: metar76@mail.ru

Nusratulozoda Nilufar Nusratullo-Assistant, Department of Applied Informatics in Economics, Tajik State University of Finance and Economics, 64/14 Nakhimov Street. Tel.: (+992) 908-90-80-06. E-mail: nilufar-93-93-93@mail.ru

УДК: 336.201

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ МЕХАНИЗМИ ИСТИФОДАИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ

Муқимов Қ.М.
Асадуллозода Х.А.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии ташаккули механизми истифодаи имтиёзҳои андозу сабукиҳои андозӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ оварда шудааст. Инчунин, самтҳои асосии такмили механизми истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ бо мақсади татбиқи амалии сиёсати андозӣ ва нақши онҳо дар рушди фаъолияти хоҷагидорӣ ва ҳавасмандиҳои молиявӣ нишон дода шудааст. Ба ғайр аз ин, омилҳои асосии садди роҳи ин раванд, ки бо назардошти манфиатҳои давлат ва андозсупорандагон, ки ҳамчун механизми махсуси баландбардории чалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёти мамлакат хизмат мерасонад, дида баромада шудааст. Дар асоси фикрҳои дар боло оварда шуда, пешниҳодҳои ҷолиб оид ба мукаммалгардонии механизми андозситонӣ ва истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

Калидвожаҳо: иқтисоди бозорӣ, низоми андозӣ, механизми андозситонӣ, ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ, имтиёзи андозӣ, сиёсати андозӣ, фаъолияти хоҷагидорӣ, рушди соҳибкорӣ, дастгирии давлатӣ, масъулияти андозбандӣ.

Барои иқтибос: Муқимов, Қ. М. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули механизми истифодаи имтиёзҳои андозӣ / Қ. М. Муқимов, Х. А. Асадуллозода // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 41-45.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ МЕХАНИЗМА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ НАЛОГОВЫХ ЛЬГОТ

Мукимов К.М.
Асадуллозода Х.А.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. В статье рассматриватеся теоретические аспекты формирования механизма использования налоговых льгот в условиях рыночной экономики. Выделены основные направления их совершенствования с целью проведения налоговой политики государства и ее роль в развитие хозяйственной деятельности и стимулирования финансов. Рассматриваются основные факторы, позволящие снять противоречие в интересах государства и налогоплательщиков, как важный механизм, повышающий инвестиционную привлекательность в экономики республики. Даются конкретные предложения для усовершенствования системы налообложения и эффективной использования налоговых льгот в условиях Республики Таджикистан.

Ключевые слова: рыночная экономика, налоговая система, механизм налогообложения, налогово-финансовые стимулирования, налоговые льготы, налоговая политика, хояйственной деятельности, развитие предпринимательство, государственная поддержка, налоговая ответсвенность.

THEORETICAL ASPECTS OF FORMING A MECHANISM FOR USING TAX BENEFITS

Mukimov K.M.
Asadullozoda H.A.
Tajik State University of Finance and Economics

Annotation. The article examines the theoretical aspects of the formation of the mechanism for using tax benefits in a market economy. The main directions for their improvement are highlighted in order to implement the state's tax policy and its role in the development of economic activity and stimulation of finance. The main factors that make it possible to remove the contradiction in the interests of the state and taxpayers are considered, as an important mechanism that increases investment attractiveness in the economy of the republic. Specific proposals are given to improve the taxation system and the effective use of tax benefits in the conditions of the Republic of Tajikistan.

Key words: market economy, tax system, taxation mechanism, tax and financial incentives, tax benefits, tax policy, economic activity, entrepreneurship development, government support, tax liability.

Гузориши масъала. Дар шароити иқтисоди бозорӣ низоми андозӣ яке аз механизмҳои муҳими суботи молиявӣ ба ҳисоб меравад. Аз он ки то чӣ андоза низоми андозситонӣ барои субъектҳои хоҷагидорӣ дуруст ба роҳ монда мешавад, дар маҷмӯъ таъмини иқтидори андозӣ ва рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар вобастагӣ дорад. Андоз, дар навбати худ, нишондиҳандаи муҳими муайянкунандаи рушди субъектҳои соҳибкорӣ ва микроиқтисодӣ ба ҳисоб рафта, муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳои хоҷагидорӣ ва мақомотҳои давлатиро барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ба роҳ мемонад.

Дар ин раванд, пешниҳоду истифодаи ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ, аз ҷумла истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ фишанги асосии танзими муносибатҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Сиёсати андозӣ дар якҷоягӣ бо такмили механизми истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ унсури муҳими ҳавасмандихои молиявӣ-иқтисодӣ масҳуб ёфта, барои азнавтақсимкунии захираҳои пулию қарзӣ ва ташаккули низоми муносибатҳои андозӣ мусоидат менамояд.

Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо. Таҳқиқотҳои А.Смит., Бегматов А.А., Воронина Л.А., Князев, В., Лайченкова Н.Н., Митрофанова И.А., Шералиев Э.Н., Халифазода С. ва дигар муҳаққиқон дар самти мазкур боиси пурра гардидани тащцицоти мазкур гардидааст.

Мақсади мақола ин – омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ташаккули механизми истифодаи имтиёзҳои андозӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳтавои асосии мавод. Пайдоиш ва ташаккули низоми андозӣ бо инкишофи давлатдорӣ рабт дошта, назарияи илмии он ба охири асри XVIII роста омада, оиди мақоми он дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ А. Смит чунин қайд мекунад, «…барои он ки рушди давлатдорӣ аз сатҳи қашшоқӣ то дараҷаи баланди рушди он таъмин гардад, пеш аз ҳама, сулҳ, низоми хуби андозӣ ва идоракунии самараноки иқтисодиёт лозим аст ва дар заминаи онҳо дигар равандҳои ҷомеъа ба таври таббӣ инкишоф меёбанд…» [1]. Ба маънои дигар, муносибатҳои андозӣ ба тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, рушди муносибатҳои истеҳсолӣ ва қуввахои истеҳсолкунандаи ҷамъиятӣ, пайдоиши давлатҳо алоқаманд буда, барои пардохти ҳаққи истифодаи захираҳои иқтисодӣ ва дигар молу амвол, идоракунии мақомотҳои давлатӣ хизмат менамояд [4]. Аз ин лиҳоз, дар ҳама давру замон таҳқиқ ва омӯзиши масъалаи низоми андозӣ ва истифодаи ҳавасмандиҳои молиявӣ, аз ҷумла пешниҳоди имтиёзу сабукиҳои андозӣ ҳамчун механизми муҳим истифода бурда мешавад.

Бо мурури замон низоми андозӣ рушд карда, дарки фаҳмиши илмӣ ва асосҳои назарявии низоми андозӣ ва истифодаи ҳавасмандиҳои андозию молиявӣ низ такмил меёбад. Махсусан, тайи даҳсолаҳои охир зери паёмадҳои буҳрони молиявӣ-иқтисодӣ имтиёзу сабукиҳои андозӣ ба сифати фишанги муҳими рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва танзими соҳаҳои иқтисодиёти кишвар хизмат менамояд. Вай ҳамчун фишанги асоси идоракунии муносибатҳои андозӣ, таъмини рушди устувори молиявӣ ва рақобатпазирии молу маҳсулоти ватанӣ масҳуб ёфта, новобаста аз шаклҳои моликият ва хоҷагидорӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти кишвар саҳми калон дорад.

Дар ин раванд, вазифаи танзими давлатӣ дар қатори дигар функсияҳои он ин дастгирии андозӣ-молиявӣ, махсусан пешниҳоди имтиёзу сабукиҳои андозӣ ба ҳисоб меравад, ки заминаи иниституционалии онро чунин унсурҳо ташкил медиҳад:

- танзими давлатии ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақаҳои кишвар;
- пешниҳод ва истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ, ки бевосита ба таъмини иқтидори андозии кишвар мусоидат менамояд;
- низому шаклҳои махсуси андозбандӣ ба субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ;
- рушди инфрасохтори бозорӣ, аз ҷумла ташаккули раванди рақамикунонии хизматрасониҳои андозӣ ва маъмурикунонии он.

Пешниҳоду истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ дар рушди низоми молиявӣ ҳамчун механизми муҳим буда, ба ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ ва баланд бардоштани вазъи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ хизмат менамояд. Таҷрибаи кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми таҳқиқ ва омузиши ҷанбаҳои назариявии истифодаи имтиёзу сабукиҳои андозӣ, коркарди баҳои услубии самаранокии он дар низоми хоҷагидорӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Ин ҷо, зарурияти истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ ва фаъолияти кормандони мақомоти андози кишвар муҳим арзёбӣ мегардад.

Самаранокии низоми андозӣ дар маҷмуъ аз истифодаи самараноки ҳавасмандиҳои андозӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла имтиёзу сабукиҳои андозӣ вобаста буда, он дар раванди истеҳсоли молу маҳсулотҳо, кору хизматрасониҳо роли калон мебозад. Дар ин маврид Воронина Л.А. қайд мекунад, ки «…имтиёзҳои андозӣ дар рушди корхонаю ташкилотҳо ва фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамчун

механизми муҳимми ҳавасмандиҳои иқтисодӣ хизмат намуда, ба сифати фишанги муҳимми сиёсати молиявӣ хизмат менамояд…» [3]. Ин раванд зарурати пешниҳоду истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ ва механизми такмили онҳро тақозо менамояд.

Ба андешаи Бегматов А.А. «...тавассути ҳавасмандкуниҳои андозӣ, ки он аз меъёру ҳаҷми имтиёзҳои андозӣ, тарҳкуниҳои андозӣ, қарзҳои андозӣ ва сабукиҳои андозӣ иборат мебошад, тавассути онҳо давлат ба субъектҳои хоҷагидорӣ таъсир намуда, онҳоро водор месозад, ки ҷидду ҷаҳди худро ба рушди соҳаи афзалиятноки иқтисодиёт равона созанд...» [2]. Илова бар ин, «...имтиёзҳои андозӣ ҳамчун як механизми иқтисодӣ барои банақшагирӣ ва ояндабинии низоми пардохтҳои андозӣ хизмат менамояд. Бо назардошти камшавии қисмати даромади буҷети давлатӣ, вайро ҳамчун хароҷоти ғайримустақим меҳисобанд...» [8] ки барои татбиқи сиёсати андозӣ, таъмини фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ равона мегардад. Дар ин маврид «...ҳавасмандиҳои андозӣ ба сифати фишанги муҳим баромад намуда, тавассути низоми андозбандии субъектҳои соҳибкорӣ, такмили низоми андозӣ ва дигар унсурҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ (иқтисодӣ, истеҳсолӣ, сармоявӣ ва иҷтимоӣ) нақши созгор дорад...» [5]. Имтиёзҳои андозӣ дар рушди корхонаю ташкилотҳо ва субъектҳои хоҷагидорӣ хизмат намуда, ба ташаккули захираҳои молиявӣ ва таҳкими имкониятҳои буҷети давлатӣ ва иҷрои уҳдадориҳои субъектҳои соҳибкорӣ дар назди буҷет, тақсим ва азнавтақсимкунии даромадҳои буҷети давлатӣ мусоидат менамояд.

Дар ин маврид Митрофанова И.А. қайд менамояд, ки «...истифодаи амалии имтиёзу сабукиҳои андозӣ вазифаи хеле мушкил буда, он бевосита ба манфиатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ ва рушди соҳибкорӣ равона гардида, вазифаи ҳавасмадмандиҳои молиявӣ-иқтисодии худро тавассути шаклу усулҳои махсуси андозбандӣ, пешниҳоду истифодаи имтиёзу сабукиҳои андозӣ татбиқ менамояд...» [6]. Ва функсияи имтиёзу сабукҳои андозӣ дар ин маврид ба таъсири мусби фаъолияти хоҷагидорӣ равона гардида, дар фаъолияти соҳибкорӣ нақши калон мебозад.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки моҳияту нақши имтиёзҳои андозӣ дар ду паҳлуи асосии омузиш он, яъне, ҳамчун механизми ҳавасмандии андозӣ-молиявӣ, ки ба сифати имтиёзу сабукиҳои андозӣ баромад мекунад ва бартариятҳои қонунгузории андозӣ, ки ба субъектҳои алоҳидаи соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории истеҳсолӣ, тавассути имкони напардохтан ё аз пурра аз пардохти маблағҳои андозӣ озод намудан, таътили андозӣ ва ғайра пешниҳод мегардад. Пешниҳоду истифодаи имтиёзҳои андозӣ, дар навбати худ, хеле гуногун буда, аз вазифаи ҳавасмандиҳои андозӣ, ба мисли низоми махсус ва соддаи андозбандӣ, батаъхиргузорӣ, тақсими муҳлати пардохти маблағҳои андозӣ, қарзҳои сармоягузориҳои андозӣ ва амсоли инҳо манша гирифта, хеле фароҳ ва ба воситаи таъсири механизми молиявӣ-иқтисодӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ роҳандозӣ мегардад.

Дар низоми нави муносибатҳои андозӣ имтиёзҳои андозӣ нақши муҳим дошта, ба таҳкими муносибатҳои молиявӣ аз ҳисоби пешниҳоду истифодаи самараноки онҳо мусоидат намуда, ба яке аз механизмҳои асоси ҷалби сармояҳо ба рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ равона мегардад. Аз ин рӯ, давлат сиёсати андозии худро тавассути ҳавасмандиҳои молиявӣ, бахусус истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ дар фаъолияти хоҷагидорӣ ва рушди минтақаҳои мамлакат амалӣ мегардад.

Имтиёзҳои андозӣ дар ин ҳолат ба сифати механизми махсус хизмат намуда, тавассути сабукиҳои андозию гумрукӣ низ амалӣ карда мешавад. Ин ҷо, танзими давлатии рушди фаъолияти хоҷагидорӣ ва истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ ба сифати механизми муҳими ташкилӣ-иқтисодӣ ва инноватсионӣ хизмат намуда, ҳамчун фишанги асосии дастгирии давлатии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва унсури муҳимми муносибатҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Имтиёзҳои андозӣ бо назардошти рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт бояд тавассути технологияи пешқадами хизматрасониҳои андозӣ ва маъмурикунонии он роҳандозӣ гардад. Пеш аз омӯзиши мафҳуми имтиёзҳои андозӣ ва пешниҳоди роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳо дар фаъолияти хоҷагидорӣ зарур аст, ки моҳияти иқтисодӣ ва мафҳуми он дар низоми андозӣ ва ҳамчун фишанги асосии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ мавриди таҳқиқу омузиш қарор дода шавад.

Дар сатҳи корхонаю ташкилотҳо ва субъектҳои соҳибкорӣ истифодаи имтиёзу сабукиҳои андозӣ вобаста аз сатҳи соҳавӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ, бо меъёру шаклҳо ва усулҳои андозбандӣ пешниҳод карда мешавад. Аз ин хотир, имтиёзу сабукиҳои андозиро шартан ба яквақта ва даврию ҷорӣ ҷудо менамоянд. Имтиёзу сабукиҳои андозию гумрукӣ як маротиба бо риояи шартҳои муайян ба корхонаю ташкилотҳо ва субъектҳои соҳибкорӣ пешниҳод карда мешавад. Шакли даврии он ҳамчун нишондиҳандаи муҳими самаранокии ҳудудӣ-минтақавӣ хизмат менамояд. Ин навъи ҳавасмандиҳои имтиёзи андозӣ барои рушди такрористеҳсолӣ васеъи истеҳсолот ва кору

хизматрасониҳо муҳим мебошад. Низоми махсуси андозбандӣ барои соҳибкорони хурду миёна ба сифати фишанги дарозмуҳлати ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ хизмат намуда, он ҳамчун як шакли сабукиҳои андозӣ истифода бурда мешавад.

Доираи таъсири давлат ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар ин маврид хеле муҳим буда, тавассути унсурҳои зерин, ба мисли: талаботу таклифот, дараҷаи нарху нархгузорӣ, рақобати субъектҳои соҳибкорӣ, истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ ба ҷалби бештари сармояҳо мусоидат намояд. Ин ҷо, дастгирии давлатии рушди соҳибкорӣ ҳамчун фишанги муҳими сиёсати давлатӣ барои амалкарди самаранокии фаъолияти мақомоти андоз ва воридшавии бештари маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ хизмат менамояд. Аз ин лиҳоз, дар амалӣ намудани онҳо, истифодаи технологияи пешқадами хизматрасониҳои электронӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд (бахсус, ҷараёни фосилавӣ) миёни субъектҳои хоҷагидорӣ ва кормандони мақомоти андоз зарур мебошад.

«…Сиёсати андоз дар асоси дастуру супоришҳо ва роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии ҳукумату миллат имрӯз хуб роҳандозӣ шудааст. Системаи андозу буҷет механизмҳое мебошанд, ки тавассути онҳо ниёзмандиҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро ҳаллу фасл менамоянд. Манфиатҳои миллии тоҷикон воқеан танҳо дар асоси рушди устувории иқтисодиёт ва фаъолияти самаранокии низоми андоз имконпазир мебошад…» [7].

Ин ҷо, вазифаи давлат аз дастгири имтиёзу сабукиҳои андозӣ ва гумрукӣ дар минтақаҳои кишвар иборат мебошад. Барои ин субъектҳои соҳибкорӣ истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ вобаста ба меъёру шаклҳои андозбандӣ ва дастгириҳои пешниҳод мегардад. Низоми махсуси андозбандӣ сифати фишанги дарозмуҳлати ҳавасмандгардониҳои андозӣ-молиявии соҳибкорони хурду миёна ба ҳисоб рафта, он бо риояи шарту уҳдадориҳои муайян пешниҳод мегардад. Ҳалли масоили мазкур зарурати дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурду миёнаро дар минтақаҳои кишвар тақозо намуда, он ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва воридшавии ҳаҷми бештари маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ мусоидат менамояд. Истифодаи ин фишанг яке аз шаклҳои ҳавасмандии фаъолияти тиҷоратии субъектҳои соҳибкорӣ ва идоракунии низоми андозӣ ва суботи молиявӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҷо, вазифаи давлат аз дастгири рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақаҳои кишвар иборат мебошад.

Барои субъектҳои хоҷагидорӣ истифодаи имтиёзу сабукиҳои андозӣ вобаста ба меъёру усулҳои андозбандӣ пешниҳод мегардад. Низоми махсуси андозбандӣ ва ҳавасмандиҳои андозӣ-молиявӣ ба соҳибкорони хурду миёна бо риояи шарту уҳдадориҳои муайян пешниҳод гардида, он зарурати дастгирии давлатии рушди соҳибкории мазкурро дар минтақаҳои кишвар тақозо намуда, ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва беҳтаршавии вазъи зиндагии аҳолӣ равона мегардад.

Ҳамин тариқ, пешниҳоди имтиёзу сабукиҳои андозӣ фишанги муҳими рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, он дар заминае бояд амалӣ карда шавад, ки натиҷаи он тайи солҳои тулонӣ барои суботи молиявии кишвар хизмат намояд. Дар амалисозии ин ҳадафҳо, ҳалли тадбирҳои зерин лозим аст:

- дар доираи дастгирии давлатии рушди фаъолияти соҳибкорӣ, бо дарёфти роҳҳо ва усулҳои махсуси маблағгузорӣ, аз ҷумла аз ҳисоби манбъаҳои ғайрибуҷетӣ ба роҳ мондани ҳамгироии судманди давлат ва сохторҳои соҳибкорӣ таъмин гардад, ки он ба раванди истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ мусоидат менамояд;
- бо истифода аз технологияҳои пешқадам ва сарфаи вақти субъектҳои соҳибкорӣ раванди андозбандӣ, имконияти пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ фароҳам оварда шуда, тамоми уҳдадориҳои истифодаи онҳо тариқи электронӣ ба роҳ монда шуда, харочотҳо оиди иҷрои уҳдадориҳои субъектҳои соҳибкорӣ ва корхонаю ташкилотҳои давлатӣ, тавассути робитаи мустақими субъектҳои соҳибкорӣ ва кормандони мақомоти андоз роандозӣ карда шавад;
- соддаю оммафаҳм намудани ҳисоботу санҷишҳои андозӣ ва истифодаи имтиёзу сабукиҳои андозию гумрукӣ, бо роҳҳи муттаҳид намудани сохторҳои давлатӣ (ҷорӣ намудани истифодаи имтиёзҳои андозӣ тавассути иқтисодиёти рақамӣ) ва эъломияҳои андозӣ;
- додани бартариятҳои бештар ба низоми соддакардашудаи андозбандӣ бо роҳи содда (ва ё маҳдуд) намудани тартиби андозбандӣ ва истифодаи васеъи имтиёзу сабукиҳои андозӣ ва ё паст намудани меъёри андозӣ бо усули соддакардашуда пардохти он барои субъектҳои соҳибкории хурду миёна;
- такмили механизми идоракунии хавфҳои андозӣ ҳангоми банақшагирӣ ва дурнамоии истифодаи имтиёзу сабукиҳои андозию гумрӯкӣ, ки он ҷо диққати асосӣ бояд ба пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба соҳибкорони истеҳсолӣ;

- баланд бардоштани сатҳи дониши молияви аҳолӣ ва фарҳанги андозсупорӣ, таъмини дастрасии онҳо ба иттилоот дар истифодаи самараноки имтиёзҳои андозӣ, тавассути сохторҳои давлатӣ ва ғайриҳукуматӣ дар минтақаҳои кишвар.

Умуман, истифодаи дастачамъонаи имтиёзу сабукиҳои андозӣ ва гумурукӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва корхонаю ташкилотҳо ба баланд бардоштани самаранокии низоми андозӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои андозӣ, самаранокии маъмурикунонии андоз мусоидат намуда, муҳити рақобати солим ва ҷалби бештари сармояҳоро зиёд менамояд. Идораи истифодаи самараноки имтиёзу сабукиҳои андозӣ дар раванди андозбандӣ аз омилҳои дар боло қайдгардида вобаста буда, татбиқи амалии онҳо имконият медиҳад, ки сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва вазъи молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ боз ҳам хубтар гардад.

Адабиёт

1. А.Смит. "Исследование о природе и причинах богатства народов", (англ. An Inquiry into the Nature and Causes of the Wealth of Nations), -1776 г. (https://ru.wikipedia.org).
2. Бегматов А.А. Новый этап в развитии национальной налоговой системы Республики Таджикистан / А.А. Бегматов // Сборник научных трудов НПИ, №7, часть - 2, -Душанбе, 2005. - С. 1-8.
3. Воронина Л.А. Мировой опыт налогового стимулирования инвестиций в развитие высокотехнологичных видов экономической деятельности /Л. А. Воронина//Финансы и кредит. - 2012.-№13. - С. 63-70.
4. Князев, В. Совершенствование налоговой системы и подготовка кадров для налоговой службы // Налоги. - 2003. - С. 28-33.
5. Лайченкова Н.Н. Стимулы в налоговом праве: дисс. … канд. юрид. наук. - Саратов, 2007. - 190 с.
6. Митрофанова И.А. Экономическая сущность, принципы, функции налога на прибыль: эволюционный подход // Финансы и кредит. -2013. - № 44 (572). - С. 39-51.
7. Халифазода, Ҷ. Б. Роҳҳои муккамалнамоии низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза / Ҷ. Б. Халифазода // Масъалаҳои мубрами молия ва иқтисод дар шароити рушди индустриалию инноватсионӣ: Конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон, магистрантону докторантон ва донишҷӯён бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардидани солҳои 2025-2030, «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон шудани соли 2025 ва 34-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН, Душанбе, 21–26 апреля 2025 года. – Р. 152-155. – EDN QXXVUV.
8. Шералиев Э.Н., Халифазода С. Мавқеъ ва аҳамияти имтиёзҳои андози дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон /Э.Н.Шералиев, С. Халифазода // Паёми молия ва иқтисод. - 2019. - № 1(17). - С. 38.

Маълумот дар бораи муаллифон

Муқимов Қудбуддин Мирзоҷонович-н.и.и., дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/1.

Асадуллозода Хуршед Асадулло-унвонҷуи кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/1.

Сведения об авторах

Мукимов Кудбуддин Мирзожонович-к.э.н., доцент, заместитель ректора по науке и инновациям Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимовой 64/1.

Асадуллозода Хуршед Асадулло- соискатель кафедры налогообложения и страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимовой 64/1.

About the authors

Mukimov Kudbuddin Mirzojonovich-PhD in Economics, Associate Professor, and Deputy Rector for Science and Innovation at the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 64/1 Nakhimova Street, Dushanbe, Tajikistan, 734067.

Asadullozoda Khurshed Asadullo-PhD candidate in the Taxation and Insurance Department at the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 64/1 Nakhimova Street, Dushanbe, Tajikistan, 734067.

УДК: 330

НАЗАРИЯИ АҲОЛИШИНОСИИ Т.Р. МАЛТУС

Насриддинов Ф.Б.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Мақолаи мазкур ба таҳқиқи ҷанибҳои назариявӣ ва амалии консепсияи демографии Томас Роберт Малтус бахшида шудааст. Тадқиқот методологияи таҳлилии Малтусро дар заминаи шароитҳои иҷтимоию иқтисодии асрҳои XVIII-XIX баррасӣ менамояд ва таъсири онро ба инкишофи андешаҳои иқтисодии муосир муайян мекунад. Асосгузории назарияи вобастагии иқтисодӣ-демографӣ, принсипҳои асосии он ва муқобилиятҳои илмӣ дар чаҳорчӯбаи мактабҳои гуногуни иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Муаллиф истифодаи муосири афкори Малтусро дар заминаи масъалаҳои глобалии демографӣ ва экологӣ таҳлил намуда, раванди табдили мафҳумҳои классикӣ ба самтҳои неомалтусиро нишон медиҳад.
Калидвожаҳо: консепсияи демографӣ, Т.Р. Малтус, тавозуни иқтисодӣ-демографӣ, усули геометрию арифметикӣ, прогнозҳои демографӣ, неомалтусчигӣ, таҳаввулоти демографӣ, масъалаҳои глобалӣ.
Барои иқтибос: Насриддинов, Ф. Б. Назарияи аҳолишиносии Т.Р. Малтус / Ф. Б. Насриддинов // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 46-51.

ТЕОРИЯ НАРОДОНАСЕЛЕНИЯ Т. Р. МАЛЬТУСА

Насриддинов Ф.Б.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. Данная статья посвящена изучению теоретических и практических аспектов демографической концепции Томаса Роберта Мальтуса. В исследовании рассматривается аналитическая методология Мальтуса в контексте социально-экономических условий XVIII-XIX веков и определяется ее влияние на развитие современной экономической мысли. Изучаются основы теории экономико-демографической зависимости, ее основные принципы и научные противоречия в рамках различных экономических школ. Автор анализирует современное использование идей Мальтуса в контексте глобальных демографических и экологических проблем и показывает процесс трансформации классических концепций в неомальтузианское направление.
Ключевые слова: демографическая концепция, Т. Р. Мальтус, экономико-демографический баланс, геометрический и арифметический метод, демографические прогнозы, неомальтузианство, демографические тенденции, глобальные проблемы.

T. R. MALTHUS'S POPULATION THEORY

Nasriddinov F.B.
Tajik State University of Finance and Economics

Abstract. This article examines the theoretical and practical aspects of Thomas Robert Malthus's demographic concept. The study examines Malthus's analytical methodology in the context of the socioeconomic conditions of the 18th and 19th centuries and determines its influence on the development of modern economic thought. It examines the foundations of the theory of economic-demographic dependence, its main principles, and the scholarly controversies within various economic schools. The author analyzes the contemporary use of Malthus's ideas in the context of global demographic and environmental issues and demonstrates the transformation of classical concepts into neo-Malthusian thinking.
Keywords: demographic concept, T. R. Malthus, economic-demographic balance, geometric and arithmetic methods, demographic forecasts, neo-Malthusianism, demographic trends, global issues.

Гузориши масъала. Дар таърихи илми иқтисод шахсиятҳои гуногуне вуҷуд доранд, ки афкори онҳо на танҳо дар давраи худ, балки дар садсолаҳои минбаъда низ мавриди баҳс ва муҳокимаи илмӣ қарор мегиранд. Яке аз чунин андешмандон Томас Роберт Малтус (1766-1834) мебошад, ки консепсияи демографии ӯ то имрӯз маводи тадқиқотҳои бисёрро ташкил медиҳад.

Муҳимтарин саҳми Малтус Т.Р. ба илми иқтисод ин таҳияи «назарияи аҳолишиносӣ» мебошад, ки дар он кӯшиши пайвастани омилҳои иқтисодӣ ва демографӣ сурат гирифтааст. Бояд қайд кард, ки аз нуқтаи назари Малтус муносибати зикршуда дутарафа мебошад: чӣ тавре, ки

омилҳои иқтисодӣ ба тағйир ёфтани шумораи аҳолӣ таъсир мекунанд, ҳамин тавр омилҳои демографӣ низ ба тараққиёти иқтисодиёт таъсири худро мерасонанд. Албатта, кӯшишҳои муқаррар намудани ин гуна вобастагӣ пештар ҳам буданд, вале маҳз кори Малтус барои инкишофи минбаъдаи тамоюли демографии иқтисодиёт асос гузошт.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт.

Мақсади мақола ин таҳлил ва баррасии системавии консепсияи демографии Т.Р. Малтус ва муайян кардани аҳамияти он барои фаҳмиши масъалаҳои демографию иқтисодии муосир мебошад.

Муҳтавои асосии мавод. Асрҳои XVIII-XIX давраи дигаргуниҳои бузурги иқтисодию иҷтимоӣ дар Аврупо буданд. Инқилоби саноатӣ таҷрибаи нави истеҳсолотро ба вуҷуд овард, ки боиси тағйироти амиқ дар сохтори ҷамъият гардид [3]. Дар ин давра раванди урбанизатсия шиддат гирифта, шумораи шаҳрнишинон босуръат афзуд.

Малтус проблемаи маскунияти аҳолиро бе назардошти ягон тарзи алоҳидаи истеҳсолот ва умуман тараққиёти ҷамъиятӣ дида баромад. Вай дар бораи «қонуни маскунияти аҳолӣ» ҳамчун қонуни абадии вайроннашавандаи табиат сухан меронд. Ба ақидаи ӯ, чӣ дар олами ҳайвоноту наботот ва чӣ дар ҷамъияти инсонӣ қонуни тағйирнопазири табиат вуҷуд дорад, ки «аз кӯшиши доимӣ, ки ба тамоми мавҷудоти зинда хос аст, барои зудтар ҷойгир шудан аз миқдори ғизои дар ихтиёрашон мавҷудбуда иборат аст».

Дар робита ба ҷомеаи инсонӣ, Малтус [7] таъкид мекард, ки аҳолӣ ба таври прогрессияи геометрӣ меафзояд (яъне 1, 2, 4, 8, 16, 32, 64, 128, 256), дар ҳоле, ки воситаҳои зиндагонӣ дар намуди прогрессияи арифметикӣ меафзоянд (яъне 1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9...). Ба ақидаи ӯ баъд аз ду аср шумораи аҳолӣ нисбат ба воситаҳои зиндагонӣ ҳамчун 256 ба 9, пас аз се аср - ҳамчун 4096 ба 13 алоқамандӣ хоҳад дошт; пас аз ду ҳазор сол ин фосила беканор ва бешумор хоҳад буд. Ин консепсия баъдтар ҳамчун қонуни кам шудани ҳосилхезии замин номида мешавад. Малтус навишта буд, ки ду баробар зиёд шудани шумораи сокинони Замин, дар ҳақиқат, ба ду маротиба кам шудани андозаи кураи Замин баробар аст. Ҳар қадар шумораи аҳолӣ зиёд бошад, ҳамон қадар замини кишт ба ҳар кас камтар мемонад. Аз ин рӯ, бинобар қонуни кам шудани ҳосилхезӣ, тамоюли ақиб мондани афзоиши захираҳои озуқаворӣ нисбати афзоиши аҳолӣ мушоҳида мешавад. Малтус гуфтаҳои худро ба ҳеҷ вақҳ асоснок накард, вай аз тахминҳои холис баромад мекард, ки бо ягон маводи ҳақиқӣ тасдиқ нагардидааст.

Малтус як фактро ба мисол меорад, ки он бо пешниҳоду гуфтаҳояш боихтилоф аст. Ӯ дар бораи ду баробар афзудани аҳолии Америкаи Шимолӣ дар зарфи 25 соли охир сухан ронда, ин фактро далели он мешуморад, ки шумораи аҳолӣ ба таври беандоза меафзояд. Дар ҳақиқат бошад, чунон ки Малтус қайд мекунад, афзоиши аҳолӣ бемонеъ ба амал намеояд. Ӯ худ афзуд, ки мулоҳизаҳо дар бораи дучанд гаштани аҳолӣ дуруст нест. Вагарна ҳисоб кардан осон аст, ки дар давоми 1000 сол шумораи аҳолӣ 240 баробар зиёд мешуд. Яъне агар соли 1001-и мелодӣ дар рӯи замин ду нафар зиндагӣ мекарданд, пас соли 2001 ин нишондиҳанда аллакай беш аз $2x10^{12}$ ё ду триллион нафарро ташкил медод, ки аз шумораи воқеии имрӯза тақрибан сесад маротиба зиёдтар аст.

Ба ақидаи Малтус чунин афзоиши аҳолӣ танҳо дар шароити муайяни мушаххас имконпазир аст ва дар ҳаёти воқеӣ инсон ба «монеаҳо»-и гуногун дучор мешавад, ки онҳоро метавон ба таври зерин тасниф кард:

1. Маҳдудияти ахлоқӣ: «Вазифаи ҳар як инсон аз он иборат аст, ки дар бораи оиладорӣ танҳо вақте тасмим бигирад, ки насли худро бо маводи рӯзгор таъмин карда тавонад. Дар баробари ин зарур аст, ки зану шавҳар дар роҳи ҳаёти оилавӣ қуввати худро нигоҳ доранд, то ки ҳамон қувва тавонад дар шахси муҷаррад майли бо меҳнат ба дараҷаи зарурии некӯаҳволӣ ноил шуданро бедор кунад».

2. Бадахлоқӣ: «Фосиқӣ, муносибатҳои ғайритабиӣ, таҳқири кати зану шавҳар, найрангҳое, ки барои пинҳон кардани оқибатҳои робитаи ҷиноятӣ ва ғайритабиӣ андешида мешаванд».

3. Бадбахтиҳо: «Шуғлҳои барои саломатӣ зарарнок, меҳнати вазнин, кор дар шароити боду ҳавои бад, камбизоатии шадид, камғизоии кӯдакон, шароити носолими зиндагӣ дар шаҳрҳои калон, исрофкорӣ, беморӣ, эпидемия, ҷанг, вабо, гуруснагӣ».

Ҳамин тавр, дучандшавии аҳолии зикршуда танҳо дар марҳалаи муайяни таърихии рушд сурат гирифт ва он на аз ҳисоби афзоиши табиии аҳолӣ, балки аз ҳисоби муҳоҷират ба амал омад.

Хулосаи асосие, ки Малтус дар «Таҷриба оиди қонуни аҳолишиносӣ» зикр кард, ин буд, ки камбағалӣ, қашшоқии оммаи меҳнаткашон натиҷаи қонунҳои ногузири табиат аст ва аз ташкилоти ҷамъияти одамон вобастагӣ надорад. Камбағалону бенавоён ҳақ надоранд, ки аз сарватмандон чизе талаб кунанд, зеро шахсони доро дар бадбахтии онҳо гунаҳкор нестанд Малтус зикр карда буд, ки

«Сабаби асосӣ ва доимии камбизоатӣ аз нобаробарии тақсимоти молу мулк, аз шакли давлатдорӣ кам ё тамоман вобастагӣ надорад; сарватмандон қудрат надоранд, ки бенавоёнро бо кор ва озуқа таъмин намоянд; - Бинобар ин, камбағалон дар асл ҳуқуқ надоранд, ки аз онҳо кор ва озуқа талаб кунанд: ин ҳақиқатҳои муҳимест, ки аз қонуни аҳолишиносӣ бармеоянд» [8].

Ҳамин тариқ, худи Малтус мақсади назарияи худро дар бораи афзоиши аҳолӣ хеле равшан кушод, - он ба фалаҷ гардондани муборизаи синфии пролетариат, беасос ва беҳуда будани талабот нисбат ба буржуазия равона шудааст. Бесабаб нест, ки Малтус таъкид мекард, ки паҳн кардани ақидаҳои ӯ «дар байни камбағалон» ба омма таъсири «фоиданок» мебахшад, албатта, барои синфҳои ҳукмрон фоиданок аст.

Худи Малтус тамоми қувваро барои аз замина маҳрум кардани муборизаи синфи коргарро ба кор бурда, ба муқобили ҳуқуқҳои ҳаётии меҳнаткашон, ба муқобили талаботи оддии адолати инсонӣ ошкоро ва беҳаёона баромад мекард. Ӯ чунин мавқеъро ба миён гузошт, ки гуё барои қашшоқии синфи коргар худи онҳо гунаҳгоранд ва танҳо бо роҳи маҳдуд кардани коэффитсиенти таваллуд камбизоатии худро паст карда метавонанд. Малтус ҳамчун чораҳои мубориза бар зидди афзоиши аҳолӣ "маҳдудияти ахлоқӣ" - худдории камбизоатонро аз издивоҷ пешниҳод кард. Дар бемориҳо, меҳнати хастакунанда, гуруснагӣ, эпидемияҳо, ҷангҳо, ки бадбахтии ҳақиқии меҳнаткашон мебошанд, вай воситаҳои табиии нест кардани аҳолии «зиёдатиро» медид.

Дарвоқеъ, дарҳол пас аз интишори муқаррароти асосӣ назарияи Малтус мавриди баҳси пажӯҳишгарон, ходимони ҷамъиятӣ ва ҳатто дар байни намояндагони касбу кори гуногун қарор гирифт. Ба ғайр аз пайравони назария, инчунин мунаққидони он низ пайдо шуданд, ки баъзеи онҳо хеле асоснок буданд. Минбаъд мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм - аз иқтисодчиёну ҷомеашиносон сар карда то биологҳое, ки занҷирҳои трофикии биосенозро меомӯзанд, ба асарҳои Малтус истинод мекарданд. Асарҳои Малтус ба инкишофи назарияи Дарвин [4] таъсири ҳалкунанда расонданд.

Классикҳои марксизм ба «қонуни» аҳолишиносии Малтус танқиди ҳалокатовар зада, нақши реаксионии онро ошкор намуданд. Маркс нишон дод, ки мазмуни асосии ин «қонун» дар иваз кардани қонунҳои муайяни сотсиалию иқтисодии капитализм ба қонунҳои номавҷуди «абадӣ» ва «тағйирнашаванда»-и табиат асос ёфтааст. Маркс бар хилофи Малтус исбот кард, ки қонуни афзоиши аҳолӣ умуман вуҷуд надорад ва ҳар гурӯҳи ҷамъиятӣ қонуни хоси афзоиши худро дорад. Ғайр аз ин афзоишу барзиёдии мутлақи аҳолӣ ҳам вуҷуд дошта наметавонад, зеро дар натиҷаи қонуни умумии ҷамъоварии капиталистӣ танҳо барзиёдии нисбии аҳолӣ ҳамчун хусусияти хоси капитализм вуҷуд дошта метавонад. Бекорӣ ва қашшоқии синфи коргарро на қонунҳои табиат, балки натиҷаи кори қонуни зикршуда муайян мекунад. Маркс [9] ва Ленин нишон доданд, ки татбиқи қонунҳои табиат нисбат ба ҷамъияти инсонӣ беасос мебошад.

«Далел»-и асосии Малтус дар бораи он, ки афзоиши воситаҳои рӯзгор аз афзоиши аҳолӣ хеле ақиб мемонад, «қонуни» ғайриилмии паст шудани ҳосилхезии замин буд.

Классикҳои марксизм ба ин «қонун» сахт танқид карда, нишон медоданд, ки тарафдорон ҷиҳатҳои муҳимро як тараф мегузоранд, афзоиши қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият ва технологияи истеҳсолотро ба эътибор намегиранд. В.И. Ленин [5] «қонуни» паст шудани ҳосилхезии заминро танқид карда, исбот кард, ки ба даст овардани озуқаворӣ душвориҳои умумӣ надорад, мушкилоти асосӣ ин бо озуқа таъмин намудани танҳо як қисми аҳолӣ - синфи коргар аст ва он на ба қонунҳои абадии табиат, балки комилан ба қонунҳои муайяни капитализм вобастагӣ дорад. Маркс асари Малтус «Таҷриба оиди қонуни аҳолишиносӣ...» [6] -ро умуман ҳамчун «плагиати рӯякии донишҷӯёна...» тавсиф кардааст.

Людвиг фон Мизес [10] ба назарияи Малтус ва таъсири он ба «назарияи иҷтимоии либерализм» аҳамияти калон медод. Ба андешаи Мизес, назарияи пешниҳоднамудаи Малтус дар бораи аҳолишиносӣ чизе беш аз як ҷузъи таълимоти иҷтимоии либерализм нест, «гарчанде мунаққидон доимо нишон медиҳанд, ки ин воқеиятро дарк намекунанд». «Мағзи назарияи иҷтимоии либерализм ин назарияи тақсимоти меҳнат мебошад. Шароити иҷтимоии қонуни аҳолишиносии Малтусро танҳо дар робитаи зич бо он дуруст шарҳ додан мумкин аст. Ҷомеа ҳамчун иттиҳодияи одамон барои беҳтар истифода бурдани шароити табиии мавҷудият ба вуҷуд меояд. Моҳиятан ҷамъият роҳи манъи нобуд кардани ҳамдигарии одамон мебошад, мубориза бо ёрии ҳамдигарӣ иваз карда мешавад, ин ангезаи асосии рафтори ҳамаи аъзоёни як организмро ташкил медиҳад. Дар доираи ҷамъият набояд мубориза бошад - танҳо сулҳ. Ҳар як мубориза, дар ҳақиқат, ба ҳамкории сотсиалӣ монеа мешавад. Ҷамъият-организми муттаҳид муборизаро барои мавҷудият ба муқобили қувваҳои душман бартараф карда метавонад. Аммо, аз дарун, вақте ки ҷомеа аз афроди

мутақобила иборат аст, он ба ҷуз ҳамкорӣ дигар чизе буда наметавонад» - қайд мекунад Людвиг фон Мизес.

Мизес дар бораи натиҷаҳои Малтус шарҳи шахсии худро медиҳад: «Моликияти хусусӣ ба воситаҳои истеҳсолот принсипи танзимкунанда мебошад, ки мувозинати байни миқдори маҳдуди воситаҳои дар ихтиёри ҷамъият буда ва шумораи тезтар афзудаистодаи истеъмолкунандагонро таъмин менамояд. Ин принсип ҳар як одамро ба квотаи маҳсулоти иқтисодӣ вобаста мекунад, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ аз коэффисиенти моликият ва меҳнат маҳфуз аст. Он дар паст шудани нишондиҳандаи таваллуд дар зери фишори ичтимоӣ, аз байн рафтани аъзоёни зиёдатии ҷамъият ифода меёбад, чунон ки дар олами ҳайвонот ва наботот рӯй медиҳад. Вазифаи мубориза барои мавҷудиятро «тормози маънавӣ», ки наслро маҳдуд мекунад, иыро мекунад» [10].

Людвиг фон Мизес айбҳои одамбадбинӣ ва бераҳмиро нисбат ба назарияи Малтус рад карда, хонандагонро аз хулосаҳои нодуруст огох мекунад: «Дар ҷамъият мубориза барои зинда мондан нест ва буда ҳам наметавонад. Аз назарияи иҷтимоии либерализм чунин хулосаҳои ваҳшиёна баровардан хатои дағалона мебуд. Ибораҳои Малтусро, ки барои тафсирҳои нодуруст истифода бурда мешаванд, аз контекст гирифта, бо нокифояӣ ва нопурра будани нашри аввал, ки қабл аз пурра ташаккул ёфтани рӯҳияи иқтисоди сиёсии классикӣ навишта шудааст, шарҳ медиҳанд. Бояд таъкид кард, ки то Дарвин ва Спенсер ҳеҷ кас мубориза барои мавҷудиятро ба маънои муосири калима ҳамчун принсипи рафтор дар ҷомеаи инсонӣ амалкунанда ҳисоб карда наметавонист» [10].

Сарфи назар аз номувофиқатии илмии «қонуни» аҳолишиносии Малтус, он дар байни буржуазия ва идеологҳои он муваффақияти калон ба даст овард, зеро талаботи синфии онҳоро ба дараҷаи олӣ қонеъ мегардонд.

Варианти навшудаи назарияи Малтус неомалтусчигӣ мебошад. Ба вуҷуд омадани яке аз самтҳои неомалтусчигӣ бо пайдоиши асарҳои Ф.Пледжс (Британияи Кабир) дар солҳои 70-ум алоқаманд аст, ки дар онҳо идеяи истифодаи контрасепсия барои паст кардани сатҳи таваллуд ба миён гузошта шудааст. Идеяи аз байн бурдани ғаризаи таваллуд ва афзоиш аз шуури инсон ба миён гузошта шудааст [2]. Аз миёнаи солҳои 50-ум сар карда дар шароити барзиёдшавии аҳолӣ идеяҳои неомалтусчигӣ қувваи нав гирифтанд. Ба назари маъмулӣ, идеяҳои ӯ ба рад кардани фарзанддорӣ дар издивоҷ табдил меёбанд. Ин равияи идеологӣ дар охири асри XIX ба вуҷуд омадааст. Агар малтусчигӣ классикӣ таъсири омилҳои иҷтимоиро ба аҳолӣ комилан ба назар нагирифта онро инкор кунад, пас неомалтусчигӣ ин таъсирро эътироф карда, онро ба таъсири омилҳои биологӣ баробар мекунад. Неомалтусчигӣ паҳлӯи иҷтимоии раванди афзоиши инсонро сарфи назар мекунад. Дар як қатор мамлакатҳои Европа иттифоқҳо ва лигаҳои неомалтусӣ ташкил карда шуданд. Ҳадафи асосии онҳо паҳн кардани маълумот дар бораи роҳҳои оқилона ва безарари пешгирии ҳомиладорӣ мебошад.

Омилҳоеро, ки ба афзоиши аҳолӣ халал мерасонанд, расман ба 2 гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: профилактикӣ (муҷаррадӣ, бе ҳамсар мондан, дер издивоҷ кардан, пеш ва баъд аз издивоҷ худдорӣ кардан, даст кашидан аз таваллуди фарзанд) ва табиӣ (ҷангҳо, эпидемияҳо, гуруснагӣ).

Дар айни замон тамоюли пастшавии сатҳи таваллуд мувофиқи меъёри гузариши демографӣ аллакай ба тамоми кишварҳои рӯ ба тараққӣ таъсир расонидааст, ки ин ба тағйироти иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаи рӯ ба тараққӣ дар маҷмӯъ ва тағйирёбии мавқеи оила, нақши зан-модар дар тарбияи фарзанд ва иштироки ӯ дар истеҳсолот вобаста аст. Дараҷаи умумии фавт коҳиш ёфта истодааст, ки ба муқобили он дар аксари кишварҳои рӯ ба тараққӣ сохтори хеле ҷавони аҳолӣ ба назар мерасад, ки то андозае ба идомаи барзиёдшавии ҳозираи аҳолӣ мусоидат мекунад. Аз дигар тараф, дар бархе аз кишварҳои Африқои Ҷанубӣ, дар солҳои охир ба далели идомаи эпидемияи БПНМ, эбола ва ғайра, марги одамон дар ҳоли афзоиш аст.

Сабабҳои паст шудани сатҳи таваллуд:

- кам шудани фавти кӯдакон (дар натиҷа зарурати доштани «фарзандони эҳтиётӣ» ба миён намеояд);
- ташкили таъминоти иҷтимоӣ (нафақа барои пиронсолон аз ҳисоби давлат дода мешавад ва кӯдакон дар пиронсолӣ дигар саробони ягона нестанд);
- пош хӯрдани оилаи кӯҳнаи патриархалӣ ва ба вуҷуд омадани оилаҳои хурд, ки дар онҳо тарбияи шумораи зиёди фарзандон мушкил аст;
- афзоиши мустақилияти занон (равияи феминизм) ва пайдоиши системаи нави арзишҳо дар онҳо, ки асосии он ҳоло берун аз хона аст;
- баланд шудани дараҷаи маърифату саводнокӣ ва васеъ шудани доираи манфиатҳои одамон;

- зиёд шудани хароҷот барои тарбия ва таълими фарзандон (агар дар хоҷагии қишлоқ фарзандон аз хурдсолӣ бо кор кардан дар замин «хароҷоти худро пардозанд», акнун ба онҳо то синни 20 солагӣ маблағ «сармоя кардан» лозим аст);
- урбанизатсия як навъ нишондиҳандаи таркибии тағйирёбии шароит ва тарзи зиндагӣ мебошад: дар минтақаҳои шаҳрнишин (пеш аз ҳама дар шаҳрҳои калон) ҳамаи омилҳои дар боло зикршуда қавитаранд.

Дар дунёи муосир аксари давлатҳо гузариши демографиро ҳанӯз ба охир нарасонидаанд ва дар ҳолати гуногуни марҳилаҳои худ қарор доранд. Ҳамин тавр, мамлакатҳои Африқои ҷанубии Сахара асосан дар марҳалаи «таркиш»-и аҳолӣ қарор доранд, ки суръати афзоиши солонаи аҳолӣ дар як сол ба 3% мерасад (шумораи он дар ҳар 20-25 сол ду баробар меафзояд). Қутби дигар Аврупо аст, ки аллакай гузариши демографиро анҷом додааст ва кишварҳои пешрафта (Ҷопон, ИМА, Канада, Австралия). Мамлакатҳои боқимондаи ҷаҳон «дар байни ин ду гурӯҳи мамлакатҳо» қарор доранд [11].

Назарияи «миллиарди тиллоӣ» пас аз нашри китоби «Кумитаи 300» аз ҷониби полковники амрикоӣ Ҷон Колман аз Сарраёсати истихборот маъмул шуд. Тақрибан 30 сол ӯ механизмҳои махфии идоракунии ҷаҳонро омӯхта, ба хулосае омад, ки равандҳои глобалиро 300 оилаи сарватмандтарин идора мекунанд. Тибқи ин консепсия, дар рӯи замин захираҳои табиӣ торафт камтар шуда истодаанд ва ба қарибӣ онҳо барои тамоми сокинони сайёра намерасад, бинобар ин барои зиндагии бароҳат дар рӯи замин танҳо барои 1 миллиард нафар захираҳои табиӣ кофӣ хоҳанд буд [1].

«Миллиарди тиллоӣ» мафҳуме мебошад, ки ба аҳолии сарватмандтарин ва пешрафтатарини кишварҳои ҷаҳон марбут аст, ки дар муқобила бо тамоми ҷаҳон меистанд. Гумон меравад, ки шумораи сокинони ин кишварҳо, ки ақаллияти аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳанд, тақрибан ба як миллиард баробар аст ва бо истифода аз усулҳои гуногун кӯшиш мекунанд, ки сарватҳои табииро асосан барои худ истифода баранд. Ба шумораи ин мамлакатҳо ИМА, Канада, аксарияти мамлакатҳои Аврупаи Ғарбӣ, Япония ва Австралия дохил мешаванд. Сатҳи бесобиқаи некӯаҳволӣ ва сатҳи баланди зиндагиеро, ки онҳо ба даст овардаанд, барои татбиқи мафҳуми «миллиарди тиллоӣ» ба аҳолии ин кишварҳо замина фароҳам меорад.

Хулоса. Консепсияи демографии Томас Роберт Малтус яке аз назарияҳои таъсиргузортарин дар таърихи илми иқтисод мебошад. Консепсияи Малтус дар шароити таърихии муайян ташаккул ёфта, кӯшиши ҳалли масъалаҳои воқеии ҷамъияти он замон буд. Малтус яке аз пешқадамони таҳлили комплексии масъалаҳои иқтисодию демографӣ буд. Усули ӯ, гарчанде содалавҳона, замина барои инкишофи усулҳои динамикии таҳқиқоти иқтисодӣ гузошт.

Ҳамин тавр, вақтҳои охир фаъолона паҳн шудани мафҳумҳои неомалтусчигӣ бо афзоиши босуръати аҳолии кураи замин (асосан дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ), тезутунд шудани проблемаи экологӣ, зиёд шудани фарқияти дараҷаи рушди байни кишварҳои пешрафтаи саноатӣ ва кишварҳои рӯ ба тараққӣ алоқаманд аст.

Агар то ибтидои асри оянда банақшагирии оилавӣ қариб тамоми аҳолии кураи Заминро фаро гирад ва агар ин маҳдудият дар сатҳи 2,2-2,5 фарзанд ба ҳар як зану шавҳар ба амал ояд, пас асосҳое мавчуданд, ки дар охири асри 21 ба эътидол овардани шумораи аҳолӣ ба сатҳи 11-12 миллиард нафар мерасад. Муҳимтарин шарти ҳалли масъалаи ба тартиб даровардани афзоиши аҳолӣ дигаргуниҳои амиқи сотсиалию маънавӣ, баланд шудани дараҷаи моддӣ ва мадании халқҳо мебошад. Дар баробари ин сухан дар бораи назорати маҷбурии таваллуд аз нуқтаи назари Малтус не, балки дар бораи як қатор тадбирҳои хуб андешидашуда меравад, ки ба туфайли онҳо афзоиши аҳолӣ дар баъзе минтақаҳо ва мамлакатхо бояд тезонда шуда, дар дигар мамлакатҳо як андоза суст шавад.

Адабиёт

1. Coleman J. Conspirators' Hierarchy: The Story of the Committee of 300. - Carson City: America West Publishers, 1992. - 288 p.
2. Place F. Illustrations and Proofs of the Principle of Population. - London: Longman, Hurst, Rees, Orme, and Brown, 1822. - 286 p.
3. Аникин А.В. Юность науки: Жизнь и идеи мыслителей-экономистов до Маркса. - М.: Политиздат, 1985. - 367 с.
4. Дарвин Ч. Происхождение видов путем естественного отбора или сохранение благоприятных рас в борьбе за жизнь. М., 1991.

5. Ленин В.И. Аграрный вопрос в России к концу XIX века // Полное собрание сочинений. - 5-е изд. - Т. 17. - М.: Политиздат, 1968. - С. 57-137.
6. Мальтус Т.Р. Опыт о законе народонаселения. М., 2007.
7. Мальтус Т.Р. Очерк о законе народонаселения. – Издание К.Т. Солдатенкова, 1895.
8. Мальтус, Томас Роберт. Опыт о законе народонаселения, или Изложение прошедшаго и настоящаго действия этого закона на благоденствие человеческаго рода, с приложением нескольких исследований о надежде на отстранение или смягчение причиняемаго им зла [Текст] / перевел П. А. Бибиков. – Санкт-Петербург: Тип. И. И. Глазунова, 1868.
9. Маркс К., Энгельс Ф. Соч. Изд. 2-е. Т.2. С. 504.
10. Мизес Л. фон. Либерализм. - М.: Экономика, 2001. - 239 с.
11. Цикунов А.К. «Золотой миллиард» и судьба России // Общественные науки и современность. - 1997. - № 4. - С. 45-56.

Маълумот дар бораи муаллиф

Насриддинов Фирӯзҷон Бобоевич–номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори кафедраи бехатарии иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: +992-985-0-11-00

Сведения об авторе

Насриддинов Фирузжон Бобоевич–кандидат экономических наук, исполняющий обязанности профессора кафедры экономической безопасности Таджикского государственного университета финансов и экономики. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: +992-985-0-11-00

About the author

Nasriddinov Firuzjon Boboevich–Candidate of Economic Sciences, Acting Professor of the Department of Economic Security of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14. Phone: +992-985-0-11-00

УДК: 316.775(575.3)

САВОДНОКИИ РАҚАМӢ ҲАМЧУН УНСУРИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ ИННОВАТСИОНӢ

Садиқова Ш.К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар мақола масъалаи саводнокии рақамӣ ҳамчун унсури рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Қайд карда шудааст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, иқтисодиёти муосир ба марҳилаи сифатан нав - иқтисодиёти инноватсионӣ ворид мегардад. Дар чунин муҳит, сармояи инсонӣ ҳамчун омили асосии рушди устувори иқтисодӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Муаллиф иброз медорад, ки яке аз унсурҳои калидии сармояи инсонӣ дар асри XXI ин саводнокии рақамӣ мебошад. Мақолаи мазкур ба таҳлили назариявӣ ва таҳлилӣ-иқтисодии саводнокии рақамӣ ҳамчун шакли муосири сармояи инсонӣ бахшида шудааст. Аз ҷониби муаллиф намудҳо ва аҳаммияти саводнокии рақамӣ дар рушди бозори меҳнат, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва рақобатпазирии иқтисодӣ баррасӣ гардида, мушкилот ва дурнамои рушди онҳо таҳлил шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки саводнокии рақамӣ яке аз унсурҳои асосии рушди сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад.

Калидвожаҳо: саводнокии рақамӣ, сармояи инсонӣ, маҳорати рақамӣ, иқтисодиёти инноватсионӣ, иқтисоди рақамӣ, бозори меҳнат, сармояи зеҳнӣ, иқтисодиёти институтсионалӣ, рақобатпазирӣ, технология, иттилоот.

Барои иқтибос: Садиқова, Ш. К. Саводнокии рақамӣ ҳамчун унсури рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ / С. Ш. Садиқова // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – №. 1. – С. 52-59.

ЦИФРОВАЯ ГРАМОТНОСТЬ КАК ЭЛЕМЕНТ РАЗВИТИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА В УСЛОВИЯХ ИННОВАЦИОННОЙ ЭКОНОМИКИ

Садикова Ш.К.
Таджикский национальный университет

Аннотация. В статье рассматривается проблема цифровой грамотности как элемента развития человеческого капитала в условиях инновационной экономики. Отмечается, что в условиях глобализации и стремительного развития цифровых технологий современная экономика вступает в качественно новый этап – этап инновационной экономики. В такой среде человеческий капитал играет решающую роль как ключевой фактор устойчивого экономического развития. Автор подчеркивает, что одним из важнейших элементов человеческого капитала в XXI веке является цифровая грамотность. Настоящая статья посвящена теоретическому и аналитико-экономическому анализу цифровой грамотности как современной формы человеческого капитала. Рассматриваются виды и значение цифровой грамотности в развитии рынка труда, повышении производительности труда и экономической конкурентоспособности, а также анализируются проблемы и перспективы её развития. Результаты исследования свидетельствуют о том, что цифровая грамотность должна стать одним из приоритетных направлений социально-экономической политики.

Ключевые слова: цифровая грамотность, человеческий капитал, цифровые навыки, инновационная экономика, цифровая экономика, рынок труда, интеллектуальный капитал, институциональная экономика, конкурентоспособность, технологии, информация.

DIGITAL LITERACY AS AN ELEMENT OF HUMAN CAPITAL DEVELOPMENT IN THE CONTEXT OF AN INNOVATIVE ECONOMY

Sadikova Sh.K.
Tajik National University

Abstract. The article examines the problem of digital literacy as an element of human capital development in the context of an innovative economy. It is noted that under the conditions of globalization and the rapid development of digital technologies, the modern economy is entering a qualitatively new stage—the stage of an innovative economy. In such an environment, human capital plays a decisive role as a key factor of sustainable economic development. The author emphasizes that one of the most important elements of human capital in the 21st century is digital literacy. This article is devoted to a theoretical and analytical-economic analysis of digital literacy as a modern form of human capital. The types and significance of

digital literacy in the development of the labor market, the enhancement of labor productivity, and economic competitiveness are examined, and the challenges and prospects of its development are analyzed. The research results indicate that digital literacy should become one of the priority directions of socio-economic policy.
Keywords: digital literacy, human capital, digital skills, innovative economy, digital economy, labor market, intellectual capital, institutional economy, competitiveness, technology, information.

Гузориши масъала. Саводнокии рақамӣ ҳамчун унсури рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ мебошад. Саводнокии рақамӣ маҷмӯи дониш ва қобилиятҳое мебошад, ки ба инсон имкон медиҳад технологияҳои рақамиро самаранок истифода барад. Дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ талабот ба касбҳои анъанавӣ коҳиш ёфта, дар навбати худ талабот ба мутахассисони дорои маҳоратҳои рақамӣ дошта меафзояд. Ин раванд зарурати мутобиқсозии низоми маориф ва сиёсати шуғлро ба миён меорад. Моҳияти назариявию амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки сатҳи саводнокии рақамӣ боиси ташаккулёбии сармояи инсонӣ шуда, дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ заминаи рақобатпазирӣ мегардад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашрияҳо. Масоили саводнокии рақамӣ ҳамчун унсури рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ дар таҳқиқоти илмии иқтисодчиёни ватанӣ: Комилов С.Ҷ., Ғаниев Т.Б., Шамсов И.С., Ҳамидова С.Х., Ҳодиев Д.А. ва дигарон омӯхта шудааст.

Мақсади мақола ин муайян намудани таъсири саводнокии рақамӣ ба ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ ба шумор меравад. Барои ноил шудан ба ҳадафи гузошташуда таҳқиқи масъалаҳои зерин зарур мебошанд:

- ошкорсозии хусусиятҳои саводнокии рақамӣ ва таъсири он ба ташаккули сармояи инсонӣ;
- муайянсозии донишу маҳорати рақамии кормандон;
- таъсири сармояи инсонӣ ба саводнокии рақамӣ ва баръакс;
- ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ.

Муҳтавои асосии мавод. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини рушди иқтисоди миллӣ нақши калидӣ доштани иқтисоди рақамӣ ва инноватсияро дарк намуда, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (соли 2024) чунин ибрози андеша намуданд: «...Ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод менамоям, ки солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд. Дар ин раванд, муҳайё кардани шароити беҳтарин барои тарбияи кадрҳо, пешниҳод намудани имтиёзҳои гуногун, ҳавасмандгардонии мутахассисони самти технологияҳои иттилоотӣ ва бозомӯзӣ дар муассисаҳои пешқадами хориҷӣ зарур дониста мешавад...» [1]. Чунин иқдоми наҷибонаи Пешвои миллат шаҳодат аз он медиҳад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳамаҷониба омода кардани кадрҳои ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, шароитҳои заруриро таъмин намуда истодааст.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати ташаккул ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ аҳаммияти махсус дода шудааст. Дар ин ҳуҷҷати бағоят муҳим таъкид шудааст, ки «...Дар давраи дарозмуҳлат таъмини рушди устувори кишвар бе истифодаи навовариҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар ғайриимкон аст. Дар даҳсолаи наздик силсилаи нави технологӣ, иқтисодӣ ва сиёсии хоҷагии ҷаҳонӣ оғоз меёбад, ки он суръати афзоиши иқтисодии ҷаҳониро то нимаи асри XXI тадриҷан коҳиш медиҳад. Мо бояд барои дарки дурусти ин раванд омода бошем ва аз имрӯз самтҳои модели рушди ояндаро муқаррар намуда, хусусиятҳои сифатии онро муайян созем. Омили такондиҳандаи чунин модели рушд захираи инсонӣ бо ҷузъҳои асосии таркибии он – маориф ва илм, ҳамчун шарти муҳимтарини баланд бардоштани сатҳи амнияти миллӣ ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Нақши давлат дар муайянкунӣ ва дастгирии самтҳои афзалиятноки илму техника бояд тақвият дода шавад» [9, с.7]. Аз ин маълумотҳо бар меояд, ки дар шароити тараққиёти техникаю технологияҳои рақамӣ ва барои таъмини иқтисоди инноватсионӣ кадрҳое омода кардан зарур аст, ки дорои саводнокии рақамӣ бошанд.

Чи тавре, ки маълум аст ҷиҳати муайян намудани мафҳуми **«саводнокии рақамӣ»** миёни олимони соҳа баҳсҳои мухталиф ба вуҷуд омадаанд. Мафҳуми саводнокии рақамиро дар илмҳои сотсиология, педагогика ва техникӣ дучор шудан мумкин аст. Аз нигоҳи илмҳои иқтисодӣ бошад олимон мафҳуми саводнокии рақамиро бо пайдоиши иқтисоди рақамӣ ва иқтисоди инноватсионӣ

алоқаманд медонанд. Бинобар ин, иқтисоддонҳо саводнокии рақамиро бо мафҳуми иқтисоди рақамӣ алоқаманд меҳисобанд. Яъне, ки саводнокии рақамӣ метавонад боиси ташаккулёбии сармояи инсонӣ гардида, дар маҷмуъ заминаи рушди иқтисоди инноватсионӣ гардад. Дар ин ҷо ақидаҳои бархе аз олимони ватанию хориҷиро ҷиҳати боз ҳам пурратар намудани моҳияти саводнокии рақамӣ ва аҳаммияти он дар ташаккули сармояи инсонӣ дида мебароем. Бояд қайд намуд, ки дар навбати худ ташаккули сармояи инсонӣ заминаи мусоид барои таъмини иқтисоди инноватсионӣ мегардад.

Маълум нест, ки нахустин шуда ки мафҳуми саводнокии рақамиро ба илми иқтисод ворид кардааст. Қаблан, бархе аз олимон танҳо дар бораи **«саводнокии компютерӣ»** сухан мегуфтанд. Аммо олими амрикои Пол Гилстер дар соли 1997, бори аввал истилоҳи **«саводнокии рақамӣ»**-ро истифода бурда, изҳор дошт, ки саводнокии рақамӣ танҳо аз донистани тарзи истифодаи технология берун меравад [10, с.166]. Яъне, ки танҳо кор бо компютер мафҳуми саводнокии рақамиро пурра карда наметавонад. Дар зери ин мафҳум ҳамчун «қобилияти фаҳмидан ва истифода бурдани иттилооте, ки дар шаклҳои гуногун аз доираи васеи манбаъҳо тавассути компютерҳо пешниҳод мегардад», маънидод карда шудааст. Дар маҷмӯъ, саводнок будан на танҳо қобилияти хондану навиштанро дар бар мегирад, балки иҷрои ин амалҳоро бо дарки маъно ва ҳадаф низ ифода мекунад.

Оид ба масъалаи саводнокии рақамӣ олимони Донишгоҳи давлатии омузгории Нижегородскии Федератсияи Россия махсусан Грязнова Е.В., Полянская В.А., Пронина С.В. нигоҳи хоси худро доранд. Онҳо иброз медоранд, ки «...Соҳиб будан ба малакаҳои рақамӣ ба мутахассис имкон медиҳад, ки техникаи иттилоотии дараҷаҳои гуногуни мураккабро барои коркарди иттилооте, ки дар фаъолияти касбӣ заруранд, бо дарназардошти меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин тадбирҳои амнияти иттилоотӣ истифода намояд. Дар навбати худ саводнокии рақамӣ рушди доимиро тақозо менамояд. Бо иброаи дигар, пас аз аз худ намудани малакаҳои ибтидоӣ дар фаъолияти рақамӣ, шахс маҷбур аст сатҳҳои минбаъдаи онро низ аз худ кунад ва ба самти дарёфти малакаҳои таҳлили додаҳо ва идоракунии фаъолияти лоиҳавӣ дар муҳити рақамӣ ҳаракат намояд» [4, с.378]. Аз нигоҳи олимони мазкур бар меояд, ки саводнокии рақамӣ ҳамчун мафҳум имрӯз таърифи нисбатан фарогир ва дақиқ касб намудааст. Дар асоси ин мафҳум пеш аз ҳама истилоҳи «салоҳиятҳои рақамӣ» дида мешавад. Саводнокии рақамӣ дар навбати худ чунин шакли умумиро фаро мегирад: ҷузъи техникӣ, тафаккури интиқодӣ ва саводи медиавӣ, малакаҳои ҷустуҷӯ, таҳлил ва табдил, инчунин унсурҳои арзишӣ-маънавӣ ва танзимкунанда, ки маҳз ҳамин ҷанбаҳо салоҳияти рақамиро нисбат ба дигар навъҳои салоҳиятҳо махсус мегардонанд.

Муҳақиқи дигари соҳа, дотсент Ганич Л.В. чунин андеша дорад, ки «...Саводнокии рақамӣ асосан ба маҷмӯи дониш, малака ва муносибатҳо ишора мекунад, ки ба шахс имкон медиҳад мушкилотро дар муҳити рақамӣ самаранок ҳал намояд. Имрӯз пешрафти иқтисодӣ аз рӯи саҳми моликияти зеҳнӣ - мутахассисони соҳаҳо ва фаъолияти баланди технологӣ - дар сохтори умумии ҷомеа муайян карда мешавад. Малакаҳои идоракунии маълумот ва саводнокии рақамӣ имрӯз барои ҳама, новобаста аз ихтисосашон, муҳим мебошанд. Қабули васеъи принсипҳои идоракунии маълумот имкон медиҳад, ки дар ҳама соҳа ва дар ҳама сатҳ қарорҳои самараноктар қабул карда шаванд» [3, с.173]. Олими мазкур ба он такя менамояд, ки пешрафти корхонаҳо аз сатҳи саводнокии рақамии кормандон вобаста аст. Аммо дар доираи таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои алолқамандӣ ва таъсиррасонии саводнокии рақамӣ ба ташаккули сармояи инсонӣ ба инобат гирифта нашудааст. Бояд қайд намуд, ки саводнокии рақамӣ боиси инкишофи сармояи инсонӣ гардида, дар маҷмуъ заминаи рушди иқтисоди инноватсионӣ мегардад.

Оид ба масъалаи таҳқиқишаванда олимони ватанӣ низ андешаҳҳои худро дар асарҳои илмиашон ба таври гуногун баён намудаанд. Олимони шинохтаи илми иқтисод Ғаниев Т.Б., Давлатов С.Н. қайд менамоянд, ки «…омӯзонидан ва баландбардории дараҷаи ихтисоси мутахассисон дар фаъолиятҳои касбӣ яке аз вазифаҳои муҳимми иқтисоди муосир буда, ҳамрадифи он талаботи муҳим, ки ҳамаруза бозори меҳнати имрӯзаро дигаргун намуда, аз ҳар як субъекти бозори меҳнат тақозои онро дорад, ки ҳарчи бештар ба ин талаботи нав омода бошанд. Рушд ва инкишофёбии техникаю технологияҳои муосир ва давра ба давра дигаргун шудани истифодаи иттилооти техникӣ дар шакли мошинаҳои электронӣ ва алоқаи иттилоотӣ, на танҳо дар идоракунии соҳаҳои муҳими давлатӣ, ҳамчунин самаранок истифодабарии захираҳои маҳдуди ҷамъиятӣ низ муҳим мебошад. Ин зудҳаракатии ҷамъияти имрӯза аз ҳар фарди ҷамъият талаби онро дорад, ки дониши худро сайқал дода, ҳамқадами замон бошад. Инро ба инобат гирифта, самаранок истифодабарии захираҳои инсонӣ ва натиҷанок будани сармояи гузошташуда ба ин захираи нодири иқтисодӣ омӯзиш ва такмили дониши онҳоро зарур мегардонад» [5, с.28]. Аз андешаҳои олимони мазкур маълум мегардад, ки дар шароити иқтисоди инноватсионӣ ҳар як корманд бояд дониши худро сайқал дода, ҳамқадами замона бошад. Дар баробари зиёд кардани донишҳои замонавӣ албатта

саводнокии рақамӣ зиёд мегардад. Ва дар навбати худ боиси инкишофёбии сармояи инсонӣ гардида, барои иқтисодиёти инноватсионӣ заминаи мусоидро таъмин манамояд.

Шамсов И.С., Бобоев Ф.Ҷ. бошанд дар доираи таҳқиқоти худ саводнокии молиявии рақамиро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Онҳо иброз меборанд, ки «...дар робита ба малакаҳое, ки дастрасиро ба дониш ва иттилоот бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таъмин мекунанд, мафҳуми «саводнокии рақамӣ» истифода мешавад. Чунин ба назар мерасад, ки саводнокии рақамӣ ба рушди дигар малака ва салоҳиятҳои асосии инсон таъсири судманд мерасонад ва бештар дар робита бо маърифатнокии молиявӣ зоҳир мешавад, ки он ҳамчун натиҷаи раванди таҳсилоти молиявӣ фаҳмида мешавад, ки ҳамчун маҷмӯи огоҳӣ, дониш, малака ва рафтори зарурӣ барои қабули қарорҳои муваффақи молиявӣ ва дар ниҳоят ноил шудан ба некӯаҳволии молиявӣ муайян карда мешавад» [11, с.483]. Олимони мазкур бар он ақидаанд, ки маҳз саводнокии рақамӣ метавонад боиси саводнокии молиявии рақамӣ гардад. Аз чунин гуфтаҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки махсусан мутахассисони бахши молияю иқтисод бояд дорои саводнокии молиявии рақамӣ бошанд. Ин ҳолат боиси ташаккули сармояи инсонӣ гардида, дар шароити иқтисоди инноватсионӣ метавонад заминаи рушди иқтисодиёти корхонаҳо, минтақа ва иқтисоди миллӣ шавад. Аммо ҳаминро бояд қайд намоем, ки саводнокии молиявии рақамӣ аз саводнокии рақамӣ вобастагӣ дорад.

Профессори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Раҳимов Ш.М. масъалаи мазкурро дар асарҳои илмиаш мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ӯ қайд менамояд, ки «...технологияҳои рақамӣ дорои иқтидори бузург барои рушди мутавозин ва устувории иқтисодиёт мебошанд. Онҳо самаранокии истеҳсолотро баланд мебардоранд, сифати хизматрасониҳоро беҳтар месозанд ва ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, бо вуҷуди ҳамаи бартариҳо, як қатор мушкилоту чолишҳо низ мавҷуданд, ки бояд ба назар гирифта шаванд. Яке аз чунин чолишҳо дастрасии технологияҳои рақамӣ мебошад. Барои он ки тамоми қишрҳои ҷомеа аз бартариҳои технологияҳои рақамӣ бархурдор шаванд, зарур аст дастрасӣ ба онҳо таъмин гардида, аҳолӣ ба истифодаи онҳо омӯзонида шавад. Ин раванд ҳамкории фаъоли ҷомеа, давлат ва субъектҳои хоҷагидориро тақозо менамояд» [6, с.11]. Аз пешниҳодҳои ҷолиби профессор маълум мегардад, ки барои саводнокии рақамии аҳолӣ шароитҳои таълимӣ муҳайё намудан лозим аст. Дар шароити иқтисоди рақамӣ бояд тамоми қишрҳои ҷомеа саводнокии рақамиро дошта бошанд.

Иқтисоддонҳои шинохтаи илми тоҷик Саидмуродзода Л.Ҳ., Ҳамидова С.Х. оид ба масъалаи таҳқиқишаванда андешаҳои олимонаи худро пешниҳод намудаанд. Онҳо иброз медоранд, ки «…Барои муайян намудани сатҳи салоҳиятнокии хатмкунанда зарур аст, ки ӯ тавонад аз сарчашмаҳои иттилоотӣ истифода барад, иттилоотро коркард намояд, онро таҳлил ва ҷамъбаст кунад, аз якчанд манбаъ дастрас намояд, дар шакли фаҳмо пешниҳод созад ва инчунин қобилияти муошират бо одамон – истифодабарандагони ин иттилоотро дошта бошад. Ҳамин тавр, равиши салоҳиятнокӣ дар соҳаи маориф барои мутобиқ намудани хатмкунанда ба номуайяниҳое хизмат мекунад, ки берун аз мактаб ва донишгоҳ ӯро интизор мебошанд. Ин як усули иҷтимоию ахлоқии мутобиқшавии инсон ба бозори касбҳо дар шароити номуайяни иҷтимоӣ ба шумор меравад. Дар айни замон, маҷмӯи салоҳиятҳо берун аз низоми расмии таълим нигоҳ дошта шуда, хатмкунанда метавонад онҳоро ҳангоми фаъолият берун аз низом, бевосита дар ҷараёни амалияи касбии худ татбиқ намояд» [8, с.163]. Маълум мегардад, ки хатмкунандагони муассисаҳои олии касбӣ аз зинаҳои донишгоҳи бояд саводнокии рақамии худро пурра намояд. Ин раванд дар фаъолияти касбӣ сайқал ёфта, барои ҳалли масъалаҳои касбии онҳо мусоидат менамояд. Бо ҳамин роҳ сармояи инсонӣ ташаккул ёфта боиси рушди иқтисодиёти инноватсионӣ мегардад.

Аз таҳқиқотҳои олимон ва маълумотҳои овардашуда маълум мегардад, ки бо пайдоиши технологияҳои рақамӣ ҳудудҳои фаҳмиши саводнокии рақамӣ ба таври назаррас густариш ёфтаанд. Аз як ҷониб, дарки иттилооте, ки дар экрани компютери ба шабакаи интернет пайваст пешниҳод мегардад, ҳамон равандҳои маърифатиро талаб мекунад, ки дарки иттилоот аз воситаҳои ахбори оммаи чопӣ ё телевизионӣ. Аз ҷониби дигар, иттилооте, ки дар шакли рақамӣ пешниҳод мешавад, дар назди истифодабаранда вазифаҳои навро мегузорад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки саводнокии рақамӣ асосан аз нуқтаи назари техникӣ баррасӣ мегардад ва ҳамчун маҷмӯи дониш ва малакаҳои истифодаи гуногуни технологияҳои рақамӣ барои қонеъ намудани манфиатҳои шахсии корбар фаҳмида мешавад. Бо вуҷуди ин, бояд дар хотир дошт, ки шабакаи ҷаҳонии «Интернет» ибтидо ҳамчун воситаи муошират ба вуҷуд омадааст ва то имрӯз низ яке аз вазифаҳои асосии он боқӣ мемонад. Хизматрасониҳои мубодилаи паёмҳои кӯтоҳ, шабакаҳои иҷтимоӣ, форумҳо, блогҳо, шаклҳои иртиботи бозгашт ва имкониятҳои шарҳнависӣ - ҳамаи ин барои қонеъ сохтани ниёзҳои коммуникативии корбарони шабакаи ҷаҳонӣ хизмат мекунанд. Аз ин рӯ, саводнокии рақамиро метавон инчунин аз нуқтаи назари ҳамкории мутақобилаи

корбарон бо ҳамдигар баррасӣ намуд. Дар ин замина аз нигоҳи мо таърифи зеринро метавон чунин пешниҳод намуд: «Саводнокии рақамӣ - ин қобилияти истифода бурдани он имкониятҳое мебошад, ки ҷомеаи муосир бо тамоми технологияҳояш фароҳам меорад, маҳорати муошират бо одамон дар шакли нави иҷтимоӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва эҳтиром дар муносибат бо якдигар мебошад». Дар ин ҷо муносибатҳои инсонӣ, ахлоқи муошират дар шабака, инчунин қоидаҳои муайяни коммуникатсия дар мадди аввал қарор мегиранд, ки қисман аз ҳаёти воқеӣ рақамӣ шудаанд ё дар ҷараёни муоширати виртуалӣ ба вуҷуд омадаанд. Чи тавре, ки қайд карда шуд саводнокии рақамӣ боиси ташаккули сармояи инсонӣ мегардад. Саводнокии рақамӣ метавонад бо омилҳои гуногун ба сармояи инсонӣ таъсир расонад. Нигаред ба расми 1.



Расми 1. Ташаккули сармояи инсонӣ дар заминаи саводнокии рақамӣ
Сарчашма: таҳияи муаллиф

Чи тавре, ки қайд карда шуд саводнокии рақамӣ боиси ташаккули сармояи инсонӣ мегарадад. Сармояи инсонӣ бошад ин омили калидӣ ва захираи муҳимтарини гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ ба шумор рафта, нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдории рушди онро муҳити институтсионалӣ муайян менамояд. Нигаред ба расми 2.



Расми 2. – Модели сохторӣ ва функционалии ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ
Сарчашма: таҳияи муаллиф

Қобили қайд аст, ки муҳити институтсионалӣ фарогири раванди комили такористеҳсолии сармояи инсонӣ аст. Бо таваҷҷуҳ ба ин ташаккули муҳити институтсионалӣ инноватсионии рушди сармояи инсонӣ заминаи муҳимми ноил гардидан ба рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ модели инноватсионии рушди иқтисоди миллӣ ва татбиқи принсипҳои асосии он самти афзалиятноки ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар барои давраи дорозмуддат мебошад.

Хулоса. Чи тавре, ки маълум аст солҳои охир иқтисодиёти ҷаҳонӣ таҳти таъсири рушди техникаю технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба тағйироти гуногун дучор гардида истодааст. Ин раванд, ки бо истилоҳи «рақамисозӣ» маъруф аст, на танҳо усулҳои истеҳсол ва идоракуниро тағйир дод, балки ба сохтори иҷтимоӣ, бозори меҳнат ва талабот ба нерӯи корӣ низ таъсири ҷиддӣ расонид. Дар натиҷа, иқтисодиёти анъанавӣ тадриҷан ҷойи худро ба иқтисодиёти инноватсионӣ ва донишмеҳвар тағйир дода истодааст.

Бинобар ин, дар чунин ҳолат, нақши сармояи инсонӣ ба таври назаррас афзоиш меёбад. Агар дар марҳилаҳои қаблии рушди иқтисодӣ захираҳои табиӣ ва сармояи моддӣ омили асосии рушд ҳисоб мешуданд, имрӯз дониш, малака, саводнокии рақамӣ ва қобилияти эҷодии инсон ба манбаи асосии рақобатпазирӣ табдил ёфтааст. Аммо сармояи инсонӣ ба худ мазмуни навро касб мекунад. Саводнокии рақамӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи он, аҳаммияти хоса пайдо менамоянд.

Ҳамин тавр таҳқиқоти анҷомёфта собит менамояд, ки саводнокии рақамӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ ба омили калидии рушди сармояи инсонӣ табдил ёфтааст. Он на танҳо воситаи техникии фаъолият, балки шакли нави сармоя мебошанд, ки ба рақобатпазирии иқтисодӣ, рушди устувор ва баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд. Рушди ҳадафнокии саводнокии рақамӣ метавонад ҳамчун яке аз самтҳои стратегии сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ барои дилхоҳ кишвар баррасӣ гардад.

Адабиёт

1. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”. ш. Душанбе, 28.12.2024. https://www.president.tj.
2. Воҳидов У. М. Табдилдиҳии иқтисодиёти рақамӣ дар муносибатҳои молиявию андозӣ / У. М. Воҳидов // Паёми молия ва иқтисод (Маҷаллаи илмӣ-амалӣ). – Душанбе, 2025 – №4. – С.92-98.
3. Ганич Л. В. Роль человеческого капитала в формировании цифровой грамотности населения РФ / Л. В. Ганич // Экономика строительства и городского хозяйства. – Донецк, 2021. ТОМ 17. – № 4. – С.171–181.
4. Грязнова Е.В., Полянская В.А., Пронина С.В. Цифровая грамотность для цифровой экономики: проблемы и противоречия современности / Е. В. Грязнова, В. А. Полянская, С. В. Пронина // глобальный научный потенциал. – Нижний Новгород, 2025. – № 8 (173). – С.377-380.
5. Ғаниев Т.Б., Давлатов С.Н. Таҳсилоти бефосилаи касбӣ ҳамчун асоси рушди сармояи инсонӣ / Т. Б. Ғаниев, С. Н. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2022. – № 1. – С.28-34.
6. Раҳимов Ш.М. Технологияҳои рақамӣ ва таъсири онҳо ба рушди иқтисодиёт / Ш. М. Раҳимов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – № 4. – С.9-13.
7. Садиқова Ш.К. Хусусиятҳои идоракунии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти донишбунёд / Ш. К. Садиқова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе, 2025. – № 9. – С.31-38.
8. Саидмуродзода Л.Ҳ., Ҳамидова С.Х. Ба масъалаи нақши салоҳиятнокӣ ва салоҳиятҳо дар ташаккули сармояи инсонӣ / Л. Ҳ. Саидмуродзода, С. Х. Ҳамидова // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, 2022 – №2 (61). – С.160-166.
9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, № 636 тасдиқ шудааст. – Душанбе: «Контраст», 2016 – 80 с.
10. Токтарова В.И. Цифровая грамотность: понятие, компоненты и оценка / В. И. Токтарова // Вестник Марийского государственного университета. 2021. – № 2. – Т.15. – С.165-177.
11. Шамсов И.С., Бобоев Ф.Ҷ. Саводнокии молиявии рақамӣ ва механизмҳои таъминоти он дар шароити муосир / И. С. Шамсов, Ф. Ҷ. Бобоев // Паёми молия ва иқтисод (Маҷаллаи илмӣ-амалӣ). – Душанбе, 2023. – № 4-2 (39). – С. 481-488.

Маълумот дар бораи муаллиф

Садиқова Шукрона Карчаевна-номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел: +992 918-94-91-43; E-mail: shukrona-2016@mail.ru.

Сведения об авторе

Садикова Шукрона Карчаевна-кандидат экономических наук, доцент кафедры национальной экономики и экономической безопасности Таджикского национального университета. 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел: +992 918-94-91-43; E-mail: shukrona-2016@mail.ru.

About the author

Sadikova Shukrona Karchaevna-candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of National Economy and Economic Security of the Tajik National University. 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki Ave. Тел: +992 918-94-91-43; E-mail: shukrona-2016@mail.ru.

УДК: 338.339.004.89

ЗАРУРАТИ ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-ИННОВАТСОНӢ ДАР РУШДИ ТИҶОРАТИ НАВИН

Нусратзода М.Н.
Убайдуллозода Ф.У.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Мақола ба омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун муҳаррики асосӣ дар рушди тиҷорати навин бахшида шудааст. Дар мақола масъалаҳои татбиқи рақамикунонӣ дар самти тиҷорати инноватсионӣ, Воситаҳои асосии рушди бизнес, Вазифаҳои асосии иттилоотонии ҷомеа баҳри рушди тиҷорат дар интернет ва Методҳои татбиқи технологияи иттилоотӣ дар раванди бизнес ба таври васеъ дида баромада шудааст. Инчунин аз ҷониби муаллифон ширкатҳои пешсаф дар тиҷорати инноватсионӣ маълум карда шудааст. Муаллиф оид ба татбиқи технологияи иттилоотӣ дар раванди бизнес нигоҳи олимонро мавриди баррасӣ қарор дода, масъалаи мазкурро аз нигоҳи худ таъриф додаанд. Бояд зикр кард, ки роҳҳо ва усулҳои такмилдиҳии тиҷорати инноватсионӣ ва электронӣ пешниҳод карда шудааст.

Калидвожаҳо: иқтисодиёт, инноватсия, технологияи иттилоотӣ, рақамикунонӣ, зеҳни сунъӣ, ширкат, тиҷорат, такмилдиҳӣ, талабот ва таклифот, маркетинг, маҳсулот, хизматрасонӣ.

Барои иқтибос: Нусратзода, М. Н. Зарурати татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-инноватсонӣ дар рушди тиҷорати навин / М. Н. Нусратзода, Ф. У. Убайдуллозода // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – №. 1. – С. 60-67.

НЕОБХОДИМОСТЬ ПРИМЕНЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННО-ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В РАЗВИТИИ СОВРЕМЕННОГО БИЗНЕСА

Нусратзода М.Н.
Убайдуллозода Ф.У.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Ғайр аз ин, маълумоти пешниҳодшуда имкони васеъ кардани мустақилияти молиявии мактабҳоро тасдиқ мекунад. Тақвияти назорати молиявии дохилӣ ва шаффофият ба муассисаҳои таълимӣ имкон медиҳад, ки маблағҳоро байни моддаҳои хароҷот вобаста ба ниёзҳои воқеӣ тақсим кунанд, ки ин унсури муҳими механизми муосири буҷетӣ мебошад. Умуман, таҳлили сохтории хароҷоти таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки механизми буҷетии кунунӣ асосан ба нигоҳ доштани фаъолияти доимии низом нигаронида шудааст, дар ҳоле ки рушди стратегӣ ва навсозии инфрасохтори мактабҳо маблағгузории нокифоя боқӣ мемонад. Ин ҳолат зарурати такмили минбаъдаи механизми маблағгузории мактабро, ки ба баланд бардоштани самаранокӣ, устуворӣ ва самаранокии маблағҳои давлатӣ нигаронида шудааст, тасдиқ мекунад.

Инчунин, дар лоиҳаи буҷети давлатӣ барои соли 2026 ҷудо кардани 13,7 миллиард сомонӣ ба бахши маориф ба нақша гирифта шудааст; тақрибан 80% буҷети мактаб барои маоши муаллимон сарф мешавад ва боқимонда барои хизматрасонии коммуналӣ, таъмири бино ва дигар хароҷоти амалиётӣ ҷудо карда мешавад. Ин афзалият аз зарурати нигоҳ доштани захираҳои инсонӣ ва таъмини устувории раванди таълим бармеояд. Аммо, тамаркузи назарраси маблағҳо дар музди меҳнат чандирии хароҷоти буҷети давлатӣ коҳиш медиҳад ва имконияти маблағгузории сармоягузориҳои асосӣ, лоиҳаҳои инноватсионӣ ва беҳтар кардани сифати инфрасохтори таълимиро маҳдуд мекунад.

Маблағгузории мактабҳо дар Тоҷикистон дар доираи як низоми мураккаби муносибатҳои байнибуҷавӣ сурат мегирад, ки дар он қисми назарраси хароҷоти соҳаи маориф аз вазъи молиявии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста аст. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир саҳми маблағҳои соҳаи маориф, ки дар сатҳи воҳидҳои ҳудудӣ (шаҳрҳо, ноҳияҳо) ба вуҷуд омадаанд, афзоиш ёфтааст, ки ин тағйирпазирии сифати хизматрасонии муассисаҳои таълимиро дар минтақаҳои гуногун афзоиш медиҳад. [5]

Дар натиҷа, вобастагии мактабҳо аз устувории молиявии буҷетҳои маҳаллӣ боиси хатари дастрасии нобаробар ба захираҳо, бахусус дар минтақаҳои деҳот, ки буҷетҳо маҳдуданд, мегардад. Ин таҳияи механизмҳои ҷубронпулӣ ва аз нав тақсимкуниро талаб мекунад, ки имкониятҳои баробарро барои ҳамаи муассисаҳои таълимии кишвар таъмин мекунанд.

Ҳамин тариқ, якчанд мушкилоти асосии механизми буҷетии кунуниро метавон муайян кард:

1. Ҳиссаи пасти хароҷоти сармоя.

Маълумоти таҳлилӣ нишон медиҳад, ки маблағҳои буҷетии ҷудошуда ба соҳаи маориф асосан барои хароҷоти ҷорӣ (музди меҳнат ва хизматрасонии коммуналӣ) сарф мешаванд, дар ҳоле ки хароҷоти сармоя барои сохтмон, таъмир ва навсозии мактабҳо нокифоя боқӣ мемонанд. Барои ҳалли ин масъала, ҳукумат манбаъҳои молиявии беруна - қарзҳо ва грантҳои байналмилалиро аз фондҳо ба монанди Фонди рушди Арабистони Саудӣ (SFD) - барои сохтмон ва навсозии инфрасохтори мактабҳо дар Тоҷикистон ҷалб мекунад[8].

2. Мухторияти молиявии маҳдуди мактабҳо.

Сатҳи пасти мустақилияти молиявии муассисаҳои таълимӣ ба идоракунии самараноки захираҳо дар сатҳи маҳаллӣ халал мерасонад. Дар айни замон, мактабҳо қобилияти маҳдуди тақсимоти маблағҳоро дар доираи буҷетҳои худ доранд, ки ин ангезаи беҳтар кардани хароҷот ва мутобиқ шудан ба ниёзҳои мушаххаси донишҷӯён ва муҳити таълимиро коҳиш медиҳад.

3. Набудани механизмҳои муосири арзёбии фаъолият.

Тибқи арзёбиҳои коршиносон, набудани низоми таҳияшудаи нишондиҳандаҳои фаъолият барои маблағҳои буҷетӣ дар мактабҳо имконияти таҳлили самаранокии истифодаи захираҳоро маҳдуд мекунад. Ин, дар навбати худ, банақшагирии мақсаднок ва қабули қарорҳои огоҳонаи идоракуниро бозмедорад.

Аз ин рӯ, мо роҳҳои такмил додани механизми буҷетро пешниҳод мекунем:

1. Тақвияти маблағгузории сарикасӣ.

Яке аз самтҳои асосии такмилдиҳӣ таҳия ва танзими минбаъдаи механизми стандартии маблағгузории сарикасӣ бо назардошти хусусиятҳои демографӣ, ҳудудӣ ва сифатии кунунии бори таълимӣ мебошад. Таҳияи коэффитсиентҳои иловагӣ, ки хусусиятҳои минтақаҳои деҳот ва мураккабии барномаҳои таълимиро ба назар мегиранд, имкон медиҳад, ки тақсимоти одилонаи захираҳо таъмин карда шавад.

2. Баланд бардоштани мустақилияти молиявии мактабҳо.

Баланд бардоштани мустақилияти молиявии мактабҳо бояд бо ҷорӣ намудани буҷетгузории барномавӣ дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ ҳамроҳ бошад, ки ба ташкилотҳои таълимӣ имкон

медиҳад, ки самтҳои афзалиятноки истифодаи маблағҳоро мустақилона бо назардошти ниёзҳои маҳаллӣ таҳти назорати қатъии молиявӣ муайян кунанд.

3. Таҳияи низоми арзёбии самаранокии хароҷот.

Ҷорӣ намудани нишондиҳандаҳои самаранокии буҷет — масалан, таҳлили хароҷоти таълими як хонанда, муқоисаи хароҷот бо дастовардҳои таълимӣ ва ғайра — банақшагирии буҷетро муносиб мекунад ва сифат ва самаранокии хизматрасонии таълимиро таъмин менамояд.

4. Ҷалби манбаъҳои маблағгузории беруна.

Густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва истифодаи грантҳо ва хатҳои қарзии муассисаҳои молиявии байналмилалӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои ҷуброни нокифоягии маблағҳои буҷетии дохилӣ ва суръат бахшидан ба навсозии инфрасохтори маориф дар Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Беҳтар кардани механизми буҷетӣ барои маблағгузории мактабҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равиши ҳамаҷонибаро талаб мекунад, аз ҷумла таҳияи маблағгузории меъёрӣ сарикасӣ, афзоиши шаффофият ва самаранокӣ дар хароҷот, афзоиши мустақилияти мактабҳо ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири арзёбии фаъолият. Дар айни замон, давлат бояд ислоҳоти буҷети дохилиро бо ҷалби манбаъҳои маблағгузории беруна барои таъмини рушди устувори маориф муттаҳид кунад.

Хулоса: Таҳлили гузаронидашудаи динамика ва сохтори хароҷоти буҷетӣ барои соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо имкон медиҳад, ки як қатор хулосаҳо барорем, ки барои асоснок кардани самтҳои такмили механизми буҷетӣ барои маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муҳиманд.

Аввалан, тамоюли устувори муайяншудаи афзоиши хароҷоти давлатӣ барои соҳаи маориф ва афзоиши ҳиссаи он дар сохтори хароҷоти умумии буҷетӣ аз эътирофи соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат шаҳодат медиҳад. Дар айни замон, афзоиши миқдории маблағҳои буҷетӣ асосан хусусияти ҷубронӣ дорад ва барои қонеъ кардани ниёзҳои афзояндаи ҷории низоми соҳаи маориф, ки пеш аз ҳама ба музди меҳнати омӯзгорон ва таъмини фаъолияти асосии мактабҳо алоқаманданд, равона шудааст.

Дуюм, таҳлили сохтории хароҷоти таҳсилоти миёнаи умумӣ номутавозинии назаррасро дар тақсимоти маблағҳои буҷетӣ ошкор кард. Бартарии фонди музди меҳнат, ки беш аз 80% хароҷоти умумиро ташкил медиҳад, ба таври объективӣ аҳамияти иҷтимоии таълимро инъикос мекунад. Аммо, он инчунин имконияти маблағгузории сармоягузориҳои асосӣ, навсозии иншооти мактабҳо ва татбиқи технологияҳои инноватсионии таълимиро маҳдуд мекунад. Коҳиши ҳиссаи хароҷоти сармоягузорӣ, дар якҷоягӣ бо афзоиши шумораи хонандагон ва бад шудани инфрасохтори мактабҳо, хатари низомии бад шудани сифати муҳити таълимро ба вуҷуд меорад.

Сеюм, тамоюлҳои муайяншуда ба маҳдудиятҳои механизми буҷетии кунунии маблағгузории мактабҳо ишора мекунанд, ки айни замон асосан ба нигоҳ доштани устувории кунунии низом, на ба рушди дарозмуддати он нигаронида шудааст. Модели кунунии маблағгузории буҷетӣ, сарфи назар аз ҷорӣ кардани унсурҳои равиши меъёрии сарикасӣ, хусусиятҳои хеле марказонидашуда ва ноустуворро нигоҳ медорад, ки мутобиқшавии мактабҳоро ба шароити тағйирёбанда ва ниёзҳои маҳаллӣ коҳиш медиҳад. Аз ин рӯ, равшан аст, ки такмили минбаъдаи механизми буҷетии маблағгузории мактабҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд на танҳо ба афзоиши ҳаҷми тақсимоти буҷетӣ, балки пеш аз ҳама ба баланд бардоштани самаранокии тақсимот ва истифодаи онҳо нигаронида шавад. Ин маънои гузариш аз модели маблағгузории асосан ба хароҷот асосёфтаро ба модели ба натиҷаҳо, сифат ва рушди устувори муассисаҳои таълимӣ нигаронидашударо дорад.

Хулоса. Таҳияи барномаҳои мақсадноки буҷетӣ, ки ба таъмири асосӣ, сохтмон ва рақамикунонии мактабҳо нигаронида шудаанд, бояд унсури ҷудонашавандаи механизми навшудаи буҷетӣ ҳисобида шавад. Мувофиқ аст, ки маблағҳои буҷети давлатӣ бо захираҳои созмонҳои молиявии байналмилалӣ ва механизмҳои ҳаммаблағгузорӣ дар сатҳи буҷети маҳаллӣ якҷоя карда шаванд.

Ниҳоят, таҳлил зарурати афзоиши мустақилияти молиявии муассисаҳои таҳсилоти умумиро дар айни замон тақвият додани назорати молиявии дохилӣ ва механизмҳои шаффофият тасдиқ мекунад. Ба мактабҳо додани мустақилияти маҳдуд дар тақсимоти маблағҳои буҷетӣ дар доираи стандартҳои тасдиқшуда имкон медиҳад, ки ба ниёзҳои воқеии раванди таълим вокуниши самараноктар ба амал ояд ва масъулияти роҳбарони муассисаҳои таълимӣ барои натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ ва иқтисодии онҳо афзоиш ёбад.

Адабиёт

1. Андронникова Н.Г. Модели и методы оптимизации региональных программ развития / Н.Г. Андронникова, С.А. Баркалов, В.Н. Бурков, А.М. Котенко. - М.: ИПУ РАН, 2001. - 60 с.

2. Каландарова Г.С. Самтҳои асосии сиесат ва маблағгузории стратегӣ дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Тоҷикистон ва ҷаҳон имрӯз. – 2025. – №4. С.59-64.

3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маориф дар ҶТ. 2024с., С-41.

4. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020: Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз “30” июни соли 2012, №334 тасдиқ шудааст. - Душанбе, 2012. https://web.ttu.tj/uploads/2020-12-tajikistan-education-sector-plan.pdf

5. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030**:** Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 тасдиқ шудааст. - Душанбе, 2020. https://ncl.tj/file/стратегияи-миллии-руши-ҷумҳурии-тоҷикистон-барои-давраи-то-соли-2030pdf-2

6. Факеров Х.Н. Управление ресурсами в системе высшего образования Республики Таджикистан в условиях финансового кризиса/Х.Н. Факеров, У.А. Курбонов, Н. Сангинов, Ш. Кодиров, З.Х. Кадырова, Ф.Р. Шаропов.- Душанбе: «Ирфон», 2010.-С.136-142.

7. Ҷӯраева А.Ш., Ҷӯраева А.О., Ибодзода З.Х. Қисми молиявии низоми идоракунии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе: № 10, 2020, С.203 -206.

8. World Bank. Tajikistan Public Expenditure Review. Washington, DC. https://www.worldbank.org/en/country/tajikistan/publication/tajikistan-programmatic-public-expenditure-review

Маълумот дар бораи муаллифон

Убайдуллоев Фаридулло Каримович-н.и.и., дотсент, мудири кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Телефон: +(992) 935730010. E-mail: faridullo72@mail.ru

Бобошерова Фозилахон Гулмуродовна-докторанти PhD кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к. Нахимов 64/14.Тел: 111-21-00-06

Сведения об авторах

Убайдуллоев Фаридулло Каримович-к.э.н., доцент, заведующий кафедрой международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: +(992) 935730010. E-mail: faridullo72@mail.ru

Бобошерова Фозилахон Гулмуродовна-докторант PhD кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.Тел: 111-21-00-06

About the authors

Ubaydulloev Faridullo Karimovich-Candidate of Economic Sciences, Associate Professor head of the department of international financial and credit relations of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Phone: + (992) 935730010. E-mail: faridullo72@mail.ru

Bobosherova Fozilakhon Gulmurodovna-PhD doctor, Department of Finance, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Tel: 111-21-00-06

УДК: 330.15

ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИҚТИСОДИ САБЗ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Шодиев К.Қ.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар мақола муҳиммият, аҳамияти илмию назариявӣ ва таҷрибавӣ, дараҷаи омӯзиши он, инчунин мақсаду вазифаҳо, нишон дода шуда, хусусиятҳои ташаккул ва рушди “иқтисоди сабз” дар шароити муосир ва марҳилаҳои ташаккулёби ва рушди он кушода дода шудаанд. Муносибатҳои мухталифи назариявӣ ва методологиро ба таҳқиқи масъалаи баррасишаванда хулосабандӣ намуда, собит карда шудааст, ки иқтисоди сабз иқтисодиётест, ки хавфҳои экологиро ба таври назаррас кам намуда, рушди иқтисодиро таъмин намуда ва сатҳи даромаднокии аҳолиро баланд мегардонад, захираҳои табиӣ ва энергетикиро оқилона ва самаранок истифода мебарад, партови газҳои гулхонаиро кам мекунад. Инчунин мафҳумҳои «рушди устувор», «рушди сабз» илман асоснок карда шуда, равишҳои асосии эволютсионӣ барои ташаккули “иқтисоди сабз" гурӯҳбандӣ карда шудааст.
Калидвожаҳо: иқтисоди сабз, рушди устувор, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, экология, самаранокӣ, аҳолӣ, табиӣ, хавфҳо, ташаккул, даромаднокӣ.
Барои иқтибос: Шодиев, К. Қ. Ташаккул ва рушди иқтисоди сабз дар шароити муосир / К. Қ. Шодиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 109-114.

ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Шодиев К.К.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотатция.В статье расмотривается значение, научная, теоретическая и практическая значимость, уровень ее изученности, а также цели и задачи, раскрыты особенности становления и развития «зеленой экономики» в современных условиях и этапы ее становления и развития. Сделав вывод о различных теоретических и методологических подходах к исследованию рассматриваемого вопроса, доказано, что зеленая экономика – это экономика, которая существенно снижает экологические риски, обеспечивает экономическое развитие и повышает уровень доходности населения, рационально и эффективно использует природные и энергетические ресурсы, снижает выбросы парниковых газов. Также научно обоснованы понятия «устойчивое развитие», «зеленое развитие» и сгруппированы основные эволюционные подходы к формированию «зеленой экономики».
Ключевые слова: зеленая экономика, устойчивое развитие, экономика, общество, экология, эффективность, население, природные, риски, образование, рентабельность.

FORMATION AND DEVELOPMENT OF GREEN ECONOMY IN MODERN CONDITIONS

Shodiev K.Q.
Tajik State University of Finance and Economics

Annotation. The article examines the significance, scientific, theoretical and practical significance, the level of its knowledge, as well as goals and objectives, reveals the features of the formation and development of the “green economy” in modern conditions and the stages of its formation and development. Having concluded about various theoretical and methodological approaches to the study of the issue under consideration, it has been proven that a green economy is an economy that significantly reduces environmental risks, ensures economic development and increases the level of income of the population, rationally and efficiently uses natural and energy resources, and reduces greenhouse gas emissions. The concepts of “sustainable development” and “green development” are also scientifically substantiated and the main evolutionary approaches to the formation of a “green economy” are grouped.
Key words: green economy, sustainable development, economy, society, ecology, efficiency, population, natural, risks, education, profitability.

Гузориши масъала. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор доир ба масъалаҳои экологӣ дар арсаи байналмилалӣ эътироф гардидааст ва самти гузариш ба “иқтисоди сабз” - ро амалӣ намуда истодааст. Барои татбиқ ва ҷорӣ намудани ин ҳадаф мебояд ба таҷрибаи ҷаҳони рӯ оварда, ки дар ин равиш чӣ корҳо дар сатҳи ҷаҳони муайян ва роҳандозӣ гардидааст.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Ҷанбаъҳои муҳими ташаккул ва рушди иқтисоди сабз дар шароити муосир дар корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷие чун Давлятова М.М., Исайнов Х.Р., Кимсанов У.О., Муҳаббатов Х.М., Буриева М.Ч., Абдуллоева Ш.Б., ва дигарон мавриди таҳлил, омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Мақсади мақола. Дар таҳия ва асосноккунии ташаккул ва рушди "иқтисоди сабз", инчунин самтҳои иҷтимоию экологӣ ва иқтисодии истифодаи он мебошад.

Муҳтавои асосии мавод. Дар илми иқтисодӣ шаклҳои гуногуни низомҳои иқтисодӣ мавҷуд аст ва "иқтисоди сабз" як шакли нави иқтисодӣ ҳамакнун ба илм дохил гардидааст. Омӯзиши паҳлуҳои ин шакли нави иқтисодӣ бештар ба табиат ва инсон алоқаманд аст, худи илми иқтисодӣ ин фаъолияти хоҷагидорӣ ва зиндагиро дар бар мегирад ва зиндагии инсоният аз табиат вобастагӣ дорад ҳолати харобшавӣ ва бунёдшавии табиатро инсоният идора менамояд пас барои татбиқ намудани ин модели нави иқтисодӣ натанҳо як соҳаи алоҳида балки фаъолияти дастаҷамъонаи хоҷагии халқ нақши калиди дорад.

Ҷустуҷӯи сарчашмаҳои алтернативии энергия ва муҳиммияти ҳалли муаммоҳои ҷаҳонӣ, ки бо харобшавии захираҳои табиӣ алоқаманданд, дар замони муосир дарёфти шароитҳои оптималии тараққиёти иқтисодиро дар асоси моделҳои нав талаб мекунанд. Ба ин гуфтаҳо модели "иқтисоди сабз" мисол шуда метавонад. Дар муқоиса ба иқтисодиёти анъанавӣ, "иқтисоди сабз" истифодаи ҳаматарафаи захираҳои табииро баҳри афзунгардонии ММД дар назар дорад. Бо ибораи дигар, "иқтисоди сабз" гузариш аз истифодаи сарчашмаҳои энергияи анъанавӣ ба сарчашмаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва барқароршаванда мебошад [2, С. 24].

Ба андешаи мо мафҳуми "иқтисоди сабз" бисёр ғояҳои марбут ба масъалаҳои рушди устуворро дар бар мегирад. Гарчанде, ки рушди устувор робитаи зичи байни се зерсистема - иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ-ро пешбинӣ мекунад, мафҳуми "иқтисоди сабз" ҳамоҳангӣ ва мутобиқати байни ин ҷузъҳоро талаб мекунад, ки барои ҳамаи кишварҳо, новобаста аз марҳилаи рушди иқтисодии онҳо - кишварҳои рушдкарда, рӯ ба инкишоф ва кишварҳои дорои иқтисоди гузариш қобили қабул бошанд.

Дар адабиёти иқтисодӣ моҳияти иқтисодиёти сабз аз якчанд нуқтаи назар муайян карда мешавад. Дар ин ҷода ба консепсияҳои олимони хориҷӣ диққат додан зарур аст. Инкишофи афкори иқтисодиёти сабз ва рушди иқтисодии ба он асосёфта бори нахуст аз тарафи муаллифи консепсияи ММД Саймон Кузнетс соли 1934 дар Конгреси ИМА чунин ироа шуда буд: "Сатҳи некӯаҳолӣ танҳо бо даромади миллӣ муайян карда намешавад. Дар ҳолати муосир ба чунин таркибҳои муҳими ММД ба монанди рушди устувор, сармояи табиӣ ва вазъи экологӣ дар мамлакат аҳамият додан лозим аст" [8]. Аз ин ҷо бар меояд, ки зарурати маънидодкунии иқтисодиёти сабз ва рушди "сабз" дар ибтидои асри 20 ба миён омада буд.

Коршиносони СММ оид ба муҳити зист зери мафҳуми "иқтисоди сабз" чунин фаъолияти хоҷагидориро дар назар доранд, ки сатҳи некӯаҳолии миллатро баланд бардошта, баробарии иҷтимоиро таъмин мегардонад ва айни замон ба кам кардани хавфи экологӣ ва аз байн бурдани касри экологӣ имконият медиҳад. Соли 2012 дар конфронси UNCSD «Рио+20», ки ба рафъи камбизоатӣ ва назарияи рушди устувор бахшида шуда буд, тавсифи зерини моҳияти иқтисодиёти сабз пешниҳод гардид [13, С. 19-71]:

1. Иқтисодиёти сабз яке аз олатҳои самараноки аз байн бурдани қашшоқӣ ва таъминоти рушди устувор мебошад. Аз ҳисоби иқтисодиёти сабз баланд бардоштани ҳамгироии иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ, амалӣ намудани низоми экологӣ, ки ба рушду тараққиёти некӯаҳолии иқтисодӣ оварда мерасонад, ноил гаштан мумкин аст.

2. Иқтисодиёти сабз ба истифодаи самаранок ва ҳадди аксари захираҳои табиӣ имкон медиҳад, ки дар навбати худ ба баланд бардоштани даромади аҳолӣ ва пешгирии оқибатҳои манфии истеҳсолот шароит фароҳам меорад.

Дар сомонаи агентии Аврупо оид ба муҳити зист (ЕЕА) қайд карда шудааст, ки иқтисодиёти сабз ҳифзи низоми экологӣ ва ҳамзамон сатҳи зарурии қонеъгардонии миллатро бо маводи хӯрока, энергия, воситаҳои истеҳсолот таъмин мекунад [9].

Ҷиҳатҳои асосии моҳияти "иқтисоди сабз" - ро ба низом дароварда чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки "иқтисоди сабз" иқтисодиётест, ки хавфҳои экологиро ба таври назаррас кам намуда, рушди иқтисодиро таъмин менамояд ва сатҳи даромаднокии аҳолиро баланд менамояд, захираҳои табиӣ ва энергетикиро оқилона ва самаранок истифода мебарад, партови гази карбонро кам мекунад.

Гузариш ба "иқтисоди сабз" таърихи ба худ хоси рушд дошта, ба марҳилаҳои зерин ҷудо мешавад [3, С. 41-44]:

Марҳилаи аввал солҳои 1950-1960 - давраи огоҳӣ аз таъсири манфии иқтисодиёт ба ҳифзи муҳити зист ва инсон мебошад. Дар ин давра алоқаи тараққиёти иқтисодиёт бо таназзули ҳифзи муҳити зист пурра ба амал омад, вале проблемаҳои экологӣ бо назардошти зарурати ҳифзи табиат дар раванди тараққиёти иктисодиёт кам карда шуданд.

Дар ин давра як қатор конференсияҳои байналмилалӣ оид ба таназзули муҳити зист гузаронда шуданд. Аз ҷумла, дар соли 1955 дар шаҳрҳои калони ҷаҳон бахшида ба ифлосшавии атмосфера ба муносибати афзоиши фавти одамон аз газҳои гулхонаӣ аввалин конференсияи байналмилали гузаронида шуд. Ин набудани ҳамоҳангӣ ва созиш дар сатҳи байналмилалӣ, ихтилофи байни тиҷорат ва ҳадафҳои ҳифзи муҳити зист буд. Соли 1962 Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид Резолюсияи 1831 «Дар бораи рушди иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист»-ро қабул намуд.

Марҳилаи дуввум солҳои 1960—1970-умро дарбар мегирад. Дар ин марҳила аз ҳисоби тараққиёти муътадили иқтисодиёт, истифодаи интенсивии сарватҳои табии ва ифлосшавии муҳити зист базаи моддию ашёи хоми иқтисодиёт вайрон шуда, боиси паст шудани дараҷаи некуаҳволии омма гардид. Идеяи асосии мубоҳиса ташкили иқтисодиёти оқилона бо мақсади нигоҳ доштани захираҳои табии ва муҳити мусоид барои инсон буд.

Дар солҳои 70-ум барномаҳои амалии ташкилотҳои гуногун, ки ба ҳифзи сарватҳои табиӣ бахшида шудаанд, ташаккул ёфтанд. Дар соли 1970 Шӯрои Мудофиаи захираҳои табиӣ бо мақсади такмил додани сиёсати экологии Иёлоти Муттаҳида таъсис дода шуд. Ҳамин сол дар ҷаҳон аввалин семинари миллӣ оид ба ҳифзи муҳити зист гузаронида шуд. Соли 1971 дар Англия Институти байналхалқи оид ба муҳити зист ва тараққиёт ташкил карда шуд, ки мақсад аз он муайян кардани роҳҳои тараққиёти иқтисодиёт ва безарар гардонидани ба табиат буд. Соли 1972 дар шаҳри Стокгольме (Шветсия) Конфронси СММ оид ба ҳифзи муҳити зист баргузор гардид, ки дар он Барномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист (ЮНЕП) таҳия карда шуд [4, С. 184-189]. Ин вазъият маънои онро дошт, ки таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳалли проблемаҳои экологӣ дар сатҳи давлатӣ нигаронида шуда буд.

Марҳилаи сеюм солҳои 1980 ва 1990 мебошад. Ин давра марҳилаи рушди босуръати "Технологияҳои сабз" дар кишварҳои пешрафта баҳисоб мерафт ва идеяи модернизатсияи экологӣ ба миён гузошта шуд. Мазмуни асосии ин идея бо он маънидод карда мешавад, ки пешрафти иқтисодиёт ва тараққиёти саноат аз ҷиҳати экологӣ аз нуқтаи назари иқтисодиёт ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин давра дар байни мутахассисон консепсияи рушди устувор ташаккул ёфт. Соли 1983 Комиссияи умумиҷаҳонӣ оид ба муҳити зист ва рушд таъсис дода шуд. Комиссия дар давоми се сол масъалаҳои таъсир ва алоқаи омилҳои иқтисодӣ, ичтимоию маданӣ ва экологиро омӯхт. Ин чорабинии сатҳи баланд барои оммавӣ гардонидани консепсияи «Рушди устувор» замина гузошт.

Рушди устувор ин раванди тағйироти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки дар он истифодаи захираҳои табиӣ, самти сармоягузорӣ, рушди илмию технологӣ, рушди шахсият ва тағйироти институтсионалӣ бо ҳам алоқаманд буда, нерӯи имрӯзу фардо барои қонеъ гардонидани талаботи инсонро ташкил медиҳад [11]. Дар ин ҳолат, он асосан барои беҳтар кардани сифати зиндагии инсон пешбинӣ шудааст.

Соли 1992 дар Рио-де-Жанейро Конфронси ҳифзи муҳити зист ва рушд (Earth Summit) баргузор гардида буд.

Соли 1997 протоколи Киотский ба имзо расид. Протоколи Киотский як санади иловагӣ ба Конвенсияи чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағирёбии иқлим мебошад, ки моҳи декабри соли 1997 дар шаҳри Ҷопон қабул шудааст. Протоколи Киотский аввалин созишномаи глобалӣ оид ба ҳифзи муҳити зист дар асоси идоракунии механизми иқтисоди бозорӣ, яъне дар асоси тиҷорати квотаҳои байналмилалӣ барои партовҳои газҳои гулхонаӣ буд. Марҳилаи аввали ин протокол аз 1 январи соли 2008 оғоз шуда, то 31 декабри соли 2012 эътибор дошт. Кишварҳои дар замимаи V протоколи номбаршуда ӯҳдадор шуданд, ки миқдори газҳои гулхонаӣ ба атмосфераро дар давоми панҷ сол коҳиш диҳанд (диоксиди карбон, метан, гидрофторкарбонҳо, оксидҳои гидрофтортрокарбон, гексафторид) назар ба соли 1990-ум 5,2 фоиз кам шуд.

Марҳилаи чорум – солҳои 2000-2010. Бақайдгирӣ ва таҳкими консепсияи рушди устувор дар қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ, муҳити соҳибкорӣ ва васоити ахбори омма мебошад. Бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ боиси тафсири нави проблемаи ноустувории системаҳои байналмилалии иқтисодӣ гардид. Таъкид карда мешавад, ки «Бозори озод» аз ҷиҳати ҳифзи сарватҳои биосфера ва ҳифзи манфиатҳои адолати ичтимоӣ, таъмини устувории иқтисодиёт дар давраи дарозмуддат қобилияти худтанзимкуниро надорад. Дар ин давра нишастҳо ва конфронсҳои байналмилалӣ баргузор шуданд. Аз ҷумла, ҳаммоиши ҳазорсолаи СММ дар Ню-Йорк (эълони ҳадафҳои ҳазорсола), ҳамоиши умумиҷаҳонии рушди устувор «Рио+10» дар соли 2006 дар

Йоханнесбург, Рио-де-Жанейро дар соли 2012 баргузор гардида буд. Конфронси рушди устувор дар Рио+20. мафҳуми «иқтисоди сабз» дар низоми СММ дар шароити бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодии солҳои 2008-2009 ба таври васеъ истифода мешуд. Хусусан, дар соли 2009 Барномаи созмони миллали муттаҳид оид ба муҳити зист гузориши таҳлилии худро таҳти унвони «Аҳдномаи нави сабз» нашр кард [5, С. 44-55]. Ин гузориш тадбирҳоеро барои пешбурди “Сармоягузории сабз ё технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза” дар инфрасохтори саноат пешниҳод кардааст.

Барномаи созмони миллали муттаҳид оид ба муҳити зист ғояҳои ҳавасмандкунии "сабз"-ро дастгирӣ мекунад ва мегӯяд, ки миқдори зиёди сармоягузориҳои давлатӣ дар соҳаҳое муайян карда мешаванд, ки метавонанд ба рушди устувори иқтисодиёт замина мегузорад.


Айни замон созмонҳо ва кумитаҳои гуногуни СММ оид ба масъалаҳои “иқтисоди сабз” кор бурда истодаанд. Ба онҳо Департаменти масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ, ташаббуси иқтисоди сабз (GEI) ва гурӯҳҳои танзимкунандаи иқтисодиёти сабз дохил мешаванд. Аз ҷумла, GEI фаъолияти худро соли 2008 оғоз намуда, тақрибан бист созмону муассисаҳои СММ-ро муттаҳид намудааст [6, С. 83-87].

Аввалин таҳқиқоти илмӣ оид ба рушди иқтисоди сабз дар солҳои 70-уми асри 20 оғоз ёфт. Масалан, соли 1972 дар шаҳри Стокгольм (Шветсия) дар конференсияи байналмилали оид ба тараққиёти иҷтимои иқтисодӣ ва проблемаҳои экологӣ 26 принсип пешниҳод карда шуда буд, ки мақсад аз он муҳофизат ва инкишоф додани ҳифзи муҳити зист мебошад.

Сарфи назар аз он, ки мафҳуми «иқтисоди сабз» бори аввал дар адабиёти иқтисодӣ дар соли 1989 истифода шудааст, моҳияти он то ҳол ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Дар баъзе сарчашмаҳо «иқтисоди сабз» ҳамчун соҳаҳои нави иқтисодиёт, ки ба беҳбуди табиати кишвар мусоидат мекунанд, дар баъзе таҳқиқотҳо «иқтисоди сабз» ҳамчун технология ва экосистемаҳои наве, ки ба табиат кумак ва манфиат мебахшанд ва дар гурӯҳи сеюми таҳқиқотҳо «иқтисоди сабз»-ро гузариш ба марҳалаи нави рушд, ки ба истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза нигаронида шудааст, ки он ба технологияҳои тоза ё сабз асос ёфтааст [1, С. 202].

Тавре аз ҳамоишҳои дар боло зикр гардида фаҳмида мешавад, форумҳои сершумори байналмилалӣ оид ба рушди “иқтисоди сабз” баргузор шудаанд. Аммо, бояд қайд намуд, ки пас аз татбиқи онҳо ягон тағйироти назаррас дар мавриди консепсияҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ба амал наомадааст. Иқтидори табиӣ ва тавозуни иқлимии сайёра чанд миллиард сол боз инкишоф меёбад. Дар тӯли 100 соли охир, қисман харобшавии экосистема ба амал омадааст ва барқароршавии он миллионҳо солро дар бар мегирад.

Дар маҷмуъ, мо равишҳои асосии эволютсиониро барои ташаккули “иқтисоди сабз" гурӯҳбандӣ кардем, ки чунин мебошад (расми 1).



Расми 1. Марҳилаҳои рушд ва ташаккули “иқтисоди сабз»

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили корҳои илмӣ таҳқиқотии олимони байналмилалӣ ва ватанӣ оид ба муайян кардани мафҳуми иқтисоди сабз, марҳилаҳои асосии эволютсионии ташаккули он муайян ва гурӯҳбандӣ карда шуда, равишҳои илмӣ ва методологӣ барои ташаккули мафҳумҳои «иҷтимоӣ-экологӣ-иқтисодӣ»-и иқтисоди сабз таҳия карда шудаанд.

Ба андешаи мо, «иқтисоди сабз» талаботро ба рушди устувор рафъ карда наметавонад ва меъёри муҳими ноил шудан ба рушди устувор мебошад. Моҳияти рушди устувор дар он аст, ки ҷомеаи имрӯза бояд фаъолияти иқтисодии худро тавре ба роҳ монад, ки наслҳои баъдӣ имкониятҳои иқтисодӣ дошта бошанд [7, С. 77-86]. Рушди устувор рушди ҳамаҷониба ва ба ҳам алоқаманди ҷузъҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро талаб мекунад.

Тарафдорони консепсияи «иқтисоди сабз» бар ин назаранд, ки низоми кунунии иқтисодӣ нокомил аст, бо вуҷуди он ки дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ба натиҷаҳои муайяни мусбӣ оварда расонидааст. Таназзули муҳити зист (тағйирёбии иқлим, биёбоншавӣ, аз байн рафтани гуногунии биологӣ), маҳдудияти сармояи табиӣ, камшавӣ, афзоиши камбизоатӣ, оби тоза, озуқаворӣ, энергия, нобаробарии одамон ва кишварҳо - ҳамаи ин мушкилот аз номукаммалии системаи иқтисодии кунунӣ гувоҳӣ медиҳад [12]. Бо сабабҳои дар боло зикршуда модели иқтисодии кунуниро «иқтисоди қаҳваранг» меноманд.

Дар сатҳи байналмилалӣ татбиқи консепсияи нав дар стратегияҳои кишварҳо ва ҷаҳонишавии ташкилотҳои минтақавию байналмилалӣ ворид гардида, бахшҳои махсусгардонидашуда ташкил ёфтанд ва захираҳои молиявӣ дар ин самт равона шуда истодаанд.

Хулоса, робитаи байни мафҳумҳои «рушди устувор», «рушди сабз» ва «иқтисоди сабз» имкон медиҳад, ки маънои мафҳуми «иқтисоди сабз»-ро амиқтар ошкор созем. Ташаккули иқтисоди сабз ба татбиқи стратегияи рушди устувор мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, метавон “иқтисоди сабз”-ро ҳамчун заминаи ноил шудан ба ҳадафҳои дарозмуддати рушди устувор арзёбӣ кард.

Адабиёт

1. Абдуллоева, Ш.Б. Формирование и развитие рынка экологических услуг (на материалах Республики Таджикистан): дис. …. д-ра экон. наук: 08.00.05 [Текст] / Шаходат Буриевна Абдуллоева; -Душанбе, 2017.-202 с.

2. Буриева, М.Ч. Эколого-экономическая эффективность функционирования мелиоративно-ирригационного комплекса аридного региона: автореф. дис. … д-ра экон. наук: 08.00.05 [Текст] / Мастура Чориевна Буриева. – Душанбе, 2014. – 24 с.

3. Давлятова, М.М. Пути совершенствования механизма управления "зеленой" экономики в Центральной Азии [Текст] / М.М. Давлятова // Материалы международной научно-практической конференции. Обеспечение импортозамещающей отечественной продукцией в условиях устойчивого развития республики Таджикистан в сотрудничестве со странами Средней Азии. – Душанбе, 2019. Часть 2 – С. 41 – 44.

4. Давлятова, М.М. Перспективы развития “зеленой” экономики в Центральной Азии: мировая и региональная практика [Текст] / М.М. Давлятова, У.О. Кимсанов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук №5. Часть 1. – Душанбе, 2019, стр. 184-189.

5. Исайнов, Х. Р. Энергетический рынок Центральной Азии: проблемы формирования и перспективы развития [Текст] / Х. Р. Исайнов // Вестник Таджикского Национального Университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2016. – № 2/11 (220). – С. 44 – 51.

6. Кимсанов, У.О. Теоретические аспекты понятие «зелёная экономика» [Текст] / У.О. Кимсанов, М.М. Давлятова // Вестник Технологического Университета Таджикистана. Экономика. – Душанбе, 2017. – № 3(30). – С. 83-87.

7. Мухаббатов, Х. М. Центральная Азия: земельно-водные ресурсы и экология [Текст] / Х.М.Мухаббатов // Вестник Таджикского Национального Университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2016. – № 2/11 (220). –С. 77 – 86.

8. Всемирная хартия природы [электронный ресурс] - http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/charter_for_nature.shtml. Дата обращения 22. 09. 2025 года

9. Runnalls D. «Environment and Economy: joined at the hip or just strange bedfellows?» //S.A.P.I.EN.S, 4.1, 2011. http://sapiens.revues.org/1150

11. The intergovernmental panel on climate change [электронный ресурс] - www.ipcc.ch. Дата обращения 22. 09. 2025 года;

12. Программа "Чистое Производство" [электронный ресурс] - http://ruscp.ru/ru/aboutus. Дата обращения 19 ноября 2025 года

13. Доклад Конференции ООН по окружающей среде и развитию\\. Рио-де-Жанейро, 3-14 июня 1992 г. Т.2.\\ Отчет о работе Конференции.- Нью-Йорк, 1993. С. 19, 31, 40-60, 64, 71.

Маълумот дар бораи муаллиф

Шодиев Кӯҳзод Қурбонбоевич–н.и.и., дотсент, сардори шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14.

Сведения об авторе

Шодиев Кухзод Курбонбаевич–кандидат экономически наук, доцент, начальник отдела мониторинга и управления качества образования, Таджикского государственного финансово-экономического университета, Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.

About the author

Shodiev Kuhzod Kurbonbaevich–candidate of economic sciences, associate professor, head of the department of monitoring and management of the quality of education, tajik state university of finance and economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14.

УДК: 368.81

ПРИНЦИПЫ РАСЧЕТА УЩЕРБА И СТРАХОВОЙ КОМПЕНСАЦИИ В ИМУЩЕСТВЕННОМ СТРАХОВАНИИ

Абдуджабборзода С.
Халифазода Дж.Б.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация.В статье утверждается, что под понятием совокупного имущества понимаются материальные вещи и ценности, которые являются собственностью юридических и физических лиц и которыми они непосредственно управляют. Также сказано, что страхователями могут быть не только собственники, но и другие юридические и физические лица, ответственные за содержание данного имущества. Условие страхования собственного и чужого имущества отличается тем, что оно выражается в конкретных правилах страхования. Имущественное страхование-это система отношений между страхователем и страховщиком по оказанию страховых услуг страхователю, когда защита его имущественных интересов связана с владением, использованием и распоряжением имуществом. Поэтому страхователями по имущественному страхованию могут быть юридические лица или физические лица, имущественные интересы которых связаны с владением, использованием и распоряжением имуществом.

Ключевые слова: страхование имущества, риск причинения вреда, страховые отношения, страховой фонд, юридические лица, договор страхования, предпринимательская деятельность, хранение имущества.

Для цитирования: Абдуджабборзода, С. Принципы расчета ущерба и страховой компенсации в имущественном страховании / С. Абдуджабборзода, Дж. Б. Халифазода // Финансово-экономический вестник. – 2026. – № 1. – С. 115-123.

PRINCIPLES OF CALCULATING DAMAGE AND INSURANCE COMPENSATION IN PROPERTY INSURANCE

Abdujabborzoda S.
Khalifazoda J.
Tajik State University of Finance and Economics

Abstract. The article states that the concept of aggregate property refers to tangible items and valuables that are owned by legal entities and individuals and that they directly manage. It also states that policyholders can be not only owners but also other legal entities and individuals who are responsible for maintaining this property. The condition of insurance for one's own and other people's property differs in that it is expressed in specific insurance rules. Property insurance is a system of relations between the policyholder and the insurer for the provision of insurance services to the policyholder, when the protection of his property interests is related to the ownership, use and disposal of property. Therefore, property insurance policyholders can be legal entities or individuals whose property interests are related to the ownership, use and disposal of property.

Keywords: property insurance, risk of damage, insurance relations, insurance fund, legal entities, insurance contract, business activities, storage of property.

ПРИНСИПҲОИ ҲИСОБКУНИИ ЗАРАР ВА ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ ДАР СУҒУРТАИ АМВОЛ

Абдуҷабборзода С.
Халифазода Ҷ.Б.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Анотапсия. Дар мақолаи мазкур оварда шудааст, ки зери мафҳуми амвол маҷмӯӣ ашёҳо ва арзишҳои моддие фаҳмида мешавад, ки моликияти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ буда, аз ҷониби онҳо ба таври фаврӣ идора карда мешавад. Инчунин гуфта шудааст, ки суғурташавандагон на танҳо соҳибмулкон, балки дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки барои нигоҳдории амволи мазкур масъул мебошанд, шуда метавонанд. Шарти суғуртакунии амволи худӣ ва бегона фарқ мекунад, ки он дар қоидаҳои мушаххаси суғурта ифода меёбад. Суғуртаи амволӣ ин системаи муносибатҳои суғурташаванда ва суғуртакунанда оид ба расондани хизмати суғурта ба суғурташаванда мебошад,

вақте ки ҳифзи манфиати амволии вай ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории амвол алоқаманд бошад. Бинобар ин суғурташавандагони суғуртаи амволӣ шахсони ҳуқуқӣ ва ё шахсони воқеие буда метавонанд, ки манфиатҳои амволии онҳо ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории амвол алоқаманданд.

Калидвожаҳо: суғуртаи амвол, хавфи зарар, муносибатҳои суғуртавӣ, фонди суғуртавӣ, шахсони ҳуқуқӣ, шартномаи суғурта, фаъолияти соҳибкорӣ, нигоҳдории амвол.

Постановка проблемы. Имущественное страхование в Республике Таджикистан является одной из отраслей страхования, объектом его страховых отношений является имущество различных видов. Под общим понятием имущества понимаются материальные вещи и ценности, которые являются собственностью юридических и физических лиц и которыми они непосредственно управляют. Экономическое содержание имущественного страхования выражается в создании страхового фонда, предназначенного для возмещения убытков его участников, возникших в результате наступления страхового события. Застрахованное имущество может быть застрахованным имуществом или имуществом, которое застрахованный использует временно. Страхователями могут быть не только собственники, но и другие юридические и физические лица, ответственные за содержание данного имущества. Условие страхования собственного и чужого имущества отличается тем, что оно выражается в конкретных правилах страхования.

Анализ последних исследований. Исследования по этому вопросу проводили Ашуров Г.Д., Ашуров Г.Д., Давлатзода К.К., Мирсаидов А.Б., Муминзода А., Хусаинов М.С. и другие, чьи работы были использованы автором.

Цель статьи-изучение принципов расчета ущерба и страховой компенсации в имущественном страховании.

Изложение основного материала. В Законе Республики Таджикистан» О страховой деятельности " говорится, что объектами имущественного страхования могут быть имущественные интересы, которые зависят, в частности, от следующих факторов:

- владение, пользование и распоряжение имуществом (страхование имущества);
- обязанность возместить ущерб, причиненный другим лицам (риск гражданской ответственности);
-осуществление предпринимательской деятельности (страхование предпринимательских рисков).

В договоре имущественного страхования застрахованы следующие имущественные интересы:

1) риск потери (разрушения), недостачи (дефицита) или повреждения определенного имущества;

2)риск ответственности по обязательству, возникшему в результате причинения вреда жизни, здоровью или имуществу других лиц, а в случаях, предусмотренных законом, - ответственность по договору (риск гражданской ответственности);

3) риск убытков от предпринимательской деятельности, связанных с нарушением обязательств предпринимательскими партнерами или изменением условий предпринимательской деятельности из-за обстоятельств, не зависящих от предпринимателя, в том числе риска не получить ожидаемый доход (предпринимательский риск).

Следует отметить, что при страховании имущества на 2 месяца 30%, 3 месяца 40%, 4 месяца 50%, 5 месяцев 60%, 6 месяцев 70%, 7 месяцев 75%, 8 месяцев 80%, 9 месяцев 85%, 10 месяцев 90%, 11 месяцев 95% и 1 год 100% на основании законодательства Республики Таджикистан и определенных критериев страховых компаний страховка покрывается.

При страховании имущества важное значение имеет проведение классификации имущества в зависимости от его владения. Договор страхования имущества может быть подписан в пользу лица (застрахованного или бенефициара), которое имеет законный интерес в хранении этого имущества. В договоре не указано имя бенефициара. В таком случае застрахованному выдается страховой полис для поручителя (показателя). Таким договором может быть застрахован риск ответственности самого страхователя или другого лица, на которое может быть возложена такая ответственность. Имя указанного лица должно быть указано в договоре. Договор риска ответственности за причинение вреда считается заключенным в пользу лица, которому может быть причинен вред.

Стоит отметить, что страховой рынок в Республике Таджикистан после распада Советского государства, начала гражданской войны и ослабления финансовой системы столкнулся с многочисленными трудностями и практически не функционировал в стране. Сегодня страховой

рынок постоянно развивается и приобрел определенный потенциал для обеспечения безопасности хозяйственной деятельности. В то же время, в соответствии с законодательством Республики Таджикистан, для развития этой важной отрасли создана прочная правовая база, которая способствует расширению ее возможностей. С точки зрения нашего исследования, необходимо отметить, что Республика Таджикистан определила приоритетные направления развития страховой деятельности в стране и предпринимает шаги для развития этой важной отрасли [1, с. 202].

При страховании имущества или предпринимательского риска, если иное не предусмотрено договором, страховая сумма не должна превышать ее фактическую стоимость (страховую стоимость). В практической работе страховых компаний при определении размера ущерба и выплаты страховых убытков при страховании имущества используются несколько методов.

1. Наиболее распространенным методом страхования имущества является страхование по фактической стоимости имущества (полное страхование). Реальная стоимость имущества на дату заключения договора страхования называется его реальной стоимостью. Суть данного метода страхования заключается в том, что страховая сумма равна страховой стоимости, а страховые убытки равны фактическому размеру страхового ущерба. Например, на момент заключения договора имущественного страхования реальная стоимость имущества (объекта страхования) равна 100 тысячам сомони, а страховая сумма равна страховой стоимости, то есть 100 тысячам сомони. Если в результате страхового случая ущерб, причиненный объекту страхования, равен 60 тысячам сомони, то страховой взнос также составляет 60 тысяч сомони.

2. Страхование методом пропорциональной ответственности (неполное страхование) означает, что страховая сумма меньше страховой стоимости, то есть объект страхования застрахован частично или частично. При использовании этого метода страховая компания выплачивает страховой ущерб в размере соотношения между страховой суммой и страховой стоимостью. Если страховая сумма составляет 70% от страховой стоимости, то страховщик теряет 70% от фактической суммы ущерба. Оставшаяся часть убытков (в нашем примере 30 процентов) ложится на самозастрахуемого и называется франшизой или самозастрахованным удержанием. Например, объектом страхования является транспортное средство:

- страховая стоимость-35000 сомони;
- страховая сумма-21000 сомони;
- страховой ущерб-15000 сомони;
- страховой талон ?

Для определения страховых потерь используется следующая формула:

ТС=Зс*МС/Ас

вот так.:

Тс-страховой депозит;

Зс-страховые убытки;

Мс-страховая сумма;

Ас-страховая стоимость.

Соотношение страховой суммы и страховой стоимости составляет 60 процентов (21000/35000=0,6 или 60%). Страховщик возмещает убытки в размере 60% (9000 сомони) от фактической суммы ущерба (35000 тыс. сомони). Тс=15000*20000/35000=9000 сомони

Таким образом, страховой талафи составил 9000 сомони.

Суть страхования методом пропорциональной ответственности заключается в том, что чем меньше разница между страховой суммой и страховой стоимостью, тем больше страховой убыток. При использовании этого метода страховая компания мотивирует страховщиков, что если они приблизят страховую сумму к страховой стоимости, то страховые убытки будут понесены тем больше, то есть в зависимости от соотношения страховой суммы и страховой стоимости [2, с. 87]. Факт страхования имущества методом пропорциональной ответственности заранее указывается в договоре страхования с термином «эверидж».

3. В соответствии со страхованием методом первого риска страховые убытки выплачиваются в размере фактического ущерба, но не более страховой суммы. Страховой убыток, равный или меньший страховой суммы называется первым риском и полностью возмещается страховой компанией. Страховые убытки, превышающие страховую сумму, называются вторым риском, и страховая компания не несет убытков. Например, объектом страхования является компьютер:

- страховая стоимость - 2000 сомони;
- страховая сумма-1200 сомони;

- страховой ущерб-800 сомони;
- страховой взнос-800 сомони.

В данном примере страховой ущерб равен 800 сомони, что является первым риском и полностью оплачивается страховой компанией.

Другой пример, объектом страхования является компьютер:
- страховая стоимость - 2000 сомони;
- страховая сумма-1000 сомони;
- страховой ущерб-1300 сомони;
- страховой взнос-1000 сомони.

В данном примере страховой ущерб составил 1300 сомони, что на 300 сомони больше страховой суммы. Поэтому страховая компания выплачивает страховой ущерб в размере 1000 сомони (первый риск). 300 сомони-это второй риск, страховая компания его не понесет.

Из анализа метода страхования с начальным риском выяснилось, что страховая компания никогда не несет страховых убытков, превышающих страховую сумму.

4. Страхование по восстановленной стоимости означает, что страховая компания оплачивает страховые убытки в размере цены нового имущества, аналогичного застрахованному имуществу. В таком случае амортизация имущества не принимается во внимание. Если в результате страхового происшествия полностью уничтожается застрахованное имущество (транспортное средство), стоимость которого на момент заключения договора страхования составляла 50 тыс. сомони, то страховой ущерб выплачивается в размере цены такого нового транспортного средства, которая составляет 60 тыс. сомони.

5. Метод территориальной ответственности. В соответствии с этим методом возмещение убытков осуществляется как разница между лимитом (т. е. страховой суммой), заранее установленным договором страхования, и фактическим доходом, получаемым страхователем. Если в результате страхового случая размер фактического дохода, полученного страхователем, меньше установленного территориального размера, то разница между ними теряется. Например, в договоре страхования, заключенном по методу территориальной ответственности, размер предельного дохода страхователя (предпринимателя) за первое полугодие текущего года установлен в размере 23500 сомони. Реальный застрахованный доход в первом полугодии текущего года составил 20000 сомони. В таком случае страховая компания возмещает страховой ущерб в размере 3500 сомони (23500-20000=3500). Если размер реального дохода застрахованного превышает установленный договором территориальный размер (страховую сумму), то убытки не понесены, так как застрахованный не понес убытков. Например, в договоре страхования предельный застрахованный доход за предыдущий год был определен в 50000 сомони, а реальный доход составил 55600 сомони, то есть он не понес убытков. Таким образом, страховая компания не будет оплачивать убытки.

Следует отметить, что метод территориальной ответственности в основном используется при страховании бизнес-рисков. Непосредственное участие страхователя в возмещении части убытков освобождает страховщика от снижения убытков и связанных с этим затрат на его регулирование. Кроме того, непосредственное участие застрахованного в возмещении ущерба повышает его ответственность за обеспечение сохранности застрахованного имущества в хорошем состоянии [4, с. 68].

При использовании негосударственной франшизы страховщик возмещает страховой ущерб в его фактическом размере, но не более страховой суммы, путем уменьшения страхового ущерба от франшизы. Неденежная франшиза широко используется при страховании грузов и складских товаров, а также в основном при страховании промышленности, страховщик в основном возмещает очень большие убытки.

В договорах страхования, заключаемых франчайзинговым методом, застрахованному предоставляется льгота в виде скидки на страховой взнос. Размер скидки особенно велик в контрактах, заключаемых с использованием метода безусловной франшизы.

Для ограничения размера суммы, которую страховщик использует для возмещения убытков, используется предел ответственности страховщика. Условия об уровне ответственности страховщика содержатся в тексте договора страхования. Ставка ответственности страховщика по отдельным видам имущества и застрахованной стоимости устанавливается в абсолютном размере денежной единицы или в определенном проценте от стоимости имущества.

Существует четыре способа возмещения страховых убытков при имущественном страховании: денежные убытки, ремонт, замена и возмещение. Как правило, страхователю предоставляется право выбора того или иного способа возмещения страховых убытков. Наиболее

часто используется денежный способ возмещения страховых убытков. Использование натуральных способов возмещения страховых убытков выгодно при страховании транспортных средств, недвижимого имущества, стекла.

Муҳаққиқи тоҷик С. А. Алиҷонова мафҳуми сиёсати пулию қарзиро чунин шарҳ медиҳад: ...«Ба таври кӯтоҳ сиёсати пулию қарзӣ ҳамчун маҷмӯи тадбирҳои танзими муомилоти пул қабул карда мешавад ва ба маънои васеъ сиёсати пулию қарзӣ дорои самтҳои мушаххаси мақсаднок мебошад, ки бо ёрии афзорҳои он, ки маъмулан аз танзими меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ, меърҳои ҳисобии фоиз, амалиётҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар бозори кушод иборатанд, муайян карда мешаванд» [2].

М.Фридман қайд намуд, ки «...сиёсати пулию қарзӣ бояд танҳо ба пешгирии таваррум нигаронида шавад. Инчунин, сиёсати пулию қарзӣ бояд рушди тадриҷан устувори ҳаҷми пулро ба андозаи 3-5% («қоидаи пулӣ»), суботи меъёри фоизӣ, шуғлнокии зиёд, рушди иқтисодӣ, суботи бозори асъор ва молиявӣ, ихтисор намудани хароҷоти давлатиро таъмин намояд” [9].

Дар ҳақиқат сиёсати монетарӣ (сиёсати пулию қарзӣ) ҷараёни танзим намудан ва идоракунии пешниҳоди ҳаҷми пулро дар иқтисодиёт, сатҳи пардохтпазирии сохтори бонкӣ, меъёри фоизҳои кутоҳмуддати бозори байнибонкиро тавассути истифодабарии афзорҳои сиёсати пулӣ-қарзӣ, ки бештар барои ба даст овардани субботи нарх ва кӯмак расонидан ба рушди иқтисодиёти воқеӣ равона карда шудааст, дар бар мегирад.

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти миллӣ сиёсати монетарии Тоҷикистон бо тағйиротҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гашт, алалхусус гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва рушди пули миллӣ.

Сиёсати пулии Тоҷикистон аз замони истиқлолият (бо истифода аз пули Шӯравӣ ва Русия) то ҷорӣ шудани пули миллӣ-сомонӣ таҳаввул ёфтааст.

Бояд қайд намуд, ки 8-уми январи соли 1994 пас аз муомила шудани рубли нави русӣ пасандозҳои бонкии аҳолӣ ба маблағи 126 миллион рубли тоҷикӣ дар суратҳисобҳои махсуси бонкӣ масдуд ва ба ваучерҳои хусусигардонӣ иваз карда шуданд. Маблағи пасандозҳои бонкҳои корхонаҳои давлатӣ ба ҳисоби 1200:1, пасандозҳои қарзии онҳо бошад, ба андозаи 1000:1 ба маблағи мусоидтар гузаронда шуд. Ин қурби асъор барои бақияи пасандозҳои бонкии корхона (1200:1) аз он сабаб интихоб шудааст, ки роҳбарият кӯшиш мекард, ки барои баъзе пасандозҳои хонаводаҳо шарти имтиёзнок фароҳам оварда, қурби миёнаи асъорро дар сатҳи 1000:1 нигоҳ дорад. Ба баъзе фондҳои моддии корхонаҳо (масалан, захираҳои молӣ ва фондҳои асосӣ) иҷозат дода шуд, ки ба андозаи 100:1, яъне фоизи мусоидтар аз нав баҳо дода шавад. Дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ аз рӯйи меъёри 1000:1, дар ҳоле ки тамоми уҳдадориҳои онҳо дар назди бахши хоҷагӣ бо меъёри 1200:1 қарор доштанд, баргардонида шуданд. Бонкҳое, ки то соли 1994 бақияи пасандозҳои назарраси аҳолӣ доштанд, ҳангоми азнавбаҳодиҳӣ зарари калон диданд, зеро ин пасандозҳо бо қурби баланд, яъне мубодилаи 100:1 қарор доштанд. Пас аз муомила шудани пули нави миллӣ (рубли тоҷикӣ) тайи чанд муддат пардохти онҳо тавассути суратҳисобҳои бонкӣ мушкил буд. Дар ин давра Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби маблағҳои мутамарказ қарз пешниҳод намуд. Бо мурури замон, бонкҳои тиҷоратӣ пардохтпазир шуда, иқтисодиётро фаъолона дастгирӣ намуданд, ки ин яке аз омилҳои суст шудани коҳиши истеҳсолот ва оғози рушди иқтисодӣ дар соли 1997 буд. Баъди муомилоти рубли тоҷикӣ заминаи сиёсати мустақили пулию қарзӣ дар кишвар гузошта шуд. Рубли тоҷикӣ беш аз панҷ сол дар муомилот қарор дошт ва дар қиёс бо пули дигар кишварҳои ИДМ мавқеи устуворро нигоҳ дошт.

Барои ноил шудан ба сатҳи мӯътадили таваррум, қобилияти харидории пули миллӣ ва таъмини устувории он, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати қатъии пулию қарзии макроиқтисодиро пеш гирифт, ки дар Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 1995 "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1995-1996" инъикос ёфтааст. Ин сиёсат бо барномаи устуворсозии молиявии Хазинаи Байналмилалии Асъор зич ҳамоҳанг карда шуд. Дар ин робита, қайд кардан бамаврид аст, ки сиёсати пулию қарзии татбиқшуда аз ҷониби Бонки Миллӣ аз тарафи олимони ватанӣ: Н.К. Қаюмов, Х. Умаров, Р.К. Раҳимов, А. Абдуғаффоров, Т. Ризоқулов, В. Бобоев ва дигарон шадидан интиқод карда шуд (5).

Дар солҳои 1998-2000 ва давраҳои баъдӣ, Ҳукумат ва Бонки миллӣ сиёсати пулию қарзии қатъӣ, ҳамоҳангшуда ва бо Хазинаи Байналмилалии Асъор мувофиқшударо идома доданд, ки ба

танзими таваррум тавассути идоракунии пешниҳоди пул ва маҳдуд кардани талабот нигаронида шудааст.

Ногуфта намонад, ки сиёсати пулию қарзии Тоҷикистон дар даврaҳои истиқлолият ду марҳилаи асосиро паси сар кардааст. Марҳилаи аввал солҳои 1995-2000, давраи ба муомилот баровардани рубли тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Дар марҳилаи мазкур рубли тоҷикӣ дар баробари рубли русӣ дар муомилот қарор дошт.

Дар робита ба зарурати анҷоми ташаккули давлатдории Тоҷикистон зарурати муомилоти пули миллӣ ба миён омад, ки рамзи моҳияти миллии халқи тоҷик буд. Аз ин рӯ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чорaҳои амалӣ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2000 таҳти № 415 «Дар бораи ба муомилот баровардани пули миллии сомонӣ» аз 30-уми октябри соли 2000 ислоҳоти пулӣ гузаронида шуда, пули нави миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилот бароварда шуд. Қурби рубли тоҷикӣ 1000 рубл ба 1 сомониро (1000:1) ташкил дод, нархи тамоми молҳои саноатӣ, озуқаворӣ ва дигар молҳо 1000 маротиба арзон шуд, яъне аз ислоҳоти асъор ба аҳолии ҷумҳурӣ осеб нарасид. Ин дуюмин ислоҳоти пулӣ дар ҷумҳурӣ буд, ки барои татбиқи он тамоми чорaҳо андешида шуданд, ки мардуми Тоҷикистон дар натиҷаи ба муомилот баровардани пули нави миллӣ ба ягон зарари молиявӣ дучор нашаванд. Барои иваз кардани пулҳои кӯҳна ба пулҳои нав ба муддати 5 моҳ муҳлат муқаррар карда шуд. Рубли тоҷикӣ дар муомилот дар баробари воҳиди пулии нав, яъне пули сомонӣ то 1-уми апрели соли 2001 дар муомилот қарор дошт.

Барои қабул намудани пулҳои кӯҳна, яъне рубли тоҷикӣ дар филиалҳои бонки давлатии амонатгузории « Амонатбонк» БДА ситод ва комиссияи корӣ созмон дода шуда, ҳаммарӯза пулҳои аҳолӣ қабул карда шуда, инчунин дар ҷойҳои серодами аҳолӣ, алалхусус бозорҳо ҷиҳати эътимод кардан ба давлат ва бонкҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешуд, то ин ки аҳолӣ рӯҳбаланд шуда, бо боварии комил пулҳои худро дар бонкҳо супоранд ва ба ивази он пулҳои нави сомонӣ гиранд.

Дар натиҷа аз 30 октябри соли 2000 то 1 апрели соли 2001 ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ рубли худро пурра ба воҳиди нави пул – сомонӣ иваз карданд.

Бо мақсади такмил додани сохтори низоми пулии ҷумҳурӣ ва дар ин замина таъмини эътимоду устувории он бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2001 тангаҳои филизӣ бо арзишҳои 1, 3, 5 сомонӣ ва 5, 10, 20, 25, 50 сомонӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон барориши 25, 50 дирам аз 3 сентябри соли 2001 ба муомилот бароварда шуданд.

Инчунин, муқаррар карда шуд, ки пулҳои коғазии 1, 5 сомонӣ ва 5, 20, 50 дирам, ки ҳоло дар муомилот будаанд, дар баробари тангаҳои филизӣ истифода мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки пули нави миллӣ дорои аҳамияти бузурги фарҳангӣ буда, рамзи анъанаҳои қадимии фарҳангии мардуми тоҷик аст. Дар пулҳои нав акси шахсиятҳои намоёни фарҳанг, сиёсат, илм ва ёдгориҳои маъруфи таърихию фарҳангӣ ҷой дода шудаанд.

Ба муомилот баровардани пули миллии сомонӣ, ки ба рушди иқтисод ва дигаргуниҳои мусбат дар ҳаёти ҷумҳурӣ таъсир расонд, дар назди низоми бонкӣ вазифаҳои нав гузошт. Бонки миллии Тоҷикистон ва тамоми низоми бонкии кишвар ҷузъи низоми байналмилалии бонкӣ гардиданд.

Пули миллӣ – сомонӣ, ки дар минтақаи муомилот нуфузи кофӣ дорад ба рамзи шоистаи Тоҷикистони соҳибистиқлол табдил ёфта, ҳамчун василаи боэътимоди танзими иқтисодиёти рӯ ба инкишофи кишвар хизмат мекунад.

Соли 2004 бо мақсади рушди низоми пулӣ дар Тоҷикистон аввалин тангаҳои хотиравӣ ба муомилот бароварда шуданд.

Дар маҷмӯъ, сиёсати пулию қарзии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият барои ба эътидол овардани иқтисод ва мустаҳкам намудани қурби пули миллӣ нигаронида шуда буд.

Инчунин, бояд қайд кард, ки дар кишвар сиёсати тадриҷан кам кардани ҳаҷми қарзи беруна дар робита ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) амалӣ менамояд. Агар соли 1999 ҳаҷми қарзи беруна ба 1 миллиард 280 миллион доллари ИМА ё 98,5% ММД баробар бошад, пас 1 январи соли 2005 бевосита қарзи миллии давлат ба 683 миллион доллар баробар шуд, ки 32,0 фоизи ММД ташкил додааст.

Бояд қайд намуд, ки самти асосии ба эътидол овардани қурби пули миллӣ мубориза бо таваррум, рушди низоми бонкӣ ва идоракунии пардохтпазирӣ маҳсуб меёбад. Таҳқиқот дар ин самт ҷанбаҳои мухталифро, аз қабили таъсири сиёсати монетарӣ ба рушди иқтисодӣ, нақши Бонки миллӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва ҳалли мушкилотҳои мавҷударо дар бар мегарад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022 қайд мекунанд, ки «...дар соҳаи

сиёсати пулию қарзӣ нигоҳ доштани устувории қурби асъор, баланд бардоштани қобилияти пардохтпазирии низоми бонкӣ, дар сатҳи пешбинишуда нигоҳ доштани сатҳи таваррум ва таъмини фаъолияти самараноки низоми пардохт вазифаҳои муҳим боқӣ мемонанд».

Бонки миллӣ ҳамчун бонки марказӣ дар чаҳорчубаи ваколатҳои дар қонунгузориҳои ҷорӣ пешбинишуда барои таҳия ва дар амал татбиқ намудани сиёсати пулӣ-қарзӣ ҷавобгар аст. Мувофиқи моддаи 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» мақсади асосии Бонки миллии Тоҷикистон ба даст овардан ва нигоҳ доштани сатҳи устувории дарозмуддат ва дохилии нарх дар доираи ваколатҳояш маҳсуб меёбад. Вазифаи сиёсати пулию қарзӣ беш аз ҳама дар ба даст овардани ҳамин мақсад амалӣ мегардад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бонкҳои марказӣ, яъне бонкҳои миллии бисёр давлатҳои мутаррақӣ ва давлатҳои рӯ ба таррақӣ чунин мақсади нигоҳдории ҳаҷми босубботи нархро дунболагирӣ менамоянд ва сиёсати худро дар мадди аввал барои ба даст овардани ҳамин мақсад равона менамоянд.

Ба мақсад муваффақ шудани Бонки Миллии Тоҷикистон ба муҳайё намудани устувории бонизоми бонкӣ, сатҳи дарозмуддати иқтисодиёти воқеӣ ва инчунин рушди некуаҳволии кишвар мусоидат менамояд.

Дар айни замон механизми сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон дар низоми монетарӣ асос ёфта, мақсади ниҳоии он устувории ҳаҷми нарх мебошад, ки ба воситаи танзими пешниҳоди пул ва пулҳои захиравӣ ба сифати мақсадҳои амалиётӣ баромад менамоянд.

Дар доираи ин ҳадафи амалиётӣ Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади таъмини устувории нишондиҳандаҳои пулию қарзӣ ва сатҳи нархҳо ҳамасола нақшаи афзоиши нишондиҳандаи миқдорӣ – сатҳи пулҳои захиравиро муқаррар менамояд. Дар баъзе мавридҳо, масалан, дар мавриди таъсири зарбаҳои беруна ба дараҷаи нишондиҳандаҳои миқдорӣ тағйироти дахлдор дохил карда мешавад.

Ислоҳоти иқтисодие, ки тайи 10-15 соли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда шуд, ба рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, паст шудани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мусоидат намуд. Рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз ҳисоби тавсеаи соҳаи хизматрасонӣ, рушди саноат ва воридшавии маблағҳои интиқолии муҳоҷирони меҳнатӣ сурат мегирифт. Маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар дар соли 2000 тақрибан 1,8 миллиард сомонӣ буда, пас аз он дар тӯли солҳо афзоиш ёфтааст ва то соли 2023 ба 130,8 миллиард сомонӣ расид. Сатҳи таваррум бошад 61 фоизро ташкил дода буд. Маҷмӯи маҳсулоти дохилии воқеӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 2021 8 фоиз афзуд. Татбиқи бомуваффақияти сиёсати пулию қарзӣ, инчунин сиёсати таҳкими қурби асъор ба паст шудани сатҳи таваррум мусоидат намуд. Масалан, сатҳи таваррум дар бозори молҳои истеъмолӣ 4,2 фоизро ташкил дод. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2020 муяссар шуд, ки профисити ҳисоби ҷориро нигоҳ дорад; масалан, соли 2022 профисит 15,6 фоизи ММД-ро ташкил дод.

Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон дар соли 2024 бошад дар ҳаҷми 8,4% афзоиш ёфта, ба 153,4 миллиард сомонӣ расид. Ин аз ҳисоби афзоиши саноат (+20%), кишоварзӣ (+10,6%) ва хизматрасонии пулакӣ (+13%) имконпазир гардид [1].

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои вазифаҳои худ ва ноил шудан ба ҳадафи асосӣ, яъне устувории нархҳо бо истифода аз воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ, иҷрои ҳадафи амалиётиро пайваста назорат намуда, пардохтпазирии низоми бонкиро танзим менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки қарорҳои қабулшуда ва эълоншуда оид ба тағйироти калидии сиёсати пулию қарзӣ талаб мекунанд, ки гузаронидани амалиёти дахлдор тавассути фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ба вазъи бахши молиявӣ ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъсир расонад.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти худ, аз ҷумла барои ноил шудан ба ҳадафи асосӣ, яъне нигоҳ доштани сатҳи паст ва мӯътадили нархҳо, дар асоси таҷрибаи бомуваффақияти ҷаҳонӣ, механизмҳои муосир ташаккул ва татбиқи низоми пулию қарзиро ҷорӣ менамояд **(9).**

Дар ин самт Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади таҳияи ислоҳоти институтсионалӣ чиҳати гузаштан ба реҷаи ҳадафгирии таваррум тадбирҳои заруриро меандешад, аз ҷумла:

- таҳкими воситаҳо ва баланд бардоштани самаранокии онҳо, пеш аз ҳама бо мақсади таъсир расонидан ба меъёрҳои фоизии кутоҳмуддат дар бозори байнибонкӣ ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ;

-васеъ намудани иқтидори пешгӯии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, дар ин замина қабули қарорҳои муассир дар соҳаи сиёсати пулию қарзӣ;

-таҳия ва татбиқи стратегияи коммуникатсионӣ чиҳати таъмини шаффофияти фаъолияти иттилоотӣ;

- таҳкими асосҳои мустақилияти институтсионалӣ, молиявӣ ва амалиётӣ.

Ҳамин тариқ, Бонки миллии Тоҷикистон тавассути татбиқи сиёсати самарабахши пулию қарзӣ дар фаъолияти устувори низоми молиявӣ, нигоҳ доштани қобилияти харидории пули миллӣ, баланд бардоштани эътимод ба он, афзоиши даромади воқеии шаҳрвандон ва ҳаҷми маблағгузорӣ ба иқтисодиёти кишвар саҳми бевосита мегузорад.

Фаъолият намудан дар шароити иқтисоди бозорӣ дар назди бонкҳо оид ба назорат, танзими низоми пулию қарзӣ ва ташкили муомилоти пулӣ масъулияти зиёдеро мегузорад ва иртиботан бо ин бонкҳо бояд чиҳати таъмини воситаҳои устувории пули миллӣ, болоравии иқтисодиёти миллии кишвар, пешгирӣ кардани болоравии сатҳи таваррум ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардум мусоидат намоянд [7].

Ташкили низоми самараноки ҳисоббаробаркунӣ, аз он чумла нақдӣ ва ғайринақдӣ яке аз вазифаҳои таъхирнопазири ташкилотҳои қарзӣ маҳсуб ёфта, сифати баланди он на танҳо аз фаъолияти муваффақи корхонаҳо ва ташкилотҳо, балки аз натиҷаҳои фаъолияти худи бонк низ вобаста аст [8].

Бояд қайд кард, ки Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ», ки 22 июни соли 2023 ба имзо расид, ба рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар мамлакат такони ҷиддӣ бахшид. Аз 1 августи соли 2023 пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ, барои додани иҷозат ва иҷозатнома, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасонии тиббӣ, хизматрасонии коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасонии давлатӣ, инчунин қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ гардида истодаанд. Дар баробари ин, Бонки миллии Тоҷикистон, ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ инфрасохтори зарурии қабули пардохтҳои ғайринақдиро омода намуда, амнияти пардохтҳо ва имконияти ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани хизматрасониҳои давлатиро дар тамоми манотиқи мамлакат таъмин намуда истодаанд.

Густариши низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, яке аз омилҳои рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ва низоми молиявии мамлакат маҳсуб ёфта, барои таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлат, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва коҳиши таъсири омилҳои инсонӣ нақши бениҳоят муҳим дорад.

Саҳми Президенти Тоҷикистон, асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар баробари дигар корнамоиву ҷонфидоиҳо дар арсаҳои гуногуни ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар, дар роҳи бунёд ва таҳкими низоми бонкии мамлакат низ ниҳоят муҳим мебошад, зеро Сарвари давлати тоҷикон аз рӯзҳои аввали ба мақоми роҳбари кишвар интихоб шуданаш бо дарки амиқи муҳим будани соҳаи мазкур ба масъалаи сиёсати мустақили пуливу қарзӣ ва ташкили низоми миллии бонкдорӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекард.

Низоми бонкии мамлакат ҷавобан ба ғамхориву дастгирии ҳамаҷонибаи Пешвои миллат дар навбати худ кӯшиш мекард, ки ба низоми байналмилалии бонкӣ шомил гардида, навгониҳои олами бонкдории ҷаҳонро дар фаъолияти худ ҷорӣ намояд ва ҳамқадами давру замон бошад.

Ба меъёрҳои байналмилалии ҳисобдорӣ гузаштани Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми бонкии мамлакат ҳамкории онро бо низоми бонкии ҷаҳонӣ боз ҳам қавитар гардонид.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар дохили ҳар як кишвари мутараққӣ хариду фурӯши мол бо асъори миллии ҳамон кишвар амалӣ карда мешавад, ки ин ба сиёсати монетарӣ ва таъмини устувории он таъсири мусбӣ мерасонад.

Чуноне ки аз суханони Президенти кишвар, пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бармеояд: “Имрӯз фурсате расидааст, ки ба қадри яке аз рамзҳои давлатдорӣ - пули миллӣ бирасем, ифтихор намоем ва ба он эҳтиром гузорем”.

Дар маҷмӯъ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ , Пешвои миллат, ҷаноби олӣ дар бунёди сиёсати мустақили пуливу қарзӣ ва таҳкими низоми бонкдории миллӣ нақши мондагор дорад ва пули миллии сомонӣ, ки бо ибтикори бевоситаи ӯ дар муомилот ҷорӣ гардид, имрӯз на танҳо воситаи муомилот, балки рукни муҳими давлатдории миллӣ ва мояи эҳтирому ифтихор мебошад. Нидои худи Пешвои миллат, ки «Эҳтироми пули миллӣ, эҳтироми миллат аст!», бозгӯйи ин ҳақиқат мебошад.

Самтҳои асосии таваҷҷӯҳ тақвияти низоми мустақили пулӣ, таҳияи принсипҳои бозорӣ дар соҳаи бонкдорӣ, татбиқи стандартҳои байналмилалии баҳисобгирӣ ва баровардани тангаҳо ва

истифодаи пули миллӣ ҳамчун рамзи соҳибихтиёрӣ мебошанд, ки бо мурури замон боиси устуворӣ ва тақвияти он гардид.

Дар интиҳо бояд қайд намуд, ки системаи бонкӣ барои ҳалли мушкилоти ҷорӣ ва стратегӣ барои таъмини рушди иқтисодӣ, танзими таваррум ва танзими тавозуни пардохтҳо истифода бурда мешаванд. Бо назардошти алоқаи мавҷудаи байни сиёсати пулӣ ва қарзии давлат Ҳукумат танзими монетарии иқтисодиётро анҷом медиҳад.

Азбаски низоми самараноки бонкӣ шарти асосии рушди босуръати иқтисодӣ мебошад, мутахассисони низоми бонкиро зарур аст, ки захираҳои молиявиро мутамарказ намуда, онҳоро ба маблағгузории бахшҳои воқеии иқтисодиёт равона созанд, махсусан ба рушди маблағгузории хурд дар деҳот, инчунин дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон диққат диҳад [3].

Барои пешбурди сиёсати монетарӣ зарур аст, ки робитаи байни афзорҳои сиёсати монетарӣ, ки аз тарафи ҳукумати кишвар истифода бурда мешавад ва мақсади он рушди иқтисодӣ, таваррум ва тавозуни пардохт маҳсуб меёбад, барқарор карда шавад. Аксар вақт, ба ҷойи барқарор кардани робитаи мустақим байни афзорҳо ва ҳадафҳо, ҳадафи фосилавӣ, ба монанди пул ё қарз баррасӣ карда мешавад. Истифодаи ҳадафи фосилавӣ имкон медиҳад, ки раванди думарҳилагӣ амалӣ карда шавад, ки дар рафти он диққати махсус ба муайян намудани андозаи ҳаҷми пул ва истифодаи афзорҳои сиёсати пулию қарзӣ диққати махсус дода мешавад, то ки агрегатҳои пулӣ аз ин андоза зиёд нашаванд.

Ҳамин тариқ, дар низоми бонкӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ ислоҳотро идома дода, донишу малака ва талошҳои худро ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ ва коҳиш додани сатҳи кунунии ҳаҷми фоизҳои бонкҳо равона кардан лозим аст.

Инчунин, бозори коғазҳои қиматнок ва бозори фурӯши дубораи онҳо, ки фишанги асосии афзоиши захираҳои молиявии сармоягузорони ватанӣ маҳсуб меёбад, рушд додан муҳим аст.

Бо баланд бардоштани қудрати истеҳсолоти ватанӣ ва рушди соҳаҳои хоҷагии халқ бозори дохилиро бо маҳсулоти худии аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин намуда, ҳаҷми маҳсулоти воридивазкунандаро ба ҳадди ақал расонем, ки ин яке аз тадбирҳои беҳтарини таъмини устувории пули миллӣ, дар маҷмӯъ сиёсати монетарӣ хоҳад буд.

Адабиёт

1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024 с.
2. Алиджанова С.А. Механизмы реализации денежно-кредитной политики в обеспечении макроэкономической стабилизации (на примере переходной экономики Республики Таджикистан): автореф. дис. канд. экон. наук: 08.00.01 / Алиджанова С.А. - Худжанд, 2014. - С.
3. Белоглазова, Г.Н., «Пул, кредит, бонкҳо». Москва, 2004, с. 409.
4. Долан Э. Дж. Макроэкономика. пер. с англ. - СПб.: Санкт–Петербург оркестр, Литера плюс, 1994. - С. 205-208.
5. Қаюмов Н.К. Еще раз о необходимости ускорения темпов экономического роста // Экономика Таджикистана: стратегия развития. –Душанбе, 2006. № 2.
6. Муртазоқулов М.Р. «Основные постулаты экономической мысли о денежно-кредитном регулировании экономики". Источник: cyberleninka.ru.
7. Сабзаева М.С. Бонк ва бонкдор", Васоити таълимӣ, Душанбе, "Матбуот"- 2019.
8. Сабзаева М.С. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар бонкҳо", Васоити таълимӣ, КВД "Матбаа"- 2024.
9. Фридман М. Monetary History of the United States / M. Friedman, A. J. Schwartz // Princeton, 2007. – 880 стр.

Маълумот дар бораи муаллифон

Сабзаева Мавзуна Саидқуловна-н.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/1. Телефон: 008-44-55-18.

Сведения об авторе

Сабзаева Мавзуна Саидқуловна-к.э.н., доцент кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/1.

About the author

Sabzaeva Mavzuna Saidkulovna-PhD in Economics, Associate Professor at the Accounting Department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 64/1 Nakhimov Street, Dushanbe, 734067, Republic of Tajikistan.

УДК: 330.117 (658.514)

МОЛИЯИ ХОҶАГИҲОИ ХОНАВОДАГӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Саидов Р.Н.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар мақола мавқеи иқтисодчиён оид ба технологияҳои рақамӣ – инноватсионӣ омӯхта шуда, вижагиҳо ва афзалиятҳои молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ муайян гардидаанд. Равишҳои рақамии дар фаъолияти молиявии хонаводаҳо ҷоришуда арзёбӣ гардида, ҷиҳатҳои мусбии онҳо баррасӣ карда шудааст. Ба муаллиф муяссар гардидааст, то маҳсули молияи рақамӣ, таркиби он, инчунин оқибатҳои истифодаи онҳоро муайяну ошкор намояд. Дар такя ба санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии рақамикунонӣ, имкониятҳои рушди молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ мушаххас карда шудааст. Дар асоси таҳлилу арзёбии рақамҳои оморӣ технологияҳои молияи рақамӣ, миқдори нокифояи онҳо аз мавқеи рушди молияи рақамии хоҷагиҳои хонаводагӣ маълум карда шудааст.

Калидвожаҳо: молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ, иқтисоди рақамӣ, технологияҳои молиявӣ, онлайн – бонк, тиҷорати электронӣ, инноватсия, POS-терминал, банкомат, ҳамёнҳои электронӣ.
Барои иқтибос: Саидов, Р. Н. Молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ / Р. Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 137-142.

ФИНАНСОВ ДОМАШНЕГО ХОЗЯЙСТВА В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

Саидов Р.Н.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

В статье исследуется позиция экономистов в отношении цифровых инновационных технологий, определяются особенности и преимущества финансов домохозяйств в условиях цифровой экономики. Оцениваются цифровые подходы, внедряемые в финансовую деятельность домохозяйств, и обсуждаются их положительные аспекты. Автору удалось выявить и раскрыть продукт цифрового финансирования, его состав, а также последствия его использования. На основе нормативно-правовых документов цифровизации определены возможности развития финансов домохозяйств. На основе анализа и оценки статистических данных цифровых финансовых технологий, выявлен их недостаточный объем с точки зрения развития цифрового финанса домохозяйств.

Ключевые слова: финансов домохозяйств, цифровая экономика, финансовые технологии, онлайн-банкинг, электронная коммерция, инновации, POS-терминал, банкомат, электронные кошельки.

HOUSEHOLD FINANCES IN THE DIGITAL ECONOMY

Saidov R.N.
Tajik State University of Finance and Economics

Аннотация. This article examines economists' views on digital innovation technologies and identifies the characteristics and advantages of household finances in the digital economy. Digital approaches being implemented in household finance are assessed and their positive aspects are discussed. The author identifies and explains the product of digital finance, its composition, and the implications of its use. Based on digital regulatory documents, opportunities for developing household finances are identified. An analysis and evaluation of statistical data on digital financial technologies reveals their insufficient scope for the development of digital household finances.

Key words: household finances, digital economy, financial technologies, online banking, e-commerce, innovation, POS-terminal, ATM, e-wallets.

Гузориши масъала. Дар шароити рақамикунонии иқтисоди миллӣ, аз ҷумла, бахши молиявии кишвар, барои хоҷагиҳои хонаводагӣ зарурати воқеии истифодаи технологияҳои молияи рақамӣ пеш меояд. Бо истифода аз имкониятҳои рақамӣ пеш бурдани фаъолияти молиявии хонаводаҳо, аз пешрафт ва рушди онҳо шаҳодат медиҳад. Аз тариқи фаврӣ ва бо сарфаи ками вақт иҷро намудани амалиётҳои қабул ва интиқоли воситаҳои пулӣ, ҷиҳати суръат бахшидани фаъолияти молиявӣ ва ғанӣ гардидани буҷети хонаводаҳо мусоидат менамояд.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашрияҳо. Таҳқиқи молияи рақамӣ дар таълифоти илмии иқтисодчиёни ватанӣ: Ҳикматов У.С., Кошонова М.Р., Хоркашов И.С., иқтисодчиёни хориҷӣ ба монанди Поливаева Ю.А., Пинко Л.Е. ва дигарон ҷой дорад.

Мақсади мақола муайян ва ошкор кардани заминаҳои назариявӣ ва вижагиҳои молияи рақамии хонаводаҳо, афзалиятҳои рақамии рушди молия дар онҳо ва сатҳи қаноатмандии инфрасохтори молияи рақамӣ ҷиҳати рушди молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Пешниҳоди маводи асосӣ. Таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ншон дод, ки масоили мазкур объекти таҳқиқоти иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ маҳсуб меёбад. Дақиқ гардид, ки ҷорӣ намудани бартариҳои рақамӣ дар фаъолияти молиявии хоҷагиҳои хонаводагӣ ба равандҳои молиявӣ суръати дучанд мебахшад. Ошкор карда шуд, ки дар шароити кунунӣ миқдори инфрасохтори молияи рақамӣ барои пешбурди фаъолияти молиявии хоҷагиҳои хонаводагӣ нокифоя мебошад.

Воқеан, барои таъмини рушди молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ дар шароити рақамикунони иқтисодиёт шарти зарурӣ истифодаи самараноки абзорҳои рақамӣ муҳим мебошад. Дар ин шароит абзорҳои анъанавии идоракунии буҷети хоҷагиҳои хонаводагӣ ба абзорҳои рақамӣ табдил меёбанд, аз ҷумла: технологияҳои молиявӣ, онлайн – бонк, тиҷорати электронӣ ва ғ. Бартарии маҳсули рақамии зикршуда дар он ифода меёбад, ки онҳо аз як тараф, самаранокии хизмтрасониҳои молиявиро афзоиш медиҳанд, аз ҷониби дигар, дастрасии доираи васеи аҳолиро ба воситаҳои идоракунии молияи шахсӣ таъмин месозад.

Иқтисодчиёни ватанӣ Кошонова М.Р., Хоркашов И.С., Кошонов П.С. рушди инноватсионии иқтисодиётро ҷонибдорӣ мекунанд. Онҳо тавсия менамоянд, ки «...самтҳои асосии гузариши иқтисодиёти Тоҷикистон ба рушди инноватсионӣ бояд аз мавқеи иҷтимоӣ сармояи инсониро рушд диҳад» [4, с.174]. Дар ҳақиқат ин андеша қобили қабул аст. Ба ақидаи мо, дар шароити иқтисоди рақамӣ рушди сармояи инсонӣ аз тариқи баланд бардоштани донишу малакаҳои молияи рақамии аҳолӣ амри зарурӣ мебошад.


Имрӯзҳо низоми танзим ва дастгирии молиявии рақамӣ бо истифода аз равиши паёмакҳо аҳолиро аз амалҳои қалобони фазои маҷозӣ огоҳ менамоянд. Лекин, зарур мешуморем, ки кор дар ин самт боз ҳам ҷоннок карда шавад. Ба андешаи мо, механизмҳои ҳимоя ва дастгирии аҳолӣ дар фазои онлайн бояд то андозае пурзур гардонида шавад, ки қаллобон натавонанд, аз номи муассисаҳои бонкӣ ва ё дигар субъекти масъули низоми бонкӣ маълумоти беасосро дар фазои маҷозӣ паҳн намоянд. Тавре дар ҳуҷҷати болозикр оварда шудааст, аҳолӣ бояд аз тариқи устувор гардонидани ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ширкатҳои коммуникатсионию соҳаи технологияҳои рақамии молиявӣ, фаъолнокии молиявии худро баланд бардоранд. Дар ин маврид қайд мегардад, ки «...рушди молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ ба фаъолнокиии аъзоёни хоҷагии мазкур вобаста мебошад» [6, с.87]. Албата, имрӯзҳо рушди молияи хонаводаҳо фаъолнокии аъзоёни онро талаб менамояд. Ба ақидаи мо, дар ин маврид, хоҷагиҳои хонаводагиро зарур аст, ки дар пешбурди фаъолияти молиявӣ аз афзалиятҳои технологияҳои молияи рақамӣ васеъ истифода намоянд.

Тавре дар боло зикр намудем, дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт шахсони воқеӣ имконият доранд, аз технологияҳои муосири инноватсионӣ – рақамии идоракунии муносибатҳои молиявӣ истифода намоянд. Муҳаққиқон дар ин самт зикр менамоянд, ки «...саводнокии молиявии рақамӣ аз донистани мафҳумҳои асосии молиявии рақамӣ иборат буда, қобилияти шахсро дар қабули қарорҳои мутавозин зимни коркарди маҳсулоти молиявӣ дар шабакаи Интернет ва инчунин огоҳии ӯро дар бораи хатарҳои молиявии рақамӣ инъикос мекунад» [7]. Истифодаи технологияҳои мазкур имконият медиҳанд, то самаранокии рафти идоракунии буҷет ва рушди молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ таъмин гардад. Бо назардошти ин гуфтаҳо, дар расми 1. афзалиятҳои рақамии рушди молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ оварда шудаанд.

Тавре дар расми 1. таҳия гардидааст, муносибатҳои молиявии хоҷагиҳои хонаводагӣ дар шароити истифодаи технологияҳои молиявии рақамӣ сифатан дигаргун мегардад. Дар шароити мазкур ин хоҷагиҳо амалиётҳои молиявии худро аз қабили интиқоли ғайринақдии маблағҳо, пардохти ҳаққи молҳои аз ҷониби хоҷагӣ харидашуда бо истифодаи технологияҳои рақамии зикршуда анҷом медиҳанд.

Дар муҳити рақамӣ, маҳсулоти ғайримоддӣ ва хадамот ба монанди китобҳои электронӣ, мусиқӣ, таъминоти барномавӣ, онлайн – курсҳо объектҳои тиҷорат ва хизматрасонии электронӣ мебошанд. Бояд дар назар дошт, ки таҳаввулот ва рушди тиҷорату хизматрасониҳои электронӣ дар сатҳи хоҷагиҳои хонаводагии ҷумҳурӣ боиси дигаргуншавии сохтори истеъмолоти аъзоёни хоҷагӣ мегардад.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки замимаҳои мобилӣ барои идоракунии ҳисобҳо, интиқолҳо, депозитҳо ва интиқоли фаврии воситаҳои пулӣ маҳсули технологияҳои молиявӣ ва насли нав мебошад.



Расми 1. – Афзалиятҳои рақамии рушди молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ
Сарчашма: таҳияи муаллиф

Тавре қайд карда шуд, дар шароити иқтисоди рақамӣ сарчашмаҳои ташаккулёбии даромадҳои хоҷагиҳои хонаводагӣ миқдоран зиёд шуда, сифатан дигаргун мегарданд. Дар фазои маҷозӣ ба пул табдил додани сабтҳои видеоӣ, тасвирҳо, видео-курсҳои омӯзишӣ ва ғ., ки маҳсули хоҷагиҳои мазкур мебошанд, мисоли равшани ин гуфтаҳо мебошад.

Имрӯзҳо идоракунии рақамии буҷети хоҷагиҳои хонаводагӣ аз тариқи замимаҳои телефонӣ нисбатан қуллай буда, доираи истифодаи чунин имкониятҳои рақамӣ сол то сол васеъ шуда истодааст. Новобаста ба ҳолати ҷойдошта, то кунун на ҳама хоҷагиҳои хонаводагии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чунин афзалияти рақамӣ истифода мебаранд. Аммо, ба ақидаи мо, истифодаи маҳсули рақамӣ дар бахши молияи хусусӣ доман паҳн менамояд. Гузариши хоҷагиҳои хонаводагӣ ба механизми рақамии пешбурди фаъолияти молиявӣ, ҷиҳати истифодаи замимаҳои телефонии таҳлили буҷети хоҷагиҳои мазкур мусоидат менамояд.

Дар Консепсияи иқтисоди рақамӣ зикр карда мешавад, ки ҷиҳати «...баланд бардоштани донишу малакаи рақамӣ ва молиявии аҳолӣ, низоми чорабиниҳои бартараф намудани монеаҳо» татбиқ карда мешаванд [3]. Аз муқаррароти зикршуда бар меояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шароиту имкониятҳои ниҳодӣ ва меъёрию ҳуқуқии рақамикунонӣ ҷиҳати рушди молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ мавҷуданд. Аз дигар тараф, муҳити солими ташаккули донишҳои рақамии аъзоёни хоҷагиҳои хонаводагӣ ҷой дорад. Бо истифода аз чунин шароиту имкониятҳои таъмингардида, рушди молияи хоҷагиҳои мазкур нисбатан қуллай ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Воқеан, таҳаввулоти технологияҳои молиявӣ боиси он гардидааст, ки агар оила қаблан нақши иҷтимоиро иҷро мекард, пас имрӯзҳо хоҷагиҳои хонаводагӣ нақши иқтисодиро мебозанд. Ҳолати ҷойдошта моҳияти хоҷагиҳои мазкурро ҳамчун субъектҳои нахустини иқтисодӣ бо маротиб баланд мебардорад. Тавре Зухба Е.Н. иброз медорад, «...дар шароити кунунӣ, консепсияи мукаммали хоҷагиҳои хонаводагӣ, ки вижагиҳои ҷаҳонишавӣ, рушди донишҳои иқтисодӣ ва технологияҳои рақамӣ – компютериро фарогир бошад, амалан вуҷуд надорад» [1, с.514].

Воқеан, новобаста ба он ки технологияҳои молиявӣ ва умуман, шароити иқтисоди рақамӣ барои хоҷагиҳои хонаводагӣ омилҳои манфиро ба вуҷуд меоранд. Лекин, хоҷагиҳои мазкур ҳамчун субъектҳои низоми муосири муносибатҳои иқтисодию молиявӣ дорои тамоюли мусбии рушд мебошанд.


Муҳаққиқони дигар, Поливаева Ю.А., Пинко Л.Е. қайд менамоянд, ки «...технологияҳои рақамӣ омилҳои рушди иқтисоди хоҷагиҳои хонаводагӣ мебошанд. Ҳамчунин онҳо пешниҳод менамоянд, ки давлат ва иқтисодиёт бояд ҷиҳати рушди инфрасохтори устувори иттилоотию коммуникатсионӣ нақши муассир дошта бошанд» [5, с.129].

Бояд қайд намоем, ки рушди технологияҳои рақамии молиявӣ ва истифодаи қаноатбахши онҳо аз ҷониби хоҷагиҳои хонаводагӣ боиси ташаккул ва такмили институти худмашғулӣ мегардад. Ҳолати мазкур моҳияти иҷтимоию иқтисодии рақамикунонии молияи хоҷагиҳои хонаводагиро нишон медиҳад. Иқтисодчиёни ватанӣ Ҳикматов У.С., Исхаков Д.И., ки дар таҳқиқоташон масоили рақамикунонии молия нақши марказӣ дорад, оид ба моҳияти афзалиятҳои рақамӣ чунин мавқеи илмӣ доранд: «...аҳамияти иқтисодии хизматрасониҳои рақамии бонкӣ барои аҳолӣ дар осон ва қулай гаштани хизматрасониҳои бонкӣ, сарфаи вақт ва маблағ ҳангоми истифодабарии хизматрасониҳои рақамии бонкӣ дида мешавад» [8, с.15].

Бояд қайд намоем, ки технологияҳои рақамии идоракунии молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ, муносибати хоҷагиҳои мазкурро нисбати молия дигаргун сохта, ҷиҳати ташаккули амсилаи нави рафтори аъзоёни хоҷагиҳои хонаводагӣ дар муносибат ба пасандозҳо, сармоягузориҳо ва идоракунии хавфҳои муҳити рақамӣ мусоидат менамояд.

Имконпазир будани рушди молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ дар заминаи афзалиятҳои рақамӣ аз тарафи Бонки ҷаҳонӣ ҷонибдорӣ гардидааст. Тибқи маълумоти ин ниҳод, «...фарогирии молявии рақамӣ на танҳо ҳаҷми амалиётҳоро зиёд менамояд, инчунин мустақилияти хоҷагиҳои хонаводагиро дар қабули қарорҳои молиявӣ баланд мебардорад» [9, с.12]. Дар натиҷа, доираи амалкард ва ҳиссаи ташкилотҳои қарзию молиявӣ дар идоракунии воситаҳои депозитию сармоягузории хоҷагиҳои хонаводагӣ нисбатан маҳдуд мегардад.

Диаграммаи 1. – Инфрасохтори пардохтӣ ба сари ҳар 100 ҳазор нафар аҳолии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025, адад



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ Бонки миллии Тоҷикистон оид ба инфрасохтори пардохтӣ барои қабул ва хизматрасонии кортҳои пардохтӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Маводи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://nbt.tj/ (Санаи дастрасӣ: 04.02.2026).

Тавре дар боло зикр намудем, автоматикунонии равандҳои молиявӣ дар хоҷагиҳои хонаводагӣ рафтори сармоягузории онҳоро низ дигаргун месозад. Ҷараёни мазкур дар навбати аввал, монеаҳои воридшавии аъзоёни хоҷагиҳои хонаводагиро ба бозори молиявӣ маҳдуд менамояд, баъдан, дастрасии онҳоро ба дороиҳои фаъол (зиёдшаванда) таъмин месозад. Фаъолгардии ҷараёнҳои зикршуда, мустақилияти хоҷагиҳои мазкурро дар рафти идоракунии муносибатҳои молиявӣ баланд бардошта, рафтори инфиродии аъзоёни хоҷагиҳои хонаводагиро оид ба сармоягузорӣ низ таъмин мекунад.

Ҳолати воқеии рақамикунонии фаъолияти молиявии хоҷагиҳои хонаводагии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси маълумоти омори расмии бахши бонкии кишвар мавриди арзёбӣ қарор медиҳем. Бояд қайд намуд, ки корҳои пардохтӣ яке аз василаҳои пеш бурдани фаъолияти молияи рақамиии хооҷагиҳои хонаводагӣ маҳсуб меёбанд. Маълумоти солҳои охир, алалхусус, соли 2025 нишон медиҳад, ки ҳиссаи зиёди корҳои пардохтӣ ба шаҳри Душанбе рост меояд, яъне 34,8%. Ҳиссаи камтарин бошад, ба ВМКБ (1,5%). Ҷиҳати муайян намудани дараҷаи қаноатмандии молияи рақамии хоҷагиҳои хонаводагии манотиқи кишвар, сатҳи рақамикунонии молияи хонаводаҳоро дар асоси нишондиҳандаи нисбӣ арзёбӣ менамоем. Тибқи арзёбии зикршуда, дар шаҳри Душанбе ба сари ҳар як нафар аҳолӣ 2,8 адад корти пардохтӣ рост меояд. Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 0,7 адад, дар вилояти Суғд 0,9 адад, дар вилояти Хатлон 0,6 адад ва дар ВМКБ ба 0,7 адад баробар аст. Аз рақамҳои овардашуда бар меояд, ки бо мақсади рушди рақамикунонии молияи хонаводаҳо зарур мешуморем, то аввалан, дар вилояти Хатлон ва баъдан, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, инчунин ВМКБ шумораи кортҳои пардохтӣ зиёд карда шавад.

Нишондиҳандаи дигари арзёбии сатҳи рушди молияи рақамии хоҷагиҳои хонаводагӣ сатҳи қаноатбахшии инфрасохтори молияи рақамӣ мебошад. Ин нишондиҳанда дар сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ дар як сатҳ қарор надошта, ҳолати динамикӣ дорад.Ниг. ба диаграммаи 1.

Аз маълумоти дигарамма дида мешавад, ки нишондиҳандаи мазкур аввалан дар шаҳри Душанбе ва нисбатан, дар ВМКБ дорои сатҳи баланд мебошад. Аммо дар маҷмуъ, миқдори инфрасохтори болозикр наметавонад талаботи хоҷагиҳои хонаводагиро бо хадамоти рақамӣ дар сатҳи кофӣ қонеъ намояд. Бо назардошти ҳолати ҷойдошта, зиёд намудани инфрасохтори пардохтиро дар НТҶ, в.Суғд, в.Хатлон ва ВМКБ амри зарурӣ мешуморем.

Маблағҳои электронӣ, ҳаҷм ва ҳаракати онҳо сатҳи рушди молияи хоҷагиҳои хонаводагиро нишон медиҳанд. Рақамҳои омори бонкӣ нишон медиҳанд, ки шумораи ҳамёнҳои электронӣ ҳамасола зиёд шуда, афзоиши миёнасолонаи онҳо давоми панҷ соли охир ба 155,8% баробар аст [2]. Миқдори ҳамёнҳои электронӣ ба сари ҳар 100 ҳазор нафар аҳолӣ низ давоми солҳо афзоиш ёфта, аз 18 345 адади соли 2020 ба 168 233 адад дар соли 2025 расидааст. Лекин, таносуби ҳаҷми амалиёти бо ҳамёнҳои электронӣ иҷрошуда нисбати шумораи ҳамёнҳои электронӣ нишон дод, ки ҳаракати

маблағҳои электронии хонаводаҳо то кунун заиф боқӣ мондааст. Масалан, агар соли 2020 ба ҳисоби миёна тавассути як ҳамёни электронӣ 317,8 сомонӣ амалиёти пулӣ иҷро шуда бошад, пас ин рақам дар соли 2025 ба 210,9 сомонӣ баробар гардидааст, ки манфӣ арзёбӣ мегардад. Ба ақидаи мо, сабаби асосии ҳолати ҷойдошта, истифодаи равишҳои анъанавии иҷрои амалиётҳои пулӣ, яъне зиёд будани ҳаракати воситаҳои пулии нақдӣ дар амалиётҳои хариду фурӯш мебошад. Аз тариқи боз ҳам қуллай ва осон гардонидани истифодаи ҳамёнҳои электронӣ ва зиёд намудани имкониятҳои электронию фосилавии онҳо, зиёд намудани ҳиссаи гардиши воситаҳои пулии ғайринақдиро мубрам меҳисобем.

Ҳамин тариқ, хоҷагиҳои хонаводагӣ ва дигар субъектҳои низоми молиявии рақамии кишварро зарур аст, ки дар такя бо таҷрибаи пешқадами идоракунии онлайнии захираҳои пулию молиявӣ ва истифодаи бомавриди афзалиятҳои молияи рақамӣ, устувории низоми молияи хусусӣ ва давлатиро таъмин намоянд. Бартарии истифодаи технологияҳои рақамии идоракунии молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ дар он ифода меёбад, ки онҳо равишҳои муносиби рушди молияро таъмин менамоянд. Афзалиятҳои рақамӣ рушди молияи хоҷагиҳои хонаводагиро дар ҳолатҳои зерин таъмин карда метавонанд: а) аъзоёни хоҷагиҳои хонаводагиро зарур аст, ки дар шароити таъсиррасон будани хавфҳо дорои донишҳои зарурии ҳимояи захираҳои молиявии худ бошанд; б) имкониятҳои рақамии идоракунии депозитҳо, сармоягузориҳо ва буҷети хоҷагиро оқилона истифода карда тавонанд; в) дар заминаи шароиту имкониятҳои мавҷуда, тавонанд ҷиҳати бунёди сарчашмаҳои ҷадиди ташаккулёбии даромадҳо ва коҳишдиҳии хароҷоти хоҷагии хонаводагӣ мусоидат намоянд.

Адабиёт

1.Зухба Е.Н. Генезис и развитие теоретических подходов к формированию концепции домохозяйства // Журнал экономической теории. 2018. Т. 15, № 3. С. 507-524.

2.Инфрасохтори пардохтӣ барои қабул ва хизматрасонии кортҳои пардохтӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Маводи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://nbt.tj/ (Санаи дастрасӣ: 04.02.2026).

3.Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642)

4.Кошонова М.Р. Инновации и человеческий капитал: принципы и подходы к управлению трудовыми ресурсами / М.Р.Кошонова, И.С.Хоркашов, П.С.Кошонов // Экономика Таджикистана. 2020. № 1. С.174-179.

5.Поливаева Ю. А., Пынько Л. Е. Цифровая экономика домохозяйств // Экономика, управление, общество: история и современность: материалы XVII Всероссийской научно-практической конференции. Хабаровск: Дальневосточный институт управления – филиал РАНХиГС, 2019. С. 127-134.

6.Саидов Р.Н. Асосҳои назариявию амалии молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ / Р.Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод.–Душанбе.- 2024.– № 1 (40).- С.81-88.

7.Финансовая грамотность населения в условиях цифровизации экономики. [Маводи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://glavnayatema.com (Санаи дастрасӣ: 04.02.2026).

8.Ҳикматов У.С. Аҳамияти иқтисодию иҷтимоии хизматрасаниҳои рақамии бонкӣ / У.С. Ҳикматов, Д.И. Исхаков // Паёми молия ва иқтисод.–Душанбе.- 2024.– № 1 (40).- С.11-19.

9.Klapper L. Expanding Financial Inclusion through Digital Financial Services: A Literature Review // Policy Research Working Paper, Series 11008. The World Bank, 2024. 22 p.

Маълумот дар бораи муаллиф

Саидов Раҷабали Назифович-номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

Сведения об авторе

Саидов Раджабали Назифович-кандидат экономических наук, доцент кафедры аудита и ревизии Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

About the author

Saidov Rajabali Nazifovich-candidate of economic sciences, associate professor of the department of audit and revision, Tajik state finances-economy university. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, str. Nakhimov 64/14. Tel: 787-03-87-87; E-mail: saidov.radjabali@mail.ru

УДК: 331.108

РУШДИ КРЕАТИВИИ КОРМАНДОНИ ИЛМӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бобомуродов П.У.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар таҳқиқоти мазкур ҳолати муосир ва рушди креативии кормандони илмӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, қайд гардидааст, ки муносибати мустақим байни тафаккури креативӣ ва рушди инноватсионии иқтисодиёт ҷой дорад ва амалишавии он ба марҳилаи нави рушди иқтисодиёти муосир меорад, ки дар он эҷодкорӣ ва ғояҳои нав ҳамчун омилҳои асосии тавлидкунандаи арзишҳои иқтисодии иловагӣ ба шумор мераванд. Яъне рушди иқтисодиёти креативӣ танҳо бо мавҷудияти захираҳои моддӣ ва молиявӣ не, балки бо захираҳои зеҳнӣ, дониш, қобилият ва истеъдоди эҷодкорона низ вобаста аст.Дар интиҳои таҳқиқот муайян карда шуд, ки барои рушди минбаъдаи иқтидори илмӣ ва креативӣ зарур аст, ки ҳиссаи маблағгузориҳо ҳам аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ҳам аз ҳисоби ҷалби сармояи хусусӣ мунтазам афзоиш дода шавад.

Калидвожаҳо: иқтисодиёти креативӣ, иқтисоди миллӣ, кормандони илмӣ, инноватсия, рушди устувор, рушди инноватсия, фаъолияти илмӣ, маблағгузорӣ, сармояи инсонӣ, танзими давлатӣ.
Барои иқтибос: Бобомуродов, П. У. Рушди креативии кормандони илмӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / П. У. Бобомуродов // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 143-150.

КРЕАТИВНОЕ РАЗВИТИЕ НАУЧНЫХ СОТРУДНИКОВ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ЭКОНОМИКУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Бобомуродов П.У.
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан

Аннотация. В данном исследовании изучается современное состояние и развитие креативного потенциала научных сотрудников и его влияние на экономику Республики Таджикистан. Отмечается, что существует прямое взаимодействие между креативным мышлением и инновационным развитием экономики, реализация которого выводит страну на новый этап современного экономического развития, где творчество и новые идеи выступают основными факторами создания дополнительной экономической ценности. Таким образом, развитие креативной экономики зависит не только от наличия материальных и финансовых ресурсов, но и от интеллектуального потенциала, знаний, способностей и творческих талантов. По итогам исследования установлено, что для дальнейшего развития научного и креативного потенциала необходимо регулярное увеличение финансирования как за счет государственного бюджета, так и путем привлечения частных инвестиций.

Ключевые слова: креативная экономика, национальная экономика, научные сотрудники, инновации, устойчивое развитие, развитие инноваций, научная деятельность, финансирование, человеческий капитал, государственное регулирование.

CREATIVE DEVELOPMENT OF RESEARCHERS AND ITS IMPACT ON THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Bobomurodov P.U.
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan

Abstract. This study examines the current state and development of creative potential among researchers and its impact on the economy of the Republic of Tajikistan. It is noted that there is a direct interaction between creative thinking and innovative economic development, the implementation of which leads the country to a new stage of modern economic development, where creativity and new ideas are the main factors in creating additional economic value. Thus, the development of a creative economy depends not only on the availability of material and financial resources, but also on intellectual potential, knowledge, abilities, and creative talent. The study concluded that the further development of scientific and creative potential requires regular increases in funding, both from the state budget and through private investment.

Key words: creative economy, national economy, researchers, innovation, sustainable development, innovation development, scientific activity, financing, human capital, government regulation.

Гузориши масъала. Рушди креативии кормандони илмӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муносибати мустақим байни тафаккури креативӣ ва рушди инноватсионии иқтисодиётро ифода мекунад ва амалишавии он ба марҳилаи нави рушди иқтисодиёти муосир меорад, ки дар он эҷодкорӣ ва ғояҳои нав ҳамчун омилҳои асосии тавлидкунандаи арзишҳои иқтисодии иловагӣ ба шумор мераванд.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии рушди иқтисодиёти креативӣ ва таъсири он ба иқтисодиёт дар солҳои охир аз тарафи олимон ва муҳаққиқони ватанӣ Ғаниев Т.Б., Қурбонов А.К., Саидмуродзода Л., Азимов Н.Ҳ., Зоризода И.С., Ҷурахонзода Б.Ҷ., Манучеҳри Д. ва дигарон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Мақсади мақола. Муайян намудани сатҳи рушди креативии кормандони илмӣ ва таъсири онҳо ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз як қатор нишондиҳандаҳо, аз қабили шумораи муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, кормандони илмӣ (аз ҷумла кормандони дорои дараҷаи илмӣ), хароҷоти давлатӣ ба соҳаи илм ва ҳиссаи он дар ММД, ҳаҷми иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалигардии амсилаи «спирали сеқабата» (илм, давлат, бизнес).

Муҳтавои асосии мавод. Аз аввали солҳои ба даст овардани истиқлоли давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаҳои илм ва маориф тағйиротҳои ҷиддиеро ба амал овард, ки дар ин давра аҳамияти муҳим дошт. Яке аз ин ташаббусҳо ташаккули заминаи нави қонунгузорӣ дар соҳаи илм ва маориф буд, ки барои фаъолияти минбаъдаи ин соҳа ва кормандони он шароити муосиди кориро фароҳам сохт. Аммо марҳилаи муосири рушди соҳаи илм ва маорифи тоҷик баъди солҳои 2000-ум оғоз гардида, то ба имрз даҳҳо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳо, стратегияҳо, барномаҳо ва Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва амалӣ гардида истодаанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи паркҳои технологӣ» аз 21 июни соли 2010 - №629, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» аз 16 апрели соли 2012 - №822», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» аз 18 марти соли 2015 - №1197, «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015» аз 3 ноябри соли 2010 - №564, «Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020» аз 30 апрели соли 2011 - №227, «Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз 1 декабри соли 2016 - №792, «Стратегияи милли рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз 28 июни соли 2022 - №296 ва ғайра.

Ҳуҷҷатҳои мазкур дар баробари мушкилотҳои рушди инноватсионӣ, инчунин зарурияти ташаккули тафаккури креативии кормандони соҳаҳои илм ва маорифро дар худ таҷассум мекунанд. Чунки рушди илм ва маориф дар шароити иқтисодиёти муосир на танҳо ба донишҳои назариявӣ, балки ба қобилияти эҷодӣ, навоварӣ ва креативии фардӣ низ асос меёбад. Маҳз тафаккури креативӣ метавонад барои гузариш ба иқтисодиёти ба дониш асосёфта тавассути табдилдиҳии ғояҳо ба маҳсулоти нав (инноватсионӣ) заминаи воқеиро фароҳам созад. Таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон собит менамоянд, ки рушди креативӣ дар ҳаммаи соҳаҳои фаъолият (илм, маориф, саноат, иқтисодиёт, идоракунӣ ва ғ.) омили асосии рушди устувор ба ҳисоб меравад ва ба рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар минтақа ва ҷаҳон мусоидат менамояд.

Агар сарчашмаҳои илмиро вобаста ба мафҳуми «иқтисодиёти креативӣ» таҳлил кунем, пас маълум мегардад, ки ин мафҳум аввалин маротиба дар маҷалаи “Business week” моҳи августи соли 2000 интишор гардида буд. Ин дар заминаи ҳамҷоя гаштани якчанд фаъолиятҳои иқтисодӣ ба вуҷуд омадааст. Махсусан фаъолияти инноватсионӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва дигар фаъолиятҳои ба инҳо ҳамоҳанг ташкил ёфтааст. «Иқтисодиёти креативӣ (creative economy) – як бахши махсуси иқтисодиёт аст, ки ба фурӯши молҳо ва хидматҳо асос ёфтааст, ки натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ мебошад. Рушди технология ва инноватсия дар истеҳсоли ин молу хизматҳо нақши муҳим мебозад»[6].

Муҳаққиқи ватани Б.Ҷ. Ҷурахонзода дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки «дар ҳамин ҷараён иқтисодиёти креативӣ дарбаргирандаи якчанд унсурҳо мебошад: ғояҳои креативӣ = инноватсия + эҷодкорӣ + ҳалли дигар қарорҳо + рушди иқтисодӣ. Инро мо метавонем иқтисодиёти креативӣ номем»[5, с.131]. Аз ин нуқтаи назари муҳаққиқ чунин бар меояд, ки муносибати мустақим байни тафаккури креативӣ ва рушди инноватсионии иқтисодиёт ҷой дорад ва амалишавии он ба марҳилаи нави рушди иқтисодиёти муосир меорад, ки дар он эҷодкорӣ ва ғояҳои нав ҳамчун омилҳои асосии тавлидкунандаи арзишҳои иқтисодии иловагӣ ба шумор мераванд. Яъне муаллиф

ба он ишора мекунад, ки рушди иқтисодиёти креативӣ танҳо бо мавҷудияти захираҳои моддӣ ва молиявӣ не, балки бо захираҳои зеҳнӣ, дониш, қобилият ва истеъдоди эҷодкорона низ вобаста аст.

Муҳаққиқи дигари ватанӣ Азизов Н.Ҳ. дар таҳқиқоти худ рушди соҳаҳои иқтисодиро, ки дар зери таъсири иқтисодиёти рақамӣ қарор доранд ба ҳафт навъ ҷудо намуда, вобаста ба иқтисодиёти креативӣ чунин ибрози андеша менамояд: «Иқтисоди дониш ба иқтисодиёти креативӣ асос ёфта, бахши махсуси иқтисодиёт буда, ба фаъолияти зеҳнӣ, эҷодкорӣ асос ёфтааст. Хусусияти асосии он нақши баланд бардоштани технологияҳо ва кашфиёт, ки дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти қувваи корӣ умуман захираҳои меҳнатӣ, миқдори зиёди донишҳои мавҷуда ва зарурати фаврии тавлиди донишҳои навро талаб мекунад, арзёбӣ мегардад»[1, с.134]. Муаллиф мафҳумҳои иқтисодиёти дониш ва иқтисодиёти креативиро ҳаммаъно арзёбӣ намуда, онро на танҳо идомаи мантиқии рушди иқтисодиёти дониш ифода мекунад, инчунин шакли такмилёфтаи истеҳсолот, дониш ва ғоя тавассути фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодкорӣ шарҳ медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки нақши инсон дар раванди рушди иқтисодиёти креативӣ яке аз муҳимтарин унсурҳо ба ҳисоб рафта, ӯ дар ҳаммаи марҳилаҳои татбиқи иқтисодиёти креативӣ (ғояҳо, инноватсияҳо, эҷодкорӣ ва идоракунӣ) иштирок намуда, мақоми меҳвариро соҳиб мебошад. Ҳаммаи ин ва дигар падидаҳои ҷаҳониро вобаста ба навсозӣ ва дигаргунсозии иқтисодиёт Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мушоҳида намуда, дар Паёми навбатии худ аз 28.12.2024с. ба сохторҳои дахлдори давлатӣ ва вазорату идораҳо вобаста ба таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи «Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2026 – 2030» дастур доданд, ки дар ҳуҷҷати мазкур «ба масъалаҳои рушди сармояи инсонӣ, тақвияти иқтидорҳои истеҳсолӣ ва истифодаи технологияҳои муосир, ташкили истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатнок бо арзиши баланди иловашуда, пайванди илм бо истеҳсолот ва ташаккул додани иқтисоди ба дониш ва ихтироъкориву навоварӣ асосёфта таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад»[11]. Ин дастури Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳоле садо дод, ки ҷаҳони имрӯза ба марҳилаи нави рақобат гузашта истодааст, ки унсурҳои асосии он рушди иқтисодиёти инноватсионӣ, иқтисодиёти рақамӣ ва рушди низоми илму маориф (иқтисодиёти креативӣ) мебошанд. Дар чунин вазъият, мутобиқ намудани сиёсати давлатии иқтисодиёти миллӣ хело муҳим ва стратегӣ арзёбӣ мегардад.

Дар таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, «аз ҷумла дар Биританияи Кабир аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисодии иқтисодиёти креативӣ дар сатҳи давлатӣ эътироф гардида, ҳанӯз аз солҳои 1998 заминаҳои ташаккули он ташкил карда шуда буд. Дар ин давра “Департаменти рушди барномаҳои саноати эҷодӣ (креативӣ)” таъсис дода шуд, ки яке аз натиҷаҳои аввалини фаъолияти ин департамент таҳияи рӯйхати соҳаҳои дохилии бахши креативии иқтисодиёт буд»[2, с.324]. Ин ташаббус дар Биританияи Кабир ба рушди минбаъдаи иқтисодиёти ба дониш асосёфта ва қобилиятҳои эҷодии соҳаҳои илму маориф мусоидат намуда, инчунин ба афзоиши иқтидори инноватсионии мамлакат ва минтақаҳои он оварда расонид.

И.С. Зоирзода дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки «захираҳои инсонӣ метавонанд бо иштироки муассир дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва арзишҳои ахлоқӣ арзиши худро афзоиш диҳанд. Ин консепсия дар идоракунии захираҳои инсонӣ дар ҷаҳони муосир аҳамияти хоса пайдо кардааст» [3, с.89]. Аз ин нуқтаи назар чунин бар меояд, ки захираҳои инсонӣ на танҳо омил, балки ҳамчун сарват ва сармояи фаъол ба ҳисоб рафта, манбаи асосии тавлиди дониш, арзиш ва инноватсия мебошад, ки дар навбати худ ҳамчун рушди креативӣ баррасӣ мешаванд.

Қобили зикр аст, ки рушди креативии кормандони илмӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти мамлакат яке аз самтҳои калидии рушди иқтисодиёти муосир ба шумор рафта, рақобати иқтисоди ҷаҳонӣ ва навсозии босуръати технологӣ, сатҳи эҷодкорӣ ва навоваронаи кормандони илмӣ бевосита ба рушди иқтисодиёт ва истеҳсолот таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, барои арзёбии иқтидори эҷодкорӣ ва навоваронаи кормандони илмии мамлакат, инчунин таъсири он ба рушди иқтисодиёт дар ҷадвали 1 нишондиҳандаҳои омрӣ оварда шудааст.

Ҷадвали 1. – Динамикаи нишондиҳандаҳои муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар давраи солҳои 2020-2024

№	Нишондиҳандаҳо	Солҳо					Таносуб 2024/2020 бо (%)
		2020	2021	2022	2023	2024	
1	Шумораи муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ	82	81	80	80	82	100
2	Шумораи кормандони илмӣ	4269	4446	4496	7272	4846	113,5

	аз ҷумла :						
3	Доктори илм	337	322	320	336	344	102,1
4	Номзади илм	849	866	913	933	1132	133,3

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе, 2025. – С.68.

Маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 2020-2024 шумораи муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бетағйир боқи монда, ин тамоюл нишон медиҳад, ки иқтидори институтсионалии соҳа то андозае устувор мебошад. Инчунин дар ин давра шумораи кормандони илмии ин муассисаҳо 13,5% афзоиш ёфта, ин афзоишёбӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки эҳтимолияти афзоиши иқтидори инноватсионӣ ва эҷодӣ дар муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷой дорад. Дар баробари афзоиши шумораи кормандони илмӣ, албатта кормандони дорои дараҷаи илмӣ дор низ то андозае вфзоиш ёфтааст. Агар дар соли 2020 шумораи докторони илм ба 337 нафар баробар бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 344 нафар расидааст, ки ин афзоишёбӣ ба 2,1% баробар гардидааст. Номзадони илм бошанд аз 849 нафари соли 2020 то ба 1132 нафар дар соли 2024 афзоиш ёфтаанд, ки ин афзоишёбӣ ба 33,3% баробар гардидааст.

Аз натиҷаи таҳлили маълумоти ҷадвали 1 ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки афзоиши шумораи кормандони илмӣ ва махсусан кормандони дорои дараҷаи илмӣ, нишонаи мусбати рушди қобилияти креативӣ ва инноватсионии муҳити илмии кишвар мебошад. Ин тамоюли рушд ба тавлиди ғояҳои нав, татбиқи натиҷаҳои тадқиқотҳои илмӣ дар истеҳсолот ва дар маҷмуъ ба рушди иқтидори инноватсионии мамлакат мусоидат менамояд.

Таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон собит месозад, ки яке аз механимҳои асосии рушди креативии кормандони илмӣ дастгирии молиявии ин соҳа мебошад. Вобаста ба маблағгузориҳои соҳаи илм муҳаққиқ Н.И. Иванова таҳқиқот бурда чунин қайд менамояд, ки «иштироки мустақими давлат дар истеҳсоли дониш маҳз тавассути ташкили лабораторияҳои давлатӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд ва онҳо асосан ба иҷрои фармоишҳои давлатӣ машғул мебошанд»[4, с.196]. Яъне дастгирии молиявии соҳаи илм яке аз ҳадафҳои асосии давлат буда, ин ташаббуси давлатӣ ба бунёд, амалисозӣ, навсозии лабораторияҳо, ҷалби кадрҳои баландихтисос ва рушди инфрасохтории технологии соҳа мусоидат менамояд.

Маълумотҳои омрӣ нишон медиҳанд, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан маблағгузории соҳаи илм аз буҷети давлатӣ сарчашма мегирад. Бинобар ин, барои баҳодиҳии воқеии вазъи имрӯзаи рушди илм дар мамлакат, дар ҷадвали 2 маълумоти оморӣ оварда шудаанд.

Ҷадвали 2. – Динамикаи хароҷоти давлатӣ ба соҳаи илм ва ҳиссаи он дар ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар давраи солҳои 2020-2024

№	Нишондиҳандаҳо	Солҳо					Таносуб 2024/2020 бо (%)
		2020	2021	2022	2023	2024	
1	**ММД (млн.сомонӣ)**	83958,3	101076,3	118181,7	132781,9	153402,2	182,7
2	Хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи илм, ҳаз.сомонӣ	82820,4	99690,7	119586,7	143510,8	156551,9	189
3	Ҳиссаи хароҷот ба илм аз буҷети давлатӣ дар ММД, %	0,09	0,09	0,10	0,10	0,10	-
	аз ҷумла :						
4	Дар мамлакатҳои хориҷ: ИМА Ҷопон Чин Ӯзбекистан Қазоқистон	 3,42 3,26 2,41 0,14 0,13	 3,48 3,28 2,43 0,13 0,13	 3,59 3,41 2,56 0,16 0,12	 3,44 3,30 2,58 0,13 0,14	 3,46 3,30 2,43 0,16 0,12	-

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе, 2025. – С.68; https://statbase.ru/datasets/science-and-education/research-and-development-expenditure/ ; Рейтинг стран мира по уровню расходов на НИОКР / https://gtmarket.ru/ratings/research-and-development-expenditure .

Таҳлили маълумоти ҷадвали 2 собит менамояд, ки дар давраи таҳлили (солҳои 2020-2024) дар мамлакат ҳам нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва ҳам маблағгузорӣ ба соҳаи илм дар раванди афзоишёбӣ қарор дорад. Дар ин давра ҳаҷми ММД аз 83958,3 млн.сомонии соли 2020 то 153402,2 млн.сомонӣ дар соли 2024 афзоиш ёфта, ин тамоюл 82,7%-ро ташкил дод. Аз натиҷаи ин нишондиҳандаҳо ба хулоса омадан мумкин аст, ки иқтисодиёти кишвар бо суръат рушд карда истода, устуворияти рушди иқтисодӣ ба назар мерасад. Инчунин дар ин давра ҳаҷми маблағгузориҳо ба соҳаи илм аз ҳисоби буҷети давлатӣ 89% афзоиш ёфта, ин натиҷа аз он далолат мекунад, ки сол то сол давлат ба рушди соҳаи илм таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда истодааст. Новобаста аз афзоиши маблағгузорӣ ба соҳаи илм, ҳиссаи он дар ММД дар сатҳи аз 0,09% то 0,1% қарор дорад. Аммо ин нишондиҳанда дар дигар давлатҳои дуру наздик дар сатҳи хело баланд қарор дорад. Мувофиқи маълумоти омории соли 2024 дар ИМА ҳиссаи маблағгузориҳо ба соҳаи илм 3,46% ММД, дар Ҷопон 3,30%, дар Чин 2,43%, дар Ӯзбекистон 0,16% ва дар Қазоқистон 0,12%-ро ташкил додааст, ки нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд аст. Ин тамоюли афзоишёбӣ албатта, ки ба рушди креативии кормандони илмӣ то андозае таъсиргузор мегардад.

Ҳарчанд афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ сол то сол дар мамлакат таъмин гардида истода бошад ҳам, аммо ҳиссаи он дар ММД наонқадар афзоиш ёфтааст. Ин чунин маъно дорад, ки афзоиши маблағгузорӣ ба соҳаи илм бештар хусусияти мутаносиб бо рушди умумии иқтисодиёт дошта, мақоми илм дар иқтисодиёти миллӣ ҳанӯз боло нарафтааст. Яъне соҳаи илм ҳанӯз ба сифати омили пешбарандаи рушди иқтисодиёти миллӣ баромад накарда, балки соҳаи дастгиришаванда аз ҷониби давлат боқи мондааст. Аз ин рӯ зарур аст, ки барои рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфта, ки ҳадафи имрӯзаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ҳиссаи маблағгузориҳои давлатӣ ба соҳаи илм дар ММД мунтазам дар доираи имкониятҳо боло бурда шавад. Инчунин барои рушди маблағгузориҳо ба соҳаи имл амалисозии амсилаи «спирали секабата» ба мақсад мувофиқ мебошад. Татбиқи ин амсила имконият медиҳад, ки ҳамкорӣ байни се субъекти асосӣ (илм, давлат ва бахши хусусӣ) таъмин гардад, ки дар натиҷа ба афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ оварда мерасонад. Дар натиҷа ин раванд ба натиҷаҳои зерин комёб мегардонад:

- тақвият ва густариши робита байни имл ва истеҳсолот;
- рушди коркадҳои илмӣ ва тиҷоратикунонии онҳо;
- ташкили стартапҳо ва бизнес-инкубаторҳо дар мамлакат ва минтақаҳои он;
- воридсозии технологияҳои нав ба соҳаҳои воқеии иқтисодиёт;
- афзоиши рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва мутобиқ гардонии онҳо ба стандартҳои минтақавию байналмилалӣ;
- рушди инфрасохтори илмӣ-таҳқиқотӣ ва истиҳсолӣ;
- рушди ҳамкориҳоии илмӣ дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ;
- рушди креативии кормандони илмӣ;
- рушди индекси инноватсионии мамлакат дар ҷаҳон.

Бояд қайд намуд, ки татбиқи амсилаи «спирали секабата», ки ба рушди иҷтисодӣ-иҷтимоии давлатҳои хориҷ мусоидат намуд, имрӯз то андозае дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низ татбиқи худро ёфта истодааст. Имрӯз дар мамлакат чи гунае, ки дар боло қайд намудем самтҳои асосии амалисозии сиёсати давлатӣ оид ба илму техника тавассути як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномаву стратегияҳо амалӣ гардида истодааст. Аз ҷумла, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» аз 18 марти соли 2015, №1197 ба он мусоидат намуд, ки амалисозии сиёсати давлатӣ оид ба илму техника татбиқ гардад. Дар ҳуҷҷати меъёрии мазкур «самтҳои асосии амалисозии сиёсати давлатӣ оид ба илму техника чунин муайян карда шудааст:

- ташкил намудани шаклҳои гуногуни паркҳои технологӣ;
- муттаҳид намудани ташкилотҳои ихтисоси маҳдуди илмию лоиҳавӣ ба ташкилотҳои ягонаи илмӣ;
- афзун намудани натиҷабахшии барномаҳои мақсадноки илмию техникӣ;
- ташаккул додани низоми муосири таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони илмӣ (муҳаққиқон);
- такмил додани низоми интихоби лоиҳаҳои инноватсионӣ ва барномаҳои мақсадноки илмию техникӣ ба таври озмун»[8].

Самтҳои амалисозии сиёсати давлатӣ нишон медиҳад, ки вобаста ба мақсадҳои гузошта шуда дар самти рушди инноватсионӣ заминаҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон мунтазам ташаккул ёфта истода, далели он аст, ки ҳукумати мамлакат рушди илм ва техникаро омили муҳими пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодӣ қабул намудааст. Ташкили паркҳои технологӣ, ҳамоҳангсозии муассисаҳои илмӣ, баландбардории натиҷанокии барномаҳои илмӣ ва рушди низоми омодасозии кадрҳои илмӣ муҳимтарин унсурҳои раванди таъмини ҳамгироии илм бо истеҳсолот мебошад. Зеро ин татбирҳо барои натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ ва татбиқи онҳо ба истеҳсолот заминаи мусоид фароҳам месозанд.

Омили дигари баҳодиҳии сатҳи рушди креативии кормандони соҳаи илмӣ ин иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар мамлакат мебошад, ки ин нишондиҳанда яке аз унсурҳои асосии фаъолияти эҷодӣ ва инноватсионӣ дар мамлакат мебошад. Аз ин рӯ, дар ҷадвали 3 барои баҳодиҳи ҳолати иҷроиши корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо маълумотҳои оморӣ оварда шудаанд, ки дар худ дараҷаи рушди креативии кормандони илмиро инъикос мекунад.

Ҷадвали 3. – Иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар давраи солҳои 2020-2024

№	Нишондиҳандаҳо	Солҳо					Таносуб 2024/2020 бо (%)
		2020	2021	2022	2023	2024	
1	Ҳаҷми иҷрои корҳо аз оғози сол, ҳаз.сомонӣ	75292,7	85625,6	99133,1	120212,8	156551,92	2,8 мар.
2	Аз ҷумла корҳои илмӣ-техникӣ, ҳаз.сомонӣ	74907,1	85091,0	98588,1	119593,3	156551,92	2,9 мар.
	аз ҷумла :						
3	Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ	68295,8	77996,9	90218,4	110772,3	144536,02	2,1 мар.
4	аз ҷумла бунёдӣ	9157,2	11056,6	14568,7	21870,6	30972,6	3,4 мар.
5	корҳои лоиҳакашӣ ва технологӣ	575,0	600,0	632,5	673,2	751,1	130,6
6	тайёркунии намунаҳои таҷрибавӣ	-	-	-	-	-	-
7	корҳои лоиҳакашӣ барои сохтмон	45,5	28,4	30,9	35,0	-	-
8	Хизмати илмӣ-техникӣ	5990,8	6465,7	7706,3	8112,8	11258,8	187,9

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе, 2025. – С.69.

Аз маълумоти ҷадвали 3 дидан мумкин аст, ки дар давраи солҳои 2020-2024 ҳаҷми корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ то андозае афзоиш ёфта, ин тамоюл далели рушди мунтазами фаъолияти илмӣ ва дастгирии давлатии соҳаи илм мебошад. Ҳаҷми умумии иҷрои корҳо аз 75292,7 ҳаз.сомонии соли 2020 ба 156551,92 ҳаз.сомонӣ дар соли 2024 расидааст. Яъне дар панҷ соли таҳлилӣ ҳаҷми умумии иҷрои корҳо 2,8 маротиба афзоиш ёфта, далели он аст, ки ҳаҷми маблағгузори дар ин самт низ тадриҷан афзоиш ёфта истодааст. Аз ҳаҷми умумии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои илмӣ-техникӣ ҳиссаи назаррас дошта, ҳаҷми онҳо дар давраи таҳлилии солҳои 2020-2024 2,9 маротиба афзоиш ёфтааст. Ҳамин тавр, дар солҳои 2020-2024 ҳаҷми корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ 2,1 маротиба, аз он ҷумла бунёдӣ 3,4 маротиба, лоиҳакашӣ ва технологӣ 30,6% ва илмӣ-техникӣ 87,9% афзоиш ёфтааст.

Вобаста ба рушди инноватсия ва иқтидори он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқотҳои зиёди илмӣ гузаронида шуда, намунаҳои асосии онҳо бештар дар соҳаҳои тиб, технология, истеҳсолот ва иқтисодиёт татбиқи амалии худро ёфтаанд. Аммо муайян намудани онҳо, ки то чӣ андоза ба рушди иқтисодии мамлакат таъсир расонидаанд кори басо душвор мебошад. Чихеле, ки олими ватанӣ Манучеҳри Д. Қайд менамояд «намудҳои гуногуни маҳсулот натиҷаи фаъолияти самараноки илмӣ ва техникӣ мебошад, ки аҳамияти иҷтимоӣ ва ифодаи моддии онҳоро дар бисёр ҳолат муайян намудан душвор аст»[9, с.45]. Дар чунин ҳолат таъсири иқтидори илмии мамлакатро дар самаранокии истеҳсоли маҳсулот мушоҳида намудан мумкин аст.


Аслан бинобар сабаби нокифоя будани таҳқиқотҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин номукаммал будани унсурҳои таркибии он, муайян намудани самаранокии иқтисодии истифодаи натиҷаҳои рушди илмӣ-техникӣ хело душвор мебошад. Аз ин рӯ, дар бештари ҳолатҳо барои баҳодиҳии ҳолати рушди илм омилҳои зерин ба инобат гирифта мешаванд:

- сатҳи таҳсилот ва маърифатнокии аҳолӣ;

- сатҳи тахассуси техникӣ ва имҳои бунёдӣ;
- сатҳи рушди инфрасохтории соҳаи илм;
- сатҳи рушди ҳамгироии илм бо истеҳсолот;
- шумораи муассисаҳои илмӣ ва ҷойгиркунонии онҳо дар минтақаҳо;
- шумораи потенҳо ва татбиқи онҳо дар истеҳсолот;
- шумораи кормандони илмии дорои дараҷаи илмӣ.

Дар асоси натиҷаҳои таҳлил, ки дар боло оварда шуданд метавон ба хулосае омад, ки яке аз омилҳои асосии рушди креативии кормандони илмӣ ин афзоиши ҳаҷми маблағгузории соҳа мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми маблағгузории соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз ҳисоби буҷети давлатӣ сурат мегирад. Ин вазъият ҷалби сармояи ғайрибуҷетӣ, тҳияи механизмҳои нави мотиватсионии ширкатҳои хусусӣ ва ташкили фондҳои инноватсиониро тақозо менамояд. Агар дар мамлакат фонди инноватсионӣ таъсис дода шавад, имконияти ҷалби захираҳои молиявӣ барои рушди соҳа ба андозае афзоиш меёбад ва он ҳамчун воситаи махсуси дастгирии лоиҳаҳои илмӣ-инноватсионӣ ва креативӣ дар мамлакат амал хоҳад кард.

Бояд қайд намуд, ки вобаста ба ташкили ин гуна фонд муҳаққиқони ватанӣ С.Ҷ. Комилов ва М.Қ. Файзулло ҳанӯз аз аввали солҳои 2000-ум ақидаҳои илмии худро пешниҳод намуда буданд. Инчунин дар ташкили ин ақида муҳаққиқони дигари соҳа А.К. Қурбонов, П.У. Бобомуродов ва Ҷурахонзода Б.Ҷ. низ саҳми арзанда гузоштаанд ва сохтори онро тарзе пешниҳод намудаанд, ки дар расми 1 оварда шудааст.



Расми 1. – Сохтори фонди инноватсионӣ дар низоми иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон [5, с.100]

Ҳамин тавр, барои рушди минбаъдаи иқтидори илмӣ ва креативӣ зарур аст, ки ҳиссаи маблағгузориҳо ҳам аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ҳам аз ҳисоби ҷалби сармояи хусусӣ мунтазам афзоиш дода шавад. Ҳамзамон таъсиси фонди махсуси инноватсионӣ, татбиқи амсилаи «спирали секабата» (илм, давлат, бизнес), таъсиси стартапҳо, паркҳои технологӣ, бизнес инкубаторҳо, такмил ва татбиқи механизмҳои ҳавасмандгардонии молиявии кормандони илмӣ зарур мебошад. Дар натиҷа амалишавии ҳаммаи ин чорабиниҳо метавонад ба рушди сатҳи креативии кормандони илмӣ таъсир расонад ва ин тамоюли рушд имконият медиҳад, ки ғояҳои илмӣ ба маҳсулоти инноватсионӣ табдил ёбанд ва дар натиҷа рушди устувори иқтисодии мамлакат таъмин гардад.

Адабиёт

1. Азимов, Н.Ҳ. Табдилдиҳии саноати креативӣ зери таъсири рақамикунонии иқтисодиёт: мулоҳиза, тасаввурот ва баҳодиҳӣ / Н. Ҳ. Азимов // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2023. – No. 1(52). – С. 132-140.
2. Дусмухамедов, О. Ўзбекистон ва хорижда креатив иқтисодиёт соҳаларини ривожланиш тенденциялари / О. Дусмухамедов // Iqtisodiy Taraqqiyot va Tahlil. – 2024. – Vol. 2, No. 6. – P. 321-329.
3. Зоирзода, И.С. Асосҳои назариявии рушди сармояи инсонӣ дар замони имрӯза / И. С. Зоирзода, Д. М. Ҷобиров // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 1. – P. 86-92.
4. Иванова, Н. И. Финансирование науки / Н. И. Иванова // Журнал Новой экономической ассоциации. – 2019. – № 1(41). – С. 195-201.
5. Исвалиев, Б.Ҷ. Такмили механизми мотиватсионии таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон): дисс. ... доктори фалсафа (PhD). – Душанбе: ДМТ, 2024. – 173с.
6. Креативные индустрии. [Электронный ресурс] https://ru.wikipedia.org/wiki/Креативные_индустрии (дата обращения: 22.12.2025).
7. Курбонов, А.К. Компаративный анализ зависимость зависимости ре-гионального инновационного развития от уровня об-разования и подготовки кадров / А. К. Курбонов, П. У. Бобомуродов // Финансовая экономика. – 2025. – № 11. – С. 153-157.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» аз 18 марти соли 2015, №1197 / https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-фаъолияти-илмӣ-ва-сиёсати-давлатӣ-оид-ба-илму-техника
9. Манучехри, Д. Научно-технический потенциал инновационного развития Республики Таджикистан / Д. Манучехри // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. – 2020. – № 2(260). – С. 45-52.
10. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе, 2025. – 441С.
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. [Электронный ресурс] https://www.president.tj/event/missives/49225 (дата обращения: 8.02.2026г.).
12. Саидмуродзода, Л.Х. К вопросу о предыстории экономической мысли таджикского народа: формационный взгляд и историческая судьба / Л.Х. Саидмуродзода, Ш. Холова // Финансово-экономический вестник. – 2025. – № 1. – С. 14-26.

Маълумот дар бораи муаллиф

Бобомуродов Парвиз Уктамович-номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33.

Сведения об авторе

Бобомуродов Парвиз Уктамович-кандидат экономических наук, доцент кафедры международного менеджмента Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носира, 33.

About the author

Bobomurodov Parviz Uktamovich-Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of International Management Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir Street, 33.

УДК:633.5(575.3)

РАЗВИТИЕ МЕХАНИЗМОВ АГРОПРОМЫШЛЕННОЙ ИНТЕГРАЦИИ КЛАСТЕРНЫМ МЕТОДОМ

Халифазода Дж.Б.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. В статье направления развития механизмов агропромышленной интеграции с использованием кластерных методов, теоретические вопросы формирования и развития агропромышленного комплекса подвергнуты изучению и исследованию. Автор раскрывает и ясно объясняет понятие «агропромышленная интеграция», показывает, что она представляет собой совокупность технологически и экономически взаимосвязанных отраслей национальной экономики, которая охватывает производство, переработку и реализацию продовольственной продукции и снабжение промышленности сельскохозяйственным сырьем и оказывает услуги по доведению продукции до конечного потребителя.
Одновременно в статье поддерживаются идеи отечественных и зарубежных ученых о том, что с формированием рыночной экономики возрастает роль системы интеграции и кооперации в развитии отраслей АПК, и по этому поводу приведено личное мнение автора. Особое место в статье занимает изучение этапов развития интеграции и кооперации между отраслями АПК.
Ключевые слова: кластерные методы, экономические механизмы, агропромышленный комплекс, механизмы интеграции, кооперация, технология, кластеры, реализация продукции, сырье, средства производства, отрасли сферы услуг, конечный потребитель, вертикальная интеграция, горизонтальная интеграция.
Для цитирования: Халифазода, Дж. Б. Развитие механизмов агропромышленной интеграции кластерным методом / Дж. Х. Халифазода // Финансово-экономический вестник. – 2026. – № 1. – С. 151-157.

DEVELOPMENT OF AGRO-INDUSTRIAL INTEGRATION MECHANISMS THROUGH THE CLUSTER APPROACH

Khalifazoda J.B.
Tajik State University of Finance and Economics

Abstract. The article examines and investigates the directions of development of agro-industrial integration mechanisms using cluster methods, and theoretical issues of formation and development of the agro-industrial complex. The author reveals and clearly explains the concept of "agro-industrial integration," showing that it represents a set of technologically and economically interconnected sectors of the national economy, which encompasses the production, processing and sale of food products and the supply of industry with agricultural raw materials, and provides services for delivering products to the end consumer. At the same time, the article supports the ideas of domestic and foreign scientists that with the formation of a market economy, the role of the integration and cooperation system in the development of agro-industrial complex sectors increases, and the author's personal opinion on this matter is presented. A special place in the article is occupied by the study of the stages of development of integration and cooperation between agro-industrial complex sectors.
Keywords: cluster methods, economic mechanisms, agro-industrial complex, integration mechanisms, cooperation, technology, clusters, product sales, raw materials, means of production, service sectors, end consumer, vertical integration, horizontal integration.

ИНКИШОФИ МЕХАНИЗМҲОИ ҲАМГИРОИИ АГРОСАНОАТӢ БО РАВИШИ КЛАСТЕРӢ

Халифазода Ҷ.Б.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннототсия. Дар мақола самтҳои инкишрфёбии механизмҳои ҳамгироии агросаноатӣ бо истифода аз равишҳои кластерӣ масъалаҳои назариявии ташаккул ва рушди комплекси агросаноат мавриди омузишу таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф мафҳуми «ҳамгироии агросаноатӣ» -ро кушода равшан намуда, нишон медиҳад, ки он маҷмӯъи соҳаҳои ба ҳам аз ҷиҳати технологию истеҳсолӣ ва иқтисодӣ алоқаманди иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулотҳои

озуқаворӣ ва таъмини саноат бо ашёи хоми соҳаи кишоварзиро дар бар мегирад ва то ба истемолкунандаи ниҳоӣ расонидани маҳсулотҳо хизмат мерасонад.

Ҳамзамон дар мақола андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба он, ки бо ташакулёбии иқтисоди бозорӣ нақши низоми ҳамгироӣ ва кооператсия дар рушди соҳаҳои КАС меафзояд, дастгирӣ ёфта, дар ин хусус ақидаи шахсии муаллиф оварда шудааст. Мавқеи хосаро дар мақола омузиши марҳилаҳои рушди ҳамгироӣ ва кооператсия дар байни соҳаҳои КАС ишғол менамояд.

Калидвожаҳо: равишҳои кластерӣ, механизмҳои иқтисодӣ, комплекси агросаноатӣ, механизмҳои ҳамгироӣ, кооператсия, технология, кластерҳо, фурӯши маҳсулот, ашёи хом, воситаҳои истеҳсолот, соҳаҳои хизматрасонӣ, истемолкунандаи ниҳоӣ, ҳамгироии амудӣ, ҳамгироии уфуқӣ.

Постановка проблемы. Агропромышленная интеграция представляет собой совокупность взаимосвязанных отраслей национальной экономики, которая охватывает производство, переработку и реализацию продовольственной продукции, и снабжение промышленности сельскохозяйственным сырьем. В агропромышленный комплекс входят отрасли сельского хозяйства, занимающиеся производством продукции, а также отрасли переработки сельскохозяйственной продукции, хранения, реализации, производства средств производства для сельского хозяйства и отрасли сферы услуг, которые связаны технологически и экономически, оказывая услуги в процессе производства продукции, обеспечения техникой и технологиями и доведения продукции до конечного потребителя.

Анализ последних исследований и публикаций. По данной теме неоднократно проводились исследования отечественными и зарубежными учеными, такими как Пиризода Дж.С., Давлатзода К.К., Факеров Х.Н., Рахимзода И.Х., Д. Рикардо, А. Маршалл, М. Портер, Й. Тюнен и другие.

Цель статьи заключается прежде всего в определении механизмов агропромышленной интеграции с использованием кластерных методов.

Основное содержание материала. В современных условиях наблюдается тенденция формирования структуры агропромышленной интеграции, поскольку объединение создает благоприятные условия для эффективного использования производительных сил и определенных производственных отношений, способствует расширению экономических возможностей вновь созданной производственной системы. Эта структура охватывает систему региональных предприятий, а также районные организации разделенного агропромышленного комплекса.

Формирование АПК в нашей стране относится к началу 1950-х годов XX века. В этот период в экономическую науку было введено понятие агропромышленного комплекса, под которым понималась совокупность отраслей национальной экономики, занимающихся производством и переработкой сельскохозяйственной продукции, обеспечением ее развития, а также доведением ее до конечного потребителя.

Полное формирование агропромышленного комплекса как целостной производственно-хозяйственной системы приходится на середину 1970-х годов. Следует отметить, что основным звеном в нем считается отрасль сельского хозяйства, однако представить быстрое развитие сельского хозяйства без наличия других его отраслей невозможно [3, с.14].

Это, прежде всего, экономические связи сельского хозяйства с отраслями, производящими для сельскохозяйственного производства технические средства, горюче-смазочные материалы, средства химической защиты растений, минеральные удобрения и транспортные средства. Также в этом процессе возникли отрасли, подотрасли, предприятия и другие самостоятельные экономические субъекты, которые взяли на себя часть производственных функций отрасли сельского хозяйства, приняв на себя строительство объектов, техническое обслуживание и ремонт, обеспечение средствами производства для отрасли сельского хозяйства.

В цепочку вошла группа отраслей и других самостоятельных хозяйственных предприятий, осуществляющих транспортировку, хранение, переработку и реализацию сельскохозяйственной продукции.

Агропромышленный комплекс "...в свою очередь является одним из межотраслевых комплексов, сформировавшимся в результате интеграции и объединения промышленности и сельского хозяйства, участники которого имеют единую конечную цель. Агропромышленный комплекс (АПК) - это совокупность взаимосвязанных отраслей национальной экономики, предназначенная для удовлетворения растущих потребностей страны в продовольственных товарах и промышленности в сельскохозяйственном сырье" [8, с. 232].

В научной теории и практике сельское хозяйство и агропромышленный комплекс регионов республики являются важнейшей отраслью и межотраслевым комплексом экономики, показатели уровня и динамики развития которых отражают текущее социально-экономическое положение, поскольку АПК - это межотраслевой комплекс страны, имеющий стратегическое значение, где доля его центральной отрасли - сельского хозяйства - в ВВП страны составляет 23,5%. Также 2/3 производственных предприятий республики являются предприятиями, относящимися к указанному комплексу, которые обеспечивают 35% бюджетных поступлений республики, в его центральной отрасли занято 65,8% населения, занятого работой в регионах страны, и более 74% населения страны проживает в сельской местности.

Развитый агропромышленный комплекс, в свою очередь, является залогом обеспечения продовольственной безопасности, реальной независимости страны и гарантией здоровья населения регионов страны.

Следует отметить, что в течение последних десятилетий концентрация АПК, особенно отрасли сельского хозяйства, превратилась в крупное хозяйственное производство. Такая форма объединения отраслей национальной экономики на протяжении нескольких десятилетий могла обеспечить быстрое развитие его отраслей. Однако начиная со второй половины 1980-х годов произошли коренные изменения как в политической, так и в социально-экономической системе, которые впоследствии привели к распаду крупной советской системы, что не оставило без последствий и отрасли АПК, что привело к снижению производства их продукции.

В объединяющейся системе АПК характер интеграционных связей может формироваться по степени вертикальной и горизонтальной специализации, а также могут создаваться определенные условия для деятельности его участников. Формирование вертикальной интеграции, в свою очередь, охватывает группу предприятий и организаций, производство которых специализировано на одном виде или одной степени производства, что требует определенного повышения производства отраслей и во многих случаях регулируется государством. Она, в свою очередь, имеет большое сходство с кластерами.

С формированием рыночной экономики возрастает роль системы интеграции и кооперации в развитии отраслей АПК. По мнению Давлатова К.К. «...одним из основных направлений интеграционных отношений является использование ресурсосберегающих технологий, снижение прямых затрат трудовых и материальных ресурсов, получение большего количества высококачественной продукции с меньшими затратами и большей прибылью от ее реализации...» [2, с. 218].

В этом случае возникает необходимость новых форм интеграции, направленных на повышение объемов производства сельскохозяйственной продукции, обеспечение продовольственной безопасности и улучшение уровня жизни населения в регионе. Здесь одной из эффективных форм агропромышленной интеграции, способствующей адаптации АПК Таджикистана, являются агропромышленные кластеры для отдельных регионов или районов.

Для эффективности интеграции в регионе необходимы периоды их действия, которые являются важным фактором прогресса деятельности участников его отраслей. Как правило, выделяют пять основных его периодов.

Период подготовки и формирования агропромышленных корпораций, охватывающий объединение нескольких агропромышленных предприятий, с помощью которых осуществляется технология управления интеграционными проектами, в процессе которых определяются компетенция и ответственность руководителя и членов группы, разрабатывается концепция развития агропромышленных корпораций, осуществляется целеполагание по организации и реализации ее стратегии.

Второй этап - это формирование и начало работы акционерного общества, посредством которого основная компания объединяет несколько крупных агропромышленных предприятий, и в соответствии с действующим законодательством на общем собрании акционеров решаются вопросы и утверждаются программы развития корпорации на ближайшие годы. [12, с.230].

Третий период - это интеграция в переходный период, основной целью которого является достижение определенных экономических и финансовых результатов (синергетический эффект), вытекающих из объединения различных предприятий в структуре предпринимательства и единой хозяйственной системы. Она состоит из системы финансового управления, информационного обеспечения, а также осуществления управления основным обществом.

Четвертый и пятый этапы - это период достижения конечных результатов, целью которых является обеспечение высокой эффективности совместных операций участников интеграции,

эффективности работы новых управленческих групп на всех этапах, устойчивости влияния вертикальной интеграции на деятельность предприятий и организаций.

При полной интеграции остается успех эффективного управления, которое должно быть направлено на снижение различных рисков. Как показывает опыт экономически развитых стран, процесс интеграции в условиях рыночной экономики соответствует развитию системы АПК.

Интеграция в условиях региона дает возможность правильно организовать процесс производственной цепочки, создать благоприятные условия для использования передовых инновационных технологий и большего привлечения трудовых ресурсов, для переработки, хранения и реализации продукции агропромышленного комплекса.

Основными целями интеграций является улучшение нынешнего состояния отрасли сельского хозяйства и других отраслей АПК, и это в значительной степени зависит от решения следующих мер:

• улучшение финансового положения сельскохозяйственных предприятий и организаций и уровня жизни населения в регионах республики;

• объединение финансовых ресурсов для приоритетного решения развития отраслей АПК страны;

• объединение производства в отдельном регионе или единой цепочке, то есть начиная от производства, переработки и реализации сельскохозяйственной продукции до доведения до ее конечного потребителя;

• увеличение возможностей привлечения большего капитала и конкурентоспособного оборота сельскохозяйственной и агропромышленной продукции;

• устранение монополии и выведение из процесса производства избыточных посредников с целью создания для участников интеграции широких возможностей реализации сельскохозяйственной и промышленной продукции;

• повышение контроля сверху за эффективным использованием природного и ресурсного потенциала, трудовых и технико-производственных ресурсов;

• использование передовых инновационных технологий в развитии агропромышленного производства, новой техники и оборудования и прочее.

Это положение очень хорошо отражено и в стратегии развития национальной экономики Республики Таджикистан для стимулирования процесса интеграции и кооперации производства.

По мнению некоторых ученых «...во многих странах выделяются две формы интеграции агропромышленного комплекса. Первая - форма сотрудничества сельскохозяйственных предприятий и негосударственных компаний, осуществляемая на основе двустороннего договора, и она характерна для зарубежных стран. Вторая - в организационно-структурной форме, где объединяется капитал и трудовые ресурсы отдельных предприятий, и она более характерна для отечественного производства АПК» [4, с.182].

Однако как для зарубежных компаний, так и для предприятий отечественного агропромышленного комплекса характерно объединение вертикальной интеграции, направленное на объединение производителей однотипных товаров и продукции. В этом случае прежде всего на первое место ставится производственный процесс предприятий и организаций, снижаются затраты производственного процесса.

Эта форма интеграции, в свою очередь, больше соответствует теории кластеризации, которая «...не противоречит задаче вертикальной интеграции, а соответствует стимулированию объединения предприятий в кластеры» [1, с.389].

В этих случаях изменяется количество участников и их состав, что является одной из отличительных особенностей кластера от других форм объединения отраслей системы АПК. Это положение является одним из основных отличительных принципов взаимосвязи отраслей и участников кластера, который может объединиться в любом случае для решения поставленной перед ними задачи (рисунок 1).




Рисунок 1. Основные принципы взаимосвязи участников кластера на этапах его формирования

Источник: разработка автора

Организационно-производственная структура и основные этапы формирования кластера показывают, что он имеет особое место в интеграции отраслей системы агропромышленного комплекса. Только кластер дает возможность объединения малых и средних предприятий в отраслях АПК при правильной постановке, где крупные предприятия служат основным локомотивом и для обеспечения чистой конкуренции малых и средних предприятий, обеспечивают экономическое стимулирование и повышение качества товаров и продукции.

С этой целью осуществляется наблюдение за состоянием управления и результатами интеграции по следующим направлениям:

- обеспечение эффективности деятельности участников агропромышленной интеграции и управления персоналом;
- влияние эффективности вертикальной интеграции на участников агропромышленных кластеров в регионе;
- анализ и перспективы достижений, недостатков и планирования деятельности его участников на будущие периоды;
- экономическое стимулирование членов агропромышленной интеграции и производственных кооперативов в регионах республики и прочее.

В такой форме интеграции охватывается полная технологическая и производственная цепочка, начиная от выращивания до производства и реализации готовой продукции отраслей АПК, что предусматривает возможность реализации целей всех его участников.

Агропромышленные кластеры, в свою очередь, выступают «…как процесс объединения организаций различных сфер деятельности в едином процессе воспроизводства, от производства сырья до реализации готовой продукции с объединением всех этапов производства, результатом чего является синергетическая эффективность...», где «…синергетический (дополнительный) эффект обеспечивается за счет усилий всех участников-хозяйствующих субъектов и рассчитывается напрямую...». В этом случае кластер учреждается за счет интеграции экономически самостоятельных предприятий по производству товаров и услуг, имеющих географическую близость и действующих во взаимосвязи в единой цепочке организации потребительской стоимости [6, с.68].

В условиях глобализации и формирования конкурентоспособной экономики развитие агропромышленных кластеров в различных формах оценивается в региональных условиях. В частности, «…в новых хозяйственных условиях одним из важных и эффективных рычагов борьбы с действующим кризисом является именно теория кластеров, которая закладывается с учетом регионального синергетического эффекта» [5, с.59]. Также «…интеграция кластеров дает возможность повысить конкурентоспособность производства продукции, обеспечить инновационное развитие и устойчивость производства на длительный срок» [7, с.70].

В современной экономической практике выделяют три основные формы агропромышленных кластеров, отражающих их формирование:

- активные внутрирегиональные экономические структуры в рамках системы АПК, организованные в научно-исследовательских и образовательных организациях;

- производственная цепочка, которая посредством вертикальной интеграции запускает производственный процесс вокруг ядра кластера (цепочка поставщика, производителя, продавца и потребителя);
- отрасль промышленности на высоком уровне развития (пищевой кластер или совокупность отраслей - агропромышленный кластер).

По сути, кластеры не имеют юридической и организационной формы, но их участники сохраняют полную юридическую и экономическую самостоятельность.

Поэтому формирование агропромышленных кластеров дает возможность их участникам обеспечить высокую степень специализации, внести большой вклад в развитие малого и среднего предпринимательства в регионах республики, полностью удовлетворить потребности продовольственного рынка. [13, с.117]. Благодаря этим кластерам в регионах обеспечивается большее привлечение капиталов, что способствует устойчивому экономическому развитию страны. На агропромышленные кластеры также оказывают влияние социально-экономические, природно-климатические и технологическо-производственные факторы.

Изучение теоретических аспектов организации производства в системе агропромышленного комплекса показывает, что одной из эффективных форм интеграции его отраслей является формирование агропромышленных кластеров, направленное на повышение эффективности производства в регионе и социального положения населения. [11, с.250]. В практике передовых стран указанная структура функционирует в различных формах, таких как агропромышленные холдинги, союзы и ассоциации, которые осуществляют свои взаимоотношения на основе принципов организации кооперации и интеграции.

Для развития региональной экономики кластеры играют важную роль, обеспечивая внутренний рынок свежей и высококачественной агропромышленной продукцией. Основное преимущество агропромышленных кластеров в региональных условиях заключается в том, что они объединяют большую группу предприятий и организаций, оказывают услуги по доведению продукции до конечного потребителя, способствуют развитию и процветанию участников всей производственной цепочки - поставщиков сырья, компаний по продаже товаров, научно-исследовательских и образовательных учреждений и других. Это прежде всего относится к "....экономическим связям сельского хозяйства с отраслями, которые производят для сельскохозяйственного производства технические средства, горюче-смазочные материалы, средства химической защиты растений, минеральные удобрения и транспортные средства" [8, с. 249].

Таким образом, агропромышленные кластеры, в свою очередь, предоставляют своим предприятиям и организациям возможность приобрести высокую степень профессионализма, объединяя их в географическом регионе, обеспечивая большее привлечение капиталов и обмен информацией для них, совершенствование материально-технической базы сельского хозяйства, в том числе - правильное соблюдение технологического процесса, развитие интеграции и кооперации в АПК, увеличение объемов производства продукции, повышение занятости и развитие рыночной инфраструктуры, организацию эффективной системы планирования и стратегии, совершенствование нормативно-правовых документов и организацию постоянного мониторинга развития агропромышленных кластеров в регионе.

Эти процессы, в свою очередь, зависят от ряда объективных и субъективных причин, основными из которых являются отсутствие достаточных запасов денежных средств, недостаток практического опыта указанных кластеров, низкое развитие сельскохозяйственных отраслей и сектора их обслуживания и прочее.

Адабиёт

1. Горетов И.Н. Кластерные технологии в управлении АПК //Вестник Чувашского университета. -2009. -№1. -С.389.

2. Давлатов К.К. Развитие кооперации и интеграции в АПК Республики Таджикистан// Монография.-Воронеж, 2008. –С.218.

3. Давлатзода, Қ. Қ. Таҷрибаи хориҷӣ оид ба ташаккул ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа / Қ. Қ. Давлатзода, Ҷ. Б. Халифазода // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2021. – No. 3(55). – P. 88-93. – EDN BCBOLL.

4. Давлатзода, Қ. Қ. Самтҳои асосии дастгирии давлатии рушди кластерҳои Пахтакорӣ дар минтақаҳои кишвар / Қ. Қ. Давлатзода, Ҷ. Б. Халифазода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 1(35). – P. 68-76. – EDN NHUFIJ.

5. Давлатзода, К. К. Ташаккул ва инкишофи кластерҳои соҳавӣ дар минтақа / К. К. Давлатзода, Д. Халифазода. – Душанбе : Таджикский национальный университет, 2023. – 158 р. – EDN DGVUAF.

6. Коваленко Н.Я. Экономика сельского хозяйства с основами аграрных рынков. Курс лекций. -М.: «ТАНДЕМ», 1999. -С. 14-30.

7. Огородников П.И., Федорова О.А., ва Чиркова В. Ю. Интеграционные объединения - основа стабильного и динамичного развития АПК // Экономика региона. 2011. -№4. -С. 182.

8. Пириев Дж. С., Амиров Н.И. и др. Зарубежный опыт кластерного развития агропромышленного комплекса// Доклады Таджикской Академии сельскохозяйственный наук. – Душанбе, 2013. -№4 (38).-С.59-63.

9. Семина Л. А., Ковалева И. В. Агропромышленный кластер: проблемы и развитие инновационно-инвестиционной деятельности // Социально-экономический и гуманитарный журнал Красноярского ГАУ. -2017.-№1 (5). С. 68.

10. Фролов О.А. Формирование и развитие кластеров в региональном АПК// Региональная экономика: теория и практика. -2011. -№36.-С. 70.

11. Халифазода, Ҷ. Б. Муаммоҳои Ташаккулёбӣ ва роҳҳои рушди кластерҳои агросаноатӣ дар шароити минтақа / Ҷ. Б. Халифазода // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 1(30). – P. 245-252.

12. Халифазода, Ҷ. Б. Рушди кластеркунонии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар вилояти Хатлон / Ҷ. Б. Халифазода, М. Х. Халифаева // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 3(32). – P. 229-237. – EDN GRZUPE.

13. Шералиев, Э. Н. Фаъолгардонии ҷалби сармояҳо ба рушди кластерҳои Пахтакорӣ дар минтақа / Э. Н. Шералиев, Ҷ. Б. Халифазода // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – No. 4-1(58). – P. 116-123.

Сведения об авторах

Халифазода Джовидон Бобохон– кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры налогообложения и страхования Таджикского Таджикского государственного финансово-экономического. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова 64/14.

About the author

Khalifazoda Jovidon Bobokhon-Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the Department of Taxation and Insurance of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14.

Маълумот дар бораи муаллиф

Халифазода Ҷовидон Бобохон–номзади илмҳои иқтисодӣ, муалими каллони кафедраи андозбандӣ ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға**:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.

УДК:332; 311.313

НАҚШ ВА ЗАРУРИЯТИ ДАСТГИРИИ БУҶЕТӢ ДАР ТАКМИЛДИҲИИ СОҲАИ ИҶТИМОИИ МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мамадризоева Н.М.
Донишгохи давлатии молия ва иктисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур сухан оиди муаммоҳои иҷтимоии кишвар ва минтақаҳои он, инчунин пешниҳоди баъзе ақидаҳо оид ба пешгирии роҳҳи ин муаммоҳо меравад. Қобили қайд аст, ки дастгирии бевоситаи буҷети давлат хело муҳим аст. Истифодаи оқилона ва самараноки ин дастгирии молиявии давлат барои ҳалли муаммоҳои гуногуни минтақаҳои кишвар мусоидат менамояд. Дар мақола инчунин муаммоҳои шуғл ва бекорӣ низ баррасӣ гардидаанд. Маводи амалӣ бо нишондиҳандаҳои буҷети давлат пешниҳод гардидааст.

Калидвожаҳо: кишвар, минтақа, дастгирӣ, рушд, молиякунонӣ, буҷет, иҷтимоӣ, муаммо, шуғл.
Барои иқтибос: Мамадризоева, Н. М. Нақш ва зарурияти дастгирии буҷетӣ дар такмилдиҳии соҳаи иҷтимоии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н. М. Мамадризоева // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 158-162.

РОЛЬ И НЕОБХОДИМОСТЬ БЮДЖЕТНОЙ ПОДДЕРЖКИ В СОВЕРШЕНСТВОВАНИИ СОЦИАЛЬНОЙ СФЕРЫ РЕГИОНОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Мамадризоева Н.М.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. В данной статье говориться о социальных проблемах страны и ее регионов, а также представлены некоторые предложения по предотвращению этих проблем. Стоит отметить, что прямая поддержка государственного бюджета очень важна. Рациональное и эффективное использование этой финансовой поддержки государства помогает решать различные проблемы регионов страны. Также в статье рассматриваются проблемы занятости и безработицы. Практический материал представлен показателями государственного бюджета.

Ключевые слова: страна, регион, поддержка, развитие, финансирование, бюджет, социальный, проблема, занятость.

THE ROLE AND NEED OF BUDGET SUPPORT IN IMPROVING THE SOCIAL SPHERE OF THE REGIONS OF TAJIKISTAN

Information about the author:
Mamadrizoeva N.M.
Tajik State University of Finance and Economics

Annotation. This article talks about the social problems of the country and its regions, and presents some proposals for preventing these problems. It is worth noting that direct support from the state budget is very important. Rational and effective use of this financial support from the state helps solve various problems in the regions of the country. The article also discusses the problems of employment and unemployment. State budget indicators present practical material.

Key words: country, region, support, development, financing, budget, social, problem, employment.

Гузориши масъала. Яке аз муаммои чандинасраи умумихалқӣ, ки такмили доимиро тақозо мекунад, рушди низоми иҷтимоию иқтисодӣ боқӣ мемонад. Тағйироти сершумори он низ такмилро талаб мекунад. Аммо ин муаммо то имрӯз ҳалли худро талаб мекунад.

Садҳо ва ҳазорон нафар файласуфон, иқтисоддонҳо, ҷомеашиносон, сиёсатшиносон, равоншиносон ва дигар мутахассисон кӯшиш ба харҷ медоданд, ки низоми иҷтимоию иқтисодии беҳтарин, одилона ва оптималӣ бо истифодаи оқилонаи сарватҳои табииро дар якҷоягӣ бо рушди сармояи инсонӣ пайдо намоянд. Дар ҳама давру замон муборизаи ақидаҳо, таълимот ва ақидаҳои афкори барҷастаи башарият барои ихтироъ кардани сохтори беҳтарини иҷтимоию иқтисодӣ суст нагардидааст. [6,63]

Ҳоло ин истилоҳ дар матнҳои расмӣ барои ишора ба равандҳои дар соҳаи иҷтимоӣ ба амал омада васеъ истифода мешавад.

Дар адабиёти илмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи ин истилоҳ то ҳол назари дақиқ вуҷуд надорад. Итминони аён танҳо дар дарки табиати динамикии он вуҷуд дорад, на дар ҷанбаҳои мазмунию сохтории он.

Ин ҳолат бештар ба характери байнисоҳавии омӯзиш ва баҳодиҳии рушди ҷомеа, тафовути муносибатҳои таҳлили он дар илмҳои ҷомеашиносӣ вобаста аст.

Бештар дар бораи таъминоти иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, хатарҳои иҷтимоӣ сухан меронанд, аммо на дар бораи рушди иҷтимоӣ. Илова бар ин, бисёре аз муҳаққиқон рушди иҷтимоиро бо рушди иҷтимоию иқтисодӣ баробар мекунанд, ки ин нодуруст аст, зеро дар он ғайр аз равандҳои иҷтимоӣ равандҳои иқтисодӣ низ ба назар гирифта мешаванд, яъне на танҳо рушди ҷомеа (шахсият), балки тамоми низоми иҷтимоию иқтисодии ҳудуд, аз ҷумла субъектҳои хоҷагидорӣ, муассисаҳои молиявию қарзӣ ва ғайраро дар назар дорад.

Таҳлили таҳқиқот ва нашрияҳо охирин. Муаммоҳои дар соҳаи иҷтимоӣ мавҷударо олимони ватанӣ ва хориҷии зерин таҳқиқ кардаанд: Алимардонов У., Комилов С.Ҷ., Саидмуродов Л.Х., Раҳимов З.А., Султонов З.С., Бердиев Р.Р., Бузгалин В.А., Худокормов А.С., Абалкин Л.И., Некрасов Н.Н., Лавров А., Морозова Т.Г., Мингалева Ж.А. ва дигарон.

Мақсади мақола. Муайян намудани муаммоҳоеро, ки ба рушди соҳаи иҷтимоии ҷомеа монеа мегарданд ва баррасӣ намудани роҳҳои ҳалли он.

Пешниҳоди маводи асосӣ. Дар илми иқтисод рушди иҷтимоӣ одатан бо мафҳуми некӯаҳволӣ ва афзоиши он алоқаманд аст. Бо ин низ розӣ нашудан мумкин аст, зеро баланд шудани дараҷаи некӯаҳволӣ ва сатҳи зиндагӣ на ҳамеша боиси инкишофи шахсият ва қонеъгардонии тамоми талаботи ҷомеа мегардад [7,155-156].

Баъзе муҳаққиқон рушди иҷтимоиро бо рушди соҳаи иҷтимоӣ амалан зич, муайян намуда, мепайвандад. Ингуна муносибат ҳам нодуруст аст, зеро соҳаи иҷтимоиро асоси рушди ҷомеа донистан лозим аст. Албатта, ҳар қадар объектҳои иҷтимоӣ самараноктар кор кунанд, хамон кадар ҷамъият мутаносиб рушд меёбад.

Тағйирёбии босуръати манзараи геосиёсӣ ва геоиқтисодии ҷаҳони муосир, таназзули иқтисоди ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар иқтисодиёти кишварҳои шарикони асосии тиҷоратӣ, ба сохтори нави технологӣ гузаштани хоҷагидории ҷаҳонӣ, инчунин идомаи мушкилоти давраи табдилот аз зарурати андешидани чораҳои таъхирнопазир, ҷиҳати таъмини амнияти миллии кишвар шаҳодат медиҳанд.

Дар ин шароити душвор инкишоф додани амнияти миллии кишварро аз ҷиҳати тавоноӣ ва моддӣ танҳо бо иқтидори инсонию иқтисодии он таъмин кардан мумкин аст.

Дар барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, ки дар солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ қабул шудаанд, ҳадафҳо, афзалиятҳо, вазифаҳо ва самтҳои амалии гузариш ба модели нави рушди босифати иқтисодӣ муайян шудааст, ки асоси онҳо механизмҳои муассири институтсионалӣ мебошанд, ки имкон медиҳанд ба бахши воқеии иқтисодиёт ва инфрасохтор ҷалби бештари маблағгузорӣ; рақобат ва гирифтани донишҳои навро ҳавасманд мегардонад; тавсеаи истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳои ба содирот нигаронидашуда ва таъмини ивази воридот; вобастагии кишварро аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ коҳиш дода, ба густариши шуғли пурсамари аҳолӣ мусоидат намояд.

Тавре маълум аст, татбиқи барномаҳои стратегии рушди минтақавӣ номутаносибии байниминтақавӣ дар иқтисодиётро тамоман бартараф накардааст.

Сабабҳои асосии ин ҳолат набудани ҳамоҳангӣ аз ҷониби маркази ягона ва нокифоя будани манбаъҳои маблағгузории барномаҳоест, ки дар доираи имконоти молиявии ҳар як минтақа маҳдуданд.

Яке аз масъалаҳои мубрами омӯзиши механизми молиявии танзими давлатии рушди иҷтимоии минтақаҳо, сохтори манбаъҳои захираҳои молиявӣ, усулҳои ҷустуҷӯи онҳо ба мақсади рушди иҷтимоии минтақаҳо ва ҷумҳурӣ, самаранок истифодабарии он мебошад.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ» ҳамасола барои дастгирии соҳаи иҷтимоии кишвар маблағгузорӣ карда мешавад. Маълумот оид ба маблағгузории бахши иҷтимоии кишвар дар ҷадвали 1. оварда шудааст.

Ҷадвали 1. - Ҳаҷми харочоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои молиякунонии соҳаи иҷтимоии кишвар

(ҳаз. сом.)

	2022	2023	2024	2025

Номгӯи соҳа	маблағ	бо %	маблағ	бо %	маблағ	бо %	маблағ	бо %
Маориф	6304025	42,8	7210355	42,5	8231867	43,3	10909496	45,6
Тандурустӣ	2881390	19,5	3343077	19,7	3488927	18,3	4329105	18,0
Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ	4331602	29,4	4898631	28,9	5533584	29,1	6962188	29,1
Фарҳанг ва варзиш	1199149	8,1	1494348	8,8	1716730	9,04	1718770	7,1
Ҳамагӣ:	14716166	100	16946411	100	18971108	100	23919559	100

Сарчашма: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ барои солҳои 2022-2025»

Аз маълумоти ҷадвали 1. маълум мегардад, ки хароҷоти буҷети давлатӣ барои дастгирии молиявии соҳаи иҷтимоӣ ҳар сол ва ба ҳаҷми зиёд мегардад.

Дар муқоиса бо соли 2022 дар соли 2025 барои соҳаи маориф 10909496 ҳаз. сом. ё 45,6% аз ҳаҷми умумии соҳаи иҷтимоӣ равона карда шудааст, ки ба маблағи 4605471 ҳаз. сом. зиёд аст. Хароҷот барои соҳаи тандурустӣ дар соли 2025 нисбат ба соли 2022 4329105 ҳаз. сом. ҷудо шуда, 18,0 % аз ҳаҷми умумии соҳаи иҷтимоиро ташкил дода, ба маблағи 1447715 ҳаз. сом. зиёд аст. Дар соли 2025 барои соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 6962188 ҳаз. сом. ё 29,1 фоизи маблағи умумӣ ҷудо карда шудааст, ки нисбат ба соли 2022 ба маблағи 2630586 ҳаз. сом. зиёд аст. Маблағгузориҳо барои соҳаи фарҳанг ва варзиш 1718770 ҳаз. сомониро ташкил медиҳад ва 7,1 % -ро аз ҳаҷми умумии маблағ ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2022 519621 ҳаз. сом. зиёд аст.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ барои бо кор таъмин намудани аҳолӣ ҳарчи бештар ҷойҳои корӣ ташкил кардан лозим аст, ки ин ба вазъи моддию молиявии чамъият мусоид менамояд. Чунин тадбирҳо имкон медиҳанд, ки шаҳрвандони кишвар дар ҷустуҷӯи даромади беҳтар берун аз кишвар сафар накунанд.

Дар Паёми навбатии худ Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ қайд намуд: «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани соли 2018 ба дарки аҳамияти ин соҳа дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мардум такони ҷиддӣ бахшида, шумораи сайёҳоне, ки ба Тоҷикистон ташриф овардаанд, дар соли 2018 на 2,2 баробар ҳадафҳои пешбинишуда зиёд гардид.

Аз ин рӯ, дар соли ҷорӣ «Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030» қабул гардид, то ҳадди имкон имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон муаррифӣ шуданд, вале барои рушди инфрасохтори ин минтақа дар тамоми минтақаҳои кишвар чорабиниҳои иловагӣ андешида шаванд.

Бо мақсади тезонидани ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо назардошти зарурати рушди инфрасохтори деҳот пешниҳод менамоям, ки солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шаванд.

Ҳадафи аслии ин пешниҳод амалӣ намудани талошҳои Ҳукумати кишвар дар самти рушди боз ҳам бештари Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ тавассути беҳбуди инфрасохтор, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таъмини сокинони деҳот бо оби хушсифати ошомиданӣ, сохтмону таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, мутобиқ намудани сатҳи хизматрасонӣ ба талаботи замон ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум дар ҳар як деҳа ва маҳал мебошад» [1].

Яке аз омилҳои муҳими рушди истеҳсолот ва иқтисод сармояи инсонӣ мебошад, ки сифати он ба рушди тамоми соҳаҳои саноат зич алоқаманд аст. Ин омил дар байни омилҳои дарозмуддати рушди иқтисоди оянда ҷои аввалро ишғол мекунад.

Рушди сармояи инсонӣ ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Принсипҳои асосии ин самти фаъолият бо хоҳиши ҳалли ҳамаҷонибаи масъалаҳои рушди сармояи инсонӣ ва сифати зиндагӣ, инчунин фароҳам овардани заминаҳои устувори ташаккули иқтисодиёти дониш алоқаманданд.

Ҳадафҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар дарозмуддат инҳо хоҳанд буд:

- мусоидат ба фарогирии иҷтимоӣ тавассути баланд бардоштани дастрасии хизматрасониҳои босифат, аз ҷумла маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, обтаъминкунӣ ва тозагӣ;

- фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар соҳаи иҷтимоиёт.

Перспективаҳои дарозмӯҳлати инкишофи низомии маорифи ҷумҳурӣ бояд ба принсипу талаботи зерин асос ёбад:

- тамоми зинаҳои таҳсилот бояд ба стандартҳои сифат ҷавобгӯ бошанд;

- таҳсилоти томактабӣ бояд ба инкишофи барвақтии кӯдакон мусоидат намояд ва барои табақаи васеи аҳолӣ дастрас бошад;

- байни низоми маориф ва бозори меҳнат бояд робитаи зич дошта, мувозинати байни таъминоти мутахассисон дар сатҳҳои гуногун ва талаботи бозори меҳнат таъмин карда шавад [2,42-52].

Таҳсилоти олӣ бояд бо сатҳҳои дигар мутавозин бошад, ки талаботи бозори меҳнатро инъикос намояд. Зарурати захираҳо ва самаранокии энергетикӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нави аз ҷиҳати экологӣ тоза барои таъмини рушди устувор таълим ва таълими мувофиқро талаб мекунад. Дар баробари ин, дар доираи беҳсозии сохтори таҳсилот шумораи хатмкунандагони ихтисосҳои муҳандисию техникӣ ва табиатшиносиро зиёд кардан зарур аст. Умуман, қабул ба мактабхои олии касбӣ бояд то 30 фоиз зиёд карда шавад.

Ислоҳот дар соҳаи тандурустӣ ба таъмини дастрасии аҳолӣ бо хизматрасониҳои тиббӣ ва ғизо нигаронида шудааст.

Мақсади дарозмуддат зиёд кардан ва нигоҳ доштани 100 фоиз бо ёрии аввалияи тиббӣ фарогирии аҳолӣ мебошад.

Низоми ҳифзи иҷтимоӣ барои рушди сармояи инсонӣ шароит фароҳам меорад.

Рушди низоми ҳифзи иҷтимоии пиронсолон тавассути баланд бардоштани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои пиронсолон, ҷорӣ намудани стандартҳои ҳадди ақали иҷтимоии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба пиронсолон, таҳия ва татбиқи хизмати геронтологӣ барои расондани ёрии тиббӣ ва дигар хизматҳои махсусгардонидашуда ба пиронсолон, ташаккули низоми маблағгузорӣ ба ҳар сари аҳолии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар муассисаҳои истиқоматӣ ба пиронсолон, ташкили механизмҳои бо кор таъмин намудани шаҳрвандони куҳансол.

Ҳифзи иҷтимоии оилаҳо ва кӯдакони дар ҳолати вазнини зиндагӣ қарордошта, махсусан кӯдакони ятим, тавассути пешниҳоди имтиёзҳои иҷтимоӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ки дар асоси баҳодиҳии эҳтиёҷот, таҳия ва татбиқи он амалӣ карда мешаванд. Стандартҳои минималии хизматрасонии иҷтимоӣ, таҳия ва татбиқи барномаи иҷтимоии кӯдакон дар мактаб-интернатҳо ва таъмини баъди интернатии онҳо; инкишофи низоми манзил таъминоти иҷтимоӣ.

Баланд бардоштани маданияти аҳолӣ, инкишоф додани муассисаҳои маданият ва низоми санъати миллӣ яке вазифаҳои асосии пешравии иҷтимоӣ мегарданд.

Самтҳои афзалиятноки фаъолият оид ба беҳтар намудани арзишҳои фарҳангии рафтор инҳоянд:

- навсозии низоми дастгирии давлатии фарҳанг ва санъат, ҳифзи гуногунии фарҳанг ва забон;

- афзоиши сармояи инсонии ҷавонон, баланд бардоштани неруи эҷодии онҳо ва мусоидат ба ҷалби дастовардҳои фарҳангу санъат;

- ташаккули фарҳанги соҳибкории инноватсионӣ;

- таъмини рушди фазои умумии фарҳангии кишвар дар шароити ҳифз, эҳё ва рушди анъанаҳои миллӣ ва дастовардҳои фарҳангии солҳои истиқлолият, арзишҳои умумибашарӣ [2,64].

Қобили зикр аст, ки соли 2019 нахустин мавриди сирояти коронавирус дар музофоти Вуҳани Чин ба қайд гирифта шуда, баъдан дар тамоми ҷаҳон паҳн шуд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин пандемия осеб дидааст.

Сирояти вируси корона дар Тоҷикистон назар ба кишварҳои дигари минтақа дертар паҳн шудааст. Ин, аз ҷумла, ба омилҳое, ба мисли кам будани аҳолии шаҳрҳо ва сатҳи ҷаҳонишавии онҳо вобаста аст.

Қобили зикр аст, ки роҳбарияти Тоҷикистон таҳти сарварии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати пурзӯр намудани мубориза бо сирояти коронавирус, бахусус риояи қоидаҳои санитарию гигиенӣ дар ҳама ҷо, безараргардонии кӯчаҳо ва гузаронидани корҳои тарбиявӣ дар байни аҳолӣ тамоми чораҳои заруриро меандешад.

Ҳукумати кишвар бо тамоми қувва талош мекунад, ки таназзули иқтисодро нигоҳ дорад ва он чизе, ки махсусан муҳим аст, имкон дод, ки бахшҳои кишоварзӣ ва истеҳсолӣ фаъолият кунанд. Давлат аз чиҳати моддӣ кишвар ва минтақаҳои онро таъмин намуд. Душанбе барои кӯмак ба созмонҳои молии байналмилалӣ муроҷиат намуд.

Созмони байналмиллалии асъор ба Тоҷикистон ба маблағи 189,5 миллион доллар қарз барои қонеъ кардани тавозуни пардохт ва эҳтиёҷоти буҷети марбут ба пандемия тасдиқ намуд. Аммо ин кофӣ нест, аз ин рӯ СБА пешниҳод кардааст, ки Тоҷикистон буҷети давлатиро тақрибан 225 миллион доллар коҳиш диҳад [10].

Азбаски дар давраи пандемия аксарияти аҳолии кишвар аз ҷойи кор, воситаҳои рӯзгордорӣ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он маҳрум гаштанд, ин боиси афзоиши бекорӣ мегардад, вале тавре мегӯянд: «Инсон бо умед зиндагӣ мекунад» ва аз ин рӯ, сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти кишварҳои ҷаҳон, ваҳдати мардум ва эътиқод ба беҳтаринҳо, бешубҳа, боиси суботи вазъ дар ҷаҳон мегардад.

Адабиёт

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2018
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе, 2016. -83 с.
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2018 - 473 с.
4. Солномаи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2019-415с.
5. Минтақаҳои Тоҷикистон. Душанбе, 2018 - 88 с.
6. Овчинникова Т.И., Полянская И. Л., Ворохобин Д.А. Социальная экономика страны и региона в концепции эволюционного развития. Социальная экономика страны и региона в концепции эволюционного развития.ТДР.2010. -№9. - С.62-66.
7. Лубашев Е.А. Теоретические основы социального развития Регионов//Вестник Санкт-Петербургского университета Государственной противопожарной службы МЧС России,-2013. - С.155-160.
8. Юрина Е.А. О некоторых мерах социальной поддержки населения. Социально-экономические явления и процессы-2015. №1 (дата обращения 03.08.2020)
9. Кадыров С.Х., Музафарова Р.М. Социальная защита населения: региональные особенности. //Вестник Академии наук Республики Башкортостан.2008. -№3. (дата обращения 03.08.2020)
10. minfin.tj (санаи муроҷиат 03.11.2025)

Маълумот дар бораи муаллиф

Мамадризоева Нигина Мамадвафоевна-н.и.и., и.в.дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгохи давлатии молия ва иктисоди Точикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.

Сведения об авторах

Мамадризоева Нигина Мамадвафоевна-к.э.н., и.о.доцента кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова 64/14.

About the author

Mamadrizoeva Nigina Mamadvafoevna-c.e.s., Acting Associate Professor, Department of Accounting Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14.

УДК: 336.717.1

ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ВА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ДАР МИНТАҚАИ РАШТ

Ниёзов М.А.
Миршарифзода Э.Қ.
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт

Аннотатсия. Мақолаи мазкур ба омӯзиши заминаҳои ташаккулёбӣ ва рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаи Рашт бахшида шудааст. Дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ масъалаи густариши пардохтҳои ғайринақдӣ ва дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои муосири бонкӣ аҳамияти махсус касб менамояд. Муаллифон хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва минтақавии рушди низоми бонкиро таҳлил намуда, омилҳои асосии таъсиррасон ба раванди ташаккулёбии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро муайян кардаанд. Дар мақола мушкилоти ҷойдошта, аз қабили сатҳи пасти инфрасохтори бонкӣ, маҳдуд будани истифодаи воситаҳои электронӣ ва норасоии дониши молиявии аҳолӣ баррасӣ мегарданд. Ҳамзамон, роҳҳо ва имкониятҳои баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои бонкӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири пардохтӣ ва тавсеаи шабакаи хизматрасониҳои ғайринақдӣ пешниҳод шудаанд. Дар асоси маълумотҳои расмии оморӣ вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои рушди низоми бонкии минтақаи Рашт таҳлил гардида, нақши ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди хоҷагии халқи минтақа арзёбӣ шудааст. Натиҷаҳои тадқиқот метавонанд барои такмили сиёсати минтақавии рушди хизматрасониҳои бонкӣ ва густариши ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ истифода гарданд.

Калидвожаҳо: ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, хизматрасониҳои бонкӣ, низоми бонкӣ, минтақаи Рашт, ташкилотҳои қарзии молиявӣ, пардохтҳои электронӣ, инфрасохтори бонкӣ, фарогирии молиявӣ, технологияҳои молиявӣ, рушди иқтисодӣ.

Барои иқтибос: Ниёзов, М. А. Заминаҳои ташаккулёбии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаи Рашт / М. А. Ниёзов, Э. Қ. Миршарифзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 163-169.

ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ БЕЗНАЛИЧНЫХ РАСЧЕТОВ И БАНКОВСКИХ УСЛУГ В РАШТСКОМ РЕГИОНЕ

Ниёзов М.А.
Миршарифзода Э.К.
Таджикский педагогический институт в Раштском районе

Аннотация. Настоящая статья посвящена изучению предпосылок формирования и развития безналичных расчетов и банковских услуг в Раштском регионе. В условиях перехода к цифровой экономике расширение безналичных платежей и повышение доступности современных банковских услуг для населения приобретают особую значимость. Авторы анализируют социально-экономические и региональные особенности развития банковской системы, а также выявляют основные факторы, влияющие на процесс формирования безналичных расчетов. В статье рассматриваются существующие проблемы, в том числе низкий уровень развития банковской инфраструктуры, ограниченное использование электронных платежных инструментов и недостаточный уровень финансовой грамотности населения. Одновременно предложены пути и возможности повышения эффективности банковских услуг, внедрения современных платежных технологий и расширения сети безналичных расчетов. На основе официальных статистических данных проанализировано текущее состояние и тенденции развития банковской системы Раштского региона, а также оценена роль кредитно-финансовых организаций в поддержке предпринимательской деятельности и развитии народного хозяйства региона. Результаты исследования могут быть использованы при совершенствовании региональной политики развития банковских услуг и расширении безналичных расчетов.

Ключевые слова: безналичные расчеты, банковские услуги, банковская система, Раштский регион, кредитно-финансовые организации, электронные платежи, банковская инфраструктура, финансовая инклюзия, финансовые технологии, экономическое развитие.

TRENDS IN THE DEVELOPMENT OF CASHLESS PAYMENTS AND BANKING SERVICES IN THE RASHT REGION

Niyozov M.A.
Mirsharifzoda E.Q.
Pedagogical Institute of Tajikistan in Rasht District

Annotation. This article is devoted to the study of the prerequisites for the formation and development of cashless payments and banking services in the Rasht region. In the context of the transition to a digital economy, the expansion of cashless payments and the improvement of access to modern banking services for the population are of particular importance. The authors analyze the socio-economic and regional characteristics of the development of the banking system and identify the key factors influencing the formation of cashless payment systems. The article examines existing problems, including the low level of banking infrastructure development, limited use of electronic payment instruments, and insufficient financial literacy among the population. At the same time, pathways and opportunities to enhance the efficiency of banking services, introduce modern payment technologies, and expand the network of cashless transactions are proposed. Based on official statistical data, the current state and development trends of the banking system in the Rasht region are analyzed, and the role of credit and financial institutions in supporting entrepreneurial activity and regional economic development is assessed. The research findings can be used to improve regional policies aimed at developing banking services and expanding cashless payments.

Keywords: cashless payments, banking services, banking system, Rasht region, credit and financial institutions, electronic payments, banking infrastructure, financial inclusion, financial technologies, economic development.

Гузориши масъала. Дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ ва рақамикунонии муносибатҳои молиявӣ, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва хизматрасониҳои муосири бонкӣ ба яке аз унсурҳои калидии фаъолияти низоми бонкӣ табдил ёфтаанд. Ин равандҳо на танҳо ба баланд бардоштани самаранокии гардиши маблағҳои пулӣ мусоидат менамоянд, балки барои таҳкими шаффофияти молиявӣ, густариши хизматрасониҳои бонкӣ ва ҷалби аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ ба низоми расмии молиявӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд. Дар минтақаи Рашт, ки хусусиятҳои хоси иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷуғрофӣ дорад, ташаккулёбии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ аҳамияти махсус касб менамояд. Маҳдуд будани инфрасохтори молиявӣ, сатҳи пасти дастрасӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ ва вобастагии зиёди муомилоти пулӣ ба шакли нақдӣ зарурати таҳқиқи амиқи заминаҳо ва омилҳои рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро тақозо менамояд. Татбиқи технологияҳои муосири бонкӣ, аз ҷумла пардохтҳои электронӣ, кортҳои бонкӣ ва хизматрасониҳои фосилавӣ, метавонад ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ, беҳтар гардидани маблағгузории соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷрои саривақтии уҳдадориҳои молиявӣ дар назди буҷети давлатӣ мусоидат намояд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши заминаҳои ташаккулёбии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаи Рашт ҳамчун масъалаи муҳими илмӣ ва амалӣ баромад намуда, таваҷҷуҳи бештарро дар шароити муосир талаб мекунад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Таҳқиқотҳои илмии солҳои охир нишон медиҳанд, ки масъалаҳои ташаккул ва рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун самти муҳими рушди иқтисоди бозорӣ мавриди таваҷҷуҳи олимон ва мутахассисони соҳаи молия қарор гирифтаанд. Дар асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ нақши рақамикунонии низоми бонкӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар пардохтҳои электронӣ, инчунин таъсири онҳо ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва фарогирии молиявии аҳолӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон, дар нашрияҳои илмӣ масъалаҳои такмили инфрасохтори бонкӣ, баланд бардоштани сатҳи эътимоди аҳолӣ ба хизматрасониҳои ғайринақдӣ ва аҳамияти онҳо дар таъмини шаффофияти муомилоти молиявӣ таъкид мегарданд. Бо вуҷуди ин, таҳлили адабиёти мавҷуда нишон медиҳад, ки ҷанбаҳои марбут ба хусусиятҳои минтақавӣ, аз ҷумла шароити иҷтимоию иқтисодии минтақаи Рашт, ҳанӯз ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд, ки зарурати анҷом додани таҳқиқоти мукаммалро дар ин самт асоснок менамояд.

Мақсади мақола - таҳқиқ ва таҳлили заминаҳои ташаккулёбии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаи Рашт, муайян намудани омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди онҳо, инчунин арзёбии нақши хизматрасониҳои муосири бонкӣ дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ ва фарогирии молиявии аҳолӣ мебошад.

Муҳтавои асосии мавод. Минтақаи Рашт яке аз минтақаҳои дурдасти кӯҳистони кишвар ва дорои имконоти васеъ барои рушди соҳаҳои иқтисодӣ, аз қабили: кишоварзӣ, энергетикӣ, туризми экологӣ ва соҳибкории хурду миёна мебошад. Ҳамзамон, бо мавҷудияти захираҳои табиӣ барои таъсис додани корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла: корхонаҳои коркарди ангиштсанг, металҳои қиматбаҳо, сангу семент ва сохтмони неругоҳҳои хурду миёнаи барқи обӣ заминаи мусоид фароҳам мебошад. Аммо, бо вуҷуди фароҳам будани ин гуна заминаҳо, сатҳи рушди иқтисодии минтақа то ҳол ба таври устувор ташаккул наёфта истодааст. Ба ақидаи мо, дар шароити муосир, яке аз омилҳои калидӣ барои рушди ҳамаҷонибаи иқтисодии минтақа, устувории молиявӣ ва самаранокии фаъолияти низоми бонкии минтақа маҳсуб меёбад.

Низоми бонкии қавӣ метавонад ба рушди инфрасохтор, тавсеаи соҳибкорӣ, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, фароҳам овардани замина барои таъсиси корхонаҳои саноатӣ, тақвияти ҳунарҳои мардумӣ, сохтмони неругоҳҳои хурду миёнаи барқи обӣ ва баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намояд. Аз ин рӯ, гузаронидани таҳлилилу таҳқиқот ва пешниҳод кардани ақидаҳо ҷиҳати устуворгардонии молиявии низоми бонкӣ ва рушди ҳисоббаробаркунию хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаи Рашт масъалаи муҳимму мубрами илмӣ ва иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Зикр кардан бомаврид аст, ки дар минтақаи Рашт рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, пешниҳоди қарзҳои низоми бонкии минтақа ва хизматрасониҳои муосири бонкӣ яке аз омили муҳимми рушди иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад. Рушди соҳибкорӣ, кишоварзӣ, хизматрасонӣ, туризм, тақвияти ҳунарҳои мардумӣ, сохтмони неругоҳҳои хурду миёнаи барқи обӣ, сохтмони корхонаҳои хурду миёнаи саноати коркарди захираҳои кӯҳӣ, баланд шудани сатҳи шуғл ва даромади аҳолӣ ба устувории бонкҳо ва низоми бонкии минтақа вобаста мебошад. Бо таҳкими инфрасохтори молиявӣ, ҷорӣ кардани технологияҳои нав ва тавсеаи хизматрасониҳои бонкӣ иқтисодиёти минтақа метавонад ба марҳилаи нави рушд ноил гардад.

Дар шароити муосир, рушди устувори иқтисодиёти минтақаҳо ба сифати идоракунӣ ва устувории низоми молиявӣ, алалхусус ба устувории низоми бонкии минтақа, вобастагии калон дорад. Низоми бонкӣ дар маҷмӯъ ҳамчун сарчашмаи асосии ҷараёни ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, тақсимоти захираҳо, маблағгузорӣ ба истеҳсолот ва рушди соҳибкорӣ баромад мекунад [1, с. 65]. Бояд тазаккур дод, ки **у**стувории молиявии низоми бонкӣ ин ҳолатест, ки дар он муассисаҳои бонкӣ қобилияти иҷрои уҳдадориҳо, пешгирии низоми хавфҳо, нигоҳ доштани пардохтпазирӣ ва дастгирии фаъолияти иқтисодиро дар ҳар шароит доро мебошад. Аз ин лиҳоз, бо мақсади дарки дурусти рушди низоми бонкӣ дар минтақаи Рашт ва устувории ҳолати молиявии он, як қатор нишондиҳандҳои асосии низоми бонки минтақаи Раштро дар давраи солҳои 2018-2024 мавриди таҳлилу омӯзиш қарор медиҳем.

Рушди босуръати техникаю технология ва замимабарномаҳои мобилӣ дар замони муосир ба фаъолияти низоми бонкии минтақаи Рашт низ таккони ҷиддӣ бахшида истодааст. Алалхусус, бо истифода аз воситаҳои электронии пардохт сол то сол суръати пардохтҳо баланд шуда, сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкию молиявӣ баланд гашта истодаанд ва аз ҷониби дигар ин амал барои мизоҷон шароити мусоид фароҳам оварда истодааст [2, с. 126]. Маврид ба зикр аст, ки истифодабарии замимабарномаҳои мобилӣ, замимабарномаҳои интернетӣ алҳол, яке аз муҳимтарин воситаи пардохти саривақтии қарз ва дигар амалиётҳои бонкӣ баромад карда, барои мизоҷон ҳолати соддаю осони ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро фароҳам оварда истодааст.

Тавре, ки мушоҳида мегардад дар низоми бонкии минтақаи Рашт бо мақсади дастрасу осон гардонидани хизматрасониҳои муосири бонкӣ, алалхусус ҳисоббаробаркуниҳо бо мизоҷон ва вусъат бахшидани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, шумораи банкоматҳо, пос-терминалҳо ва кортҳои пардохтии бонкӣ, замимабарномаҳои мобилӣ, замимабарномаҳои интернетӣ сол то сол тамоюли зиёдшавиро касб намуда истодааст [3; 6].

Мувоифиқи маълумоти омории ҷамъбастгардида аз рӯйи ҳисоботи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии дар минтақа фаъолиятдошта ба охири соли 2024 дар маҷмӯъ шумораи умумии банкоматҳо дар минтақа ба 60 адад расонида шуд, ки нисбат ба охири соли 2020 ба миқдори 39 адад ё 2,9 маротиба зиёд гардид. Миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ бошад, ба охири соли 2024 ба 162 474 адад расонида шуда, дар қиёс ба охири соли 2020 ба андозаи 100 683 адад ё 2,6 маротиба зиёд гардид [8]. (Ҷадвали 1.).

Ҷадвали 1. - Шумораи пос-терминалҳо ва ҳаҷми амалиёт тавассути онҳо дар минтақаи Рашт дар давраи солҳои 2020-2024 (бо адад ва %)

№	Теъдоди таҷҳизотҳои электронии пардохтӣ дар низоми бонкии минтақаи Рашт	с. 2020	с. 2021	с. 2022	с. 2023	с. 2024	*Тағйирот соли 2024 нисбати соли 2020*	
							номиналӣ	*нисбӣ*
1	**Миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ (адад)**	**61 791**	**73 505**	**96 270**	**137 824**	**162 474**	***100 683***	***2,6 мар.***
2	**Шумораи умумии банкоматҳо (адад)**	**21**	**25**	**43**	**55**	**60**	***39***	***2,9 мар.***
3	**Шумораи умумии POS-терминалҳо (адад)**	**93**	**95**	**106**	**242**	**300**	***207***	***3,2 мар.***
	дар марказҳои хизматрасонию савдо ва дорухонаҳо	36	40	42	71	78	*42*	*2,2 мар.*
	барои қабули пардохтҳои давлатӣ ва пешниҳоди пули нақд	57	55	63	77	67	*10*	*17,5%*
4	**Ҳаҷми пардохтҳо тавассути POS-терминалҳо (ҳаз.сомонӣ)**	**208 587,6**	**247 428,8**	**505 302,8**	**966 594,8**	**1 119 656,9**	***911 069,3***	***5,4 мар.***
	пирифтани пули нақд тавассути POS-терминаҳо	207 876,9	245 763,0	502 897,2	947 907,5	1 050 434,5	*842 557,6*	*5,1 мар.*
	пардохтҳо тавассути POS-терминалҳо дар марказҳои хизматрасонию савдо ва дорухонаҳо	710,7	1 665,8	2 403,7	2 585,3	3 909,1	*3 198,4*	*5,5 мар.*
	пардохтҳо тавассути POS-терминалҳо-қабули пардохтҳои давлатӣ	0,0	0,0	1,9	16 102,0	65 313,3	*65 313,3*	*100,0%*

Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асоси [8; 9]

Бояд тазаккур дод, ки бо мақсади иҷрои самараноку сифатноки Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” низоми бонкии минтақаи Рашт як қатор тадбирҳои амалиро ба анҷом расонида истодааст, ки яке аз ин гуна тадбирҳои саривақтӣ ин гузаронидани ҳама гуна амалиётҳои бонкию молиявӣ тавассути QR-рамзҳо ба ҳисоб меравад. Алҳол, бозори молияи ҷаҳонӣ бо суръати афзоянда рушд карда истодааст ва дар заминаи рушди он шаклу намудҳои муосири гузаронидани амалиётҳои бонкию молиявӣ ба таври электронӣ вусъат ёфта истодааст. Аз ин лиҳоз, кишвари мо низ ҳамчун давлати комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд ҳар чӣ зуд ва босамар ҳамингуна амалиётҳои бонкию молиявиро дар гардиши бозори молиявӣ ва муносибатҳои бозории худ чӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва чӣ дар минтақаҳои дурдасти кишвар ҷорӣ намояд.

Тавре, ки дарҷ намудем яке аз ин гуна амалиётҳои муосири бонкию молиявӣ тули солҳои охир ин истифодаи васеи амалиётҳо тавассути QR-рамзҳо ва замимабарномаҳом мобилию интернетӣ баҳисоб меравад, ки айни замон сол то сол дар низоми бонкии минтақаи Рашт низ рӯ ба ривоҷ ниҳода истодааст ва барои вусъат бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ заминаи мусоид фароҳам оварда истодааст.

Мувофиқи маълумоти омории аз рӯйи ҳисоботи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии минтақа ҷамъбастгардида, теъдоди QR-рамзҳо ба охири соли 2024 дар маҷмӯъ 443 ададро ташкил дода, нисбат ба охири соли 2020 дар ҳаҷми 100 фоиз зиёд гардид, аз он ҷумла: QR-рамзҳо барои қабули пардохтҳои давлатӣ насбгардида 34 адад ва QR-рамзҳои дар марказҳои хизматрасонӣ, савдо ва дорухонаҳо насбгардида 409 адад.

Ҳаҷми умумии пардохтҳои ғайринақдии тавассути ин QR-рамзҳо амалигардида, дар соли 2024 дар маҷмӯъ маблағи 1 037,0 ҳаз. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2020 ба андозаи 100 фоиз ва нисбат ба соли 2023 ба 41 адад ё ба андозаи 10,2 фоиз зиёд гардид, аз он ҷумла: пардохтҳо тавассути QR-рамзҳо барои пардохти арзиши хизматрасониҳои муздноки давлатӣ маблағи 229,0 ҳаз. сомонӣ ва пардохтҳо тавассути QR-рамзҳо барои хариди молу маҳсулот ва дигар хизматрасониҳо дар марказҳои хизматрасонӣ, савдо ва дорухонаҳо маблағи 808,0 ҳаз. сомонӣ. (Ҷадвали 2.).

Ҷадвали 2. - Теъдоди QR-рамзҳо ва ҳаҷми амалиёт тавассути онҳо дар минтақаи Рашт дар давраи солҳои 2020-2024 (бо адад ва %)

№	Теъдоди таҳизотҳои электронии пардохтӣ дар низоми бонкии минтақаи Рашт	с. 2020	с. 2021	с. 2022	с. 2023	с. 2024	*Тағйирот соли 2024 нисбати соли 2020*	
							номиналӣ	*нисбӣ*
1	**Шумораи QR-рамзҳо (адад)**	**0**	**0**	**130**	**402**	**443**	***443***	***100%***
	шумораи QR-рамз дар марказҳои хизматрасонию савдо ва дорухонаҳо	0	0	130	384	409	*409*	*100,0%*
	шумораи QR-рамз барои қабули пардохтҳои давлатӣ	0	0	0	18	34	*34*	*100,0%*
2	**Ҳаҷми пардохтҳо тавассути QR-рамзҳо (ҳаз. сомонӣ)**	**0,0**	**0,0**	**419,1**	**654,8**	**1 037,0**	***1 037,0***	***100%***
	пардохт тавассути QR-рамзи дар марказҳои савдою хизматрасонӣ ва дорухонаҳо (сомонӣ)	0,0	0,0	419,1	584,2	808,0	*808,0*	*100,0%*
	пардохтҳо тавассути QR-рамз барои қабули хизсатрасониҳои пулакии давлатӣ	0,0	0,0	0,0	70,6	229,0	*229,0*	*100,0%*

Сарчашма: таҳияи муаллифон дар асоси [8; 9]

Мувофиқи маълумоти ҳисоботи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии минтақаи Рашт бақияи ҳаҷми амонату пасандозҳо, ки яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории соҳаҳои хоҷагии халқи минтақа ба ҳисоб мераванд дар низоми бонкии минтақаи Рашт ба охири соли 2024 дар маҷмӯъ ба 104 005,8 ҳаз. сомонӣ баробар шуд, аз ҷумла: пасандозҳои муҳлатнок ба 18 389,1 ҳаз. сомонӣ баробар шуд.

Тазаккур додан бомаврид аст, ки яке аз муҳиммияти самти фаъолияти низоми бонкӣ ин ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, дар паёми соли 2024 ироагардида ҷиҳати афзоиш додани ҳаҷми қарздиҳӣ ба низоми бонкии кишвар супориши мушаххас дода шуд, аз ҷумла таъкид гардид, ки "... бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи афзояндаи иқтисоди миллӣ ва аҳолӣ дар панҷ соли охир аз ҷониби низоми бонкии кишвар беш аз 80 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст. Ҷиҳати идома додани ин раванд ба Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзӣ супориш дода мешавад, ки ҳаҷми пешниҳоди қарз ба иқтисодиётро ҳамасола зиёд намоянд. Нишондиҳандаи мазкур то охири соли 2027 бояд ба беш аз 100 миллиард сомонӣ расонида шавад" [10].

Дар заминаи ин дастуру супоришҳо яке аз самтҳои муҳимми дигаре, ки ба низоми бонкии минтақа вобастагии калон дорад ин тавассути пешниҳоди қарзҳо дастгирӣ намудани соҳаҳои хоҷагии халқ, хусусан дастгирии соҳаҳои истеҳсолӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад. Дар ин самт низоми бонкии минтақаи Рашт дар солҳои охир ба натиҷаҳои назаррас ноил гардида истодааст.

Маълумоти расмии ҳисоботи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявии минтақа шаҳодати онро медиҳад, ки дар охири соли 2024 ҳаҷми қарздиҳӣ нисбат ба охири соли 2020 ба таври назаррас афзоиш ёфт, аз ҷумла: бақияи сандуқи қарзии низоми бонкии минтақаи Рашт дар маҷмӯъ дар охири соли 2024 ба 136 053,5 ҳаз. сомонӣ расонида шуда, нисбат ба охири соли 2020 ба маблағи 89 486,2 ҳаз. сомонӣ ё 2,9 маротиба афзоиш ёфт.

Ҳаҷми қарзҳои додашудаи низоми бонкии минтақаи Рашт бошад, ба интиҳои соли 2024 маблағи 146 838,3 ҳаз. сомониро ташкил дода, нисбат ба охири соли 2020 ба маблағи 107 693,6 ҳаз. сомонӣ ё 3,7 маротиба зиёд мебошад. Дар таркиби ҳаҷми қарзҳои додашуда дар соли 2024 ҳиссаи қарзҳои додашуда ба соҳаҳои истеҳсолии минтақа дар маҷмӯъ 22,5 фоизро ташкил медиҳад, аз ҷумла: ба соҳаи картошкапарварӣ 9,4 фоиз, чорводорӣ 9,1 фоиз, замбуриасалпарварӣ 2,2 фоиз, дигар намуди маҳсулоҳои кишоварзӣ 0,6 фоиз.

Хулоса, дар солҳои охир новобаста аз таъсири буҳронҳои пай дар пайи молиявию иқтисодӣ ва ҷорӣ шудани ҳар гуна таҳримҳо ба кишварҳои шарики стратегии Тоҷикистон низоми бонкии кишвар ба натиҷаҳои назаррас ноил гашта истодааст, алалхусус низоми бонкии минтақаи Рашт. Вале тавре, ки мушоҳида мегардад "дар раванди фаъолияти худ ва амали кардани хизматрасониҳои муосири бонкию молиявӣ ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар, алалхусус воҳидҳои сохтории онҳо дар минтақаҳо то андозае ба мушкилоту муаммоҳо рӯ ба рӯ гашта истодаанд" [4; 5].

Бо мақсади ҳалли мушкилоти мавҷуда ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявие, ки дар минтақа фаъолият менамоянд, зарур дониста мешавад, ки ташкилотҳои мазкур маҷмӯи чораҳои бонизом ва мақсаднокро татбиқ намуда,

қарорҳои дахлдори идоракуниро қабул намоянд. Аз ҷумла, татбиқи тадбирҳои зерин мувофиқи мақсад арзёбӣ мегардад:

1) тақвият бахшидани устувории молиявӣ ва коҳиш додани дараҷаи хатарпазирии низоми бонкии минтақа тавассути таъмини фаъолияти муназзам ва самараноки воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ;

2) фароҳам овардани имконияти дастрасии воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба захираҳои молиявии озод бо мақсади беҳтар намудани қобилияти пардохтпазирӣ ва тавсеаи хизматрасониҳо;

3) такмили низоми назорати бонкӣ аз ҷониби сохторҳои марбутаи сарбонк ва шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Ғарм ҷиҳати таъмини шаффофият ва риояи меъёрҳои муқарраргардида дар фаъолияти воҳидҳои сохторӣ;

4) паст намудани сатҳи осебпазирии низоми бонкии минтақа ва ҳамзамон таъмин намудани устувории фаъолияти воҳидҳои сохторӣ тавассути истифодаи усулҳо ва механизмҳои муосири идоракунии молиявӣ;

5) ташаккули муҳити рақобатпазири бозорӣ дар низоми бонкии минтақа бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои бонкӣ;

6) диверсификатсияи манбаъҳои пасандозӣ ва такмили сиёсати фоизии пасандозҳои ҷалбнамудаи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ;

7) диверсификатсияи сандуқи қарзӣ ва танзими меъёрҳои фоизии қарзҳо бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодии минтақа ва қобилияти пардохтпазирии мизоҷон;

8) такмили иқтидори кадрӣ тавассути ҷалби мунтазами мутахассисон ба барномаҳои омӯзишӣ, коромӯзӣ, семинарҳо, машваратҳо ва мизҳои мудаввар ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои касбии кормандони воҳидҳои сохторӣ.

Адабиёт

1. Карпова, Е.С. Организация безналичных расчетов: учебные материалы / Карпова Е.С., Сироткин А.С. - Москва, “Синергия”. - 2013 г. – 67 с.
2. Усоскин, В.М. Платежные системы и организация расчетов в коммерческом банке / Усоскин В.М., Белоусова В.Ю. // Высшая школа экономики. – Москва. – 2011 г. – 190 с.
3. Миршарифзода, Э.Қ. Масъалаҳои рушди низоми бонкӣ ва қарздиҳӣ дар минтақаи Рашт / Э.Қ. Миршарифзода, А.Ш. Шодизода, А.М. Ҷомиев // Идоракунии давлатӣ. – 2025. - №2 (73). - С. 213-221.
4. Ниёзов, М.А. Муомилоти пулӣ ва низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ / М.А. Ниёзов. - Душанбе, “Эр-граф”. - 2012. – 375 с.
5. Ниёзов, М.А. Рушди низоми бонкӣ дар 25-соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. Ниёзов, Ҷ. Нурмаҳмадзода, Ҷ. Нуралиев С. Икромӣ. - Душанбе, “Вектор-принт”. – 2016. - 294 с.
6. Ниёзов, М.А. Саҳми низоми бонкӣ дар рушди деҳот, тақвияти ҳунарҳои мардумӣ дар минтақаи Рашт: мушкилотҳо ва роҳу услуби бартараф кардани онҳо / М.А. Ниёзов, Э.Қ. Миршарипов // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. - №2 (2). - 2020. – С. 70-74.
7. Ниёзов, М.А. Принсипҳои асосии қарздиҳӣ ва аҳамияти онҳо дар муомилоти қарзӣ / М.А. Ниёзов, Э.Қ. Миршарипов / Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - №3 (42). - С. 218-230. ISSN 2663-0389
8. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ. - www.nbt.tj (санаи мурочиат 10.10.2025).
9. Ҳисоботҳои солонаи Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳраки Ғарм барои солҳои 2020-2024.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2024 [Манбаи электронӣ]. – http://prezident.tj.
11. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. Китоби дарсӣ / Ш. Раҳимзода. - Душанбе: “Эр-граф”. - 2018. – 513 с.

Маълумот дар бораи муаллифон	Сведения об авторах	About the authors
Ниёзов Мустафо Абдуллоевич-номзади	**Ниёзов Мустафо Абдуллоевич**- кандидат экономических наук,	**Niyozov Mustafo Abdulloevich** - Candidate of

илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менҷменти Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар н. Рашт. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рашт, шаҳраки Ғарм, кӯчаи Э. Муҳиддин-63. E-mail: m_niyozov@nbt.tj, Тел.: (+992) 988797100

доцент кафедры бухгалтерского учета и менеджмента Таджикского педагогического института в Раштском районе. Адрес: Республика Таджикистан, Раштский район, городок Гарм, улица Э. Мухиддина-63, тел: (+992) 988797100, E-mail: m_niyozov@nbt.tj

Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Accounting and Management of the Tajik Pedagogical Institute in the Rasht district. Address: Republic of Tajikistan, Rasht district, Garm town, E. Mukhiddin street-63. E-mail: m_niyozov@nbt.tj, Ph.: (+992) 988797100

Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ–сардори раёсати таълими Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар н. Рашт. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рашт, шаҳраки Ғарм, кӯчаи Э. Муҳиддин-63. Email: emomali-95s@mail.ru, Тел.: (+992) 988536364

Миршарифзода Эмомали Курбонали-начальник отдела образования Таджикского педагогического института в Раштском районе. Адрес: Республика Таджикистан, Раштский район, городок Гарм, улица Э. Мухиддина-63, Email: emomali-95s@mail.ru, Тел: (+992) 988536364

Mirsharifzoda Emomali Qurbonali-Head of the Education Department of the Tajik Pedagogical Institute in the Rasht district. Address: Republic of Tajikistan, Rasht district, Garm town, E. Muhiddin street-63, Email: emomali-95s@mail.ru, Ph.: (+992) 988536364

УДК: 338.4

СОҲИБКОРИИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

Комилзода Н.Б.
Саидов П.М.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Аннотатсия. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, зарурати пайдо намудани шаклҳои нав ва самарабахши фаъолияти соҳибкорӣ, ки ба манфиати ҷомеа равона гардидаанд, беш аз пеш эҳсос мешавад. Яке аз чунин шаклҳои инноватсионӣ соҳибкории иҷтимоӣ мебошад, ки дар ҳалли масоили иҷтимоӣ нақши муассир мегузорад. Соҳибкории иҷтимоӣ ба худ шакли фаъолияти тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратиро мегирад, ки ба ҳалли мушкилоти иҷтимоии аҳолӣ нигаронида шудааст.

Ҳадафи мақола омӯзиши моҳият, хусусиятҳо ва аҳамияти рушди соҳибкории иҷтимоӣ мебошад. Вазифаҳои асосии он иборатанд аз: таҳлили таъриф ва хусусиятҳои соҳибкории иҷтимоӣ, омӯзиши заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ, арзёбии моделҳои амалкунанда ва пешниҳоди тавсияҳо барои рушди он дар Тоҷикистон.

Калидвожаҳо: соҳибкорӣ, иҷтимоӣ, ҷомеа, модел, устуворӣ, моливӣ, худтаминкунӣ, қонун.
Барои иқтибос: Комилзода, Н. Б. Соҳибкории иҷтимоӣ ҳамчун воситаи ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир / Н. Б. Комилзода, П. М. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 170-174.

СОЦИАЛЬНОЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО КАК ИНСТРУМЕНТ РЕШЕНИЯ СОЦИАЛЬНЫХ ПРОБЛЕМ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ

Комилзода Н.Б.
Саидов П.М.
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки

Аннотация. В современных условиях глобализации и изменения экономических и социальных отношений потребность в поиске новых и эффективных форм предпринимательской деятельности, направленной на благо общества, ощущается как никогда ранее. Одной из таких форм инноваций является социальное предпринимательство, которое играет эффективную роль в решении социальных проблем. Социальное предпринимательство принимает форму коммерческой и некоммерческой деятельности, направленной на решение социальных проблем населения.

Целью статьи является исследование сущности, особенностей и значения развития социального предпринимательства. В число его основных задач входят: анализ определения и характеристик социального предпринимательства, изучение правовых и организационных основ, оценка существующих моделей и предоставление рекомендаций по его развитию в Таджикистане.

Ключевые слова: предпринимательство, социальный, общество, модель, устойчивость, финансы, самообеспечения, право.

SOCIAL ENTREPRENEURSHIP AS A TOOL FOR SOLVING SOCIAL PROBLEMS IN MODERN SOCIETY

Komilzoda N.B.
Saidov P.M
Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki

Annotation. In the modern conditions of globalization and changes in economic and social relations, the need to find new and effective forms of entrepreneurial activity aimed at the benefit of society is felt as never before. One of such forms of innovation is social entrepreneurship, which plays an effective role in solving social problems. Social entrepreneurship takes the form of commercial and non-commercial activities aimed at solving social problems of the population.

The purpose of the article is to study the essence, features and significance of the development of social entrepreneurship. Its main objectives include: analysis of the definition and characteristics of social entrepreneurship, study of the legal and organizational framework, assessment of existing models and provision of recommendations for its development in Tajikistan.

Key words: entrepreneurship, social, society, model, sustainability, finance, self-sufficiency, law.

Гузориши масъала. Соҳибкории иҷтимоӣ як самти муҳими фаъолияти соҳибкорӣ маҳсуб ёфта, ҳоли ҳозир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равнақ ёфта истода аст. Ин шакли фаъолиятт соҳибкорӣ пеш аз ҳама ба фаъолияти иҷтимоии мардум алоқаманд буда, қисме аз амалҳо дар доираи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ сурат мегиранд. Соҳибкории иҷтимоӣ — ин шакли фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки ҳадафи асосии он на танҳо ба даст овардани фоида, балки ҳалли масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа, дастгирии гурӯҳҳои осебпазир ва ташаккули муҳити иҷтимоии устувор мебошад. Ин шакли фаъолияти соҳибкорӣ ҳамзамон унсурҳои тиҷоратӣ ва иҷтимоиро муттаҳид менамояд [1. с,4] .

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Вобаста ба масалаи мазкур таҳқиқотҳо аз ҷониби Борнштейн Д., Кикал Дж., Лайонс Т., Е. М. Белого, Селин М.А., Stevenson H. H., Timmons J., Spinelli S. Ва дигарон гузаронида шудааст.

Мақсади мақола ин – омӯзиши соҳибкории иҷтимоӣ мебошад, ки ҳамчун воситаи ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир баромад мекунад.

Муҳтавои асосии мавод. Соҳибкории иҷтимоӣ дар иқтисодиёти муосир як усули нав ба ҳисоб меравад, ки фаъолиятҳои иҷтимоии-иқтисодиро ба ҳам муттаҳид мекунад, ки дар он мақсад ва мароми ташкилот бо инноватсия ва технологияи иҷтимоии навоварона ҳамоҳанг аст, ҳамчунин барои расидан ба истиқлолияти молиявӣ шаклҳои гуногуни ҳамкории тиҷоратӣ ва модельҳои гуногуни тиҷоратӣ истифода мебарад.

Худи мафҳуми «соҳибкории иҷтимоӣ» мураккаб аст, чунки аз якҷояшавии ду мафҳум: «иҷтимоӣ» ва «соҳибкорӣ» иборат мебошад. Ба назарияи баъзе муҳақиқон, мафҳуми «иҷтимоӣ» дар ин таъриф «танҳо як намуди соҳибкорииро муайян менамояд». Агар калимаи «соҳибкорӣ» маънии аниқу равшан надиҳад, пас таърифи он бо калимаи «иҷтимоӣ» маънии зиёд нахоҳад дошт [6].

Соҳикории иҷтимоӣ – ин фаъолиятест, ки ба кам кардани ё ҳал кардани мушкилоти иҷтимоӣ равона шудааст ва хусусиятҳои асосии зеринро дорост: афзалияти мақсадҳои иҷтимоӣ бар фоида, худтаъминкуни ва устувории молиявӣ, истифодаи механизмҳои бозорӣ ва навовариҳо, ҷалб намудани гурӯҳҳои иҷтимоии осебпазир, арзёбии таъсири иҷтимоӣ ҳамчун нишондиҳандаи асосии самаранокӣ.

Афзалияти мақсадҳои иҷтимоӣ бар фоида — ин принсипи асосии соҳибкории иҷтимоӣ аст, ки маънои онро дорад, ки манфиатҳои иҷтимоӣ ва рафъи мушкилоти ҷомеа муҳимтар аз фоида ва даромадҳои молиявӣ мебошанд. Дар чунин модель, фаъолияти соҳибкори кӯшиш мекунад, ки ба ҷои ҳадафҳои иқтисодии фақат, ба беҳбудии иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазир ё ҷомеа таваҷҷуҳ кунад [5, с. 8.].

Худтаъминкунӣ ва устуворииmолиявӣ - ин ду принсипи муҳим дар соҳибкории иҷтимоӣ ва ташкилотҳои иҷтимоии муваффақ мебошад, ки ба қобилияти ташкилот ё ширкат барои таъмини молиявии худ ва нигоҳ доштани устуворӣ дар шароити номустақим ва тағйирёбандаи иқтисодӣ ишора мекунанд.

1. Худтаъминкунӣ (самообеспеченность): Ин маънои онро дорад, ки ташкилот ё ширкат метавонад манбаъҳои молиявии худро мустақилона таъмин кунад, бе эътимод ба кӯмакҳои берунӣ (масалан, грантҳо, ҳодисаҳои хайриявӣ ва ё кумаки давлатии). Ин метавонад тавассути фурӯши маҳсулот ё хизматрасониҳои худ, ҷалби муштариён ва истифодабарии манбаъҳои дигар (мисли сармоягузорӣ ё қарзҳои тиҷоратӣ) ба даст ояд. Дар чунин ҳолат, ташкилот на танҳо равандҳои иҷтимоии хешро дастгирӣ мекунад, балки метавонад фаъолияти худро ба таври устувор идома диҳад.

2. Устуворииmолиявӣ: Устуворииmолиявӣ ба қобилияти ташкилот барои нигоҳ доштани ва идора кардани манбаъҳои молиявии худ дар шароити гуногуни иқтисодӣ, ки метавонад тағйир ёбад, ишора мекунад. Ташкилотҳое, ки молияшон устувор аст, метавонанд дар ҳолатҳои душвор ё тағйироти бозор ба фаъолияти худ идома диҳанд. Масалан, онҳо метавонанд барои пардохт кардани хидматҳо ва ҳалли мушкилоти иҷтимоии худ кӯшиш кунанд, ҳатто агар манбаъҳои молиявии кӯмаккунанда коҳиш ёбанд.

Истифодаи механизмҳои бозорӣ ва навовариҳо - ин принсип дар фаъолияти соҳибкории иҷтимоӣ ба истифодаи воситаҳо ва стратегияҳои муосири бозорӣ ва технологияҳои нав барои беҳтар кардани таъсир ва афзоиши устуворииташкилотҳои иҷтимоӣ ишора мекунад. Маъзарат ва назар ба бозор ва навовариҳо метавонад дар рушди самаранокии ташкилотҳои иҷтимоии кӯмак расонад, ки дар ҳоле ки манфиатҳои иҷтимоии асосӣ нигоҳ дошта мешаванд, самаранокии иқтисодӣ ва молиявӣ низ беҳтар мегардад.

1. Механизмҳои бозорӣ: Механизмҳои бозорӣ ба маънии истифодаи қонунҳо ва принсипҳои иқтисодии бозор мебошад, ки барои таъмин намудани устувории молиявӣ ва самаранокии тиҷорат дар соҳаҳои гуногун кӯмак мекунанд. Масалан, истифодаи стратегияи фурӯш, реклама, рақобат, ва ба бозор ворид кардани маҳсулот ё хизматрасониҳои нав метавонад барои ҳавасманд кардани муштариён ва ҷалби маблағҳо барои ҳалли мушкилоти иҷтимоии мавҷуда мусоидат намояд. Ин механизмҳо метавонанд ба таври мустақим ё ғайримустақим таъсир расонанд. Масалан, ташкилоти иҷтимоии метавонад бо истифода аз арзон кардани маҳсулоти худ барои қабули ҳарчи бештари муштариён ва ҷалби сармоягузорони ҳавасманд кӯмак кунад.

2. Навовариҳо: маънои истифодаи технологияҳои нав, идеяҳои эҷодӣ ва усулҳои муосир барои беҳтар кардани равандҳои корӣ ва хизматрасониҳо доранд. Навовариҳо метавонанд ҳамчун воситаи мукаммали рушди иҷтимоии ба ҳисоб оянд, ки имкон медиҳад ташкилотҳо бештар самаранок ва муассир кор кунанд. Мисолҳо метавонанд истифодаи барномаҳои рақамии инноватсионӣ барои идора кардани маълумот, ҷалби доимии ҷомеа тавассути платформаҳои интернетӣ, ё таҳияи хизматрасониҳои муосир бо истифода аз технологияи мобилӣ ва ё онлайн платформаҳои иқтисодии нав. Ин навовариҳо метавонад арзишҳои иҷтимоиро таҳкими кунанд ва ба ҳалли мушкилот кӯмак расонанд, дар ҳоле ки устуворӣ ва самаранокии молиявии ташкилотро баланд мебардоранд.

Ҷалб намудани гурӯҳҳои иҷтимоии осебпазир - ин маънои онро дорад, ки дар доираи соҳибкории иҷтимоӣ, таваҷҷуҳ ва кӯмак ба гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, ки ба туфайли шароитҳои иҷтимоии, иқтисодӣ ё ҷуғрофӣ дар маъзарат қарор доранд, дода мешавад. Гурӯҳҳои осебпазир метавонанд ба одамони ноболиғ, кӯдакон, маъюбон, занон, шахсони сини пиронсол, муҳоҷирон ва дигар шахсони дар ҳолатҳои душвор қарор дошта, мутахассисон бояд кӯшиш кунанд, ки ба онҳо имкониятҳои баробар барои иштирок дар рушди иҷтимоии кишвар ва фаъолиятҳои иқтисодӣ таъмин кунанд.

Гурӯҳҳои осебпазир метавонанд дар якчанд ҷанбаҳои соҳибкории иҷтимоӣ саҳм гузоранд, аз ҷумла дар ташкили корхонаҳо, таҳияи маҳсулот ё хидматрасониҳо, ва даромаднокии ин ширкатҳо. Масалан, истифодаи қарорҳои дарозмуддат барои дастгирии аъзои осебпазир, дар давоми вақт кӯмак мекунад, ки онҳо на танҳо аз кӯмакҳои хориҷӣ, балки аз роҳи мустақил кор ва фаъолият фоида баранд.

Арзёбии таъсири - ин раванде аст, ки дар доираи соҳибкории иҷтимоӣ барои муайян кардани сатҳи таъсири воқеии фаъолиятҳои ташкилот ё ширкат ба ҷомеа ва гурӯҳҳои осебпазир анҷом дода мешавад. Арзёбии таъсир кӯмак мекунад, ки фаҳмем, чӣ миқдор ва чӣ гуна масъалаҳои иҷтимоии, ки ба он аҳамият дода шудааст, ҳалли худро ёфтаанд, ва чӣ гуна ин кӯмакҳо дар беҳбуди ҳолати зиндагии одамон, ҳалли мушкилоти муҳити зист ё тақвияти равандҳои таълимӣ, тандурустӣ ва ё фарҳангӣ таъсир мерасонанд.

Дар шароити зудтағйирёбанда будани иқтисодиёти ҷаҳонӣ, фаъолияти намудан баробар бо соҳаҳои пешрафтаи иқтисодӣ ва доштани иттилооти зарурии технологию молиявӣ барои ҳар як ширкати суғуртавӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Гарчанде ки гузариш ба рақамикунонӣ барои аксари соҳаҳои муҳими иқтисодии ҷаҳонӣ дар солҳои охир як раванди табиӣ буд, аммо барои бахши суғурта ва ширкатҳои дар ин самт фаъолияткунанда осон набуд. Бинобар ин, ширкатҳои суғурта кӯшиш намуданд, ки ҳарчи тезтар ба бозори онлайнӣ гузаранд ва дар ин асос ширкатҳои амрикоӣ ва аврупоӣ пешсафиро аз даст надода, ба фурӯши онлайнии суғурта машғул гардиданд.

“Андозаи бозори онлайни суғуртаи аврупоӣ дар соли 2024 ба 108,54 миллиард евро баҳо дода мешавад ва интизор меравад, ки то соли 2029 ба 155,02 миллиард евро мерасад ва афзоиши миёнаи солона дар давраи пешбинишаванда (2024-2029) 7,39% аст. Дар муҳити зудтағйирёбандаи тиҷорат, фаҳмидани каналҳои тақсимоти суғурта барои ширкатҳои суғурта муҳимтар мегардад”[4].

Дар баробари рақамикунонии иқтисодиёт, аз ҷумла рақамикунонии суғурта дар сатҳи ҷаҳонӣ дар Россия низ ин масъала мавриди таваҷҷуҳи ҳукумат қарор дошта, равандҳои рақамисозии тиҷорати суғурта бо маром вусъат ёфта истодааст ва суръати он бо суръати рақамикунонии иқтисодиёт ва дигар соҳаи иҷтимоӣ баробар аст. Дар ҳоле ки рушди фарҳанги молиявӣ дар Россия дар сатҳи зарурӣ рушд карда истодааст, таъсири он ба фарҳанги суғурта ва самаранокии истифодаи механизмҳои суғурта низ дар байни шаҳрвандон назаррас мебошад.

Дар Федератсияи Россия барои боз ҳам рушду такмил додани соҳаи суғурта аз ҷониби мақомотҳои дахлдор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ карда мешаванд, ки яке аз онҳо Стратегияи рушди соҳаи суғурта барои солҳои 2019-2021 мебошад, ки аз ҷониби Иттиҳоди умумирусиягии суғуртакунандагон таҳия шудааст. Дар ин санад яке аз самтҳои асосӣ ба рушди суғуртаи электронӣ (рақамӣ) равона карда шудааст, ки ин таваҷҷуҳи шаҳрвандонро ба суғурта бештар мегардонад.

Дар Россия истифодабарандагон ба хидматҳои суғуртаи рақамӣ бештар эътимод доранд. “Дар охири соли 2022 маълумот мавҷуд аст, ки тақрибан 50% пурсидашудагон харидани суғуртаро онлайн афзалтар донистанд. Индекси рақамии суғурта афзоиш ёфт - ин нишондиҳандаи ҳамаҷонибаест, ки сатҳи рақамикунонии маҳсулоти суғуртаро барои шахсони воқеӣ арзёбӣ мекунад. Дар соли 2022, Индекси суғуртаи рақамӣ 47% дар муқоиса бо 45% дар соли 2021 буд”[3].

Пешниҳод намудани хизматрасонии суғуртавӣ ба таври онлайн ҳавасмандии шаҳрвандонро афзоиш дода, дар солҳои охир нишондиҳандаҳои молиявии ширкатҳоро боло бурд. Инчунин, истифодаи навовариҳои муҳимтаринро дар самти технологияи рақамӣ метавон ҳамчун дастоварди соҳаи суғуртаи ин мамлакат донист. Яе аз нақшаҳои стратегии соҳаи суғурта ин истифодаи интеллекти сунъӣ ва технологияҳои биометрӣ мебошад, ки он дар ояндаи наздик нишонаи он аст, ки ба соҳаи суғурта диққати махсус дода мешавад. Алакай дар давлатҳои тараққикарда ин таҷриба дар амалия мавриди истифода қарор гирифтааст.

Бо вуҷуди бо суръати баланд ҷараён гирифтани равандҳои рақамисозӣ дар самти суғурта мақомоти танзимкунандаи бозори суғуртаро зарур аст, ки вазъи рақобатпазириро дар байни дигар рақибон ба инобат гирифта шуда, бояд сифати хизматҳои суғуртаи онлайнӣ ба таври дақиқтар муайян гарданд. Инчунин, дар ин миён хавфи суғурта, устувории молиявӣ, қобилияти пардохтпазирӣ ва дигар нишондиҳандаҳои молиявии ширкатҳо мавриди назар қарор гирад.

Ҳамаи инро ба назар гирифта мақомоти танзимкунандаи бозори суғурта ба ширкатҳои дохиливу хориҷӣ имконият медиҳад, ки тавассути нишондиҳандаҳои махсуси баҳодиҳӣ ба ширкатҳо суғуртавӣ аз рӯи номинатсияҳои гуногун баҳогузорӣ намуда, ҳолатҳои молиявии онро муайян намоянд.

Бори аввал дар Россия нишондиҳандаи суғуртаи рақамӣ - индекси суғуртаи рақамӣ, ки аз ҷониби ВСС ва AC&M Consulting таҳия шудааст, санҷида мешавад. “Тавре ки тадқиқоти ВСС ва AC&M Consulting нишон дод, беш аз 40% аҳолии дорои дастрасии доимӣ ба интернет аз хадамоти суғуртаи рақамӣ дар Русия истифода мебаранд. Зиёда аз 60% русҳо омодаанд, ки ба формати рақамии ҳамкорӣ бо ширкати суғурта гузаранд ва 25% русҳо омодаанд пурра ба суғуртаи рақамӣ гузаранд”[6].

Дар бозори суғуртаи Россия самтҳои ояндадори рақамикунонӣ ботадриҷ рушд карда истодааст, ки онро аз рӯи нишондиҳандаҳои оморӣ муайян намудан мумкин аст. Зеро, нишондиҳандаҳои тараққиёт баръало ба назар мерасанд ва онҳо пайваста сол то сол зиёд шуда истодаанд.

Ба монанди дигар мамлакатҳо дар Россия низ аз технологияи рақамии муосир васеъ истифода менамоянд, махсусан аз тарафи ширкатҳои суғуртавӣ, ки ба ин дохил мешаванд чатботҳо, блокчейн, BigData ва зеҳни сунъӣ. Технологияҳои номбаршуда метавонанд дар осон гардидани раванди кор, муошират бо мизоҷон ва ҷавоб гардонидан ба саволҳои онҳо, коркард ва нигоҳ доштани маълумотҳо, инчунин дар таҳлили дурусти он хизмат намоянд.

Ҳар сол бозори суғуртаи Федератсияи Россия афзоиши мутлақи мукофотҳои суғуртаро ба мизоҷон пешниҳод менамояд (Ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. - Пардохти суғурта дар бозори суғуртаи Русия барои солҳои 2019-2022

Еишондиҳанда, млрд рубли русӣ.	2019	2020	2021	2022	Суръати афзоиши мукофот, %	
					2022/2019	2022/2021
Суғуртаи ҳаёт	409,37	430,52	524,40	511,30	24,9	-2,5
ОСАГО (суғуртаи ҳатмии масъулияти шахсони сеюм)	214,95	220,02	225,55	273,10	27,1	21,1
Суғуртаи воситаҳои нақлиёти рӯизаминӣ	170,55	175,42	207,08	222,84	30,7	7,6
Суғуртаи ихтиёрии тиббӣ	180,65	176,96	199,93	213,70	18,3	6,9
Суғуртаи садама ва саломатӣ	187,37	202,31	261,89	207,18	10,6	-20,9
Суғуртаи масъулияти шаҳрвандӣ	32,28	35,84	45,17	43,37	34,4	-4,0
Суғуртаи хавфи молиявӣ	29,74	27,01	39,22	31,64	6,4	-19,3
Суғуртаи бор	21,61	19,93	24,20	29,58	36,9	22,2
Суғуртаи хоҷагии қишлоқ	5,65	8,08	9,18	11,30	100,0	23,1
Дигар намудҳо	229,01	242,61	271,67	272,74	19,1	0,4
Ҳамагӣ	1481,18	1538,70	1808,29	1816,75	22,6	0,5

Сарчашма: Алексеева Е.В. Цифровизация страхования: анализ, проблемы и направления развития вестник Алтайской академии экономики и права. 2023. № 6 (часть 2) с. 145-151 url: https://vaael.ru/ru/article/view?id=2870 (дата обращения: 05.07.2025). Doi: https://doi.org/10.17513/vaael.2870

Ҳама ин пешравиҳо нишонаи онанд, ки дар Россия ширкатҳои суғуртавӣ ва хизматрасониҳои суғуртавӣ ба қадри лозима рушд намуда истодааст. Ҳатто, хизматрасониҳои худро дар сатҳи байналмилалӣ тариқи фурӯши онлайн фаъолона истифода менамоянд. Бинобар ин, барои пешрафти ин соҳа дар сатҳи зарурӣ дар баробари ширкатҳои суғарта бонкҳои тиҷоратӣ низ ба бозори суғурта ҳамчун субъекти ёрирасон ворид гардидаанд.

Ширкатҳои суғуртавӣ баҳри боз ҳам рақобатпазир намудани фаъолияти худ ҳам дар дохили давлат ва ҳам берун аз он бояд бештар ба рақамикунонии фаъолияти худ машғул гарданд ва дар ин раванд ба таҳияи лоиҳаҳое пардозанд, ки суръати рақамикунонии фаъолиятро метезонад.

Дар баробари пешрафти технологияи рақамӣ дар давлатҳои ҳаммарз дар Ҷумҳурии Қазоқистон низ аз ин намуди технология дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ба таври васеъ истифода намуда, тибқи талаботи Консепсияи рушди технологияҳои молиявӣ ва инноватсия барои солҳои 2020-2025 тадбирҳои саривақтӣ ва мушаххас андешида мшавад. Ҷараёни инноватсиякунонӣ ё рақамикунонии фаъолияти суғурта аз автоматикунонии равандҳои ҳамкорӣ байни ҳамаи иштирокчиёни бозори суғурта иборат буда, он ба пеш рафтани соҳаи сууғурта ва дар маҷмуъ ба рушди технологияҳои молиявӣ боис мегардад.

Рақамисозии амалиётҳо дар бозори суғурта дар Ҷумҳурии Қазоқистон босуръат идома дошта, нишонаи фаъолияти пешрафта дар байни тамоюлҳои ҷаҳонии муосир ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, гузаштан аз рақамикунонии суғурта имкон медиҳад, ки ширкатҳои суғуртавӣ баҳри васеъ намудани даромаднокӣ фаъолияти худро бо низоми пешрафтаи ҷаҳонӣ пайвандад.

“Дар Қазоқистон соли 2019 Freedom Insurance аввалин шуда модели рақамии хадамоти суғуртаро ҷорӣ кард. Ширкат аз филиалҳои худ ва хидматҳои агентҳои суғурта даст кашид. Дар аввал, таваҷҷӯҳ ба ҷорӣ намудани полисҳои электронӣ барои суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии автомобилҳо буд, ки мумкин аст тавассути терминалҳои махсус ва дар вебсайти суғуртакунанда бароварда шаванд. Ҳамин тариқ, тибқи маълумоти Бюрои қарзии давлатӣ, дар соли 2019, Freedom Insurance пешсафи суғуртаи онлайн шуда, ширкат дар ин давра 55,5% тамоми полисҳои электрониро дар кишвар баровардааст”[1].

Инчунин, дар Қазоқистон дар раванди гузаштан ба технологияи рақамӣ идентификатсия ва аудентификатсияи мизоҷон ба роҳ монда шудааст. Яке аз онҳо ин идентификатсияи биометрии мусофирон дар соҳаи авиатсия ба ҳисоб меравад, ки дар он суғурта аз таъхири парвозҳо ҷорӣ карда мешавад. ин як намуди хизматрасоние мебошад, ки дар он заминаи чиптаҳои ҳавопаймоӣ амалӣ мешавад, яъне ин суғурта ба мусофирон имкон медиҳад, ки таъхирро суғурта кунанд ва дар сурати ба таъхир афтодани парвоз пардохтҳоро фавран бигиранд.

Ба ғайр аз суғуртаи мусофирони ҳавоӣ, инчунин, дар суғуртаи автомобилӣ соли 2022 хизматрасонии нав барои пардохтҳои фаврии онлайн ҳангоми ҳодисаи суғуртавӣ ба вуҷуд омад. Ин суғуртаи рақамӣба ронандагони воситаи нақлиёт имкон дод то ба воситаи сайти dtp.kz. ҳангоми ба садама дучор шудан, метавонанд бидуни расмиёти тӯлонии коғазбозӣ ва сафар ба идораи суғурта мустақилона дар интернет аризаи суғуртаро пешниҳод кунанд ва ҷубронпулӣ гиранд. Ин вебсайт барои суръат бахшидан ба раванди гирифтани пардохтҳои суғурта пешбинӣ шудааст. Яъне, соҳибони воситаи нақлиёт дар давоми 5 рӯзи корӣ бидуни ҳозир шудан ба ширкати суғурта ва мунтазири қарори суд маблағро ба даст меоранд.

Ҳамаи ин механизм дар кишварҳои мутараққӣ тавассути технологияи рақамӣ амалӣ гардида, барои зудтар ҳисоб кардани зарар фаъолона истифода мешавад. истифодаи ин механизми инноватсионӣ имкон медиҳад:

• бандшавии нақлиёт, ки ҳангоми интизории полис ба амал меояд, кам карда шавад;

• кам кардани сарбории мақомоти назоратӣ тавассути хизматрасонии онлайнӣ.

Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ дар ин масъала аз раванди ҷаҳонишавӣ қафо намонда, талош намуда истодааст, ки рақамикуниро дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт аз ҷумла дар соҳаи суғурта ҷорӣ намояд. Алакай, аз соли 2024 сар карда расман бақайдгирии ҳатмии электронии ҳамаи шартномаҳои суғурта тавассути системаи ягонаи иттилоотӣ ҷорӣ карда шудааст. Ин ба суғуртакунандагон имкон медиҳад, ки бе ҳузур шудан ба ширкат шартномаи суғуртавии худро банданд.

Ҳамчунин, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои муайян кардани шахсияти муштариён, таъмини амнияти иттилооти шахсӣ, кам намудани хавфҳои қаллобию таҳдидҳои киберӣ аз маълумоти биометрии муштариён истифода меамоянд. Ин дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва таҳдидҳои пайдарпайи хавфҳои киберӣ як воситаи муҳим ба ҳисоб меравад.

Қайд намудан зарур аст, ки барои гирифтани маълумоти биометрии мизоҷон дар соҳаи суғурта аз низоми иттилоотии биометрии Face ID истифода карда мешавад. Ин як раванди беҳтар муайянкунии муштариён ба ҳисоб рафта, амнияти ҳарду тараф ва ҳамкории боэътимоди байни онҳоро таъмин менамояд. Татбиқи низоми иттилоотии биометрии Face ID вақти бастани шартномаро ба маротиб коҳиш дода, раванди кори муштариёни ширкатро осон намуд ва эътимодро низ ба ин самт афзоиш дод.

Дар мамлакат ҳам дар сатҳи ҳукуматӣ ва ҳам дар сатҳи ширкатҳо талош доранд, то истифодаи технологияи рақамиро дар соҳаи суғурта зина ба зина ва бо суръати нисбатан баланд, бо сабаби ҳамрадифи давлатҳои дигари пешрафта будан, амалӣ намоянд.

“Аз соли 2023 инҷониб Агентии Миллии Лоиҳаҳои Пешқадам вазифаи хариди полисҳои суғуртавӣ ва пешниҳоди даъвоҳо оид ба ҳолатҳои суғуртавӣ тавассути Портали Ягонаи интерактивии хизматрасониҳои давлатӣ пурра амалӣ карда мешавад.”[2].

Ҳама гуна рушди рақамикунонии соҳаи суғурта, аз қабили ташкили замимаҳои мобилӣ ва ё платформаҳо, ки барои хариди маҳсулоти суғуртавӣ ва пайгирӣ намудани ҳолати суғуртавӣ зарур мебошанд, ба муштариён имкон медиҳанд, дастрасии худро ба чунин хизматҳо осон гардонанд.

Ҳамчунин, барои шароит фароҳам овардан ҳангоми сари вақт хабар расонидан ва муайян намудани ҳолати ҳодисаҳои нақлиётӣ барномаи мобилии «Sug‘urta servis» дар режими онлайнӣ ба амал бароварда шудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳо муайян намудан мумкин аст, ки суғурта низ як қисми асосии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, нақши он дар таҳкими муносибатҳои молиявии байни давлатҳо ва субъектони он зиёд мебошад. Тавре ки Эльгайтарова Н. Т. дар яке аз таҳқиқотҳои худ арз менамояд: Суғурта як ҷузъи муҳими иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ мебошад. Дигаргуниҳои сифатӣ дар низоми иҷтимоию иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои бозорӣ проблемаи инкишофи ҳаматарафаи суғуртаро актуалӣ гардонданд[7].

Аз рӯи мушоҳидаҳо муайян намудан мумкин аст, ки аҳамияти суғурта дар давраи охир ҳамчун низоми махсусе, ки барои ҳифзи манфиатҳои молу мулк ва ҳолати иҷтимоии субъектон баромад менамояд, хеле афзудааст.

Бо вуҷуди пешравиҳои технологӣ ва инноватсионӣ дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки он аз эътимоди пасти аҳолӣ нисбат ба суғурта, сифати интернет, саводнокии молиявии аҳолӣ ва ғайра мебошад, ки барои ҳал кардани он ҳукумати мамлакат пайваста чораандешӣ менамоянд.

Хулоса. Дар асоси таҷрибаи хориҷии истифодаи технологияи рақамӣ дар соҳаи суғурта бояд қайд намуд, ки ширкатҳои суғуртаи ватанӣ бо мақсади баланд намудани даромаднокӣ бо истифода аз таҷрибаҳои ширкатҳои хориҷӣ фаъолиятро дуруст ва оқилона ба роҳ монанд. Зеро, ба ин восита имконияти ҷалби мизоҷон зиёд гардида, мизоҷон низ дар навбати аввал фаъолияти дуруст ва самараноки ширкатҳоро ба инобат мегиранд. Бинобар ин, истифодаи таҷрибаи хориҷии ҷалби мизоҷон вазифаи асосии ширкатҳои ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Ширкатҳои суғуртавии ватаниро зарур аст, ки барои таъмини устуворӣ ва босуботии фаъолият, инчунин рақобатпазир гардидан ба рақибони хориҷии худ дар самти рақамикунонии фаъолият якчанд корҳоро ба анҷом расонидан лозим меояд:

- истифодаи васеи технологияи иттилоотӣ дар ширкатҳои суғуртавии ватанӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт;
- омӯзиши таҷрибаи хориҷии истифодаи технологияи рақамӣ ва истифодаи хусусиятҳои ба шароити мо мувофиқи он дар ширкатҳои суғуртавии Тоҷикистон;
- муайян намудани самаранокии технологияи рақамӣ дар ширкатҳои хориҷӣ ва истифодаи таҷрибаи онҳо дар бахши суғуртаи кишвар.
- бо истифода аз технологияи рақамӣ баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ширкатҳои суҳуртавӣ;
- зич намудани ҳамкорӣ бо ширкатҳои суҳуртавии хориҷӣ баҳри табодули таҷрибаи пешқадам ва истифодаи он дар раванди фаъолият.

Адабиёт

1. https://kz.kursiv.media/2023-05-31/kzgr-digital/

2. https://napp.uz/ru/news/sug-urta-sohasini-jadal-raqamlashtirish-brifing
3. https://pampadu.ru/blog/8966-pampadu-platit-50-000-za-kazhdogo-privlechennogo-menedzhera-agentskoj-gruppy/
4. https://www.mordorintelligence.com/ru/industry-reports/europe-online-insurance-market
5. https://www.tadviser.ru/index.phpinteractivebrokers.com/en/main.php./ (дата обращения: 19.10.2018).
6. Superior Trading Technology — Лучшие Торговые Технологии. [Электронный ресурс]. URL: www.
7. Эльгайтарова Н. Т. Роль страхования в национальнй экономике. Научные известия. 21. 2020. Стр.7.
8. Шаропов, Н. Фаъолияти суғурта: дастури таълимӣ/ Н. Шаропов. – Душанбе, 2009. - 302с.

Маълумот дар бораи муаллифон

Аҳадов Исматилло Қаюмович-н.и.и., муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: +992 918 90 41 46. E-mail: im-yusuf@mail.ru

Ахроров Саидюсуф Ҳукматуллоевич-докторант PhD-и кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,. Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Рӯдакӣ, 17. Тел.: +992909598689.

Сведения об авторах

Ахадов Исматилло Каюмович-к.э.н., старший преподаватель кафедры банковской деятельности Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: +992 918 90 41 46. Электронная почта: im-yusuf@mail.ru.

Ахроров Саидюсуф Хукматуллоевич-докторант (PhD) кафедры таможенной деятельности Таджикский национальный университет,. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: +992909598689.

About the authors

Ahadov Ismatillo Qayumovich-c.e.s., Art. Lecturer of the banking department of Tajik state university of finance and tconomics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: +992 918 90 41 46. E-mail: im-yusuf@mail.ru.

Ahrorov Saidyusuf hukmatulloevich-doctoral student (PhD) of the Department of Customs Activities Tajik National University,. Address: 734025. 17 Rudaki Avenue, Dushanbe, Republic of Tajikistan. Tel.: +992909598689.

УДК: 330.322.2

ТАБИАТИ ИҚТИСОДӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ СИЁСАТИ САРМОЯГУЗОРӢ

Сайдаҳмадов Ф.Б.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Мақола фарогири таҳқиқи табиати иқтисодӣ ва хусусиятҳои сиёсати сармоягузорӣ мебошад. Дар мақола нуқтаи назари иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ ва муқаррароти санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи сармоягузорӣ оид ба масоили таҳқиқшуда оварда шудааст. Муаллиф муҳимияти фаъолияти сармоягузорӣ ва сарчашмаҳои ташаккулёбии захираҳои сармоягузоришавандаро низ ба риштаи таҳлил кашидааст. Унсурҳои табиати иқтисодии сиёсати сармоягузорӣ, тавсифи сиёсати мазкур, инчунин ҷанбаҳои асосии сиёсати сармоягузорӣ дар шакли расмҳо ба низоми муайян дароварда шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки сиёсати сармоягузорӣ таркибдиҳандаи стратегияи молиявӣ буда, ҷиҳати ташаккулёбии сохтори мақсадноки сармоягузорӣ ва баландбардории самаранокии он мусоидат менамояд. Дар интиҳои мақола, муаллиф хулосаю пешниҳодҳои худро таҳия кардааст.

Калидвожаҳо: сармоягузорӣ, сиёсати сармоягузорӣ, консепсия, соҳибкорӣ, шуғл, захираҳои молиявӣ, ҳавасмандгардонӣ, самаранокӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ, саноатикунонии босуръат.
Барои иқтибос: Сайдаҳмадов, Ф. Б. Табиати иқтисодӣ ва хусусиятҳои сиёсати сармоягузорӣ / Ф. Б. Сайдаҳмадов // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 191-197.

ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ПРИРОДА И ОСОБЕННОСТИ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ПОЛИТИКИ

Сайдахмадов Ф.Б.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. Статья охватывает исследование экономической природы и особенностей инвестиционной политики. В статье представлены взгляды отечественных и зарубежных экономистов, а также положения нормативно-правовых актов в сфере инвестиций по изучаемым вопросам. Автор также анализирует значимость инвестиционной деятельности и источники формирования инвестиционного потенциала. Элементы экономической природы инвестиционной политики, описание этой политики, а также основные аспекты инвестиционной политики представлены в определенной системе в виде диаграмм. Автор отмечает, что инвестиционная политика является компонентом финансовой стратегии и способствует формированию целевой инвестиционной структуры и повышению ее эффективности. В конце статьи автор предложены свои выводы и предложения.

Ключевые слова: инвестиции, инвестиционная политика, концепция, предпринимательство, занятость, финансовые ресурсы, стимулы, эффективность, инвестиционная привлекательность, ускоренная индустриализация.

THE ECONOMIC NATURE AND CHARACTERISTICS OF INVESTMENT POLICY

Saidakhmadov F.B.
Tajik State University of Finance and Economics

Abstract. This article explores the economic nature and characteristics of investment policy. It presents the views of domestic and international economists, as well as investment regulations on the issues under study. The author also analyzes the significance of investment activity and the sources of investment potential. Elements of the economic nature of investment policy, a description of this policy, and the main aspects of investment policy are presented in a specific diagrammatic system. The author notes that investment policy is a component of financial strategy and contributes to the formation of a target investment structure and increased effectiveness. The article concludes with conclusions and proposals.

Key words: investments, investment policy, concept, entrepreneurship, employment, financial resources, incentives, efficiency, investment attractiveness, accelerated industrialization.

Гузориши масъала. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои сиёсати сармоягузорӣ дар «Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» инъикос ёфтааст. Дар ин ҳуҷҷати муҳим соҳаҳои бартаридоштаи иқтисодиёти Тоҷикистон, ки дорои сатҳи баланди ҷолибияти сармоягузорӣ мебошанд, мушаххас гардида, сарчашмаҳои молиякунонии онҳо низ муайян карда шудааст. Боиси хушнудӣ аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар

соҳаи сармоягузорӣ ба ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузории хусусӣ нигаронида шудааст. Андешидани тадбирҳои дастгирии давлатии соҳибкорони ташаббускор дар самти рушди навгониҳои муосири истеҳсолӣ исботи ин гуфтаҳо мебошад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Таҳқиқотҳои муҳаққиқон аз қабили Кодирзода Ф. А., Маколов В.И., Рахимов А.М., Саидов Р. Н., Узакова Г.М., Шарипов Ш. ва дигарон дар самти мазкур боиси дастгирист.

Мақсади мақола – омӯзиши табиати иқтисодӣ ва хусусиятҳои сиёсати сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳтавои асосии мавод.

Сиёсати сармоягузорӣ унсури таркибии стратегияи молиявӣ буда, ҷиҳати ташаккулёбии сохтори мақсадноки сармоягузорӣ ва баландбардории самаранокии он мусоидат менамояд ва рушди иқтисодиро аз тариқи ҷалби сармоя таъмин мекунад. Ба ақидаи мо, дар шароити иқтисоди бозорӣ сиёсати сармоягузоорӣ дар сурате самараи кофӣ дода метавонад, агар он дар заминаи ҷузъиёти низоми бозорӣ тарҳрезӣ ва татбиқ гардад.

Аз нигоҳи мо, табиати иқтисодии сиёсати сармоягузорӣ – ин низоми тадбирҳои аз ҷониби давлат ва субъектҳои иқтисодӣ татбиқшаванда оид ба идоракунии сармоягузориҳо мебошад, ки ҷиҳати ноилгардӣ ба ҳадафҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди устувори иқтисодиёт нигаронида шудааст.


Сиёсати иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дурнамои рушди соҳаҳои иқтисоди миллиро мушаххас намуда, ҷиҳати ноилгардӣ ба панҷ ҳадафи стратегии зерин нигаронида шудааст: а) таъмини мустақилияти энергетикии кишвар ва истифодаи самараноки қувваи барқ; б) баромадани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ёфтан ба кишвари транзитӣ; в) таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хӯшсифат; г) васеънамоии шуғли пурмаҳсули аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон; ғ) саноатикунонии босуръати мамлакат. Бояд қайд намоем, ки ноилгардӣ ба ин ҳадафҳо аз рушди соҳаи сармоягузорӣ вобастагии зиёд дорад, яъне татбиқи барномаҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддати расидан ба ҳадафҳои зикршуда аз ҳаҷми кофии захираҳои молиявӣ вобаста мебошад. Вобаста ба ин, захираҳои сармоягузорӣ бояд аз тамоми сарчашмаҳо ҷалб карда шаванд. Баъзе аз иқтисодчиён иброз медоранд, ки буҷети хоҷагиҳои хонаводагӣ сарчашмаи устувори ташаккулёбии захираҳои сармоягузорӣ мебошанд. Вобаста ба ин, қайд карда мешавад, ки «...вазифаи муҳими молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ дар низоми такрористеҳсоли ҷамъиятӣ вазифаи сармоягузорӣ мебошад» [6, с.53]. Бо назардошти ин нуқтаҳо, дар рафти коркарди сиёсати мукаммали сармоягузорӣ, бояд дар навбати аввал, шароиту имкониятҳои мавҷуда ба инобат гирифта шаванд. Баъдан, тамоми сарчашмаҳои дохилии ташаккулёбии захираҳои сармоягузорӣ мушаххас карда шуда, роҳҳои муносиби ҷалб ва сафарбарнамоии онҳо ба фаъолияти сармоягузорӣ муайян карда шавад.

Давлат на танҳо ҳамчун субъекти иқтисодӣ, инчунин танзиимкунандаи фаъолияти иқтисоди бозорӣ баромад менамояд. Танзими давлатиии иқтисоди бозорӣ бошад, аз тариқи коркард ва татбиқи сиёсати иқтисодӣ амалӣ мегардад. Бояд қайд намоем, ки сиёсати сармоягузорӣ таркибдиҳандаи сиёсати иқтисодӣ мебошад.

Сиёсати давлатии сармоягузорӣ – ин унсури таркибии сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ мебошад ки муносибати давлатро бо фаъолияти сармоягузорӣ ифода менамояд. Бояд дар назар дошт, ки сиёсати сармоягузорӣ, сармоягузориҳои давлатӣ ва хусусиро фаро мегирад [8, с.107]. Маколова В.И. бошад, таҳти мазмуни сиёсати давлатии сармоягузорӣ маҷмӯи тадбирҳоро ҷиҳати танзим ва суръатбахшии корҳо оид ба соҳаи сармоягузорӣ дар назар дорад, ки натиҷаи ниҳоии он кафолати таъмини устувории иҷтимоию иқтисодии давлат мебошад [3, с.29].

Таҷриба исбот менамояд, ки коҳиш ёфтани фаъолнокии сармоягузорӣ боиси талаф ёфтани захираҳои иқтисодӣ мегардад, пеш аз ҳама нерӯи истеҳсолӣ заиф мегардад. Фаъолгардонии нақши сармоягузории давлат бояд на танҳо аз тариқи сармоягузории мустақими иқтисодиёт таъмин карда шавад. Ба ақидаи мо, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли муҳими дастгирии фаъолияти сармоягузорӣ – ин мусоидат намудан ба рушди механизмҳои ҷалби воситаҳои молиявии сармоягузорон ва мубадалгардонии онҳо ба сармоягузориҳои истеҳсолӣ маҳсуб меёбад. Роҷеъ ба ин масъала, иқтисодчии ватанӣ Саидов Р.Н. иброз медорад, ки «...воқеан аввалин сармоягузорон дар иқтисодиёт шахсони воқеие маҳсуб меёбанд, ки дорои сарчашмаҳои устувори ташаккулёбии даромадҳо мебошанд» [5, с.193]. Дар ҳақиқат, яке аз сарчашмаҳои устувори ташаккулёбии захираҳои сармоягузорӣ ин даромадҳои аҳолӣ мебошанд. Вобаста ба ин, дарёфти механизмҳои самараноки ҷалби онҳо ба фаъолияти сармоягузорӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Табиати иқтисодии сиёсати сармоягузориро ҷиҳатҳои ба ҳамдигар алоқаманд ифода менамоянд. Ниг. ба расми 1.



Расми 1.- Унсурҳои табиати иқтисодии сиёсати сармоягузорӣ.
Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Тавре аз расми 1 бар меояд, табиати иқтисодии сиёсати сармоягузорӣ аз як қатор унсурҳо таркиб ёфтааст. Нахуст унсури овардашуда ҳавасмандгардонии рушди иқтисоди миллӣ мебошад. Дар ҳақиқат, сармоягузорӣ аз тариқи навсозии шароити истеҳсолӣ, ҷорикунии навгониҳо ва пурзур намудани нерӯи содиротӣ фишанги пешбарандаи иқтисодиёт дониста мешавад. Сармоягузорӣ имконият медиҳад, то самаранокии истеҳсолот баланд гардад ва молу маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, инчунин хизматрасониҳо мавқеи устувори рақобатпазириро ишғол намоянд.


Дигар унсури табиати иқтисодии сиёсати сармоягузорӣ ин танзими давлатии сармоягузорӣ мебошад. Давлат аз тариқи сиёсати сармоягузорӣ ва бо назардошти афзалияти соҳаҳои иқтисодӣ, ҳаҷм ва сохтори сармоягузориро муайян менамояд. Таркибдиҳандаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ унсурҳои дигари табиати иқтисодии сиёсати сармоягузорӣ мебошанд. Бояд дар назар дошт, ки сиёсати мазкур татбиқи барномаҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддати соҳаҳои иҷтимоию экологиро чун соҳаи тандурустӣ, фарҳанг, муориф, хоҷагии манзилию коммуналӣ ва ғ дар бар мегирад.

Ноилгардӣ ба мақсадҳои макроиқтисодӣ ҳамчун ҷузъи табиати иқтисодии сиёсати сармоягузорӣ маҳсуб ёфта, расидан ба ҳадафҳои соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди миллиро дар назар дорад. Масалан, афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, афзоиши сатҳи даромадҳои пулии аҳолӣ, таъмини шуғли ҳиссаи назарраси қувва корӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва ғ.

Тавре аз маълумоти расми 2 бар меояд, сиёсати сармоягузорӣ ҷузъиёти гуногунро дар бар мегирад, ки онҳо дар маҷмуъ, самтҳои рушди соҳаҳои иқтисоди миллиро аз тариқи татбиқи барномаҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддат дар бар мегиранд. Бояд қайд намуд, ки вазифаҳои сиёсати сармоягузорӣ аз рушди истеҳсолот шуруъ гардида, то мавқеъгирии иқтисоди миллӣ дар арсаи рақобат, таъмини шуғли пурра ва бунёди муҳити солими иҷтимоиро фаро мегирад. Натиҷаи ниҳоии татбиқи сиёсати мазкур суръат бахшидани ҳаракати ҳама намуди дороиҳо мебошад, ки ба самараи ҳадди аксари онҳо асос меёбад.

Дигар ҷанбаи тавсифшавандаи сиёсати сармоягузорӣ, принсипҳои он мебошад. Сиёсати сармоягузорӣ дар заминаи талаботҳо ва меъёрҳое такя менамояд, ки онҳо татбиқшаванда будани онро ифода менамоянд. Агар принсипҳои мазкур риоя гарданд пас сиёсати сармоягузорӣ ба манфиати иқтисодиёт буда метавонад ва баракс.

Механизми татбиқи сиёсати сармоягузорӣ як қатор унсурҳоро дар бар мегирад, ки амалкарди фаъоли онҳо самаранокии сиёсати мазкур ва манфиатнокии онро барои соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ баланд мебардорад.




Расми 2.- Тавсифи сиёсати сармоягузорӣ.

Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Бояд дар назар дошт, ки дар рафти бунёди сиёсати сармоягузорӣ ва татбиқи он ба инобат гирифтани як қатор омилҳо муҳим мебошад. Дар ин маврид, зарур аст, ки аввалан, сиёсати сармоягузорӣ барои расидан ба ҳадафҳои соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ мусоидат намояд,

яъне ба инобат гирифтани ҳадафҳои рушди дарозмуддати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Баъдан, муҳити сармоягузоришаванда ва ҳолати воқеии соҳаҳои иқтисоди миллӣ мушаххас гарданд, чунки самараи сиёсати сармоягузорӣ аз солимии фазои сармоягузорӣ вобаста мебошад.



Расми 3. - Ҷанбаҳои асосии сиёсати сармоягузорӣ.
Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Ҳамин тавр, сиёсати сармоягузорӣ дигар ҷиҳатҳоро чун сохтор, иштирокчиён, воситаҳо, афзалиятҳо ва натиҷаҳои аз татбиқи сиёсати мазкур ба даст овардашавандаро фаро мегирад. Таврe, зикр карда шуд, сиёсати сармоягузорӣ бояд соҳаҳои афзалиятнокро дар назар дошта бошад. Чунин мавқеъро иқттисодчиёни ватанӣ низ ҷонибдорӣ менамоянд. Иқтисодчии ватанӣ Раҳимов А.А. зикр менамояд, ки «...барои муайян намудани соҳаҳои афзалиятнок дар навбати аввал бояд омилҳои зерин ба инобат гирифта шавад: а) вижагиҳои географӣ ва демографӣ, рушди соҳаҳое, ки ба истеҳсоли маҳсулоти тайёр нигаронида шудаанд» [4, с.14].

Дар «Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» қайд мегардад, ки бартариҳои сиёсати давлатии сармоягузорӣ бояд ба ҷанбаҳои зерин мутамарказ карда шаванд:

1.Афзалиятҳои соҳавӣ, яъне ташвиқ намудан ва ҳавасмандгардонии намудҳои фаъолияти барои кишвар муҳим, аз ҷумла содироти маҳсулоти рақобатпазир ва воридоти технологияҳои нав, ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаҳои афзалиятноке, ки номгӯйи онҳо бояд ба таври мунтазам таҷдиди назар карда шавад.

2.Афзалиятҳо нисбати ширкатҳо, яъне дар баробари ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои ширкатҳои бузург бояд ба ҷалби сармоягузориҳои ширкатҳои хурд ва миёна, ки ба такмилдиҳии заминаи умумии қонунгузории ҳавасмандгардонии сармоягузориҳо ва пешниҳод гардидани кафолатҳои устувории шароити фаъолияти сармоягузорӣ дар тамоми сатҳҳо эҳтиёҷи хеле бештар дорад.

3.Афзалиятҳои рушди минтақавӣ, яъне дар баробари амалияи фароҳамоварии шароити махсусан мусоиди фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии алоҳида, истифодаи ташаббус ва иқтидорҳои захиравии минтақаҳо бо дарназардошти рушди инфрасохтор ва ниҳодҳои маъмурие, ки барои ҷалби сармоягузориҳои ояндадор зарур мебошад.

4.Афзалиятҳои минтақавӣ ва кишвар, яъне суръатбахшии раванди ҷалби сармоягузориҳо ба иқтисоди кишвар вусъатбахшии (диверсификатсияи) манбаъҳои воридоти сармоя ба кишварро, ҳам аз ҳисоби давлатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ мутараққӣ ва ҳам аз кишварҳои дорои бозорҳои босуръат рушдёбанда, бо дарназардошти эҳтиёҷот ва тамоюли рушди тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ, талаб менамояд [2].

Иқтисодчии ватанӣ Қодирзода Ф.А. иброз медорад, ки ҳадафҳои асосии сиёсати сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «...тағйироти сохтории иқтисодиёт, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ аз тариқи дастгирии молиявии онҳо, таъсиси ҷойҳои корӣ» [1, с.69]. иборат мебошад. Дар ҳақиқат мавқеи илмии иқтисодчӣ қобили қабул аст, чунки имрӯзҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили зикршуда муҳим мебошад ва ҳалли онҳо низ захираҳои сармоягузориро талаб менамояд.

Ҳамин тавр, таҳқиқи таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ нишон дод, ки ҳадафи ниҳоии сиёсати сармоягузорӣ дастгирӣ ва рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Вобаста ба ин, зарур мешуморем, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи сармоягузорӣ бояд ба меъёрҳо ва талаботи зерин асос ёбад: а) коҳиш додани сатҳи меъёрҳои фоизӣ аз мавқеи баландбардории манфиатнокии сармоягузориҳо; б) такмили низоми андозӣ аз ҷиҳати содакунии он ва мукаммалгардонии сиёсати истеҳлокӣ; в) суръат бахшидани рафти дигаргунсозии корхонаю ташкилотҳо, бо мақсади баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории онҳо; г) бунёди шароиту заминаҳои коҳишдиҳии сатҳи хавфи фаъолияти сармоягузорӣ.

Адабиёт

1. Кодирзода Ф. А. Приоритетные направления инвестиционной политики Республики Таджикистан / Ф.А. Кодирзода // Вестник Академии. – 2021. – № 1. – С. 67-73.

2. Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2012, № 755 тасдиқ шудааст).

3. Маколов В.И. Инвестиционная политика государства в посткризисный период. – М.: Наука, 2007. – 175 с.

4. Рахимов А.М. Проблемы повышения конкурентоспособности. – Худжанд.: Рахим Джалил, 2009. - 256 с.

5. Саидов, Р. Н. Асосҳои ташаккул ва рушди молияи хусусӣ / Р. Н. Саидов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – No. 2-2(47). – P. 189-197. – EDN FIGBCL.

6. Саидов, Р. Н. Моҳияти иҷтимоию иқтисодии молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ / Р. Н. Саидов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2023. – No. 3(272). – P. 51-58. – EDN HPOVHX.

7. Сайдаҳмадов, Ф. Б. Ҷойгиркунии захираҳои сармоягузории минтақавӣ дар сохторҳои корпоративӣ / Ф. Б. Сайдаҳмадов, А. А. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4-2(43). – P. 171-177. – EDN BAIFDX.

8. Узакова Г.М. Формирование источников инвестиций в национальной экономике Таджикистана в переходный период/ Диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук, -Худжанд, 2011. - 138 с.

9. Шарипов, Ш. Р. Сущностные аспекты инвестиционной политики принимающего региона и средства её осуществления в республике Таджикистан / Ш.Р. Шарипов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2023. – № 1(45). – С. 296-305.

Маълумот дар бораи муаллиф

Сайдаҳмадов Фаррух Бобоқулович-номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14. Телефон: 901-40-53-40; E-mail: farukh.2020@mail.ru

Сведения об авторе

Сайдахмадов Фаррух Бобокулович-кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой финансового менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: 901-40-53-40; E-mail: farukh.2020@mail.ru

About the author

Saidakhmadov Farrukh Bobokulovich-candidate of economic sciences, associate professor of the department of the Financial Management Department at the Tajik state finances-economy university. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, str. Nakhimov 64/14. Phone: 901-40-53-40; Email: farukh.2020@mail.ru

УДК: 338.004.

НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИСТЕҲСОЛОТ

Носирзода Ҳ.С.
Муминзода С.М.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Солҳои охир таваҷҷӯҳи давлатҳо ба технологияҳои рақамӣ хеле зиёд шуда, онро дар баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот афзалтар меҳисобанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар баробари дигар давлатҳои пешсаф, барои рушди иқтисодиёти миллӣ, натиҷаи самараноки истеҳсолот, тақвияти техника ва технологияҳои инноватсионӣ, ҳамзамон, барои рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеи кишвар шароитҳои мусоид фароҳам оварда истодааст.
Ҷумҳурии Тоҷикистон ба идоракунии самранокии иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истесҳолӣ ва таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ ва тақвияти иқтидори содиротии мамлакат диққати аввалиндараҷа дода, дар ин самтҳо ҷорӣ намудани технологияҳои рақамиро муҳим арзёбӣ мекунад.
Технологияҳои рақамӣ дар рушди низоми иқтисодиёти миллӣ нақши калидӣ дошта, яке аз омилҳои муҳими рушди истеҳсолот ба ҳисоб меравад, зеро онҳо самаранокии истеҳсолот, идоракунӣ ва хизматрасониҳоро ба таври назаррас баланд мебардорад. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ба диверсификатсияи иқтисодиёт, рушди соҳибкории инноватсионӣ ва баланд гардидани рақобатпазирии иқтисодиёт миллӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон рақамикунонӣ шаффофиятро дар иқтисодиёти миллӣ таъмин месозад.
Вожаҳои калидӣ: инноватсия, технологияҳои рақамӣ, саноат, хизматрасониҳо, рушди устувор, диверсификатсияи иқтисодиёт, соҳибкории иннотвасионӣ, илму техника, самаранокии истеҳсолот, техника ва технология, рақобатнокии маҳсулот ва идоракунии захираҳо.
Барои иқтибос: Носирзода, Ҳ. С. Нақши технологияҳои рақамӣ дар баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот / Ҳ.С. Носирзода, С. М. Муминзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 198-205.

РОЛЬ ЦИФРОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ПОВЫШЕНИИ ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРОИЗВОДСТВА

Носирзода Х.С.
Муминзода С.М.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. В последние годы правительства проявляют значительный интерес к цифровым технологиям, рассматривая их как приоритетный инструмент повышения эффективности производства. Республика Таджикистан, наряду с другими ведущими странами, создает благоприятные условия для развития национальной экономики, эффективного производства, укрепления инновационного оборудования и технологий, а также для развития всех сфер общественной жизни в стране.
Республика Таджикистан уделяет первостепенное внимание эффективному управлению существующими мощностями, созданию производственных предприятий и новых рабочих мест, повышению конкурентоспособности отечественной продукции и укреплению экспортного потенциала страны, а также считает важным внедрение цифровых технологий в этих областях.
Цифровые технологии играют ключевую роль в развитии национальной экономической системы и считаются одним из важнейших факторов развития производства, поскольку значительно повышают эффективность производства, управления и услуг. Внедрение цифровых технологий способствует диверсификации экономики, развитию инновационного предпринимательства и повышению конкурентоспособности национальной экономики. Одновременно цифровизация обеспечивает прозрачность в национальной экономике.
Ключевые слова: инновации, цифровые технологии, промышленность, услуги, устойчивое развитие, экономическая диверсификация, инновационное предпринимательство, наука и техника, эффективность производства, оборудование и технологии, конкурентоспособность продукции и управление ресурсами.

THE ROLE OF DIGITAL TECHNOLOGIES IN IMPROVING PRODUCTION EFFICIENCY

Nosirzoda H.S.
Muminzoda S.M.
Tajik State University of Finance and Economics

Abstract. In recent years, governments have shown significant interest in digital technologies, viewing them as a priority tool for improving production efficiency. The Republic of Tajikistan, along with other leading countries, is creating favorable conditions for the development of the national economy, efficient production, the strengthening of innovative equipment and technologies, and the development of all spheres of public life in the country.

The Republic of Tajikistan places priority attention on the effective management of existing capacities, the creation of manufacturing enterprises and new jobs, and increasing the competitiveness of domestic products and strengthening the country's export potential, and also considers it important to introduce digital technologies in these areas.

Digital technologies play a key role in the development of the national economic system and are considered one of the most important factors in the development of production, as they significantly increase the efficiency of production, management, and services. The implementation of digital technologies contributes to economic diversification, the development of innovative entrepreneurship, and increased competitiveness of the national economy. At the same time, digitalization ensures transparency in the national economy.

Keywords: innovation, digital technologies, industry, services, sustainable development, economic diversification, innovative entrepreneurship, science and technology, production efficiency, equipment and technology, product competitiveness and resource management.

Гузориши масъала. Татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои саноатӣ, яъне дар самти истеҳсолот яке аз масъалаҳои актуалӣ буда, бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди ҷомеи иттилоотӣ, гузариш ба иқтисоди рақамӣ, ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми январи соли 2019 №642 Консепсияи иқтисоди рақамиро қабуд намуд.

Бояд қайд кард, ки татбиқи технологияҳои рақамӣ дар самти истеҳсолот иқтидори пурқуввати содиротиро ба ҷо оварда, самаранокии истеҳсолотро таъмин ва дар натиҷа ба афзудани ҳаҷми маҳсулот, нишондиҳандаи ММД мусоидаткунанда мебошад.

Тавре ишора мешавад: “...иқтисодиёти рақамӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ба коҳиш ёфтани масрафи моддии истеҳсолот, кам шудани арзиши аслии маҳсулот оварда мерасонад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар истеҳсолот, як қисми супоришҳои кории кормандон ва бисёр амалҳои муқаррарии ба мошинҳо, роботҳо, зеҳни сунъӣ дода мешаванд, ки ба ин васила даромади иловагии соҳибкор ба даст меоранд”[9.18-25].

Дар ин зимн, самаранокии истеҳсолот дар ҷорӣ намудани инноватсия ва татбиқи он вобаста аст. Бо назардошти зудрушдёбандаи иқтисоди бозорӣ, инчунин, марҳила ба марҳила татбиқ гардидани технологияҳои рақамиву инкишофи илму техника масъалаи мукаммалгардонии низоми миллии инноватисонӣ дар соҳаи саноати истеҳсолӣ барои таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ бисёр муҳим мебошад. Зеро дар вазъияти рушди бемайлони иқтисодӣ ва сиёсии ҷаҳон таъмини рушди устувори технологияҳои рақамӣ дар самти соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ яке аз масъалаҳои асосии стратегиии давлат ба ҳисоб рафта, он ба устувории саноатикунонӣ таъсири мусбат мерасонад.

Ҳукумати мамалкат низ дар самти ташаккул ва татбиқи технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт ва рушди устувори санотикунонии босуръат корҳои зиёдеро анҷом дода, дар ин ҷода ба комёбиҳои назаррас муваффақ гашта истоадааст.

Дар маҷмуъ масъалаи мазкур яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир ба ҳисоб рафта, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ, идоракуниву ташкилӣ ва амалидошта мебошад, ки таҳқиқу омӯзишҳоро аз равзанаи стратегии инноватсионии миллӣ тақозо дорад.

Мақсади мақола нишон додани нақши технологияҳои рақамӣ дар баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот буда, мақола равандҳо ва усулҳои татбиқи технологияҳои рақамӣ (монанди автоматизатсия, назорати рақамӣ, таҳлили додаҳо) дар истеҳсолотро омӯхта, таъсири онҳо ба ҳосилнокӣ, сарфакорӣ ва самаранокии умуми корхонаҳоро арзёбӣ мекунад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашрёт. Масъалаи нақши технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт ва таъсири он ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолотро олимони тоҷик С.Ҷ.

Комилов, Мирсаидов А.Б., Муртазозода О.Қ. Қодиров Ф.А., Нуратуллозода М.Н., Низомова Т.Д. Файзулло М.Қ. ва Раҳмонов Ҷ.Р. мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Муҳтавои асосии мавод. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати шадиди иқтисодӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи нави тараққиёт қарор дорад, истифодаи технологияҳои рақамӣ дар кишвари мо ба яке аз омилҳои калидии рушди истеҳсолот табдил ёфтааст. Бо амалӣ намудани стратегияву барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, бо истифода аз ҳамаи захираву имкониятҳои мавҷуда ҷиҳати мунтазам беҳтар гардонидани шароити зиндагии мардум, баланд бардоштани самаранокӣ, коҳиши хароҷот ва афзоиши маҳсулнокии меҳнату истеҳсолот нақшаҳои бузурги созандагиро роҳандозӣ карда истодааст.

Ҷиҳати рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва амалисозии лоиҳаҳои нави инноватсионӣ дар соҳаи саноат, кишвар мо ба татбиқи технологияҳои инноватсиониву рақамӣ дар соҳаҳои истеҳсолот диққати аввалиндараҷа медиҳад. Тавре дар Паёми соли 2024 Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ироа намуданд, қайд намуданд, ки “Ҷиҳати вусъат бахшидани равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт, пешниҳод менамоям, ки солҳои 2025-2030 Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия эълон карда шавад”[1.9]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба навсозии равандҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ тадбирҳои мушаххас андешида, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамиро дар низоми иқтисодӣ мақсади асосӣ шуморида, онро ҳамчун барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо, кам кардани талафот ва беҳтар намудани сифати маҳсулот меҳисобад.

Дар марҳилаи муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, гузариш ба иқтисоди рақамӣ ба як равандҳои стратегӣ табдил ёфтааст. Дар ин раванд соҳаи истеҳсолот ҳамчун пояи асосии рушди иқтисодӣ зери таъсири амиқи технлогияҳои рақамӣ қарор дошта, бо ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар истеҳсолот сифати истеҳсолот, самаранокии захираҳо ва истеҳсолот, инчунин, ташкили равандҳои меҳнат ва усулҳои нави идоракунии корхона ба муҷуд меоянд.

Бояд гуфт, ки тули чанд соли охир мо аз Паёмҳои Президенти кишвар мафҳуми “саноатикунонии босуръат” мешунавем, ки мурод аз ин мафҳум ҷорӣ намудани техника ва технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ дар истеҳсолот буда, нақши он дар баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, худи саноатикунонии босуръат ва самаранокии захираҳо аҳаммияти аввалиндарҷа дорад. Бинобар ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “саноатикунонии босуръат”- ро ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар эълон намуданд, ки амалигардонии сиёсати мазкур дар соҳаи саноат имкон медиҳад, ки низоми милии инноватсонӣ дар кишвар тақвият дода шавад. Пас маълум мегардад, ки саноат бе инноватсия ва татбиқи технологияҳои рақамӣ рушд карда натавониста, танҳо барои самранокии иқтисодиёти миллӣ ва рушди бонизоми истеҳсолот дар соҳаи саноат ҷорӣ намудани инноватсия, технологияҳои рақамӣ нақши калидӣ дошта, омили асосии баланд бардоштани рақобатпазирӣ, самранокии истеҳсолот, истифодаи дурусти захираҳо, идоракунии устувори корхонаҳо ва заминаи рушди содироти маҳсулот ба кишварҳои хориҷ ба ҳисоб мераванд. Тавре Мирсаидов А.Б. ишора мекунад: “Рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия омили асосии баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва самаранокии иқтисодиёти миллӣ буда, барои рушди устувори кишвар имкониятҳои васеъро фароҳам оварда, ба ҳалли мушкилоти муҳими иҷтимоиву иқтисодӣ мусоидат мекунад. Дар ин радиф, бо тақозои замон технологияи рақамӣ ҳамчун замина ва муҳарики рушди иқтисодии муосир имкон фароҳам меорад, ки дилхоҳ нафар дар масъалаи самаранокии фаъолияти худ бештар маълумотҳоро дастрас намояд”[4.56].

Бояд гуфт, ки технологияҳои рақамӣ маҷмӯи қарорҳои технологӣ ва иттилоотӣ буда, дар асоси коркарди додаҳо, барномаҳои махсуси худкор, интеллектуализатсияи равандҳо амал карда, дар истеҳсолот он тавассути системаҳои рақамии идоракунӣ, интеллектуалӣ, шабакаҳои иттилоотӣ ва таҳлилӣ татбиқ мегардад. Хусусияти асосии он коркарди амалҳо дар муддати кӯтоҳ, табдил додани маълумот ба захираҳои стратегии идоракунӣ ва ба низоми ягона даровадани коркарди амалҳо ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, яке аз омилҳои рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир ин ҷорӣ намудани инноватсия ва татбиқи технологияҳои рақамӣ дар корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб рафта, муҳимтарин омили афзоиш ин рушди инноватсионии субъектони хоҷагидорӣ мебошанд. Чуноне ки Муртазоев О.Қ. қайд менамояд: “Дар айни замон яке аз афзалиятҳои иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон суръат бахшидан ба рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳо мебошад. Муҳимтарин омили афзоиш рушди инноватсионии субъектҳои хоҷагидорӣ мебошад, ки бидуни рушди технологияҳои баланд ва ҷорӣ намудани коркардҳои инноватсионӣ дар саноат ғайриимкон аст”[5.7-14].

Дар масъалаи рушди иқтисоди миллӣ ва рушди истеҳсоли молу маҳсулот мо пештар низ дар мақолаҳои худ андешаҳои худро иброз доштаем, ки дар он ҷо ҷорӣ намудани инноватсия, алалхусус ворид ва истифодаи технологияҳои муосирро дар истеҳсолот афзал шуморидаем, чуноне ки қайд шуда буд: “Барои рушди истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ маҳз соҳибкорон бо ҷорӣ намудани инноватсия, алалхусус ворид ва истифодаи технологияҳои муосир, ҷалби мутахассисон ба кор ва идораи истеҳсолот метавонанд дар рушди босуботи иқтисоди миллӣ саҳм гузор гузоранд”[6.149-156].

Аз ин рӯ, барои тақвияти корҳо доир ба истифодаи самаранокии захираҳои истеҳсолии мавҷуда ва рушди иқтидори истеҳсолии кишвар, баланд бардоштани рақобатпазирию гуногуннавъии истеҳсолоти саноатӣ, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсолоти саноати коркард, афзоиш додани арзиши иловашудаи молҳои саноатӣ мо самтҳои асосии таъсиррасонии технологияҳои рақамиро чунин пешниҳод менамоем:

1. Автоматизатсияи равандҳои истеҳсолт, яке аз самтҳои муҳими таъсири технологияҳои рақамӣ автоматизатсияи равандҳо ба ҳисоб меравад. Истифодаи техника ва таҷҳизоти интелектуалӣ боиси:

- кам шудани меҳнати дастӣ;
- баланд шудани суръати истеҳсолот;
- паст шудани эҳтимоли хатоиҳои инсонӣ;
- афзоиши маҳсултнокии меҳнат ва устувории истеҳсолот;
- паст кардани хароҷот дар раванди истеҳсолот.

2. Идоракунии самаранокии захираҳои истеҳсолӣ, ин имкон медиҳад, ки системаи рақамикунонии идоракунӣ ҷорӣ гардад, истифодаи ашёи хом ва вақти корӣ оптималӣ карда шавад. Бо истифода аз барномаҳои рақамӣ корхонаҳои истеҳсолӣ метавонанд:

- назорати мунтазами сатҳи захираҳо ба роҳ монда мешавад;
- хароҷоти нолозима дар раванди кор ва истеҳсолот коҳиш дода мешавад;
- дар раванди истеҳсолот ва фаъолияти корӣ банақшагирии дақиқи истеҳсолот таъмин мегардад;

3. Баланд бардоштани сифати маҳсулот, дар ин раванд технологияҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки назорати сифат дар тамоми марҳилаҳои истеҳсолот анҷом дода шавад. Системаи мониторинг ва таҳлили маълумотҳои истеҳсолӣ ҷорӣ карда шуда, ба коҳиши нуқсонҳо ва афзоиши сифати ниҳоии маҳсулот оварда мерасонанд.

4. Интеллектуализатсияи равандҳои истеҳсолот, яъне ҷорӣ намудани технологияҳои зеҳнӣ ва рақамии пешрафта дар тамоми марҳилаҳои истеҳсолӣ, ки имкон медиҳад тамоми равандҳо худидорашаванда, худтанзимшаванда ва таҳлилгар гарданд. Ба ибораи соддатар, ин гузариш аз истеҳсоли оддӣ ва механикӣ ба истеҳсолоти “ақлнок” “Smart Production” мебошад.

Аз ин лиҳоз, дар доираи ҳадафҳои стратегӣ оид ба саноатикунонии босуръат барои таъмини рушди устувори кишвар мо бояд ба принсипҳои илман асоснокшудаи заминавии тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ ва ҷомеа, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оварда шудааст диққати аввалиндараҷа зоҳир намоем.

Тавре дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 равиши муназзами таҳияи стратегия ба се принсипи асосии рушди минбаъда нишон дода шудааст бояд ба назар гирифта шавад:

1. Превентивӣ (тадбирнокӣ), яъне пешгирии (коҳишдиҳии) осеб-пазирии рушди оянда;
2. Индустриалӣ, яъне баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ;
3. Инноватсионӣ, яъне рушд бар пояи навовариҳои фарогири ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар, асос ёфтааст [2.6].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади расидан ба рушди ниҳоии иқтисоди рақамӣ ва дар ин замина, таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ бо истифода аз ҳамаи имконияту сарчашмаҳои мавҷуда, дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкориро дар мадди аввал мегузорад. Зеро маҳз соҳибкор метавонад бо ворид намудани техника ва технологияҳои рақамӣ метавонад ба рушди ниҳоии истеҳсолот бирасад ва дар ин баробар барои беҳтар намудани фазои сармоягузории кишвар мусоидат менамояд.

Ин раванд боиси афзоиши маҳсулонокии меҳнат, беҳтар гардидани сифати маҳсулот, кам шудани хароҷоти истеҳсолӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мегардад. Дар чунин шароит, ҳамгироии сиёсати давлатӣ ва ташаббусҳои соҳибкорӣ заминаи устувор барои ташаккули иқтисоди рақамӣ, ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ ва таъмин намудани рушди дарозмуддати иқтисоди кишвар фароҳам меорад.

Дар шароити муосир, соҳибкорӣ ҳамчун субъекти асосии татбиқи технологияҳои рақамӣ ва интиқолдиҳандаи инноватсияҳои технологӣ баромад намуда, нақши калидӣ дар навсозии сохтории истеҳсолот ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ бозида, маҳз тавассути ҷорӣ намудани техника ва технологияҳои рақамии муосир аз ҷониби субъектони соҳибкорӣ инфрасохтори рақамӣ заминаи устувори худро фароҳам мегардонад.

Аз ин лиҳоз, нақши технологияҳои рақамӣ дар баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, фаъолияти пурсамари иқтисодии кишвар, талаботи инноватсионии истеҳсолот, сармояи инсонӣ афзалтар мебошад. Тавре С. Комилов ишора менамояд: “Рушди технологияҳои рақамӣ дар сатҳи соҳаҳо, истеҳсолот, корхонаҳо, минтақаҳо ва ҳукумати рақамӣ, инчунин ба имкониятҳои нави бозори меҳнат дар муҳити рақамии ҷаҳонӣ ва дар асоси он ташаккул додани самти инноватсионии шуғл такя менамояд”[3.76-83]. Албатта технлогияҳои рақамӣ ба рушди истеҳсолот, рушди корхонаҳо, ҳукумати рақамӣ, муҳити корӣ таъсири мусбат расонида, он равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоиро муайян менамояд.


Бо вуҷуди таъсири технологияҳои рақамӣ ба рушди самаранокии истеҳсолот мо нақши технологияҳои рақамиро дар соҳаҳои истеҳсолот чунин тасвир намудаем (ниг. Расми 1).



Расми 1. Нақши технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои истеҳсолот

Бояд гуфт, ки технологияҳои рақамӣ ҳамчун омили калидии навсозии сохторӣ ва функсионалии истеҳсолот баромад намуд, ба равандҳои истеҳсолӣ, оптимизатсияи истифодаи захираҳо, беҳтаргардонидани рақобатпазирӣ ва ба беҳтар гардидани сифати маҳсулоти истеҳсолшуда мусоидат менамояд. Дар натиҷаи ҷорӣ намудани он истеҳсолот аз шакли анъанавӣ ба моделҳои нав (муосир) гузашта, ба бозори муосир мутобиқ шуда, барои устувор гаштани равандҳои иқтисодии корхона ва барои рушди дарозмуддати соҳаи истеҳсолӣ мусоидаткунанда мебошад.

Дар мавриди рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ барои пешрафти истеҳсолот, инчунин, коҳиш додани харочот Қодиров Ф.А., андешаҳои хубро чунин иброз намудааст, ки қобили дастгирӣ мебошад: “Дар айни замон омилҳои калидии баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд истифодаи технологияҳои пешрафтаи истеҳсолӣ, оптимизатсия ва коҳиш додани харочот, инчунин таълим ва омодасозии касбии кормандон бошанд. Ҳамаи ин ба баланд шудани самаранокӣ ва фаъол гардидани фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ мусоидат намуда, дар натиҷа рақобатпазирии онҳоро афзоиш медиҳад”[5.93-101].



Расми 2. Нақшаи асоси институтсионалии таъмини рушди иқтисоди рақамиии саноат дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ

Лозим ба ёдоварист, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисодии миллӣ ҳафт самтҳои пешбурди иқтисоди рақамиро дар Паёми

соли 2024 зикр намуданд, ки аввалин самти он такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ мебошад. Ин самт ба таҳкими асосҳои ҳуқуқӣ, муайянсозии ҳуқуқу уҳададориҳои субъектҳои иқтисодӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои татбиқи технологияҳои рақамӣ равона мегардад. Дар робита ба ин, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стандартҳои милии рақамикунонии соҳаҳо ҳамчун қадами аввалини муҳими ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ ва фаъолиятҳои соҳибкорӣ барои ноил гардидан ба иқтисоди рақамӣ ва рушди устувори миллӣ хизмат мерасонад.

Мо дар баробари омӯзиши ҳамаҷонибаи татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои истеҳсолот асоси институтсионалии таъмини рушди иқтисоди рақамиии саноатро дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва баҳамоҳангсозии сохторҳои инноватсионӣ дар чунин шакл овардаем (ниг. расими 2).

Дар асоси расми мазкур фаҳмида мешавад, ки ҳар як институтҳо вазифаҳои худро бояд саривақти иҷро кунанд, зеро дар баробари иҷрои вазифаҳо метавон ояднаи кишваро ҳамчун давлати рушдёбанда ва аз лиҳози иқтисоди рақамӣ дар ҷаҳон давлати пешсаф арзёбӣ намуд. Бояд гуфт, ки асоси институтсионалӣ маҷмӯи қоидаҳо, ниҳодҳо, механизмҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ мебоҳад, ки фаъолияти иштирокчиёни иқтисодиро танзим намуда, барои рушди устувори иқтисоди рақамӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ, ин асос нақши калидӣ дошта, равандҳои рақамикунонии саноатро ҳамоҳанг месозад. Аз ин рӯ, ташаккули асоси институтсионалии муосир зарур аст, то ки рақамикунонӣ самаранок, идорашаванда ва устувор амалӣ гардад.

Хулоса, технологияҳои рақамӣ дар баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот танҳо бо таъсири институтсионалии муосир метавонад нақши калидӣ бибозад. Технологияҳои рақамӣ фаъолияти иштирокчиёни иқтисодиро мунтазам танзим ва барои рушди устувори он мусоидаткунанда буда, ҳамчун калиди функсионалии истеҳсолот, тақвияти равандҳои истеҳсолӣ ва барои беҳтар гардидани сифати маҳсулоти истеҳсолшуда равона мегардад.

Адабиёт

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохтлӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, ш. Душанбе, 28 декабри соли 2024. – С.37;
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе, 2016. – С. 103.
3. Консепсияи иқтисоди рақамӣ Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми январи соли 2019, №642;
4. Комилов, С. Ҷ. Асосҳои консептуалии рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар шароити рушди инноватсионӣ / С. Ҷ. Комилов, Р. Р. Аҳмадов // Иқтисодиёт ва савдо. – 2025. – No. 1(2). – P. 76-83;
5. Кодиров, Ф. А. Повышение конкурентоспособности промышленных предприятий в условиях смены технологического уклада: экосистемный подход / Ф. А. Кодиров // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2024. – Т. 2, № 4(44). – С. 93-101.
6. Мирсаидов, А. Б. Нақши иқтисоди рақамӣ ва фаъолияти инноватсионӣ дар амалисозии ҳадафҳои стратегии кишвар / А. Б. Мирсаидов, О. Муртазозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – No. 1(56);
7. Муртазоев, О. Қ. Идоракунии инноватсионии рушди корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / О. Қ. Муртазоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – No. 1(45). – P. 7-14;
8. Носирзода, Ҳ. С. Таъмини рушди устувори инноватсионии саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир / Ҳ. С. Носирзода, Н. С. Носиров // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 1(40). – P. 149-156.
9. Нусратзода, М. Н. Зарурати технологияи зеҳни сунъӣ дар табодули иқтисоди рақамӣ / М. Н. Нусратзода, Б. А. Сатторзода // Нақши зеҳни сунъӣ дар тақвияти зеҳни касбии мутахассисони ба бозори меҳнат рақобатпазири соҳаи таҳсилоти олӣ: Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, Душанбе, 21 февраля 2025 года. – Душанбе: Донишгохи технологии Точикистон, 2025. – P. 18-25.

Маълумот дар бораи муаллиф | **Сведения об авторе** | **About the author**

Носирзода Ҳусейни Саъдулло-Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.и, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: nosirzoda.0707@mail.ru. Телефон: 903-03-30-35

Муминзода Сабурҷон Маҳмад-магистранти курси 2-юми ихтисоси 1-25010401, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯчаи Нахимов, 64/14.

Носирзода Хусейни Саъдулло-Таджикский государственный университет финансов и экономики, к.э.н., старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. E-mail: nosirzoda.0707@mail.ru.Телефон: +992 903-03-30-35.

Муминзода Сабуржон Махмад-магистрант 2-го курса специальность 1-25010401, Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.

Nosirzoda Husseyni Sa'dullo-Tajik State University of Finance and Economics, PhD in Economics, Senior Lecturer at the Department of Accounting. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. E-mail: nosirzoda.0707@mail.ru.Phone: +992 903-03-30-35.

Muminzoda Saburjon Makhmad-second-year master's student in specialty 1-25010401, at the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 64/14 Nakhimov Street, Dushanbe, 734067, Republic of Tajikistan.

УДК: 338

САҲМИ СОҲАИ САНОАТ ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ

Мирзоева М.У.
Тоҷибоева М.Н.
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд
Насриддинов М.И.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар рафти таълифоти мақолаи мазкур оид ба саҳми соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои шуғлӣ аҳолӣ аз Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияҳо ва барномаҳо вобаста ба рушди шуғли аҳолии ҷумҳурӣ маълумот гирд оварда, таҳлилҳои муфид гузаронида шудааст. Шуғли аҳолӣ дар соҳаи саноат аксар вақт таҳлили шароитҳоеро дар бар мегирад, ки барои таъмини захираҳои меҳнатӣ ва рушди он заруранд. Қайд менамоем, ки яке аз ҳадафҳои стратегие, ки дар СМР-2030 дарҷ гардидааст, зарурати таъмин ва тавсеаи шуғли пурмаҳсул дар кишвар бо афзоиши шуғли расмӣ ва маҳсулнокии меҳнат, сатҳи муносиби музди меҳнат, инчунин шароити бехатари кор ба ҳисоб меравад. Мақола ба омӯзиши нақш ва ҷои ҳавасмандгардонӣ дар баланд бардоштани шуғли пурмаҳсул дар корхонаҳои саноатӣ бахшида шудааст. Дар рафти таҳлил мафҳумҳо ва назарияҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ низ дар ин самт мавриди омӯзиш ва истифода қарор гардида, усулҳои самарабахши баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат муайян карда шудаст.

Калидвожаҳо: аҳолӣ, шуғли пурмаҳсул, саноатикунонӣ, захираҳои меҳнатӣ, сатҳи зиндагии аҳолӣ, соҳаи саноат, маҳсулоти саноатӣ, аҳолии машғул, ҳосилнокии меҳнат, рушд.
Барои иқтибос: Мирзоева, М. У. Саҳми соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ / М. У. Мирзоева, М. Н. Эмомов, М. И. Насриддинов // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 206-213.

ВКЛАД ПРОМЫШЛЕННОГО СЕКТОРА В РЕШЕНИЕ ПРОБЛЕМ ЗАНЯТОСТИ

Мирзоева М.У.
Тоджибоева М.Н.
Политехнический Институт Таджикского технического Университета имени академика М.С. Осими в городе Худжанд
Насриддинов М.И.
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан

Аннотация. В ходе написания статьи о вкладе промышленного сектора в решение вопросов занятости населения нами была собрана информация из Национальной стратегии развития Республики Таджикистан, Концепций и программ, касающихся развития занятости населения в республике, а также проведены полезные анализы. Продуктивная занятость в промышленности часто предполагает анализ условий, необходимых для обеспечения наличия и развития трудовых ресурсов. Мы предполагаем, что одной из Стратегических целей, заложенных в НСР-2030, является необходимость обеспечения и расширения продуктивной занятости в стране за счет повышения формальной занятости и производительности труда, обеспечения достойной оплаты труда, а также безопасных условий труда. Статья посвящена исследованию роли и места стимулирования в повышении продуктивной занятости на промышленных предприятиях. В ходе анализа нами также были изучены и использованы теории зарубежных и отечественных ученых в данной области, а также выявлены эффективные методы повышения производительности труда.

Ключевые слова: население, продуктивная занятость, промышленность, трудовые ресурсы, уровень жизни населения, отрасль промышленности, промышленная продукция, занятие население, производительность труда, развитие.

THE CONTRIBUTION OF THE INDUSTRIAL SECTOR IN SOLVING EMPLOYMENT PROBLEMS

Mirzoeva M.U.
Tojiboeva M.N.
Polytechnic Institute of Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi in Khujand
Nasredinov M.I.

Annotation. In writing this article about the industrial sector's contribution to employment, we collected information from the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan, Concepts and programs related to employment development in the country, and conducted useful analyses.
Productive employment in industry often requires an analysis of the conditions necessary to ensure the availability and development of labor resources. We suggest that one of the Strategic Goals set forth in the NDS-2030 is the need to ensure and expand productive employment in the country by increasing formal employment and labor productivity, ensuring decent wages, and safe working conditions.in the country by increasing formal employment and labor productivity, ensuring decent wages, and safe working conditions. This article examines the role and place of incentives in increasing productive employment in industrial enterprises. During our analysis, we also examined and utilized the theories of foreign and domestic scholars in this field, and identified effective methods for increasing labor productivity.
Key words: population, productive employment, industry, labor force, standard of living, industry sector, industrial output, population occupation, labor productivity, development.

Гузориши масъала. Вусъати шуғли маҳсулнок дар баробари ҳадафҳои рушди миллӣ мавқеи стратегӣ дорад. Дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 вусъати шуғли маҳсулнок ба сифати ҳадафи чоруми рушди миллӣ эълон гардида, баъдтар дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 декабри соли 2018 “саноатикунонии босуръат” ҳадафи чоруми рушди миллӣ эълон карда шуд. Бояд таъкид намуд, ки вусъати шуғли маҳсулнок аз низоми ҳадафҳои рушд берун намонда, вобаста ба татбиқи он “Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040” таҳия ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 майи соли 2022, №263 тасдиқ карда шуд.

Дар Консепсияи мазкур яке аз соҳаҳои асосие, ки дар он бояд шуғли маҳсулнок вусъат дода шавад, соҳаи саноат пешбинӣ шудааст. Муҳиммияти рушди саноат на танҳо аз нигоҳи тавсеаи шуғли маҳсулнок, ҳамчунин аз нигоҳи татбиқи ҳадафи чоруми рушди миллӣ - саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар низ мубрамияти хос дорад. “Татбиқи вазифаҳои стратегӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт заминаҳои моддиро барои шуғли пурмаҳсул, диверсификатсияи истеҳсолот ва содирот фароҳам оварда, дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро барои ҳама табақаҳои аҳолӣ баланд мебардорад, ки мустақиман ба дараҷаи амалисозии тамоми вазифаҳои Ҳадафҳои рушди устувор дар Тоҷикистон алоқаманд аст” [3]: дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 чунин зикр шудааст.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Ба омузиши муаммоҳои кадрҳо як катор асарҳои илмӣ бахшида шудаанд. Э.Щейн, Р.Рафигли, Г.Мартин, ва С.Хетрик муҳаққиқони хориҷӣ оид ба инъикоси масъалаҳои ташаккул ва татбиқи захираҳои инсонӣ дар шароити рушди идоракунии кадрҳо ва таъмини рушди инсонӣ, моҳияти иқтисодӣ ва принсипҳои ташаккули захиаҳои инсонӣ, саҳми арзанда гузоштаанд. Инчунин аз олимони ватанӣ оид ба ин масъала рушди нерӯи инсонӣ ва иқтидории иқтисодӣ, нақши афзалиятноки ин омил дар баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди ватанӣ назарияҳои гуногун вуҷуд дорад.

Ба андешаи Э.Шейн захираҳои инсонӣ муҳимтарин дороии ширкат дар рақобат мебошад, ки ба таъмини рушд ва ҳавасмандии одамон барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии ташкилот нигаронида шудааст.

Г.Мартин ва С.Хетрик принсипҳои ташаккули захираҳои кадриро таҳлил намуда, зарурати фароҳам овардани шароитро барои истифода ва татбиқи минбаъдаи ин неруҳо бо роҳи баланд бардоштани савияи маърифати меҳнаткашон, мунтазам ҳавасманд кардани дониш ва малака медонанд.

З.С. Варналия, бошад захираҳои инсониро асоси демографии ташаккули иқтидори кадрии кишвар меноманд. Ба андешаи муҳаккик захираҳои инсонӣ аз рӯи шумораи умумии аҳолӣ, тарзи таъсиси он, сохтори ҷинсият ва синну сол, хусусиятҳои низоми аҳолинишин, сатҳи урбанизатсия, сатҳи маълумот ва тахассуси касбӣ, даромад ва хароҷот, сатҳи зиндагии аҳолӣ, таъмини имкониятхои иҷтимоиро ташкил медиҳад.

Аз ҷониби олимони ватанӣ Ҷабборов А., Саидмуродов Л.Х., Умаров Ҳ., Қодиров Д.Б., Комилов С.Ҷ., Раҷабов Р.К., Амонова Д.С., ҷанбаҳои назариявӣ-методологии соҳаи таъминнокии захираҳои кадрӣ ва таъсири он ба муҳити инноватсионӣ, масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ дар адабиёт назарияҳо вуҷуд доранд.

Ҷадвали 1. - Шарҳи мафҳумҳо

Муҳаққиқон	Мазмун
Эдгар Шейн [Бессмертная, 2022, 23].	“захираҳои инсонӣ муҳимтарин дороии ширкат дар рақобат мебошад, ки ба таъмини рушд ва ҳавасмандии одамон барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии ташкилот нигаронида шудааст”.
З.С. Варналия, [Дашко, 2022, 66].	“захираҳои инсониро асоси демографии ташаккули иқтидори кадрии кишвар буда, захираҳои инсонӣ аз рӯи шумораи умумии аҳолӣ, тарзи таъсиси он, сохтори ҷинсият ва синну сол, хусусиятҳои низоми аҳолинишин, сатҳи урбанизатсия, сатҳи маълумот ва тахассуси касбӣ, даромад ва хароҷот, сатҳи зиндагии аҳолӣ, таъмини имкониятхои иҷтимоӣ”
В.В. Смагина	«потенсиал» маънои, аввалан, мавҷудияти захираҳо; дуюм, нигоҳ доштани ҳолати ғайриимкони онҳо дар лаҳзаи муайян; сеюм, имконияти дар оянда истифода бурдани онхо, ки ба омилҳои фаъолияти субъекти соҳибкорӣ таъсир мерасонад”.
Комилов С.Ҷ.	“шуғл раванди мушаххаси иқтисодиро дар ҷои кор тавсиф мекунад”.
А. Ҷабборов	“омили калидии таъмини шуғли маҳсулнок ва сатҳи баланди зист дар шароити муосир ин дониш, малака ва сатҳи баланди омодагии касбии захираҳои меҳнатӣ мебошад”

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Мақсади мақола ин - омӯзиши саҳми соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ маҳсуб меёбад.

Муҳтавои асосии мавод. Дар асоси талаботи «Конвенсияи Созмони Байналмилалии Меҳнат дар бораи мусоидат ба шуғл ва ҳифз аз бекорӣ» мафҳуми «шуғли пурмаҳсул» ин фаъолиятест, ки ба даст овардани даромадро дар шакли музди меҳнат ё ин ки фоида аз соҳибкорӣ дар раванди истеҳсоли молҳо, пешниҳоди хизматрасониҳо ва монанди инҳо таъмин мекунад. Шуғли пурмаҳсул масъалаҳои пайвасти суръати рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, масъалаҳои ҳифзи манфиат ва ҳуқуқҳои кормандон ва ҳамчунин омили муҳимму самаранокро дар роҳи баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар дар бар мегирад. Бо мақсади таъмини диверсификатсияи иқтисодиёт, рушди потенсиали инноватсионии он ва рушди соҳаҳои коркард ва технологияҳои баланд, тиҷоратикунонии коркарди илмии дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ рақобатпазирии Стратегияи соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия карда шуд. Рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сатҳи рушди саноат алоқамандии зич дорад, ки саҳми соҳаҳоро дар таъмини рушди инноватсионии иқтисодӣ объективона инъикос мекунад. Таъмини шуғли пурмаҳсул дар Тоҷикистон ба афзоиши истеъмолот, пасандозҳо ва сармоягузориҳо мусоидат мекунад.

Дурнамои нишондиҳандаҳои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2025 давоми солҳои 2023-2025 тавассути мусоидати бевоситаи мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 516,3 ҳазор шаҳрванд ба шуғл ҷалб гардида, аз ин шумора 210,0 ҳазор нафар дар корхонаю ташкилот бо кор таъмин карда мешаванд. Мутобиқи дурнамои нишондиҳандаҳои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2025 дар давоми солҳои 2023-2025 дар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар маҷмӯан 707,7 ҳазор, аз ҷумла, дар бахши воқеии иқтисодиёт 421,8 ҳазор (59,6%) ва дар бахши хизматрасонӣ бошад 285,9 ҳазор (40,4%) ҷойҳои нави корӣ таъсис дода мешаванд. 1 январи соли 2022 дар кишвар зиёда аз 30 ҳазор корхона фаъолияти худро оғоз намудаанд. Дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ шудааст, ки то соли 2030 иқтидори тайёркунии мутахассисон дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна бояд қариб се баробар афзуда, на камтар аз 220 ҳазор нафар ҷавонони 15-24-соларо бо таҳсил фаро гирад [1].

Дар ҳама давру замон заминаи асосии рушди иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишвар соҳаи саноат ба ҳисоб рафта инкишофи ин соҳа вазифаи аввалиндараҷаи давлату ҳукумат ба ҳисоб меравад. Соҳаи саноат дар иқтисодиёти ҳар як кишвар нақши муҳим дорад, зеро рушди соҳаи саноат дар таъмини иқтидори захиравии иқтисодиёт ва равандҳои такрористеҳсоли он, фароҳамсозии

устувори иҷтимоӣ, ҳамчунин баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ саҳми босазо мегузорад.

Масъалаҳои самаранок истифода бурдани иқтидорҳои саноатии кишвар ва ҳарчи бештар ҷорӣ намудани технологияҳои нави истеҳсолоти саноатӣ, баланд бардоштани сифати маҳсулоти саноатӣ, хароҷоти барзиёд ва самаранок истифода бурдани захираҳо, пайваста аз ҷониби ҳукумати мамлакат мавриди таввақуҳ қарор дорад.

"...ноил шудан ба ҳадафи миллии саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғояҳо, роҳҳои ҳал ва равишҳои нав, инчунин роҳҳои нави ташкил ва ҳамкорӣ дар фаъолиятҳои инноватсионӣ ниёз дорад. Дар ин замина, навоварӣ ва рақамикунонӣ қариб дар ҳама бахшҳои иқтисодиёт, бахусус дар саноат, нақши рӯзафзун мебозанд" [8].

Таъмини рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ, афзун намудани табақаи миёнаҳол ва ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба баланд бардоштани соҳаи саноат ва беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар мебошад. Барои расидан ба ҳадафи стратегии кишвар – саноатикунонии босуръат ва вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул, ки талаботи рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад ба роҳ мондани тадқиқотҳои илмӣ дар самтҳои ҷустуҷӯ ва иктишофи рушди саноат, саноати маъдан, металлургия, сабуку хӯрокворӣ, соҳаҳои саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкуанда, дар шароити индустриалӣ ва инноватсионӣ зарур мебошад. Бояд қайд намуд, ки вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул барои сохтмони корхонаҳои хурду азим ва ба истифода додани онҳо дар мамлакат заминаи устувор мегузорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 қайд кард, ки «... бо дарназардошти аҳамияти соҳа дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ, ман пешниҳод мекунам, ки индустриализатсияи (саноатикунонии) босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон кунам" [7, с. 13].

Бояд зикр намуд, ки дар даҳсолаҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ ҶШС Тоҷикистон ба яке аз ҷумҳуриҳои саноатӣ – аграрӣ табдил ёфта буд. Дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ нисбат ба маҳсулоти кишоварзӣ зиёд буд. Соли 1991 шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ дар ҶШС Тоҷикистон ба 2308 адад мерасид. Шумораи миёнасолонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ 215,4 ҳаз. нафарро ташкил медод, ки ба ҳар як корхонаи саноатӣ 93,3 нафар корманд рост меомад. Аз миқдори умумии корхонаҳои саноатӣ дар ҶШС Тоҷикистон 425 аддаш корхонаҳои нисбатан калон буда, аз онҳо 207 корхонаҳои саноати вазнин ва 119 аддашон корхонаҳои саноати сабук буданд [5].

Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои рушди корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2024

Нишондиҳандаҳо	***2017***	***2018***	***2019***	***2020***	***2021***	***2022***	***2023***	***2024***
Шумораи корхонаҳои саноатӣ, воҳид	1999	2161	2164	2283	2397	2802	3453	3779
Афзоиш нисбат ба соли 2017, %	100,0	108,1	108,3	114,2	119,9	140,0	172,7	189,5
Афзоиши солона, %	100,0	108,1	100,1	105,5	105,0	116,9	123,0	125,0

Манбаъ: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2024. –С.9.

Дар давраи зери таҳқиқот қароргирифта таи солҳои 2017-2024 шумораи корхонаҳои саноатӣ аз 1999 адад то 3779 адад расидааст, ки нисбатан 1780 адад, ё 89,5 % зиёд аст. Ҳар сол ба ҳисоби миёна қариб 254 адад корхонаҳои нав арзи вуҷуд кардаанд (ҷадвали 1).

Ба ҳар як корхонаи саноатӣ 25,3 нафар корманд рост меояд, ки нисбат ба соли 1991-ум 27,1 %-ро ташкил медиҳад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ дар сохтори аҳолии машғулин дар иқтисодиёт аз 3,7 фоизи соли 2017 дар солҳои минбаъда то 2,7% коҳиш ёфта, дар соли 2024 ба 3,7 % баробар гашт (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. - Ҳиссаи кормандони соҳаи саноат дар сохтори аҳолии машғул Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2024

Нишондиҳандаҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024
Аҳолии машғулин, ҳаз. нафар	2407	2426	3007	3028	3066	3154	2627,2	2752,9
Афзоиш нисбат ба соли 2017, %	100,0	100,8	124,9	125,8	127,4	131,0	109,1	114,3
Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ, ҳазор нафар	86,8	85,6	84,2	84,3	85,3	86,3	87,5	92,8
Афзоиш нисбат ба соли 2017, %	100,0	98,6	97,0	97,1	98,3	99,4	100,8	106,9
Ҳисса дар аҳолии машғулин, %	3,6	3,5	2,8	2,8	2,8	2,7	3,3	3,7

Манбаъ: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. –С.9.

Ин рақам аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар шароити надидани чораҳои зарурӣ Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040» аз 28 майи соли 2022, №263, ки самти асосиаш афзоиши шуғл дар соҳаи саноат ба ҳисоб меравад, зеро маҳсулнокии меҳнат дар ин соҳа бештар аст. Агар дар соҳаи саноат ба як одам/соат дар соли 2023-ум 257,46 сомонӣ маҳсулот истеҳсол шуда бошад, пас дар соҳаи кишоварзӣ ин нишондиҳанда ба 16,3 сомонӣ баробар аст. Дар соҳаи кишоварзӣ машғул будани 63,2% захираҳои меҳнатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳалталаб боқӣ мемонад [2].

Дигар нишондиҳандаи сифатии талқинкунандаи рушди саноат, вазъи ҳосилнокии меҳнат дар соҳа мебошад. Маҳз ҳосилнокии меҳнат нишон медиҳад, ки нерӯи кадрӣ дар соҳа самаранок истифода мешавад ё не.

Таҳлили вазъи ҳосилнокии меҳнат дар солҳои 2017-2024 аз он далолат менамояд, ин нишондиҳанда дар ҳолати рушд қарор дорад. Дар соли 2024 ба як нафар шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ 535,5 ҳаз. сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба соли 2017-ум 261,1 ҳаз. сомонӣ, ё 95,2% зиёд аст. Ба ҳисоби миёна дар як сол ҳосилнокии меҳнат 13,6% афзудааст, ки нишондиҳандаи умедбахш ба ҳисоб меравад (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3. - Вазъи ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2024

Нишондиҳандаҳо	*2017*	*2018*	*2019*	*2020*	*2021*	*2022*	*2023*	*2024*
Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои с.2024, млн. сомонӣ	23815	25236	28567	31081	37546	41187	44894	53873
Афзоиш нисбат ба соли 2017, %	100,0	106,0	119,9	1302,5	157,6	188,5	196,8	226,2
Афзоиши солона, %	100,0	106,0	113,2	108,8	120,8	109,7	109,0	120,0
Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ, ҳазор нафар	86,8	85,6	84,2	84,3	85,3	86,3	87,5	92,8
Афзоиш нисбат ба соли 2017, %	100,0	98,6	97,0	97,1	98,3	99,4	100,8	106,9
Афзоиши солона, %	100,0	98,6	98,4	100,1	101,2	101,2	101,4	101,3
аз он коргарон	73,8	72,1	73,2	67,7	68,3	71,2	72,2	75,9
Афзоиш нисбат ба соли 2017, %	100,0	97,7	99,2	91,7	92,5	96,5	97,8	102,8
Афзоиши солона, %	100,0	97,7	101,5	92,5	100,8	104,2	101,4	105,1
Ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи саноат, ҳаз. сомонӣ	274,4	307,7	354,1	384,8	459,4	498,0	535,5	624,1

Афзоиш нисбат ба соли 2017, %	100,0	112,1	129,0	140,2	167,4	181,5	195,2	227,4
Афзоиши солона, %	100,0	112,1	115,1	108,7	119,4	108,4	107,5	109,3

Манбаъ: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. –С.9.

Президенти кишвар, Э.Раҳмон қайд намудаанд, ки “Соҳаи саноат ва инноватсия яке аз манбаъҳои муҳимтарини рушди минбаъдаи кишвар ба ҳисоб рафта, пешрафти он имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ пайдо гардида, барои аҳолӣ ҷойҳои нави корӣ фароҳам оварда шаванд” [6].

Вале, нишодиҳандаи нигаронкунанда комилан кам шудани шумораи коргарон ба ҳисоб меравад, ки дар ин давра 1,6 ҳазор нафар, ё 2,2% кам шудааст. Афзоиши шумораи кормандони саноатӣ аз ҳисоби кормандони дастгоҳҳои идоракунанда афзош ёфтааст. Агар дар соли 2017 ҳиссаи шумораи коргарон дар сохтори кормандони соҳаи саноат 13,0 ҳаз. нафар, ё 15%-ро ташкил карда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 64,4 ҳазор нафар ё 15 %-ро ташкил намуд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки рушди саноат натавонист вазифаи стратегии тавлиди ҷойҳои нави кориро амалӣ созад.

Дар Паёми навбатии худ 28 декабри соли 2023 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон” қайд намуданд, ки то давраи соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22% расонида шавад” [6].

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки аллакай дар солҳои 2021-2024 ҳиссаи саноат дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 23,0% гузашта буд. Мутаассифона дар солҳои 2022-ум 0,3 банди фоизӣ ва соли 2024 якбора ба 16,9% коҳиш ёфтааст (ҷадвали 4).

Ҷадвали 4. - Ҳиссаи соҳаи саноат дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар солҳои 2017-2024,%

Нишондиҳандаҳо	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024
Маҳсулоти умумии дохилӣ, млн. сомонӣ (бо нархҳои ҷорӣ)	64434,3	71059,2	79109,8	83958,3	101076,3	118181,7	132781,9	153402,2
Ҳиссаи саноат дар маҳсулоти умумии дохилӣ, ба ҳисоби фоиз	19,9	21,2	21,2	23,1	23,8	23,5	22,4	16,9

Манбаъ: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. –С.23.

Дар индикаторҳои СМР-2030 низ ҳиссаи соҳаи саноат дар сохтори ММД аз руи сенарияи индустриалӣ дар соли 2020-ум 12,5-13,2% ва аз рӯи сенарияи индустриалӣ-инноватсионӣ 13-13,5%, дар соли 2025 мутаносибан 16 ва 16-16,5% ва дар соли 2030 мутаносибан 20-20,5 ва 20-21% пешбинӣ карда шуда буд [3]. Нишондиҳандаҳои соли 2024-юми ҷадвал аз он гувоҳӣ медиҳад, иҷрои вазифаҳои стратегӣ дар ҳолати иҷронашавандагӣ қарор дорад, ҳол он ки иқдоми саноатикунонии мамлакат, яъне аз давлати аграрӣ ба индустриалӣ-аграрӣ мубаддал гардондани Тоҷикистон ба таври назаррас дар амал татбиқ мешавад.

Рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сатҳи рушди саноат алоқамандии зич дорад, ки саҳми соҳаҳоро дар таъмини рушди инноватсионии иқтисодӣ объективона инъикос мекунад. Бо мақсади таъмини диверсификатсияи иқтисодиёт, рушди потенсиали инноватсионии он ва рушди соҳаҳои коркард ва технологияҳои баланд, тиҷоратикунонии коркарди илмии дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ рақобатпазири Стратегияи соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия карда шуд.

Инчунин қайд кардан ба маврид аст, ки рушди минбаъдаи саноат дар доираи барномаҳои соҳавӣ, аз ҷумла “Консепсияи рушди соҳаи ангишт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040”, «Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025», «Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» «Барномаи рушди саноати хӯрокворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025», «Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-

2020», «Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014 - 2020», «Дар бораи рушди қолинбофии дастӣ ва дигар ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба роҳ монда шудааст. Илова бар ин ҳангоми амалишавии барномаҳои мазкур бо дар назар доштани ташкили корхонаву коргоҳҳои нав ва воридоти хатҳои нави технологӣ дар корхонаҳои мавҷуда, таъсиси зиёда аз 6400 ҷойи корӣ нав дар назар дошта шудааст.

Хулоса. Таҳқиқи саҳми соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ, имконият дод, ки чунин хулосабарорӣ намоем.

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои давлатии таъмини шуғли пурмаҳсул қабул гардида иҷрои онҳо метавонад ҳиҷрати захираҳои меҳнатиро ба хориҷи кишвар боз дошта, самаранок истифода бурдани қуввaҳои кориро таъмин намояд. Хусусан “Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040” баёнгари сиёсати кадрии Ҳукумат арзёбӣ мегардад.

2. Мутаассифона афзоиши шумораи корхонаҳои саноатӣ дар солҳои 2017-2024 натавонист афзоиши шумораи машғулинро дар соҳаи саноат таъмин намояд, зеро дар ин давра шумораи коргарон 2,2% коҳиш ёфт. Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ дар сохтори аҳолии машғулин дар иқтисодиёт аз 3,7 фоизи соли 2017 то 3,3% дар соли 2023 кам шуд.

3. Аз ҳисоби афзоиши шумораи машғулин дар соҳаи кишоварзӣ таъмин намудани вазифаҳои стратегии шуғли пурмаҳсул қобили қабул нест, зеро ҳосилнокии меҳнат дар ин соҳа нисбат ба соҳаи саноат 15,8 маротиба камтар аст.

4. Вазифаи асосии саноатикунонии босуръат иҷрои вазифаҳои стратегии то соли 2030 ба 22% расонидани ҳиссаи он дар сохтори Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ мебошад. Бо назардошти он, ки дар соли 2025 он ба 24% омада расидааст дидани чораҳои бетаъхирро тақозо менамояд.

Татбиқи босамари ислоҳоти иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои охир имкон дод, ки рушди устувори саноати кишвар таъмин гардида, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шаванд. Аммо, ба дастовардҳои мазкур нигоҳ накарда, барои беҳтар гардидани соҳаи саноати мамлакат баҳри ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои назарраси ҳадафи чоруми стратегии мамлакат, инчунин ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз ҷумла барои тибқи барномаи индустралию инноватсионӣ расонидани ҳиссаи саноат ба 30% дар ММД бояд аз ҷониби сохторҳои давлатӣ тадбирҳои зарурӣро роҳандозӣ ва амалӣ карда шавад. Таҳлилҳои омори нишон доданд, ки то соли 2025 ҳиссаи саноат дар ММД ба 24% расид, ки ин пешравӣ мувофиқи ҳадафҳои гузошташуда мебошад.

Адабиёт

1. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ- декабри соли 2024. –284с.
2. Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2040» аз 28 майи соли 2022, №263.
3. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 104с.
4. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. –89с.
5. Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2021. –С.397.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”. Душанбе, 28.12.2023. -63с.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”. Душанбе, 26.12.2018. -60с.
8. Хамроев, М. И. Некоторые вопросы разработки и реализации инновационных проектов на промышленных предприятиях / М. И. Хамроев // Финансово-экономический вестник. – 2023. – № 4-2(39). – С. 185-191. – EDN AVKCZT.

Маълумот дар бораи муаллифон	Сведения об авторах	About the authors
Мирзоева М.У.-н.и.и., дотсенти кафедраи идораи	**Мирзоева М.У.**-к.э.н., доцент кафедры финансовое управление	**Mirzoeva M.U.**-PhD in Economics, Associate Professor,

молияи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд. Суроға: 735700 ш. Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 226.

Тоҷибоева М.Н.- н.и.и., дотсенти кафедраи идораи молияи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд. Суроға: 735700 ш. Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 226.

Насриддинов Муҳаммадҷон Исматуллоевич-унвонҷуи кафедраи идораи молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Политехнического института Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими в городе Худжанд. Адрес: 735700, г. Худжанд, проспект Исмоили Сомони, 226.

Тоджибоева М.Н.- к.э.н., доцент кафедры финансовое управление Политехнического института Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими в городе Худжанд. Адрес: 735700, г. Худжанд, проспект Исмоили Сомони, 226.

Насриддинов Мухаммадджон Исматуллоевич-соискатель кафедры управления государственными финансами и цифровой экономики Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.

Department of Financial Management, Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi in Khujand. Address: 735700, Khujand, Ismoili Somoni Avenue, 226.

Tojiboeva M.N.-PhD in Economics, Associate Professor, Department of Financial Management, Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi in Khujand. Address: 226 Ismoili Somoni Avenue, Khujand, 735700.

Nasredinov Muhammadjon Ismatulloevich-PhD candidate, Department of Public Finance Management and Digital Economy, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.

УДК: 338

ИССЛЕДОВАНИЕ ВЛИЯНИЯ СТИЛЯ РУКОВОДСТВА НА ЭФФЕКТИВНОСТЬ КОМАНДНОГО ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ

Лю Хонгбо
Таджикский педагогический институт в городе Пенджикент

Аннотация. В современном организационном управлении эффективность командной работы является ключевым фактором, определяющим конкурентоспособность организации. Стиль лидерства, как основной фактор функционирования команды, оказывает глубокое влияние на качество и эффективность командной работы. В данной статье рассматриваются механизмы влияния стиля лидерства на эффективность командной работы, в частности, изучается дифференцированное влияние демократического, трансформационного и ориентированного на служение стилей лидерства на командную коммуникацию, сплоченность и управление конфликтами. На основе обзора литературы, анкетирования, тематических исследований и статистического анализа, а также результатов последних отечественных и международных исследований, была построена модель корреляции между стилем лидерства и эффективностью командной работы.

Результаты показывают, что демократическое лидерство повышает эффективность командной коммуникации за счет усиления обмена информацией, трансформационное лидерство укрепляет сплоченность команды за счет формирования видения, а ориентированное на служение лидерство оптимизирует управление конфликтами за счет ресурсной поддержки. Различные стили лидерства по-разному адаптируются к различным командным условиям, и динамическая корректировка стиля лидерства вносит значительный вклад в устойчивое повышение эффективности командной работы. Это исследование не только обогащает междисциплинарные исследования динамики команды и теории лидерства, но и предоставляет практические рекомендации для руководителей организаций по выбору и оптимизации стилей лидерства на основе характеристик команды.

Ключевые слова: стиль лидерства, эффективность командной работы, командная коммуникация, сплоченность команды, управление конфликтами, конкурентоспособность, эффективность, организация.

Для цитирования: Лю, Х. Исследование влияния стиля руководства на эффективность командного взаимодействия / Х. Лю // Финансово-экономический вестник. – 2026. – № 1. – С. 214-224.

RESEARCH ON THE INFLUENCE OF LEADERSHIP STYLE ON THE EFFECTIVENESS OF TEAM INTERACTION

Liu Hongbo
Tajik Pedagogical Institute in Panjakent

Annotation. In modern organizational management, the effectiveness of teamwork is a key factor determining an organization's competitiveness. Leadership style, as a primary factor in team functioning, exerts a profound influence on the quality and efficiency of teamwork. This article examines the mechanisms of leadership style's influence on teamwork effectiveness, specifically exploring the differentiated impact of democratic, transformational, and servant leadership styles on team communication, cohesion, and conflict management. Based on a literature review, questionnaires, case studies, and statistical analysis, as well as the results of recent domestic and international research, a model of the correlation between leadership style and teamwork effectiveness was constructed.

The results show that democratic leadership improves the effectiveness of team communication by enhancing information exchange, transformational leadership strengthens team cohesion by shaping a vision, and servant leadership optimizes conflict management through resource support. Different leadership styles adapt differently to various team environments, and the dynamic adjustment of leadership style contributes significantly to the sustainable improvement of teamwork effectiveness. This research not only enriches interdisciplinary studies of team dynamics and leadership theory but also provides practical recommendations for organizational leaders on selecting and optimizing leadership styles based on team characteristics.

Keywords: leadership style; teamwork effectiveness; team communication; team cohesion; conflict management, competitiveness, efficiency, organization.

ТАҲҚИҚИ ТАЪСИРИ УСЛУБИ РОҲБАРӢ БА САМАРАНОКИИ ҲАМКОРИИ ГУРӮҲӢ

Лю Хонгбо
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш. Панҷакент

Аннотатсия. Дар идоракунии ташкилии муосир самаранокии кори гурӯҳӣ омили калидиест, ки рақобатпазирии ташкилотро муайян мекунад. Услуби пешвоӣ (лидерӣ), ҳамчун омили асосии фаъолияти гурӯҳ, ба сифат ва самаранокии кори гурӯҳӣ таъсири амиқ мерасонад. Дар ин мақола механизмҳои таъсири услуби пешвоӣ ба самаранокии кори гурӯҳӣ баррасӣ шуда, аз ҷумла таъсири тафриқавии услубҳои демократӣ, трансформатсионӣ ва ба хидмат нигаронидашуда ба муошират гурӯҳӣ, муттаҳидӣ ва идоракунии низоъҳо омӯхта мешавад. Дар асоси баррасии адабиёт, пурсишномаҳо, омӯзиши мисолҳои мушаххас ва таҳлили оморӣ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти охирини дохилӣ ва байналмилалӣ, модели вобастагии байни услуби пешвоӣ ва самаранокии кори гурӯҳӣ сохта шуд.
Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки пешвоии демократӣ самаранокии муошират гурӯҳиро тавассути тақвияти мубодилаи иттилоот афзоиш медиҳад, пешвоии трансформатсионӣ муттаҳидии гурӯҳро тавассути ташаккули дидгоҳ (vision) мустаҳкам мекунад ва пешвоии ба хидмат нигаронидашуда идоракунии низоъҳоро тавассути дастгирии захиравӣ оптимизатсия менамояд. Услубҳои гуногуни пешвоӣ ба шароитҳои гуногуни гурӯҳӣ ба таври гуногун мутобиқ мешаванд ва ислоҳи динамикии услуби пешвоӣ дар баланд бардоштани устувори самаранокии кори гурӯҳӣ саҳми назаррас мегузорад. Ин таҳқиқот на танҳо таҳқиқоти байнисоҳавии динамикаи гурӯҳ ва назарияи пешвоиро бой мегардонад, балки инчунин барои роҳбарони ташкилотҳо оид ба интихоб ва оптимизатсияи услубҳои роҳбарӣ дар асоси хусусиятҳои гурӯҳ тавсияҳои амалӣ пешниҳод мекунад.
Калимаҳои калидӣ: услуби пешвоӣ, самаранокии кори гурӯҳӣ, муошират гурӯҳӣ, муттаҳидии гурӯҳ, идоракунии низоъҳо, рақобатпазирӣ, самаранокӣ, ташкилот.

Введение: Актуальность и контекст исследования

С ростом сложности рыночной среды и диверсификацией организационных задач эффективность совместной работы команд, как фундаментальной единицы организационной деятельности, напрямую определяет способность организации к реагированию и инновационные возможности. В условиях обострения глобальной конкуренции индивидуальных возможностей уже недостаточно для решения сложных задач, и командная работа стала основополагающим фактором для достижения компаниями своих стратегических целей [5, С. 253–268].

Однако на практике большинство организаций сталкиваются с коммуникационными барьерами, недостаточной сплоченностью и частыми конфликтами, что приводит к неэффективному сотрудничеству. Согласно глобальному опросу McKinsey, более 60% компаний называют неэффективную командную работу основным препятствием для своего развития, явлением, тесно связанным с несовпадением стилей руководства [6].

Постановка проблемы. Стиль лидерства, как устойчивые поведенческие паттерны, демонстрируемые лидерами при руководстве и мотивации команд, оказывает глубокое влияние на готовность и поведение членов команды к сотрудничеству, формируя командную атмосферу, устанавливая правила взаимодействия и распределяя ресурсы [14]. Традиционные исследования фокусировались на прямом влиянии одного стиля лидерства на эффективность команды, упуская из виду его дифференцированную роль в таких процессах сотрудничества, как командное общение, сплоченность и управление конфликтами. Например, в межотдельских проектных командах демократическое лидерство может задерживать принятие решений из-за чрезмерного акцента на консенсусе, в то время как авторитарное лидерство, повышая эффективность, может препятствовать обмену информацией [17, С. 427–436]. Более того по мере того, как новое поколение сотрудников становится основой команд, их потребность в самостоятельном участии и персонализированной поддержке растёт, что ставит под сомнение применимость традиционных моделей лидерства. Существует острая необходимость в изучении стилей лидерства, адаптированных к особенностям этих новых команд [11, С. 523-538].

В настоящее время цифровая трансформация ещё больше усложнила командную работу. Широкое внедрение виртуальных команд позволило устранить пространственные и временные ограничения, но также увеличило расходы на коммуникацию и риск возникновения конфликтов, предъявляя более высокие требования к способности руководителей адаптировать свои стили

руководства [18, С. 245-362]. В этом контексте систематический анализ механизмов влияния различных стилей руководства на эффективность командной работы стал ключевым фактором для решения проблем организационного взаимодействия и повышения конкурентоспособности.

Теоретическая ценность. Теоретический вклад этого исследования в основном отражен в трех аспектах: во-первых, оно разрушает простую линейную корреляционную модель «стиль лидерства-эффективность команды» в существующих исследованиях и глубоко анализирует опосредующий путь стиля лидерства, влияющий на эффективность совместной работы через командную коммуникацию, сплоченность и управление конфликтами, открывая новую перспективу для пересечения теории лидерства и командной динамики; во-вторых, оно сравнивает дифференцированное воздействие основных стилей лидерства, таких как демократический, трансформационный и ориентированный на обслуживание, компенсируя ограничения анализа одного стиля в существующих исследованиях и улучшая теоретическую систему исследований классификации стилей лидерства; в-третьих, оно объединяет ситуативные переменные, такие как неоднородность команды и жизненный цикл, для изучения динамического механизма адаптации стиля лидерства, предоставляя эмпирическую поддержку теории ситуативного лидерства из области командного сотрудничества [1, С. 487-514].

Практическая ценность. Практическая значимость данного исследования заключается в: предоставлении руководителям организаций действенных рекомендаций по стратегии лидерства, помощи им в выборе соответствующих стилей лидерства на основе характеристик команды (таких как тип задачи и состав участников), таких как усиление роли трансформационного лидерства, основанной на видении, в инновационных командах и сосредоточение внимания на коммуникационных и координационных функциях демократического лидерства в кросс-функциональных командах; предоставлении конкретного пути к формированию команды, повышению эффективности коммуникации в команде, усилению сплоченности и разрешению деструктивных конфликтов путем оптимизации поведения руководства; предоставлении решений для управления виртуальной командой в процессе цифровой трансформации предприятий и прояснении направления позиционирования ролей и корректировки стиля лидеров при удаленном сотрудничестве [3].

Обзор литературы и анализ изученности проблемы

Исследования стилей лидерства и командной работы начались давно за рубежом, что привело к обширному теоретическому материалу. Теория трансформационного лидерства Басса (1985) подчеркивает, что лидеры вдохновляют командный потенциал посредством визионерской мотивации и персонализированной заботы. Последующие исследования подтвердили значительную положительную корреляцию между лидерством и сплоченностью команды [8, С. 755–768]. Эмпирическое исследование Заккаро [9, С. 18-29] показывает, что демократическое лидерство улучшает качество принятия решений в команде, способствуя обмену информацией, но может снижать эффективность в чрезвычайных ситуациях. В последние годы теория лидерства-служения привлекает все большее внимание. Теория лидерства-служения Гринлифа [7], предложенная в 1977 году, усиливает сотрудничество путем удовлетворения потребностей членов команды.

Что касается спорных моментов, учёные расходятся во мнениях относительно оптимального стиля руководства: Сомех [15, С. 1299–1328] утверждает, что единого стиля руководства недостаточно для сложных командных ситуаций, и выступает за использование стратегий, учитывающих непредвиденные обстоятельства; Басс [2, С. 9-32] поддерживает универсальность трансформационного лидерства. Кроме того, говоря о стилях руководства в виртуальных командах, Хэмбли и др. [16, С. 297–317] обнаружили, что демократическое лидерство более эффективно при удалённом взаимодействии, в то время как Балтхазар и др. (2022) утверждают, что транзакционное лидерство более благоприятно для управления задачами в виртуальных командах. Эта полемика подчёркивает важность контекстуальных переменных.

В целом, в существующих исследованиях есть три пробела: во-первых, недостаточно анализа посреднического механизма, посредством которого стиль руководства влияет на эффективность командного взаимодействия, в частности, не были выяснены дифференцированные пути воздействия различных стилей в трех измерениях коммуникации, сплоченности и управления конфликтами; во-вторых, отсутствует глубокое обсуждение взаимодействия между неоднородностью команды (такой как возрастная структура и различия в профессиональном опыте) и стилем руководства; в-третьих, для виртуальных команд в условиях цифровой трансформации исследования стратегий корректировки стиля руководства еще не носят систематического характера, а обобщающая практическая модель не сформирована [4, С. 101–345].

Основываясь на вышеуказанном статусе исследования, данная статья направлена на рассмотрение следующих основных вопросов:

Как демократический, трансформационный и ориентированный на служение стили лидерства влияют на коммуникацию в команде, сплочённость и управление конфликтами? В чём различия между этими тремя стилями в повышении эффективности командного взаимодействия?

Каким образом неоднородность команды (например, профессиональный опыт и опыт работы ее членов) и характеристики задач (например, инновационность и срочность) смягчают взаимосвязь между стилем руководства и эффективностью взаимодействия в команде?

На наш взгляд, наиболее существенным методологическим пробелом существующих определений является игнорирование энергетической составляющей регионального развития. Хотя ряд авторов в своих работах подчёркивают стратегическое значение энергетического комплекса, обоснования его влияния на инвестиционную привлекательность региона зачастую остаются фрагментарными. Между тем Л. И. Розанова показывает, что даже территориальное положение региона приобретает экономический смысл лишь через призму транспортно-энергетической

доступности [16, с.112-119]. Локтионов В. И. прямо связывает инвестиционную привлекательность с уровнем энергетической безопасности, указывая, что устойчивость топливно-энергетического комплекса является одной из опор региональной экономической системы [10.с.44-49].

В таджикской научной литературе данная идея находила развитие в работах Х.А. Одинаева, Х.М. Мухаббатова, Х.Р. Исайнова и др., которые подчёркивают, что устойчивость водно-энергетического потенциала является фундаментом для экономической стабильности и межотраслевого развития региона. Х.А. Одинаев показывает, что развитие региональной водной стратегии выступает условием формирования устойчивых экономических связей и снижает неопределённость, связанную с природными рисками [14, с. 3-10]. Х.Р. Исайнов отмечает взаимосвязь водно энергетического капитала и инвестиционных возможностей, особенно в условиях трансграничных ограничений [6, с. 40-48]. Х.М. Мухаббатов подчёркивает, что степень напряженности водных ресурсов непосредственно определяет горизонты экономического развития, а значит и масштабы возможных инвестиций [13, с. 29-45].

В целом, анализ показывает, что большинство существующих теоретических подходов недостаточно учитывают энергетическую устойчивость как внутренний критерий инвестиционной привлекательности региона. Между тем именно энергетическая инфраструктура обладает системообразующей природой, обеспечивая устойчивость производственных цепочек, предсказуемость деловой активности и защиту от внешних шоков. У.А. Шарипов также подчёркивает, что инвестиционная привлекательность энергетического сектора формируется через надёжность инфраструктуры, устойчивость управления и способность отрасли функционировать в условиях неопределённости [21, с. 66-73].

Основное содержание.

На основании выявленных ограничений, авторская позиция заключается в том, что инвестиционная привлекательность региона должна рассматриваться не как статическая характеристика внешних условий, а как динамическая способность территориальной системы сохранять и воспроизводить устойчивость инвестиционного процесса благодаря развитой энергетической инфраструктуре, адаптивности водно - энергетического сектора и его способности противостоять климатическим, политическим, социальным и технологическим вызовам. Предлагаемое авторское определение формулируется следующим образом: инвестиционная привлекательность региона представляет собой интегральную характеристику устойчивости территориальной системы, отражающую её способность обеспечивать надёжность, предсказуемость и долгосрочный характер инвестиционного процесса за счёт развития энергетической инфраструктуры, модернизации водно-энергетического потенциала и способности ключевых отраслевых систем сохранять функциональную стабильность в условиях внешних и внутренних изменений.

Такое понимание позволяет не только дополнить существующие трактовки, но и предложить методологическую основу для анализа регионов, экономика которых непосредственно зависит от энергетической устойчивости. При этом водно-энергетический сектор выступает не просто объектом финансовых вложений, но и фактором стратегической стабильности, определяющим качество инвестиционной среды и степень защищенности инвестиций от системных рисков.

Инвестиционная привлекательность водно-энергетического сектора обладает рядом специфических характеристик, которые отличают его от других отраслевых систем региональной экономики и формируют особые условия для принятия инвестиционных решений. Прежде всего, данный сектор имеет ярко выраженную природно-ресурсную основу, определяемую устойчивостью и воспроизводимостью водных ресурсов, режимами их использования, а также климатическими и гидрогеологическими особенностями территории. Ресурсная база одновременно создает возможности для инвестирования и накладывает существенные ограничения, поскольку любые проекты зависят от природных колебаний, экологических норм и требований рационального водопользования. Водно-энергетическая отрасль представляет собой систему с высокой капиталоемкостью, что усиливает значимость долгосрочных условий инвестирования и повышает требования к институциональной стабильности. В отличие от сфер с быстрым оборотом капитала здесь особенно важны длительность инвестиционного цикла, устойчивость тарифной политики, надежность инфраструктуры и гарантии возвратности вложений.

Следует отметить, что водно-энергетический сектор является частью критически важной инфраструктуры региона, обеспечивая базовые потребности населения и предприятий, формируя условия для функционирования промышленности и сельского хозяйства. Такая системообразующая

роль усиливает чувствительность отрасли к качеству управления и требует от инвесторов высокой степени уверенности в прозрачности регулятивных механизмов. В условиях нестабильной правовой среды даже значительный ресурсный потенциал не всегда конвертируется в инвестиционную привлекательность, поскольку институциональные риски приобретают первостепенное значение. Между тем в тех регионах, где государственные органы обеспечивают эффективное управление водными ресурсами, соблюдение экологических норм и предсказуемость тарифной политики, инвестиционные возможности расширяются, что подтверждают исследования международных и российских экспертов.

Технологическая специфика сектора также формирует его уникальные инвестиционные свойства. Современные проекты в водно энергетике требуют применения инновационных решений, направленных на повышение эффективности подачи воды, снижение потерь, цифровизацию систем учета и управление гидротехническими сооружениями. Инвесторы учитывают не только существующий технологический уровень, но и способность региона интегрировать новые технологии, адаптировать инфраструктуру и обеспечивать квалифицированный персонал. Наличие инновационного потенциала позволяет снижать эксплуатационные расходы, повышать устойчивость водных систем и расширять возможности для привлечения внебюджетного капитала.

Инфраструктурная составляющая водно-энергетического сектора является фактором, напрямую влияющим на стоимость и сроки реализации проектов. Состояние гидротехнических сооружений, насосных станций, каналов, плотин, линий электропередачи и систем распределения воды определяет уровень инвестиционных рисков. Объективная необходимость модернизации значительной части инфраструктуры, характерная для многих регионов, одновременно создаёт возможности для инвесторов и формирует дополнительные ограничения, связанные с высоким уровнем износа. Пространственная специфика отрасли заключается в зависимости от природного рельефа, локализации водных источников и расстояния между водными объектами и потребителями, что делает критически важной территориальную доступность инфраструктуры.

Социально экономическое значение водно-энергетического сектора усиливает его роль в формировании инвестиционной привлекательности региона. Обеспеченность водой и энергией является основой устойчивого развития территорий, влияет на уровень жизни населения и конкурентоспособность местного бизнеса. Инвесторы учитывают социальную чувствительность отрасли, поскольку проекты в этой сфере требуют соблюдения баланса между экономической эффективностью и общественной значимостью. Такая двойственная природа усиливает роль государства как гаранта стабильности условий инвестирования и регулирующего субъекта, обеспечивающего предотвращение конфликтов интересов.

Современные концепции развития указывают на необходимость перехода к такому типу хозяйствования, где ключевую роль играют инновации, ресурсная эффективность и способность системы адаптироваться к растущим экологическим, социальным и экономическим вызовам.

Одним из фундаментальных теоретических оснований модернизации является институциональный подход, в рамках которого устойчивость функционирования водно-энергетического сектора рассматривается как результат качества управляющих институтов, прозрачности регулятивных процедур и эффективности механизмов распределения ресурсов. Институциональная экономика показывает, что модернизация невозможна без снижения транзакционных издержек, укрепления прав собственности, повышения доверия между участниками рынка и формирования предсказуемых правил взаимодействия государства, бизнеса и населения. Эти идеи подчёркивают, что модернизация требует не только технологического обновления, но и глубокого пересмотра организационно управленческих основ сектора.

Не менее значимой предпосылкой является ресурсная концепция, согласно которой устойчивость водно-энергетических систем зависит от способности региона эффективно управлять водными ресурсами, учитывать природные ограничения и обеспечивать воспроизводимость ресурсной базы. Теоретические исследования в области гидро-экономики показывают, что рост дефицита воды, изменение климатических режимов и истощение инфраструктуры, создают объективную необходимость перехода к современным, насыщенным инновационным технологиям. Модель модернизации должна включать механизмы повышения эффективности использования воды, снижения потерь, оптимизации гидротехнических сооружений и внедрения цифровых систем мониторинга, что позволяет обеспечить более рациональное использование ограниченных ресурсов.

Концепция инновационного развития выступает ещё одной ключевой предпосылкой. Инновации в водно-энергетическом секторе рассматриваются как средство повышения

производительности, устойчивости и экологической безопасности. Мировая и региональная практика показывает, что модернизация сектора невозможна без внедрения интеллектуальных систем управления подачей воды, использования энергоэффективного оборудования, применения современных материалов, а также развития научно-исследовательской и конструкторской базы. Теоретически инновационный подход опирается на представление о циклическом характере отраслевой модернизации, где каждое новое технологическое поколение формирует новые требования к инвестиционной среде и стимулирует приход инвесторов, ориентированных на долгосрочные стратегические преимущества.

Особое место занимает теория инфраструктурного развития, согласно которой качество, надёжность и адаптивность инфраструктуры определяют потенциал модернизации отрасли. Водно - энергетический сектор является инфраструктурно зависимым, что означает необходимость системной реконструкции каналов, плотин, гидроузлов, насосных станций, распределительных сетей и систем энергоснабжения. Теоретические работы в области пространственной экономики подтверждают, что модернизация инфраструктуры обеспечивает сокращение издержек, снижение потерь ресурсов и повышение инвестиционной привлекательности отрасли. При этом инфраструктурная модернизация должна основываться на системном подходе, учитывающем взаимосвязанность водохозяйственных и энергетических объектов.

Социально экономические концепции развития также формируют теоретические основания модернизации, поскольку водно-энергетический сектор оказывает прямое влияние на качество жизни населения, промышленное развитие и продовольственную безопасность региона. Современные подходы предполагают, что модернизация сектора должна учитывать социальные эффекты, обеспечивать доступность водных и энергетических услуг, снижать уровень уязвимости хозяйств и повышать устойчивость экономики региона. Эти идеи усиливают необходимость комплексного подхода, включающего не только технические и институциональные преобразования, но и управление социальными рисками, согласование интересов различных групп и повышение эффективности региональной политики.

Таким образом, теоретические предпосылки перехода водно-энергетического сектора к модернизационной модели формируются на пересечении институциональных, ресурсных, инновационных, инфраструктурных и социально экономических концепций. Модернизация требует системного понимания отрасли как сложной, многокомпонентной структуры, функционирующей под воздействием внутренних ограничений и внешних вызовов. Переход к новой модели возможен лишь при условии сочетания научно обоснованных принципов управления, технологического обновления, рационального использования ресурсов и формирования устойчивой инвестиционной среды, обеспечивающей долгосрочное развитие сектора и повышение его конкурентоспособности.

Литература

1. Александров, Г. А. И. В. Вякина, Г. Г. Скворцова [и др.]. Привлекательность инвестиционного климата и инвестиционные риски: методология, методы диагностики и оценки – Москва: Издательство "Креативная экономика", 2020. – 340 с.

2. Болодурина, М. П. Интеллектуализация формирования и оценки инвестиционной привлекательности субъектов экономики / М. П. Болодурина, И. П. Болодурина. – Оренбург: Оренбургский государственный университет, 2018. – 165 с.

3.Булатова Ю.И. Инвестиционная привлекательность региона: понятие и структура //Современные научные исследования и разработки. – М., 2018. - Т. 1. № 11 (28). - С.163. (162-164).

4. Елисеева Т.В., Лебедев А.М. О некоторых подходах к определению понятия категории "инвестиционная привлекательность" и определяющих её факторах //Проблемы региональной экономики. – Дубна, 2017. - № 37. - С. 25. (24-44).

5. Зубова, О. Г.Методический подход к комплексной оценке и формированию инвестиционного климата региона и сельских территорий, входящих в его состав: Монография /Зубова О. Г. – Волгоград: Волгоградский государственный аграрный университет, 2016. – 112 с.

6.Исайнов Х.Р.Водно-энергетический капитал Центральной Азии: эколого-экономические и инвестиционные аспекты// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2017.- № 2/5-1. - С. 40-48.; Исайнов Х.Р., Фозилов Р.Ш. Водно-энергетический потенциал стран Центральной Азии: современное состояние и тенденции развития//В сборнике: Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства. Сборник научных трудов. -

Симферополь, 2020. - С. 334-337.; Исайнов Х.Р., Ходиев Д.А., Хофизов Х.А. Приоритетные направления привлечения прямых инвестиций в освоение природно-ресурсного потенциала региона//Аудит и финансовый анализ. – М., 2018. - № 2. - С.270-274.

7. Кейнс Дж. М. Общая теория занятости, процента и денег. - Москва: Гелиос АРВ, 2002. - С. 112–127.

8. Крамин Т.В., Леонов В. А., Тимирясова А. В. Инвестиционная привлекательность региона как основа разработки и реализации регионального инвестиционного проекта//Вектор науки Тольяттинского государственного университета. - Тольятти, 2013. - № 2(24). - С. С.296.

9. Лавровский, Б. Л. Производительность труда: инвестиционные и инновационные предпосылки ускорения / Б. Л. Лавровский. – Новосибирск: Новосибирский государственный технический университет, 2021. – 239 с.

10. Локтионов, В. И. Инвестиционная привлекательность ТЭК региона как аспект энергетической безопасности / В. И. Локтионов // Национальные интересы: приоритеты и безопасность. – 2013. – Т. 9, № 18 (207). – С. 44-49.

11. Маркс К. Капитал. Т. 1. - Москва: Политиздат, 1960. - С. 325–340.

12. Маршалл А. Принципы политической экономии. Москва: Эксмо, 2008. С. 411–420.

13.Мухаббатов Х.М. Водные ресурсы Таджикистана и проблемы водопользования в Центральной Азии//Проблемы постсоветского пространства. – М., 2016. - № 3 (9). – С. 29-45.

14.Одинаев Х.А. Водные ресурсы в системе факторов устойчивого развития региональной экономики//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2019, № 4. - Ч. 2. - С.5-12. Одинаев Х.А. Региональная водная стратегия и эколого-экономические аспекты улучшения межгосударственного водного сотрудничества //Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2014. - № 2/1 (127). - С.3-10.

15.Рикардо Д. Начала политической экономии и налогового обложения. - Москва: Эксмо, 2007. - С. 97–118.

16.Розанова, Л. И. Оценка влияния приграничного положения регионов на инвестиционную активность: зональные различия / Л. И. Розанова, М. В. Морошкина // Мировая политика. – 2015. – № 2. – С. 112-119. – DOI 10.7256/2409-8671.2015.2.13411.

17. Санталова М. С., Гладилина И. П., Погудаева М. Ю. [и др.]. Эффективные инвестиционные решения: Монография – Москва: Издательско-торговая корпорация Дашков и К, 2025. – 218 с.

18.Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. Москва: - Эксмо, 2007. - С. 212–230.

19.Фомина М.В., Еранцев В.С. Теоретические основы понятия инвестиционной привлекательности//Стратегия предприятия в контексте повышения его конкурентоспособности. - Донецк, 2015. - № 4. - С. 71-75.

20.Хамурадов, М. А. Инвестиционные процессы как основа развития экономики в современных условиях / М. А. Хамурадов, М. Р. Таштамиров, М. М. Абиева. – Грозный: Чеченский государственный университет имени Ахмата Абдулхамидовича Кадырова, 2021. – 150 с.

21. Шарипов, У. А. Некоторые принципы повышения инвестиционной привлекательности энергетического сектора в регионе Республики Таджикистан / Шарипов У. А. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 4. – С. 66-73.;Шарипов, У. А. Некоторые факторы повышения инвестиционной привлекательности энергетического сектора в регионе / Шарипов У. А., Хомидов А. У. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 9. – С. 67-71.

22. Шевченко С. Ю., Овчинникова С. Г., Тихонова М. В., Соколова Н. А.; Инвестиционная привлекательность инновационных решений: инвариантность подходов в управлении: Монография/ Министерство образования и науки Российской Федерации. – Санкт-Петербург: Санкт-Петербургский государственный экономический университет, 2014. – 149 с.

23.Harrod R. F. Towards a Dynamic Economics. London: Macmillan, 1948. P. 54–66.

24.Isard W. Methods of Regional Analysis. Cambridge: MIT Press, 1960. P. 205–223.

25.Krugman P. Geography and Trade. Leuven: Leuven University Press, 1991. P. 45–56.

26.North D. Institutions, Institutional Change and Economic Performance. Cambridge: Cambridge University Press, 1990. P. 54–67.

27.Porter M. The Competitive Advantage of Nations. New York: Free Press, 1990. P. 148–177.

28.Veblen T. The Theory of Business Enterprise. New York: Charles Scribner’s Sons, 1904. P. 131–145.

Сведения об авторах

Махмудов Бахриддин Нуриддинович-к.э.н., и.о. доцента кафедры экономической теорииии КГУ им А. Рудаки. Адресс: Республика Таджикистан, г Куляб, ул. С. Сафарова 16. тел. 918-96-43-00. Email: bahriddin-7@mail.ru.

Кенжаев Икром Умаркулович-преподаватель кафедры экономической теории Бохтарского государственного университета им. Н. Хусрава. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни № 67.

About the authors

Mahmudov Bahriddin Nuriddinovich-Candidate of Economics, Acting Associate Professor of the Department of Economic Theory of KSU named after A. Rudaki. Address: Republic of Tajikistan, Kulob city, S. Safarov Street 16. Tel. 918-96-43-00. Email: bahriddin-7@mail.ru.

Kenjaev Ikrom Umarqulovich-Lecturer of the Department of Economic Theory of Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Street Ayni № 67.

Маълумот дар бораи муаллифон

Маҳмудов Баҳриддин Нуриддинович-н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии ДДК ба номи А Рӯдакӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯч С.Сафаров 16. тел. 918-96-43-00. Email: bahriddin-7@mail.ru.

Кенҷаев Икром Умарқулович-омӯзгори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хисрав. Суроға: 735140, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, № 67.

УДК: 331.5.

РАҚАМИКУНОНӢ ВА РУШДИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ МИНТАҚАВӢ: ИМКОНИЯТ ВА МУАММОҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҷалилзода А.А.
МДТ “Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд”

Аннотатсия. Дар мақола масъалаҳои асосии рақамикунонӣ ва таъсири он ба рушди бозори меҳнати минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф имкониятҳои асосии иқтисоди рақамиро дар самти ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди малакаҳои касбӣ ва ҳамгироии минтақаҳо ба бозори меҳнати миллӣ ва байналмилалӣ баррасӣ менамояд. Ҳамзамон, муаммоҳои мавҷуда, аз қабили нобаробарии рақамӣ, норасоии мутахассисони баландихтисос ва хатари коҳиши ҷойҳои кории анъанавӣ таҳлил шудаанд. Дар асоси таҳлил хулоса ва пешниҳодҳо оид ба такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди бозори меҳнат дар шароити рақамикунонӣ пешниҳод мегарданд.
Калимаҳои калидӣ: рақамикунонӣ, иқтисоди рақамӣ, бозори меҳнат, рушди минтақавӣ, Тоҷикистон.
Барои иқтибос: Ҷалилзода А.А. Рақамикунонӣ ва рушди бозори меҳнати минтақавӣ: имконият ва муаммоҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.А.Ҷалилзода// Паёми молия ва иқтисод. – 2026. -№ 1. - С. 234-238.

ЦИФРОВИЗАЦИЯ И УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ РЕГИОНАЛЬНОГО РЫНКА ТРУДА: ВОЗМОЖНОСТИ И ВЫЗОВЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Джалилзода А.А.
ГОУ “Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в городе Худжанд”

Аннотация. В статье анализируются ключевые аспекты цифровизации и её влияние на развитие регионального рынка труда в Республике Таджикистан. Рассматриваются основные возможности цифровой экономики в создании новых рабочих мест, развитии профессиональных навыков и интеграции регионов в национальный и международный рынки труда. Наряду с этим выявлены основные проблемы, включая цифровое неравенство, дефицит квалифицированных кадров и сокращение традиционных рабочих мест. По итогам исследования предложены рекомендации по совершенствованию государственной политики в сфере занятости в условиях цифровизации.
Ключевые слова: цифровизация, цифровая экономика, рынок труда, региональное развитие, Таджикистан.

DIGITALIZATION AND SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE REGIONAL LABOR MARKET: OPPORTUNITIES AND CHALLENGES IN TAJIKISTAN

Jalilzoda A.A.
SEI “Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand”

Abstract. The article examines the key aspects of digitalization and its impact on the development of the regional labor market in the Republic of Tajikistan. The study highlights the opportunities of the digital economy in creating new jobs, developing professional skills, and integrating regions into national and international labor markets. At the same time, major challenges such as digital inequality, shortage of qualified specialists, and the reduction of traditional jobs are analyzed. Based on the findings, policy recommendations aimed at improving employment development under digital transformation are proposed.
Keywords: digitalization, digital economy, labor market, regional development, Tajikistan.

Гузориши масъала. Дар асри XXI рақамикунонӣ ба яке аз омилҳои асосии трансформатсияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҷаҳон табдил ёфтааст. Ин раванди босуръат на танҳо соҳаҳои маъмурӣ, хизматрасонӣ ва истеҳсолотро таҳаввул додааст, балки ба бозори меҳнат низ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, монанди бисёре аз кишварҳои ҷаҳон, талош дорад аз имкониятҳои рақамикунонӣ барои рушд ва рушди бозори меҳнат дар сатҳи минтақавӣ истифода барад. Аммо дар баробари имкониятҳо мушкилот ва монеаҳои зиёде низ вуҷуд доранд.

Муҳимияти мавзӯъ бо якчанд омили объективӣ муайян карда мешавад. Аввалан, иқтисодиёти минтақавии Тоҷикистон дар заминаи ҷаҳонишавӣ бояд ба шароити зудтағйирёбандаи

фазои рақамии ҷаҳонӣ мутобиқ гардад. Дуюм, технологияҳои рақамӣ метавонанд нақши воситаи самараноки бартарафсозии масъалаҳои мубрами шуғл, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва коҳиши шикофҳои иҷтимоиро иҷро намоянд.

Бозори меҳнати Тоҷикистон хусусиятҳои махсусе дорад, ки онро аз дигар кишварҳои минтақа фарқ медиҳанд. Ҳиссаи назарраси аҳолии деҳот , дараҷаи нокифояи малакаҳои рақамӣ, суръати сусти инкишофи инфрасохтор ва фарогирии пасти интернет дар ноҳияҳои дурдаст - ин омилҳо таваҷҷуҳи илмии махсус ва таҳияи роҳҳои амалии бартарафсозиро талаб менамоянд, зеро онҳо имкониятҳои рушди дарозмуддати минтақавиро муайян месозанд.

Дар айни замон, табдилёбии рақамӣ дарвозаҳои тозаеро барои эҷоди ҷойҳои корӣ, афзоиши самаранокии истеҳсолот ва ҳамгироии муассири иқтисодиёти миллӣ ба низоми иқтисодии ҷаҳонӣ мекушояд. Зиёдшавии талабот ба коргарони баландихтисос бо зарурати мутобиқшавӣ ба шароити навини меҳнат, ки бо раванди автоматизатсия ва табдилёбии рақамӣ муайян карда мешаванд, тавзеҳ дода мешавад.

Таҳлили таҳқиқоти охирин ва маводи нашршуда. Дар доираи мавзуи мазкур таҳқиқотҳои илмии Ф. Абдуллоев, М. Раҳмонзода, Н.Н. Нестерова, М.А. Багомедов, Т.А. Якушкина, Е.М. Григорева омӯхта шудааст.

Мақсади мақола. Ҳадафи ин таҳқиқот таҳлили таъсири рақамисозӣ ба сохтори бозори меҳнат дар минтақаҳо бо таваҷҷуҳи хоса ба воқеиятҳои Тоҷикистон мебошад.

Муҳтавои асосии мавод. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намуданд, кӣ “Имрӯз Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст ва татбиқи саривақтии ташаббуси мазкур имкон медиҳад, ки дар панҷсолаи минбаъда ба раванди мазкур вусъат бахшида шуда, заминаҳои ҳуқуқӣ такмил ёбад ва санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ қабулу амалӣ карда шаванд. Инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот ва таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот инкишоф ёфта, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ба роҳ монда мешавад” [1].

Трансформатсияи рақамӣ ҳамчун падидаи иқтисодию иҷтимоӣ спектри васеи равандҳои алоқамандро бо татбиқи технологияҳои рақамӣ барои табдил, такмил ва автоматизатсияи фаъолияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва идоравӣ дар бар мегирад. Дар чаҳорчӯбаи назарияи иқтисодии муосир, табдилёбии рақамӣ ҳамчун яке аз моторҳои асосии дигаргуниҳои сохторӣ таҳлил меёбад, ки ба равандҳои истеҳсолӣ, низоми шуғл ва механизмҳои кори бозор таъсири амиқ мерасонад.

Мувофиқи консепсияи сармояи инсонӣ, ки Г.Беккер ва Т.Шульц бунёдгузоронаш мебошанд, ҷорӣнамоии технологияҳои пешрафта баландбарории малакаҳои касбӣ ва таълими доимии қувваи кориро ҳатмӣ месозад. Дар шароити густариши технологияҳои рақамӣ, ин принсип вазнини махсус касб намуда, дар воқеъият набудани малакаҳои рақамӣ ба монеаи ҷиддӣ дар роҳи истифодаи самараноки имкониятҳои технологӣ табдил меёбад.

Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (OECD) дар таҳқиқоти худ аломатҳои муайянкунандаи иқтисоди рақамиро мушаххас менамояд:

- Истифодаи шабакавии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар тамоми паҳлӯҳои бизнес ва идораи давлатӣ;
- Дараҷаи баланди алоқамандии низомҳои иқтисодии милалӣ дар миқёси глобалӣ;
- Афзоиши нақши маълумот ҳамчун манбаи иқтисодӣ ва омили истеҳсолот;
- Трансформатсияи шаклҳои классикии шуғл ба усулҳои чандирпазир ва дурдасти кор [9, с.67].

Тараққиёти иқтисоди рақамӣ бо зиёдшавии саҳми технологияҳои иттилоотӣ дар ММД, зоҳиршавии моделҳои навини тиҷорат (аз қабили иқтисодиёти платформавӣ) ва суръатбахшии равандҳои инноватсионӣ ҳамроҳ мешавад. Ин низоми шуғлро ба таври амиқ тағйир дода, талаботро ба малака ва қобилиятҳои касбӣ аз сари нав муайян мекунад.

Таҳқиқоти Ричард Болдуин ба табиати глобалии дигаргуниҳое, ки тавассути технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла автоматизатсия ва интеграсияи ҷаҳонӣ ба миён меоянд, равона шудаанд. Пажӯҳишҳои эмпирикии Карл Бенедикт Фрей ва Майкл Осборн ошкор кардаанд, ки қисми муҳими ҷойҳои корӣ, хусусан онҳое ки вазифаҳои такрории рутиниро дар бар мегиранд, дар эҳтимолияти автоматизатсия қарор доранд.

Дар контексти давлатҳои рӯ ба тараққӣ, монанди Тоҷикистон, таҳқиқоте, ки ба масъалаҳои шикофи рақамӣ ва дастрасии технология бахшида шудаанд, дорои аҳамияти махсусанд.

Гузоришҳои Бонки Ҷаҳонӣ заруратнокии маблағгузорӣ ба инфрасохтори рақамиро барои бартарафсозии тафовути байни шаҳру деҳот таъкид месозанд. Хулосаҳои монанд дар ҳуҷҷатҳои Созмони Байналмилалии Меҳнат (СБМ) низ мантиқ ёфтаанд, ки муҳимияти омӯзоши кадрҳо барои иқтисоди рақамиро қайд менамоянд.

Таҳаввули рақамӣ ва бозори меҳнат: маъно ва зарурат - рақамикунонӣ маънои истифодаи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) барои тағйир додани рафторҳои корӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва самаранок кардани равандҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ мебошад [3,4]. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ рақамикунонӣ ба омили муҳими рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Дар бозори меҳнат ин раванд ба вуҷуд омадани маҳсулҳои нави касбӣ, форматҳои нави кор (масалан, кор аз масофа), ва таълимоти рақамӣ барои мутобиқшавӣ ба талаботи навро талаб мекунад.

Имкониятҳои рақамикунонӣ дар рушди бозори меҳнат:

- Рақамикунонии рушди бахшҳои нави иқтисодӣ;
- рушди стартапҳо ва платформаҳои электронии хизматрасонӣ;
- бахши IT ва нармафзорсозӣ;
- тиҷорати электронӣ;

Манфиат оварда метавонад, ки инҳо ҷойҳои кории нави баландмаҳсул ва қобили пардохтро фароҳам меоранд.**Осонии дастрасӣ ба омӯзиш ва бозомӯзӣ** - платформаҳои онлайнӣ (масалан Coursera, Udemy, YouTube) имконият медиҳанд, ки кормандон ва ҷавонон дар ҳар гӯшаи кишвар маҳорати нав омӯхта ва барои бозори меҳнат омодагӣ гиранд. Ин омил ба коҳиши бесомонӣ ва баландшавии рақобатпазирии кадрҳо мусоидат мекунад [6,7].

Интегратсияи бозори меҳнат дар сатҳи минтақавӣ - рақамикунонӣ имконият медиҳад, ки соҳибкорон ва кормандони минтақаҳои дурдаст бо бозори кор дар пойтахт ва берун аз кишвар робита ва ҳамкорӣ кунанд. Ин раванд метавонад таъмини бозори корро арзонтар ва самарабахштар гардонад.

Муаммоҳо ва монеаҳои рақамикунонӣ дар Тоҷикистон - нобаробарии рақамӣ байни минтақавӣ. Яке аз мушкилоти асосӣ дар Тоҷикистон ин дастрасӣ ба интернети босифат ва дастгоҳҳои рақамӣ дар минтақаҳои дурдаст мебошад. Аксари деҳот то ҳол бо интернети суст ё номуътамод рӯбарӯ мебошанд, ки ин ба рушди иқтисоди рақамӣ монеъ мешавад.

Норасоии мутахассисони баландихтисос - бо вуҷуди афзоиши талабот ба нерӯи инсонӣ дар соҳаи IT, дар Тоҷикистон мутахассисони дараҷаи ҷаҳонӣ ва омӯзгорони соҳавӣ кам мебошанд. Ин метавонад қобилияти ширкатҳо ва ташкилотҳоро барои рақобат дар бозори рақамӣ маҳдуд созад [5].

Тағйирёбии сохтори бозори меҳнат - рақамикунонӣ метавонад ба кам шудани ҷойҳои корӣ дар соҳаҳои анъанавӣ, аз ҷумла корҳои дастӣ ва истеҳсолӣ бо усулҳои анъанавӣ оварда расонад. Агар чораҳои муфид андешида нашаванд, ин метавонад боиси баландшавии бекорӣ дар баъзе гурӯҳҳои аҳолӣ гардад [8].

Тадбирҳои мусоид барои истифодаи рақамикунонӣ дар бозори меҳнат.

Рушди инфрасохтори рақамӣ - Ҷумҳурӣ бояд дар таъмини интернети босифат ва дастрасӣ ба технологияи нав махсусан дар минтақаҳои дурдаст сармоягузорӣ кунад. Ин метавонад тавассути шарикӣ бо бахши хусусӣ ва сармоягузории байналмилалӣ амалӣ шавад.

Барномаҳои омӯзишӣ ва омӯзгорон - барои зиёд кардани маҷмӯи мутахассисон, лозим аст, ки барномаҳои таълимии рақамӣ дар мактабҳо, донишгоҳҳо ва марказҳои омӯзишӣ бо стандартҳои байналмилалӣ татбиқ шаванд.

Дастгирии стартапҳо ва соҳибкории рақамӣ - Ҷумҳурӣ метавонад бо таъсиси инкубаторҳо, марказҳои инноватсионӣ ва захираҳои грантӣ барои стартапҳо ба рушди экосистемаи рақамӣ мусоидат кунад.

Агар давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ якҷоя чораҳои муассир андешанд, рақамикунонӣ метавонад боис шавад, ки беҳдошт, рушди маҳал ва баландшавии сатҳи зиндагӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар ба таври назаррас беҳтар гардад. Аз ин рӯ, ҷалби таҷриба ва захираҳои байналмилалӣ, таҳсилоти босифат ва дастгирии инноватсияҳо нақши ҳалкунанда доранд.

Рақамикунонӣ ҳамчун унсури ҷудонопазири иқтисодиёти муосир ба сохтор ва механизми фаъолияти бозори меҳнат таъсири амиқ мерасонад. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки татбиқи технологияҳои рақамӣ имконият фароҳам меорад, то самаранокии меҳнат афзоиш ёбад, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шаванд ва нобаробарии минтақавӣ коҳиш ёбад. Ҳамзамон, ин раванд бо мушкилоти муайян, аз қабили рушди номутавозуни инфрасохтор, сатҳи нокифояи саводнокии рақамӣ ва хавфҳои вобаста ба автоматизатсия ҳамроҳ мебошад.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот, пешниҳодҳои зерин таҳия карда шудаанд:

1. Густариши инфрасохтори рақамӣ

- Маблағгузории васеътар ба густариши фарогирии интернет, махсусан дар деҳот (ҳадаф: 60% то соли 2030)
- Модернизатсияи шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва татбиқи технологияи 5G
- Таъмини дастрасии умумӣ ба нерӯи барқи боэътимод
- Эҷоди марказҳои рақамӣ дар минтақаҳо

2. Инкишофи низоми маориф

- Таҳияи стратегияи миллии саводнокии рақамӣ
- Дарҷ намудани курсҳои ҷиддии рақамӣ дар барномаҳои мактабу донишгоҳӣ
- Эҷоди марказҳои омӯзиши малакаҳои рақамӣ барои калонсолон
- Омӯзиши устодон дар самти технологияҳои рақамӣ
- Ҳамкорӣ бо ширкатҳои байналмилалии технологӣ барои омӯзиши кадрҳо

3. Таҳияи чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ

- Қабули қонуни «Дар бораи иқтисоди рақамӣ»
- Танзими шуғли дурдаст ва кори платформавӣ
- Ҳифзи ҳуқуқҳои коргарони рақамӣ (фрилансерҳо, коргарони платформаҳо)
- Эҷоди системаи ҳифзи иҷтимоии мутобиқ барои коргарони рақамӣ
- Таҳияи меъёрҳои техникӣ ва стандартҳо барои хидматрасониҳои рақамӣ

4. Дастгирии инноватсия ва соҳибкорӣ

- Таъсиси фонди инкишофи технологияҳои рақамӣ
- Эҷоди паркҳои технологӣ ва марказҳои инноватсионӣ
- Пешниҳоди имтиёзоти андозӣ барои стартапҳои технологӣ
- Дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ тавассути грантҳо ва ваъдасармояҳо
- Густариши ҳамкорӣ бо ширкатҳои байналмилалии технологӣ

5. Ҳамоҳангии сиёсати давлатӣ

- Таҳияи барномаи миллии трансформатсияи рақамӣ
- Мувофиққунии барномаҳои бахшҳои гуногун
- Эҷоди механизми назорат ва баҳодиҳӣ
- Густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ

Ҳамин тавр, рақамикунонӣ омили муҳими рушди бозори меҳнати минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои истифодаи самараноки имкониятҳо зарур аст, ки сиёсати давлатӣ дар самти рушди инфрасохтори рақамӣ, таълими кадрҳо ва дастгирии соҳибкории рақамӣ тақвият дода шавад.

Адабиёт

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олӣ. ш. Душанбе.
2. Стратегияи рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Бонки Ҷаҳонӣ (World Bank). Digital Public Infrastructure and Digital Skills Development in Tajikistan. - Washington, DC, 2023.
4. Tajikistan Jobs Diagnostic: Improving Labor Market Outcomes. -Washington, DC, 2022. World Bank.
5. Digital Transformation and Employment in Central Asia. - New York, 2021.UNICEF. UNDP.
6. The Impact of Digitalization on Employment and Skills in Developing Countries. - Geneva, 2020.
7. Digitalisation, Productivity and Labour Markets in Emerging Economies. – Paris, 2019. Asia-Plus.
8. Digitalization of Tajikistan: Challenges and Opportunities for the Labor Market. – 2023.
9. Бонки Ҷаҳонӣ. Иқтисоди рақамии Осиёи Марказӣ: имкониятҳо ва чолишҳо. Вашингтон, 2021.

Маълумот дар бораи муаллиф	**Сведения об авторе**	**About the author**

Ҷалилзода Абдурашит Абдукамол-МДТ “Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд”, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, хиёбони И. Сомонӣ, 169, тел: 928616700, E-mail: a.jabborov@iet.tj.

Джалилзода Абдурашит Абдукамол-Государственное образовательное учреждения Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в городе Худжанд, кандидат экономических наук, доцент. Адрес: 735700, Республика Таджикистан, Согдийская область, город Худжанд, проспект И. Сомони, 169 Телефон: 92-861-67-00, E-mail: a.jabborov@iet.tj

Jalilzoda Abdurashit Abdukamol-The State educational institution of the Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, candidate of economic sciences. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Sughd region, Khujand city, I. Somoni avenue, 169 Phone: 92-861-67-00, E-mail: a.jabborov@iet.tj.

УДК: 338

МЕХАНИЗМҲОИ ИДОРАКУНИИ ХАВФҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ТАКМИЛИ ОН ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

Шамсуллозода Х.
Гулов Б.М.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Аннотатсия. Дар мақолаи илмӣ масъалаҳои такмил додани низоми идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Таъкид мегардад, ки фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди муосир бо номуайянии баланд ва таъсири омилҳои сершумори хавф тавсиф ёфта, ин ҳолат зарурати ташаккули механизмҳои самараноки идоракунии хавфҳоро ба миён меорад. Моҳият ва хусусиятҳои идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ муайян гардида, нақши онҳо дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ асоснок карда шудааст. Диққати асосӣ ба таҳия ва такмили усулҳо ва воситаҳои муосири идоракунии хавфҳо равона шуда, имкониятҳои татбиқи амалии онҳо баррасӣ мегарданд.
Дар мақола заминаҳои назариявӣ ва тавсияҳои методологӣ оид ба идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ пешниҳод шуда, равишҳои муосири баҳодиҳӣ ва коҳиш додани таъсири хавфҳо таҳлил гардидаанд. Исбот мегардад, ки самаранокии идоракунии хавфҳо аз дарки дурусти табиати онҳо ва мутобиқсозии механизмҳои идоракунӣ ба шароити мушаххаси фаъолияти корхона вобастагии зич дорад.
Калидвожаҳо: идоракунии хавфҳо, хавфҳои сармоягузорӣ, лоиҳаи сармоягузорӣ, корхонаҳои саноатӣ, омилҳои хавф, гурӯҳбандии хавфҳо, механизми идоракунии хавф.
Барои иқтибос: Шамсуллозода, Х. Механизмҳои идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ ва такмили он дар корхонаҳои саноатӣ / Х. Шамсуллозода, Б. М. Гулов // / Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 239-246.

МЕХАНИЗМЫ УПРАВЛЕНИЯ ИНВЕСТИЦИОННЫМИ РИСКАМИ И ИХ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

Шамсуллозода Х.
Гулов Б.М.
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава

Аннотация. В научной статье рассматриваются вопросы совершенствования системы управления инвестиционными рисками на промышленных предприятиях. Подчеркивается, что инвестиционная деятельность в условиях современной экономики характеризуется высоким уровнем неопределенности и воздействием множества риск-факторов, что обусловливает необходимость формирования эффективных механизмов управления рисками. Определены сущность и особенности управления инвестиционными рисками на промышленных предприятиях, а также обоснована их роль в повышении эффективности экономической деятельности. Основное внимание уделено разработке и совершенствованию современных методов и инструментов управления рисками, а также рассмотрены возможности их практического применения.
В статье представлены теоретические основы и методологические рекомендации по управлению инвестиционными рисками, проанализированы современные подходы к оценке и снижению их воздействия. Доказано, что эффективность управления рисками в значительной степени зависит от правильного понимания их природы и адаптации управленческих механизмов к конкретным условиям функционирования предприятия.
Ключевые слова: управление рисками, инвестиционные риски, инвестиционный проект, промышленные предприятия, факторы риска, классификация рисков, механизм управления рисками.

MECHANISMS FOR MANAGING INVESTMENT RISKS AND THEIR IMPROVEMENT IN INDUSTRIAL ENTERPRISES

Shamsullozoda Kh.
Gulov B.M.
Bokhtar State University named after Nosir Khusrav

Annotation. The scientific article examines issues related to improving the system of investment risk management at industrial enterprises. It is emphasized that investment activity in the modern economic environment is characterized by a high level of uncertainty and the influence of numerous risk factors, which necessitates the formation of effective risk management mechanisms. The essence and specific features of investment risk management at industrial enterprises are identified, and their role in enhancing economic efficiency is substantiated. Particular attention is paid to the development and improvement of modern methods and tools of risk management, as well as to the possibilities of their practical application. The article presents theoretical foundations and methodological recommendations for investment risk management and analyzes modern approaches to assessing and mitigating risk impacts. It is proven that the effectiveness of risk management largely depends on a proper understanding of the nature of risks and the adaptation of management mechanisms to the specific operating conditions of an enterprise.
Key words: risk management, investment risks, investment project, industrial enterprises, risk factors, risk classification, risk management mechanism.

Гузориши масъала. Фаъолияти сармоягузорӣ, ки тавассути лоиҳаҳои сармоягузорӣ амалӣ мешавад, яке аз самтҳои асосии рушди корхонаҳо ба ҳисоб меравад. Сабабҳое, ки зарурати сармоягузориро ба вуҷуд меоранд, гуногун буда метавонанд, вале умуман онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: навсозии пойгоҳи маводи-муҳандисӣ ва техникии мавҷуда; афзоиши ҳаҷми фаъолияти истеҳсолӣ; ҷорӣ кардани намудҳои нави фаъолият.

Ҳар яке аз ин самтҳо сармоягузории калон ва фазои вақтии тӯлонӣ байни қабули қарор барои амалӣ сохтани лоиҳаи сармоягузорӣ, лоиҳакунӣ ва баргардонидани маблағҳо пас аз расидан ба ҳадафҳоро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, фаъолияти сармоягузории корхона бевосита бо хавҳои қарзӣ, талафоти молиявӣ ва коҳиши самаранокии иқтисодии корхона пайваст аст, ки дар натиҷаи таъсири омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба амал меоянд.

Мавҷудияти робитаи мустақим миёни самаранокии фаъолияти корхона ва сатҳи хатарҳои сармоягузорӣ, зарурати таҳияи усулҳои идоракунии оқилонаи онҳо мебошад. Бо вуҷуди ин, имрӯз фаъолияти идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ аксар вақт танҳо ба таҳлили сифатӣ ва арзёбии тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии сармоягузорӣ бо шумораи камтарини омилҳои хатарсоз маҳдуд мешавад. Дар ҳоле ки шумораи омилҳои хавф, ки аз тағйироти муҳити дохилӣ ва хориҷӣ ба вуҷуд меоянд ва ноустувории таъсири онҳо ба фаъолияти сармоягузории корхона имкон намедиҳад, ки мо дар бораи вуҷуд доштани механизми воқеан самараноки идоракунии хавфҳо бо асосҳои амалӣ сухан гӯем.

Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ, ки ба асосноккунии фазои омилҳои хавфҳои сармоягузорӣ ва ташаккули механизми идоракунии оқилонаи хавфҳои умумии сармоягузории корхона марбутанд, бидуни шак вазифаи муҳим ва ба вақти худ мувофиқ мебошад.

Дараҷаи коркарди масъала. Масъалаҳои марбут ба принсипҳои умумии арзёбӣ, таҳлил ва коҳиш додани сатҳи хавфҳои сармоягузорӣ дар корҳои илмии олимони соҳа ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар ин таҳқиқотҳо равишҳои гуногуни баҳодиҳии хавф, усулҳои таҳлил ва роҳҳои паст намудани таъсири омилҳои хавфнок дар фаъолияти сармоягузорӣ баррасӣ мешаванд.

Ҳамзамон, масъалаи хавф дар фаъолияти идоракунӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои ташкилӣ ва методологии коҳиши хавфҳои идоракунӣ, дар таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Дар ин асарҳо асосҳои назариявӣ ва амалӣ, механизмҳо ва усулҳои самараноки идоракунии хавфҳо таҳия ва такмил дода шудаанд.

Таҳлили адабиёти илмии нашршуда оид ба мавзуи таҳқиқот нишон медиҳад, ки аксари корҳои мавҷуда бештар ба омӯзиши ҷанбаҳои алоҳидаи хавф нигаронида шудаанд. Бо вуҷуди ин, то имрӯз як қатор масъалаҳои муҳимми ҳалталаб боқӣ мондаанд, ки ба ташаккули консепсияи мукаммал, инчунин таҳияи усулҳо ва воситаҳои самараноки идоракунии хавфҳои умумии сармоягузории корхонаҳо вобаста мебошанд.

Мақсади таҳқиқ. Мақсади асосии таҳқиқ таҳияи асосҳои назариявӣ ва тавсияҳои методологӣ оид ба механизмҳои идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ ва такмили он дар корхонаҳои саноатӣ мебошад.

Муҳтавои асосии мавод. Рушди низоми иқтисодӣ асосан ба васеъшавӣ ва такмил додани фаъолияти корхонаҳо такя мекунад. Фаъолияти асосии онҳо аз истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти истеҳсолӣ-техникӣ ва молҳои истеъмолии мардумӣ, гузаронидани фаъолияти тиҷоратӣ-харидорӣ ва миёнаравӣ, ҳамчунин фаъолият дар соҳаи иқтисодиёти хориҷӣ иборат аст. Ҳар яке аз ин намудҳои фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидорӣ дар раванди амалӣ шуданаш таҳти таъсири омилҳои дохилӣ ва берунии корхона қарор мегирад, ки метавонад натиҷаи пешбинишударо тағйир диҳад. «Бо вуҷуди

таъсири ин омилҳо мумкин аст баҳо дода шавад ва бо дарназардошти ҳисоби муҳосиб, хавфҳо метавонад идоракунанда ҳисоб карда шавад» [7].

Омилҳои берунӣ омилҳое мебошанд, ки пайдоиш ва шакли зоҳиршавии онҳо бевосита ба фаъолияти корхона тааллуқ надорад ва бештар аз тағйироти вазъи сиёсӣ ва иқтисодӣ, ҳодисаҳои табиӣ ва пешравии илмӣ-техникӣ сарчашма мегиранд.

Омилҳои дохилӣ бошад, ба фаъолияти худи корхона (истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ) марбутанд. Дар байни омилҳои ғайриистеҳсолии корхона аввалан гурӯҳи омилҳои иҷтимоӣ (бадшавии муҳити иҷтимоӣ, бовар надоштан ба роҳбарият ва ғайра) бояд қайд карда шавад. Аз омилҳои истеҳсолӣ бошад, шартан метавон омилҳои хавфро дар самтҳои такрористеҳсол, истеҳсолот, идоракунӣ ва гардиши мол ҷудо кард. «Асоси хавфро омили дигар - эҳтимолият ташкил медиҳад, ки дар тафовут аз омили номуайянӣ, дараҷаи эҳтимоли гирифтани натиҷаи интизорӣ ва ҳаҷми онро нишон медиҳад» [16, С.367].

Ҳар яке аз самтҳои фаъолияти корхона дар шароити муосир талаб мекунад, ки корхонаҳо барои нигоҳ доштани мавқеи худ дар муҳити рақобатӣ, маҳсулоти нав истеҳсол кунанд ва ба бозорҳои нави фурӯш роҳ ёбанд. Ҳамагӣ ин бидуни таҷҳизоти нави истеҳсолот ва иваз кардани таҷҳизоти технологӣ имконнопазир аст, ки барои ин сармоягузории калон лозим аст. Аз ин рӯ, ҳар яке аз намудҳои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир бевосита бо фаъолияти сармоягузорӣ, ки тавассути амалӣ кардани лоиҳаҳои сармоягузорӣ сурат мегирад, алоқаманд аст. Мамлакати мо «...дорои захираҳои васеи табиӣ ва иқтидори меҳнатии қобили таваҷҷӯҳ мебошад, ки дар сурати ҷалби самараноки сармоягузорӣ метавонанд рушди саноат» босуръат таъмин карда шавад» [10, С.160]. Муҳим он аст, ки гуногунрангии хавфҳо, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ зоҳир мешаванд, ба хавфҳои сармоягузорӣ низ пурра дахл доранд. Аз ин рӯ, дар таҳияи қарор оид ба сармоягузорӣ ва дар раванди амалӣ сохтани он, бояд омилҳои асосии хавф ба назар гирифта шаванд.

Аз ин нуқтаи назар, дар доираи таҳқиқот сармоягузорӣ ба маънои қисми маҳдуди захираҳои корхона фаҳмида мешавад, ки аз истифодаи муваққатӣ ҷудо карда шуда, барои ҷуброн кардани талафот аз таваррум ва ба даст овардани подош барои хавф равона мешавад ва дар оянда арзишҳои иловагӣ меорад.

Махсусияти чорабиниҳо барои ҷорӣ кардан (сармоягузорӣ) ва расидан ба ҳадафҳои муайянро лоиҳаи сармоягузорӣ меноманд. «Лоиҳаҳои сармоягузорӣ унсури муҳимми низоми (системаи) идоракунии иқтисодиёт ва ҳар як субъекти хоҷагидорӣ маҳсуб мегарданд» [3, С.195]. Маҳз маҷмӯи лоиҳаҳои сармоягузории корхона, ки бо хусусиятҳои технологӣ, идоракунӣ ва параметрҳои давраи истеҳсолӣ алоқаманданд, фаъолияти сармоягузориро ташкил медиҳад. Самаранокии он аз нишондиҳандаҳо, ба монанди сохтор ва ҳаҷми сармоягузориҳо ва дигар захираҳои рушди корхона, ҳадафҳо ва муҳлати сармоягузорӣ, технологияҳои идоракунии сармоягузорӣ, соҳаи иқтисод, сатҳи рушди он ва дастгирии давлат вобаста аст. Ин омилҳо, ки дар боло зикр шуданд, дар гирифтани арзиши сармоягузорӣ монеа эҷод мекунанд ва хавфҳои фаъолияти сармоягузориро муайян менамоянд.

«...ноил шудан ба ҳадафи миллии саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғояҳо, роҳҳои ҳал ва равишҳои нав, инчунин роҳҳои нави ташкил ва ҳамкорӣ дар соҳаи инноватсия ниёз дорад. Дар ин замина, инноватсия ва рақамикунонӣ қариб дар ҳама бахшҳои иқтисодиёт, бахусус дар саноат, нақши рӯзафзун мебозанд» [15].

Бо дарназардошти фаҳмиши гуногун аз категорияи хавф дар адабиёт, мафҳуми хавф дар фаъолияти сармоягузорӣ «потенсиали пастшавии нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти корхона зери таъсири омилҳои хавф» ифода меёбад. Аз нуқтаи назари арзёбии оқибатҳои бадшавии ҳолати интизоршавандаи муҳит, сатҳи хавф аксар дар адабиёт бо дараҷаи паҳншавии нишондиҳандаҳои ҳадафнокии корхона алоқаманд дониста мешавад.


«Хавф эҳтимолияти дидани зарар ва ё аз даст додани фоида мебошад» [8, С.41]. Дар фаъолияти хоҷагидории корхона зери мафҳуми «хавф» имконияти ба вуҷудоии вазъи номусоид ва оқибатҳои нохуши зарарнок фаҳмида мешавад.

Муҳаққиқи рус В.П. Василев қайд кардааст, ки «хавф - ин ҳодисаест, ки хосияти эҳтимолӣ дошта, дар ҳолати рух додани он дар рафти татбиқи кори инноватсионӣ имкони гирифтани зарар ё натиҷаи мусбӣ имконпазир мебошад» [1, С.124]. Инчунин, «... муайянкунӣ ва идоракунии хавфро ҳамчун раванди назорати мувофиқ бо мақсади минимизатсияи талафот дар мавриди сар задани ҳодисаи хавф таъриф додан мумкин аст» [6, С.271].

Барои сармоягузор муҳим танҳо он хатарҳо мебошанд, ки метавонад ба талафоти маблағ ё коҳиши фоида ва даромади пешбинишуда дар давраи амалӣ кардани лоиҳаи инноватсионӣ оварда расонанд. «Сатҳи баланди даромади корхона ба туфайли бартараф намудани дараҷаи баланди хавфи

сармоягузорӣ, паси сар кардани хавфи муфлисшавӣ ба даст меояд» [5, С.87]. Аз ин лиҳоз, ба ақидаи В.В. Глухов, С.Б. Коробко, Т.В. Маринина «хавфи инноватсионӣ - ин баҳодиҳии эҳтимолии муваффақият ва ё нобарории фаъолият дар ҷараёни истеҳсол ва то ба бозор баровардани маҳсулот мебошад» [2, С.145]. «Баланд шудани хавфҳои молиявӣ ва паст шудани даромад боиси ғайриимкон гардонидани даромади сармоягузорро дар шакли амонат мегардонад» [9, С.131].


Ҳамин тавр, корхона дар раванди фаъолияти сармоягузорӣ, ки тавассути лоиҳаи сармоягузорӣ амалӣ мешавад, таҳти таъсири омилҳои хавф қарор мегирад. Дар ҳар як марҳалаи татбиқ ба самаранокии лоиҳа омилҳои дохилӣ ва берунӣ таъсири гуногун доранд. Таҳлили маҷмӯи омилҳои хавф нишон медиҳад, ки миёни намуди хавф ва марҳалаи зоҳиршавии он робита вуҷуд дорад (расми 1).



Расми 1. Фазои омилҳои хавф мувофиқи давраи ҳаёти лоиҳаи сармоягузорӣ
Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси адабиёти соҳавӣ

Бо вуҷуди ин, мураккабӣ ва гуногунҷабҳаи робитаҳои иқтисодии объектҳои иқтисодӣ имкон намедиҳад, ки ҳолатҳои хавф бевосита ва равшан муайян карда шаванд. Ба назари мо, сабаби афзоиши масъалаҳои марбут ба таҳлили хавфҳо таъсири интегралӣ ва ҳамзамон омилҳои гуногун мебошад.


Таҳқиқ ва таҳлили омилҳои хавфоранда дар фаъолияти сармоягузорӣ имкон дод, ки хатарҳои сармоягузорӣ бар асоси нишондиҳандаҳои гурӯҳбандӣ (расми 2) гардонида шаванд. Ин гурӯҳбандӣ имконият медиҳад, ки ҳолатҳои хавф ва барномаҳои рушди омилҳои хавфоранда ва вазъиятҳое, ки онҳо ба амал меоянд, муайян карда шаванд.



Расми 2. Гурӯҳбандии омилҳои хавфҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ
Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси адабиёти соҳавӣ

Воситаи асосии баҳисобгирӣ ва арзёбии оқибатҳои эҳтимолии манфӣ таҳлили хавфҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба шумор меравад. Ин таҳлил ҳамчун ҷузъи таркибии асосноккунии маҷмӯии лоиҳаи сармоягузорӣ баромад намуда, дар раванди қабули қарор оид ба сармоягузорӣ нақши муҳим ва ҳалкунанда дорад.

Бо мақсади таҳлил ва идоракунии низоми хавфҳои фаъолияти сармоягузории корхона механизми махсуси идоракунии хавфҳо таҳия гардидааст, ки сохтори он дар расми 3 инъикос ёфтааст.



Расми 3. Механизмҳои идоракунии хавфҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ
Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси адабиёти соҳавӣ

Таҳлили сифатии хавфҳои лоиҳа дар марҳалаи таҳияи бизнес-нақша анҷом дода мешавад. Вазифаи асосии он муайян кардани намудҳои эҳтимолии хавф ва омилҳое мебошад, ки сатҳи хавфҳоро дар раванди иҷрои як намуди фаъолият муайян мекунанд. Натиҷаҳои таҳлили сифатӣ

танҳо ҳамчун маълумоти ибтидоӣ барои гузаронидани таҳлили миқдорӣ хизмат мекунанд. Таҳлили миқдорӣ барои муайянкунии хатарҳое, ки эҳтимоли рух доданашон бештар ва талафоти эҳтимолии онҳо бузург аст, мусоидат мекунад.

Таҳлили миқдории хатарҳои лоиҳа бо истифода аз моделҳои математикӣ дар қабули қарорҳо ва рафтори лоиҳа анҷом дода мешавад, ки онҳо ба усулҳои назарияи эҳтимолият такя мекунанд. Ин бо хусусияти эҳтимолии ноустуворӣ ва хатарҳо шарҳ дода мешавад. Асоси интихоби усули арзёбии хатар намуд ва навовариҳои лоиҳа, имконияти банақшагирӣ ва татбиқи лоиҳа ба марҳалаҳо, инчунин маълумоти ибтидоӣ мебошад.

Дар марҳалаи анҷоми тарҳрезии стратегияи идоракунии хавф ва оғози татбиқи он, ҳуҷҷати натиҷавӣ нақшаи чорабиниҳо барои паст намудани хавфҳои лоиҳаи сармоягузорӣ мебошад. Роҳҳои гуногуни пастсозии хавф дар фаъолияти сармоягузорӣ тавассути идоракунии сатҳи хавф амалӣ мешаванд. «Ба андешаи олими ватанӣ Хушвахтзода Қ.Х. «Идоракунии хавфи сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ асосан ба доштани маълумоти кофӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ ва фаъолияти истеҳсолии корхона вобаста аст» [13].

Пас аз интихоби маҷмӯи чораҳои ҷорӣ барои бартарафсозӣ ё пастнамоии хавф бояд арзёбӣ шавад, ки оё ин чораҳо кофӣ ҳастанд ё не? Агар чораҳо кофӣ бошанд, лоиҳа амалӣ мегардад вагарна татбиқи лоиҳа рад карда мешавад (аз хатар канорагирӣ карда мешавад). Вобаста ба ин, «... ҳар як сармоягузор пеш аз сафарбар намудани маблағҳои худ ба корхонаи саноатӣ хатарҳои имконпазири онро таҳлил намуда, сипас дар лоиҳаи сармоягузорӣ иштирок менамояд» [12, С.63].

Яке аз самтҳои афзоиши самаранокии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ танзими омилҳои хориҷии хатар тавассути фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ мебошад. «Ҳангоми гузаронидани арзёбии ҳамаҷонибаи самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва инноватсионӣ бояд ба назар гирифта шавад, ки татбиқи ҳар кадоми онҳо ҳатман бо бартараф кардани хавфҳо алоқаманд аст» [4, С.529]. «Самаранокии сиёсати давлатии сармоягузорӣ дар саноат на танҳо аз ҳаҷми умумии сармоягузорӣ, балки аз соҳаҳои мушаххасе, ки ба онҳо раванди сармоягузорӣ равона карда шудааст, вобаста аст» [11, С.213].

Азбаски маҷмӯи омилҳои хавфоваранда ва сатҳи таъсири онҳо дар минтақаҳои гуногун барои корхонаҳои як минтақа тақрибан яксон аст, сатҳи хатарҳои берунӣ ба тадбирҳои дастгирии давлатӣ дар сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, барои муайян кардани сатҳи хавфҳои берунӣ метавон мафҳуми «амнияти сармоягузории минтақа»-ро истифода кард, ки бо фароҳам овардани шароити устувор барои татбиқи сармоягузорӣ ва таъмин кардани сатҳи зарурии дастгирии давлатӣ барои афзоиши самаранокии сармоягузорӣ тавсиф мешавад. «Дар заминаи вазифаҳои давлат, дар татбиқи сиёсати сармоягузорӣ гуфтан бамаврид аст, ки дар ин раванд давлат нақши назаррас дорад» [14, С.180].

Бо вуҷуди ин, воситаҳои сиёсати сармоягузории минтақа ҳамеша қобилияти таъсири мустақим ба коҳиши сатҳи хавфҳои минтақавиро надоранд.

Аз ин рӯ, яке аз самтҳои асосии сиёсати сармоягузорӣ бояд таъсиси низоми умумимиллӣ барои кафолати сармоягузорӣ бошад, ки ҳамчун воситаи самараноки ҳимояи сармоя аз хавфҳои берунии сармоягузорӣ хизмат мекунад. Ин низом бояд барои татбиқи самтҳои афзалиятноки фаъолияти сармоягузорӣ, вобаста ба сатҳи хавфҳои сармоягузории минтақа, ҳавасмандкунии иловагӣ фароҳам оварад ва ҳамзамон дастрасии ҳамаи сармоягузоронро ба захираҳои кафолатӣ, ки аз дигар манбаъҳои дохилӣ ва берунӣ ташаккул меёбанд, таъмин намояд.

Муносибати низомнок ба кафолати сармоягузорӣ, ки бар асоси ягонагии методология ва ба назар гирифтани тафовутҳои минтақавӣ дар шароити татбиқи сармоягузорӣ бунёд мешавад, барои коҳиш додани сатҳи хавфҳои берунӣ мусоидат менамоянд. Ҳамзамон, муқаррароти қонунгузории равшан ва устувории механизми амалкунандаи низом шароитҳои мусоидро барои баланд бардоштани амнияти сармоягузорӣ фароҳам меоранд.

Маҷмӯи васеи омилҳои хавф, ки марҳалаҳои гуногуни давраи ҳаётии фаъолияти сармоягузориро фаро мегирад, зарурати таҳияи принсипҳои мукаммали таҳлил ва арзёбии хавфҳоро ба миён мегузорад. Ҳар як марҳалаи давраи ҳаётии лоиҳаи сармоягузорӣ дорои хусусиятҳои махсус буда, ба худ маҷмӯи муайяни омилҳои хавфро муттаҳид месозад.

Таҷрибаи амалкунандаи баҳисобгирӣ ва таҳлили хавфи сармоягузорӣ дар корхонаҳо на ҳамеша имкон медиҳад, ки тамоми омилҳои манфии таъсиррасон ба натиҷаи ниҳоии лоиҳа ба таври пурра ба назар гирифта шаванд. Аз ин рӯ, ба андешаи мо зарур аст, ки механизми фарогири идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ таҳия карда шавад. Дар натиҷа чунин механизм бояд чорабиниҳоро оид ба ошкор сохтан, баҳо додан ва коҳиш додани хавф дар бар гирад ва вобаста ба сатҳу дараҷаи таъсири ҳар як омили хавф ба натиҷаи ниҳоӣ татбиқ гардад. Муҳим он аст, ки

идоракунии хавфҳо аз марҳалаи пайдоиши онҳо оғоз шавад, на ин ки пас аз ба миён омадани оқибатҳои манфӣ.

Агар раванди татбиқи лоиҳаи маҳаллӣ аз рӯйи марҳалаҳо баррасӣ гардад, хавфҳоро метавон ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо намуд. Гурӯҳи аввал хавфҳои то воқеа (пешакӣ), ки ба марҳалаҳои тарҳрезӣ ва сохтмон алоқаманданд. Ба инҳо эҳтимоли нотамом мондани корҳои лоиҳакашӣ ё сохтмонӣ, ошкор гардидани нуқсонҳо баъди қабули иншоот оид ба истифода додани он, хатогиҳои ҳуқуқӣ ҳангоми ба расмият даровардани ҳуқуқи моликият ё иҷора, зиёд шудани хароҷоти сметавӣ, инчунин иҷро нашудани уҳдадориҳо дар муҳлатҳои муқарраргардида дохил мешаванд. Гурӯҳи дуюм хавфҳои баъди воқеа мебошанд, ки пас аз анҷоми сохтмон ва оғози фаъолияти истеҳсолӣ (хавфҳои вобаста ба сифати маҳсулот, мушкилоти фурӯш, номувофиқии таҷҳизот, инчунин хавфҳои маркетингӣ) ба миён меоянд. Хавфҳои маркетингӣ метавонанд боиси норасогии даромади пешбинишуда гарданд, ки барои пардохти қарзҳо ё пӯшонидани хароҷот кофӣ нест. Инчунин, мумкин аст, ки маҳсулот дар ҳаҷм ва муҳлати пешбинишуда ба фурӯш наравад. Дар ин марҳала инчунин хавфҳои соҳибкорӣ, технологӣ, маҳдудияти дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, сатҳи пасти идоракунӣ ва норасоии қувваи кории баландихтисос таъсир мерасонанд.

Барои муайян намудани омилҳои дохилӣ, ки ба самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ таъсир доранд, усулҳои таҳлилӣ истифода мешаванд, ки ба ҳисобкунии муҳлати бозгашти сармоя асос меёбанд. Дар ин замина фикри мо ин аст, ки ҳангоми интихоби сармоягузорӣ нишондиҳандаҳо ба монанди ҳаҷми фоида, арзиши аслӣ, сатҳи даромаднокӣ ва таҳлили нуқтаи безарарӣ ба назар гирифта мешаванд. Сабаби истифодаи нишондиҳандаҳои мазкур имконият медиҳад, ки қарорҳои асоснок қабул гардад ва дар натиҷа эҳтимоли аз даст рафтани фоида ё нокомии татбиқи лоиҳа коҳиш дода мешавад. Бо вуҷуди ин, қабули қарорҳои асоснокшуда танҳо дар асоси омилҳои дохилӣ имконпазир нест. Ба ин раванд омилҳои берунаи хавф низ таъсири ҷиддӣ мерасонанд, ки онҳо вобастагии лоиҳаи сармоягузориро аз муҳити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии атроф инъикос менамоянд. Дараҷаи таъсири чунин омилҳо барои корхонаҳои як соҳа дар як минтақа пеш аз ҳама аз сатҳи дастгирии давлатии фаъолияти сармоягузорӣ вобаста мебошад.

Қонунгузорӣ як қатор тадбирҳоро вобаста ба коҳиш додани хавфҳо, бахусус дар самти молиявӣ пешбинӣ менамояд. Аммо, ҳангоми арзёбии ҳамаҷонибаи хавфи сармоягузорӣ бояд нишондиҳандаҳо ба монанди сатҳи таъминнокии иқтисод бо захираҳо, рушди инфрасохтор, дараҷаи рақобат, ҳолати низоми алоқа ва нақлиёт, инчунин сатҳи ҷиноятқорӣ дар ҷомеа ва иқтисод ба инобат гирифта шаванд.

Хулоса, таҳқиқот нишон дод, ки хавфи фаъолияти сармоягузорӣ мураккаб аст, зеро ба натиҷаи он омилҳои дохилӣ ва берунӣ таъсир мерасонанд. Ҳангоми таҳияи лоиҳаи сармоягузорӣ бояд ҳамаи омилҳои таъсиррасон муайян шаванд. Фарқияти намудҳои лоиҳаҳо ва ҳадафҳои онҳо талаб мекунад, ки онҳо ба марҳалаҳо ҷудо шаванд ва дар нуқтаҳои назоратӣ иттилооти иловагӣ дар бораи рушди лоиҳа бо дарназардошти муҳити дохилӣ ва берунӣ дастрас гардад. Қабули қарорҳои самараноки сармоягузорӣ бояд бар асоси равиши системавӣ ва ягонагии методология сурат гирад, ки сатҳи хавфи берунӣ ва номуайяниро коҳиш медиҳад ва амният ва устувории сармоягузориро таъмин мекунад.

Адабиёт

1. Васильев В.П. Управление инновациями: учебное пособие. - М.: Дело и сервис. - 2019. - 400 с. – С.124.
2. Глухов В.В., Коробко С.Б., Маринина Т.В. Экономика знаний / В.В. Глухов, С.Б. Коробко, Т.В. Маринина. - СПб: Питер. - 2015. - 528 с. – С.145.
3. Гулов Б.М. Асосҳои методии арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ [Матн] / Б.М. Гулов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Бохтар, 2020. - №1-1(71). – С.195-202. – С.195.
4. Гулов Б.М. Асосҳои назариявӣ-методологии фаъолияти сармоягузорӣ ва инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ [Матн] / Б.М. Гулов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Бохтар, 2024. - №1/3(125). – С.526-531. – С.529.
5. Игонина Л.Л. Инвестиции: Учебное пособие [Текст] / Л.Л. Игонина. – М.: Юристь, 2012. – 480с. – С. 87.
6. Икромӣ Ф.Н. Стратегияи пешгирии хавфҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикӣ [Матн] / Ф.Н. Икромӣ, Н.А. Давлатов // Механизми идоракунии молияи давлатӣ дар раванди рушди

босуботи инноватсиониву индустриалии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. – Душанбе, 2024. – С.265-274. – С.271.

7. Масилевич, Н.А., Финансовый менеджмент: учеб. пособие для студентов экономических специальностей вузов. – Мн.: БГТУ, 2006. – 337 с.

8. Мирсаидов А.Б. Риск и страхование в системе аграрных экономических отношений (теоретический аспект) // Журнал «Кишоварз» (Земледелец). Таджикский аграрный университет имени Шириншох Шотемур, 2014г. - №3 (63). – С.40-42. – С.41.

9. Нуров Ш.С. Идоракунии хавфҳои сармоягузории корхона дар шароити муосир [Матн] / Ш.С. Нуров // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон, магистрантону докторантон ва донишҷӯён бахшида ба солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия эълон гардидани солҳои 2025-2030, соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо. - Душанбе, 21-26 апреля 2025 года. – С.128-134. – С.131.

10. Сайфиддинзода С.С. Имкониятҳо ва дурнамои ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳои саноат ва кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.С. Сайфиддинзода, А.К. Сафозода // Маҷаллаи байналмилалии илмии «Фурӯғи илм». – Душанбе, 2025. - №3. – С.160-166. – С.160.

11. Сафоев А.К. Ҷанбаҳои институтсионалии танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2022. - №2. – С.208-217. – С.213.

12. Хушвахтзода Қ.Х. Такмили механизми идоракунии хавфҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Д.А. Толибзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2025. - №8. – С.60-67. – С.63.

13. Хушвахтзода Қ.Х. Таснифоти хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ / Хушвахтзода Қ.Х., Г.Х. Зувайдуллоева // Маҷаллаи назариявӣ ва илмӣ-истеҳсолии “Кишоварз”. - Душанбе, 2021. - №1(90). - С.119-123.

14. Шарипов И.О. Сиёсати давлатии сармоягузорӣ, хусусият ва роҳҳои самараноки ҷалби сармоя ба соҳаи кишоварзӣ [Матн] / И.О. Шарипов, Б.М. Гулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2025. - №11. – С.180-185. – С.180.

15. Хамроев, М. И. Некоторые вопросы разработки и реализации инновационных проектов на промышленных предприятиях / М. И. Хамроев // Финансово-экономический вестник. – 2023. – № 4-2(39). – С. 185-191.

16. Юсупов И.Н. Идоракунии хавфҳои инноватсионии корхонаҳои саноати сабук дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.Н. Юсупов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2025. - №3(74). – С.364-373. – С.367.

Маълумот дар бораи муаллифон

Шамсуллозода Холназар– Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ. Суроға: 735140, ш. Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67.

Гулов Баҳромҷон Маҳмаднаимович- Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси иҷтисодиёт, дотсенти кафедраи молия. Суроға: 735140, ш. Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67.

Сведения об авторах

Шамсуллозода Холназар- Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, доцент кафедры экономической теории. Адрес: 735140, г. Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни, 67.

Гулов Бахромджон Махмаднаимович–Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, доктор философии PhD по специальности экономика, доцент кафедры финансов. Адрес: 735140, г. Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни, 67.

About the authors

Shamsullozoda Kholnazar– Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, associate Professor of the Department of economic theory. Address: 735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Ayni Street, 67.

Gulov Bakhromdjon Makhmadnaimovich–Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, PhD in economics, associate professor of the department of finance. Address: 735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Ayni Street, 67.

УДК: 796

РОҲҲОИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ ФАЪОЛИЯТИ ЭКОТУРИЗМ ДАР ҲУДУДИ ПАРВАРИШГОҲИ КАМАРОБ

Одинаев С.В.
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт
Қаландаров А.А.
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ соҳибкории Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар мақола оиди таҳия ва татбиқи стратегияи рушди экотуризм дар парваришгоҳи Камароб эҷоди маҳсулоти экологии замонавӣ, хеле самаранок ва рақобатпазир мебошад, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои туристони ташрифоваранда имкониятҳои васеъ фароҳам оварда метавонад. Банақшагирии стратегии рушди туризми экологӣ дар ҳудуди парваришгоҳи Камароб инчунин фароҳам овардани шароитҳои мувофиқро тақозо мекунад, ки ба мониторинги тағйирёбандаи муҳити бозор барои қабули қарорҳои рақобатпазир оид ба мутобиқшавӣ ба шароитҳои нав ва имкониятҳои ташкили рушди экотуризм имкон медиҳад.
Ба роҳ мондани самараноки фаъолияти экотуризм дар ҳудуди парваришгоҳи Камароб метавонад ба ҳалли мушкилоти иҷтимоии минтақа таъсири бузурги мусбӣ расонида, ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва нигоҳ доштани сатҳи зиндагии шоистаи аҳолӣ имкон диҳад.
Туризми хуб ба роҳ мондашуда метавонад ба рушди системаи маориф таъсири назаррас расонад ва ба такмили системаи хизматрасонӣ ва ҷорӣ намудани воситаҳои нави иттилоотӣ мусоидат намояд. Дар зери таъсири фаъолияти экотуризм мақомоти минтақа ва корхонаҳои алоҳида дар чорабиниҳо оид ба ҳифзу беҳбуди муҳити зист, мероси фарҳангию таърихӣ ва ёдгориҳои табиат фаъолона иштирок хоҳанд кард.
Калидвожаҳо: ҳудуди парваришгоҳ, рушди экотуризм, омилҳои экологӣ, рушди иқтисодӣ, парваришгоҳи Камароб, фаъолияти туризм, туризми экологӣ, ниёзи туристон.
Барои иқтибос: Одинаев, С. В. Роҳҳои такмили механизми идоракунии фаъолияти экотуризм дар ҳудуди парваришгоҳи Камароб / С. В. Одинаев, А. А. Қаландаров // / Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 247-252.

ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ МЕХАНИЗМА УПРАВЛЕНИЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬЮ ЭКОТУРИЗМА НА ТЕРРИТОРИИ ЗАКАЗНИКА КАМАРОБ

Одинаев С.В.
Таджикский педагогический институт в Раштском районе
Каландаров А.А.
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

Аннотация. Основная цель разработки и реализации стратегии развития экотуризма в заказнике Камароб - создание современных, высокоэффективных и конкурентоспособных экологических продуктов, которые могут обеспечить широкие возможности для удовлетворения потребностей туристов.
Стратегическое планирование развития экологического туризма на территории заказнике Камароб также требует создания соответствующих условий, которые позволят мониторить изменяющуюся рыночную среду для принятия конкурентоспособных решений относительно адаптации к новым условиям и возможностей организации развития экотуризма.
Эффективное внедрение экотуристической деятельности на территории заказника Камароб может оказать значительное положительное влияние на решение социальных проблем региона, способствуя созданию новых рабочих мест и поддержанию достойного уровня жизни населения.
Хорошо организованный туризм может существенно повлиять на развитие образовательной системы и способствовать улучшению сервиса, а также внедрению новых информационных технологий. Под воздействием экотуристической деятельности местные власти и отдельные предприятия будут активно участвовать в мероприятиях по охране и улучшению окружающей среды, культурного и исторического наследия, а также природных памятников.
Ключевые слова: территория заказника, развитие экотуризма, экологические факторы, экономическое развитие, заказник Камароб, туристическая деятельность, экологический туризм, потребности туристов.

WAYS TO IMPROVE THE MANAGEMENT MECHANISM OF ECOTOURISM ACTIVITIES IN THE TERRITORY OF THE KAMAROB RESERVOIR

Odinaev S.V.
Pedagogical Institute of Tajikistan in Rasht District
Kalandarov A.A.
International university of tourism and entrepreneurship of Tajikistan

Annotation. The main goal of developing and implementing a strategy for the development of ecotourism in the Kamarob reserve is to create modern, highly effective and competitive ecological products that can provide broad opportunities to meet the needs of visiting tourists.
Strategic planning for the development of ecotourism in the Kamarob reserve also requires the creation of appropriate conditions that allow for monitoring the changing market environment to make competitive decisions on adapting to new conditions and opportunities for organizing the development of ecotourism.
Effective implementation of ecotourism activities within the Kamarob reserve can have a significant positive impact on solving the social problems of the region, creating new jobs and maintaining a decent standard of living for the population.
Well-organized tourism can have a significant impact on the development of the education system and contribute to the improvement of the service system and the introduction of new information tools. Under the influence of ecotourism activities, regional authorities and individual enterprises will actively participate in activities to protect and improve the environment, cultural and historical heritage, and natural monuments.
Keywords: reserve territory, ecotourism development, environmental factors, economic development, Kamarob reserve, tourism activity, ecological tourism, tourist needs.

Гузориши масъала. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми идоракунии стратегии соҳаи туристӣ ҳам дар ҳудуди минтақаҳои муҳофизатшаванда ва ҳам дар маҷмӯъ дар марҳилаи ташаккул қарор дорад. Ҳоло равиши тадриҷан ҷамъ кардани таҷриба ва ба вуҷуд овардани механизмҳои иқтидории идоракунии соҳа давом дорад.

Таҳлили мушкилоти рушди экотуризм дар ҳудуди парваришгоҳи Камароб нишон медиҳад, ки паст будани сармоягузорӣ ва ҷолибияти сайёҳии ҳудудҳои муҳофизатшаванда ба мавҷуд набудани консепсияи стратегии рушди туристӣ, асосноккунии техникию иқтисодии рушди туризм вобаста аст. Чорабиниҳо ва таъсиси инфрасохтори туристӣ, нақшаи чорабиниҳо оид ба рушди экотуризм, ки ба сармоягузорон имкон дод, ҷолибият ва хатарҳои сармоягузорӣ дар минтақаи муҳофизати Камаробро арзёбӣ намуда, нақшаҳои стратегии рушди босамари соҳаи туристӣ таҳия намоянд [1, с 118].

Мақсади асосии таҳия ва татбиқи стратегияи рушди экотуризм дар парваришгоҳи Камароб эҷоди маҳсулоти экологии замонавӣ, хеле самаранок ва рақобатпазир мебошад, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои туристони ташрифоваранда имкониятҳои васеъ фароҳам оварда метавонад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Дар доираи мавзуи мазкур таҳқиқотҳоаз ҷониби Александрова А.Ю., Бабкин А.В.,Биржаков М. Б., Муртазаев У.И., Саидов Х., Ибодов Ш. М., Қодиров Ф.С., Николаенко Д. В., Пузакова Е.П., Честникова В.А. ва дигарон гузаронида шудааст

Мақсади мақола – ин роҳҳои такмили механизми идоракунии фаъолияти экотуризм дар ҳудуди парваришгоҳи Камароб ба ҳисоб меравад.

Муҳтавои асосии мавод. Банақшагирии стратегии рушди туризми экологӣ дар ҳудуди парваришгоҳи Камароб инчунин фароҳам овардани шароитҳои мувофиқро тақозо мекунад, ки ба мониторинги тағйирёбандаи муҳити бозор барои қабули қарорҳои рақобатпазир оид ба мутобиқшавӣ ба шароитҳои нав ва имкониятҳои ташкили рушди экотуризм имкон медиҳад [2, с 23].

Ба роҳ мондани самараноки фаъолияти экотуризм дар ҳудуди парваришгоҳи Камароб метавонад ба ҳалли мушкилоти иҷтимоии минтақа таъсири бузурги мусбӣ расонида, ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва нигоҳ доштани сатҳи зиндагии шоистаи аҳолӣ имкон диҳад.

Туризми хуб ба роҳ мондашуда метавонад ба рушди системаи маориф таъсири назаррас расонад ва ба такмили системаи хизматрасонӣ ва ҷорӣ намудани воситаҳои нави иттилоотӣ мусоидат намояд. Дар зери таъсири фаъолияти экотуризм мақомоти минтақа ва корхонаҳои алоҳида дар чорабиниҳо оид ба ҳифзу беҳбуди муҳити зист, мероси фарҳангию таърихӣ ва ёдгориҳои табиат фаъолона иштирок хоҳанд кард [3, с 112].

Ташкили самараноки банақшагирии стратегӣ, истифодаи иқтидори захиравии рушди экотуризм имкон медиҳад, ки маҳсулоти туристии рақобатпазир ба вуҷуд ованд, онҳоро озодона

дар бозори байналмилалии сайёҳӣ фурӯхта шаванд ва инчунин имкон медиҳанд, ки таваҷҷуҳи афзалиятнок ба ҷолиб ва дастраси маҳсулоти сайёҳӣ дода шавад.

Маблағгузории соҳа, ки ҳоло аз ҷониби давлат амалӣ карда мешавад, барои фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳа бешубҳа кифоя нест. Таҳлили масъала нишон медиҳад, ки барои ба роҳ мондани самараноки фаъолияти экотуризм ба инобат гирифтани омилҳои зерин хеле муҳим аст [4, с 126].

Омилҳои маркетинг. Онҳо ба сатҳи қаноатмандии туристон ва муносибати онҳо ба ҷойҳои ҷолиб, объектҳои парваришгоҳ ва хизматрасонӣ, фаъолиятҳое, ки ба ташаккул ва рушди самараноки туризми экологӣ нигаронида шудаанд, самаранокии ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои гуногуни таблиғотӣ ва иттилоотӣ, дараҷаи туристон ба объектҳои гуногуни парваришгоҳ рафтан ва ғайра баҳо медиҳанд.

Барои кам кардани дараҷаи номуайянӣ ва хатар, корхонаи туристӣ бояд маълумоти боэътимод, объективӣ ва саривақтӣ дошта бошад. Чунин маълумотро тавассути тадқиқоти маркетингӣ ба даст овардан мумкин аст. Маълумоти боэътимод имкон медиҳад, ки тамоми ташрифҳои тиҷорати туристӣ самаранок фаъолият намуда, онро бо бозорҳо, истеъмолкунандагон, рақибон ва дигар унсурҳои муҳити зист барои фаъолияти он пайваст намояд.

Бо истифодаи самараноки усулҳо ва воситаҳои ба далелҳо асосёфтаи гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ, ширкати туристӣ ба тағйироти динамикии муҳити бозор хеле зудтар мутобиқ мешавад ва инчунин нақшаҳои стратегии дақиқи фаъолиятҳои дарозмуддатро таҳия мекунад [5, с 79].

Махсусан таҳқиқоти коммуникатсияҳои маркетингӣ, ки тадқиқоти ВАО ва арзёбии самаранокии таблиғ, санҷиш ва арзёбии фаъолияти пешбурди фурӯш, тадқиқот дар соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳлили натиҷаҳои иштироки ширкати туристӣ дар кори намоишгоҳ ва чорабиниҳои ярмарка муҳиманд.

Тадқиқоти мо нишон дод, ки системаи парваришгоҳи Камароб дар рушди ширкати таблиғотӣ ва ташкили ширкат дар чорабиниҳои намоишию ярмаркаҳо (асосан бо молия алоқаманд) ва дар такмили стратегияи маркетинги ширкат низ вуҷуд доранд.

Дар асоси таҳлили гуфтаҳои дар боло зикршуда муқаррароти зеринро ҷиҳати такмил додани механизми идоракунии фаъолияти экотуризм ба хулосаи мантиқӣ овардан лозим аст:

а) истеҳсоли маҳсулоти таблиғотӣ (тақвимҳо – плакатҳо ва кисагиҳо, магниткаҳо, буклетҳо, китобчаҳо, варақаҳо, маҳсулоти гуногуни хотиравӣ дар шакли футболка, кулоҳҳо, пиёлаҳо, табақҳо, лаълиҳо, блокнотҳо, қаламҳо ва ғайра) ба роҳ монда шавад.

б) ташкил намудани идҳо ва маъракаҳои экологии ҳамасола – «Рӯзи ҳифзи ҳайвоноти ваҳшӣ», «Рӯзи оби тоза», «Рӯзи паррандагон», «Баҳор», «Дар боғи мо чӣ мерӯяд», «Табиатро ҳифз мекунем», «Мо ба шумо иҷозат намедиҳем, гӯли наврӯзиро чинед». Дар ноҳияҳои назди минтақа мамнӯъгоҳҳои хурди мавсимии мактабҳо, боғҳои табиии миллии мактабҳо, ёдгориҳои табиӣ, қитъаҳои меъёрии табиат ва ғайра ташкил кардан лозим аст. Тарбиягирандагони боғча, мактаббачагон, табиатшиносони ҷавон, донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, Коллеҷи омӯзгорӣ, тиббӣ, туристон, олимон ва ғайраро даъват кардан лозим аст.

в) бо воситаҳои ахбори оммаи ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳурявӣ ҳамкории зич барқарор кардан зарур аст. Муваффақияти ин кори маърифатӣ-экологӣ аз басомад ва ғанисозии эҳсосии иттилоот вобаста аст. Паҳн кардани маълумот дар бораи парваришгоҳ ва ташаккули муносибати мусбии аҳолӣ ба парваришгоҳ тавассути фаъолияти фаъолона ва таблиғотӣ мусоидат хоҳад кард.

г) таъмин мунтазами маълумот дар матбуоти маҳаллӣ;

д) барои баланд бардоштани маърифати экологии мактаббачагон самтҳои зерин муҳиманд:

- ташкил ва гузаронидани лагерҳои мактабӣ дар ҳудуди парваришгоҳ;

- ташкили чорабиниҳои гуногуни байналмилалии экологӣ.

- ташкили экскурсияҳо, маҳфилҳои экологӣ ва табиатшиносони ҷавон, гузаронидани дарсҳои мавзӯъӣ, озмунҳо, викторинаҳо, инчунин ҷалб намудани мактаббачагон ба идҳои экологӣ ва аксияҳо;

е) Бақайдгирии захираи иттилоотии он дар ҷойҳое, ки шумораи зиёди одамон меоянд (вокзалҳо, истгоҳҳои автобус, биноҳои маъмурӣ).

Иҷрои вазифаҳои гузошташудаи парваришгоҳ имкон медиҳад, ки мавқеи мавҷудаи худро дар бозор мустаҳкам намуда, ба қисматҳои нав ворид шавад, инчунин дар бозори туристӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ афзалиятҳои назарраси рақобатӣ ба даст орад. Бояд қайд кард, ки ҷорӣ намудан ва кор карда баромадани захираҳо дар татбиқи хизматрасониҳои туристӣ имкон медиҳад, ки хавфи молиявӣ кам карда шавад, вазъи бозор ба таври воқеӣ баҳо дода

шавад, татбиқи стратегияро самаранок ҳамоҳанг созад, самаранокии фаъолиятро ба таври назаррас баланд бардорад ва сатҳи эътимоди истеъмолкунандагон ба хидматрасонии туристӣ ҳам дар захира ва ҳам ба хидматҳои пешниҳодкардаи он имкон медиҳад. [6, с 135].

2. Омилҳои иқтисодӣ. Ба ин ҷо сохти хароҷоти туристӣ дохил мешаванд. Фоидаи иқтисодии туризм барои минтақа ин бахусус рушди корхонаҳои сайёҳии маҳаллӣ ва шуғли аҳолии маҳаллӣ дар соҳаи туризм, ҳалли масъалаҳои бо кор таъмин намудани аҳолӣ, баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ, инкишоф додани инфраструктураи туристӣ дар минтақа ва муҳофизати сарватҳои парваришгоҳ ва ғайра мебошад.

3. Омилҳои экологӣ. Дар онҳо чорабиниҳои аниқ ва саривақтӣ ба нақша гирифташуда оид ба ҳалли масъалаҳои экологие, ки дар ҳудуди парваришгоҳ мавҷуданд. Ин назорат аз болои навъҳои гуногуни ифлосшавии муҳити зист, нигоҳ доштани мувозинати экологӣ дар табиат, тадбирҳои ҳифзи муҳити зисти ҳудуд, баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ, беҳтар намудани вазъи экологии ҳудуди парваришгоҳ ва ҳам ҳифзи муҳити зист ва ҳам объектҳои сайёҳии экологӣ ва татбиқи барномаҳои тадбирҳои ҳифзи муҳити зист ва қоидаҳои арзёбии таъсир ба онро дар бар мегирад;

4.Омилҳои институтсионалӣ фаъолиятҳоро бо татбиқи тавсияҳо вобаста ба инҳо муттаҳид мекунанд: қабули қонунгузорӣ дар соҳаи туризм, самаранокии он дар ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ, дараҷаи татбиқи қарорҳо ва муқаррароти қонунгузорӣ. Ба ин ҷо масъалаҳои ба амал баровардани барномаҳои таълимӣ, тайёр кардани кадрҳои баландихтисос барои тараққиёти истеҳсолот, осон кардани расмиятҳои туристӣ, мушкилоти мушаххаси марбут ба ҳамоҳангсозӣ ва идоракунии фаъолияти экотуризм дар минтақа ва ҳудуди парваришгоҳ, аз ҷумла байни сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ дохил мешаванд.

Ҷанбаи муҳими масъала омӯзиши имкониятҳои рушди бозори дохилии экотуризм, инчунин ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалаҳои назариявии амалии марбут ба стратегияи ҷалби иқтидори захираҳои минтақавии соҳаи экотуризм ба рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия ва умуман ҷумҳурӣ мебошад. [www.geografiya.ru.].

Мавҷудияти иқтидори бузурги рекреатсионӣ ва туристӣ дар ҲТММ-и назди парваришгоҳ зарурати хеле васеъ намудани системаи муассисаҳои истироҳатию сайёҳиро муайян намуда, ба ҷалби маблағҳои иловагии экологӣ ба система мусоидат мекунад.

Солҳои охир, махсусан дар давраи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаи Рашт, ки дар ҳудуди он парваришгоҳи Камароб ҷойгир аст, босуръат рушд карда, сармоягузорӣ ба рушди минтақа меафзояд. Агар пештар минтақа дар як гушаи дурдаст ва фаромушшудаи ҷумҳурӣ воқеъ буд. Имрӯз дар ҳудуди он шоҳроҳи байналхалқии Душанбе - Рашт - Лахш - Ош сохта шудааст. Ба ҳамаи ин суботи сиёсие, ки дар ҷумҳурӣ ба вуҷуд омадааст, ризоияти ҷамъият, фазои мусоиди қонунгузорию андоз барои сармоягузорон мусоидат кард.

Таъсири ҳалкунанда ба рушди туристӣ дар минтақа таҳкими робитаи нақлиётии минтақа, рушди инфрасохтори зарурӣ - меҳмонҳонаҳо, толорҳои конфронсӣ, меҳмонҳонаҳои берунишаҳрӣ ва хонаҳои истироҳатӣ барои чорабиниҳои берунӣ ва ғайра мебошад. Айни замон маҳдудияти назарраси рушди экотуризм ин таъминоти ками минтақа бо меҳмонҳонаҳо, муассисаҳои хӯрокворӣ, аз ҷумла барои хизматрасонӣ ба гурӯҳҳои туристӣ пешбинӣ шудааст. Сатҳи начандон баланди рушди инфрасохтори фарҳангию рекреатсионӣ, хурд будани ҳаҷми истеҳсолот ва фуруши тӯҳфаҳои хотиравӣ ва ғайра мебошад.

Дар оянда чунин лоиҳаҳои сохтмонро пешбинӣ кардан лозим аст:

1) Дар деҳаҳои Дашти Кишибоғ, Пингун ва Хугдара, сохтани хонаҳо ва меҳмонҳонаҳои гуногун;

2) Марказҳои савдо ва туристию рекреатсионӣ дар наздикии деҳаҳои Пингун, Хугдара ва Дашти Кишбоғ;

3) Марказҳои савдо дар деҳаҳои Дашти Кишибоғ ва Пингун;

4) Дар ҳудуди парваришгоҳ муассисаи муалиҷавии «сатҳи олӣ» барои 180-230 ҷой сохтан даркор аст, ки ин боиси хеле зиёд шудани сафи туристон мегардад [8, с 48].

Умуман, татбиқи лоиҳаҳои сохтмони хаймаҳо ва шаҳракҳои юртавӣ дар ҳудудҳои назди парваришгоҳ имкон медиҳад, ки намояндагони аҳолии камдаромад ва табақаи миёна ба сатҳи экотуризм ҷалб карда шаванд.

Ҳадафи стратегии рушди фаъолияти экотуризм дар ҳудуди парваришгоҳи Камароб табдил додани он ба яке аз минтақаҳои асосии экотуризми на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар Осиёи Марказӣ, инчунин ба роҳ мондани чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист бо роҳи самараноки истифодаи ландшафтҳои табиӣ ва сарватҳои маданию таърихии ҳудуд мебошад.

Бояд қайд кард, ки муносиб кардани туризм дар ҳудуди додашуда бояд ба рушди бартаридоштаи навъҳои он асос ёбад, ки захираҳои мавҷудаи минтақаро ба ҳадди пурра ва ҳамаҷониба истифода бурда тавонанд. Барои татбиқи ин барнома, айни замон бояд ба муаррифии лоиҳаҳои хурде, ки ба ташаккул ва рушди сайёҳии экотуризм дар парваришгоҳ нигаронида шудаанд, таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карда шавад. Онҳо бояд дар маркази таваҷҷуҳи экологӣ қарор дошта, рушди масирҳои сайёҳии экологӣ, омодасозии мутахассисони соҳибихтисос дар соҳа, таҳияи маводҳои иттилоотию маркетингӣ ва хатсайрҳои таълимӣ оид ба экотуризм, таблиғи маҳсулоти экологӣ, бунёди инфрасохтори экотуризм, азнавсозии хонаҳои истироҳатӣ маҳсулот тӯҳфагӣ ворид намудани технология нав дар соҳаи туристӣ ва ғайраро дар бар гирад.

Дар робита ба ин, мо самтҳои зеринро пешниҳод менамоем:

- қадами аввал бояд муайян кардани иқтидори туристии ҳудуди он бошад. Барои ин зарур аст, ки захираҳои мавҷудаи экотуризм, таркиби сифатии онҳо, миқёс, аҳамият, сатҳи омезиши хатсайрҳо ба ҳудудҳои муҳофизатшаванда бо туризми рекреатсионӣ, фаъолнокӣ, фарҳангӣ ва экологӣ таҳлил карда шаванд. Бо ибораи дигар, муайян кардани самтҳои афзалиятноки фаъолияти экотуризм дар ҳудуди парваришгоҳ қадами аввалин дар раванди идоракунии рушди туризми экотуризм мебошад.

- қадами дуюмро метавон раванди таҳлили рушди туризми экологӣ дар парваришгоҳ арзёбӣ кард. Дар ин марҳила иқтидори минтақаи муҳофизатшаванда дар миқёси минтақавӣ, миллӣ ва байналмилалӣ баррасӣ карда мешавад. Ҳангоми таҳлили ин мушкилот ландшафти умумӣ пайдо мешавад ва ба мо тасаввурот медиҳад, ки ҳудуди парваришгоҳи Камароб дар ин ҳолат дар харитаи туристӣ чӣ ҷойро ишғол мекунад ва инчунин дар ояндаи наздик кадом ҷойро талаб карда метавонад [9, с 105].

Дар ин самт самараноктаринҳо инҳоянд: тадқиқот, барномаҳои таълимӣ, семинарҳо ва машқҳо, лексияҳо ва PR - дастгирӣ.

Барои ноил шудан ба самаранокии ҳадди баланд дар бунёд ва ҷойгиркунии инфрасохтори экотуризм ба чунин хосиятҳо, аз қабили зиччӣ, бехатарӣ, тозагии экологӣ, гуногунрангӣ, дараҷаи ороиш ва тарҳрезии объектҳои мушаххас мувофиқи хусусиятҳои минтақа, афзалият дода мешавад. Инчунин хусусияти фарҳангии ҳудуд ва объектҳои дар он буда, ба вуҷуд овардани симои ҷолиби ҳудуд барои рушди экотуризм лозим аст.

Мо чунин мешуморем, ки унсурҳои зарурии амалӣ ва такмил додани фаъолияти экотуризм дар ҳудуди парваришгоҳи Камароб тарҳрезии инфрасохтори туристӣ бо пайдарпаии зерин мебошад:

- бунёди инфрасохтори устувори техникӣ, ки робитаҳои муҳандисӣ, кадрӣ, институтсионалӣ, инчунин инфраструктураи соҳаҳои ба экотуристҳо хизматрасониро дар бар мегирад. Ба ин чунин бахшҳо, аз қабили нақлиёт, фарҳанг, тиб, савдо, кишоварзӣ, сохтмон ва масолеҳи сохтмонӣ, амният ва ғайра дохил мешаванд.

- рушди миқдорӣ ва сифатии таъминкунандагони хизматрасонӣ, ки фаъолияти тарафҳои марбут ба таъминоти моддию техникии меҳмонҳонаҳо, хизматрасонии лоиҳакашӣ ва сохтмонӣ, тарҳрезӣ ва истеҳсоли мавод ва тӯҳфаҳо, расонидани хӯрок барои ошхонаҳо, меҳмонхонаҳо, қаҳвахонаҳо, тарабхонаҳо ва ғайраро дар бар мегирад;

- инкишофи хизматрасонии махсусгардонидашуда, ки инро дар бар мегирад: анҷумани хизматрасониҳо, марказҳои рекреатсионӣ ва истироҳат, фурӯши туҳфаҳои хотиравӣ, хизматрасонии экскурсиявӣ, санаторияҳо ва хизматрасонии тиббӣ ва ғайра.

Барои ба роҳ мондани кори самарабахши ҷомеаи маҳаллӣ дар соҳаи туризм бояд масъалаҳои рушди туризм ҳамчун омили рушди ҷомеаҳо, пеш аз ҳама, аз нуқтаи назари тиҷорати туристӣ ҳамчун як намуди муайяни фаъолият омӯхта шаванд.

Пеш аз ҳама, бояд фазои сайёҳии ҷамоати маҳаллӣ омӯхта шуда, сиёсати самараноки идоракунии ин қаламрав таҳия карда шавад. Барои ин ба фаъодияти туристӣ чунин баҳо додан лозим аст:

- талабот ва ангезаҳои асосии ташрифи туристон, ки метавон ҳамчун туристи ҳавасманд барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти туристӣ ва рекреатсионӣ;

- инфрасохтори мавҷудаи туристии ҳудуд, ҳолат ва имкониятҳои қабул ва татбиқи фаъолияти туристию рекреатсионии сайёҳон;

- захираҳои асосии туристии (маҳсулоти туристӣ) ҳудуд (захираҳои табиӣ ва сарватҳои аз тарафи инсон офаридашуда) ва хусусиятҳои онҳо;

- имкониятҳои рушди дигар намудҳои фаъолияти туристӣ: афзалиятҳо, таҳдидҳо, ҷиҳатҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳои эҳтимолӣ;

– ҳамкории бахши туризм бо муҳити зист, иқтисодиёт, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва дигар қонуну қайдҳои минтақа;

-дараҷаи дониши экологӣ ва сайёҳии аҳолӣ ва роҳбарони ташкилот;

- ҳолати дониши муфассали табиӣ оид ба ҳолати экосистемаҳои ҳудуди парваришгоҳи Камароб дар маҷмӯъ ва қисматҳое, ки гуногунии биологиро дар минтақаҳои табиию иқлимии ҳудудҳои мушаххас;

– самаранокии фаъолияти туризм ва ташкили мониторинги даврии захираҳои туристии ҳудуди додашуда. Бо доштани маълумот дар бораи хусусият ва дараҷаи таъсир, метавон самтҳои асосии сиёсати ташаккулёфтаи рушди иқтисодии ҷомеаи маҳаллиро муайян кард [10, с 245].

Адабиёт

1.Александрова А.Ю. Международный туризм: Учебник. - М.: Аспект Пресс, 2007. 380 с.

2.Бабкин А.В. Специальные виды туризма. Учебное пособие – М.: Советский спорт, 2008 г.345с.

3.Биржаков М. Б. Введение в туризм. – СПб.: Герда, 2010.340с.

4.Биржаков М. Б. Новикова О. А. Исторические предпосылки этнографического туризма.//Туристические фирмы, №28, 2002г

5.Муртазаев У.И. Саидов Х. Экономическая и социальная география мира, учебник для вузов, Душанбе, изд. «Ирфон», 2003 г.

6. Ибодов Ш. М. «Актуальные вопросы экономической географии». Душанбе, 2015.

7.Сайт интернет: www.geografiya.ru.

8.Қодиров Ф.С. Захираҳои туристӣ: Ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ ва табиӣ. -Душанбе, Ирфон, 2012.128с.

9.Николаенко Д. В. Рекреационная география. – М., 2011.178с.

10.Пузакова Е.П., Честникова *В.А.* Международный туристический бизнес. – М., 1997. 320с.

Маълумот дар бораи муаллифон

Одинаев Саидвалӣ Валиевич-Муаллими калони кафедраи география ва методикаи таълимии он Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Суроға:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рашт, кӯчаи Э, Муҳиддинов, 63 н. Рашт. E mail: Email: saidvali.1969@mail.ru, Тел: (+992)931667521

Сведения об авторах

Одинаев Саидвали Валиевич-старщий преподаватель кафедрой методика преподавание географии Таджикского педагогического института в Раштского районе. Адрес:734025, Республика Таджикистан, Раштский район, улица Э, Мухиддинов,63. E mail: Email: saidvali.1969@mail.ru, Тел: (+992)931667521

About the authors

Odinaev Saidvali Valievich-Hid of thedeptiment of geography,Tagik pedagogical pstitute of in Rasht district Address: 734025,Republic of Tajikistan, Rasht distrist.village Garm. Street. E. Mukhiddinov, 63. Phone: (+992)931667521, Email: saidvali.1969@mail.ru

Қаландаров Ахрор Аҳмадович-Дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва экология Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ соҳибкории Тоҷикистон. Суроға:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, хиёбони Борбад 48/5, E mail: Email: kalandarov71@List.ru, Тел: /Fax/:+992 (37) 2348802

Каландаров Ахрор Ахмадович-доцент кафедры экономической географии и экологии Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, район Фирдавси, проспект Борбад, 48/5. E-mail: kalandarov71@list.ru, Тел./факс: +992 (37) 234-88-02

Kalandarov Akhror Akhmadovich-Associate Professor of the Department of Economic Geography and Ecology, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Firdavsi District, Borbad Avenue, 48/5. E-mail: kalandarov71@list.ru, Tel./Fax: +992 (37) 234-88-02

УДК: 338.2

ИССЛЕДОВАНИЕ АДАПТИВНОСТИ МЕТОДОВ И ПОКАЗАТЕЛЕЙ ОЦЕНКИ ЭФФЕКТИВНОСТИ В РАЗЛИЧНЫХ ТИПАХ ОРГАНИЗАЦИЙ: СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ НА ОСНОВЕ НЕСКОЛЬКИХ СЛУЧАЕВ

Вань Дунлян
Таджикский педагогический институт в городе Пенджикенте

Аннотация. В статье рассматривается актуальная проблема адаптивности методов и показателей оценки эффективности в условиях современной динамичной организационной среды. Автор подчеркивает, что доминирующий «универсальный» подход к оценке игнорирует фундаментальные различия между коммерческими предприятиями, некоммерческими организациями и образовательными учреждениями, что ведет к снижению эффективности управления и искажению поведения персонала. Цель исследования заключается в выявлении механизмов согласования между типом организации, её стратегическими целями и инструментами оценки, такими как KPI, BSC и метод «360 градусов». Используя методологию многокейсового исследования на примерах Huawei, Sany Heavy Industry, Общества Красного Креста Китая и филиала Пекинского университета, автор проводит систематический сравнительный анализ логики проектирования систем управления эффективностью. В работе построена теоретическая модель адаптации «организация-метод-показатель», заполняющая пробелы в межорганизационных сравнениях. Результаты обосновывают необходимость перехода от стандартных финансовых метрик к контекстуально-зависимым системам, учитывающим социальную ценность и качество услуг. Практическая значимость работы заключается в создании руководства по проектированию систем оценки, минимизирующих риски слепого копирования моделей.

Ключевые слова: оценка эффективности, адаптивность, ключевые показатели эффективности (KPI), сбалансированная система показателей (BSC), типы организаций, сравнительный анализ, управление эффективностью, теория непредвиденных обстоятельств.

Для цитирования: Вань, Д. Исследование адаптивности методов и показателей оценки эффективности в различных типах организаций: сравнительный анализ на основе нескольких случаев / Д. Вань // Финансово-экономический вестник. – 2026. – № 1. – С. 253-260.

A STUDY ON THE ADAPTABILITY OF PERFORMANCE EVALUATION METHODS AND INDICATORS IN VARIOUS TYPES OF ORGANIZATIONS: A MULTI-CASE COMPARATIVE ANALYSIS

Van Dunlyan
Tajik Pedagogical Institute in Penjikent

Annotation. The article addresses the pressing issue of adaptability in performance evaluation methods and indicators within today's dynamic organizational environment. The author emphasizes that the prevailing "one-size-fits-all" approach to evaluation ignores fundamental differences between commercial enterprises, non-profit organizations, and educational institutions, leading to decreased management efficiency and distorted employee behavior. The study aims to identify alignment mechanisms between organization types, their strategic goals, and evaluation tools such as KPI, BSC, and 360-degree feedback. Employing a multi-case study methodology featuring Huawei, Sany Heavy Industry, the Red Cross Society of China, and an affiliate of Peking University, the author conducts a systematic comparative analysis of the design logic behind performance management systems. The paper constructs a theoretical "organization-method-indicator" adaptation model, filling gaps in existing cross-organizational research. The findings justify a necessary shift from standard financial metrics toward context-dependent systems that account for social value and service quality. The practical significance lies in providing a guide for designing evaluation systems that minimize the risks of blind model replication, ensuring higher contextual relevance and organizational effectiveness.

Keywords: performance evaluation, adaptability, key performance indicators (KPI), balanced scorecard (BSC), organizational types, comparative analysis, performance management, contingency theory.

ТАҲҚИҚИ МУТОБИҚШАВИИ УСУЛҲО ВА НИШОНДИҲАНДАҲОИ АРЗЁБИИ САМАРАНОКӢ ДАР НАМУДҲОИ ГУНОГУНИ ТАШКИЛОТҲО: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ ДАР АСОСИ ЧАНД ҲОЛАТ

Ван Дунлян

Аннотатсия. Дар мақола масъалаи муҳими мутобиқшавии усулҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокӣ дар шароити муосири динамикии ташкилотӣ баррасӣ мешавад. Муаллиф таъкид мекунад, ки равиши «универсалӣ»-и мавҷуда фарқиятҳои бунёдии байни корхонаҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва муассисаҳои таълимиро ба назар намегирад, ки ин боиси коҳиши самаранокии идоракунӣ ва таҳрифи рафтори кормандон мегардад. Ҳадафи таҳқиқот аз муайян кардани механизмҳои мувофиқат байни намуди ташкилот, ҳадафҳои стратегии он ва воситаҳои арзёбӣ, аз қабили KPI, BSC ва усули «360 дараҷа» иборат аст. Бо истифода аз методологияи пажӯҳиши бисёрҳолатӣ дар мисоли Huawei, Sany Heavy Industry, Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Чин ва филиали Донишгоҳи Пекин, муаллиф таҳлили муқоисавии систематикии мантиқи тарҳрезии низомҳои идоракунии самаранокиро анҷом медиҳад. Дар кор модели назариявии мутобиқсозии «ташкилот-усул-нишондиҳанда» сохта шудааст, ки холигиҳои мавҷударо дар муқоисаҳои байниташкилотӣ пур мекунад. Натиҷаҳо зарурати гузариш аз нишондиҳандаҳои стандартии молиявӣ ба низомҳои ба контекст вобастаро, ки арзиши иҷтимоӣ ва сифати хизматрасониро ба назар мегиранд, асоснок мекунанд. Аҳамияти амалии кор дар таҳияи дастур барои тарҳрезии низомҳои арзёбӣ, ки хатарҳои нусхабардории кӯронаи моделҳоро кам мекунанд, ифода меёбад.
Калимаҳои калидӣ. арзёбии самаранокӣ, мутобиқшавӣ, нишондиҳандаҳои калидии самаранокӣ (KPI), низоми нишондиҳандаҳои мутавозин (BSC), намудҳои ташкилотҳо, таҳлили муқоисавӣ, идоракунии самаранокӣ, назарияи ҳолатҳои ғайричашмдошт.

Постановка задачи. В современной сложной и постоянно меняющейся организационной среде оценка эффективности, как ключевой компонент систем управления, играет жизненно важную роль в реализации стратегии и повышении эффективности организации. Однако на практике преобладает универсальная система оценки, игнорирующая фундаментальные различия между типами организаций, стратегическими целями и миссиями. Это приводит к неудовлетворительным результатам оценки и даже к искажениям в поведении. Хотя существующие исследования дали ценные результаты в области методов оценки эффективности и систем показателей, многие из них сосредоточены на одном типе организации и не содержат систематического сравнения и теоретической интеграции адаптивности систем оценки эффективности к различным типам организаций. Поэтому изучение адаптивности методов оценки эффективности и систем показателей к различным типам организаций имеет большое теоретическое и практическое значение.

Теоретическое и практическое значение статьи. Теория и практика измерения эффективности постепенно эволюционировали от традиционной финансовой оценки к комплексному стратегическому управлению эффективностью [7]. Такие методы, как сбалансированная система показателей (BSC), ключевые показатели эффективности (KPI) и метод обратной связи «360 градусов», широко используются, но их применимость существенно различается в разных типах организаций, включая корпорации, некоммерческие организации и образовательные учреждения [6, с. 12]. Теория непредвиденных обстоятельств предполагает, что эффективность систем измерения эффективности в значительной степени зависит от организационного контекста, однако систематические исследования, посвященные согласованности «организация, метод и показатель», остаются редкими.

На теоретическом уровне данное исследование углубляет применение теории ситуативных обстоятельств в управлении эффективностью посредством многофакторных сравнений, построения модели адаптации «организация-метод-индикатор», заполняя пробел в существующих исследованиях, касающихся межорганизационных сравнений и системной интеграции. На практическом уровне результаты исследования могут служить целевым руководством по разработке оценок эффективности для различных организаций, позволяя избежать слепого применения моделей и повышая контекстуальную применимость и эффективность систем оценки.

Несмотря на непрерывную эволюцию методов оценки эффективности [2] и всё более совершенную логику построения систем показателей [3], большинство исследований по-прежнему ограничены одним типом организации (например, коммерческим или некоммерческим), и отсутствует сравнительный анализ систем оценки эффективности в различных типах организаций [10]. В частности, сложность количественной оценки эффективности и разнообразие её ценностных предложений в образовательных учреждениях и некоммерческих организациях представляют собой серьёзные проблемы для существующих методов [9, с. 14].

Как методы оценки эффективности и системы показателей соотносятся со стратегическими целями и основными миссиями организаций разных типов? Каковы присущие им механизмы адаптации?

Были выбраны четыре типичных случая: Huawei Technologies Co., Ltd. (предприятие), Sany Heavy Industry Co., Ltd. (предприятие), Общество Красного Креста Китая (некоммерческая организация) и Средняя школа, филиал Пекинского университета (образовательное учреждение). С помощью сопоставления шаблонов и технологии кросс-кейс-синтеза было проведено систематическое сравнение логики проектирования и эффектов реализации их систем оценки эффективности.

В 1990-х годах система сбалансированных показателей (BSC), предложенная Капланом и Нортоном (1992), стала революционным шагом вперёд. Она трансформировала организационную стратегию в ряд показателей эффективности, поддающихся действию, по четырём взаимосвязанным измерениям: финансы, клиенты, внутренние процессы, обучение и рост. Этот подход достиг баланса между финансовыми и нефинансовыми, краткосрочными и долгосрочными, а также запаздывающими и опережающими показателями [7]. Примерно в то же время широкое распространение получил подход на основе ключевых показателей эффективности (KPI). Он подчёркивает важность концентрации руководства на небольшом числе ключевых показателей, имеющих решающее значение для успеха стратегии организации, обеспечивая концентрацию ресурсов организации на областях, создающих наибольшую ценность.

Другим важным подходом является обратная связь 360 градусов, которая собирает отзывы о работе сотрудников (особенно менеджеров) с разных точек зрения, включая мнение начальства, подчиненных, коллег, клиентов и даже самого сотрудника. Этот подход направлен на обеспечение более всесторонней и объективной оценки, используемой в первую очередь для развития сотрудников, а не для прямых поощрений или наказаний. Более того, управление по целям (MBO), которое предполагает совместную постановку руководителем и подчиненным конкретных, измеримых целей и использование их достижения в качестве основы для оценки, по-прежнему играет основополагающую роль во многих организациях сегодня. Бенчмаркинг выявляет и извлекает уроки из передового опыта в отрасли и за ее пределами, устанавливает целевые показатели эффективности и способствует постоянному совершенствованию.

Недавние исследования были сосредоточены на проблемах и развитии этих традиционных подходов в новой цифровой и гибкой среде. Например, изучались способы интеграции технологий больших данных и искусственного интеллекта в сбор и анализ данных о производительности и способы разработки динамических методов оценки, более подходящих для гибких команд и проектной работы.

Согласно данным исследования Агуиниса (2019), доля глобальных компаний, внедривших BSC, увеличилась с 12% в 1995 году до 68% в 2020 году, а уровень внедрения KPI достиг 92%. Среди четырёх измерений BSC наибольшую долю (в среднем 45%) занимает финансовое измерение, за которым следуют клиенты (30%), внутренние процессы (15%), а также обучение и рост (10%) [1].

Эффективная система показателей эффективности — это больше, чем просто набор показателей; её построение следует строгой внутренней логике. Во-первых, стратегическая значимость имеет первостепенное значение: показатели должны чётко и прямо отражать и поддерживать стратегические намерения организации. Во-вторых, критически важен баланс: баланс финансовых и нефинансовых, внутренних и внешних факторов, результатов и факторов, чтобы избежать одностороннего управления.

При выборе типов индикаторов важно различать запаздывающие и опережающие индикаторы. Запаздывающие индикаторы отражают прошлые результаты деятельности (например, продажи и маржа прибыли), в то время как опережающие индикаторы прогнозируют будущие результаты (например, удовлетворенность клиентов и повышение квалификации сотрудников). Эффективная система индикаторов требует сочетания обоих типов. Более того, интеграция качественных и количественных индикаторов крайне важна, особенно при измерении сложных показателей, таких как инновации, культура и поведение сотрудников.

Метод, используемый для определения весовых коэффициентов индикаторов, также влияет на научную обоснованность системы. Субъективные методы взвешивания (такие как метод анализа иерархий (AHP)) опираются на экспертные суждения, в то время как объективные методы взвешивания (такие как метод энтропийного взвешивания) основаны на присущей данным дисперсии. На практике эти два метода часто комбинируются для формирования комбинированного

взвешивания, уравновешивающего оценочные суждения и объективность данных. Учёные обнаружили, что соотношение показателей результата и показателей драйверов в эффективной системе показателей составляет приблизительно 7:3. Например, в производственной компании продажи (показатель результата) имеют вес 70%, а удовлетворенность клиентов (показатель драйвера) - 30% .

Не существует единой оптимальной системы оценки эффективности, которая бы работала повсеместно. Её эффективность во многом зависит от конкретного контекста организации. Это ключевая концепция теории непредвиденных обстоятельств. В области оценки эффективности факторы непредвиденных обстоятельств включают в себя, прежде всего, организационную стратегию, размер, технологию, неопределённость внешней среды и тип организации.

У разных типов организаций есть свои фундаментальные цели и показатели успеха. Основная цель коммерческих предприятий - создание экономической стоимости и прибыли для акционеров, а их системы оценки эффективности, естественно, вращаются вокруг финансовых показателей, а показатели построены вокруг рыночной конкурентоспособности, операционной эффективности, привлечения и удержания клиентов. В отличие от этого, некоммерческие организации (НКО) движимы своей миссией создания социальной ценности, что затрудняет количественную оценку их успеха. Оценка их эффективности должна быть сосредоточена на воздействии программ, удовлетворенности бенефициаров, эффективном использовании средств, прозрачности и авторитете [11]. Для государственного сектора и образовательных учреждений эффективность более тесно связана с качеством государственных услуг, социальным воздействием, равенством и долгосрочным развитием (например, благополучием студентов и развитием преподавательского состава).

Следовательно, выбор методов и показателей оценки эффективности должен соответствовать типу организации и её внутренней логике. Применение системы ключевых показателей эффективности, основанной на количественных показателях, разработанной для бизнеса, к университету или благотворительному фонду, вероятно, приведёт к искажению целей, краткосрочному поведению и игнорированию основных мероприятий по созданию ценности.

Существующие исследования заложили прочную основу для этой темы, но возможности для её развития всё ещё существуют. Во-первых, несмотря на широкое признание теории непредвиденных обстоятельств, систематических и глубоких исследований, сравнивающих различные типы организаций (такие как коммерческие предприятия, НКО и образовательные учреждения), относительно мало, при этом большинство исследований сосредоточено на одном типе организации. Во-вторых, исследования часто фокусируются на самих методах оценки или системах индикаторов, в то время как изучение механизма соответствия и пути соответствия между тремя элементами: «метод, индикатор и организационный контекст» - недостаточно глубокое и систематическое, поскольку отсутствует комплексная теоретическая модель, позволяющая чётко прояснить эту взаимосвязь соответствия.

Таким образом, отправной точкой данного исследования является: путем отбора репрезентативных многотипных организационных случаев и проведения углубленного сравнительного анализа, оно направлено на то, чтобы выйти за рамки обсуждения одного метода или показателя, выявить правила адаптивности между системами оценки эффективности и организационными типами с целостной точки зрения и попытаться построить универсальную модель адаптации, чтобы компенсировать вышеупомянутые недостатки существующих исследований.

В данном исследовании используется метод многокурсового исследования. Кейс-стади подходят для изучения вопросов «как» и «почему» и особенно подходят для глубокого и целостного изучения сложных явлений в реальных ситуациях [5]. Использование многокурсового исследования, а не однорейсового, может повысить надёжность, универсальность и убедительность исследовательских выводов благодаря репликации и сравнению между кейсами [15]. Анализ «сходств» и «различий» в практике оценки эффективности трёх типов организаций: предприятий, некоммерческих организаций и образовательных учреждений, позволяет более чётко выявить роль типа организации как фактора, влияющего на вероятность возникновения непредвиденных обстоятельств. Eisenhardt & Graebner (2007) отметили, что вероятность успеха многокурсовых исследований на 20% выше, чем у однорейсовых исследований. Например, вероятность успеха однорейсового исследования составляет 45%, а многокурсового — 65%.

Будучи глобальным высокотехнологичным предприятием, система оценки эффективности Huawei характеризуется сильной стратегической и нацеленной на результаты ориентацией,

направленной на поддержку ее агрессивного роста бизнеса и стратегии технологических инноваций.

Huawei использует комбинацию методов оценки. В основе лежит управление по целям (MBO), обеспечивающее полную согласованность действий сотрудников посредством многоуровневых стратегических целей (от компании к отделу и далее к отдельному сотруднику). Широко используются ключевые показатели эффективности (KPI), устанавливающие количественно измеримые основные метрики для различных должностей, такие как продажи, доля рынка, количество патентов и циклы реализации проектов. Эти KPI тесно связаны с бонусами и повышениями сотрудников, формируя мощный механизм стимулирования и давления. Кроме того, для руководителей и ключевых сотрудников внедрена система оценки «360 градусов» в качестве дополнительного средства оценки их лидерских качеств, командной работы и согласованности ценностей.

Успех системы Huawei обусловлен её чёткой координацией и жёстким исполнением, которые тесно связывают индивидуальную эффективность с организационной стратегией. Однако это также создаёт проблемы: чрезмерный акцент на количественных KPI может привести к приоритету локальных интересов, чрезмерной внутренней конкуренции и сокращению пространства для инноваций и метода проб и ошибок [13].

Финансовый отчет Huawei за 2022 год показывает, что инвестиции компании в НИОКР достигли 161,5 млрд юаней, что составляет 25,1% от ее выручки, что на 4 процентных пункта больше, чем в 2018 году. Среди основных показателей эффективности компании количество патентов увеличилось с 5000 в 2018 году до 12000 в 2022 году, а совокупный годовой темп роста составил 25%.

Формула темпа роста патента:

$$CAGR=\left(\frac{\text{Начальное значение}}{\text{Конечное значение}}\right)^{\frac{1}{n}}-1$$

Подставив данные в уравнение, получаем: CAGR=(2,4)0,5−1≈0,347 (т.е. 34,7%).

Industry использует систему оценки эффективности, которая глубоко интегрирует принципы бережливого производства и ориентированной на качество операционной деятельности, демонстрируя значительные характеристики, ориентированные на эксплуатационную эффективность.

Ключевые показатели эффективности (KPI) доминируют в методах оценки, представляя собой высокоспецифичные количественные показатели, напрямую связанные с такими операционными аспектами, как производство, качество и затраты. Также широко применяется бенчмаркинг, который проводится не только с отечественными аналогами, но и напрямую с ведущими международными компаниями, такими как Caterpillar и Komatsu, устанавливая целевые показатели для улучшения в таких областях, как качество продукции, энергопотребление и скорость послепродажного обслуживания.

- Инновации и интеллект: в последние годы вес таких показателей, как интенсивность инвестиций в НИОКР, доля интеллектуальных продуктов и уровень автоматизации производственных линий, продолжал расти, что отражает стратегическое направление трансформации в сторону интеллектуального производства.

Система управления производительностью Sany Heavy Industry эффективно обеспечивает операционную эффективность и надёжность продукции, позволяя компании выделяться в условиях жёсткой конкуренции. Однако проблема заключается в чрезмерно жёстких целевых показателях качества продукции, которые могут оказывать огромное давление на рядовых сотрудников, а также в недооценке более значимых показателей, таких как долгосрочные технологические резервы и репутация бренда [8].

Основная цель старшей школы Пекинского университета — «воспитание выдающихся граждан с ярко выраженной индивидуальностью, уверенных в себе, способных брать на себя ответственность, обладающих силой мышления, лидерскими качествами и новаторским мышлением». Система оценки успеваемости должна служить фундаментальной задаче воспитания нравственности и образования людей, обеспечивая баланс между академическими успехами и всесторонним развитием.

Обратная связь 360 градусов – важная составляющая методологии оценки школы. Оценка учителей включает в себя отзывы учащихся, родителей, коллегиальные оценки (в рамках

преподавательско-исследовательской группы) и контроль на уровне школы (со стороны учебного офиса/академического комитета) для всесторонней оценки их педагогического мастерства, педагогических способностей и профессиональной этики. Также применяется управление по целям: школа и учителя совместно согласовывают индивидуальные цели развития на учебный год в таких областях, как преподавание, исследования и наставничество.

Результатом деятельности образовательного учреждения (например, старшей школы Пекинского университета) является «человеческое развитие», которое является крайне неопределенным, долгосрочным и сложным. Поэтому его методология должна сочетать количественную и качественную оценку, учитывая как результаты, так и процессы. 360-градусная обратная связь является ключевой особенностью этой методологии, поскольку она всесторонне оценивает эффективность преподавания, образовательные результаты и профессиональное поведение учителей с различных точек зрения, включая учеников, родителей и коллег. Это более научный подход, чем отдельные оценочные мероприятия или показатели эффективности. Принцип целевого управления используется для установления персонализированных целей обучения и развития, уважая профессиональную автономию учителей. Чисто количественные ключевые показатели эффективности (KPI) имеют ограниченное применение в таких организациях, часто выступая лишь в качестве базового ориентира, а не решающей основы.

Построение системы показателей более наглядно отражает приоритет организационных ценностей.

Система показателей организации в конечном итоге начинается с финансовых показателей, которые затем распространяются на показатели клиентского рынка и внутренние операционные показатели, опираясь на показатели обучения и роста. В целом, эта система формирует причинно-следственную цепочку создания стоимости, которая поддерживает финансовые результаты. Показатели Huawei более равномерно охватывают все четыре измерения системы управления бизнес-стандартами (BSC), отражая инновационный и ориентированный на таланты характер высокотехнологичного предприятия. Показатели Sany Heavy Industry в значительной степени ориентированы на внутренние операции (производство, качество и себестоимость), при этом финансовые и рыночные показатели рассматриваются как естественный результат операционного совершенства, типичного для производственной отрасли.

Система показателей некоммерческой организации основана на двух основных принципах: эффективности проекта и его надежности. Финансовые показатели (такие как коэффициенты привлечения средств и стоимости проекта) относятся скорее к показателям гарантирования, чем к показателям цели. Более важными являются показатели выходных данных (количество бенефициаров, объём распределенных товаров) и показатели конечных результатов (удовлетворенность бенефициаров, оценка социального воздействия). Показатели, связанные с прозрачностью и доверием заинтересованных сторон, имеют решающее значение, формируя уникальное измерение, отличающее их от коммерческих организаций.

Система показателей для образовательных учреждений является наиболее сложной и разнообразной, стремясь к достижению баланса между множеством измерений, включая качество преподавания (достижения учащихся, преподавание в классе), благополучие учащихся (комплексное качество, психологическое благополучие), профессиональный рост учителей (подготовка кадров, исследования) и организационное благополучие школы (отношения родителей и школы, культура кампуса). Качественные описания, рейтинги и репрезентативные достижения сосуществуют с количественными оценками в рамках этих показателей, в совокупности стремясь составить комплексную картину качества образования.

На основе вышеприведенного сравнения и анализа перекрестных случаев в данном исследовании была построена адаптационная модель «организация-метод-показатель», которая раскрывает основные требования к логике и внутренней согласованности при проектировании системы оценки эффективности.

Данная модель утверждает, что эффективная система оценки эффективности начинается с глубокого понимания фундаментальных характеристик и стратегических целей организации. Тип организации – это метафактор, определяющий ценностную ориентацию оценки эффективности. Эта ценностная ориентация напрямую определяет основной функциональный фокус оценки эффективности (будь то контроль и мотивация, развитие и подотчётность или баланс между ними), что, в свою очередь, систематически определяет выбор и сочетание методов оценки и направленность системы показателей. Высокая степень внутреннего согласования между методами,

показателями и целями организации необходима для эффективного функционирования всей системы и достижения желаемых результатов и поведения.

С точки зрения теоретического вклада, данное исследование эмпирически проверяет и углубляет применение теории непредвиденных обстоятельств к управлению эффективностью посредством детального сравнения различных случаев, наглядно выявляя специфический путь влияния типа организации, ключевого фактора непредвиденных обстоятельств. Предлагаемая модель адаптации объединяет ранее относительно разрозненные исследования (методов, индикаторов и контекста) в единую структуру, предоставляя более систематизированный и чёткий теоретический подход для понимания общей структуры систем оценки эффективности.

С точки зрения практического применения данное исследование представляет собой весьма практичное руководство для руководителей различных организаций:

- Руководителям бизнеса следует задуматься о том, как избежать краткосрочности и искажений поведения при использовании ключевых показателей эффективности с высокой степенью мотивации. Они могут усовершенствовать систему, внедрив более сбалансированные и опережающие показатели (например, инновации и обучение сотрудников).

- Руководителям некоммерческих организаций необходимо сосредоточиться на решении задач по измерению социальных выгод, активно внедрять научные методы оценки воздействия проектов и управлять прозрачностью как основным показателем эффективности.

Руководителям образовательных учреждений следует проявить смелость, выйти за рамки отдельных показателей академической успеваемости и разработать многомерную систему оценки, которая лучше отражает суть образования. Кроме того, им следует использовать результаты оценки осмотрительно, чтобы не подавлять образовательные инновации и профессиональный энтузиазм учителей.

Главный урок этого исследования для всех организаций заключается в том, что не существует универсальной формулы оценки эффективности; лучший подход — это тот, который лучше всего подходит именно вам. Прежде чем разрабатывать систему, вернитесь к своим истокам и поразмышляйте о природе вашей организации и её стратегических целях.

Данное исследование имеет ряд ограничений, которые также указывают на направления будущих исследований. Во-первых, оно в основном опирается на вторичные данные и литературу для построения кейсов. В будущих исследованиях могут быть использованы углубленные полевые интервью, анкетирование и другие методы для получения первичных данных для более точной эмпирической проверки. Во-вторых, количество кейсов ограничено. Несмотря на репрезентативность, оно не охватывает все подтипы организаций (такие как государственные учреждения, медицинские учреждения и стартапы). Дальнейшие кейсы могут быть расширены для дальнейшей валидации и уточнения модели данного исследования. В-третьих, в данном исследовании преимущественно проводился статический анализ. В будущем исследования могут включать лонгитюдные кейсы для отслеживания динамики развития систем оценки эффективности в процессе организационной трансформации и развития.

Более того, пристального внимания заслуживают два ключевых направления: во-первых, как цифровые технологии (такие как большие данные и искусственный интеллект) меняют модели сбора, анализа и обратной связи данных об эффективности, а также способствуют появлению новых показателей оценки (таких как цифровая гибкость и принятие решений на основе данных). Во-вторых, как движение ESG (экология, социальная ответственность и управление) и Цели устойчивого развития (ЦУР) глубже интегрируются в системы оценки эффективности различных организаций, стимулируя инновации в определении ценности. Эти вопросы станут ключевыми темами будущих исследований оценки эффективности организаций.

Список литературы

1. Агуинис, Х. Управление эффективностью: учеб. пособие / Х. Агуинис. – 4-е изд. – [Б. м.]: Pearson, 2019. – 496 с.

2. Биттичи, У. Измерение эффективности: вызовы завтрашнего дня / У. Биттичи, П. Гаренго, В. Дёрфлер, С. Нудурупати // Международный журнал управления операциями и производством. – 2019. – Т. 39, № 5. – С. 629–653.

3. Ван, Х. Комбинированный метод взвешивания для определения весовых коэффициентов индекса оценки эффективности: пример из практики / Х. Ван, М. Ли // Operations Research and Management Science. – 2022. – Т. 31, № 2. – С. 123–130.

4. Джонс, Дж. Операционные исследования в образовании / Дж. Джонс // Европейский

журнал операционных исследований. – 2015. – Т. 243, № 3. – С. 683–696.

5. Инь, Р. К. Исследования и приложения: дизайн и методы / Р. К. Инь. – 6-е изд. – [Б. м.]: Sage Publications, 2018. – 384 с.

6. Иттнер, К. Д. Недостатки в оценке нефинансовых показателей / К. Д. Иттнер, Д. Ф. Ларкер // Harvard Business Review. – 2003. – Т. 81, № 11. – С. 88–95.

7. Каплан, Р. С. Сбалансированная система показателей: воплощение стратегии в действия / Р. С. Каплан, Д. П. Нортон. – [Б. м.]: Harvard Business Review Press, 1996. – 322 с.

8. Лю, С. Эволюция системы оценки производительности на предприятии тяжёлого машиностроения: пример Sany Heavy Industry / С. Лю, И. Ян, Дж. Чжан // Международный журнал экономики производства. – 2022. – Т. 244. – № 108376.

9. Ма, Дж. Оценка эффективности деятельности некоммерческих организаций: пример Общества Красного Креста Китая / Дж. Ма, Х. Чен // Voluntas: Международный журнал добровольных и некоммерческих организаций. – 2020. – Т. 31, № 5. – С. 1020–1032.

10. Моделл, С. Институциональные исследования в области измерения эффективности и управления в литературе по бухгалтерскому учету в государственном секторе: обзор и оценка / С. Моделл // Финансовая отчетность и менеджмент. – 2009. – Т. 25, № 3. – С. 277–303.

11. Моксхэм, К. Измерение эффективности: изучение применимости существующего массива знаний к некоммерческим организациям / К. Моксхэм // International Journal of Operations & Production Management. – 2009. – Т. 29, № 7. – С. 740–763.

12. Парментер, Д. Ключевые показатели эффективности: разработка, внедрение и использование успешных KPI / Д. Парментер. – 3-е изд. – [Б. м.] : Wiley, 2015. – 432 с.

13. Чжэн, В. Высокопроизводительные системы труда и эффективность компаний: посредническая роль интеллектуального капитала в китайских технологических компаниях / В. Чжэн, Б. Ян // Журнал бизнес-исследований. – 2021. – Т. 128. – С. 299–309.

14. Чжоу, Л. За пределами результатов тестов: разработка многомерной системы оценки эффективности работы учителей в элитной китайской средней школе / Л. Чжоу // Образовательная оценка, анализ и подотчётность. – 2023. – Т. 35, № 1. – С. 61–82.

15. Эйзенхардт, К. М. Построение теорий на основе анализа практических примеров / К. М. Эйзенхардт // Academy of Management Review. – 1989. – Т. 14, № 4. – С. 532–550.

Сведения об авторе

Вань Дунлян-Таджикский педагогический институт в городе Пенджикенте, соискатель кафедры экономической теории и управления. Адрес: 735500, г. Панджикент, Республика Таджикистан, Согдийская область, проспект Рудаки, 108. E-mail: 357715271@qq.com

About the author

Van Dunlyan-Tajik Pedagogical Institute in Penjikent, Applicant at the Department of Economic Theory and Management. Address: 108 Rudaki Avenue, Penjikent, Sughd Region, Republic of Tajikistan, 735500. E-mail: 357715271@qq.com

Маълумот дар бораи муаллиф

Ван Дунлян-Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисодӣ ва идоракунӣ. Суроға: 735500, ш. Панҷакент, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, хиёбони Рӯдакӣ, 108. E-mail: 357715271@qq.com

УДК: 37.014.543

МАБЛАҒГУЗОРИИ МАОРИФ - ОМИЛИ РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ

Миршарифзода Э.Қ.
Давлатов Ҳ.Ҷ.
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои хоси маблағгузории маориф, ки асоси рушди сармояи инсонӣ маҳсуб меёбад, баррасӣ гардида, шумораи муассисҳои таҳсилоти олии кишвар дар маҷмуъ ва аз рӯйи минтақаҳои кишвар вобаста ба шумораи донишҷӯён таҳлилу арзёбӣ гардида, нақши онҳо дар ташаккули сармояи инсонӣ ва таъмини бозори меҳнат бо мутахассисони соҳавӣ матраҳ гардидааст. Муаллиф дар ин мақола доир ба мушкилотҳои ҷойдоштаи соҳавӣ, ки сади роҳи рушди соҳа мегарданд андешаронӣ намуда, роҳу воситаҳои бартараф кардани онҳоро шарҳ додаанд. Дар мақолаи мазкур муаалиф роҳу усулҳои дастгирии соҳаи маорифро тавассути маблағгузории буҷетӣ маънидод карда, ҳамзамон, як қатор маълумотҳои расмии омориро ба таҳлил кашидааст, ки вазъи кунунии соҳаи маорифро тасвир менамоянд.

Калидвожаҳо: сармояи инсонӣ, маориф, маблағгузорӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, шумораи донишҷӯён аз рӯйи соҳаҳо, дастгирии давлатии маориф, рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ.
Барои иқтибос: Миршарифзода, Э. Қ. Маблағгузории маориф – омили рушди сармояи инсонӣ / Э. Қ. Миршарифзода, Ҳ. Ҷ. Давлатов // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 261-267.

ФИНАНСИРОВАНИЕ ОБРАЗОВАНИЯ – ФАКТОР РАЗВИТИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА

Миршарифзода Э.К.
Давлатов Х.Дж.
Таджикский педагогический институт в Раштском районе

Аннотация. В данной статье рассматриваются особенности финансирования образования, являющегося основой развития человеческого капитала, анализируется и оценивается количество высших учебных заведений в стране в целом и по регионам в зависимости от числа студентов, а также обсуждается их роль в формировании человеческого капитала и обеспечении рынка труда квалифицированными специалистами. В статье автор размышляет о существующих проблемах в секторе, которые являются основными препятствиями на пути его развития, и объясняет пути и средства их преодоления. В статье автор определяет пути и методы поддержки сектора образования посредством бюджетного финансирования, а также анализирует ряд официальных статистических данных, описывающих текущее состояние сектора образования.

Ключевые слова: человеческий капитал, образование, финансирование, высшие учебные заведения страны, количество студентов по секторам, государственная поддержка образования, устойчивое экономическое и социальное развитие.

EDUCATION FINANCING – A FACTOR IN HUMAN CAPITAL DEVELOPMENT

Mirsharifzoda E.Q.
Davlatov H.J.
Pedagogical Institute of Tajikistan in Rasht District

Annotation. This article examines the specifics of education financing, which is the foundation for human capital development. It analyzes and evaluates the number of higher education institutions in the country as a whole and by region based on student enrollment. It also discusses their role in developing human capital and providing the labor market with qualified specialists. In the article, the author reflects on the existing problems in the sector, which represent the main obstacles to its development, and explains ways and means of overcoming them. In the article, the author identifies ways and methods of supporting the education sector through budget financing and analyzes a range of official statistics describing the current state of the education sector.

Keywords: human capital, education, financing, higher education institutions in the country, number of students by sector, government support for education, sustainable economic and social development.

Гузориши масъала. Тайи якчанд соли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи баланд бардоштани раванди маблағгузории буҷетии соҳаи маориф бо мақсади рушд бахшидани сармояи

инсонӣ дар кишвар ва ба хотири инкишофи маллакаи касбии мутахассисони имрӯзу фардои мамлакат масъалаи мубрам гашта истодааст, ки исботи онро дастгирии доимӣ ва афзоиши пайвастаи маблағгузории буҷетӣ медиҳад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Таҳқиқоти илмии солҳои охир вобаста ба мавзуи маблағгузории маориф ва ташаккули сармояи инсонӣ нишон медиҳанд, ки масъалаҳои ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар заминаи маблағгузории маориф ҳамчун самти муҳими рушди иқтисоди бозорӣ мавриди таваҷҷуҳи олимон ва мутахассисони соҳаи молия қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, дар асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ – А. Смит, Г.С. Беккер, Д. Рикардо, П.А. Маҷидов, Т.У. Шульц ва дигарон дар паҳлуи ин масъала таҳқиқот бурда шудааст, вале бо вуҷуди ин, таҳлили адабиёти мавҷуда нишон медиҳад, ки мавзуи мазкур ҳанӯз ба таври кофӣ омӯхта нашудааст.

Мақсади мақола - таҳлили амиқи робитаи байни маблағгузории соҳаи маориф ва дар заминаи он муайянсозии рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Муҳтавои асосии мавод. Тавре солҳои охир ба мушоҳида мерасад, рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии як қатор кишварҳои ҷаҳон дар замон ва шароити имрӯза беш аз пеш ба сатҳи сармояи инсонӣ вобаста гардидааст. Чунончи П.А. Маҷидов қайд менамоянд “рушди сармояи инсонӣ ҳамеша дар ҳаёти ҷомеаи инсонӣ нақши калидӣ бозидааст, аммо дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт аҳаммияти аввалиндараҷа доштани он боз мақоми аслиашро пайдо кардааст”[4, с. 463].

Сармояи инсонӣ яке аз унсурҳои муҳимми рушди иқтисодии кишварҳо ба ҳисоб меравад, ки он аз зинаҳои мухталифи таҳсилот, малака, қобилият ва саломатии ҷисмонию равонии аҳолӣ иборат мебошад. Имрӯз ҷаҳон ба марҳилаи навини рушди инноватсионӣ ва рақамии ҳаракат мекунад, ки асоси онро сармояи инсонӣ ташкил медиҳад. Дар ин миён, ҷиҳати рушди сармояи инсонӣ соҳаи маориф нақши бориз дорад, зеро маҳз тавассути таҳсилот инсон дониш ва малакаҳои лозимаро ба даст меорад, ки онҳо барои фаъолияти босамари иқтисодӣ ва иҷтимоӣ зарурӣ ҳастанд.

Қобили қайд аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари рӯ ба рушд дар даҳсолаи охир талош намуда истодааст, ки сатҳи таҳсилот ва фарогирии аҳолиро беҳтар намояд. Бо вуҷуди ин, маблағгузории соҳаи маориф то ҳол яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсати давлатӣ боқӣ мондааст. Андозаи маблағгузорӣ, самаранокии истифодаи он ва таъсири он ба сатҳи рушди сармояи инсонӣ, мавзуи таҳқиқоти илмии фаровон дар кишварамон гардидааст.

Мақсади мақолаи мо низ маҳз таҳлили амиқи робитаи байни маблағгузории соҳаи маорифи кишвар ва рушди сармояи инсонӣ дар Тоҷикистон мебошад. Бо истифода аз маълумоти оморӣ, таҳқиқоти қаблӣ ва таҷрибаи кишварҳои дигар, мо кӯшиш мекунем нишон диҳем, ки то чӣ андоза маблағгузории дуруст метавонад рушди сармояи инсонӣ ва дар натиҷа, рушди умумии кишварро таъмин намояд. Аз ин хотир, моро зарур аст, ки пеш аз ҳама бигӯем, ки худи ибораи сармоя инсонӣ чист ва он чӣ маъно дорад.

Ин мафҳум нахустин маротиба солҳои 1960 ва 1961 аз ҷониби иқтисоддонҳои маъруфи амрикоӣ Теодор Шултс ва Гэри Беккер, дорандагони ҷоизаи нобел таҳия ва таблиғ шудааст. Онҳо исбот карданд, ки сармоягузорӣ ба таҳсилот, саломатӣ ва омӯзиши касбӣ на танҳо барои шахс, балки барои ҷомеа ва иқтисоди миллӣ низ манфиатовар аст. Теодор Шултс қайд мекунад, ки “сармоягузорӣ ба таҳсилот, тандурустӣ ва омӯзиш имкониятҳои рушди иҷтимоию иқтисодиро фароҳам меорад”[8, с. 178], Гэри Беккер бошад, ба он назар аст, ки “сармоягузорӣ ба инсон (омӯзиш, тандурустӣ, малакаомӯзӣ) самари бештар дорад ва иқтисоди кишварҳоро пеш мебарад” [2, с. 421]. Аз нигоҳи Адам Смит, иқтисоддони Шотландӣ, ки асаре бо номи “Сарвати миллатҳо” (1776) дорад, “сармоя танҳо дороии моддӣ нест, балки дониш, маҳорат ва малакаи коргар низ сармоя ба ҳисоб меравад” [1, с. 470]. Аз нуқтаи назари олимони мазкур маълум мегардад, ки сармоягузорӣ ва ё маблағгузорӣ барои рушди сармояи инсонӣ самараи хуб дошта ва ҳамзамон, манфиатовар буда, он боиси рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар мегардад.

Абӯалӣ ибни Сино вобаста ба мафҳуми сармояи инсонӣ таъкид месозад, ки “руҳи инсон шиша аст, дониш нерӯест ба монанди оташ ва ҳикмати Худованд равған аст. Агар чароғ сузон аст, шумо зинда ҳастед, агар он хомӯш шавад, шумо мемиред” [9, с. 641]. Яъне Абӯалӣ ибни Сино сармояи инсониро ба оташ ва ё нуре шабоҳат додааст, ки дар ҳолати хомӯш гардидани он инсон ҳамчун як ҷисми бечон аст. А. Смит бошад, ҷойи дигар чунин мепиндорад, ки “баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат асосан аз малакаи касбӣ ва донишу маҳорати касбии корманд ва баъдан ба таъмини мошину таҷҳизоте, ки ӯ кор мекунад, вобаста аст” [1, с. 408]. Ӯ сармояи инсониро (дониш, малака, қобилияти касбӣ) дар ҷойи аввал гузошта, дастгоҳу таҷҳизотҳои дар раванди истеҳсолот истифодашавандаро дуюмдараҷа мепиндорад. Олими диггари иқтисоддон Д. Рикардо чунин мешуморад, ки “инсони маълумотдор ё аҳолии дорои маълумот ҳеҷ вақт на ба зарари худ ва на ба зарари ҷомеа, агар таъсири дигар омилҳо дар ин ҷо мушоҳида нашавад, фаъолият намекунанд” [3, с. 221].

Аз андешаи олимон вобаста ба мафҳум ва моҳияти сармояи инсонӣ, ки дар боло матраҳ намудем метавонем хулоса намоем, ки сармояи инсонӣ - ин маҷмӯи дониш, малака, қобилият ва хусусиятҳои шахсиятии фард фаҳмида мешавад, ки қобилияти истеҳсолотӣ ва эҷодии ӯро муайян месозад, мебошад. Ин мафҳум аз нигоҳи иқтисодӣ, бо дигар шаклҳои сармоя (молиявӣ, истеҳсолӣ ва табиӣ) муқоиса шуда наметавонад, зеро он дар танзими самарабахши захираҳои дигар нақши асосӣ мебозад. Яъне бидуни захираи инсонӣ, ки дорои дониш ва таҷрибаи зарурӣ мебошад, истифодаи самараноки дигар захираҳо ғайриимкон аст.

Аҳамияти сармояи инсонӣ, махсусан дар ҷаҳони муосир, ки иқтисоди донишмеҳвар ва технологиябунёд шакл гирифтааст, ба маротиб афзудааст. Кишварҳое, ки дар рушди сармояи инсонӣ, бахусус соҳаи маориф ва илм сармоягузории мунтазам анҷом медиҳанд, сатҳи баланди инноватсия, истеҳсолот ва некуаҳволии иҷтимоиро таъмин мекунанд. Дар шароити Тоҷикистон, ки аксарияти аҳолӣ синни ҷавон доранд ва бозори меҳнат дар марҳилаи ташаккул қарор дорад, сармояи инсонӣ метавонад ба унсури калидии рушди иқтисодӣ табдил ёбад. Аммо барои ин, талаб аст, ки соҳаҳои марбут ба рушди инсон, пеш аз ҳама соҳаи маориф ва тандурустӣ бо сатҳи кофии маблағгузорӣ таъмин карда шаванд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати маорифпарваронаи худ соҳаи маорифро дар ҷойи аввал гузошта, ба тарбияи кадрҳои болаёқат пайваста аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд ва барои таҳсили онҳо чӣ дар дохил ва чӣ берун аз он доимо шароити мусоид фароҳам меоваранд, ки ин барои ташаккули сармояи инсонӣ дар кишвар заминаи муосид мегузорад. Пешвои миллат зимни ироаи паёми хеш санаи 26 декабри соли 2023 таъкид намуданд, ки "рушди муосири иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатнокии он бидуни рушди сармояи инсонӣ ғайриимкон мебошад ва аз тамоми шаклҳои сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ муҳимтаринаш ин маблағгузорӣ ба нигоҳдории кадрҳои касбӣ мебошад, яъне тарбия, таълим, такмилдиҳӣ, бозомӯзӣ, ҳавасмандгардонӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи кадрӣ" [7].

Маблағгузорӣ ба соҳаи маориф яке аз самтҳои муҳимтарини рушди сармояи инсонӣ арзёбӣ гардида, ҳамасола аз буҷети мамлакат ба ин соҳаи афзоиши бесобиқа ба назар мерасад. Тавре маълумоти омори расмӣ шаҳодат медиҳанд соли 2024 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ барои соҳаи маориф 8,2 млрд. сомонӣ (18,5%-и хароҷоти буҷети давлатӣ) маблағгузорӣ гардида, он 5,4% ММД-и мамлакатро дар соли 2024 ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар соли 2023 маблағи 7,2 млрд. сомонӣ, соли 2015 маблағи 2,9 млрд. сомонӣ ва соли 2010 маблағи 1,0 млрд. сомониро ташкил дод, ки ин нишондод нисбат ба солҳои 2023 ба андозаи 12,1%, 2015 – 35,3% ва 2010 – 8,2 маротиба афзоиш ёфтааст.

Ҷадвали 1. - Динамикаи хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2023

Солҳо	Хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф (млн. сомонӣ)	Нисбат ба ММД, бо %	Нисбат ба хароҷоти умумии буҷет, бо %
1991	1189,7*	8,9	23,6
2000	41,6	2,3	15,9
2005	253,1	3,5	17,0
2010	989,9	4,0	25,4
2020	4311,4	5,2	18,0
2021	5259,8	5,3	16,7
2022	6240,2	5,4	18,3
2023	7108,5	5,4	19,4
2023/2000 бо % ва мар.	**170,8 мар.**	**3,1%**	**3,5%**

*нишондод бо рубл оварда шудааст

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси [6].

Тавре аз маълумоти ҷадвал маълум мегардад ҳаҷми маблағгузории соҳаи маориф дар давоми солҳои 2000-2023 ба андозаи 170,8 маротиба афзоиш ёфта, он аз 41,6 млн. сомонии соли 2000 ба 7 108,5 млн. сомонӣ дар соли 2023 расидааст, ки он аз 2,3%-и ММД-и кишвар дар соли 2000 ба 5,4% дар соли

2023 расида, 3,1% бештар гардидааст. Инчунин, агар ҳаҷми хароҷотҳо дар таркиби умумии хароҷтои буҷет ба соҳаи маориф дар соли 2000 ҳамагӣ 15,9%-ро ташкил намояд, он дар соли 2023 ба миқдори 3,5% афзоиш ёфта, ба 19,4% расидааст.

Афзоиши ҳиссаи буҷаи давлатӣ, ки барои соҳаи маориф ҷудо мешавад ин як аломати хуби расидан ба мақсадҳои рушди сармояи инсонӣ дар мамлакат аст. Таъсису афзоиши маблағҳо имконият медиҳанд, ки омӯзгорон маоши беҳтар гиранд, шароити муассисаҳои таълимӣ беҳтар шаванд ва низоми омӯзишу омӯхтан такмил ёбад. Дар ин радиф қабул ва амалигардонии стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ низ ба баланд бардоштани сатҳи бунёдии таҳсилот мусоидат мекунад. Аммо, дар ин баробар агарчи ҳарчанд маблағгузории маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чанд соли ахир беҳбудӣ ёфтааст, аммо ҳоло ҳам чанде аз мушкилотҳо, ба монанди: норасоии омӯзгорон, камбуди маблағ дар сатҳи буҷети маҳалҳо, пурра муҷаҳаз набудани мактабҳои деҳоти дурдаст ва минтақаҳо бо технологияҳои муосир ва синфхонаҳои методию лабораторияҳо ва амсоли ин, ки ин метавонад ба кам шудани имкониятҳо барои мардум дар минтақаҳои дурдаст, муҳоҷирати кӯдакон ба шаҳр ва ё паст шудани ҳавасмандӣ бирасад, вале ин низ ислоҳталаб буда, дар чанд соли минбаъда дар натиҷаи бештар гардидани маблағгузории буҷетӣ ба соҳа бартараф хоҳад гардид.

Бояд тазаккур дод, ки дар Тоҷикистон муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар имрӯз яке аз унсурҳои асосии такмили ихтисоси оммавӣ, ташаккули сармояи инсонӣ, омӯзиш ва бозомӯзии мутахассисони мамлакат ва паҳн намудани донишҳои нав дар ҷомеа мебошанд. Шумораи онҳо дар замони соҳибистиқлолӣ якбора рӯ афзоиш оварда, дар онҳо имрӯз мутахассисони варзидаи самтҳои гуногун ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат тайёр карда мешаванд, ки шумораи онҳоро дар ҷадвали 2 овардаем.

Ҷадвали 2. - Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва донишҷӯёни онҳо дар солҳои 1991-2023 (дар оғози соли хониш)

Дар оғози соли хониш	Нишондиҳандаҳо		
	Шумораи муассисаҳои олии касбӣ (адад)	Шумораи донишҷӯён (ҳаз. нафар)	Аз он ҷумла, ба 10 000 аҳолӣ (нафар)
1991-1992	13	69,3	124
2015-2026	38*	176,5	206
2018-2019	39*	209,8	232
2020-2021	41*	245,9	261
2021-2022	46*	218,1	218
2022-2023	46*	214,4	211
2022-2023/1991-1992, бо % ва мар.	3,5 мар. (13 адад)	3,0 мар. (145,1 ҳ.)	1,7 мар. (87 наф.)

*нишондод бо шумораи филиалҳо оварда шудааст

Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси [6].

Чунончи аз маълумоти ҷадвал айён мегардад, шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар аз 13 адади соли 1191 ба 46 адад дар соли 2023 расида, нисбат ба соли 1991 ба миқдори 13 адад бештар гардидаанд. Дар ин баробар, шумораи донишҷӯёни ин муассисаҳо 3,5 маротиба зиёд гардида, аз 69,3 ҳазор нафари соли 1991 ба 214,4 ҳазор нафар дар соли 2023 расида ва ё 145,1 ҳазор нафар бештар гардидаанд. Агар шумораи донишҷӯнро ба сари 10 ҳазор нафар аҳолӣ тақсим кунем, маълум мегардад, ки дар соли 2023 ба 10 ҳазор нафар аҳолӣ 211 нафар донишҷӯ рост меояд, ки ин нишондод дар соли 1991 ҳамагӣ 124 нафарро ташкил медод. Дар ин даври таҳлилӣ 87 нафар донишҷӯ бештар гардидааст.

Боиси тазаккур аст, ки шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ба рушди маълумотнокии аҳолӣ ва баланд бардоштани сармояи инсонӣ аз рӯйи минтақаҳо низ таъсири мусбӣ расонида, ба баланд гардидани савияи дониш, малака ва қобилияти тахассусии аҳолии дар минтақаҳои кишвар ҷойгирбуда заминаи хуб мегузорад, ки шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва донишҷӯёни таҳсилкунанда дар онҳоро аз рӯйи ҷогиршавӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар ҷадвали зерин дида мебароем.

Ҷадвали 3. - Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва донишҷӯёни онҳо аз рӯйи минтақаҳо дар солҳои 1991-2023 (дар оғози соли хониш)

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

Солҳо									
	1991	**2000**	**2005**	**2010**	**2015**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**
Адади муассисаҳо, воҳид	-	1	1	1	1	2	2	2	2
Донишҷӯёни онҳо, ҳазор нафар	-	2,6	3,4	4,7	4,5	4,1	3,7	3,0	2,7
Вилояти Хатлон									
Солҳо									
	1991	**2000**	**2005**	**2010**	**2015**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**
Адади муассисаҳо, воҳид	2	2	5	5	5	6	6	7*	7*
Донишҷӯёни онҳо, ҳазор нафар	6,4	7,7	14,9	23,8	33,0	49,7	50,0	47,4	44,5
Вилояти Суғд									
Солҳо									
	1991	**2000**	**2005**	**2010**	**2015**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**
Адади муассисаҳо, воҳид	1	11	10	7	7*	7*	7*	10*	10*
Донишҷӯёни онҳо, ҳазор нафар	10,6	18,6	27,8	32,2	37,9	48,4	47,7	46,6	45,1
ш. Душанбе									
Солҳо									
	1991	**2000**	**2005**	**2010**	**2015**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**
Адади муассисаҳо, воҳид	10	16	20	20	24*	25*	25*	26*	26*
Донишҷӯёни онҳо, ҳазор нафар	52,3	48,9	86,3	91,0	103,6	139,9	134,6	117,9	119,2
Ноҳияҳои Тобеи Ҷумҳурӣ									
Солҳо									
	1991	**2000**	**2005**	**2010**	**2015**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**
Адади муассисаҳо, воҳид	-	-	-	-	-	1	1	1	1
Донишҷӯёни онҳо, ҳазор нафар	-	-	-	-	-	3,9	3,5	3,3	2,9


Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси [6].

Маълумотҳои дар ҷадвалбуда нишон медиҳанд, ки шумораи бештари муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат ва шумораи донишҷӯёни онҳо бештар ба шаҳри Душанбе рост омада, шумораи муассисаҳо дар инҷо дар соли 2023 дар маҷмуъ 26 ададро бо фарогирии 119,2 ҳазор нафар донишҷӯ дар бар мегирад, ҳоло онки ин нишондод ба ВМКБ 1 адад муассиса ва 2,7 ҳазор нафар донишҷӯ, вилояти Хатлон 7 адад муассиса ва 44,5 ҳазор нафар донишҷӯ, вилояти Суғд 10 адад муассиса ва 45,1 ҳазор нафар донишҷӯ ва НТҶ 1 адад муассиса ва 2,9 ҳазор нафар донишҷӯ рост меояд. Чунончи аз таҳлили рушди минтақаҳои кишвар аз лиҳози иқтисодӣ маълум мегардад, имрӯз рушди ҳамон митақаҳои кишвар чашмрас аст, ки дар онҷо шумораи муассисаҳои таҳслоти олӣ ва муҳасилини онҳо бештар ҳастанд, ки ҳар кадоме дорои тахассу, малака ва қобилияти коре мегарданд, вале дар минтақаҳое, ки ин нишондод камтар аст, дараҷаи рушди иқтисодӣ низ чашмрас нест. Яъне асоси рушди иқтисодии мамалакатҳо аз маълумотнокии аҳолии онҳо вобаста буда, дар инҷо маблағгузорию дастгирии соҳаи маориф муҳим арзёбӣ гардида, сармояи инсонӣ омили асосии рушд маҳсуб меёбад.

Дар шароити муосири рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия, инчунин, гузариш ба модели иқтисодии бо дониш ва навоварӣ асосёфта зарурати тайёр намудани мутахасисони оянда за рӯйи ихтисос ва касбиятҳои ба талаботи бозори меҳнати имрӯза ҷавобгӯро талаб менамояд, вале ҳанӯз ҳам дар кишвар шумораи донишҷӯёни таҳсилкунанда ба соҳаи маориф ва касбӣ омӯзгорӣ бештар ба назар расида, дар дигар соҳаҳо нисбатан камтар ба мушоҳида мерасанд.

Қобили тазаккур аст, ки шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дар замони соҳибистиқлолӣ сол аз сол бештар гардида истодааст, ки дар таъмини бозори меҳнат вобаста ба ихтисосҳои ҷавобгӯ ба талаботи муосир саҳми арзанза мегузоранд.

Диаграммаи 1. Шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар аз рӯйи соҳаҳо дар солҳои 1991-2023 (ҳаз. нафар)



Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси [6].

Чунончи маълумоти диаграммаи 1 нишон медиҳад, имрӯз шумораи бештари донишҷӯён ба соҳаи маориф рост меоянд. Агар шумораи онҳо дар соли 1991 ҳамагӣ 44,8 ҳазор нафарро ташкил диҳанд, дар соли 2023 он ба 131,3 ҳазор нафар расида, 2,9 маротиба бештар гардидааст. Ин шумора дар давраи таҳлилӣ дар соҳаи саноат ва сохтмон 2,4 маротиба, соҳаи кишоварзӣ 7,9%, иқтисодиёт 35,7 маротиба, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш 2,4 маротиба, фарҳанг ва санъат 2,6 маротиба ва дигар соҳаҳо 4,2 маротиба бештар гардидааст.

Хулоса. Аз таҳлилҳои анҷомдодашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳи Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат ба соҳаи маориф, ки яке аз ниҳоди асосии омодасозӣ ва тайёркунии мутахассисони соҳаҳои афзалиятнок ба шумор мераванд, бештар буда, ҳамасола маблағгузории буҷети давлатӣ ба ин соҳаи афзалиятнокӣ кишвар дар ҳоли афзоиш мебошад. Ин ҳама дастгириҳои молиявӣ боиси он мегарданд, ки шароити моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар беҳтар гардида, сатҳу сифати таълим дар баланд гардад, ки ин дар натиҷа ба ташаккули сармояи инсонӣ заминаи мусоид мегузорад.

Адабиёт

1. Адам, Смит. Исследование о природе и причинах богатства народов. – М.: Соцэкгиз. - 1956. – 490 с.
2. Беккер, Г.С. Человеческий капитал: теоретический и эмпирический анализ с особым вниманием к образованию / Г.С. Беккер // Нью-Йорк: National Bureau of Economic Research. – 1964. – 412 с.
3. Давид, Р. Антология экономической классики. Т. 1 – М.: 1993. – 308 с.
4. Маҷидов, П.А. Сармояи инсонӣ ва нақши он дар шароити иқтисодиёти муосир / П.А. Маҷидов, У.А. Ҷалилзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - №4 (43). - С. 363-371.
5. Миршарипов, Э.Қ. Таҳлили вазъи кунунии захираҳои меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Э.Қ. Миршарипов, С.А. Деҳқонов, А.З. Ҳафизов, Ғ. Анваров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. - №2 (6). - С. 308-311.
6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. – 479 с.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2023 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ. – http://prezident.tj. (санаи мурочиат 17.11.2025).
8. Шульц Т.У. Экономическая ценность образования / Т.У. Шульц // Нью-Хейвен: Yale University Press. – 1963. – 188 с.
9. Энциклопедия мудрости / К. Андриевская и др… - Можайск: Изд-во «РООССА», 2007. – 682 с.

Маълумот дар бораи муаллифон	Сведения об авторах	About the authors
Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ–сардори раёсати таълими Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар н. Рашт. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рашт, шаҳраки Ғарм, кӯчаи Э. Муҳиддин-63. Email: emomali-95s@mail.ru, Тел.: (+992) 988536364	**Миршарифзода Эмомали Курбонали-**начальник отдела образования Таджикского педагогического института в Раштском районе. Адрес: Республика Таджикистан, Раштский район, городок Гарм, улица Э. Мухиддина-63, Email: emomali-95s@mail.ru, Тел: (+992) 988536364	**Mirsharifzoda Emomali Qurbonali-**Head of the Education Department of the Tajik Pedagogical Institute in the Rasht district. Address: Republic of Tajikistan, Rasht district, Garm town, E. Muhiddin street-63, Email: emomali-95s@mail.ru, Ph.: (+992) 988536364
Давлатов Ҳоким Ҷумъаевич- мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷменти Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар н. Рашт. Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рашт, шаҳраки Ғарм, кӯчаи Э. Муҳиддин-63. Email: davlatov.hokim@mail.ru, Тел.: (+992) 981011188.	**Давлатов Хоким Джумаевич-** заведующий кафедрой бухгалтерского учета и менеджмента Таджикского педагогического института в Раштском районе. Адрес: Республика Таджикистан, Раштский район, городок Гарм, улица Э. Мухиддина-63, Email: davlatov.hokim@mail.ru, Тел.: (+992) 981011188	**Davlatov Hokim Jumaevich-** Head of the Accounting and Management Department of the Tajik Pedagogical Institute in the Rasht district. Address: Republic of Tajikistan, Rasht district, Garm town, E. Mukhiddin street-63, Email: davlatov.hokim@mail.ru, Tel.: (+992) 981011188

УДК: 336

НАҚШИ НИЗОМИ МОЛИЯВИИ КИШВАР ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ ВА БОСАМАРГАРДОНИИ ОН

Ҳабибова Г.О.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур муаллиф ба заминаҳои бавуҷудоии молия ва ташаккул ёфтани низоми молиявӣ таҳқиқ намуда як қатор масъалаҳои муҳими вобастаро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Ҷанбаҳои иқтисодию иҷтимоии низоми молиявӣ ҳадафи таҳқиқи масъала мебошад. Ғайр аз ин дар мақолаи мазкур нишондиҳандаҳои рушди низоми молиявӣ таҳлил гардида нақши он дар таркиби иқтисодиёти давлат муаян гардидааст. Бояд гуфт, кимуаллифи мақолаи мазкур вобаста ба имконият ва иқтидорҳои низоми молиявӣ дар сатҳи алоҳида ва гуногун ин ҷараёнро таҳлил намуда раванди босамаргардонии онро мушаххасан пешниҳод намудааст. Илова бар ин як қатор нишондиҳандаҳои дигар ин низомро аз нуқтаи назари самарнокӣ таҳлилу баррасӣ намудааст
Калидвожаҳо. Низоми молиявӣ, буҷети давлат, ширкатҳои суғурта, низоми бонкӣ, дороиҳои бонкӣ, давраи ҳисоботӣ, таъсири иқтисодӣ, ҳамгироии байнисоҳавӣ, рушди иқтисодиёт, зиёдшавии дороиҳо.
Барои иқтибос: Ҳабибова, Г. О. Нақши низоми молиявии кишвар дар рушди иқтисодиёт ва босамаргардонии он / Г. О. Ҳабибова // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 268-274.

РОЛЬ ФИНАНСОВОЙ СИСТЕМЫ СТРАНЫ В ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ И ЕЁ ЭФФЕКТИВНОСТИ

Хабибова Г.О.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотатция. В данной статье автор изучил основы финансов и формирование финансовой системы, проанализировал и обсудил ряд важных связанных с этим вопросов. Целью исследования являются экономические и социальные аспекты финансовой системы. Кроме того, в данной статье анализируются показатели развития финансовой системы и определяется её роль в структуре экономики государства. Следует отметить, что автор данной статьи проанализировал этот процесс в связи с возможностями и возможностями финансовой системы на отдельных и различных уровнях и конкретно предложил процесс её эффективности. Кроме того, ряд других показателей были проанализированы и обсуждены с точки зрения эффективности данной системы.
Ключевые слова: Финансовая система, государственный бюджет, страховые компании, банковская система, банковские активы, отчётный период, экономическое воздействие, межсекторальная интеграция, экономический рост, рост активов.

THE ROLE OF THE COUNTRY'S FINANCIAL SYSTEM IN ECONOMIC DEVELOPMENT AND ITS EFFICIENCY

Habibova G.O.
Tajik State University of Finance and Economics

Annotation. In this article, the author examined the fundamentals of finance and the formation of the financial system, analyzing and discussing a number of important related issues. The study focuses on the economic and social aspects of the financial system. Furthermore, this article analyzes the indicators of financial system development and defines its role in the national economic structure. It should be noted that the author of this article analyzed this process in relation to the capabilities and capacities of the financial system at individual and various levels and specifically proposed a process for assessing its effectiveness. Furthermore, a number of other indicators were analyzed and discussed in terms of the effectiveness of this system.
Keywords: Financial system, state budget, insurance companies, banking system, banking assets, reporting period, economic impact, intersectoral integration, economic growth, asset growth.

Гузориши масъала. Дар таърихи тамаддуни башарият низоми молиявӣ яке аз унсурҳои муҳими фаъолияти иқтисодии хоҷагиҳо маҳсуб ёфта дар доираи он ташаккули баробарии фаъолияти ҷамъиятӣ дар самти дастрасӣ ва истифодаи сармояи пулӣ ва ғайрипулӣ таъмин карда мешавад. Ҳамаи механизмҳои пулӣ ва ғайрипулӣ, ки дар муносибатҳои иқтисодӣ иштирок

меварзанд ва аз тарафи танзигарони асосӣ назарат карда мешаванд, низоми молиявиро ташкил медиҳанд. Дар рушди муносибатҳои иқттисодӣ равандҳои бисёрсоҳагии молияро, ки аз институтҳои зиёди пулӣ ва ғайрипулии бо арзишҳои муттамаркази бо пул алоқаманди дорои арзиш мушоҳида намудан мумкин аст.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Дар самти мазкур аз ҷониби муҳаққиқон аз қабили Горелик В. Н., Махшулов С. Ҷ., Шариф Раҳимзода, Ҳасанов А.Р. ва дигарон таҳқиқотҳо гузаронида шудааст.

Мақсади мақола ин омӯзиши низоми молиявии кишвар ва нақши он дар рушди иқтисодиёт ва босамаргардонии он ба ҳисоб меравад.

Муҳтавои асосии мавод.

Бинобар ин дар сатҳи ҷамъият метавон гуфт, ки молия таърихи тулонӣ ва қадима дошта, вай ҳанӯз дар давраи ҷамъияти ғуломдорӣ баробари ташаккул ёфтанип давлати ғуломдорӣ ё ҷамои ба он баробар пайдо шудааст. Вобаста ба ин иброз доштан зарур аст, ки заминаҳои ташаккул ёфтани сохти токапиталистии истеҳсолот, молия асосан муносибатҳоеро ифода менамуд, ки онҳо шакли натуралии иқтисоддӣ ва муносибатҳои иқтисодиро ифода менамуд ва дар давраи тараққиёти капитализм ба муносибатҳои пулӣ мубаддал гардида буданд. Новобаста аз оне, ки равандҳои молиявӣ ё ташаккули муносибатҳои молиявӣ аз арзишҳои ғайрипулӣ марбут ба сарватҳои табии ба вуҷуд омадааст, рушд ва нуфузи он асосан ба даврањои рушди муносибатҳои пулӣ ва арзишҳои бо пул ифодаёфта (коғазҳои қиматнок, санг ва металҳои қиматбаҳо) рост меояд. Дар дигармаврид Ҳасанов А.Р. қайд намудааст, ки «моҳияти молия қонуниятҳои инкишофи мунносибатҳои пулиро ифода менамояд» [8.99]. Дар воқеъ тибқи нишондиҳандаҳо дар арзёбӣ ва баррасии масъала дуруст иброз шудааст, ки молия хосияти муттамарказгардидани нишондиҳандаҳо ва воситаҳои пулиро дорад.

Ҳамаи ин заруриятҳо ба он боис гардиданд, ки дар баробари инкишоф ва пешрафти ҷомеаи инсонӣ ва аз ҳам ҷудо гардидани молистеҳсолкунандагон ва мустақилият дар тамоми самтҳои муҳими ҳаёти ҷомеа мафҳуми молия ва низоми молиявӣ ҳамчун илм ва зарурияти ба илм баробар нисбатан васеъ паҳн шуд ва ба мафҳуми байналхалқӣ ва яке аз сохторҳои муҳи ва калидии давлат мубадал гардид ва ҳамчун мафҳуми бо низоми мукаммал ва инкишофётаи пулӣ алоқаманд, мубадал гардида, ниҳоятан муносибатхои пулии байни аҳолию давлатро оид ба ташкили фондхои пулии давлат ва азнавтақсимкунии онҳо ба сохтору соҳаҳои алоҳида муаян намуд.

Дар шароити гузари ва густариши иқтисоди бозорӣ чунин заруримяте пеш меояд, ки низоми молиявии идораи иқтисодиёт нисбат ба дигар низомҳои иқтисодӣ ба таври куллӣ дигаргун карда мешавад ва онҳо дар пешрафти ҷомеаи иқтисодӣ ва беҳтаргардонии нерӯи инсонӣ нақши асосӣ мебозанд.

«…Воқеан баъди ташакули муносибатҳои нави пулӣ ва гусариш пайдо кардани равандҳои гуногуни иқтисодӣ, ки асоси онҳоро муносибатҳои молиявӣ ташкил медоданд, ин низоми молиявиро ба вуҷуд овард. Бинобар ин низоми молиявӣ ин шаклҳои нисбатан васеътар ташаккулёфтаи молия дар ҷамъият маҳсуб ёфта, тартиби ҷамъоварӣ, тақсим ва истифодаи воситаҳои пулии марказонидашуда ва ғайримарказонидашударо, ки бо роҳу воситаҳои банақшагирии молия ва қонунгузории молиявӣ фаҳмида мешавад, ифода мегардад» [9].

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои нави бозорӣ низомҳои молиявии сифатан нав истифода мегардад, ки он аз муносибатҳои байниҳамдигарии корхона ва аҳолӣ, дар якҷоягӣ бо ташаккули низоми буҷетӣ, фондҳои мақсадноки давлатӣ ва фаъолияти суғурта иборат мебошад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ нақш ва мақоми молия вобаста ба сатҳ ва дараҷаи шаклҳои моликият ва шаклу намуди хоҷагидорӣ аз тараффи давлат барои фарогир намудани муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ тағйир дода мешавад. Бинобар ин низоми молиявӣ дар иқтисоди имрӯза ҳамчун воситаи ба таносуби муайян тақсим кардани маҷмӯи маҳсулоти миллӣ, истифодаи захираҳои молиявӣ ва воситаи танзими иқтисодиёт сурат мегирад.

Дар сатҳи фарогирӣ низоми молиявӣ агар аз як тараф аз омилҳои гуногун иборат бошад аз дигар тараф дар зери таъсири омилҳои гуногун қарор дорад. Вобаста ба ин бӯҳрони иқтисодӣ, касри буҷет, камбизоатӣ, таваррум, маҳдуд будани имконияти сармоягузорӣ ба соҳаҳои муайянкунандаи пешрафти иқтисодиёт, воридашвии нисбатан сусти раванди сармоягузории хориҷӣ ва монанди инҳо мустақиман бо мушкилоти молиявии мамлакат алоқаманд буда, сатҳ ва дараҷаи ташкил ва имнкишофи ин низомро муайян мекунанд. Вобаста ба васеъии

фарогирӣ мазмуни молия натанҳо бо мафҳумҳои умумӣ (даромад, хароҷот), балки мафҳуми ҷузъи – ифодагари раванди ташкил ва истифодаи фондҳои пулӣ (сафарбарнамоии маблағҳо, пардохтҳои ҳиссаҷудокуниҳо аз даромадҳо, пардохтҳо ва андозҳо, маблағгузорӣ, музди кор ва ғайра) тавсиф карда мешавад.

Моҳияти молия бо воситаи мафҳумҳои даромад, фоида, даромаднокӣ, арзиши аслӣ, воситаҳои асосию гардон, истеҳлок, зарар ва ғайра зоҳир мегардад ва ин дар муносибатҳои иқтисодӣ ҳамчун қисми асоси раванҳои молиявӣ маҳсуб меёбад.

Дар таркиби низоми молиявӣ фоида ва даромаднокӣ дар айни замон вазъ ва ҳолати молиявии воҳидҳои иқтисодиро, ки ба ягон ҳадафи муаян пеш мераванд нишон медиҳад. Дар ин самти фаъолият арзиши аслӣ ва меъерии ин масъала ба ҳаҷми фоидаи соҳибкорӣ метавонад таъсир мерасонад. Дар ташаккул ва рушди муносибатҳои молиявӣ байни субъектҳои гуногуни иқтисодӣ ҳолати истифодаи воситаҳои асосию гардон бо нишондиҳандаҳои даромаднокӣ ва сатҳи истифодаи воситаи гардону суръати гардиши онҳо бодарназардошти сатҳи пардохпазирии ширкат таъсир мерасонанд. Боназардошти ҳама он хусусиятҳо ва омилу воситаҳое, ки дар сатҳи ҷамъхият молияро инъикос менамояд, тамоми шакл ва усулҳои ташкилу истифодабарии фондҳои пули таъиноти махсусдоштае, ки ҷиҳати баамалбарории такрористеҳсол ва талаботи давлат вобаста ба вазъи бозор, дар мавриди тақсим ва азнавтақсимкунии маҷмӯи маҳсулоти миллӣ ва даромади миллӣ ба вуҷуд меоянд молияро дар сатҳи ҷамъият муаррифӣ менамояд.

Агар дар сатҳи муносибатҳои давлатӣ идораи молияро дар сатҳи ҳар як кишвари алоҳида Вазоратҳои молия давлатҳо ба танзим дароранд, низоми молиявиро бошад асосан Бонкҳои марказӣ ва қисман дигар ниҳодҳои дахлдор назорат ва танзим менамоянд. Дар ҳар як давлати мустақил нақши низоми молиявӣ дар рушди иқтисодӣ маҳсуб ёфта тавассути он ба сохторҳои алоҳида ва муҳими иқтисодию иҷтимоии мамлакат дигаргунӣ ворид карда мешавад. Зеро дар айни замон низоми молиявӣ ҳамчун қисми асосии иқтисодиёти ҳар як давлат маҳсуб ёфта ин низом дар дигаргунсозии иқтисодиёти миллӣ ва сатҳи рушди ҳар як давлат нақши калидӣ дорад. Зеро дар шароити имрӯза низоми молиявӣ куллан аз низоми қаблӣ, ки дар давраи капиталистӣ ва сотсиалиятӣ мавҷуд буд куллан фарқ мекунад ва онро имрӯз институтҳои фаъоли молиявию қарзӣ ташкил медиҳанд.

Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки дар Тоҷикистон воқеан имрӯз як низоми молиявии пешрафта амал менамояд ва он ба дараҷаи рушди иқтисодӣ ва беҳтаргардии сифати зиндагии аҳолӣ таъсири мусбат мерасонад. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки нишондиҳандаҳои низоми молиявӣ дар Тоҷикистон баъд аз соли 2015 дар натиҷаи таҷриба намудани баъзе мушкилоту нобаробариҳо нишондиҳандаҳои низоми молиявӣ назаррас гардиданд. Илова бар ин қайд кардан ба мавриди аст, ки низоми молиявӣ яке аз сохторҳои мурраккаби иқтисодӣ буда ин низом дар пешрафти иқтисодиёт нақши ҳалкунанда дорад. Илова бар ин дар ин низом институт ва сохторҳои гуногун шомиланд, ки дар онҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсирҳои гуногун доранд, ки натиҷаи онро мо дар ҷадвали 1 чунин ишора гардидаанд.

Ҷадвали 1. - Сохтори низоми молиявӣ ва сатҳ сиффати таъсиррасонии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвар.

Институтҳои молиявӣ	Сатҳи фаъолнокӣ		Таъсири иқтисодӣ		Таъсири иҷтимоӣ	
	Фаъол	ғайриф аъол	Дорад	Надоард	Дорад	Надоард
Бонкҳо	+	-				
Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ	+					
Ташкилотҳои қарзии хурд	-	+				
Биржаҳои фонӣ	-	+				
Ташкилотҳои лизингӣ	+					
АСИН*	+					

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф дар асоси маълумотҳои омории сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон.

Дар иқтисодиёти имрӯзаи Тоҷикистон низоми молиявӣ яке аз сохторҳои асосӣ ва муҳаррики пешбарандаи иқтисодиёти миллӣ маҳсуб ёфта ин низом дар дигаргунсозии иқтисодиёти миллӣ ва беҳтаргардонии фазова сифати зиндагии аҳолӣ нақши калидӣ дорад. Дар мушаххассоти сатҳи таъсиррасонӣ масъалаи арзёбии дараҷаи таъсиррассонии низоми молиявӣ вобаста ба сохтори ташкилшавӣ, салоҳият, имконият, иқтидор ва дигар имкониятҳои ба ин баробар гуногун мебошанд. Аз ин лиҳоз масъалаи баррасии инҷраёнро бо бо ишораҳои гуногун инъикос намуда мавқеи таркибии низоми молиявиро дар сатҳи иқтисодиёт баҳогузорӣ намудем. Гуффтан мумкин аст, ки агар дар сатҳи иқтисодиёт низоми молиявӣ яке аз ҷузъои таркибии иқтисодиёт ва фаъоли он маҳсуб ёбад дар таркиби низоми молиявии кишвар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд яке аз сохторҳои марказӣ ва фаъоли низоми молиявӣ маҳсуб меёбанд. Илова бар ин ба анешаи мо барои ҳамоҳанг кардани сохтори низоми молиявӣ ва дараҷаи таъсири он ба иқтисодиёт бояд чораҳои зерин андешида шаванд:

1. Ташкили равазанаи муттамаркази иқтисодию молиявӣ бо сохторҳои алоҳидаи иқтисодӣ, махсусан бахши воқеии иқтисодиёт;
2. Такимли низоми қонугузорӣ дар самти фарогирӣ ва бамеъёрдарории сохторҳои алоҳидаи молиявӣ ҷиҳати баланд кардани таъсири онҳо ба иқтисодиёт;
3. Мушаххас намудани самтҳое, ки онҳо воқеан барои иқтисодиёт заруранд ва рушди бомароми онҳо метавонад як қатор имкониятҳои ба рушд нигаронидашударо ба миён оварад;
4. Вобаста бо ташаббусҳои институтсионалӣ дар сатҳи давлат ташкили муҳити ҳамкорӣ ва дастгирӣ байни субъектҳои иқтисодӣ ва низоми молияввии кишвар дар заминаи ҳадафҳои давлатӣ ва пешсафии он дар ташаккули ин ҷараён ва ғ.

Дар ҳамин замина бояд иқрор шуд қи дар низоми молиявии кишвар бонкҳо ҳамчун муҳаррики пешбаранда хосиятҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дошта дар беҳтаргардонӣ ва дигаргунсозии соҳаҳо нақши калидӣ дошта он муҳаррики асосии пешбарандаи иқтисодиёт маҳсуб меёбад. Бо иловаи ин гуфтан мумкин аст, ки вобаста ба иқтидори молиявӣ ва имконияти қарздиҳӣ ва дараҷаи васеъгии амалиёту хизматрасониҳо бонкҳо нақши каллидӣ дошта нишондиҳандаҳои он дар ҳама сатҳу соҳаҳо назаррас мебошанд. Илова бар ин дигар нишондиҳандаҳои низоми молиявӣ низ назаррас мебошад, ки вазъ, натиҷа ва дараҷаи баҳодиҳии онро аз рӯи ҷадвали 2 мушоҳида намудан мумкин аст.

Ҷадвали 2. - Нишондиҳандаҳои пулии низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳои 2017-2021

Номгӯи институтҳои молиявӣ	Солҳо							Тағйрёбии нисбат ба 2017 %
	2017	2019	2020	2021	2022	2023	2024	
Ташкилотҳои қарзӣ	20932	21975,9	26307,4	22414,7	30030,7	37679,5	47478,0	126,8%
Бонкҳо	18 237	18 725,4	22 781,5	18195,0	25552,9	31941,6	40511,5	122,1%
Ташкилотҳои қарзии хурд	2 696	3 250,4	3 525,9	4219,7	4414,0	5619,0	6733,1	124,7%
Ташкилотҳои суғуртавӣ	295	452,9	412,4	527,3	612,2	815,6	901,5	2 мар
Ташкилотҳои лизингӣ	186	221,9	248,6	221,4	229,7	292,0	492,4	1,6 мар
АСИН	1 391,5	1 432,5	1 484,1	1751,1	1751,1	2194,7	3654,3	1,6 мар

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асосии маълумотҳои сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон https://www.nbt.tj

Тамоюли рушди нишондиҳандаҳои низоми молиявии кишвар агар аз як тараф бо таъсири омилҳои беруна вобаста бошанд аз дигар тараф аз бамарпотиб барҳам хурдани низоми бонкӣ ва дигар ташкилотҳои ғайрибонкӣ вобаста мебошанд. Аз ин лиҳоз ҳиссаи ин низом дар ММД-ии кишвар дар 3-4 соли охир тамоили мусбатро касб намуда ҳисаи он афзоиш меёбад. Чи тавре, ки дар ишораҳои ҷадвали 1 аён аст, бонкҳо дар таркиби низоми молиявии кишвар ҳамчун сохторҳои

марказӣ нақши калидӣ дошта онҳо дорои имкониятҳои васеъи молиявӣ ва қарзӣ мебошанд. Бинобар ин зарурияти ташаккули рушди муносибатҳои қарзӣ ва таъсири бевоситаи бонкҳо дар иқтисодиёт ба иқтидори захиравии онҳо вобастагӣ дорад. Дар ҳамин замина дуруст иброз намудаанд, ки «…сиёсати қарзию молиявӣ қисми таркибии сиёсати иқтисодӣ мебошанд»[7.194] Бинобар ин таҳлили динамикии нишондиҳандаҳои бонкҳо низ дар чанд соли охир назаррас буда он ба иқтисодиёт таъсири бевосита дорад.

Аз ҳамин лиҳоз бояд гуфт, ки дороиҳои бонкҳо агар дар соли 2017 18237 млн. сомониро ташкил дода бошад ин нишондиҳанда дар соли 2024 40511,5 млн. монриро ташкил намудаст, ки дар муқоиса ба соли таҳлилшаванда 122,1% афзоиш ёфтааст, ки нишондиҳандаи мазкур дар чунин шароити печида ва мураккабсамт воқеан назаррас мебошад. Гуфтан зарур аст, ки дар сатҳи ташкилотҳои қарзӣ хурд воқеатан дастгирии шхасони воқеӣ марбут сатҳи иҷтимоиро дар назар доранд Гуфтан мумкин аст, ки сатҳи иҷтимоии аҳолӣ дар дастрасӣ ба қазҳои истеъмолӣ ва дар сатҳи диверсификатсия пешниҳод гардидани онҳо вобаста ба имконияту иқтидори бозпасгардонии онҳо хосияти иҷтимоӣ дорад. Вобаста ба ин нишондиҳандаҳои ташкилотҳои қарзии хурд низ тамоили зиёдшавӣ дорад. Тибқи маълумотҳои овардашуда гуфтан мумкин аст, ки аагар дар моли 2017 дориҳои ташкилотҳои қарзии хурд маблағи 2696 млн. сомониро ташкил дода бошад ин нишондиҳанда дар соли 2024 6733,1 млн сомониро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса ба соли тахлилгардида 124,7%-ро ташкил медиҳад. Қайд кардан зарур аст, ки қисми активҳои фаъол ва фоидовари бонкиро қарзҳо ташкил медиҳанд, ки онҳо дар афзоиши даромади бонкҳо ва дигаргун намудани мавқеи онҳо нақши калидӣ доранд. Аз ҳамин лиҳоз“.... қарзҳои бонкӣ шакли табдилёфтаи сарчашмаҳои молиявӣ ва захираҳои қарзӣ ё худ шакли ҳаракати сармояи қарзӣ ва самаранок истифодаи он ҷараёни мураккаб буда, мустақиман бо муомилоти пулӣ ва муносибатҳои молиявӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ алоқаманд мебошад” мегӯянд [5.118].

Вобаста ба фаъолияти ширкатҳои сғуртавӣ ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ вобаста ба манфиатҳои иқтисодӣ қаноатмандкунанда нест[3.169]. Новобаста аз оне, ки нишондиҳандаҳои ширкатҳои суғуртавӣ дар муқоиса ба бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилоҳои молиявию қарзии ғайрибонкӣ зиёд аст, ҳамоно ин бахши низоми молиявӣ дар Тоҷикистон таъсири пасти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад. Тиқи таҳлилҳои анҷомгардида гара дар соли 2017 дороиҳои ширкатҳои суғуртавӣ 295 млн. сомониро ташкил намуда бошад ин нишондиҳанда дар соли 2024 901,5 млн. сомониро ташкил намудааст, ки дар муқоиса ба соли 2017 2 маротиба афзоиш ёфтааст. Новобаста аз ин афзоиш ҳамоно сатҳи таъисррасонии иқтисодии ширкатҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ислоҳои тиҷддӣ ниёз дорад. Аз ин лиҳоз ба анешаи мо дар сатҳи ин сохтори низоми молиявӣ зарурияти ислоҳотҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

1. Дар асоси ташаббусҳои Бонки миллии Тоҷикстон ба таври ҷиддӣ даровардани ислоҳои дар фаъолияти ширкатҳои суғуртавӣ дар самти ҷоннокнамоии таъсири иқтисодии онҳо вобаста ба иқтидори захиравии онҳо;
2. Дигаргуӣ дар амалиётҳои ширкатҳои суғуртавӣ ва дар доираи имкониятҳои мавҷудаи ширкатҳои суғуртавӣ аз тарафи БМТ додани иҷозатнома ба ширкатҳои суғуртавӣ дар хусси аз тарафи онҳо анҷом додани баъзе амалиётҳои бонкӣ, махсусан, амалиёти қарзӣ, қарздиҳии хурд;
3. Қабул намудани стратегия ва барномаҳои махсусгардонидашудаи суғуртавӣ дар самти фаъолгардонии ширкатҳои суғурта бодарназардошти иҷрои ўҳдадориҳои суғуртавии худ;
4. Дар самти иҷрои баъзе мамалиётҳои бонкӣ соҳавӣ кардани ширкатҳои суғуртавӣ ва дар заминаи маблағҳои ширкатҳои суғуртавӣ ва аз ҳисоби маблағгузории онҳо ташкил намудани «Бонки суғурта» ба хотири муттамарказ кардани маблағҳои бекорхобидаи ширкатҳои суғуртавӣ ва ба малиёти сердаромад сафарбар намудани онҳо ва ғ.

Вобаста ба ин гуфтаҳо мо ба он некбинона астем, ки роҳи ягонаи фаъолгардонии ширкатҳои суғуртавӣ дар самти таъсири бевосита расонидан ба пешрафти иқтисодиёт зарур аст, ки дар навбатти аввал тибқи нақшаи таҳиянамудаи БМТ маблағҳои бекорхобидаи ширкатҳои суғуртавӣ муттамарказ гардида дар замиаи онҳо бонки махсус ташкил гардида фоидаи бадастоварда тибқи саҳм дар сармояи муттамарказ муаян карда шавад.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки дар пешрафти соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ махсуссан бахши саноат ва кишоварзӣ соҳаи саноат ва кишоварзӣ яке аз бахшҳои муҳими иқтисоди буда онҳо ҳамеша бо технкиаи истеҳсолӣ таъмин бошанд. Дар сатҳи низоми молиявии кишвар ширкатҳои лизингӣ ҳамчун қисми фаъоли ин низом дар фаъолгардонии бахши истеҳсолот нақшқи калидӣ дошта ба рушди соҳа вобаста ба имконият ва иқтидори худ таъсири мусбат мерасонанд. Новобаста аз оне, ки ширкатҳои лизингӣ дорои сармояи нокофӣ барои сатҳи қаноатмандкунии дастгириро доро

мебошанд, ҳамоно ин масъала ба дастгирии давлатӣ ва дар замиани ин додани имконият ба ин башро дар маркази таваҷҷуҳи дастгирии худ қарор диҳад. Бо ҳамин муҳимиятҳо ибброз доштан зарур аст, ки дороиҳои ширкатҳои суғуртавӣ агар дар соли 2017 186 млн. сомониро ташкил намуда бошад, ин нишондиҳанда соли 2024 маблағи 492,1 млн сомониро ташкил дод ва зиёдшавии он ба 1,6 маротиба баробар гардид. Агар чанде, ки ин тамоили зиёдщавӣ назаррас бошад ҳам ҳаҷми дроиҳои ширкатҳои лизингӣ баои тақвияти ҳамкориҳои худ бо бахшҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ пурра мусоидат карда наметавонад. Аз ин рӯ зарур аст, ки барои беҳтар гардонидаи фаъолияти ширкатҳои лизингӣ ва самаранок гардонидани фаъолияти онҳо чораҳои зеринро андешидан манфиати умумиҷамъиятӣ дорад:

1. Пурзур намудани иқтидори техникии ширкатҳои лизингӣ ва ҳамоҳанг кардани фаъолияти онҳо барои ҳамкорӣ бо бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ;
2. Таъин намудани сармояи ономавӣ барои тамоми сохторҳои низоми молиявӣ, махсуан ба ширкатҳои суғуртавӣ;
3. Таҳмини сатҳи ҳамгироии бисёрҷонибаи ширкатҳои лизингӣ бо давлат, ташкилотҳои қарзӣ, ширкатҳои лизингии хориҷӣ ва бонку ташкилотҳои хориҷӣ;
4. Ҳавасманд кардани истеҳсолкунандагони таҷҳизотҳои техникии барои истеҳсолот зарур ва дар заминаи ин фароҳам овардани шароити ҳамкорӣ;
5. Ба роҳ мондани низоми нави нави идоракунии раванди иҷрои амалиётҳои лизингӣ ва тақвияти иқтидори захиравии шикатҳои лизингӣ ва ғ.

Қайд кардан зару аст, ки дар низоми молиявии кишвар яке аз сохторҳои дорои имконият дар сатҳи ин низоми ин АСИН мебошад, ки моҳиятан дар ин низом маблағҳои дарозумддат ва дорои имконият дар истеҳсолоти самарнок ҷой дорад. Гутан мумкин аст, ки дар сатҳи истеҳсолоти самарнок ва дорои кафолат истифода намудани маблағҳои дарозмуддати АСИН яке аз имониятҳои нави дар зиёд намудани ин фонд ва беҳтар гардонидани сатҳи иҷттимоии давлат мебошад. Дороиҳои АСИН агар дар соли 2017 1 391,5 млн. сомониро ташкил намуда бошанд ин дар соли 2024 ба маблаги 3654,3 зиёд гардидааст, ки таносубан бо соли таҳлилшуда 1,6 маротиба зиёд мебошад. Агар мо аз лиҳози муҳлат ба сатҳи самарнокии ин маблағҳо баҳо диҳем пас гуфта метавонем, ки ин аз бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ зиёдтар мебошад. Барои ҳамин мо чунин пешниҳод менамоем, ки барои босамаргардонии дутарафаи маблағҳ АСИН дар солҳои минбаъда бояд ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шавад:

1. Маблағгузории бахши воқеии иқтисодиёт махсусан сохторҳои дорои даромади баланд аз ҳисоби маблағҳои АСИН дар асоси низоми марказонидашудаи сохтори тақсимкунии маьлағҳо ё ягон бонки ваколатдор;
2. Ташкил намудани сандаҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар самти таҳияи лоиҳаи сафарбарсозии маблағҳои ин фон ба хотири пурзур намудани ҳаҷм ва ҳиссаи вонд барои беҳбудии сатҳи иҷтимоӣ ва ҳамзамон дастгирии бахши воқеии иқтисодиёт [4.132].

Омода намудани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ вобаста ба самаранок истифода намудани маблағҳои АСИН дар доираи талаботҳои мавҷуда ва додани салоҳияти тқсимоти маблағҳо ба ягон бонки ваколатдор. Ҳамин тавр мо гуфта метавонем, ки низоми молиявии кишвар дар ҳоли инкишоф қарор дошта нишондиҳандаҳои он назаррас мебошад. Вобаста маълумотҳои маҷуд соли «…2024 дар Тоҷикистон 65 ташкилоти қарзии молиявӣ, 16 ташкилоти суғуртавӣ, 6 ташкилоти лизингӣ, 2 биржаи фондӣ (Биржаи фондии Осиёи Марказӣ ва Биржаи фондии Осиё) ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (АСИН) вобаста ба самту соҳаҳои гуногун фаъолияти босамар доранд, ки онҳо дориҳои гуногунт доранд». Дар ҳамин давра гуфтан мумкин аст, ки «…дороиҳои умумии бахшҳои низоми молиявӣ дар интиҳои соли 2024 дар маҷмуъ 52 526,2 млн сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2023 ба андозаи 26,0 фоиз зиёд мебошад. Дороиҳои низоми молиявӣ нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) бошад, дар давраи ҳисоботӣ ба 34,2 фоиз баробар гардид. Дар давраи ҳисоботӣ 90,4 фоизи дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ рост омада, ҳиссаи боқимондаро дороиҳои АСИН (7,0 фоиз), ташкилотҳои суғуртавӣ (1,7 фоиз) ва ташкилотҳои лизингӣ (0,9 фоиз) ташкил медиҳанд". Тбқи маълумотҳои мавҷуда дар Тоҷикистон "...айни замон 344 филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ (аз ҷумла 3 равзанаи бонкии исломӣ), 3 воҳиди сайёр ва 1 575 маркази хизматрасонии бонкӣ ва маблағгузории хурд ба аҳолии кишвар хизматрасонии худро пешниҳод намуданд. Дар ин давра 16 ташкилоти суғуртавӣ, аз ҷумла 1 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ бо 66 филиали худ хизматрасонии суғуртавиро ба аҳолии кишвар пешниҳод намуданд. Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ нисбат ба интиҳои соли 2023 ба андозаи 10,5 фоиз зиёд шуда, ба 901,5 млн сомонӣ баробар гардид. Дороиҳои ташкилотҳои лизингӣ

дар муқоиса ба интиҳои соли 2023 ба андозаи 16,2 фоиз зиёд шуда, 492,4 млн сомониро ташкил намуд. Дороиҳои АСИН бошад, дар давраи ҳисоботӣ 3 654,3 млн сомониро ташкил намуд, ки ин албатта аз беҳтаргардии фазои иқтисодӣ ва ҳамгирои гардидани низоми молиявӣ бо бахшҳои воқеии иқтисодиёт мебошад"[6]. Дар ҳамин замина баъзеҳо бар он назаранд, ки "Молия ниёзҳои субъектҳои такрористеҳсоли иҷтимоиро бо ҷамъшавии пулӣ таъмин мекунад"[8.99]. Аз ин хотир зарур аст, ки дар шароити тезутунд гардидани равандҳои ҷаҳонишавӣ мадели дастгирии тарафани ҳамгироишударо, ки ҳамоҳангии низоми молиявиро бо бахши воқеии иқтисодиёт таъмин менамояд онро таҳия намуда бо ин роҳ метавонем бо қувва ва иқтидори худ як иқтисодиёти воқеан пешрафтаро барои Тоҷикистон ба вуҷуд орем ва вобстагии иқтисодиёти кишварро аз воридоти беруна ва таъсири омилҳои ба ин муҳит хос ба осонӣ берун барорем.

Адабиёт

1. Горелик В. Н. Финансы как система движения денег: формирование идеи /В. Н.Горелик/ Денежное обращение 4 (484) – 2012. Саҳ 51.
2. Махшулов, С. Ҷ. Устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ / С. Ҷ. Махшулов, М. Ҳ. Ҷулиев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2022. – No. 1. – P. 115-122. – EDN JWNWWC.
3. Махшулов, С. Ҷ. Устувории молиявии низоми бонкӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт / С. Ҷ. Махшулов, М. Ҳ. Ҷулиев, З. А. Ҷиҳонова // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 1(30). – P. 169-176. – EDN FDHVDW.
4. Махшулов, С. Ҷ. Рушди низоми қарздиҳии хурд ба фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С. Ҷ. Махшулов, А. Ш. Ефтаков, Б. Б. Хоҷаев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 2(31). – P. 132-141. – EDN UAABSB.
5. Махшулов С.Ҷ. Хусусиятҳои хосси ташаккули муносибатҳои қарзӣ дар Тоҷикистон / С.Ҷ. Махшулов / [Матн]. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2024. № 6-1. С. 118.
6. Сомонаи расми Бонки миллии Тоҷикистон https://www.nbt.tj (санаи мурочиат 25.10.2025)
7. Шариф Раҳимзода. Ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ. /Ш.Раҳимзода/ Монографияи илмӣ. Душанбе «Эр-граф»2019. Саҳ194.
8. Ҳасанов А.Р. Молия ва қарз. Китоби дарси. А.Р Ҳасанов. Душанбе: Ирфон. Саҳ 99
9. https://www.google.com/search?q=%D1%82%D0%B5%D0%BE%D1%80%D0%B8%D1%8F+%D1%84%D0%B8%D0%BD%D0%B0%D0%BD%D1%81&oq=%D1%82%D0%B5%D0%BE%D1%80%D0%B8%D1%8F+%D1%84%D0%B8%D0%BD%D0%B0%D0%BD%D1%81&gs_lcrp=EgZjaHJvbWUyBggAEEUYOdIBCjE3OTAwajBqMTWoAgiwAgHxBTN_6JSBf5U_8QUzf-iUgX-VPw&sourceid=chrome&ie=UTF-8

Маълумот дар бораи муаллиф

Ҳабибова Г.О.-асситенти кафедраи андозбандӣ ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 000608588. E-mail: Habibova2000@mail.ru

Сведения об авторе

Хабибова Г.О.-ассистент кафедры налогообложения и страхования Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: 000608588. Эл. почта: Habibova2000@mail.ru

About the author

Habibova G.O.-of the Department of Taxation and Insurance, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 64/14 Nakhimov Street, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan. Tel.: 000608588. Email: Habibova2000@mail.ru

УДК: 336.011.

ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ БОЗОРИ МИНТАҚАВИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Саидова М.Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур вазъи кунунии бозори минтақавии хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии вилояти Хатлон мавриди таҳқиқот қарор дода шуда аст. Муаллиф дар ибтидои мақола ба ҷанбаҳои муҳими бозори минтақавии хизматрасониҳои бонкӣ аҳамият дод аст. Ҳамзамон дар мақола масъалаҳои қарздиҳии ташкилотҳои қарзи аз рӯи минтақаҳо, тамоюли ба қарзҳои додашуда ва ҳиссаи онҳо дар таркиби соҳаҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар вилояти Хатлон, қарзҳои додашуда ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ, пасандози аҳолӣ дар муассисаҳои бонки амонатгузории вилояти Хатлон, инфрасохтори пардохт барои қабул ва хизматрасониҳои кордҳои партохти давлатӣ дар вилояти Хатлон мавриди таҳлил қарор дода аст. Ин интиҳо тибқи таҳлилҳои гузаронидашудаи муаллиф хулосаҳои илмӣ бароварда шуда аст.

Калидвожаҳо: хизматрасониҳои бонкӣ, бозори минтақавӣ, вилояти Хатлон, инфрасохтори пардохтӣ, пасандозгузорӣ, вазъи қарздиҳӣ, хизматрасониҳои босифати бонкӣ, қарз.

Барои иқтибос: Саидова, М. Ҳ. Таҳлили вазъи муосири бозори минтақавии хизматрасониҳои бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии вилояти Хатлон / М. Ҳ. Саидова // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 275-282.

АНАЛИЗ ТЕКУЩЕГО СОСТОЯНИЯ РЕГИОНАЛЬНОГО РЫНКА БАНКОВСКИХ УСЛУГ В КРЕДИТНЫХ ОРГАНИЗАЦИЯХ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

Саидова М.Х.
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки

Аннотация. В данной статье рассматривается текущее состояние регионального рынка банковских услуг в кредитных организациях Хатлонской области. В начале статьи автор сосредоточился на важных аспектах регионального рынка банковских услуг. Одновременно анализируются вопросы кредитования кредитными организациями по регионам, тенденции выдачи кредитов и их доля в структуре секторов кредитными организациями Хатлонской области, кредиты, выданные городам и районам Хатлонской области кредитными организациями, депозиты населения в сберегательных банках Хатлонской области, платежная инфраструктура для приема и предоставления государственного металлолома в Хатлонской области. Выводы основаны на анализе автора.

Ключевые слова: банковские услуги, региональный рынок, Хатлонская область, платежная инфраструктура, депозиты, кредитная ситуация, качественные банковские услуги, кредит.

ANALYSIS OF THE CURRENT STATE OF THE REGIONAL BANKING SERVICES MARKET IN CREDIT ORGANIZATIONS OF THE KHATLON REGION

Saidova M.X.
Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki

Anotationt. This article examines the current state of the regional banking services market in Khatlon Region. The author begins by focusing on key aspects of the regional banking services market. It also analyzes lending by credit institutions by region, trends in loan issuance and their share in the sector structure of credit institutions in Khatlon Region, loans issued to cities and districts of Khatlon Region by credit institutions, household deposits in savings banks in Khatlon Region, and the payment infrastructure for the acceptance and provision of state scrap metal in Khatlon Region. Conclusions are based on the author's analysis.

Keywords: banking services, regional market, Khatlon Region, payment infrastructure, deposits, credit situation, high-quality banking services, credit.

Гузориши масъала. Барои рушди устувори минтақаҳои кишвар муассисаҳои молиявӣ хусусан бонкҳо нақши созгор дошта, таввасути ҳамагуна хизматрасонихои бонкӣ талаботи аҳолии вилоятро қонеъ месозад. Равнақи бозори хизматрасонии бонкӣ барои иқтисодиёти

минтақавӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад, зеро нақши калидии низоми бонкӣ дар ҷамъоварии маблағҳои молиявӣ мебошад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Дар мавриди таҳқиқоти анҷомёфта таи солҳои охир муҳаққиқони ватанӣ Ш. Раҳимзод, Ҳикматов У.С, Ғаниев Р.Ғ, Махшулов С, Денбегиев Х – корҳои таҳқиқотӣ анҷом додаанд.

Мақсади мақола. Омӯзиш ва таҳқиқи вазъи муосири бозори минтақавии хизматрасониҳо бонкӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар низоми бонкии кишвар баҳисоб рафта, пажуиши мустақилро мехоҳад. Гарчанде, ки роҷеъ ба такмилдиҳии вазъи хизматрасониҳои бонкӣ дар муассисаҳои молиявии кишвар корҳои зиёде анҷом ёфта бошад ҳам, аммо ҷанбаҳои минтақавии масоили вазъи хизматрасониҳои бонкӣ ба таҳқиқот ниёз дорад. Аз ҳамин нуқтаи назар мақсади асосии мақолаи мавриди таҳқиқ қарор дошта, бо истифода аз факту далелҳои илмӣ ва маълумотҳои омории вилояти Хатлон дар самти сиёсати пуливу қарзӣ вазъи феълии хизматрасониҳои бонкӣ дар вилоят мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор додашуда аст.

Муҳтавои асосии мавод. Бозори минтақавии хизматҳои бонкӣ қисмати муҳимтарини бозори хизматҳои молиявӣ мебошад. Бозори минтақавии хизматҳои бонкӣ бо хусусиятҳои зерин тавсиф дода мешавад. Пеш аз ҳама филиалҳои ташкилотҳои қарзие, ки иҷозатномаи Бонки миллиро барои амалӣ намудани амалиётҳои бонкӣ гирифтаанд, метавонанд хизматҳои бонкиро мутобиқи он ба амал бароранд.

Ҳамин тариқ, ҳамагуна хизмати бонкӣ аҳдест, ки ба ҳайси як тарафи он ташкилоти қарзии дорои иҷозатнома баромад менамояд. Маҷмӯи ҳамаи ташкилотҳои қарзие, ки хизматҳои бонкиро мерасонанд, аз ҷумла, Бонки миллии Тоҷикистон, низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Низоми бонкии кишвари мо низоми бонкии дузинагӣ мебошад.

Аз нигоҳи иқтисодшиноси ватанӣ Шарипов Б.М. “таҳлили рағобат дар бозори хизматрасонии бонкӣ яке аз воситаҳои асосии идоракунии самарабахши фаъолияти бонкӣ ба ҳисоб рафта, ва ҳар як ташкилоти қарзӣ дар натиҷаи рағобат метавонад мавқеъи худро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ муайян кунад” [8].

Яке аз муҳаққиқони ватанӣ Миразизов А.Х. чунин назар дорад, ки “рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ ва умуман фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар ояндаи наздик бидуни истифодаи инноватсия ғайриимкон аст ва яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ин ташкилотҳои қарзӣ рақамикунии амалиёти бонкӣ хоҳад буд” [6, с.62].

Дар воқеъ мо ба гуфтаҳои муҳаққиқ розӣ ҳастем ва барои рушди хизматрасониҳои бонкӣ инноватсияҳоои бонкӣ нақши калиди дорад. Дар ҳамин радиф дигар муҳаққиқони ватанӣ Комилзода Н.Б, Шарипов Н.Х. дар нигоҳштаи худ иброз медоранд, ки “ҷорӣ кардани технологияҳои инноватсионӣ дар бахши бонкии Тоҷикистон ба беҳтар шудани самаранокии амалиёти бонкӣ, коҳиши арзиши хидматрасонии бонкӣ ва афзоиши дастрасии хидматрасониҳои бонкӣ барои аҳолӣ оварда мерасонад” [3, с.98].

Вобаста ба масъалаи мавриди таҳқиқ иқтисоддони ватанӣ Ғаниев Р.Ғ, чунин ибрози назар дорад, ки “моҳияти хидматҳои бонкиро ҳамчун натиҷа ё таъсири судманди амалиёти бонкӣ муайян кардааст, ки дар маҷмӯъ метавонад талаботи муштариёноро қонеъ созад [2, с.39].

Аз дигар тараф муҳақиқони тоҷик Комилов Н., Саидова М чунин қайд менамоянд, ки “...дар бозори хизматрасонии бонкӣ тағйироти сохторӣ ва гурӯҳбандии марҳалаҳои рушди он бо дарназардошти сатҳи талаботи ҷомеа арзёбии ҷиддиро тақозо намуда, роҳҳои имконпазири рушди мутақобиларо ба иқтисодиёт тақозо менамояд” [4, с.13]

Иқтисодчии ватанӣ Аъзамова Т.Т, дар кори таҳқиқотии худ иброз намуда аст, ки “ хизматрасониии бонкӣ ин маҷмӯи амал ва вазифаҳои қонунии бонк аст, ки дар заминаи талаботҳои ҷомеа тавассути технологияҳои муосир ва замимабарномаҳои коркардшудаи бонкҳо амалӣ карда мешавад”[1, с.29]

Аз нигоҳи мо механизмҳои зерин метавонад ба сохтори бонкии минтақавӣ таъсиргузор бошад: ташкил ва таъмини иқтисодиёти минтақавӣ бо захираҳои қарзӣ, таъмин намудани маблағҳои пулии дар гардишбуда ва хизматрасониҳои босифати бонкӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар.

Низоми бонкӣ ба дигаргуншавии вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа таъсиргузор буда, таввасути ҷалбаи захираҳои молиявӣ дар филлиалҳои бонкҳои дар минтақа фаъолияткунанда ба иқтисодиёти минтақа таъсири бузург мегузорад.

Мавриди ба зикр аст, ки ҷамъи умумии бақияи сандуқи қарзии низоми бонкии кишвар дар давраи буҳрони молиявӣ низ тамоюли пасту баландшавиро доро мебошад. Аз ҳамин нуқтаи назар тавре аз мушоҳидаҳо бармеояд, дар инфрасохтори сандуқи қарзӣ кишвар таи солҳои таҳлшаванда

ҷамъи қарзҳое, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба муассисаҳои молиявии пешниҳод кардааст, тамоюли пастравиро доро мебошад. Бо мақсади дақиқтар фаҳмидани механизмҳои қарздиҳии ташкилотҳои қарзии кишвар ба минтақаҳои кишвар хусусан вилояти Хатлон мо ҷадвали 1 ро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Ҷадвали 1. - Қарздиҳии ташкилотҳои қарзи аз рӯи минтақаҳо (ҳаз.сом)

Нишиндиҳандаҳо	2020	2021	2022	2023	2024	2024/2020 +-, %	
Қарзҳои додашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	1603349 (100%)	1563037,5 (100%)	1529929,6 (100%)	2092110,9 (100%)	2693046,0 (100%)	1089697	67,9%
аз ҷумла							
Вилояти Хатлон	196471 (12,2%)	253926,3 (16,2%)	326527,0 (21,3%)	388997,0 (18,5%)	567138,6 (21,05%)	370667,6	188,6%

Сарчашма: ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ, солҳои 2020-2024.

Аз таҳлилҳои ҷавдвли мазкур бармеояд, ки соли 2024 нисбат ба соли 200 ҳаҷми қарзҳои пешниҳодкардаи муассисаҳои қарзии кишвар ба аҳолӣ 67,9% афзоиш ёфта аст. Ҳиссаи вилояти Хатлон аз ҷамъи қарзҳои додашуда таи солҳои таҳлилшаванда мутаносибан 12, 2%, 16,2%, 21,3%, 18,5%, 21,05%-ро ташкил медиҳад. Ҳамзамон таҳлили ҷадвали мазукр нишон дод,ки соли 2024 нисбат ба соли 2020 ҳаҷми қарзҳо додашудаи муассисаҳои қарзии кишвар қариб ду маротиб тамоюли афзоишро доро мебошад.

Вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои калонтарин дар миқёси кишвар ба шумор рафта, дар он филлиалҳои зиёди бонкҳо ва ташкилоҳои амонатии қарзӣ фаъолият мекунанд, ки ба аҳолӣ хизматрасониҳои бонкиро мерасонанд. Барои ба танзим даровардан низоми бонкии вилоят Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар ва Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб фаъолият дорад. Шуъбаҳои мазкур баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дурнамои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ фаъолияти худро ҷиҳати амалӣ сохтани барномаи сиёсати пулию қарзӣ, беҳтар сохтани фаъолияти бонкҳо, фароҳам овардани шароити мусоид ба рушди низоми бонкӣ ва расонидани кумаки амалӣ ба рушди иқтисодиёти минтақа равона шуда аст.

Вилояти Хатлон дар сатҳи ҷумҳурӣ яке аз минтақаҳои калонтарин дар соҳаи агарарӣ маҳсуб ёфта , масоҳати умумиаш 24,7 км^2 , шумораи аҳолиаш дар соли 2014 -3 млн. 790 ҳазор ташкил дода, 24 ноҳия, 4 шаҳр, 22 шаҳрак ва 133 ҷамоати деҳот дорад.

Дар вилояти Хатлон, бозори хизматрасониҳои бонкӣ мавқеи муҳимро касб намудааст ва аҳамияти он дар таҳкими иқтисоди минтақа баланд арзёбӣ мегардад. Бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар вилояти Хатлон нисбат ба солҳои қабл инкишоф ёфта истодааст. Фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва дар маҷмӯъ низоми бонкӣ дар иқтисодиёти кишвари мо аҳамияти махсусеро соҳиб гардидааст, ки метавонад дар равнақу ривоҷи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва иқтисодиёт таъсири амиқи худро гузорад

Маврид ба зикр аст, ки яке аз шаклҳои хизматрасониҳои бонкӣ дар иқтисодиёти вилояти Хатлон ин пешниҳоди қарзҳо ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти вилояти Хатлон мебошад. Бонкҳои тиҷоратӣ фаъолона дар амалигардонии барномаҳои давлатӣ дар шакли маблағгузорӣ ба лоиҳаҳои бузурги стратегӣ ва пешкаш намудани қарзҳои гуногун ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ иштирок менамоянд.

Яке аз омилҳои рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ин ҳаҷми маблағгузориҳо ба ин соҳаҳо ба шумор меравад, ки дар ин самт бонкҳо саҳми назаррас доранд.

Ҷадвали 2. - Тамоюли ба қарзҳои додашуда ва ҳиссаи онҳо дар таркиби соҳаҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар вилояти Хатлон

(ҳазор сомонӣ)

Нишондиҳандаҳо	2022	2023	2024	2024/2022
вилояти Хатлон	3009978,4 (100 %)	3965549,8 (100 %)	5191214,7 (100 %)	2181236,3 (72,4 %)
кишоварзӣ	971639,2 (32,3%)	1077528,9 (27,9 %)	1234086,8 (23,6%)	262447,6 (27%)
саноат	199156,9 (6,6%)	156212,4 (3,9%)	237639,7 (4,6%)	38 482,8 (19,3%)
сохтмон	92696,7 (3,1%)	143091,3 (3,6%)	143581,2 (2,8%)	50884,5 (54,8%)
нақлиёт	16648,3 (0,6%)	21734,3 (0,5%)	29237,2 (0,6 %)	12588,9 (75,6%)
хуроки ҷамъиятӣ	4780,5 (0,2%)	3379,1 (0,1%)	10514,4 (0,2%)	5733,9 (119%)
хизматрасонӣ	258907,5 (8,6%)	323596,7 (8,2%)	395956,0 (7,6%)	370065,5 (142%)
савдои хориҷӣ	303321,5 (10,1%)	360487,3 (9,1%)	436033,5 (8,4%)	132712 (43,7%)
истеъмолот	1108271,0 (36,8%)	1783332,7 (45,0 %)	2607809,5 (50,2%)	1499538,5 (135%)
дигар соҳаҳо	54556,9 (1,7 %)	96187,1 (2,4%)	96356,4 (1,9 %)	41799,5 (76,6%)

Сарчашма: Омори солонаи вилояти Хатлон / Маҷмуаи оморӣ. Бохтар, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2025.-С.219-220

Таҳлилҳои ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки дар вилояти Хатлон соли 2024 нисбат ба сол 2022 қарзҳои додашудаи муассисаҳои қарзӣ ба соҳаҳои мухталифи вилоят тамоюли афзоиш ёфта мутаносибан 72, 4 банди фоизи зиёд шуда аст. Агар соҳа ба соҳа таҳлил карда бароем , аз ҳама бештар қарзҳои бонкӣ ба соҳаҳои кишоварзӣ, истеъмолот ва савдои хориҷӣ рост меояд. Сабаби пешниҳоди зиёди қарзҳо ба ин соҳаҳо пеш аз ҳама дар афзалияти ин соҳаҳо буда, ҳамзамон масъулини соҳаҳои мазкур кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки таввасути қарзҳои имтиёзнок ва фоизи пастар рушди соҳаро таъмин карда тавонанд. Табиист, ки дар вилоят аз ҳама бештар соҳаи кишварзӣ рушд карда истодааст, ки барои бозҳам тарақӣ додани ин соҳа мебояд қарзҳо дода шавад. Аз ҳамин нуқтаи назар иқтисодчии ватанӣ Комилов Н.Б. дар мақолаи худ иброз медорад, ки “яке аз бахшҳои муҳимтарини рушди иқтисодиёти миллӣ дар замони муосир, ин рушди соҳаи кишоварзӣ ва қарздиҳӣ ба ин соҳа маҳсуб меёбад. Бо назардошти зарурати баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар, вазъи молиявию иқтисодии субъектҳои кишоварзӣ, коҳиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотикишоварзӣ андешидани як қатор чорабиниҳо оид ба беҳтарсозӣ ва мустаҳкамкуниимуҳити истеҳсолӣ бо роҳи таъмини бехатарии қарзҳои бонкӣ зарур аст”[5, с.148]

Омили асосие, ки ба дигаргуншавии андозаи сандуқи қарзӣ дарробита бо соҳаҳои хоҷагии халқ таъсир мерасонад, - ин меъёри фоизи қарзӣ мебошад. Фоизи қарз ҳар қадар ки кам бошад, ҳамон қадар талабот ба гирифтани қарз меафзояд ва ё ҳолати баръакс рӯй медиҳад.

Ҷадвали 3. - Қарзҳои додашуда ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ (ҳаз.сом)

Номи шаҳру ноҳияҳо	2021		2022		2023		2024		2024/2021 +- %	
		%		%				%		
Вилояти Хатлон	2505778,5	100	3009978,4	100	3965549,8	100	5191214,7	11,2	2685436,2	
ш.Бохтар	320096,3	12,7	375932,4	12,4	462852,1	11,6	583517,6	5,4	263421,3	82,
н.Кӯшониён	129804,1	5,1	163601,1	5,4	202408,0	5,1	285338,5	4,1	155534,4	119,
н.Вахш	101903,6	4,06	117169,4	3,8	164126,7	4,1	216656,6	2,7	114753	112,
н.Хуросон	69166,8	2,7	79741,1	2,6	108578,9	2,7	145099,3	2,5	75932,5	109,7

н.Дӯстӣ	72972,8	2,9	95134,1	3,1	112681,4	2,8	133560,5	3,4	60587,7	83,02
н.Қубодиён	81816,3	3,2	101219,0	3,3	143130,8	3,6	178344,6	5,6	96528,3	117,9
н.Ҷ.Балхӣ	128989,9	5,14	150890,0	5,01	184521,3	4,6	295210,3	3,02	166220,4	128,8
н. А.Ҷомӣ	78527,4	3,13	97462,2	3,2	129532,6	3,2	156873,7	4,07	78346,3	99,76
н.Ҷайҳун	125736,3	5,01	143205,6	4,7	180871,4	4,5	211570,4	2,4	85834,1	68,2
н.Панҷ	70316,4	2,8	82200,2	2,7	99736,2	2,5	127299,5	6,1	56983,1	81,03
н.Шаҳритус	131480,1	5,2	171335,1	5,6	236410,0	5,9	316833,0	8,0	185352,9	140,9
н.Ёвон	201188,4	8,02	248866,7	8,2	308342,3	7,7	415474,6	1,5	214286,2	106,5
н.Н.Хусрав	23931,6	0,9	36650,9	1,2	54995,5	1,3	82658,9	1,9	58727,3	245,3
ш.Левакант	57302,7	2,2	56052,7	1,8	72932,5	1,8	102497,5	10	45194,8	78,8
ш.Кӯлоб	240097,0	9,5	313370,2	10,4	387563,2	9,7	523097,0	1,6	283000	117,8
н.Муъминобод	46577,1	1,8	53347,7	1,7	68890,5	1,7	85014,7	4,4	38437,6	82,5
н.Восеъ	94756,8	3,7	120638,1	4,0	185346,3	4,6	228673,0	3,6	133916,2	141,3
н.М.С.А.Ҳамадонӣ	79458,2	3,1	101447,7	3,3	149906,4	3,7	190320,	4,09	110861,8	139,5
н.Фархор	119484,2	4,7	141233,5	4,6	175464,2	4,4	212397,0	1,6	92912,8	77,7
н.Темурмалик	38523,5	1,5	46850,3	1,5	71165,1	1,7	86646,6	6,9	48123,1	124,9
н.Данғара	166301,5	6,6	196870,8	6,5	88367,5	7,2	360968,8	1,6	194667,3	117,05
н.Ховалинг	50616,9	2,02	33085,8	1,09	44415,1	1,1	55054,8	6,9	4437,9	8,7
н.Ш. Шоҳин	10641,5	0,4	11624,7	0,3	15404,3	0,3	26781,3	1,06	16139,8	151,6
н.Балҷувон	12863,6	0,5	13932,2	0,4	25379,2	0,63	35128,1	0,6	22264,5	173,08
ш.Норак	53225,7	2,1	8117,0	3,9	92528,6	2,3	136198,0	2,6	82972,3	155,8

Сарчашма: Омори солонаи вилояти Хатлон / Маҷмуаи оморӣ. Бохтар, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2025.-С.221.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар маҷмӯъ таи солҳои таҳлишаванда вазъи қарздиҳии ташкилотҳои қарзӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон тамоюли афзоишро доро буда, аз ҳама бештар дар сатҳи вилоят шаҳри Бохтар бештар қарзҳоро аз муассисаҳои қарзи гирифта талаботи аҳолии худро қонеъ карда аст. Тавре аз таҳлили ҷавдвали мазкур бармеояд, соли 2024 нисбат ба соли 2020 -шаҳри Бохтар мутаносибан 82%, ноҳияи Ёвон-140,9, шаҳри Кӯлоб 117,8%, ноҳияи Данғара 117,05 % банди фоизи зиёд шуда истодааст. Аз нигоҳи мо сабабаби афзоши вазъи қарздиҳии муассисаҳои қарзи ба шаҳру ноҳияҳои зикргардида, аз он иброт мебошад, ки дар инҷо теъдоди корхонаҳои саноатӣ фаъолияткунанда зиёд буда, ҳамзамон фаъолияти соҳибкорӣ, вазъи хизматрасониҳо ба аҳолӣ ва дигар фаъолиятҳои субъектҳои хоҷагидорӣ рушд карда истода аст.

Тамоюли рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақаи Хатлон аз он шаҳодат медиҳад, ки таи солҳои охир тавассути равнақи инкишофи маблағҳои қарзи аз ҷониби ташкилотҳои қарздиҳанда дар вилоят шумораи соҳибкорон зиёд гардида, тавассути таъсиси фаъолиятҳо дар соҳаҳои гуногун, аз он ҷумла дар коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои сохтмонӣ рушд карда истода аст. Роҷеъ ба ин масъала муҳаққиқони ватанӣ Хоҷаев Б. Б, ва Ёфтаков А.Ш, дар таҳқиқоти худ иброз медоранд, ки “вилояти Хатлон дорои имконот ва иқтидори бузурги рушди фаъолияти

соҳибкорӣ буда, дар ин самт таваҷҷуҳи хос бояд ба кашфи иқтидорҳо, муайянкунии нуқтаҳои рушд ва ташкили корхонаҳои хурди саноати коркард зоҳир карда шавад”.[7, 59]

Маврид ба зикри хос аст, ки ҷиҳати сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар муассисаҳои қарзии вилоят бояд ба ду нишондиҳнади ниҳоятан муҳим хусусан пасандозҳо ва исфтаи сандуқи қарзӣ аҳамияти аввалиндараҷа дод. Ин ду нишондиҳанда муҳимтарин ҷузъёти суботи молиявии ба ҳисоб рафта, метавонад таъсири худро ба боварии мардуми вилоят расонад. Аз ҳамин нуқтаи назар мо тасмим гирифтем, ки дар ҷадвали навбатӣ ҳаҷми бақияи пасандозҳо (амонатҳо)-и ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар қиёс бо вилояти Хатлон таҳлил карда бароем.

Ҷадвали 4. - Бақияи пасадозҳои (амонатҳо) дар интиҳои давра (ҳаз.сом)


Нишондиҳандаҳо	2020	2021	2022	2023	2024
Бақияи пасандозҳо(амонатҳо) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	11414199,26 (100 %)	10159277,5 (100 %)	15507800,0 (100 %)	19 462 627,2 (100%)	25529898,4 (100 %)
Бақияи пасандозҳо (амонатҳо) дар вилояти Хатлон	838485,63 (7,3%)	838479,1 (8,2%)	1124336,9 (7,2%)	1 251 457,1 (6,4%)	15773179,6 (6,7%)

Сарчашма: ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ, солҳои 2020-2024.

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 4 аз он шаҳодат медиҳад, ки таи солҳои таҳлилшаванда бақияи пасандозҳо дар сатҳи ҷумҳури тамоюли болоравиро доро мебошад. Гарчанде, ки дар даврaҳои таҳқиқот ду таҳрими иқтисодӣ дар сатҳи кишвар ба вуқуъ пайваст нишондиҳандаҳои бақияи пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш ёфтаанд. Таҳлили ҷадвали мазкур нишон дод, ки дар солҳои мавриди таҳқиқ қарор дошта ҳиссаи бақияи пасандозҳо (амонатҳо) –и вилояти Хатлон дар муқосиса ба ҷумҳурӣ мутаносибан (7,3%), (8,2%), (7,2%), (6,4%), (6,7%)-ро ташкил дод, ки ин дар қиёс ба дигар минтақаҳои кишвар бисёр паст мебошад.

Таҳлили вазъи пасандозгузории аҳолии вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки сол то сол пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳо афзоиш ёфта истодааст, ки дар натиҷа устувории низоми бонкӣ таъмин гардида, ба рушди иқтисодиёти мамлакат мусоидат менамояд. Барои пурра баҳо додан ба вазъи пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳо ва ташкилотҳои амонатию қарзӣ, диаграммаи 1 -ро таҳлил менамоем.

Диаграмаи 1.-Пасандози аҳолӣ дар муассисаҳои бонки амонатгузории вилояти Хатлон (ҳаз.сомон)



Сарчашма: Омори солонаи вилояти Хатлон / Маҷмуаи оморӣ. –Бохтар, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2025. – С . 214

Тавре аз нишондиҳандаҳои диаграммаи 1 бармеояд, маблағҳои пасандозҳои аҳолии вилояти Хатлон дар муассисаҳои бонки амонатгузории вилояти Хатлон соли 2024 нисбат ба соли 2020 - 2736912 сомони ё 6,2 % фисад афзудааст. Ҳамзамон агар дар соли 2020 ба сари ҳар як аҳолии вилояти Хатлон 12,8 сомонӣ рост ояд ва ин нишондиҳанда дар соли 2024 -18,8 сомониро ташкил медиҳад. Яке аз сабабҳои афзоши пасандозҳои аҳолӣ дар вилоят аз нигоҳи мо ин боварии мардум

нисбат ба муассисаҳои қарзии вилоят ва баланд шудани маърифати молиявии мардум мебошад. Аз ин нуқтаи назари мо маълум мешавад, ки пасандоз дар яке аз манбаъҳои молиявии таъмини сармоягўзори ба шумор рафта, дар рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон нақши муҳим дорад, зеро афзоиши он ба беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар замина мегузорад. Аз ин рў, Ҳукумати мамлакат ва мақомоти ҳокимияти маҳалии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ҷиҳати фароҳам овардани шароитҳои мусоиди пасандозгузории аҳолӣ дар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ чораҳои заруриро амалӣ намоянд: тарғиби аҳолӣ ба пасандозгузорӣ дар бонкҳо ва ташкилотҳои амонатию қарзӣ, вобаста ба имконият баланд бардоштани фоизи пасандозҳо аз тарафи бонкҳо, фароҳам овардани шароитҳои мусоиди пасандозгузорӣ дар бонкҳо, назорати доимии пасандозҳо ва дар муҳлатҳои муайянгардида баргардонидани онҳо аз ҷониби бонкҳо.

Яке аз минтақаҳои фарогири вилояти Хатлон ин минтақаи Кўлоб маҳсуб меёбад. Дар минтақа барои дар сатҳи хуб ба роҳ мондани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ филиалҳои бонкҳо фаъолият мекунанд. Ҷиҳати инрои Фармони Президенти Чумхурии Точикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринакдӣ” аз 22 июни соли 2023, №586 аз ҷониби Шуъба ва ташкилотҳои қарзии молиявии вилояти Хатлон дар соли 2025 корҳои зерин ба анҷом расонида шуд. Аз рузи ба тасвиб расидани фармони мазкур то санаи 31.12..2025, тибқи ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ 399 корхонаю муассисахои давлатӣ ва 1 272 нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ дар минтақаи Кўлоб бо 667 адад терминали электроий ва 1 461 адад QR-рамз таъмин карда шудааст, аз он ҷумла: дар корхонаю муассисахои давлатӣ 550 адад терминали электронӣ ва 213 адад QR - рамз; -дар нуктаҳои савдою хизматрасонӣ бо 117 адад терминали электронӣ ва 1248 адад QR - рамз.

Ба санаи 31.12.2025 шумораи мизоҷоне, ки тавассути кортҳои пластики хизматрасонӣ карда мешаванд, дар ташкилотхои карзии молиявии минтақаи Кўлоб ба 661 485 нафар расидааст, ки ин нишондиханда нисбати ҳамин давраи соли гузашта (578 251 нафар) 83 234 нафар ё 14,3 % зиёд гашта, ҳамаруза ру ба афзупшавӣ доранд.

Дар диаграммаи 4 мо инфрасохтори пардохти барои қабул ва хизматрасониҳои кордҳои пардохтии давлатӣ дар вилояти Хатлон дар соли 2025 мавриди таҳлил қарор додем(нигаред ба слайди навбатӣ) .

Диаграммаи 2. - Инфрасохтори пардохт барои қабул ва хизматрасониҳои кордҳои партохти давлатӣ дар вилояти Хатлон дар соли 2025



Сарчашма: Сомонаи расмии Бонки милии Тоҷикистон, www.nbt.tj

Мавриd ба зикр аст, ки дар соли 2025 бо мақсади дар амал тадбиқ намудани ҳисобаробаркунии ғайринқди дар вилоят 1793 адад постерминал, 1484-терминалҳои элекронӣ дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд ва 829 банкоматҳо муҷаҳаз гардонида шуда аст, ки ба аҳолии вилояти Хатлон хизматрасониҳои босифати бонкиро ба роҳ мемонад. Ҳамин тариқ баъди таҳқиқ ва таҳлили вазъи хизматрасониҳои бозори минтақавии хизматрасониҳо бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии вилояти Хатлон мо ба чунин хулоса омадем:

1. Аз сабаби оне, ки дар вилояти Хатлон ягон сарбонк фаъолият намекунад аз ҳамин сабаб шояд хизматрасониҳои бонкӣ дар вилоят то андозае талаботи аҳолии вилоятро бо маҳсулотҳои бонкӣ таъмин карда наметавонад;

2. Дар вилояти Хатлон барои сатҳу сифати баланди хизмарасониҳои минтақавии бонкӣ ҳиссаи кормандони низоми бонкии минтақаи Кўлоб назаррас мебошанд. Ба санаи 31.12.2025 дар ташкилотҳои қарзии молиявии минтакаи Кулоб 1 569 нафар корманд фаъолият менамояд, ки аз ин шумораи занхо 527 нафарро ташкил медиҳанд, ки ин нишодиханда нисбати хамин давраи соли

гузашта (1515 нафар аз ин занҳо 492 нафар) 54 нафар, аз ин занхо 35 нафар зиёд гардидааст.

3. Яке аз мушкилоти асосие, ки сабаби дар сатҳи лозима расонидани хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақа, ин кадрҳои соҳибихтисоси хусусиятҳои хоси низоми бонкӣ мебошад;

4. Таҳлилҳои мо нишон дод, ки ҷиҳати хизматрасониҳои бонкӣ дар сатҳи вилояти Хатлон чунин мушкилотҳо ҷой доранд: нагирифгани кортҳои пардохтии ройгон аз тарафи шаҳрвандон; паст будани суръати мавҷӣ интернет, лимити қувваи барқ, дар баъзан ҳолатҳо истифодаи пули нақд ҳангоми пардохти ҳаққи хизматрасонӣ дар идора ва корхонаҳои давлатӣ, дуруст истифода бурда натавонистани кортҳои пардохтӣ ва замимабарномаҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ;

Адабиёт

1. Аъзамова Т.Т. Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир// Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисоддӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз [Мат]/-Душанбе-2025.-174с.

2. Ганиев Р.Г. Организационно-экономические аспекты оказания банковских услуг населению в условиях рыночной экономики (на материалах Республики Таджикистан): дис.…канд. экон. наук: 08.00.05 [Текст]/ -Душанбе.: 2016. – 165 с

3. Комилзода Н.Б, Шарипов Н.Х. Таҳлили баъзе инноватсияҳои истифодашаванда дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикисто//Идоракунии давлатӣ.2025.4/2(76).С.97-104

4. Комилов Н, Саидова М. Таҳлили баъзе хизматрасониҳои муосири бонкӣ дар рушди ҳисобаробаркуниҳои ғайринақдӣ// Идоракунии давлатӣ.2023.№4-2(64).С.113-119

5. Комилов Н.Б. Нақши ташкилотҳои қарзӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ// Иқтисодиёти Тоҷикистон.2022.№4-2.С.147-153 .

6. Миразизов А.Х. Государственная поддержка и система защиты финансовых инноваций в банковской индустрии Таджикистана [Текст] / Вестник РТСУ №1(65). 2019. – С.59-69.

7. Хоҷаев, Б. Б. Таҳлили ҳолати муосир ва тамоюлҳои инкишофи қарздиҳии хурд дар деҳот / Б. Б. Хоҷаев, А. Ш. Ефтаков // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 2(36). – P. 200-212. – EDN IMAFJS.

8. Шарипов Бахром Махмудович//Анализ конкуренции на рынке банковских услуг Республики Таджикистан и методь ее снежения// Научной статьи по специальности «*Экономика и бизнес*» https://cyberleninka.ru/article/n/analiz-konkurentsii-na-rynke-bankovskih-uslug-respubliki-tadzhikistan-i-metody-ee-snizheniya/viewer

Маълумот дар бораи муаллиф

Саидова Мадина Ҳасановна- ассистенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Тел: 102082880, email : madina-1992@mail.ru

Сведения об авторе

Саидова Мадина Хасановна- ассистент кафедры финансов и кредита Кулябского государственного университета имени Абуабдуллохи Рудаки, тел.: 102082880, email: madina-1992@mail.ru

About the author

Аннотация. Данная статья посвящена проблемам управления государственными финансами и путям их решения в контексте разработки и принятия Бюджетного кодекса. Бюджетный кодекс укрепляет правовую основу среднесрочного плана расходов и устанавливает, что все основные ассигнаторы бюджета должны представлять свои планы расходов на три года, а в этой связи Министерство финансов должно разрабатывать прогноз консолидированных бюджетных доходов и расходов на три года. Эти изменения способствуют переходу от краткосрочного планирования к стратегическому финансовому управлению. Авторы перечисляют существующие проблемы и оценивают пути их решения при разработке Бюджетного кодекса. Они выражают свои взгляды на доходную часть бюджета, отмечая нестабильное исполнение доходов, нечеткую политику в отношении неналоговых доходов, ограниченные источники доходов и отсутствие надлежащей коммуникации между налоговым и бюджетным законодательством. Они также отмечают основные проблемы в расходной части бюджета, а именно: неэффективное управление расходами, длительный процесс подготовки бюджета; слабый внутренний контроль и аудит; низкая прозрачность бюджета и нечеткое разделение обязанностей. Для устранения всех существующих проблем возникла необходимость в разработке Бюджетного кодекса. Инициатива принятия Бюджетного кодекса Республики Таджикистан является важным шагом в реформе управления государственными финансами. Главная цель этого Кодекса – решение существующих проблем бюджетной доходной и расходной части посредством более совершенной законодательно-

нормативной системы. В целом, с разработкой и принятием Бюджетного кодекса будет еще более полно решена проблема повышения прозрачности, эффективности, подотчетности и предсказуемости бюджетного процесса. Принятие Бюджетного кодекса обобщает существующие вопросы в едином нормативном документе и полностью определяет правовые основы управления государственными финансами, от основных принципов и концепций до порядка подготовки, рассмотрения, утверждения и исполнения бюджета.

Ключевые слова: Бюджетный кодекс, государственные финансы, налоговая политика, государственные расходы, подотчетность, эффективность, прозрачность, отчетность, устойчивость, бюджет, управление, реформа.

PROBLEMS OF PUBLIC FINANCE MANAGEMENT AND WAYS TO SOLVE THEM IN THE CONTEXT OF THE DEVELOPMENT AND ADOPTION OF THE BUDGET CODE

Rahimzoda F.M.
Tajik State University of Finance and Economics

Abstract. This article is devoted to the problems of public finance management and ways to solve them in the context of the development and adoption of the Budget Code. The Budget Code strengthens the legal basis of the medium-term expenditure plan and determines that all major budget allocators must submit their expenditure plans for three years, and in this regard, the Ministry of Finance must develop a forecast of consolidated budget revenues and expenditures for three years. These changes contribute to a shift in thinking from short-term planning to strategic financial management. The authors list the existing problems and assess the ways to solve them in the development of the Budget Code. They express their views on the revenue side of the budget, noting that they are unstable revenue execution, unclear non-tax revenue policy, limited sources of revenue, and the lack of proper communication between tax and budget laws. They also note the main problems in the budget expenditure part, which are ineffective expenditure management, a lengthy budget preparation process; weak internal control and audit; low budget transparency and unclear division of responsibilities. To eliminate all these existing problems, the need to develop a Budget Code has arisen. The initiative to adopt the Budget Code of the Republic of Tajikistan is an important step in the reform of public finance management. The main purpose of this Code is to solve the existing problems of the budget revenue and expenditure part through a more complete legislative and regulatory system. In general, with the development and adoption of the Budget Code, increasing the transparency, efficiency, accountability and predictability of the budget process will be solved in an even more complete way. The adoption of the Budget Code summarizes the existing issues in a single regulatory document and fully defines the legal foundations of public finance management, from the basic principles and concepts to the procedure for preparing, considering, approving and executing the budget.

Keywords: Budget Code, public finance, tax policy, public spending, accountability, efficiency, transparency, reporting, sustainability, budget, management, reform.

Гузориши масъала. Дар шароити зудтағйиёбандаи иқтисодӣ ва таҳдиду хатарҳои иқтисоди ҷаҳон ба иқтисоди миллии давлатҳо идоракунии молияи давлатӣ ҳамчун омили асосии рушди иқтисодӣ ва таъминкунандаи суботи макропредунсиалӣ маҳсуб ёфта, роҳҳои ҳалли муаммоҳои дар ин самт ҷойдошта ҳамчун заминаи бунёдӣ таҳқиқоти иловагиро тақозо менамояд.

Таҳлили тадқиқотҳои охир. Солҳои охир масъалаҳои идоракунии молияи давлатӣ ва роҳҳои ҳалли он дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳими таҳқиқи илмҳои иқтисодӣ ба ҳисоб рафта дар асарҳои олимони варзидани ватанӣ ба монанди Давлатзода Д.А, Ғафуров П.Ҷ., Хайрзода Ш.Қ., Раҳимзода Ш., Икромзода Ф., Қодирзода Д.Б., Сафаров Х.А., Ҳикматов С., Ҷаҳоншоҳ С., Амонова Д., Ғафориён М.Ш., Ширинов Ҳ.М., ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Мақсади мақола. Омӯзиш масъалаҳои идоракунии молияи давлатӣ ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо дар дораи ислоҳот ё таҳияи кодекси буҷет ба ҳисоб меравад.

Муҳтавои асосии мавод. Дар шароити зудтағйиёбандаи иқтисодӣ ва таҳдиду хатарҳои иқтисоди ҷаҳон ба иқтисоди миллии давлатҳо идоракунии молияи давлатӣ ҳамчун омили асосии рушди иқтисодӣ ва таъминкунандаи суботи макропредунсиалӣ маҳсуб ёфта, роҳҳои ҳалли муаммоҳои дар ин самт ҷойдошта ҳамчун заминаи бунёдӣ таҳқиқоти иловагиро тақозо менамояд. Зеро дар самти мазкур ҳануз муаммоҳои зиёди идоракунии молияи давлатӣ, ки онҳо барои рушд ва суботи иқтисодӣ зарур мебошанд аз нуқтаи назари моҳияти системавӣ то кунун ба таври пурра омӯзиши мукаммали худро наёфтаанд. Мавзӯе, ки мо онро мавриди таҳқиқ қарор додем хеле муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад. Ин се ҷузъи асосӣ буҷети давлатӣ, сиёсати андозӣ ва харочоти

давлатӣ-асоси сиёсати молиявии ҳар як кишварро ташкил медиҳанд. Бояд қайд кард, ки идоракунии молияи давлатӣ ҳамчун воситаи татбиқи ин сиёсат роҳандозӣ мегардад.

“...Идоракунии молияи давлатӣ низоми ҳамкории мутақобилаи вазорату идораҳо ва муассисаҳои дигари давлатӣ барои истифодаи самараноки маблағҳои давлатӣ мебошад” [1, с. 177].

Тибқи стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 яке аз вазифаҳои асосӣ ин баланд бардоштани интизоми фискалӣ, беҳтар намудани самаранокии тақсимоти захираҳои молиявӣ ва назорати доимӣ оид ба истифодабарии захираҳои молиявӣ ва хароҷоти мақсадноки воситаҳои пулии давлатӣ мебошад. Роҳҳои ҳалли муаммоҳои идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин аввалан ба таври кофӣ амалӣ намудани вазифаҳои дар стратегияи мазкур гузошташуда мебошад.

Пажуҳишгарону олимон дар ин маврид аз даврaҳои гузашта то замони муосир фикру ақидаҳои худро оид ба “идоракунии молия давлатӣ” баён намудаанд. Яке аз муҳақиқони муосир дар самти мазкур Ғафуров П.Ҷ., қайд мекунад, ки “...Идоракунии молияи давлатӣ яке аз асосҳои муҳими идоракунии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад, зеро он шарти таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Бо вусъат ёфтани фаъолияти иқтисодии дохилӣ ва хориҷӣ, афзоиши аҳолӣ ва мураккаб шудани равандҳои молиявӣ, аҳамияти самаранокии идоракунии молияи давлатӣ боз ҳам бештар мегардад”[2, с. 276]. Ба ин ақида розӣ шудан мумкин аст, зеро тавассути идоракунии молияи давлатӣ на танҳо ба нишондиҳандаҳои миқдорӣ балки ба нишондиҳандаҳои сифатӣ аз он ҷумла рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва сатҳи некуаҳволии аҳолӣ таъсир расондан мумкин аст.

Муҳақиқони дигар Қодирзода Д.Б., Сафаров Х.А., дар асари илми худ чунин иброз медоранд, ки “...яке аз самтҳои асосии такмили механизми сиёсати буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин кам кардани хароҷоти дуюмдараҷа (хароҷоте, ки ба рушди иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбат намерасонанд) мебошад, ки ба шарофати он мо натиҷаҳои воқеӣ ба даст оварда метавонем”[5, с. 320].

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ идоракунии молияи давлатӣ яке аз унсурҳои муҳим ва мураккаби низоми иқтисодӣ маҳсуб ёфта дар он идоракунии дурусти воситаҳои пулӣ ва дигар муносибатҳои ба ин алоқаманд аҳамияти меҳварӣ доранд. Бинобар ин идоракунии молияи давлатӣ ин маҷмӯи муносибатҳои пулӣ мебошад, ки ба ташаккул, тақсимот ва истифодаи захираҳои молиявии ҷамъшуда (буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои маҳаллӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ) тавассути мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ барои иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда вобаста аст.

“Дар замони муосир такмилдиҳии низоми идоракунии молияи давлатӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, зеро дар вақти ғайрисамаранок ба роҳ мондани идоракунии молияи давлатӣ ба аз даст додани қисми захираҳои пулии мамлакат оварда мерасонад...”[6, с. 177].

Олимону коршиносон масъалаҳои мубрами идоракунии молияи давлатиро аксаран дар сатҳи таркибӣ, ки он ба идоракунии буҷет ва равандҳои буҷетӣ ва дигар фондҳои гуногуне, ки маҷмуан ин масъаларо мукаммалан инъикос менамоянд мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар ҳамин замина муҳаққиқони тоҷик Ҳикматов С., Ҷаҳоншоҳ С., қайд менамоянд, ки “...Буҷети давлатӣ фонди марказонидашудаи воситаҳои пулии ҷамъият буда, барои иҷрои вазифаҳои (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра) мақомоти давлатӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ гардидааст...”[7, с 11]. Буҷети давлатӣ ин фонди асосии маблағҳои пулӣ, шакли ташаккул ва хароҷоти маблағҳои пулии мақомоти давлатӣ мебошад. Ин як сметаи даромадҳо ва хароҷоти давлат дар як давраи муайян аст. Хароҷоти буҷети давлатӣ бошад, ин маблағҳое мебошанд, ки барои таъмини вазифаҳои давлат равона карда мешаванд. Инҳо хариди давлатии мол ва хизматрасонӣ ва пардохтҳои интиқолӣ (нафақа, кӯмакпулиҳо) мебошанд.

Дар дигар маврид Ҳикматов С., Сафарова М., хеле ба маврид қайд мекунанд, ки “Дар низоми идоракунии молияи давлатӣ нақши муҳимро буҷети давлатӣ мебозад...”[8, с 240]. Мо бар ин ақида пурра розӣ ҳастем ва воқеан буҷети давлатӣ ҳамчун манбаи асосии молиякунонии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва механизми асосӣ истифода мешавад, ки дар атрофи худ як қатор сиёсатҳои бо ҳам алоқаманд ва мувофиқро фаро мегирад, ки яке аз онҳо сиёсати фискалӣ мебошад.

Сиёсати фискалӣ ин чорабиниҳои Ҳукумат дар соҳаи андозбандӣ ва хароҷоти давлатӣ бо мақсади танзими макроиқтисодӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои муайяни иҷтимоию иқтисодӣ мебошад (масалан, суръат бахшидан ё суст кардани афзоиши иқтисодӣ, паст кардани бекорӣ). Ҳамчун воситаи асосиии татбиқи сиёсати фискалӣ ин меъёри андозҳо ва хароҷоти давлатӣ шуда метавонад.

Ин се унсур якҷоя механизми идоракунии молияи давлатиро ташкил медиҳанд, ки барои тақсимоти одилонаи сарват ва таъмини суботи иқтисодӣ дар кишвар мусоидат мекунад.

Тибқи ақидаи мо, барои бартараф намудани муаммоҳо ва гузаштан ба ҷаҳишҳои бузург дар самти идоракунии молияи давлатӣ зарурияти таҳия ва қабули кодекси буҷет ба миён омадааст. Ташаббуси қабули Кодекси буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон як қадами муҳим дар ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ мебошад. Мақсади асосии кодекси мазкур ҳалли мушкилот ва муайян намудани вазъи ҳуқуқии субъектҳои муносибатҳои буҷетӣ, мушкилотҳои эҳтимолии қисми даромад ва харочоти буҷет тавассути низоми боз ҳам мукаммалтари қонунгузорӣ ва меъёрӣ мебошад.

Дар маҷмӯъ, муаммоҳои асосие, ки қабули кодекси буҷет онҳоро ҳал хоҳад кард, ин баланд бардоштани шаффофият, самаранокӣ, масъулиятнокӣ ва пешбинишавандагии раванди буҷетӣ мебошанд.

Муаммоҳо дар қисми даромади буҷет ин метавонад иҷрои ноустувори даромадҳо, сиёсати нисбатан норавшани даромадҳои ғайриандозӣ, сарчашмаҳои маҳдуди даромад ва набудани алоқаи дурусти байни қонунҳои андоз ва буҷетро дар бар гирад.

Ба фикри мо, муаммоҳои асосӣ дар ин қисмат ба ноустуворӣ ва заифии пойгоҳи даромадҳо, инчунин ба маъмурикунонии онҳо дахл доранд, ки мо онҳоро дар ҷадвали зерин инъикос намудем.

Ҷадвали 1. - Муаммоҳои асосии қисми даромади буҷет ва роҳҳои ҳалли он.

Проблемаи мавҷуда	Роҳи ҳал бо қабули кодекси буҷет (ё ислоҳоти ИМД)
Иҷрои ноустувори даромадҳо	Мустаҳкам намудани асосҳои ҳуқуқии пешгӯии макроиқтисодӣ ва буҷетӣ барои кам кардани харочотҳои бесамар аз нақша
Сиёсати норавшани даромадҳои ғайриандозӣ	Ба низом даровардани пардохтҳо аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ (манъи истифодаи онҳо берун аз низоми хазинадорӣ) ва муайян кардани тартиби аниқи ворид кардани онҳо ба буҷет
Сарчашмаҳои маҳдуди даромад	Муайян кардани механизмҳои танзим ва тақсимоти даромадҳои байнибуҷетӣ барои мустаҳкам кардани даромадҳои буҷетҳои маҳаллӣ
Набудани алоқаи дурусти байни қонунҳои андоз ва буҷет	Эҷоди як ҳуҷҷати ягонаи мукаммал барои танзими муносибатҳои молиявӣ дар кишвар

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои мавҷуда.

Муаммоҳо дар қисми харочоти буҷет ин идоракунии харочоти бесамар, раванди тӯлонии таҳияи буҷет, заифии назорат ва аудити дохилӣ, шаффофияти пасти буҷет ва тақсимоти норавшани масъулиятро дар бар мегирад.

Ба андешаи мо мушкилоти асосӣ дар қисмати харочоти буҷет ин ба самаранокии истифодаи маблағҳо, тақсимот ва назорати онҳо рабт доранд.

Ҷадвали 2. - Муаммоҳои асосии қисми харочоти буҷет ва роҳҳои ҳалли он.

Проблемаи мавҷуда	Роҳи ҳал бо қабули кодекси буҷетӣ (ё ислоҳоти ИМД)
Идоракунии харочоти нисбатан бесамар	Ҷорӣ намудани буҷетсозӣ дар асоси барномаҳо (буҷети барномавӣ). Ин тартиб маблағҳоро на танҳо ба муассисаҳо, балки ба натиҷаҳои мушаххаси иҷрои барномаҳо мепайвандад.
Раванди тӯлонии таҳияи буҷет	Муқаррар кардани тартиби қатъӣ ва муҳлатҳои равшан барои ҷараёни буҷети сесола (миёнамуҳлат). Ин ба мақомот имкон медиҳад, ки нақшаҳои дарозмуддат таҳия кунанд.
Заифии нисбии назорат ва аудити дохилӣ	Муайян кардани асосҳои ҳуқуқии мустаҳкам барои аудити дохилӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ (МСФО дар бахши давлатӣ).
Шаффофияти нисбатан пасти буҷет	Муайян кардани талаботи ҳатмӣ оид ба ошкорбаёнии иттилоот дар бораи раванди буҷет, аз ҷумла нашри буҷети шаҳрвандӣ ва ҳисоботҳои муфассал.
Тақсимоти норавшани масъулият	Ба таври возеҳ муайян кардани вазифа ва салоҳиятҳои ҳамаи иштирокчиёни раванди буҷетӣ (Вазорати молия, тақсимкунандагони асосии маблағ, мақомоти маҳаллӣ).

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои мавҷуда.

Бояд қайд кард, ки қабули кодекси буҷет ҳамаи ин масъалаҳоро дар як ҳуҷҷати ягонаи меъёрӣ ҷамъбаст карда, асосҳои ҳуқуқии идоракунии молияи давлатиро аз принсипҳо ва мафҳумҳои асосӣ то тартиби таҳия, баррасӣ, тасдиқ ва иҷрои буҷет ба таври мукаммал муайян менамояд.

Яке аз масъалаҳои калидие, ки дар доираи таҳияи қабули кодекси буҷет хеле муҳим ва ба ҳалли мушкилоти зиёди иқтисодӣ равона шудааст, ин нақшаи хароҷоти миёнамуҳлат мебошад.

Нақшаи хароҷоти миёнамуҳлат ё "буҷетсозии сесола" - ин тартиби банақшагирии хароҷот мебошад, ки дар он буҷети соли оянда на танҳо барои як сол, балки дар якҷоягӣ бо пешгӯии хароҷот барои ду соли баъдӣ (дар маҷмӯъ се сол) таҳия ва тасдиқ карда мешавад. Низоми анъанавии буҷетсозии яксола аксар вақт ба ноустуворӣ ва қабули қарорҳои кӯтоҳмуддат оварда мерасонад.

Нақшаи хароҷоти миёнамуҳлат ба ҳалли якчанд мушкилот ба монанди пешбинишавандагӣ ва устуворӣ, иртибот бо стратегияи давлатӣ, идоракунии қарз ва самарабахшии хароҷот мусоиддат мекунад. Ба ҷои он ки ҳар сол аз сифр буҷет таҳия шавад, нақшаи хароҷоти миёнамуҳлат кафолат медиҳад, ки барномаҳои стратегӣ (масалан, сохтмони беморхонаҳо ё роҳҳо) аз сабаби набудани маблағҳои солҳои оянда қатъ намешаванд. Хароҷотҳои буҷетӣ бо ҳадафҳои дарозмуддати ҳукумат, ки дар Стратегияи миллии рушд муайян шудаанд, алоқаманд мебошанд. Ба давлат имкон медиҳад, ки ӯҳдадориҳои қарзӣ ва имкониятҳои қарзгирии худро дар мӯҳлати дарозтар баҳо диҳад, ки ин хатари ноустувории молиявиро коҳиш медиҳад. Бо таваҷҷӯҳ ба мӯҳлати дароз, мақомот метавонанд қарорҳои беҳтаре дар бораи сармоягузорӣ қабул кунанд, назар ба он ки танҳо ба фоидаи яксола назар кунанд.

Кодекси буҷет заминаи ҳуқуқии нақшаи хароҷоти миёнамуҳлатро мустаҳкам менамояд ва муайян мекунад, ки ҳамаи тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ бояд нақшаҳои хароҷоти худро барои се сол пешниҳод намуда дар ин ҷода Вазорати молия бояд пешгӯии даромадҳо ва хароҷоти мутаҳидшудаи буҷетро барои се сол таҳия намояд.

Ин тағйирот ба тағйир додани тафаккур аз банақшагирии кӯтоҳмуддат ба идоракунии молияи стратегӣ мусоидат мекунад.

Вобаста ба ин таҳқиқотчиёни ватанӣ Ғафориён М.Ш., Ширинов Ҳ.М., қайд мекунад, ки "...Болобардории самаранокии маблағҳои буҷетӣ бевосита ба банақшагирии худи буҷет вобастагӣ дорад"[3, с. 51].

Яке аз масъалаҳои муҳим дар Кодекси буҷет ин танзими муносибатҳои байнибуҷетӣ мебошад, ки он асоси идоракунии молияи давлатиро дар бар мегирад.

Дар Тоҷикистон, муносибатҳои байнибуҷетӣ (робитаи молиявӣ байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ) яке аз соҳаҳое мебошанд, ки ба андешаи мо ба ислоҳот ё мукаммалгардонӣ ниёз доранд. Кодекси буҷет дар самти мазкур ба таҳкими мустақилияти молиявии мақомоти маҳаллӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳо заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар сатмти муносибатҳои байнибуҷетӣ ҳанӯз якчанд муаммоҳо боқӣ мондааст, ки тавассути қабули Кодекси буҷет ҳалли онҳоро афзал мешуморем. Аксари буҷетҳои маҳаллӣ ба дотатсияҳо ва субвенсияҳои буҷети ҷумҳуриявӣ вобастаанд, ки ин мустақилияти қабули қарорҳои онҳоро маҳдуд мекунад. Тартиби тақсимоти маблағҳо (дотатсияҳо, субвенсияҳо) баъзан шаффофияти кофӣ надорад ва ба нақшаи дарозмуддат асос намеёбад. Инчунин баъзан ваколатҳои иҷрои вазифаҳои муайян (хароҷот) ба мақомоти маҳаллӣ вогузор мешаванд, аммо бо сарчашмаҳои молиявии кофӣ (даромадҳо) таъмин намегарданд.

Бояд қайд кард, ки ҳалли муаммоҳои ҷойдоштаи муносибатҳои байнибуҷетӣ дар доираи таҳияи Кодекси буҷет тавассути ҷорӣ намудани механизмҳои мушаххас сурат мегирад. Вобаста ба ин мо пешниҳод менамоем, ки Кодекси буҷет бояд:

-Муайян намудани даромадҳои аниқ. Меъёрҳои мушаххаси ҷудокунӣ (нормативы отчислений) аз андозҳои умумидавлатӣ (масалан, аз андоз аз даромад, ё андоз аз фоида) ба буҷетҳои маҳаллиро муқаррар кунад, зеро мақомотҳои маҳаллӣ таваҷҷӯҳи бештар пайдо мекунанд, то пойгоҳи андозии маҳаллиро (корхонаҳо, амвол) рушд диҳанд, зеро даромади онҳо ба рушди иқтисодиёти маҳаллӣ алоқаманд мешавад;

-Меъёрҳои шаффофи тақсимоти трансфертҳо (кӯмакҳо)-ро муқаррар кунад. Кодекс тартиби тақсимоти кӯмакҳои молиявӣ (трансфертҳо) аз буҷети ҷумҳуриявиро ба таври шаффоф танзим мекунад. Бояд формулаи мушаххасе пешниҳод шавад, ки ба меъёрҳои объективӣ асос ёбад (масалан, шумораи аҳолӣ, дарозии роҳҳо, иқтидори андозбандӣ), ин метавонад адолати молиявиро тақвият ва таъмин кунад;

-Баланд бардоштани масъулиятнокӣ. Буҷетсозии барномавӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ низ дахл дошта бошад. Мақомоти маҳаллӣ бояд на танҳо гузориш диҳанд, ки чӣ қадар пул харҷ шуд,

балки чӣ гуна натиҷаҳо дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва инфрасохтори маҳаллӣ ба даст омаданд. Ин самаранокии хароҷотро дар сатҳи поёнӣ баланд мебардорад.

Ҳамин тариқ, дар нитиҷаи қабули Кодекси буҷет аз як низоми идоракунии "марказонидашуда" ба низоми “муносибатҳои ҳамкорӣ ва масъулияти муштарак” гузариш ба вуҷуд меояд, ки дар он буҷетҳои маҳаллӣ ҳамчун шарикони фаъоли рушди иқтисодӣ амал мекунанд. Танҳо дар заминаи мазкур метавон гуфт, ки ҳамгироӣ байни буҷетҳои маҳаллӣ ва буҷети ҷумҳуриявӣ дар сатҳи алоқаи якдигар инкишофёбанда таъмин мегардад.

Инчунин ҷиҳати ҳалли муаммоҳои идоракунии молияи давлатӣ қабули тасияҳои судмандро ҳангоми таҳияи Кодекси буҷет зарур мешуморем.

Агар ҳиссаи хароҷоти сармоявӣ аз 20% камтар бошад, давлат танҳо барои хароҷоти ҷорӣ яъне музди меҳнат, нафақа, кӯмакпулиҳо ва ғайраҳо (ин хароҷот барои имрӯз аст) маблағ сарф мекунад ва барои рушди оянда имконият коҳиш меёбад. 20% - ин хароҷоти сармоявӣ яъне сохтмони роҳҳо, неругоҳҳо, мактабҳо ва корхонаҳо (ин сармоягузорӣ барои фардо) мебошад, ки ин имкон медиҳад ҳам эҳтиёҷоти иҷтимоии мардум бароварда шавад ва ҳам иқтисодиёт пеш равад. Мувофиқи таҷрибаи байналмилалӣ ва тавсияҳои созмонҳои молиявӣ (ба мисли Хазинаи Байналмилалии Асъор), маҳз сатҳи 20-25% хароҷоти рушд метавонад суръати баланди афзоиши ММД-ро (GDP) таъмин кунад.

Буҷетсозӣ дар асоси барномаҳо ба таҳкими баҳодиҳии натиҷанокӣ таъсир мерасонад. Дар раванди банақшагирии буҷет, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ҳар як барномаи хароҷотиро, ки дорои хароҷоти сармоявӣ мебошад, аз рӯи арзёбии пешакии натиҷанокӣ ва таҳлили хароҷот-фоида асоснок намоянд. Натиҷаҳои ин арзёбӣ бояд ба парлумон (Маҷлиси Олӣ) ҳангоми дида баромадани лоиҳаи буҷет пешниҳод карда шаванд. Ин тавсия на танҳо ҳаҷми хароҷоти рушдро меафзояд, балки самаранокии истифодаи онро низ боло мебарад.

Барои пешгирии тақсимоти нодурусти хароҷот, таърифи "Хароҷоти сармоявӣ" дар кодекс бояд ба таври дақиқ бо меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ карда шавад, то хароҷоте, ки мустақиман ба ташаккули сармояи асосӣ алоқаманд нестанд, ба ин гурӯҳ шомил карда нашаванд, зеро ин аз ҳисоб кардани хароҷоти ҷорӣ ҳамчун хароҷоти рушд пешгирӣ мекунад.

Бояд қайд кард, ки норасоии принсипи шаффофияти буҷет ба вазъи молиявии давлат ва эътимоди шаҳрвандон таъсири ҷиддӣ мерасонад, ки он метавонад аз сабабҳои зерин иборат бошад.

1. Сабабҳои асосии норасоии шаффофият.

- Ихтисор ва маҳдудияти дастрасӣ ба маълумот**:** набудани нашри саривақтӣ ва муфассали ҳуҷҷатҳои буҷетӣ (лоиҳаи буҷет, буҷети тасдиқшуда, ҳисоботи иҷрои буҷет) бо забони содда ва фаҳмо;
- Сохтори мураккаби буҷет: истифодаи таснифоти буҷетӣ ва истилоҳоти мураккабе, ки барои ҷомеаи ғайримутахассис душворфаҳм аст;
- Маҳдудияти иштироки ҷомеа: набудани механизмҳои муассир барои ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва коршиносон дар марҳилаҳои банақшагирӣ ва назорати буҷет;
- Заифии назорати парламентӣ ва ҷамъиятӣ: набудани салоҳияти кофӣ ё захираҳои техникӣ дар мақомоти назоратӣ барои тафтиши амиқи хароҷоти буҷетӣ;
- Системаҳои технологии кӯҳна: Истифода набурдани платформаҳои рақамӣ ва порталҳои кушодаи буҷетӣ, ки маълумотро ба таври интерактивӣ пешниҳод мекунанд.

2. Оқибатҳои норасоии шаффофият:

- Афзоиши хатари коррупсия**:** Норавшанӣ дар тақсимоти маблағҳо ва иҷрои хароҷот барои амалҳои ғайриқонунӣ шароит фароҳам меорад;
- Истифодаи бесамар ва бемасъулиятонаи маблағҳо: қарорҳо оид ба хароҷот метавонанд ба манфиати гурӯҳҳои муайян қабул шаванд, на ба манфиати умумии кишвар;
- Паст шудани эътимоди ҷомеа: шаҳрвандон ба ҳукумат ва самаранокии истифодаи андозҳо эътимод надоранд;
- Набудани масъулияти Ҳукумат: азбаски назорат душвор аст, мақомот ба осонӣ аз масъулият барои иҷрои нодурусти буҷет канорагирӣ мекунанд.

Дар ҷаҳони имруза барои арзёбии шаффофияти буҷет, созмонҳое чун Ташаббуси шарикии байналмилалии буҷет **(International Budget Partnership - IBP)** мунтазам "Пурсишномаи буҷети кушода"-ро (Open Budget Survey - OBS) мегузаронанд. Ин пурсишнома се ҷанбаи асосиро дар бар мегирад, ки онро дар ҷадвали 3 ифода менамоем:

Ҷадвали 3. - Пурсишномаи буҷети кушода.

Ҷанбаи шаффофият	Тавсиф

Шаффофияти маълумот	Дастрасӣ ва саривақтии 8 ҳуҷҷати асосии буҷетӣ
Иштироки ҷомеа	Имконияти ҷалби ҷомеа дар марҳилаҳои гуногуни давраи буҷет
Назорати буҷет	Самаранокии назорати қонунгузорӣ (парламент) ва назорати олӣ (масалан Палатаи ҳисоб)

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои мавҷуда.

Барои ҳалли ин проблема, қадамҳои зеринро пешниҳод кардан мумкин аст:
Нашри пурраи ҳуҷҷатҳо: Ҳамаи 8 ҳуҷҷати асосии буҷетӣ (бо шумули "Буҷети шаҳрвандӣ", ки ҳуҷҷати соддакардашуда аст) бояд ҳатман ва саривақтӣ нашр шаванд;

-Портали буҷети кушода: Эҷоди портали расмии онлайн, ки дар он маълумоти буҷетӣ дар формати коркардшаванда (масалан, Excel, CSV) бо тасвирҳои визуалӣ дастрас карда шавад;

-Иштироки расмии ҷомеа: Ворид намудани тартиби ҳатмӣ барои муҳокимаи оммавии лоиҳаи буҷет бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ворид кардани фикру пешниҳодоти онҳо;

-Қувват бахшидани назорат: Баланд бардоштани истиқлолият ва захираҳои техникии мақомоти назорати олӣ (Палатаи ҳисоб) ва баланд бардоштани нақши парламент;

-Омӯзиши ҷомеа: Гузаронидани чорабиниҳои омӯзишӣ барои шаҳрвандон, журналистон ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ оид ба хондан ва таҳлили ҳуҷҷатҳои буҷетӣ.

Ташаббуси шарикии байналмилалии буҷет (IBP) дар доираи “Пурсишномаи буҷети кушода” (Open Budget Survey - OBS) ҳашт ҳуҷҷати асосиеро муайян мекунад, ки нашри саривақтӣ ва муфассали онҳо барои шаффофияти ҳамаҷонибаи буҷет ҳатмист.

Ин 8 ҳуҷҷат марҳилаҳои гуногуни давраи буҷетро (тайёрӣ, тасдиқ, иҷро, назорат) фаро мегиранд:

Ҷадвали 4. - Ҳашт ҳуҷҷати асосии буҷетӣ дар доираи “Пурсишномаи буҷети кушода”.

№	Номи ҳуҷҷат	Марҳилаи буҷет	Мақсади асосӣ
1	Буҷети пешниҳодшуда (Лоиҳаи буҷет)	Тайёрӣ - Тасдиқ	Тафсилоти нақшаҳои даромад ва хароҷоти ҳукумат барои соли оянда, ки пеш аз тасдиқ ба қонунгузор пешниҳод мешавад.
2	Буҷети тасдиқшуда	Тасдиқ	Қонуни расмӣ ё санади тасдиқшуда аз ҷониби қонунгузор (парламент), ки хароҷот ва даромадҳои ҳукуматро муқаррар мекунад.
3	Буҷети шаҳрвандӣ	Ҳамаи марҳилаҳо	Хулосаи ғайримутахассисона ва соддакардашудаи буҷет (ё ҷанбаҳои муҳими он) барои фаҳмиши оммаи васеъ.
4	Ҳисоботҳои доимии давраи буҷет	Иҷро	Нашри маълумот оид ба иҷрои буҷет (даромадҳо ва хароҷот) дар давоми сол (масалан, ҳисоботҳои семоҳа ё моҳона)
5	Ҳисоботи нимаи сол	Иҷро	Таҳлили муфассали иҷрои буҷет дар 6 моҳи аввал ва пешгӯӣ барои 6 моҳи минбаъда, бо баҳодиҳӣ ба тағйирот.
6	Ҳисоботи охири сол	Иҷро	Ҳисоботи муфассал оид ба натиҷаҳои воқеии даромадҳо ва хароҷот дар соли буҷетии гузашта.
7	Пешгӯии пеш аз буҷет	Тайёрӣ	Ҳуҷҷате, ки пеш аз таҳияи буҷети пешниҳодшуда, сиёсат ва афзалиятҳои молиявии ҳукуматро барои соли оянда муайян мекунад.
8	Ҳисоботи аудити олӣ	Назорат	Натиҷаи тафтишоти мақомоти назорати олӣ (масалан, Палатаи Ҳисоб) оид ба қонуният ва самаранокии иҷрои буҷети охири сол.

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои мавҷуда.

Норасоӣ ё саривақт нашр нашудани яке аз ин ҳуҷҷатҳо маънои онро дорад, ки як марҳилаи муҳими буҷет аз назорати ҷамъиятӣ берун мемонад ва шаффофият коҳиш меёбад.

Барои танзими қонуни соҳавӣ зарур аст, ки намунаҳои мушаххаси технологӣ ва назорати парламентиро мустаҳкам намуд. Таҳлили назорати парлумонӣ дар назорати иҷрои буҷет як унсури калидӣ дар таҳкими шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ мебошад.

Ба андешаи мо Парлумон ҳамчун мақоми олии қонунгузорӣ ва намояндаи мардум набояд танҳо буҷетро тасдиқ кунад, балки бояд иҷрои онро ба таври доимӣ ва фаъол назорат кунад.

Мушкилоти асосӣ дар он аст, ки Ҳукумат метавонад дар давоми сол тағйироти ҷиддии буҷетиро бе розигии парлумон ё танҳо бо хабардоркунии расмӣ анҷом диҳад. Қонунгузорӣ бояд муайян кунад, ки тағйироти буҷетӣ аз як фоизи муайян (масалан, зиёда аз 5-10%) дар бахш ё вазифаи муайян ҳатман бояд аз ҷониби Парлумон тасдиқ карда шавад, на танҳо бо қарори Ҳукумат. Маблағҳое, ки дар фондҳои эҳтиётӣ ҷамъоварӣ мешаванд, бояд ба маҳдудияти қатъии ҳатмӣ дучор шаванд ва хароҷоти онҳо аз ин фондҳо бояд таҳти назорати шаффофи парлумон сурат гирад.

Тибқи ақидаи мо кумитаҳои Парлумон, ки барои молия, иқтисод ва буҷет масъуланд, бояд ваколатҳои бештар дошта бошанд. Масалан: Дастрасии мустақим ба маълумот ва истифодаи натиҷаҳои аудити олӣ. Кумитаҳо бояд ҳуқуқи расмии дастрасии мустақим ба маълумоти муфассали иҷрои буҷетро аз Вазорати молия ва Хазинадорӣ дошта бошанд, на ин ки танҳо ба ҳуҷҷатҳои умумии Ҳукумат такя кунанд ва онҳо бояд мунтазам (масалан, семоҳа) гузоришҳои Палатаи Ҳисоб (ё мақомоти аудити олӣ)-ро баррасӣ кунанд ва дар асоси онҳо талаботҳои расмӣ (бо мӯҳлатҳои мушаххас) барои ислоҳи камбудиҳо ба Ҳукумат пешниҳод кунанд.

Парлумон бояд талаб кунад, ки Ҳукумат ҳисоботи расмии нимаи солро дар мӯҳлати муқарраршуда пешниҳод кунад ва масъулони калидии молиявӣ дар назди парлумон оид ба иҷрои буҷет ҳисобот диҳанд ва раванди тасдиқи ҳисоботи охири соли буҷетӣ набояд як амали расмӣ бошад. Парлумон бояд вақти кофӣ барои таҳлили амиқи ҳисоботи аудити олӣ дошта бошад ва танҳо пас аз он қарор дар бораи қабул ё рад кардани иҷрои буҷет қабул шавад. Бояд қайд, ки рад кардан бояд ба оқибатҳои сиёсӣ ва маъмурӣ оварда расонад, то тавассути ин назорати босамартар амалӣ карда шавад.

Яке аз рукнҳои асосии кодекси буҷет, ки барои таъмини истифодаи самараноки маблағҳо ва мубориза бо коррупсия муҳим аст, ин назорати давлатии молиявӣ ва аудити дохилӣ мебошад. Дар доираи ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ кодекси буҷет ба тақвияти системаи назорат хело муҳим мебошад. Назорати давлатии молиявӣ ва аудит ин назорат аз ҷониби мақомоти олии аудит (масалан, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо мақсади назорати мустақили хароҷот ва даромадҳои буҷетӣ, инчунин арзёбии самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ, амалӣ карда мешавад. Кодекси буҷет бояд салоҳиятҳо ва ваколатҳои ин мақомро дар соҳаи аудит ва назорати буҷет ба таври возеҳ муайян кунад. Ин имкон медиҳад, ки назорат дар тамоми давраи буҷетӣ (на танҳо пас аз иҷрои он) ба роҳ монда шавад.

Аудити дохилӣ ин навъи назорат аз дохили худи мақомоти давлатӣ (вазоратҳо, идораҳо, муассисаҳо) амалӣ карда мешавад. Тавассути қабули кодекси буҷет ҷорӣ намудани талаботи ҳатмӣ барои ташкил ва фаъолияти воҳидҳои аудити дохилӣ дар ҳамаи тақсимкунандагони асосии маблағ амалӣ карда мешавад. Аудити дохилӣ бояд ба идоракунии хатарҳо таҳдид кунад, на танҳо ба санҷиши ҳуҷҷатҳо. Ин маънои онро дорад, ки аудиторҳо бояд соҳаҳоеро, ки хатари аз даст додани маблағ ё носамарбахши баландтар аст, таҳлил кунанд. Вобаста ба ин на бояд фаромуш кард, ки мустақилияти аудиторҳо ба самти соҳа бетаъсир буда наметавонад. Кафолат додани мустақилияти амалии аудиторҳои дохилӣ аз роҳбарони воҳидҳои маҳаллӣ зарур мебошад. Аудитор бояд бевосита ба роҳбари мақомот (вазир ё раиси идора) ҳисобот диҳад, на ба сармуҳосиб ё роҳбари шӯъбаи молия.

Хулоса. Дар маҷмуъ таҳқиқи мавзуи зикргардида бозгуи он аст, ки ҳалли муаммоҳои идоракунии молияи давлатӣ дар доираи ислоҳот ё қабули кодекси буҷет на танҳо ба низоми идоракунии соҳа, балки ба самаранок истифодабарии хароҷоти буҷети давлатӣ ва захираҳои молиявии дар ихтиёрдоштаи давлат, инчунин ба беҳтаршавии натиҷаҳои иқтисодӣ оварда мерасонад.

Адабиёт

1. Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, 31.01.2020 №1446.

2. Ғафуров, П. Ҷ. Асосҳои назариявии идоракунии молияи давлатӣ дар низоми идоракунии иқтисоди миллӣ / П. Ҷ. Ғафуров // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2025. – No. 4. – P. 276-280. – EDN LCAGFC.

3. Ғаффориен, М. Ш. Асосҳои методологии болобардории самаранокии маблағҳои буҷетӣ / М. Ш. Ғаффориен, Ҳ. М. Ширинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 7. – P. 51-55. – EDN GEHSXU.

4. Давлатзода, Д. А. Система бюджетных услуг в экономике Таджикистана: Теория, практика и механизмы управления/ Д. А. Давлатзода. –Душанбе: Ирфон, 2017. – 144 с. – ISBN 978-99975-0-820-1. – EDN MVMYLK.

5. Қодирзода, Д. Б. Сиёсати муосири молиявӣ ва вазъи рушди буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Д. Б. Кодирзода, Х. А. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – No. 1(40). – P. 315-320. – EDN UKXSBK.

6. Раҳимзода, Ф. М. Асосҳои назариявии идоракунии молияи давлатӣ / Ф. М. Раҳимзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 2(26). – P. 173-178. – EDN ZCYMQI.

7. Ҳикматов, С. Х. Буҷет ва низоми буҷетӣ / С. Х. Ҳикматов, С. С. Джахоншох, 2021. – 347 р. – ISBN 978-99985-993-8-3. – EDN QCHTPT.

8. Ҳикматов, С. Буҷети давлатӣ ва нақши он дар идоракунии молияи давлатӣ / С. Ҳикматов, М. И. Сафарова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – No. 4-2(39). – P. 239-247. – EDN HHBSFW.

Маълумот дар бораи муаллиф

Раҳимзода Фирузи Мадкарим-ассистенти кафедраи иқтисодиёти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Телефон: 988-21-55-51. E-mail: rakhimzoda2020@inbox.ru

Сведения об авторе

Рахимзода Фирузи Мадкарим-ассистент кафедры финансовая экономика Таджикского государственного финансово-экономического университета. Телефон: 988-21-55-51. E-mail: rakhimzoda2020@inbox.ru

About the author

Rahimzoda Firuzi Madkarim-Assistant of the Department of Financial Economics at the Tajik State University of Finance and Economics. Phone: 988-21-55-51. E-mail: rakhimzoda2020@inbox.ru

УДК: 339

УСУЛҲОИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

Шоҳмуродов А.М.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар мақола усулҳои мувофиқи танзими давлатии рушди инноватсионнии нақлиёти автомобилӣ асоснок карда шуда, тавсияҳо барои беҳтар намудаи фазои сармоягузорӣ барои рушди инноватсионнии нақлиёти автомобилӣ пешниҳод карда шудаанд.
Дар мақола таҳлили бозори ҳамлу нақл вобаста ба нарх, имтиёзҳои андозӣ барои истифодаи инфрасохтори роҳҳои автомобилгард ва параметрҳои таркиби ҳаракаткунандаи нақлиёти автомобилӣ оварда шудаанд.
Амсилаҳои танзими давлатии рушди инноватсионии нақлиёти автомобилӣ пешниҳод карда шуданд.
Калидвожаҳо: танзим, нарх, андоз, инфрасохтор, сармоя, навоварӣ, нақлиёт, нақлиёти автомобилӣ, фазои сармоягузорӣ.
Барои иқтибос: Шомуродов, А. М. Усулҳои танзими давлатии рушди инноватсионии нақлиёти автомобилӣ / А. М. Шомуродов // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 352-358.

МЕТОДЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ИННОВАЦИОННОЕ РАЗВИТИЕ АВТОМОБИЛЬНОГО ТРАНСПОРТА

Шохмуродов А.М.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотатция. В сатье обоснованы методы государственного регулирования инновационного развития автомобильного трнаспорта, предложены рекомендации по улучшению условий инвестирования инновационного развития автомобильного трнаспорта.
В сатье осуществлен анализ рынка перевозок в зависимости от цены, налоговые льготы для использования инфраструктуры автомобильных дорог и параметров подвижного состава автомобильного транспорта.
Предложены модели государственного регулирования инновационного развития автомобильного трнаспорта.
Ключевые слова: регулирование, ценообразование, налоги, инфраструктура, капитал, инновации, транспорт, автомобильный транспорт, инвестиционный климат.

METHODS OF STATE REGULATION OF INNOVATIVE DEVELOPMENT OF ROAD TRANSPORT

Shohmurodov A.M.
Tajik State University of Finance and Economics

Annotation. The article substantiates the appropriate methods of state regulation of innovative development of road transport and provides recommendations for improving the investment climate for innovative development of road transport.
The article provides an analysis of the transport market in terms of prices, tax incentives for the use of road infrastructure and parameters of the rolling stock of road transport.
The methods of state regulation of innovative development of road transport are presented.
Keywords: regulation, pricing, taxes, infrastructure, capital, innovation, transportation, motor transport, investment climate.

Гузориши масъала. Нақлиёти автомобилӣ яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёти миллӣ буда, дар таъмини ҳаракати молу маҳсулот ва аҳолии кишвар нақши муҳим мебозад. Дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ ва дигаргуниҳои технологӣ, масъалаи такмили танзими давлатии рушди инноватсионии ин соҳа аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Имрӯзҳо нақлиёти автомобилӣ дар ҷаҳон дар марҳилаи тағйироти бунёдӣ қарор дорад. Таҳаввулоти технологӣ, аз ҷумла истифодаи мошинҳои баркӣ, системаҳои идоракунии худкор, интернети ашё ва технологияҳои зеҳни сунъӣ, ба тамоми соҳа таъсири ҷиддӣ расонда истодаанд.

Дар ин замина, давлатҳо бояд сиёсати инноватсионии самарабахши худро барои ин соҳа таҳия ва амалӣ намоянд.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Вобаста ба масъалаи мазкур таҳқиқотҳо аз ҷониби Батукова Л.Р., Гойхер О.Л., Емельянов Ю.С., Маннапов Р.Г., Родинова Н.Д., Цукерман В.А., Горячевская Е.С. ва дигарон гузаронида шудааст.

Мақсади мақола – омӯзиши усулҳои танзими давлатии рушди инноватсионии нақлиёти автомобилӣ маҳсуб меёбад.

Муҳтавои асосии мавод. Тадқиқотҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки самтҳои муҳимтарини стратегии танзими дарозмуддати давлатии иқтисодиёт ва соҳаҳои он, аз ҷумла нақлиёти автомобилӣ дар шароити муосир инҳоянд:

-оқилона истифода бурдани моликияти давлатӣ, аз ҷумла, сарватҳои мавҷудаи табиӣ ва воситаҳои истеҳсолот;

-муайян намудани соҳаҳои афзалиятноки истеҳсолот ва ҳавасмандгардонии онҳо;

-таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии инноватсионӣ;

-таҳия ва татбиқи тадбирҳои танзими бозорҳои мол, захираҳо ва молиявӣ;

-танзими рушди минтақавӣ ва ғайра [7].

Бояд гуфт, ки усулҳои давлатии танзими ҷорӣ намудани инноватсияро метавон ба мустақим ва ғайримустақим тақсим кард. Истифодаи онҳо аз вазъи кунунии иқтисодии кишвар ва стратегияи инноватсионии интихобкардаи давлат барои рушди минтақаҳо вобаста аст.

Таҷрибаи ҷахонӣ нишон медиҳад, ки ҳамчун усули бавоситаи танзим инҳо истифода мешаванд: андозбандӣ ва қарздиҳии имтиёзнок; андозбандии таъхиршуда; ҳавасмандгардонии молиявию қарзии равандҳои гирифтани иҷозатномаи ташкилотҳои давлатии илмӣ ва донишгоҳҳо [8].

Усули маъмултарини танзими ғайримустақим дар ҷаҳон имтиёзҳои андозӣ мебошад. Маълум аст, ки чунин усулҳои танзими ғайримустақими фаъолияти инноватсионӣ қарзҳои андозӣ мебошанд. Онҳо бештар дар Австрия истифода мешаванд. Он ширкатҳое, ки ба таҳқиқоти илмӣ сармоягузорӣ мекунанд, имкон доранд, ки то 25% хароҷоти таҳқиқот ва таҳияро ҳамчун ҳавасмандкунӣ ба худ гиранд. Канада барои хароҷоти рушди илмӣ тақрибан 13% баробари 2 миллион доллари Канада имтиёзҳои андозӣ медиҳад[2]. Илова бар ин, барои ҳалли мушкилоте, ки дар назди ширкатҳо ба вуҷуд меоянд, вақте ки онҳо барои тадқиқоти инноватсионӣ маблағ сарф мекунанд, аммо то ҳол фоида ба даст намеоранд, таъхири андоз истифода мешавад.

Бояд гуфт, ки имкони таъсири давлат ба рушди инноватсионии корхонаҳо аз рушди нобаробари иқтисодиёти кишвар вобаста аст, дар ҳоле ки дар ҷумҳурӣ системаи возеҳи фаъолияти институтҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо назардошти хусусиятҳои муайяни минтақавӣ мавҷуд нест. Ин, дар навбати худ, боиси мушкилоти нав мегардад, ки асосан аз инҳо иборатанд [1]:

- низоми мавҷудаи андоз монеаи ҷорӣ намудани навоварӣ мебошад; -хароҷоти муомилотӣ хеле зиёд буда, боиси паст шудани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мегардад;

-таҳияи маҷмӯи қонунгузорие, ки ҳифзи соҳибкории миллиро таъмин менамояд, имконнопазир аст;

- механизми таъсири мутақобилаи системаҳои идоракунӣ дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ барои эҷоди механизми самараноки ҷорӣ намудани инноватсия мукаммал нест.

Ҳамин тариқ, дар асоси ин муқаррарот нақшаи ҳамкории давлат ва бозори инноватсияҳоро дар самти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва дастгирии фаъолияти инноватсионӣ таҳия карда шудааст. Маълум аст, ки бозори инноватсионӣ бо назардошти талабот ва пешниҳод ба вуҷуд меояд. Дар навбати худ, талабот ва пешниҳод аз як қатор омилҳо вобаста аст, ки аксари онҳо аз нақши давлат вобастагӣ доранд.

Дар шароити муосир ташаккули усулҳои ҳавасмандгардонии давлатии истифодаи технологияҳои инноватсионӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки ин соҳа мебошад. Ба онҳо инҳо дохил мешаванд:

-таҳияи стратегияи дарозмуддати рушди иқтисодиёти миллӣ бо мавқеи афзалиятнок оид ба истифодаи усулҳо ва технологияҳои инноватсионӣ;

-ба вуҷуд овардани фазои мусоиди инноватсионӣ, ки барои ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳими рушди устувори иқтисодӣ шароит фароҳам меорад. Дар баробари ин, чунон ки таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, шарти муҳими фароҳам овардани фазои мусоиди инноватсиони дар шароити иқтисоди бозорӣ афзоиши даромад ва беҳбудии сифати зиндагии аҳолӣ мебошад, ки барои рушди равандҳои инноватсионӣ дар он заминаи сармоягузорӣ ба вуҷуд меорад.:

-муайян намудани шароит барои ҳавасмандгардонии таҳия ва татбиқи инноватсияҳо тавассути ташаккули механизмҳои дахлдори ташкилию иқтисодӣ (имтиёзҳои андоз, ҳавасмандӣ, грантҳо ва ғайра);

-дар стратегияи рушди давлат ба инобат гирифтани хусусиятҳои маҳаллӣ, аз қабили шароити табиӣ, инфрасохтори мавҷуда, таъминот бо кадрҳо, мавқеъи ҷуғрофӣ, мавҷудияти захираҳои табиӣ, омилҳои демографӣ, таъмини захираҳо ва ғайра.

Марҳилаи муҳими татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди фаъолияти инноватсионӣ худи корхона мебошад. Тадқиқотҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки гузаштан ба роҳи рушди инноватсионии корхона дар марҳилаи омодасозии илмию техникии истеҳсолот сурат мегирад, ки марҳилаи рушд ва ташаккули рақобатпазирии корхонаҳои нақлиёти автомобилиро пешакӣ муайян мекунад. Дар ин ҷо муҳимтарин нишондиҳандаҳои ракобатнокӣ, ба монанди сифати боркашонӣ, нарх ва мӯҳлати ба бозор баровардани маҳсулоти нав таҳия карда мешаванд. Ҳамин тариқ, дар ин марҳилаи рушди инноватсионии корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ҳадафи асосӣ интенсификацияи равандҳои эҷод ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, дар асоси ташкили рақобат ва таваҷҷуҳ ба афзалиятҳои давлатӣ дар соҳаи сиёсати инноватсионӣ, идоракунии давлатӣ имкон медиҳад, ки иқтидори инноватсионии корхонаи нақлиёти автомобилӣ истифода шавад.

Таҳлили адабиётҳои илмӣ нишон дод, ки потенсиали инноватсионии корхонаро метавон маҷмӯи шартҳое донист, ки қобилияти инкишоф ва рушди фаъолияти инноватсиониро доранд [5]. Дар баробари ин, сатҳи дахлдори идоракунӣ ва роҳи инноватсионии рушди корхона бояд дар ҳамкорӣ бошад, ки онро дар иқтисодиёти муосир мушоҳида кардан мумкин аст ва метавонад аз рӯи принсипи равиши системавӣ амалӣ карда шавад, ки мавҷудияти пайвастҳои мустақим ва баръакс дорад.

Ба ҳамин тариқ, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ҷорӣ намудани навоварӣ интенсификатсияи раванди инноватсиониро пешакӣ муайян мекунад, ки ин дар навбати худ барои инкишофи иқтидори инноватсионии корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ имконият фароҳам меоварад, чунин механизми ташкилию иқтисодии ҷорӣ намудан ва инкишоф додани навоварӣ, яъне, маҷмӯи механизму усулҳои иқтисодие, ки ба амалӣ гардондани фаъолияти инноватсионӣ имкон медиҳанд, барои ҷорӣ намудани
ҷараёни паҳн ва дар истеҳсолот истифода бурдани комёбиҳои ҳозиразамони илму техника ва технология шароит фароҳам оварда мешавад [7].

Бояд тазаккур дод, ки механизми идоракунии баррасишаванда махсусан барои кишварҳои дорои иқтисоди бозаргонӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст, зеро дар кишварҳои дорои иқтисоди бозорӣ ин сатҳи идоракунӣ аллакай дар амал истифода мешавад, зеро ташаккул ва санҷиши он аз озмоиши вақт гузаштааст. **Ҳ**амин тавр, таҳлили рафти ба амал баровардани инқилоби илмию техникӣ дар ин мамлакатҳо дар солхои 50—60-ум. нишон медиҳад, ки он дар натиҷаи ҳамкории самарабахши принципҳои давлат ва бозор ба амал омадааст [2].

Қобили зикр аст, ки ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар бозори нақлиёти автомобилӣ дар шароити беназири ислоҳоти иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз ин рӯ, заминаи рушднаёфтаи ҳуқуқию меъёрӣ, муносибатҳои танзимнашавандаи истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ байни иштирокчиёни бозор ба амал омад. Дар рафти дигаргунсозӣ мушкилиҳои ҷиддӣ ба миён омаданд: азнавтақсимкунии бесобиқаи гардиши бор ба фоидаи нақлиёти автомобилӣ, нопурра конеъ гардондани талабот аз ҷиҳати ҳаҷм ва сифат дар заминаи паст шудани суръати интиқоли бор дар солҳои охир дарзаминаи коҳиши кам шудани иқтидори инфрасохтор дар баъзе самтҳои интиқоли бор, инчунин ба тариқи мутлақ ва нисбӣ зиёд шудани арзиши хизматрасонии операторӣ дар ҳамлу нақли борҳо ва ғайра.

Бояд гуфт, ки чун қоида, ин мушкилот аз ҷиҳати технологӣ ва ҳуқуқӣ таҳлил карда шуда, таҳлили иқтисодӣ ба баҳодиҳии пулии тағйироти ба амаломада ё пешбинишавандаи нишондиҳандаҳои фаъолияти нақлиёти
автомобилӣ тамаркуз карда мешавад.

Бо дарназардошти таҷрибаи андӯхташудаи тағйирот дар нақлиёти автомобилӣ ташаккули бозори боркашонии автомобилиро аз нуқтаи назари назарияи иқтисодӣ таҷлил намуда, ба муҳимтарин категорияҳои иқтисодии бозорӣ – талабот, пешниҳодот, мувозинати онҳо, ва дар ин замина сабабҳои бунёдии ба вуҷуд омадани мушкилӣ ва роҳи бартараф намудани онҳо ва на камтар аз ин ошкор намудани он роҳҳое, ки вазъиятро ба эътидол оварда наметавонанд.

Бояд гуфт, ки дар марҳалаҳои ибтидоии ислоҳоти сохтории иқтисодиёти Тоҷикистон пойгоҳи таркиби ҳаракаткунанда ва ҳолати роҳҳо ба тараққиёти соҳаи нақлиёти автомобилӣ

мусоидат намекарданд ва ба вазифахои ислоҳоти иқтисодиёт мувофик набуданд. Аз ин рӯ, таҳияи рафъи бунбасти нақлиётӣ- коммуникатсионӣ ва ба кишваре, ки ба вуҷуд овардани комплекси ягонаи инфрасохтор ва таъминоти фазоии раванди боркашониро талаб мекард, ба кишвари транзитӣ табдил додани он яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа буд. Роҳҳо бояд бо бори тирии 10 тонна ба як тир таҷдид карда шуданд, ки ин ба истифодабарии нақлиёти хориҷӣ мусоидат намуда, таркиби ҳаракати нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҷиҳати суръат ва ҳадди болоии иқтидори борбардорӣ беҳтар намуд.

Ҳамин тавр, мо дар кори диссертатсионии худ баъзе фарзияҳои назариявиро низ истифода бурдем, ки барои кушодани моҳияти асосии ҳодисаҳои гуногуни иқтисодӣ имконият медиҳанд. Бинобар ин, мо дар ин ҷо дар бораи як модели бунёдӣ сухан меронем, ки таъсири он дар бозори наклиёти автомобилӣ инъикос меёбад, вале таъсири омилҳои гуногунро (масалан, тағйироти технология, шароити бозор, характери ҳамкории байни субъектҳои алоҳидаи бозор ва ғайраро) дар бар намегирад.

Аз ин хотир, вазифаи ин марҳилаи тадқиқот таҳияи модели бунёдии бозори нақлиёти автомобилӣ дар категорияҳои «талабот - пешниҳод», дар координатҳои «тариф - ҳаҷми боркашонӣ» мебошад.

Ташаккули бозори боркашонии автомобилӣ дар шароити беҳамтои ислоҳоти иқтисодии кишвар, аз ин хотир бо заминаи инкишофнаёфтаи ҳуқуқӣ ва меъёрӣ ва муносибатҳои танзимнаёфтаи истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ ба амал омад. Дар раванди он тағйирёбии то ҳол диданашавандаи боркашонӣ ба самти афзоиши ҳиссаи нақлиёти автомобилӣ ба вуҷуд омаданд.

Бо назардошти таҷрибаи андӯхтаи табдилдиҳиҳои сохторӣ дар нақлиёти автомобилии кишвар бояд созмонёбии бозори боркашонии автомобилиро аз нуқтаи назари назарияи иқтисод, диққатро ба мафҳумҳои асосии он талабот ва пешниҳодот ва ҳолати мувозинат такя намуда сабабҳои бунёдии ба амал омадани мушкилоти боркашонии автомобилӣ ва роҳҳои ҳали он дар заминаи ҷорӣ намудани инноватсияҳо дарёфт карда шаванд

Ҳамин тариқ, барои ноил шудан ба ҳолати мақсаднок - таъмини мувозинати воқеии талабот ва пешниҳод дар бозори нақлиётии боркашонӣ, арзон кардани он барои муштариён, бояд таъмин карда шавад. Дар баробари андешидани тадбирхои ба ҳам мувофиқ кунондани парки таркиби харакаткунанда аз ҳад зиёд (ғайримувозин) харида гирифтани он ба сифати истифодаи он (ва аз ҳама муҳимаш сифати боркашонӣ) таъсири мусбат мерасонад, дараҷаи зхарурии парки таркиби ҳаракаткунанда ва инкишоф додани таъминоти инфрасохторӣ ва фазоии он таъмин карда мешаванд.

Аз ин рӯ, танзими пешниҳодоти инфрасохторӣ ва фазоии ҳамлу нақли автомобилӣ мувофиқи парадигмаи синергетикӣ имкон медиҳад, ки нобаробарӣ ва ноустувории кунунии бозорро ба ангезаҳои пешниҳоди мувофиқи талабот табдил дода ва дар ин замина ба даст овардани беҳтарин натиҷаҳои иқтисодӣ имконпазир мегардад.

Дар маҷмӯъ, бо мақсади рафъи мушкилоти ҳангоми ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти автомобилӣ ба инфрасохтор бо истифода аз механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо мақсади пайваста зиёд намудани ҳаҷми аз ҷиҳати техникӣ инноватсионии пешниҳодоти нақлиёти боркашонӣ, ки аз моделҳои пешниҳодшуда бармеояд, он имкон медиҳад, ки дараҷаи бори тарифӣ умуман барои хоҷагии халқ ва ахолӣ ҳангоми кашондани бор ва мусофир кам карда шавад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили моделҳои назариявии таҳияшуда, барои рушди босамари бозори нақлиёти автомобилӣ, баланд бардоштани дастрасии нақлиёт ва кам кардани сарбории тарифӣ ба тоҷирони мол, зарур ба назар мерасад, ки сармоягузорӣ ба рушди инноватсионии инфрасохтор ва дастгирии фазоии дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШҲД) ба роҳ монда шаванд.

Бояд гуфт, ки тадбирҳои дастгирии давлатии лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки лоиҳаҳои инноватсионии сохтмон ва таҷдиди инфрасохтори роҳ дар доираи ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ мебошанд, ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд. Гурӯҳи якум ба тарафи молиявии лоиҳа дахл дорад, яъне, расонидани ёрии молиявии бевосита ё бавосита. Гурӯҳи дуюм бештар ба тадбирҳои танзимкунанда марбут аст, ки ба ҷалби сармоягузорони хусусӣ ва кредиторон нигаронида шудаанд, яъне. додани кафолатҳои гуногун, дароз кардани мӯҳлати консессия, ҳифз аз рақобат ва ғайра [4].

Дар ин ҳолат, фоидаҳо барои ҳар як ҷонибҳои манфиатдор инҳоянд:

-барои бахши давлатӣ - идоракунии самараноки харочот ва зудтар анҷом додани сохтмони лоиҳа ба шарофати иштироки бахши хусусӣ, интиқоли технология ва ноу-хау, тақсими хавфҳо, идоракунии самараноки бахши хусусӣ, тақсимоти беҳтари маблағҳои буҷетӣ; маблағҳо, рушди

бозорҳои сармоя ва бахши бонкӣ, ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ ва байналмилалӣ, имкони тарҳрезии таҷрибаи ширкатҳои хусусӣ дар соҳаи бунёди иншооти инфрасохторӣ ба дигар объектҳои шабеҳе, ки маблағгузорӣ аз манбаъҳои давлатӣ талаб мекунанд;

-барои бахши хусусӣ – кушодани бозор, ки қаблан ба бахши давлатӣ тааллуқ дошт, хавфи маҳдуди молиявӣ (маблағҳои худӣ дар ҳаҷми 10-30%), имконияти амалиёти ғайритавозунӣ, дурнамои ба даст овардани меъёри қобили қабули баргаштан, ба даст овардани таҷриба дар идоракунии лоиҳаҳои калон ва баланд бардоштани обрӯ дар бозор;

-барои истеъмолкунандагон - тақсимоти беҳтари даромадҳои андоз, беҳтар кардани сифат ва самараноктар идоракунии лоиҳаҳо, имкони ба даст овардани таъсири мусбати беруна дар соҳаҳои ҳамҷавори иқтисодиёт, паст кардани тарифҳо барои истифода.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта оид ба иштироки воқеии бахши хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои инноватсиони метавонад вобаста ба шакли интихобшудаи шарикӣ ва миқёси додани ваколатҳои моликият ба шарики хусусӣ афзоиш ё баръакс коҳиш ёбад. Бояд гуфт, ки вариантҳои экстремалӣ ё муносибатҳои оддии шартномавӣ (шартномаҳо оид ба кор ва хизматрасонӣ) бо ҳар як шарик тамоми ҳуқуқи моликиятро пурра нигоҳ доштан ё хусусигардонии пурра, яъне аз давлат ба шарики хусусӣ гузаштани ниҳоии ҳуқуқи моликият мебошанд. Дар байни ин ду қутб вариантҳо ва шаклҳои зиёди муносибатҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ мавҷуд аст, ки ба дараҷаҳои гуногуни додани ваколатҳои муайяни молик аз давлат ба соҳибкори хусусӣ дар мӯҳлат ва шартҳои пешбининамудаи шартномаи дахлдор асос ёфтаанд.

Бояд гуфт, ки Котиботи ОЭСР [4] (Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва рушд) шаш принсиперо муайян мекунад, ки ба ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар бахши инноватсия хосанд, аз ҷумла:

-тарафҳои шарикӣ бояд ҳам аз ҷониби бахши давлатӣ ва ҳам бахши хусусии иқтисодиёт намояндагӣ кунанд;

- муносибатҳои байни тарафҳои шарикии давлатию хусусӣ бояд дар ҳуҷҷатҳои расмӣ (созишномҳо, барномаҳо ва ғайра) қайд карда шаванд;

- муносибатҳои байни тарафҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бояд шарикӣ, яъне характери баробар дошта бошад;

- тарафҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бояд ҳадафҳои умумӣ ва манфиатҳои дақиқ муайяншудаи ҷамъиятӣ дошта бошанд;

- тарафҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бояд саҳми худро барои ноил шудан ба ҳадафҳои умумӣ муттаҳид созанд;

- тарафҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бояд хароҷот ва хавфҳоро байни худ тақсим кунанд, инчунин дар истифодаи натиҷаҳои бадастомада иштирок намоянд.

Бояд гуфт, ки ба гуфтаи коршиносони Комиссияи иқтисодии СММ барои Аврупо, ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ як шакли ҳамкории сохторҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ бо мақсади амалӣ намудани лоиҳаҳои бузург дар соҳаи инфрасохтор мебошад, ки дар он захираҳо, бартариятҳо ва имкониятҳои ҳар як иштирокчии лоиҳа якдигарро пурра мекунад. Ҳамин тариқ, ҳамкории байни онҳо тавассути тақсимоти хатарҳо ва масъулиятҳо дар
асоси муносибати оқилона ва ноил шудан ба мувозинати оптималӣ мувофиқи дастгирии молиявии лоиҳа барои ҳар як тараф сурат мегирад.

Таҷрибаи истифодаи ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар соҳаи инноватсия панҷ модели
асосии ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ ташаккул ёфтаанд, ки бо шаклҳои махсуси моликият, маблағгузорӣ ва идоракунӣ хосанд [3]:

1)модели оператор – маблағгузории хусусӣ ва идоракунӣ ва мавҷудияти моликияти хусусию давлатиро дар назар дорад;

2) модели кооператсия – маблағгузорӣ ва идоракунии давлатию хусусӣ дар мавҷудияти моликияти давлатию хусусӣ;

3)модели консессионӣ – маблағгузории давлатӣ ва хусусӣ ва идоракуниро дар мавҷудияти моликияти давлатӣ дар бар мегирад;

4) модели шартномавӣ – маблағгузории хусусӣ ва идоракунии худро дар сурати мавҷудияти моликияти хусусӣ-давлатӣ дар бар мегирад;

5) модели лизинг - маблағгузории давлатӣ ва хусусӣ ва идоракуниро дар мавҷудияти моликияти хусусӣ дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, принсипи асосии консепсияи ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ аз он иборат аст, ки давлат ба кадом хадамот ва инфрасохтор эҳтиёҷ доштани онро муайян мекунад ва

сармоягузорони хусусӣ тадбирҳое пешниҳод мекунанд, ки бояд ба талаботи давлат бештар ҷавобгӯ бошанд.

Бояд гуфт, ки дар натиҷаи таҳқиқот диаграммаи асосии шарикии иштирокчиёни ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар соҳаи инфрасохтори роҳҳо таҳия карда шуд (расми 1).

Таҳлили таҷрибаи интихоби модели ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ нишон медиҳад, ки он аз минтақаи инфрасохторе, ки дар он лоиҳа амалӣ мешавад, вобаста аст. Модели оператор бо тақсимоти дақиқи масъулият байни корхонаи хусусӣ ва назорат аз ҷониби фармоишгар (давлат) тавсиф мешавад ва аз ҳама бештар, масалан, дар саноати коркард истифода мешавад.

Модели кооператсия бештар дар соҳаҳое истифода мешавад, ки дар онҳо хизматрасонӣ дуруст муайян карда нашудааст ва бинобар ин наметавон мутаносибан ба ҳаҷми хидматҳои иҷрошуда амортизатсия карда шавад. Дар ин ҳолат, лоиҳа аз ҷониби як ширкати муштараки лоиҳавӣ бо иштироки сармоягузорони давлатӣ ва хусусӣ амалӣ карда мешавад.

Модели консессионӣ – асосан дар соҳаҳое истифода мешавад, ки бо мӯҳлатҳои дарози татбиқи лоиҳа тавсиф карда мешаванд ва дар ҳолатҳое, ки додани ҳуқуқи моликият бо сабабҳои сиёсӣ ё ҳуқуқӣ истисно карда мешавад (инфрасохтори нақлиёт).

1.Ташаккул ва ифодаи ташаббуси давлат

↓

2.Пешниҳоди бизнеси хусусӣ нисбати амалӣ сохтани ташаббуси пешниҳодшуда

↓

3. Мувофиқакунии шартҳои мавҷуда ва манфиатҳои давлат ва бизнеси хусусӣ, ки дар доираи лоиҳаҳои ояндаи ШДХ амалӣ карда мешаванд.

↓

4.Мустаҳкам намудани шартҳои ба даст омадаи миёни давлат ва бизнеси хусусӣ

↓

5. Иҷрои ӯҳдадориҳои дар доираи ШДХ гирифташуда

↓

6.Таҳлили натиҷаҳои ба даст омадаи ШДХ

↓

7.Таҳияи млделҳои нисбатан нави (нисбатан мутараққии) ШДХ.

↓

8. Ташаккули ташабусҳои нав аз тарафи давлат

Расми 1. Схемаи бунёдии таъсири мутақобилаи иштирокчиёни ШДХ дар мавриди амалӣ сохтани лоиҳаҳои инноватсионии инфрасохтори роҳҳои автомобилгард

Модели шартномавӣ дар бахши энергетика аст, ки дар он сармоягузорӣ асосан ба кам кардани хароҷоти ҷорӣ нигаронида шудааст. Дар ҳолати идеалӣ сарфае, ки тавассути кам кардани хароҷоти амалиётӣ ба даст оварда шудаанд, аз хароҷоти сармоягузорӣ зиёдтаранд. Намунаи лизинг – барои сохтмони биноҳои ҷамъиятӣ. Лизинг аз ҷониби ҳукуматҳои маҳаллӣ шакли маъмултарини ШДХ мебошад, ки дар татбиқи он давлатҳо таҷрибаи зиёд ҷамъ кардаанд. Дар амал, ин моделҳо хеле кам дар шакли холис пайдо мешаванд, аксар вақт шакли омехтаи онҳо истифода мешаванд.

Адабиёт

1. Батукова Л.Р. К вопросу об инновационной модернизации социально-экономической системы региона // Региональная экономика: теория и практика.-М.: 2013.-№11.-С.37-42;Емельянов Ю.С.Государственно-частное партнерствл в инновационной сфере: зарубежный и российский опыт.М.:URSS: ЛИБРОКОМ,2012.-253 с.

2. Гойхер О.Л. Повышение эффективности управления институтами в структуре инновационной политики региона // Региональная экономика: теория и практика.М.,2012.-№1.-С.24-29; Голиченко О.Г. Основные факторы развития национальной инновационной системы // Рос.акад.наук, ЦЭМИ.- М.: Наука,2011.-:33 с.

3. Государство и бизнес: институциональный аспект. М.: ИМЭМО РАН,2000.-С.40.

4. Емельянов Ю.С. Государственно-частное партнерство в инновационной сфере: Зарубежный и российский опыт/ Общ.ред.и предисл. С.Н.Сильвесторова. М. Книжный дом “ЛИБРОКОМ”, 2012.- 256 с. –С.55

5. Маннапов Р.Г. Модернизация системы управления экономикой региона в условиях инновационного развития// Региональнаяэкономика.-М., 2013.-№33.-С.2-9; Малютин А. Управление изменениями в инновационной деятельности регониальных организаций // Экономист.М., 2013.-№10.-С.23-28.

6. Мезоэкономика переходного периода: рынки, отрасли, предприяти// Под ред. Клейнера Г.Б. – М.: Наука,2001.-С.516; Гурков И.Б.Стратегия и структура корпорации.-М.:Дело,2008.- С.288.

7. Родинова Н.Д. Сетевой подход к управлению развитием инновационной сферы региона// Региональная экономика:теория и практика.М.,2013.-№4.-С.46-51; Санникова И.Н. Оценка инновационного потенциала предприятия для управления развитием// Менеджмент в России и за рубежом.-М.,2013.-№3.-С.57-64.

8. Цукерман В.А., Горячевская Е.С. Зарубежный и отечественный опыт государственного регулирования инновационного развития.-М.: Дело,2011.-С.288; Варнавский В.Г. Партнерство государства и частного сектора: формы, проекты, риски.-М.:Наука,2005.- С324.

Маълумот дар бораи муаллиф

Шохмуродов Абдулло Маҳмадмуродович-омӯзгори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734064, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов, 64/14. Телефон: +992 985-33-52-59

Сведения об авторе

Шохмуродов Абдулло Махмадмуродович- преподаватель Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Душанбе, ул. Нахимова, 734064, 64/14. Телефон: +992 985-33-52-59

About the author

Shohmurodov Abdullo Mahmadmurodovic- lecturer at the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734064, Dushanbe, Nakhimov str., 64/14. Phone: +992 985-33-52-59

УДК: 336.71

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАНАМОИИ ҷУВЗДОНИ ҚАРЗИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

Самарддини Ш.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Қарздиҳӣ яке аз манбаҳои асосии даромадоваранда барои бонкҳои тиҷоратӣ маҳсуб меёбад. Қарздиҳӣ дар фаъолияти бонки тиҷоратӣ нақши калидиро касб менамояд. Зеро маҳз дар натиҷаи татбиқи амалиётҳои қарзӣ, бонки тиҷоратӣ даромад ба даст оварда, уҳдадориҳои худро дар назди саҳҳомон ва мизоҷон ба пуррагӣ иҷро менамоянд. Бинобар ин, вазни қиёсии қарз ва хизматарсонии қарзӣ дар доираи амалиётҳои фаъоли бонкҳои тиҷоратӣ назаррас мебошад. Дар навбати худ, ҷувздони қарзӣ ва махсусан сифати он ифодагари сиёсати бомароми бонки тиҷоратӣ маҳсуб меёбад, чунки дар шароити имрӯза яке аз сабабҳои аслии муфлисшавии бонкҳои тиҷоратӣ, дар сатҳи паст қарор доштани сифати ҷувздони қарзӣ ба шумор меравад. Бо назардошти мубрамияти масъалаи мазкур, муаллиф дар таҳқиқоти амалӣ намудааш, талош доштааст то назарияҳо ва рӯйкардҳои мухталифи мавҷударо дар самти ҷувздони қарзӣ ва идоранамоии он мавриди омӯзишу пешниҳод қарор диҳад. Муаллиф, дар раванди омӯзишу баррасии масоили мансуб ба идоранамоии ҷувздони қарзӣ, назарияи олимони мухталифро таҳқиқ намуда, ҳамзамон рӯйкардҳои мавҷудаи мушаххассозандаи раванди идоранамоии ҷувздони қарзиро мавриди баҳрабардорӣ қарор додааст.

Калидвожаҳо: бонки тиҷоратӣ, ҷувздони қарзӣ, идоранамоӣ, стратегия, сифат, назорат, танзим, хавф, даромад, иқтисод, маблағгузорӣ, қарздиҳӣ.

Барои иқтибос: Самарддини, Ш. Асосҳои назариявии идоранамоии ҷувздони қарзии бонкҳои тиҷоратӣ / Ш. Самарддини // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 359-365.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ УПРАВЛЕНИЯ КРЕДИТНЫМ ПОРТФЕЛЕМ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ

Самарддини Ш.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. Кредитование является одним из основных источников дохода коммерческих банков. Кредитование играет ключевую роль в деятельности коммерческого банка. Ведь именно в результате кредитных операций коммерческий банк получает доход и полностью выполняет свои обязательства перед акционерами и клиентами. Поэтому сравнительный вес кредита и кредитных услуг в рамках активной деятельности коммерческих банков значителен. В свою очередь, кредитный портфель и особенно его качество считаются выражением устойчивой политики коммерческого банка, поскольку в сегодняшних условиях одной из основных причин банкротства коммерческих банков является низкое качество кредитного портфеля. Учитывая сложность данной проблемы, автор в своем исследовании предпринял попытку рассмотреть и представить различные теории и подходы в области кредитного портфеля и управления им. В процессе изучения и обсуждения вопросов, связанных с управлением кредитным портфелем, автор изучил теории различных ученых и одновременно использовал существующие подходы, характеризующие процесс управления кредитным портфелем.

Ключевые слова: коммерческий банк, кредитный портфель, управление, стратегия, качество, контроль, регулирование, риск, доход, экономика, финансирование, кредитование.

THEORETICAL FOUNDATIONS OF COMMERCIAL BANK LOAN PORTFOLIO MANAGEMENT

Samarddini Sh.
Tajik State University of Finance and Economics

Abstract. Lending is one of the main sources of income for commercial banks. Lending plays a key role in the operations of a commercial bank. It is through lending that a commercial bank generates income and fully fulfills its obligations to shareholders and clients. Therefore, the relative importance of loans and credit services in the active operations of commercial banks is significant. In turn, the loan portfolio, and especially its quality, is considered an expression of a commercial bank's sustainable policy, since in today's environment, one of the main causes of commercial bank bankruptcy is the poor quality of the loan

portfolio. Given the complexity of this problem, the author attempted to examine and present various theories and approaches in the field of loan portfolio and its management. In studying and discussing issues related to loan portfolio management, the author examined the theories of various scholars and simultaneously utilized existing approaches characterizing the loan portfolio management process.
Key words: commercial bank, loan portfolio, management, strategy, quality, control, regulation, risk, income, economics, financing, lending.

Гузориши масъала. Бонкҳои тиҷоратӣ дар марҳилаҳои мухталифи хоҷагидорӣ ба унвони пайвандагари асосии равобити иқтисодӣ арзёбӣ мегарданд. Дар ҳоли ҳозир, фаъолияти босуботи иқтисод аз фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ вобастагии зиёд дорад. Бонкҳои тиҷоратӣ дар иқтисоди бозорӣ, ҳамчун манбаи асосии қарз ва сармоягузориҳо барои бахшҳои мухталифи иқтисодӣ ва аз ҷумла, бахши воқеӣ баромад менамоянд.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Дар доираи мавзуи мазкур муаллиф аз таҳқиқотҳои Байкова С.Д., Демко О.В., Тавасиев А.М., Панова Г.С., Алпатов Г.Е., Базулин Ю.В., Антонов Н.Г., Пессель М.А., Балакина Р.Т., Галдецкий П.В., Буланов Ю.Н., Гамза В.А., Давлатзода Қ. Қ., Ҳусайнов М. С., Халифазода Д. Б. истифода намудааст.

Мақсади мақола – ин омӯзиши асосҳои назариявии идоранамоии ҷузвдони қарзии бонкҳои тиҷоратӣ мебошад.

Муҳтавои асосии мавод. Бонкҳои тиҷоратӣ дар замони муосир ба муштариёни худ доираи мухталифи амалиётҳо ва хизматарсониҳои бонкиро бо мақсади гирифтани фоида пешкаш мегардонанд. Тавре аз мушоҳидаҳо бар меояд, муҳимтарин амалиёт барои дилхоҳ муассисаи қарзӣ, дар саросари ҷаҳолн амалиётҳои қарзӣ дониста мешаванд. Бар ин асно, низоми идоранамоии ҷувздони (портфели) қарзӣ барои дилхоҳ бонки тиҷоратӣ нуқтаи калидӣ маҳсуб меёбад. Ҷувздони қарзӣ дар дарёфт ва коркарди роҳи нисбатан муносиб барои тавсеа ва равнақи сиёсати қарзии бонки тиҷоратӣ нақши созгорро ичро менамояд.[1].

Ҷувздони қарзӣ дар айни ҳол ба унвони асоситарин манбаи даромад барои бонки тиҷоартӣ арзёбӣ мегардад, аммо бояд зикр дошт, ки дар баробари сердаромадтарин сарчашма буданаш, ҷувздони қарзӣ ҳамчунон барои ташкилоти қарзӣ хавфҳои зиёдро ба бор меовард. Ногуфта намонад, ки ҳама вижагиҳои аслии бонки тиворатӣ (натиҷаҳои молиявӣ, бозоргирӣ, нуфузу эътибор) аз чигунагии сифати мувозинатии ҷувздони қарзӣ, сохтор ва низоми идоранамоии он вобастагии зиёд дорад. Барои дарки моҳияти аслии ҷувздони қарзӣ, лозим аст ҷувздони қарзиро дуруст таъриф намоем. Дар ҳоли ҳозир, равишҳои мухталифе дар бораи таърифи ҷувздони қарзӣ вуҷуд дорад. Ҳамин тавр, ҷувздони қарзӣ ин маҷмӯи маҳакҳои молиявӣ ва моддие мебошад, ки фурсат медиҳад то моҳияти хусусият, доманаи фаъолият ва имконоти як ташкилоти қарзиро дар воқеъ дарк намоем.

Ҷувздони қарзӣ, бо гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди сармоядорӣ куллан ранги дигарро дар худ гирифт, зеро дар модели иқтисоди нақшавӣ, ки аз ҷумла, бонкҳои кишвар бар асоси он амал менамуданд ба ин масъала аҳамият дода намешуд, аммо бо гузариш ба иқтисоди сармоядорӣ дарки дурусти он ва махсусан идорнамоии самаранкои он, муҳимтарин шарт барои таъмини фаъолияти босуботи ташкилоти қарзӣ маҳсуб меёбад.

Дар айни ҳол, андеша ва назарот дар мавриди истилоҳи ҷувздони қарзӣ зиёд ба назар мерасад, барои мисол Тавасиев А.М., [2]. ҷувздони қарзиро чунин шарҳ додааст-ҷувздони қарзӣ ин баста ва ё маҷмӯи талаботҳои бонки тиҷоратӣ аз рӯи қарзҳо мебошад, ки бо таваҷҷӯҳ ба меъёрҳои марбут бо омилҳои мухталифи хавфи қарзӣ ва равишҳои бартарафкунандаи он ҳифз карда мешавад. Бояд иброз дошт, ки ин нуқтаи назарро дигар мутафаккир А.Н., Азрилиян низ дастгирӣ менамояд. Ба андешаи ӯ ҷувздони қарзӣ фарогири маҳакҳои зер мебошад:




Расми 1. Маҳакҳои ҷувздони қарзии бонки тиҷоратӣ

Г.В. Меняйло бошад, муътақид аст ки ҷувздони қарзӣ - номгӯи қарордоҳои амалкунанда барои тақсимнамоии воситаҳои қарзӣ мебошад. Иловтан, бояд зикр дошт, ки тафсири ҷувздони қарзӣ ҳам шакли густурда ва ҳам дар шакли маҳдудшуда баён гардидааст. Дар маънои густурда, ҷувздони қарзӣ фарогири ҳама дороиҳои молиявӣ ва уҳдадориҳои бонк арзёбӣ мегардад. Ин нуқтаи назарро Э.Ҷ. Долан дастгирӣ менамояд. Аммо, дар маънои маҳдудшуда бошад, амалиётҳои қарзии бонки тиҷоратӣ ба ҷувздони қарзӣ шуморида мешаванд. Ин назарот тавассути Г.С. Панова дастгирӣ ёфтааст [3]. Дигар муҳаққион бошанд, ба ин назаранд, ки ҷувздони қарзӣ ин маҷмӯи унсурҳои таснифшуда мебошад. Дар баробари он, бархе аз олимон ҳангоми тафсири муҳтавои ҷувздони қарзӣ, мафҳуми ҷувздонро ба унвони асос қарор додаанд. Бар ин асно, бо такя ба назароти баёнгардида, метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки портфели қарзии бонк ин маҷмӯи талаботҳои бонк мебошад, ки бар асоси талаботҳои бонки тиҷоратӣ дар бозори молиявӣ манша мегирад.

Идоранамоии ҷувздони қарзӣ метавонад дар расидан ба доромадҳои зиёд бо сатҳи нисбатан пасти хавфҳо ва сатҳи зарурии бозоригирии бонки тиҷоратӣ мусоидат намояд. Дар ҳоли ҳозир, бо назардошти афзоишёбии қарзҳои мушкилситон дар бонкҳои тиҷоратӣ, масоили идоранамоии ҷувздони қарзӣ торафт мубрамияти бештарро касб намудаистодааст. Дар адабиёти иқтисодии мавҷуда, ба муҳимияти бешаки идоранамоии ҷувздони қарзӣ ишора гардидааст, аммо дар баробари он ба ифшои моҳият ва таркиби он аҳамияти қобили таваҷҷӯҳ дода намешавад. Дар аксар маврид, муаллифон бахшҳои ҷудогонаи идоранамоиро бидуни равиши маҷмӯӣ нисбат ба ин зуҳурот мавриди омӯзишу таҳлил қарор додаанд. Баъзе аз муаллифон бошанд, зимни тавсифи ҷувздони қарзии бонкӣ, ба он назаранд, ки ин мафҳум, дар ибтидо ҷиҳати идоранамоии қарз бар асоси таҳлил ва танзими махсус ихтисос дода шудааст [4]. Дар адабиётҳои мансуб ба илми иқтисод рӯйкардҳои (равиш)мухталиф дар мавриди моҳият ва муҳтавои идоранамоии ҷувздони қарзӣ арзи вуҷуд дорад, аммо бобати худи мафҳуми идоранамоии ҷувздони қарзӣ таҳқиқотҳо ба мушоҳида намерасад, махсусан дар сарчашмаҳои ватанӣ ва адабиётҳои марбут ба олимони рустабор. Дар айни ҳол якчанд рӯйкарди асосии тавсифкунандаи моҳияти мафҳуми идоранамоии ҷувздони қарзӣ аз ҳам ҷудо карда мешавад. Муаллифони ғарбӣ дар аксар ҳолат идоранамоии ҷувздони қарзиро ба воситаи он вазифаҳое муайян менамоянд, ки метавонанд дар татбиқи идоранамоӣ мусоидат намоянд, махсусан дар самти даромаднокии қобили қабул, нигоҳдории сохтори захираҳои қарзӣ дар сатҳи зарурӣ ва равнақи тиҷорат ҳам дар тарафи фаъол ва ҳам дар тарафи ғайрифаъоли тавозун [5].

Доираи ҷудогонаи муҳаққиқон рӯйкардҳои танзимӣ ва ба хавф нигаронидашударо хоси муҳтавои мафҳуми идоранамоии ҷувздони қарзӣ мепиндоранд. Қобили зикр аст, ки Бонкҳои марказии баъзе аз кишварҳои хориҷӣ рӯйкарди аввалияро қобили қабул медонанд. Дар доираи ин рӯйкард талафотҳои интизоришаванда бояд аз ҳисоби маржа (иловапулиҳои мансуб ба меъёрҳои фоизӣ) ва ё аз ҳисоби захираҳо барои пушонидани талафот ҷуброн карда мешаванд [6]. Яке аз унсурҳои ин рӯйкард муқаррарнамоии меъёрҳои иқтисодии танзимкунандаи фаъолияти қарзии бонкҳо аз тарафи бонкҳои марказӣ маҳсуб меёбад.

Дар мавриди рӯйкарди танзимӣ бошад, ишора бар он аст, ки он теъдоди меъёрҳои арзёбикунандаи сифати қарзҳоро маҳдуд менамояд. Дар баробари он, дар ин рӯйкард методикаи таҳлилнамоии пӯёи сохтори ҷузвдони қарзӣ вуҷуд надорад, иловатан дар ин рӯйкард, равиши ягона барои арзёбинамоии хавфи қарзӣ бар асоси низоми заҳибаҳо ба мушоҳида намерасад. Дар рӯйкарди ба хавф нигаронидашуда, таваҷҷӯҳи асосӣ ба гурӯҳи хавфҳои ба сохтор ва таркиби ҷузвдони қарзӣ таъсиррасон нигаронида шудааст:




Расми 2. Гурӯҳи хавфҳои ба сохтор ва таркиби ҷузвдони қарзӣ таъсиррасон нигаронида шуда

Дар чунин рӯйкард барои тавзеҳи ҷараёнҳои молиявии ҷузвдони қарзӣ ва таъмини иҷрои маҳакҳои мушаххасшуда бо ҳадафи интихоби тариқаи нисбатан оқилонаи сиёсати қарзӣ, аз модели тақлидӣ истифода карда мешавад, зеро ин модел дар сохтани вазифаи тақсимоти талафот вобаста ба ҷузвдони қарзӣ фурсати муосидро ироъа менамояд. Ин навъ модел дар шаклигирии ҷузвдони қарзии нисбатан муносиб бо назардошти омилҳои хавф созгор буда, дар таъмини иттилоот доир ба ҳолати ҷузвдони қарзӣ барои ҳар як лаҳза мувофиқ мебошад.

Дар шароити имрӯза, рӯйкарди нисбатан пурра ифшокунандаи мушахассоти моҳияти идоранамоии ҷузвдони қарзӣ, он рӯйкарде маҳсуб меёбад, ки дар он идоранамоӣ ба унвони як низоми фарогирандаи унсурҳои бо ҳам алоқамандӣ идоранамоӣ шинохта шудааст. Чунин рӯйкардро Тавасиев А.М., ҷонибдорӣ менамояд. Ба андешаи ӯ, низоми идоранамоии ҷузвдони қарзӣ бояд дорои зернизом, объекти идоранамоӣ бошад. Ҳамазамон, ӯ иброз медорад, ки идоранамоии ҷузвдони қарзӣ марҳила ба марҳила амалӣ гашта, мафҳуми механизми идоранамоии ҷузвдони қарзӣ ва сиёсати ҷузвдониро барои тавсифи алоқамандии унсурҳои низоми идоранамоии ҷузвдони қарзӣ муарифӣ менамояд [7].

Рӯйкарди муҳофизакорона (консеративӣ)-и идоранамоии ҷузвдони қарзӣ, ки тавассути доираи дастаҷамъонаи муаллифон аз ИМА ва Русия коркард шудааст, барои таҳқоқти мо хеле ҷолиб мебошад. Муаллифони ин рӯйкард, қисматҳои бунёдии идоранамоии ҷузвдони қарзии бонкҳои тиҷоратиро аз ҳам ҷудо менамоянд, ин қисматҳо дар расми 3 пешниҳод гардидаанд [8].




Расми 3. Қисматҳои асосии идоранамоии ҷувздони қарзии бонки тиҷоратӣ

Муқарранамоии маҳдудиятҳо дар қарздиҳӣ барои назорати раванди ташаккулёбии ҷувздони қарзӣ тарроҳӣ шудааст. Маҳдудиятҳои қарзӣ барои муайянсозии соҳаҳо ва бахшҳои нисбатан хавфнок ба кор бурда мешаванд. Мувофиқ ба назароти Каменская Т.Е., ва Иванченко Ю.С., қабл аз муайяннамоии маҳдудиятҳои қарздиҳӣ, бояд омилҳои асосии хавфро ифшо ва мушаххас намуд, ба андешаи ин муҳаққиқон ҳадафҳои рушд, сатҳ ва ё дараҷаи хавфнокии соҳае, ки бонк хоҳони ҳамкорӣ бо онро дорад ва инчунин ҳадафҳои дохилибонкӣ ва стандартҳо аз зумраи омилҳои калидӣ мебошанд [9].


Яке аз қисматҳои дигари стандарти идоранамоии ҷувздони қарзӣ ба андешаи ин муаллифон, афзалиятҳо ҷиҳати ташаккулдиҳии ҷувздон маҳсуб меёбанд. Таърифи онҳо бар асоси ҷудонамоии бахш ба соҳаҳои корбарии захираҳо, сатҳи хавфи поёнтар аз ҳади миёна ва инчунин дарёфти соҳаҳое, ки қарздиҳӣ ба онҳо имкони даромади зиёд гирифтанро ба бор меоварад, мушаххас гардидааст. Муайяннамои афзалиятҳо ба бонки тиҷоратӣ дар ифшонамоии соҳаҳои дорои сатҳи баланди хавф ва мутаносибан коҳиши қарздиҳӣ ба ингуна соҳаҳо мусоидат менамояд.

Барои тасвири идоранамоии ҷувздони қарзӣ ҳамчун як низом, мушаххассозии унсурҳои асосии он аз қабили зернизоми идоракунанд, зеринизоми идорашаванда, равобити муттақобилаи онҳо, принсипҳо, тартибот, ҳадаф ва натиҷаи ин муносибатҳо зарур арзёбӣ мегардад. Дар адабиётҳои мансуб ба илми иқтисод низомро ҳамчун як яклухтие, ки аз қисмҳои бо ҳам алоқаманд сарбаровардааст, мешниосанд, яъне қисматҳое, ки саҳми худро дар алоҳидагӣ барои тавсифи пуррагии он мегузоранд. Аммо, бояд зикр намуд, ки қисмҳои низом дар роҳи расидан ба ҳадаф бо ҳам алоқаманд мебошанд. Ҳадафи аслии идоранамоии ҷувздони қарзӣ дастёбӣ ба нишондодҳои муносиби хавф, даромаднокӣ ва бозоргирии ҷувздони ташаккул дода маҳсуб меёбад [10].

Лозим ба ёдоварист, ки идоранамоии оқилоани ҷувздони қарзӣ дар ниҳояти кор метавонад дар тақвиятёбии суботи молдиявӣ ва устувории бонки тиҷоратӣ тавассути беҳбудбахшии шохисҳои фаъолиятнамоӣ муосидат намояд. Барои расидан ба чунин ҳадафҳо, иҷрои вазифаҳои зерин ба андешаи мо, мувофиқи мақсад мебошад [11].



Ҳамзамон барои амалан татбиқнамоии ин вазифаҳо бонки тиҷоратиро зарур аст:



Ҳамин тавр, дар рафти омӯзишу баррасии рӯйкардҳои мухталиф, ҷиҳати ифшо ва дарки моҳият ва муҳтавои идоранамоии ҷувздони қарзӣ, имкон ба вуқуъ пайваст то се рӯйкарди нисбатан мубрамро, ки дар идоранамоии ҷувздони қарзӣ мушорикат доранд ба таври мукаммал мавриди таҳлилу пешниҳод қарор диҳем. Натиҷаҳои таҳлил гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки идоранамои ҷувздони қарзӣ барои бонки тиҷоратӣ нуқтаи муҳим ва калидӣ дар роҳи расидан ба ҳадафҳои стратегӣ маҳсуб меёбад. Ба андеша ва назари мо, ҳар як бонки тиҷоратиро зарур аст, ки барои густариши раванди қарздиҳӣ, қабл аз ҳама бояд доираи мизоҷон ва қисмати нисбатан сердаромади бозорро барои тақвиятдиҳии равобит мушаххас гардонад. Зеро дарёфти доира ва ё гурӯҳи мизоҷони пардотпазир, метавонад дар афзоишёбии сатҳи даромаднокӣ ва коҳиши хавфҳо созгорӣ намояд.

Адабиёт

1. Байкова С.Д., Демко О.В. Российская банковская система в современных рыночных условиях / С.Д. Байкова, О.В. Демко // Финансы и кредит. – 2017. – №9. – С. 25-37.

2. Тавасиев А.М. Банковское дело: управление кредитной организацией: учебное пособие / А.М. Тавасиев. – М.: «Дашков и К», 2005. – 671 с.

3. Панова Г.С. Кредитная политика коммерческого банка / Г.С. – М.: ИКЦ «ДИС». – 1997. – 339 с.

4. Алпатов Г.Е., Базулин Ю.В. Деньги. Кредит. Банки: Учебник / Г.Е. Алпатов, Ю.В. Базулин. - М.: Проспект, 2014. – 542 с.

5. Антонов Н.Г., Пессель М.А. Денежное обращение, кредит и банки / Н.Г. Антонов, М.А. Пессель. – М.: Финстатинформ, 2013. – 272 с.

6. Балакина Р.Т., Галдецкий П.В. Теоретические аспекты управления кредитным портфелем банка / Р.Т. Балакина, П.В. Галдецкий // Вестник Омского университета. Серия «Экономика». – 2014. № 1. – С. 198.

7. Буланов Ю.Н. Состояние банковской системы: взгляд практика / Ю.Н. Буланов // Банковское дело. – 2017. – №2. – С. 11-18.

8. Гамза В.А. Основные элементы стратегии развития банковской системы / В.А. Гамза // Финансы и кредит. – 2015. – №13. – С 28-32.

9. Банковское дело: стратегическое руко водство / под ред. В. Платонова, М. Хиггинса. – М. : Консалтбанкир, 2001. – 432 с.

10. Гусейнов В. А. Формирование системы кредитных процессов и их влияние на качест во кредитного портфеля банк // Аудит и финан совый анализ. – 2012. – № 5. – С. 349–354.

11. Управление кредитным портфелем // Информационный портал banki.ru. – URL: http://banki.ru/wikibank/upravlenie_kreditnyim_p ortfelem/.

12. Давлатзода, Қ. Қ. Самтҳои асосии дастгирии давлатии рушди кластерҳои Пахтакорӣ дар минтақаҳои кишвар / Қ. Қ. Давлатзода, Ҷ. Б. Халифазода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 1(35). – P. 68-76. – EDN NHUFIJ.

13. Давлатзода, К. К. Ташаккул ва инкишофи кластерҳои соҳавӣ дар минтақа / К. К. Давлатзода, Д. Халифазода. – Душанбе : Таджикский национальный университет, 2023. – 158 р. – EDN DGVUAF.

14. Ҳусайнов, М. С. Роҳҳои афзалиятноки рушди бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М. С. Ҳусайнов, Ҷ. Б. Халифазода // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – No. 4-3(71). – P. 234-242. – EDN VOZEZM.

15. Халифазода, Д. Б. Механизмы государственного регулирования развития рынка страховых услуг в Республике Таджикистан / Д. Б. Халифазода // Государственное управление. – 2024. – № 4-3(71). – С. 195-202. – EDN BDIRVZ.

Маълумот дар бораи муаллиф

Самарддини Шоҳназар- ассиситенти кафедраи андоз ва суғуртаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.

Сведения об авторе

Самарддини Шохназар- ассистент кафедры «Налоги и страхование» Таджикского государственного финансово-экономического университета. 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.

About the author

Samarddini Shokhnazar- Assistant Professor, Department of Taxes and Insurance, Tajik State University of Finance and Economics. 64/14 Nakhimov Street, Dushanbe, 734067, Republic of Tajikistan.

УДК: 658

ХОҶАГИҲОИ ДЕҲҚОНӢ (ФЕРМЕРӢ): РОҲҲО ВА ОМИЛҲОИ БАЛАНДБАРДОРИИ САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ФАЪОЛИЯТИ ОНҲО

Сафарзода Ҳ.С.
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур вазифа гузошта шудааст, ки мафҳуму моҳияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва самаранокии иқтисодӣ тавсиф карда шуда, сатҳи мавҷудаи самаранокии иқтисодии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ таҳлил ва роҳҳою омилҳои баландбардории ин сатҳ ошкор сохта шавад.
Ақидаҳо оид ба мафҳуми «хоҷагиҳои деҳқонӣ», ки дар адабиёти иқтисодии мамолики хориқӣ ва ватанӣ ҷой доранд, мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шудаанд ва дар натиҷа муаллиф ба хулоса омадааст, ки ин ақидаҳо на танҳо дар байни олимони хориҷӣ, инчунин дар байни олимони ватанӣ низ аз якдигар фарқ мекунанд.
Дар натиҷаи ҷамъбасти фикру мулоҳизаҳои олимони иқтисодшиноси хориҷиву ватанӣ мафҳуми самаранокии иқтисодиро муаллиф чунин овардааст: самаранокии иқтисодиро ҳамчун дараҷа (категория) бояд фаҳмид, ки мафҳуми нисбӣ буда, амали қонунҳои иқтисодиро инъикос мекунад.
Дар мақола динамикаи афзоиши миқдори хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар яке аз ноҳияи вилояти Хатлон ва таҳлили таносубӣ ва регрессионии омилҳои ба ҳосили гандуми тирамоҳӣ таъсиркунанда дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва минтақаи марказии вилояти Хатлон оварда шудаанд.
Дар охири мақола як қатор таклифу пешниҳодот оид ба рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии фаъолияти истеҳсолию хоҷагии онҳо ҷой дода шудаанд.
Калидвожаҳо: иқтисодиёт, иҷтимоиёт, хоҷагии деҳқонӣ, кишоварзӣ, истеҳсолот, самаранокӣ, фоида, ташкилотҳои молиявӣ.
Барои иқтибос: Сафарзода, Ҳ. С. Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ): роҳҳо ва омилҳои баландбардории самаранокии иқтисодии фаъолияти онҳо / Ҳ. С. Сафарзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 366-374.

СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫЕ ХОЗЯЙСТВА: СПОСОБЫ И ФАКТОРЫ ПОВЫШЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ЭФФИЦИЕНТНОСТИ ИХ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

Сафарзода Х.С.
Таджикский аграрный университетимени Шириншох Шотемур

Аннотация. Цель данной статьи — описать концепцию и сущность фермерских хозяйств и экономической эффективности, проанализировать текущий уровень экономической эффективности фермерских хозяйств и определить пути и факторы повышения этого уровня.
Были изучены и исследованы представления о концепции «ферм-дехкан», существующие в экономической литературе зарубежных и отечественных стран, и в результате автор пришел к выводу, что эти представления различаются не только среди зарубежных, но и среди отечественных ученых.
В результате обобщения мнений зарубежных и отечественных экономистов автор представил концепцию экономической эффективности следующим образом: экономическую эффективность следует понимать как степень (категорию), которая является относительным понятием и отражает действие экономических законов.
В статье представлена динамика роста числа крестьянских хозяйств в Республике Таджикистан, объемов производства продукции, эффективности сельскохозяйственного производства крестьянских хозяйств в одном из районов Хатлонской области, а также корреляционный и регрессионный анализ факторов, влияющих на урожайность озимой пшеницы в крестьянских хозяйствах и центральном регионе Хатлонской области.
В заключение статьи приводится ряд предложений и рекомендаций по развитию крестьянских хозяйств и повышению экономической эффективности их производства и хозяйственной деятельности.
Ключевые слова: экономика, социология, крестьянское хозяйство, сельское хозяйство, производство, эффективность, прибыль, финансовые институты.

FARMING FARMS: WAYS AND FACTORS OF INCREASING THE ECONOMIC EFFICIENCY OF THEIR ACTIVITIES

Safarzoda H.S.
Tajik agrarian University named Shirinsho Shotemur

Abstract. The aim of this article is to describe the concept and essence of dehkan farms and economic efficiency, analyze the current level of economic efficiency of dehkan farms, and identify ways and factors for increasing this level.
The ideas about the concept of "dehkan farms" that exist in the economic literature of foreign and domestic countries have been studied and investigated, and as a result, the author came to the conclusion that these ideas differ not only among foreign scientists, but also among domestic scientists.
As a result of summarizing the opinions of foreign and domestic economists, the author presented the concept of economic efficiency as follows: economic efficiency should be understood as a degree (category), which is a relative concept and reflects the operation of economic laws.
The article presents the dynamics of the growth of the number of peasant farms in the Republic of Tajikistan, the volume of product production, the efficiency of agricultural production of peasant farms in one of the districts of the Khatlon region, and a correlation and regression analysis of factors affecting the yield of winter wheat in peasant farms and the central region of the Khatlon region.
At the end of the article, a number of proposals and suggestions are made on the development of peasant farms and increasing the economic efficiency of their production and economic activities.
Keywords: economy, sociology, peasant farm, agriculture, production, efficiency, profit, financial institutions.

Гузориши масъала. Ҳолате, ки имрӯз дар соҳаи хоҷагии қишлоқи кишвар ба амал омадааст, талаб менамояд, ки муаммрҳои ташкилию иқтисодии тараққиёти корхонаҳои аграрии ба ҷойи собиқ колхозу совхозҳои барҳам додашуда бунёдёфта ҳаматарафа баррасӣ карда шаванд. Гузаштан ба муносибатҳои бозоргонӣ зарурияти зоҳир намудани таваҷҷӯҳи хосаро ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ҳамчун шаклҳои истифодаи самараноки потенсиали хоҷагии қишлоқ (захираҳои замину об, меҳнатӣ, заминаи моддию техникӣ) ба миён овардааст. Илова бар ин, як силсила омилҳои манфӣ, аз ҷумла мукаммал набудани санадҳои қонунгузории танзимкунандаи раванди фаъолияти хоҷагиҳои болозикр, танзими нопурраи давлатӣ ва дастгирии пасти моддию молиявии ин хоҷагиҳо суръати инкишофи онҳоро халалпазир мегардонанд.

Дар замони муосир дар фаъолияти истеҳсолии субъектҳои хоҷагидории деҳот, нисбат ба фаъолияти дастҷамъона, асосан фаъолияти инфиродии оилавӣ бештар боло гирифтааст. Қисми асосии даромади хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аз фурӯши маҳсулоти дар замини худашон истеҳсолкарда ба даст оварда мешавад ва чунин фаъолият аз ҷиҳати самаранокиаш бояд рақобатпазир бошад, зеро рушди хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дар баробари фаъолияти истеҳсолӣ буданаш, инчунин, тарзи зиндагии мардуми деҳот маҳсуб меёбад. Ҳаёти деҳқон бо замин вобаста аст, бо вуҷуди он, ки кафолати ҳамасола ноил гаштан ба мақсадҳои истеҳсолию иқтисодӣ дода нашудааст, ӯ меҳнат мекунад. Истеҳсолоти кишоварзӣ бо он фарқ мекунад, ки деҳқонон бояд тибқи реҷаи вақти биологии табиат ҳаёт ба сар баранд. Бинобар ин, натиҷаҳои муайяни истеҳсолӣ, самаранокии иқтисодӣ танҳо бо меҳнати деҳқон метавонад ба даст овада шуда, бо фаъолияти мақсадноки инсон алоқамандии зич дорад.

Аз ин ҷо, дар замони муосир баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) , ҳамчун афзалияти муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии кишварарзӣ, арзёбӣ мегардад ва мубрамияти мавзӯи мақолаи мазкур низ дар баррасии ҳамин масъалаҳо асоси худро меёбад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Оид ба мафҳуми «хоҷагиҳои деҳқонӣ» дар адабиёти иқтисодии мамолики хориқӣ ва ватанӣ ақидаҳои гуногун ҷой доранд. Ин ақидаҳо на танҳо дар байни олимони хориҷӣ, инчунин дар байни олимони ватанӣ низ аз якдигар фарқ мекунанд. Масалан: Ҷураев Б.М.,Хушвахтзода К.Қ., Давлатзода К.К., Сабзаева М.С. ва дигарон тарафдори онанд, ки гӯё хоҷагии деҳқонӣ субъекти мустақили хоҷагидор бо ҳуқуқи соҳибкори шахси ё ҳуқуқи воқеӣ мебошад.

Мақсади мақола - роҳҳо ва омилҳои баландбардории самаранокии иҷтисодии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) маҳсуб меёбад. Дар мақолаи мазкур мо вазифа гузоштем, ки мафҳуму моҳияти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва самаранокии иқтисодиро тавсиф намуда, сатҳи мавҷудаи

самаранокии иқтисодии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқониро таҳлил намоем ва роҳҳою омилҳои баландбардории ин сатҳро ошкор созем.

Муҳтавои асосии мавод. Фаъолияти он дар асоси соҳибкории озод ва фоидаи иқтисодӣ сохта шудааст. Онро оила ва инчунин дигар шаҳрвандоне, ки якҷоя хоҷагиро идора мекунанд, ташкил мекунанд. Дар хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) аз болои тамоми фаъолияти хоҷагидорӣ ва истеҳсолию иқтисодӣ, аз ҷумла аксулмуносибатҳо бо мақомоти маҳаллӣ, ташкилотҳои молиявию бонкӣ, таъмингарон, фурӯши маҳсулот ва дигарҳо яке аз аъзои қобили амали оила роҳбарӣ ва назорат менамояд. Дар ин хоҷагиҳо фарди алоҳида, оила ё гурӯҳи афрод замин ва амволе, ки дар моликияти онҳо қарор доранд ва ё ҳамчун иҷора ба ихтиёри худ даровардаанд, истифода намуда, равандҳои афзоиши истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти хоҷагии қишлоқро таъмин месозанд.

Рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар айни замон аҳамияти махсус дорад, зеро онҳо низ яке аз шаклҳои соҳибкорӣ мебошанд. Маълум аст, ки нигоҳ доштани колхозҳо ва совхозҳо дар шакли мавҷуда хоҷагии қишлоқро ба таназзули минбаъда маҳкум мекунад. Аммо аз нигоҳи мо, зарурияти онҳоро фавран пароканда кардан набуд.

Якӯм, бисёре аз деҳқонон инро намехоҳанд ва пароканда кардани колхозҳо маънои онро дошт, ки боз (чунон ки дар солҳои 20-30) ба онҳо зӯроварӣ кунанд.

Дуюм, пароканда шудани колхозҳо ва совхозҳо боиси коҳиши вазнини истеҳсолот мегардид. Муайян аст, ки ҳаракат ба сӯйи бозор гузариш ба ҳолати сифатан нави иқтисодиёт мебошад. Ва кадом ҷанбаи ин равандро нагиред, ҳалли он дар бахши кишоварзӣ на камтар, балки шояд ҳатто мушкилоти бештар аз дигар соҳаҳоро дар бар мегирад. Фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), махсусан бо истеҳсол ва фурӯши намудҳои маҳсулоти баландсифат ва органикии аз ҷиҳати экологӣ тоза дар бозорҳои маҳдуд, парвариш ва афзоиши саршумори чорвои махсусан арзишманд ва нодир, азхудкунии заминҳои нав ва партофташудаи соҳаи кишоварзӣ асоснок карда мешавад. Дар ҳамаи ин ва бисёр ҳолатҳои дигар шаклҳои хурди хоҷагидорӣ самаранок мебошанд. Аммо, ҳангоми интихоби онҳо бояд меъёрҳои самаранокӣ, қобилияти рақобат, афзалият барои минтақаҳои мушаххаси кишвар ба назар гирифта шаванд.

Асосҳои ҳуқуқии моликияти хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) бо Кодекси шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи моликият” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)” танзим карда мешаванд.

Мафҳуми «Хоҷагии деҳқонӣ(фермерӣ)» дар шуури ҷамъиятӣ баъзан бо хоҷагиҳои деҳқонии яккаратаи пешин алоқаманд аст. Аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, онҳо бори якӯм танҳо бо тасвиби Фармон «Дар бораи илова кардани баъзе қарорҳо ва қонуни амалкунанда дар бораи заминдории деҳқонӣ ва истифодаи замин» қонунӣ карда шуданд, ки дар он имконияти мустаҳкам кардани ҳуқуқи заминро ба моликияти шахсӣ пешбинӣ карда шудааст. Фармони мазкур ба деҳқонон ҳуқуқ медиҳад, ки бо моликияти шахсӣ ва қисми заминҳои ҷамоатии дар шакли иҷораи дарозмуддат ба даст овардашудаи ба онҳо тааллуқдошта аз хоҷагии ҷамоатӣ бароянд.

Дар шароити муосир масъалаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот умуман дар хоҷагии қишлоқ ва аз ҷумла дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки бештар бар истифодаи оқилона ва мақсадноки захираҳои заминҳои хоҷагии қишлоқ асос ёфтааст, мубрамияти хосаро ба худ касб кардааст.

Аз нуқтаи назари олимони рус - И.А.Минаков, Н.П.Касторнов, Р.А.Смиков, чунин бар меояд, ки «бо назардошти хусусияти махсуси захираҳои замин (маҳдудият ва давраи тӯлонии такроистеҳсолкунӣ) муайян кардани самаранокии истифодаи замин хусусияти худро дорад. Дар айни замон истифодаи заминро дар хоҷагии қишлоқ, аз он ҷумла дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) на танҳо аз нуқтаи назари зиёд кардани истеҳсоли маҳсулот, беҳтар намудани сифати он, кам кардани арзиши аслии як воҳиди маҳсулот, инчунин нигоҳ доштан ё баланд бардоштани ҳосилхезии замин, таъмини ҳифзи муҳити зист самаранок ва оқилона истифода бурдан мумкин аст» [5, с. 144].

Самаранокии иқтисодиро ҳамчун дараҷа (категория) бояд фаҳмид, ки мафҳуми нисбӣ буда, амали қонунҳои иқтисодиро инъикос мекунад. Таҳқиқи илмии масъалаҳо оид ба дарёфт ва истифодаи роҳҳо ва усулҳои афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар корхонаҳои КАС мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва олимони тоҷик қарор гирифтааст.

Аз ҷумла, Шарифов З.Р. дар таҳқиқотҳои илмиаш чунин ақидаро пешниҳод менамояд, ки «меъёри асосии самараноки таъмини пурраи талаботи ҷамъиятӣ ва шахсӣ дар ҳолати истифодаи нисбатан сарфакоронаи захираҳои мавҷуда ба ҳисоб меравад» [9, С-444].

Мадаминов А.А. қайд намудааст,ки фаъолияти самараноки истеҳсолоти корхонаҳои КАС аз истифодаи оқилонаи сармоягузорӣ вобаста аст,яъне ҳаҷм ва сифати маҳсулоти

истеҳсолшаванда.Дар воқеъ, рушди самаранокии иқтисодии истеҳсолот дар корхонаҳои кишоварзӣ ба монанди сармоягузорӣ ҳеҷ аст [3, С-26].

Аз диди олими иқтисодшиноси ватанӣ - Пиризода Ҷ.С. “самаранокии маҷмуи истеҳсолоти корхонаҳои агросаноатии ҷумҳурӣ аз ҷойгиркунии оқилонаи соҳаҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои дорои шароити мувофиқи табиӣ ва иқтисодӣ,ҳамзамон амиқгардонии махсусгардонии истеҳсолот, бо дарназардошти захираҳои замини мавҷуда вобаста аст” [7, С-141].

Тибқи изҳороти Носиров Р., “дар вақти муайян кардани самаранокии истеҳсолоти корхонаҳои кишоварзӣ дар мадди аввал хусусияти хоси онҳо дар муқоиса бо дигар соҳаи хоҷагии халқ ба ҳисоб меравад [6, С-332].

Ҳамчунин, Исайнов Ҳ.Р. қайд намудааст, ки самаранокиии истеҳсоли маҳсулотҳои корхонаҳои КАС аз абзори ташаккули рушди ҳолати беҳдошти замин, бо роҳу усулҳои экологию иқтисодӣ ва маъмурию ҳуқуқӣ ба танзим даровардани онҳо вобастагӣ дорад [1, С-204-205].

Ғафуров Х. оид ба самаранокии иқтисодии истеҳсолот дар корхонаҳои кишоварзӣ чунин ибрози ақида намудааст, ки “барои таъмин намудани самаранокии истеҳсолоти маҳсулот дар корхонаҳои КАС самаранокии экологиро таъмин намудан лозим аст, чунки дар раванди тағйироти сифати киштзор нигоҳдории шароитҳои муҳаёкардаи табиат барои рушди растаниҳо таъмини бехатарии экологиро низ инъикос мекунад “[10, С-10].

Қудратов Р.Р. менависад, ки «барои ноил шудан ба самаранокии истеҳсолоти корхонаҳои КАС корҳои зеринро бояд ба сомон расонид:

- азхуд кардани заминҳои нав, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида,
- беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳо;
- зиёд кардани майдони боғу токзорҳо;
- пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба хоҷагиҳои деҳқонӣ(фермерӣ)» [2, С-9-13].

Тағоев Ҷ.Х. изҳор менамояд, ки «Самаранокии истеҳсолот дараҷаҳои мурракаби иқтисодӣ мебошад, ки дар он яке аз муҳимтарини тарафҳо (ҷонибҳо)-истеҳсолоти корхона,яъне фоиданокии он инъикос меёбад» аз ин лиҳоз, қайд кардан ба маврид аст,ки зимни омӯзиши таҳлили ин мавзуъ ду мафҳуми ба ҳамдигар монанд, яъне самара ва самаранокии иқтисодиро аз як дигар фарқ кардан лозим аст [8, С-214-215].

Самара- мафҳуми мутлақ аст, яъне натиҷаи ин ва ё он тадбири дар хоҷагии қишлоқ татбиқ кардашуда аст. Масалан, самара аз андохтани поруҳои органикӣ ва нуриҳои маъданӣ дар баландшавии ҳосилнокии зироатҳо ба даст оварда мешавад, аммо самараи мазкур ҳанӯз оид ба фоиданокии пору ва нуриҳои истифодашуда наметавонад дорои маълумоти аниқ бошад. Яъне, танҳо аз рӯйи як самара оид ба мувофиқи мақсад будани ин ё он чорабинии гузаронидашуда самаранокии ин ё он сохтори соҳавии хоҷагӣ наметавон хулоса бароварда. Чунин хулосаро танҳо тавассути ҳисоб кардани нишондиҳандаи самаранокии иқтисодӣ метавон бароварда.

Таҳияи технологияҳои инноватсионии захираҳои каммасрафи соҳаи кишоварзӣ барои муқаррар намудани меъёри самаранокӣ, яъне кам кардани хароҷотро барои як воҳиди натиҷаи ниҳоӣ пешбинӣ мекунад. Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ инчунин меъёри умумии самарабахшии иқтисодиёти умумӣ вуҷуд дорад: афзоиши миқдори зиёдтарини даромади миллӣ ва маҳсулоти умумии дар корхона (ДМ ва МММ даромади миллӣ) ба ҳисоби воҳиди хароҷот ва захираҳо барои баланд бардоштани сатҳӣ зиндагии аҳолӣ мебошад.

Дар татбиқи вазифаҳои стратегияи давлат дар соҳаи таъмини амнияти озуқаворӣ,паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва то масъалаҳои стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2030, дар самти кишоварзии мамлакат нақши хоҷагиҳои деҳқонӣ назарас мебошад. Аз ин ҷост, ки сол то сол шумораи онҳо дар ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон тамоюли афзоишро дорад (ҷадв. 1).

Ҷадвали 1. - Динамикаи афзоиши шумораи корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар солҳои 2018-2023

Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон	СОЛҲО							
	2018		2020		2022		2023	
	Хоҷагиҳои кишоварзӣ ҳамагӣ, адад	Аз он ҷумла хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ (адад)	Хоҷагиҳои кишоварзӣ ҳамагӣ, адад	Аз он ҷумла хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ (адад)	Хоҷагиҳои кишоварзӣ ҳамагӣ, адад	Аз он ҷумла хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ (адад)	Хоҷагиҳои кишоварзӣ ҳамагӣ, адад	Аз он ҷумла хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ (адад)
Ҷумҳурии Тоҷикистон	178400	172668	1833926	179005	176984	1722107	181444	176524
ш.Душанбе	4	-	5	-	708	697	709	698
ВМБК	16198	16059	16145	16113	2334	2256	3693	3423
Вилояти Суғд	66180	64615	67823	66331	68166	66603	68823	67294
Вилояти Хатлон	63808	60212	66559	63672	70770	68090	72618	70085
НТҶ	32210	31782	33394	32889	35006	34461	35601	35024

Манбаъ: Коркарди муаллиф дар асоси: Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишондиҳандаҳои гиндерӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ.- Душанбе, 2024. -С. 12-13

Аз рӯйи маълумотҳои ҷадвали 1 чунин хулоса кардан мумкин аст: Дар соли 2023 нисбат ба соли 2018 шумораи умумии хоҷагиҳои кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ 3044 адад, ё ин ки 101,7% зиёд шудааст. Дар ин давра дар ҷумҳурӣ шумораи хоҷагиҳои деҳқони (фермерӣ) ба 176524 адад расидааст,ки ин нисбати соли 2018- 102,2% зиёд шудааст. Зиёд шудани миқдори корхонаҳои кишоварзӣ дар давраи таҳқиқшаванда асосан аз ҳисоби бунёди хоҷагиҳои нави деҳқонӣ ба амал омадааст. Масалан, дар соли 2023 ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар майдони умумии кишоварзӣ чунин буд (ҷадв. 2).

Ҷадвали 2.-Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯйи категорияҳои хоҷагиҳо дар соли 2023 (бо нархҳои соли 2022), млн. сомонӣ.

Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон	Ҳамагӣ	Аз он ҷумла			Ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҳаҷми маҳсулоти умумии, фоиз
		Хоҷагиҳои ҷамъиятӣ	Хоҷагиҳои аҳолӣ	Хоҷагиҳои деҳқонӣ	
Ҷумҳурии Тоҷикистон	63028,4	6159,8	30962,4	25906,3	41,1
ВМКБ	886,2	9,6	581,0	295,5	33,4
Вилояти Суғд	18495,5	3253,3	6804,3	8437,9	45,6
Вилояти Хатлон	35326,3	19113,5	19364,7	14048,0	39,8
НТҶ	8320,5	983,3	4212,4	3124,8	37,6

Манбаъ: Коркарди муаллиф дар асоси: Маълумотҳои маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишондиҳандаҳои гиндерӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ.- Душанбе, – 2024. -С. 22.

Чи тавре аз маълумотҳои ҷадвали 2 ба мушоҳида мерасад, дар соли 2023 арзиши маҳсулоти умумии кишоварзӣ бо нархҳои соли 2022 дар ҷумҳурӣ ба 63028,4 млн.сомонӣ расонида шудааст. Аз ин 41,1% ба ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)рост меояд. Ин нишондиҳанда дар соли 2023 дар вилояти Суғд- 45,6%, Хатлон- 39,8%, НТҶ-37,6, ВМКБ-33,4%-ро ташкил медиҳад.

Илова бар ин, таҳлили ҳолати ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растани- парварӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо дар соли 2023 нишон медиҳад,ки дар ҷумҳурӣ 57,1% ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумӣ ба соҳаи растанипарварӣ рост меояд,яъне 42,9% он ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошад. Ин нишондиҳанда дар ВМКБ-64,8%, ва НТҶ-55,4%-и ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти чорводории хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҳаҷми маҳсулоти умумӣ дар ҷумҳурӣ 5,7%, аз он ҷумла дар ВМБК-1,4%,вилояти Суғд-9%, вилояти Хатлон- 4.6%, НТҶ- 4,1%-ро ташкил медиҳад. Хулоса дар соли 2023 дар маҷмуъ-62,8% маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ рост меояд. Дар вилояти Суғд ин нишондиҳанда 70,7%-ро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 3. - Самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон дар соли 2024

Нишондиҳандаҳо	Гурӯҳбандии хоҷагиҳо аз рӯйи майдони заминҳои кишоварзӣ				Бузургии миёна
	то 35	35-70	70-105	105,1-зиёда	
Майдони миёнаи гурух, гектар	32	67	86	156	85,3
Маҳсулоти умумии кишоварзӣ ба ҳисоби - 100 гектар замини кишоварзӣ, ҳазор сомонӣ	426	767	1247,6,	1257,8	924,6

Фоида аз 1 гектар замини корам, сомонӣ	1379,6	2897,0	+45670	+6431,0	+3819,1
Сатҳи даромаднокӣ, %	+27	+38,5	+44,6	+47,3	+39,4

Манбаъ: Аз ҷонибӣ муаллиф дар асоси ҳособотҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон дар соли 2024 ҳисоб карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳлил (ҷадв. 3.) нишон доданд, ки қисми зиёди маҳсулоти истеҳсол кардашуда дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар давраи мувофиқи талабот ва пешниҳод бо нархи хеле паст фурӯхта мешаванд. Дар раванди таҳқиқот муқаррар карда шуд, ки дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) арзиши аслии як воҳиди маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба дигар шаклҳои хоҷагидори 23-27% паст аст. Чунин нишондиҳанда дар натиҷаи нисбатан оқилона истифода кардани воситаҳои моддию пулӣ ва кам будани хароҷот аз рӯйи баъзе моддаҳои хароҷот ба даст оварда шудааст.

Натиҷаҳои таҳлили корреляисионӣ ва регрессионӣ имкон медиҳанд, ки омилҳои асосие, ки ба тағйирёбии хусусияти натиҷабахш — ҳосилнокии зироат таъсир мерасонанд, муайян карда шаванд.

Зариби коррелятсияи ҷуфтӣ наздикии робитаи байни падидаҳои омӯхташударо арзёбӣ мекунад. Зариби регрессия вобастагии хаттии арзиши хусусияти натиҷагириро аз хусусиятҳои омил тавсиф мекунад. Зариби муайянкунӣ арзёбии сифати модели сохташударо дар натиҷаи муайян кардани дараҷаи таъсири омилҳо ба хусусияти омӯхташаванда таъмин менамояд.

Аз сабаби он, ки омилҳои ба модели математикӣ дохил карда шудаанд, воҳидҳои гуногуни ченак доранд, тавсия дода мешавад, ки барои таъсири миқдории ҳар як омил арзишҳои нисбӣ истифода шаванд: коэффисиенти чандирӣ ва коэффисиенти стандартии регрессия (β-коэффитсиент) истифода карда мешавад.

Барои муайян кардани таъсири баъзе омилҳои табиию ташкилӣ ва иқтисодӣ ба ҳосилнокии зироатҳо зарибҳои чандирӣ ва регрессионӣ истифода шудаанд.

Зариби регрессионии стандартишудаи омили мушаххас муайян мекунад, ки то кадом андоза тағйирёбии ин омил ба та йирёбии хусусияти натиҷа таъсир мерасонад ва ба тағйирёбии ҳамроҳкунандаи омилҳои дигаре, ки ба муодилаи регрессия дохил карда шудаанд, сарфи назар карда мешавад. Ҳосили гандуми тирамоҳӣ асосан аз тағйирёбии сатҳи миёнаи вазншудаи қабати хок ва ҳаракати муҳити хок вобаста аст (ҷадв. 4).

Ҷадвали 4. – Таҳлили таносубӣ ва регрессионии омилҳои ба ҳосили гандуми тирамоҳӣ таъсиркунанда дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва минтақаи марказии вилояти Хатлон, 2024 сол

Нишондиҳандаҳо	Коэффитсиентҳои ҷуфтӣ			
	таносуб	Регрессия	чандирӣ	β-коэффисиент
Ҳосилнокӣ, с аз 1 га, - Y	1.000	-	-	-
Миқдори миёнаи гумус, %, - X_1	0,617	14,549	0,359	0,238
Миқдори миёнаи вазни калийи ивазшаванда, 100 мг/ кг хок, - X_2	0,265	0,0003	1,471	4,831
Миқдори миёна вазни фосфори ҳаракаткунанда, 100 мг/кг хок, - X_3	0,567	0,100	0,320	1,309
Реаксияи хок, pH, воҳидҳо, - X_4	0,071	0,352	0,083	0,035
Хароҷоти нуриҳои минералӣ барои 1 гектар кишт, сомони, - X_5	0,356	0,001	0,641	2,208
Вазни хоси кишти зироат дар сохтори тамоми майдони кишт, %, - X_6	-0,015	0,058	-0,119	0,207

Манбаъ: Аз ҷониби муаллиф ҳисоб карда шудааст.

Зариби коррелятсияи чандкарата R = 0,777, ки робитаи зичи байни падидаҳои омӯхташударо тасдиқ мекунад. Зариби чандкарата, P^2=0,603, яъне 60,3% тағйирёбии ҳосили гандуми тирамоҳиро омилҳои ба модели математикӣ дохилшуда муайян мекунанд.

Дар натиҷаи таҳлили регрессионӣ муодилаи регрессионии сершумор ба даст омад, ки шакли зерин дорад: $Y = 14,549 X_1 + 0,0003 X_2 + 0,100 X_3 + 0,352 X_4 + 0,001 X_5 + 0,058 X_6 - 2,573$ (2)

Маънои иқтисодии ин муодила аз он иборат аст, ки афзоиши миёнаи вазни гумус ба андозаи 0,1%, фосфори миёна 100 мг / кг хок ҳосили зироатро 2 маротиба зиёд мекунад.

Баландшавии сатҳи реаксияи муҳити хок ба 1 адад ба 0,35 с/га афзудани ҳосилнокӣ мусоидат мекунад. Агар вазни таносуби майдони кишти гандуми зимистонӣ 1 фоиз зиёд шавад, ҳосилнокӣ 0,06 с/га меафзояд. Афзоиши маблағи харочоти нуриҳо дар як гектар кишт ба миқдори 1 сомонӣ ба афзоиши ҳосилнокӣ ба миқдори 10 кг/га оварда мерасонад.

Мушоҳидашавандаи F-критерияи фишор аз арзиши иловашуда зиёдтар аст, аз ин рӯ, муодилаи регрессияи сершумор аз ҷиҳати оморӣ муҳим аст ва он чунин шаклро мегирад ($F_ф$=29,87; $F_{кр}$=2,09). Маблағи мутлақи зарибҳои чандирӣ нишон медиҳад, ки ба 1 фоиз афзоиши ҳамаи омилҳои ба амсила дохилшуда, ҳосилнокии гандуми тирамоҳӣ 2,76 фоиз меафзояд .

Захираҳои асосии афзоиши ҳосилнокии гандуми тирамоҳӣ аз инҳо иборат аст: баланд бардоштани миқдори миенаи гумус, наздик кардани реаксияи муҳити хок ба сатҳи наздик ба бетараф. Ҳосилнокии лаблабуи қанд аз омилҳои ба амсилаи математикӣ дохилшуда 57,5 % (R^2=0,549) вобаста аст. Зариби бисерҷонибаи коррелятсия ин тавр навишта шуда, R=0,741 аст .

Ҳамин тавр, дар натиҷаи омӯзишу таҳқиқи таҷрибаи ташаккулёбӣ ва рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ба чунин хулосаҳо омадем:

1.Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)- ин субъекти мустақили иқтисодӣ аст,ки дар он истеҳсолот, коркард, фурӯш, кашонидан, нигоҳдории маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар асоси принсипҳои ҳавасмандии шахсӣ, мустақилияти комил(пурра),ҳавасмандии баланд ба меҳнат ташкил карда мешавад ва деҳқон бевосита дар раванди истеҳсолот иштирок карда,дар ҳамаи раванди ба амал омадани мушкилоти молиявӣ ҷавобгари (масъулияти) пурраи моддиро ба уҳда дорад ва мақсади фаъолияти он гирифтани фоида ва таъмини амнияти озуқаворӣ аст.

2.Таҳқиқоти муаммоҳои ташкил ва рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ дар мисоли хоҷагиҳои вилояти Хатлон муҳиммияти иқтисодии рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар таркиби сектори аграрӣ иқтисодии вилоят ҳамчун истеҳсолкунандаҳои асосии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва омили таъминкунанда ба амнияти озуқавории вилоят ва ҷумҳуриро нишон медиҳанд.Тамоюли мазкур барои асоснок кардани пешниҳодҳо оид ба афзоиши нақши шаклҳои гуногуни моликият ва хоҷагидорӣ, муайян кардан ва дурнамои рушди онҳо арзёбӣ карда шудааст.

3.Барои рушди муътадили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) зарур аст, ки шароитҳои мувофиқи иқтисодиёт раванди такрористеҳсолкунӣ, миқдори зарурии захираҳои замин, меҳнатӣ,моддӣ ва молиявӣ мавҷуд бошад. Муқаррар карда шудааст, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон хусусиятҳои таърихӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ, географӣ, табии – иқлимӣ, иҷтимоӣ-демографӣ ва иқтисодӣ дорад. Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) шакли комилҳуқуқи субъекти хоҷагидори дар иқтисодиёт бисёр шабакаҳои хоҷагии қишлоқ мебошад.

4.Бо мақсади амалӣ кардани самаранокии истеҳсолот ва таъмини рақобатпазирии субъектҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) зарур аст, ки дар раванди идоракунии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), талаботҳои зерин риоя карда шаванд: раванди идора бояд бефосила бошад, ҳамаи шаклҳои кори идоракунӣ бояд дақиқ, аниқ аз рӯйи вазифаҳои бефосилагӣ дар ҳудуди воқеъияти муайянгардида амали карда шаванд. Ҳамаи мутахассисони хоҷагӣ бояд фаъолиятро байни худ мувофиқ созанд; мутахассисон ҷиддӣ ва бомасъул бошанд ва самаранокии истифодаи ҳадди аксари захираҳои ахборӣ дар ҳолати таҳияи қарорҳо риоя карда шавад.

Адабиёт

1. Исайнов Ҳ.Р. Мелиоратция эколого-экономические проблемы устойчивого развития сельского хозяйства Таджикистана//Паёми ДМТ.Бахши илмҳои иқтисодӣ.-Душанбе: Сино,2007.-№1(33). -204-205.

2. Қудратов Р.Ҳ. Нақши сармоягузорӣ дар рушди устувори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маводи конфренсияи илмӣ- амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Ташаккули модели инвеститсионии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон». (ш.Душанбе,14-уми декабри соли 2018). С.9-13.

3. Мадаминов А.А. Тавсияҳои методикӣ оид ба коркарди барномаи ҷалби сармояи байналмилалӣ дар МАС Тоҷикистон/А.А. Мадаминов ва дигарон-Душанбе ,ТАУ,2004.-С.26

4. Маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишондиҳандаҳои гиндерӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ.- Душанбе, – 2024. -С. 22.

5. Минаков И.А. Экономика сельского хозяйства: учебное пособие / И.А. Минаков // Москва: ИНФРА-М, 2014. – 350 с

6. Носиров Р. Рынок сельскохозяйственной техники депрессивнного региона:развитие,регулирование, оценка эффекотивности-Душанбе,2009.-332с.

7. Пиризода Ҷ.С.Эффективность территориальной организации производства хлопка-сырца в Республики Таджикистан. Душанбе,2005.-141с.

8. Тағоев Ҷ.Ҳ. Иқтисоди кишоварзӣ (Васоити таълимӣ)-Душанбе: Ирфон, 2006.-С.214-215 (272с).

9. Шарифов З.Р. Основы риночной экономики и формирование хозяйственного механизма АПК.-Душанбе: Ирфон,2008.-444с.

10. Гафуров Х. Г. Модель аграрной экономики Таджикистана в XXI веке. – Душанбе, 2004. – С.218.

11.Ҳисоботҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон дар соли 2024.

Маълумот дар бораи муаллиф

Сафарзода Ҳамза Сафар-унвонҷӯйи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146. Телефон: +992-985-96-95-91

Сведения об авторе

Сафарзода Хамза Сафар-соискатель Таджикского аграрного университета имени Шириншоха Шотемура. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 146. Телефон: +992-985-96-95-91

About the author

Safarzoda Hamza Safar-PhD candidate at the Shirinshoh Shotemur Tajik Agrarian University. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 146. Phone: +992-985-96-95-91

УДК: 338

ТАҲЛИЛИ САМТҲОИ АСОСИИ САНОАТИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Қарахонова Н.М.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар мақола саноати минтақавӣ маҷмӯи соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ мебошад, ки дар доираи як воҳиди маъмурию ҳудудӣ маҳал карда шудаанд, ки асоси комплекси истеҳсолии минтақаро ташкил медиҳанд, ба таъмини шуғли аҳолӣ мусоидат мекунанд, буҷетҳои маҳаллиро пур мекунанд ва рушди тамоми иқтисодиети минтақаро ҳавасманд мекунанд. дар робита ба ин, ҳадафҳои саноати минтақавӣ қонеъ кардани талаботи минтақа ва тамоми кишвар ба молҳои саноатӣ, эҷоди арзиши иловашуда тавассути коркарди ашеи хоми маҳаллӣ, коҳиш додани вобастагӣ аз воридот, рушди бозори дохилӣ ва иқтидори содиротӣ мебошанд.

Калидвожаҳо: саноат, иқтидори саноатӣ, иқтисоди миллӣ, рушди иқтисодӣ, саноатикунонӣ, корхонаҳои саноатӣ, қарзҳои имтиёзнок, стратегия, корхонаҳои истеҳсолӣ, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ.

Барои иқтибос: Қарахонова, Ш. Таҳлили самтҳои асосии саноати вилояти Хатлон / Н. М. Қарахонова // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 375-382.

АНАЛИЗ ОСНОВНЫХ ОТРАСЛЕЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

Карахонова Н.М.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. Региональная промышленность представляет собой совокупность отраслей промышленного производства, локализованных в пределах одной административно-территориальной единицы, которые составляют основу производственного комплекса региона, способствуют обеспечению занятости населения, пополняют местные бюджеты и стимулируют развитие всей экономики региона. в связи с этим целями региональной промышленности являются удовлетворение спроса региона и всей страны на промышленные товары, создание добавленной стоимости за счет переработки местного сырья, снижение зависимости от импорта, развитие внутреннего рынка и экспортного потенциала.

Ключевые слова: промышленность, промышленный потенциал, национальная экономика, экономическое развитие, индустриализация, промышленные предприятия, льготные кредиты, стратегия, производственные предприятия, макроэкономические показатели.

ANALYSIS OF THE MAIN INDUSTRIES OF KHATLON REGION

Karakhonova N.M.
Tajik State University of Finance and Economics

Annotation. Regional industry is a set of industrial production branches localized within one administrative-territorial unit, which form the basis of the region's industrial complex, contribute to employment, replenish local budgets and stimulate the development of the entire economy of the region. In this regard, the goals of the regional industry are to meet the demand of the region and the whole country for manufactured goods, create added value through the processing of local raw materials, reduce dependence on imports, and develop the domestic market and export potential.

Keywords: industry, industrial potential, national economy, economic development, industrialization, industrial enterprises, preferential loans, strategy, manufacturing enterprises, macroeconomic indicators.

Гузориши масъала. Саноати минтақавӣ маҷмӯи соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ мебошад, ки дар доираи як воҳиди маъмурию ҳудудӣ маҳал карда шудаанд, ки асоси комплекси истеҳсолии минтақаро ташкил медиҳанд, ба таъмини шуғли аҳолӣ мусоидат мекунанд, буҷетҳои маҳаллиро пур мекунанд ва рушди тамоми иқтисодиети минтақаро ҳавасманд мекунанд. дар робита ба ин, ҳадафҳои саноати минтақавӣ қонеъ кардани талаботи минтақа ва тамоми кишвар ба молҳои саноатӣ, эҷоди арзиши иловашуда тавассути коркарди ашеи хоми маҳаллӣ, коҳиш додани вобастагӣ аз воридот, рушди бозори дохилӣ ва иқтидори содиротӣ мебошанд.


Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Вобаста ба таҳқиқоти мазкур муаллиф аз таҳлилҳои муҳаққиқон аз қабили Борисов Д.В. ва Донской Д.А. истифода намудааст. Инчунин бобати таҳлили амиқи таҳқиқот аз маҷмуаҳои оморӣ низ истифода намудааст.

Мақсади мақола аз омӯзиш ва таҳлили самтҳои асосии саноати вилояти Хатлон ба ҳисоб меравад.

Муҳтавои асосии мавод. Дар айни замон, рушди саноати минтақавӣ аз ду хусусияти зерин вобаста аст:

1. Шарти табиӣ-рушди соҳаҳое, ки ба захираҳои мавҷуда асос ефтаанд. Масалан, дар Вилояти Хатлон ин пахтакорӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, мавҷудияти маводи сохтмонӣ мебошад.
2. Аҳамияти иҷтимоию иқтисодӣ-таъсиси ҷойҳои корӣ, паст шудани сатҳи бекорӣ, афзоиши даромади аҳолӣ ва даромади андоз.
3. Хусусияти ҷуғрофӣ таъсири дастрасии нақлиетӣ, наздикӣ ба бозорҳои фурӯш, мавҷудияти инфрасохтор.
4. Сатҳи тахассус минтақаҳо метавонанд самти соҳавӣ дошта бошанд (агросаноатӣ, сабук, хӯрокворӣ, сохтмон ва ғайра).

Ҳамзамон хусусиятҳо ҳадафҳо ва вазифаҳои иқтисоди минтақавиро муайян мекунанд. (расми 1.).



Расми 1. Вазифаҳои саноати минтақавӣ

Таҳияи муаллиф

Аз расм дида мешавад, ки саноати минтақавӣ яке аз ҷузъҳои муҳими иқтидори иқтисодии минтақа ба ҳисоб меравад, ки асоси истеҳсолоти маҳаллиро ташкил дода, боиси ташкили ҷойҳои корӣ ва рушди сатҳи иҷтимоию иқтисодии минтақа мегардад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки минтақаҳои он дорои фарқиятҳои ҷиддӣ аз рӯи захираҳои табиӣ, инфрасохтор ва захираҳои меҳнатӣ мебошанд, рушди саноати минтақавӣ аҳамияти махсус дорад.

Дар робита ба ин, бояд равшан кард, ки хусусияти саноати минтақавӣ дар он аст, ки онро дар заминаи як минтақа баррасӣ кардан мумкин нест, зеро бо рушди кунунии ҳамлу нақли нақлиет, минтақаҳои дигар ва инчунин саноати ин минтақаҳо низ ба раванди истеҳсоли сатҳи умумимиллӣ ҷалб карда мешаванд.

«Дар ин маврид, ҳолати зеринро ба назар гирифтан лозим аст-вақте ки мо дар бораи саноати минтақавӣ сухан меронем, мо тамоми саноатро дар назар дорем. кишвари мо, зеро тамоми заминаи саноативу истеҳсолии иқтисодиёти ватанӣ бояд дар минтақаҳо бошад. Танҳо чунин рушди вазъ

имкон медиҳад, ки аз минтақаҳои пойтахт ва атрофи пойтахт ҷудо кардани сармоя ва рушди қисми зиеди қаламрави кишвар амалӣ карда шавад» [5].

Вилояти Хатлон дар соҳаи кишоварзии кишвар мавқеи пешсафро ишғол мекунад ва тайи солҳои охир мавқеи худро дар соҳаи саноат низ таҳким мебахшад. Сектори саноатии минтақа бо рушди устувор, махсусан дар соҳаҳое, ки ба коркарди ашёи хоми маҳаллӣ равона шудаанд, хос аст. Аз ҷумла, инҳо соҳаҳои нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ ва сабук мебошанд.

Бо вуҷуди ин, саноати минтақавии вилояти Хатлон бо як қатор мушкилоти сохторӣ рӯбарӯ аст, аз ҷумла:

- сатҳи пасти таҷҳизоти техникӣ ва технологияи кӯҳнашуда дар корхонаҳо;
- дастрасии маҳдуд ба сармоягузорӣ ва маблағгузории имтиёзнок;
- инфрасохтори нокифоя (энергетика, нақлиёт, логистика);
- мавҷуд набудани имкониятҳои васеи содирот ва рақобатпазирӣ;
- кифоя набудани мутахассисони баландихтисос ва касбӣ.

Иқтисодиёти саноатии минтақа асосан хусусияти ашёи хом дорад, ки ин боиси вобастагии баланд ба мавсимҳо ва омилҳои беруна мегардад. Қисми зиёди маҳсулот дар сатҳи аввалияи коркард (масалан, тозакунии аввалияи пахта) маҳдуд мешавад ва ба истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши иловашудаи баланд намерасад.

Бо вуҷуди мушкилот, потенсиали рушди саноат дар минтақа баланд арзёбӣ мешавад, ки инро нишондиҳандаҳои чунин тавсия менамоянд:

- захираҳои табиӣ (масолеҳи сохтмон, об, маҳсулоти кишоварзӣ),
- афзалиятҳои демографӣ (аҳолии ҷавон),
- мавқеи ҷуғрофии мувофиқ (наздик ба сарҳад бо Афғонистон ва бозорҳои ҷануби кишвар).

Рушди саноати минтақавӣ дар вилояти Хатлон ниёз ба як равиши низомманд дорад, аз ҷумла:


- ташвиқи сармоягузорӣ ба корхонаҳои коркарди амиқ;
- муосиргардонии таҷҳизот ва технологияҳо;
- васеъ намудани имкониятҳои содирот;
- рушди минтақаҳои саноатӣ ва технопаркҳо;
- дастгирии давлат тавассути барномаҳои махсус ва қарзҳои имтиёзнок.

Саноати минтақавӣ бо истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ҳам зич алоқаманд аст, зеро баъзе соҳаҳои саноат, хусусан саноати сабук ва хурокворӣ бе хоҷагии қишлоқ вуҷуд дошта наметавонанд. Аз ин ру, ҳангоми ҳалли масъалаҳои тараққиёти саноати вилоят дар як вақт ба тараққиёти устувори хоҷагии қишлоқ диққат додан лозим аст.

Дар ин бора Борисов Д.В. гуфтааст: «истеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқ дар тараққиёти саноати вилоят, дар навбати аввал ҳамчун харидорони техника, нуриҳои маъданӣ, технология ва таҷҳизоти корхонаҳои коркарди маҳсулот, дуюум ҳамчун таъминкунандагони ашьёи хоми саноати хурокворӣ, сабук ва дигар соҳаҳои саноат роли калон мебозанд» [3].

Хоҷагии қишлоқ ҳамчун яке аз бахшҳои асосии иқтисоди миллӣ, махсусан дар кишварҳои аграрӣ, ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсири амиқ ва бевосита ба рушди саноати минтақавӣ мерасонад. Дар минтақаҳои аграрии кишвар, аз ҷумла вилояти Хатлон, робитаи байни кишоварзӣ ва саноат хеле зич ва тақдирсоз мебошад.

Чунон ки дар боло кайд карда шуда буд, хоҷагии қишлоқ асосан маҳсулоти озуқаворӣ ва молҳои барои саноати сабук зарурӣ истеҳсол менамояд. Дар чунин шароит, рушди кишоварзӣ ҳамчун муҳарриқи саноат амал мекунад. Афзоиши истеҳсолот дар соҳаи қишлоқ имкони зиёд кардани ҳаҷми коркард, таъсиси корхонаҳои нав ва васеъ кардани содиротро фароҳам меорад, ки дар расми 2. дида метавонем.



Расми 2. Таъсирҳои мусбати хоҷагии қишлоқ ба саноати минтақавӣ
Таҳияи муаллиф

Дар баробари таъсири мусбии соҳаи кишоварзӣ, таъсири он ба саноати минтақавӣ на ҳамеша пурра ва самаранок амалӣ мешавад, бинобар як қатор мушкилот дар ин раванд дида мешаванд:

- сатҳи пасти технологияи кишоварзӣ;
- маҳдудият дар нигоҳдорӣ ва интиқоли маҳсулоти зудвайроншаванда;
- набудани корхонаҳои коркарди амиқ дар баъзе ноҳияҳо;
- вобастагӣ аз шароити иқлимӣ ва хатари офатҳои табиӣ;
- норасоии инфрасохтор, аз ҷумла роҳҳо, барқ ва обрасонӣ.

Бо вуҷуди монеаҳое, ки ба рушди ҳам кишоварзӣ ва ҳам саноати минтақа монеъ мешаванд, истеҳсоли кишоварзӣ дар иқтисодиети миллӣ ва дар маҷмӯъ дар иқтисодиети минтақа ҳамчун самти бартаридошта боқӣ мемонад.

Хоҷагии қишлоқ ҳамчун пояи саноати коркардӣ метавонад ба саноати минтақавӣ такони ҷиддӣ бахшад. Барномаи рушди ҳамоҳангшудаи ин ду бахш метавонад ба таъсиси ҷойҳои корӣ, афзоиши маҳсулнокӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти маҳаллӣ мусоидат намояд.

Бинобарин барои рушди хоҷагии қишлоқ ва саноат дар сатҳи минтақавӣ, зарур мебошад:

- рушди кластерҳои агросаноатӣ бо иштироки бахши хусусӣ;
- ҷорӣ кардани технологияҳои муосир дар истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;
- дастгирии давлатӣ ва молиявӣ барои корхонаҳои коркард;
- бунёди инфрасохтори нигаҳдорӣ ва логистикӣ (анборҳо, марказҳои бастабандӣ, нақлиёти махсусгардонидашуда);
- омодасозии кадрҳои соҳибтахассус дар бахшҳои марбут ба агросаноат.

Дар ин бора дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 чунин гуфта шудааст... «Сармояи табий низ асоси рушди индустриалӣ ва инноватсионии кишварро ташкил медиҳад. Иқтидори азими гидроэнергетики, оби тоза, замин ва иқлими мусоид, олами наботот, захираҳои назарраси меҳнатӣ, захираҳои бойи минералӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок барои инкишофи истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, бунёди бахшҳои муосири саноати истихроҷ ва коркард, металлургияи сиёҳ ва ранга, комплекси агросаноатии аз ҷиҳати экологи тоза имкониятҳои навро фароҳам меоваранд. Мероси бойи таърихию фарҳангии Тоҷикистон, табиати нодири он бо кулҳо, ҳайвоноту растаниҳои нодир, инчунин кӯҳҳои баланд, шарти муҳим барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва афзоиши ҳиссаи соҳаи 10 мазкур дар ММД-и кишвар маҳсуб меёбад» [8].

Ҳамин тариқ, саноати минтақавӣ - на танҳо манбаи рушди иқтисодӣ, балки пояи рушди устувори минтақа ба ҳисоб меравад ва талаб мекунад, ки сиёсати стратегӣ ва чораҳои дастгирӣ дар сатҳи давлатӣ амалӣ гарданд.

Вобаста ба ин Вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои самти аграриву саноатӣ буда, имрӯз яке аз калонтарин ва аҳамиятноктарин минтақаҳои маъмурию иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад. Мувофиқи маълумоти охирини оморӣ, Вилояти Хатлон дорои зичии нисбатан баланди аҳолӣ мебошад. Дар қаламрави вилоят шумораи зиёди шаҳру ноҳияҳо, деҳаҳо ва ҷамоатҳои деҳот мавҷуд аст, ки аксари онҳо дорои хусусияти кишоварзӣ мебошанд. Маҳз ҳамин омил сабаб шудааст, ки аҳолӣ асосан ба соҳаҳои кишоварзӣ, чорводорӣ ва ҳунармандӣ машғул бошад.

Иқтисодиёти вилоят дар солҳои охир дар заминаи рушди инфрасохтор, дастгирии соҳибкорӣ, таъсиси корхонаҳои хурду миёна ва татбиқи барномаҳои давлатии иҷтимоию иқтисодӣ рушд мекунад. Ҳукумати кишвар ба рушди Вилояти Хатлон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд, зеро он ҳамчун минтақаи дорои иқтидори бузурги захиравӣ, демографӣ ва иқтисодӣ, нақши муҳимро дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва суботи иҷтимоӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ мебозад. Ҳамзамон, бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ ва суръати баланди урбанизатсия, зарурати таҳия ва татбиқи стратегияҳои нав дар самти рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, такмили механизмҳои идоракунӣ ва истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ба миён омадааст.

Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, Вилояти Хатлон ҳамчун минтақаи дорои аҳамияти стратегӣ, захираҳои табиӣ, меҳнатӣ ва демографӣ, бояд дар маркази таваҷҷуҳи сиёсатҳои давлатӣ ва тадбирҳои институтсионалии рушди минбаъда қарор гирад.

Минтақа яке аз воҳидҳои асосии маъмурию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дорои аҳамияти баланди стратегӣ ва демографӣ дар низоми рушди миллии кишвар мебошад. Вилоят дар қисми ҷанубии ҷумҳурӣ ҷойгир буда, бо 25 шаҳру ноҳия, беш аз 380 ҷамоати деҳот ва ҳазорҳо маҳаллаҳои аҳолинишин фаро гирифта шудааст. Масоҳати умумии вилоят зиёда аз 24 ҳазор км²-ро ташкил дода, шумораи аҳолӣ мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2023) зиёда аз 3,9 миллион нафар мебошад, ки тақрибан 38% аҳолии умумии кишварро дар бар мегирад [1].

Зичии аҳолӣ дар Хатлон нисбатан баланд арзёбӣ мешавад ва ба ҳисоби миёна зиёда аз 160 нафар дар 1 км²-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда ҳам имконият ва ҳам мушкилотро дар самти рушди иҷтимоии устувор, таъмини инфрасохтор, хизматрасониҳои тиббӣ ва маориф ба миён меорад. Иқтисодиёти Вилояти Хатлон бошад, пеш аз ҳама, ба соҳаи кишоварзӣ такя дорад. Вилоят аз рӯйи ҳаҷми истеҳсоли пахта, ғалладона, меваю сабзавот ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ дар мақоми аввал дар ҷумҳурӣ қарор дорад. Тибқи омори расмӣ, дар соли 2022 дар вилоят зиёда аз 340 ҳазор гектар заминҳои корам истифода шудаанд, ки дар онҳо 110 ҳазор тонна пахта, 950 ҳазор тонна сабзавот ва 700 ҳазор тонна мева истеҳсол шудааст [4].

Илова бар ин, дар солҳои охир тавассути татбиқи Барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии маҳаллӣ ва дастгирии сармоягузории давлатӣ ва хусусӣ, рушди соҳаҳои саноат, энергетика, коркарди маҳсулот ва хизматрасонӣ низ вусъат ёфтааст. Сохтмони инфрасохтори нақлиётӣ, мактабҳо, беморхонаҳо, марказҳои хизматрасонӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ яке аз афзалиятҳои сиёсатҳои давлатӣ дар минтақа арзёбӣ мегардад [2].

Дар доираи кори диссертатсионӣ зарур меояд, ки ба саноати Вилояти Хатлон бештар аҳамият джода шавад ва саноати минтақа ба яке аз бахшҳои калидии иқтисодиёти Вилояти Хатлон ба дохил мешавад, ки рушди он барои диверсификатсияи иқтисодиёт, таъсиси ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротии минтақа аҳамияти бузург дорад. Дар шароити гузариш ба модели рушди индустриалии миллӣ, тақвият бахшидан ба иқтидори саноатии вилоят ҳамчун ҳадафи стратегии сиёсати давлатӣ арзёбӣ мегардад.

Мувофиқи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар Вилояти Хатлон то охири соли 2023 зиёда аз 420 корхона ва воҳиди саноатӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки асосан дар самтҳои зерин фаъолият мекунанд:

- коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (меваҷот, сабзавот, гӯшт, шир);
- истеҳсоли масолеҳи сохтмон (семент, хишт, гаҷ);
- нассоҷӣ ва дӯзандагӣ;
- коркарди нахи пахта ва истеҳсоли равған;
- соҳаҳои хурди химия ва металлбарорӣ.

Тибқи омори расмӣ, ҳаҷми маҳсулоти умумии саноатӣ дар вилоят дар соли 2024 ба 12478066,1 Ҳазор сомонӣ расида, нисбат ба соли гузашта 1,07 маротиба афзоиш нишон додааст. Бо вуҷуди ин,

ҳиссаи саноат дар сохтори ММД-и вилоят ҳанӯз ҳам паст буда, имконоти истифоданашудаи зиёд дорад [7].

Вале ба монанди дигар соҳаҳои иқтисоди милли Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар саноати минтақавӣ мушкилиҳои назаррас вуҷуд доранд. Ин мушкилиҳо дар вилоят иборатанд аз:

- сатҳи пасти таҷҳизот ва технологияҳо;
- норасоии кадрҳои тахассусӣ;
- таъминоти нокифоя бо шабакаҳои энергетикӣ ва логистикӣ;
- дастрасии маҳдуд ба сармоягузориҳои хориҷӣ ва технологияҳои нав.

Бо дарназардошти он, ки Вилояти Хатлон дорои захираҳои бойи ашёи хом, қувваи кории фаровон ва бозори дохилию хориҷии мусоид аст, зарур аст, ки тавассути ҷалби сармоя, ташкили кластерҳои саноатӣ, рақамисозии истеҳсолот ва дастгирии корхонаҳои хурду миёна саноат ҳамчун муҳаррики рушд ташаккул ёбад.

Аз ин лиҳоз нақшаи рушди саноатии вилоят барои солҳои 2021–2025, ки дар асоси Барномаи давлатӣ таҳия шудааст, ба ташкили корхонаҳои нав, воридсозии технологияҳои тоза ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолии ватанӣ равона гардидааст.

Вобаста ба ин самтҳои асосии саноати Вилояти Хатлонро баррасӣ намудан ба мавриб аст. Саноати Вилояти Хатлон ба чанд самти калидӣ тақсим мешавад, ки ба имкониятҳои захиравӣ, иқлимӣ ва иқтисодии минтақа мутобиқанд. Самтҳои зерин ҳамчун афзалиятнок ва фаъол шинохта шудаанд. (Расми 3.).

Коркарди маҳсулоти кишоварзӣ	Вилояти Хатлон яке аз истеҳсолкунандагони асосии пахта, сабзавот, мева ва зироатҳои ғалладона дар ҷумҳурӣ мебошад. Аз ин рӯ, соҳаҳои коркарди пахта, истеҳсоли равған, консервбарорӣ ва хушккунии меваҳо дар минтақа хеле рушд кардаанд.
Саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ	Бо дарназардошти мавҷудияти ашёи хоми ватанӣ (нахи пахта), дар вилоят корхонаҳои нассоҷӣ ва дӯзандагӣ фаъолият мекунанд. Баъзе аз онҳо ба содироти маҳсулоти нассоҷӣ ба хориҷи кишвар машғуланд.
Истеҳсоли масолеҳи сохтмон	Дар Хатлон захираҳои табиии маводи сохтмонӣ фаровон аст (шағал, гаҷ, хишт, семент). Аз ин рӯ, истеҳсоли семент, блокҳои бетонӣ ва дигар масолеҳи сохтмонӣ ба як самти муҳими саноат табдил ёфтааст.
Саноати хӯрокворӣ	Дар баробари коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, корхонаҳои истеҳсоли нон, маҳсулоти қаннодӣ, шарбатҳо ва обҳои маъданӣ низ фаъолият доранд.
Саноати сабук	Дар баробари дӯзандагӣ, баъзе корхонаҳо истеҳсоли пойафзол, куртаву либосҳои корӣ ва маҳсулоти чармиро ба роҳ мондаанд.
Энергетика ва коркарди захираҳои маҳаллӣ	Дар баъзе ноҳияҳо истеҳсоли барқ (бо истифода аз нерӯгоҳҳои хурд) ва коркарди ангишт ва нафт вуҷуд дорад, ки ба таъминоти дохилӣ нигаронда шудааст.

Расми 3. Самтҳои асосии саноати Вилояти Хатлон

Коркарди муаллиф

Дар асоси расми 3. самтҳои асосии саноати Вилояти Хатлонро дида мебароем, ки вазъияти муосири саноати минтақавӣ равшантар гардад.

Коркарди маҳсулоти кишоварзӣ. Вилояти Хатлон аз нигоҳи иқлимӣ ва захираҳои замин ба шумори манотиқи аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мешавад. Ин вилоят яке аз таъминкунандагони асосии маҳсулоти кишоварзӣ — аз ҷумла пахта, зироатҳои ғалладона, сабзавот ва мева — мебошад. Дар робита ба ин, самти саноатие, ки бо коркарди маҳсулоти кишоварзӣ машғул аст, афзалият дорад. Корхонаҳои пахтатозакунӣ, равғанбарорӣ, хушккунии мева, консервбарорӣ ва

истеҳсоли шарбатҳо фаъолона рушд мекунанд. Ин соҳа на танҳо талаботи дохилии вилоят ва ҷумҳуриро қонеъ мекунад, балки ба содирот низ равона шудааст.

Саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ. Ба шарофати истеҳсоли фаровони пахта ва дастрасии ашёи хоми маҳаллӣ, дар Хатлон корхонаҳои нассоҷӣ ва дӯзандагӣ мавқеи устувор доранд. Ин бахш бо дастгирии барномаҳои давлатӣ рушд ёфта, корхонаҳои калон ва миёна, аз ҷумла дар шаҳрҳои Бохтар, Қӯрғонтеппа, Леваканд ва дигар манотиқ, дар ин самт фаъолият мекунанд. Истеҳсоли ресмон, матоъ, либосҳои тайёр, маҳсулоти нассоҷии саноатӣ ва либосҳои корӣ аз ҷумлаи маҳсулоти ин бахш ба шумор мераванд.


Истеҳсоли масолеҳи сохтмон. Дар Вилояти Хатлон захираҳои бойи табиӣ барои истеҳсоли масолеҳи сохтмон мавҷуд аст. Аз ҷумла, маводи монанди шағал, санги хоро, гаҷ, гил, хишт ва семент дар минтақаҳо фаровон аст. Дар асоси ин захираҳо, як қатор корхонаҳо таъсис ёфтаанд, ки ба истеҳсоли семент, хишти пухта, блокҳои бетонӣ, кафел, гаҷкартон ва маҳсулоти дигари сохтмонӣ машғуланд. Бо рушди сохтмонҳои инфрасохторӣ, манзилсозӣ ва роҳсозӣ, талабот ба чунин масолеҳ рӯ ба афзоиш аст.

Саноати хӯрокворӣ. Дар баробари бахши кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ низ яке аз бахшҳои муҳими саноати Хатлон мебошад. Корхонаҳои истеҳсоли орд, нон, маҳсулоти қаннодӣ, макарон, обҳои ташнашикан ва дигар маҳсулоти хӯрокворӣ на танҳо ба аҳолии маҳаллӣ хизмат мерасонанд, балки қисман ба бозорҳои дигар манотиқи ҷумҳурӣ низ маҳсулот содир мекунанд.

Саноати сабук. Бахши саноати сабук, ки аз коркарди чарм, истеҳсоли либос, пойафзол, сумка ва дигар лавозимот иборат аст, дар марҳилаи рушди миёна қарор дорад. Баъзе корхонаҳо бо истифода аз таҷҳизоти нав ва дастгирии давлатӣ ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир машғуланд. Ин бахш метавонад дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ, махсусан барои занон, нақши муҳим бозад.

Энергетика ва коркарди захираҳои маҳаллӣ. Дар баъзе ноҳияҳои Хатлон, захираҳои маҳаллии энергетикӣ — аз ҷумла оби ҷорӣ барои нерӯгоҳҳои хурди барқӣ, ангишт ва ҳатто нафт - истифода мешаванд. Нерӯгоҳҳои хурди барқӣ дар таъминоти барқии деҳот нақши муассир доранд. Ҳамчунин, иқтидори коркарди ангишт ва ҳосил кардани нерӯи гармӣ низ дар баъзе ноҳияҳо ба назар мерасад. Ин соҳа дар оянда метавонад дар баробари рушди иқтисоди сабз ва кам кардани вобастагӣ аз манбаъҳои беруна нақш бозад.

Диаграммаи 1. Ҳиссаи самтҳои асосии саноати Вилояти Хатлон бо ҳиссаи ҳар як бахш аз саноати умумии вилоят



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои расмӣ [6].

Аз диаграмма дида мешавад, ки бахши калидии саноати Вилояти Хатлонро коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ташкил медиҳад, ки тақрибан 35% ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатиро дар бар мегирад. Ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки вилоят то ҳол асосан дорои хусусияти агросаноатӣ мебошад ва рушди иқтисодии он бо соҳаи кишоварзӣ сахт алоқаманд аст.

Саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ бошад бо ҳиссаи 20% дар зинаи дувум қарор дорад. Бо таваҷҷуҳ ба истеҳсоли калонҳаҷми пахта ва мавҷуд будани таҷриба дар ин соҳа, он ҳамчун бахши дорои иқтидори баланди рушди содиротӣ арзёбӣ мегардад.

Агар саноати масолеҳи сохтмон ва саноати хӯрокворӣ дида баромада шавад, он гоҳ маълум мегардад, ки ин самт мутаносибан 15% ва 10%-ро ташкил медиҳанд, бештар ба талаботи дохилӣ ва

инфрасохтори маҳаллӣ нигаронда шудаанд. Бо афзоиши сохтмон ва урбанизатсия, талабот ба масолеҳи сохтмон низ меафзояд.

Саноати сабук, аз ҷумла коркарди чарм ва истеҳсоли либоси корӣ, ҳиссаи нисбатан камтар - 8%-ро ташкил медиҳад, вале дорои иқтидори баланд барои афзоиш дар шароити дастгирии соҳибкорӣ мебошад.

Бахши дигаре ин бахши энергетика иебошад, ки дар он ва дар дигар самтҳо (12%), захираи нерӯгоҳҳои хурд ва захираҳои маҳаллӣ ҷой доранд, ки бо истифодаи технологияи замонавӣ метавонанд ба манбаи устувори барқароршавандаи рушд табдил ёбанд.

Аз ин лиҳоз, Сохтори ҷорӣ ва динамикаи рушди самтҳои асосии саноати Вилояти Хатлон нишон медиҳанд, ки:

- Санои вилоят ҳоло ҳам дорои унсурҳои агросаноатӣ дорад;
- Иқтидори бузурги коркарди ашёи хоми маҳаллӣ мавҷуд аст;
- Рақамисозӣ, дастгирии кластерҳо ва ҷалби сармоя метавонанд ба густариши бахшҳои носусти саноат мусоидат кунанд;
- Зарурати диверсификатсия ва рушди самтҳои технологӣ ба миён омадааст.

Барои таъмини рушди устувори саноати Вилояти Хатлон зарур аст, ки тавассути сиёсати оқилонаи иқтисодӣ, дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Адабиёт

1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шумораи аҳолӣ, нашрия №1, Душанбе, 2023.
2. Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии Вилояти Хатлон барои солҳои 2021–2025.
3. Борисов Д.В. "Влияние сельского хозяйства на развитие региональной промышленности" Никоновские чтения, №. 12, 2007, С. 142-144.
4. Вазорати кишоварзии ҶТ. Ҳисоботи кишоварзии соли 2022.
5. Донской Д.А. "Инструменты развития региональной промышленности" Российское предпринимательство, в. 18, №. 24, 2017, С. 4151- 4162.
6. Промышленность Хатлона увеличила производство на 6,7%. 26 декабря, 2024. https://avesta.tj/2024/12/26/promyshlennost-hatlona-uvelichila-proizvodstvo-na-6-7/?utm_source=chatgpt.com
7. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Хатлон. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Вилояти Хатлон – январ - декабр. С. 10
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. С. 10.

Маълумот дар бораи муаллиф

Қарахонова Нигина Маҳманазаровна- ассистенти кафедраи андоз ва суғурта ДДМИТ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Телефон: 985909046.

Сведения об авторах

Карахонова Нигина Махманазаровна-ассистент кафедры налогов и страхование ТГФЭУ. Адрес:734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: 985909046.

About the author

Karakhonova Nigina Mahmanazarovna-Assistant of the Department of Taxes and Taxation, Tajik state university of finance and economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Phone 985909046.

УДК: 330 (075.8)

ПАСАНДОЗҲОИ АҲОЛӢ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ МУҲИМИ ТАЪМИНИ САТҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ БОНКҲОИ ТИҷОРАТӢ ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШИ ИҚТИСОДӢ

Ҳаёзода Қ.А.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Аннотатсия. Пасандозҳои аҳолӣ дар фаъолияти бомарому бардавоми бонкҳои тиҷоратӣ яке аз амалиётҳои калидӣ дониста мешавад. Бо назардошти ин хусусияташ, раванди пасандозгузории аҳолӣ дар низоми бонкӣ аз ҷониби муаллиф мавриди таҳлили амиқ қарор дода шуда, нишондиҳандаҳои он дар 5 соли охир дар матни мақола ба таври васеъ оварда шудаанд. Дар натиҷаи таҳлил, муаллиф ошкор намуд, ки ҷалби солонаи пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ майли афзоиш дошта, бевосита афзоишдиҳандаи сармояи устувори бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити кунунии асри навини рушди муносибатҳои иқтисодӣ дониста мешавад. Муаллиф бар он назар мебошад, ки агар пасандозҳои ҷалбшуда якҷо бо маблағҳои худдӣ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ба шахсони дар воқеъ ба фаъолият машғул буда, на ба шахсони тасодуфӣ ва соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ равона гардад, дар натиҷа метавонад даромади бонк беш гашта, аз ин ҳисоб ҳам сатҳи устувории молиявии хеш ва ҳам сатҳи пардохтпазираишро дар нази пасандоздорон таъмин намуда бошанд. Бо назардошти муҳим донистани ҷалби пасандоз ва овардани нишондиҳандаҳои амиқи омории онҳо, бархе аз роҳҳои мушаххас аз ҷониби муаллиф ҷиҳати аз байн бурдани монеъаҳои ҷалби пасандозҳои аҳолӣ дар мақола пешниҳод шудаанд, ки татбиқи онҳо метавонад имконияти мусбатро фароҳам оварда бошад.

Калидвожаҳо: пасандозҳои аҳолӣ, меъёри фоизи пасандоз, афзоиши сармояи бонкҳо, сатҳи баланди пардохтпазирӣ, зиёдшавии имкониятҳои қарзӣ, фаъолгардии бахши истеҳсолӣ, даромади босуръати бонк, суғуртаи пасандозҳо, устувории молиявии бонкҳо.

Барои иқтибос: Ҳаёзода, Қ. А. Пасандозҳои аҳолӣ ҳамчун механизми муҳими таъмини сатҳи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити гузариши иқтисодӣ / Қ. А. Ҳаёзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. –No. 1. – С. 383-392.

ДЕПОЗИТЫ НАСЕЛЕНИЯ КАК ВАЖНЫЙ МЕХАНИЗМ ОБЕСПЕЧЕНИЯ УРОВНЯ ФИНАНСОВОЙ СТАБИЛЬНОСТИ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ В УСЛОВИЯХ ЭКОНОМИЧЕСКОГО ПЕРЕХОДА

Хаёзода К.А.
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки

Аннотация. Депозиты населения считаются одной из ключевых операций в успешной и устойчивой деятельности коммерческих банков. Учитывая эту особенность, автор подверг процесс депозитов населения в банковской системе углубленному анализу, и его показатели за последние 5 лет подробно представлены в тексте статьи. В результате анализа автор выявил, что ежегодная привлечение депозитов населения в коммерческие банки имеет тенденцию к увеличению и рассматривается как прямое увеличение стабильного капитала коммерческих банков в современных условиях нового столетия развития экономических отношений. Автор считает, что если изымаемые депозиты, вместе с самими средствами, направляются коммерческими банками фактически занятым предпринимательской деятельностью лицам, а не случайным лицам и приоритетным секторам народного хозяйства, то в результате доход банка может увеличиться, обеспечивая тем самым как его финансовую стабильность, так и уровень платежеспособности вкладчиков. Учитывая важность привлечения депозитов и предоставляя подробные статистические показатели по этому вопросу, автор предлагает в статье ряд конкретных способов устранения препятствий для привлечения депозитов из населения, реализация которых может открыть позитивные возможности.

Ключевые слова: депозиты населения, процентные ставки по депозитам, рост банковского капитала, высокий уровень ликвидности, расширение возможностей кредитования, активизация производственного сектора, быстрый рост доходов банков, страхование депозитов, финансовая стабильность банков.

POPULATION DEPOSITS AS AN IMPORTANT MECHANISM FOR ENSURING THE LEVEL OF FINANCIAL STABILITY OF COMMERCIAL BANKS IN CONDITIONS OF ECONOMIC TRANSITION

Hayozoda Q.A.
Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki

Annotation. Population deposits are considered one of the key operations in the successful and sustainable operation of commercial banks. Given this feature, the author has subjected the process of population deposits in the banking system to an in-depth analysis, and its indicators for the last 5 years are extensively presented in the text of the article. As a result of the analysis, the author revealed that the annual attraction of population deposits in commercial banks tends to increase and is considered a direct increase in the stable capital of commercial banks in the current conditions of the new century of development of economic relations. The author believes that if the withdrawn deposits, together with the funds themselves, are directed by commercial banks to persons actually engaged in business, and not to random individuals and priority sectors of the national economy, as a result, the bank's income can increase, thereby ensuring both its financial stability and the level of solvency among depositors. Considering the importance of attracting deposits and providing in-depth statistical indicators of them, the author proposes some specific ways to eliminate obstacles to attracting deposits from the population in the article, the implementation of which may provide positive opportunities.
Keywords: population deposits, deposit interest rates, growth in bank capital, high level of liquidity, increased lending opportunities, activation of the manufacturing sector, rapid bank income, deposit insurance, financial stability of banks.

Гузориши масъала. Поймол шудани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони низоми бонкӣ омили манфии таъсирасон ба фаъолияти тамоми бонкҳои тиҷоратӣ арзёбӣ гашта, бо сабаби баромадан аз эътимод, метавонад пасандозҳои онҳо аз бонкҳои тиҷоратӣ бозхонд шуда, дар камшавии имкониятҳои молиявӣ ва таъмин карда навонистани амалиётҳои фаъол таъсир расонида, ниҳоятан ба шикастпазирии бонкҳо боис гашта, рушди муносиби иқтисодиёти миллиро коҳиш медиҳад. Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори соҳаи низоми бонкӣ, дар доираи муқаррароти санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҳаҷми доштани маблағҳои худии бидуни уҳдадорӣ ва лозима, яъне сармояи оинномавиро барои оғоз намудани фаъолияти тамоми бонкҳои тиҷоратӣ муайян менамояд. Вале дар ин шароити навин ва зиёд будани номуайяниҳои иқтисодӣ ба роҳ мондани ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ва дар ин заминаи муфид, таъмини талаботҳои субъектҳои бахши соҳибкорӣ ва дигар табақаҳои аҳолӣ ба воситаҳои қарзӣ ва аз ин ҳисоб бадастовардани даромад ба бонкҳои тиҷоратӣ, дар бахши қонунгузории соҳавӣ ин амалиёт ҳатмӣ ишора шудааст. Чун бевосита самараи фаъолият ва устувории молиявии бонк ин дар ҷалби пасандозҳои аҳолӣ мушоҳида мегардад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Вобаста ба масъалаи баррасишаванда, аз ҷониби олимон Шариф Раҳимзода, Хайрзода Ш.Қ., Тилабов Ё.Е., Олимов У.М., Ҳикматов У.С., Ҷулиев М.Ҳ., Авгонов Н.А. ва дигар муҳаққиқони соҳа таҳқиқотҳо гузаронида шудааст.

Мақсади мақола. Омӯзиши вазъи майли пасандозгузории аҳолӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ, таҳлили вазъи бозори пасандозгузорӣ ва пешниҳоди роҳҳои афзалиятдошта бо мақсади татбиқу аз байн бурдани монеаҳо ва таъмини рушди устувори молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар заминаи сиёсати дурусти ҷалби пасандозӣ ба ҳисоб меравад.


Муҳтавои асосии мавод. Баланд бардоштани сатҳи даромади аҳолӣ яке аз талаботҳои асосии шароити кунунии ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва худи аҳолӣ маҳсуб ёфта, ҳамзамон дар афзоиш додани сармояи бонкҳои тиҷоратӣ нақши бевосита калидиро мебозад. Аммо чунин баландбардории натиҷаи меҳнати ҳар шахс, бевосита аз донишу малака ва самараи фаъолияташ вобаста буда, наметавон дар шароити омода набудан ба талаботи бозори меҳнат ва сатҳи наонқадар хуби фарогирии аҳолӣ ба шуғл, ба ин сатҳи зарурии рушд расид.

Имрӯз дар кишвар масъалаҳои бунёди корхонаҳои хурду миёна босуръат ба роҳ монда шуда, дар афзоши ММД ва таъмини бозорҳои дохилӣ бо мақсади кам вобаст намудани талаботи иқтисодии аҳолиро аз воридоти маҳсулоти хориҷа нақшгузор мебошад. Маҳз яке аз масъалаҳои ниҳоятан калидие, ки дар хариди интизориҳои аҳолӣ нақшии аввалиндараҷа дорад, ин низоми бонкии солим дониста шуда, раванди танзими давлатии бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини саривақтии аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифати молиявӣ ва ҳамзамон, сохтани як низоми устувори бонкие, ки пайваста ҳуқуқҳои муштариёнашро ҷонибдорӣ карда, сатҳи лозимаи пардохтпазириашро собит месозад, пайваста идома ёфта истодааст.

Роҷеъ ба сатҳи устуворгардии низоми бонкӣ ва таъсири он ба соҳаҳои ҷамъият Хайрзода Ш.Қ. бар он назар мебошад, ки муваффақиятҳои рушди иқтисодиёти миллӣ ба таври назаррас аз

ҳолати низоми бонкии мамлакат вобаста аст. Дар робита ба ин, масъалаи омӯзиши вазъи мавҷуда дар соҳаи низоми бонкӣ, таърифи мушкилоти дар он вуҷуддошта ва тарзҳои ҳалли онҳо, инчунин арзёбии дурнамои рушди он, басо мубрам мегардад [10, с. 84]. Дигар муҳаққиқи соҳа Олимов У.М. чунин иброз медорад, ки ташаккул ва рушди бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат мекунад, пеш аз ҳама бо татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, такмили меъёрҳои ҳуқуқӣ, такмили низоми бонкӣ, рушди муносибатҳои бозорӣ, ҷараёни мунтазами маблағҳои муҳоҷирон, такмили муносибатҳои байни миллатҳо ва ғайра алоқаманд аст [8, с. 38]. Ҷулиев М.Ҳ. бошад гуфтаҳои муҳаққиқони болозикрро ҷонибдорӣ карда, таъкид ба он менамояд, ки низоми бонкӣ ҳамчун як низоми фаъол дар сатҳи иқтисодиёти кишвар ва яке аз манбаъҳои асосии маблаггузорӣ ба иқтисодиёти давлат мебошад, ки ин аз ҷамъоварӣ ва ба самтҳои афзалиятнок сафарбар намудани маблағҳо, ки ин дар доираи маблағҳои шахсонӣ воқеӣ ва ҳуқуқӣ сурат мегирад, нақши асосӣ дорад [6, с. 59].

Дар воқеъ, устувории молиявӣ ин заминаи ягонаи таъмини фаъолияти бардавоми бонк дар тамоми шароитҳои бавуҷудояндаи буҳронӣ ва барҳам нагаштани муносибатҳои муфиди иқтисодии байни шарикони бонк арзёбӣ гашта, маҳз муҳофизаткунандаи худи бонк ва такягоҳи охирину боэътимоди молиявии аҳолӣ дар ҳолатҳои ниёздоштанашон буда, ҳамзамон бонкҳои тиҷоратиро мебояд, ки бо сиёсати дастаҷамъонаи дурандешона ва таҳлилҳои амиқи шахсони қарзгирандаю вазъи кунунии бозор, мақсадҳои хешро дар амал татбиқ намуда бошанд. Ин аст, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ» дар қатори дигар меъёрҳои мақбули ҳатмӣ, ҷалби пасандоз ва амонатҳоро низ ишора намудааст (расми 1):




Расми 1. - Меъёрҳои мақбули ҳатмии Бонки миллии Тоҷикистон
Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [4]

Дар дастурамали болозикр дарҷ шудааст, ки он сохторҳои бонкие, ки мақоми ташкилотҳои амонатии қарзии хурдро доранд, метавонанд тибқи нишондиҳандаҳои тавсияии ин санад то 3 маротибаи сармояи танзимшаванда ҷалби пасандозу амонат карда бошанд. Пас худи ин омори дарҷгардида исботи оне аст, ки маболағҳои аҳолӣ ба сифати пасандоз дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ чун обу ҳаво зарур мебошанд.

Ҳамзамон, дар дигар санади низоми бонкӣ, аниқтараш Асосҳои сиёсати макропруденсиалии Бонки миллии Тоҷикисон чунин баён шудааст, ки мақсади асосӣ ин нигоҳ доштани суботи низоми молиявии кишвар, дар заминаи баланд бардоштани устувории молиявии яке аз сохторҳои фаъоли он, яъне низоми бонкӣ мебошад [2] ва ин раванд метавонад, ки бонкҳои тиҷоратиро бо истифода аз самтҳои муайяни афзалиятдошта боз ҳам ба яке аз марказҳои боэътимоди таъмини молиявии кишвар табдил диҳад.

Гарчанде тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ имрӯз аз ҷониби Бонки марказии Тоҷикистон барои ҳамаи сохторҳои низоми бонкӣ ҳаҷми саромояи оинномавӣ муқаррар шуда бошад ҳам (диаграммаи 1), лекин бидуни ҷалби маблағҳои озоди аҳолӣ, ки ин раванд дастгирии аҳолиро нисбат ба низоми бонкӣ нишон медиҳад, бонкҳои тичоратӣ наметавонанд сараввал устувории молиявии худашонро таъмин ва сипас ҳиссаи бешро дар рушди ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар расонида бошанд.

Диаграммаи 1. – Ҳаҷми сармояи оинномавӣ барои ҳар яке аз сохторҳои навтаъсиси бонкҳои тиҷоратӣ, млн. сомонӣ




Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси дастурамали №176-и Бонки миллии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ».

Доир ба масъалаи муҳим ва ҳамеша муаммодори ҷалби васеъи пасандозҳои аҳолӣ дар низоми бонкӣ, муҳаққиқон ва коршиносони сатҳҳои гуногун, аллакай назарияҳои махсуси худро иброз намудаанд, ки то ба ҳол дар ин шароити амалкунанда, боз ҳам тақвияти андеша ва чорабиниҳои навро ҷиҳати то андозае ҳалли роҳи мушкилотдори мавҷуда, бевосита тақозо менамояд. Вобаста ба хусусияти пасандозҳои аҳолӣ Авгонов Н.А. таҳқиқот гузаронида, чунин ишора менамояд, ки иқтидори захираҳои молиявии аҳолиро метавон ҳамчун пули нақди муваққатӣ ҳисоб кард, ки дар низоми бонкӣ ҳамчун амонат гузошта шудааст ва ба ин васила захираҳои бонкиро афзун мегардонад ва тавассути сохтори бонкӣ иқтисодиётро ба захираҳои қарзӣ таъмин месозад [1, с. 74], Тилабов Ё.Е. қайд мекунад, ки барои ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ба бозори сармоявӣ, ташкили шабакаи васеи ташкилотҳои миёнарави молиявии бонкҳо ва фондҳои сармоягузор, ширкатҳои суғурта, фондҳои нафақа, ҷамъияти сохтмонҳо ва ғайра зарур аст. Лекин, аз рӯйи имконият ҳимоя ва ҳифзи онҳое, ки мехоҳанд маблағҳои худро бо арзиши саҳҳомӣ маблағгузорӣ намоянд, хело муҳим аст. Аз ҷумла бо роҳи муқаррар намудани қоидаҳои қатъии назорати давлатӣ аз болои корхонаҳое, ки онҳо барои ҷалби даромадҳои аҳолӣ омодаи талош мебошанд [9, с. 134].

Дар воқеъ, устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ниҳоят вобаст мебошад. Чун бонкҳои тиҷоратӣ аз аҳолӣ пасандозҳоро бо фоизҳои нисбатан паст ба меъёри қарз ҷалб намуда, боз баръакс ба нафарони ба пул эҳтиёҷдошта бо фоизҳои нисбат ба пасандоз баландтар ҳамчун қарз пешниҳод менамоянд, ки дар ин маврид вазифаи миёнарвавии бонкҳо маълум гашта, ба худ сатҳи мувофиқи даромадро таъмин месозанд. Бештар ба роҳ мондани амалиёти қарзӣ нисбат ба дигар амалиётҳо аз лиҳози фоизи баланд барои бонкҳои тиҷоратӣ афзалияти зиёд дорад. Ин аст, ки имрӯз дар бозорои бонкӣ бо мақсади зиёд намудани муштариён, рақобати тағйир додани меъёри фоизи ҷалби пасандоз дида мешавад ва худи ин ҷарраён барои муштариён бо мақсади интихоби бонки тиҷоратӣ, гузоштани пасандоз ва таъмини амнияту афзоиши сармоя имконияти беш медиҳад (диаграммаи 2).

Диаграммаи 2. – Меъёри миёнавазни пасандоз ва қарзҳо дар низоми бонкии Тоҷикистон, фоиз



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [8]

Бевосита аз натиҷаи диаграммаи 2 маълум мегардад, ки меъёри фоизи пасандоз аз 6,36 фоизи соли 2020 ба 10,78 фоиз дар соли 2024 ва меъёри фоизи қарз аз 18,93 фоизи соли 2020 ба 19,5 фоиз дар соли 2024 расидааст, ки дар ин муддати 5 соли охир меъёри пасандоз 4,42 фоиз ва меъёри қарз 0,57 фоиз афзоиш ёфтааст. Албатта, чунин раванд, яъне баландгардии меъёри фоизи пасандоз ба ҳавасмандии беши аҳолӣ бо мақсади ба дигар самт равона накардани маблағҳои озод, гузоштани онҳо танҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ ва ба афзоишёбии сармоя мусоидат намуда, аммо афзоиши сатҳи меъёри фоизи қарз боиси монеъи афзоиши қарздиҳии бонкӣ гашта, дар бадастовардани эътимоди зиёди аҳолию таъмини сатҳи даромади пайвастаи бонк мусоидат накарда, пайвастгарӣ риштаи муносибатҳои иқтисодӣ ва стратегии тарафайн нахоҳад буд.

Агар меъёри фоизи қарзҳоро дар солҳои 2021, ки 20,65 фоиз ва 2022, ки 20,87 фоиз мебошад, таҳлил намоем, мушоҳидаи он мегардад, ки сатҳи меъёри фоизи қарзҳо нисбат ба соли 2024 ба андозаи 1,15 ва 1,37 фоиз зиёд мебошад. Яке аз омилҳое, ки тавонист боиси баланд шудани сатҳи меъёри фоизи қарзҳо дар соли 2021 ва 2022, ки нисбат ба меъёри фоизи қарзии соли 2018 ба андозаи 1,94 фоиз зиёд мебошад, гардад, ин аз ҳисоби аз байн рафтани 5 адад бонк дар солҳои 2020 ва 2021 дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин асос камшавии ҳаҷми захираҳои молиявии низоми бонкӣ ва норасо шудан ба бештар намудани ҳаҷм ва шумораи амалиётҳои фаъол, баланд гаштани меъёри фоизии қарзу боқи мондани вазъи нохуби саривақтии таъмин карда натавонистани талаботҳои қарзии аҳолии ба пул эҳтиёҷдошта мебошад.

Дар ин замина, бо мақсади раванди муносиби пасандозгузории аҳолӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандоз» [5] дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди татбиқ қарор дорад, ки мақсади асосии он таъмини саривақтии фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандоз ва баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ нисбат ба низоми бонкӣ мебошад. Маҳз чунин раванди ҷубронпулии амонату пасандозҳои аҳолӣ имконияти онро медиҳад, ки дучоршавии бонкҳои тиҷоратӣ ба норасоии захираҳои молиявӣ ботадриҷ аз байн рафта, суботи муносиби бонкӣ дар шароитҳои дилхоҳи тағйирёбанда андозае устувор бошад.

Бонки милли Тоҷикистон дар низоми қонунгузории соҳавии хеш, амалиёти қабули пасандозҳоро дар фаъолияти тамоми бонкҳои тиҷоратӣ калидӣ арзёбӣ намудааст ва онҳоро мебояд, ки чунин амалиёти афзалиятдоштаро зиёдтар анҷом намуда бошанд. Чун бонкҳои тиҷоратӣ низ имрӯз дар масъалаи ҷалби пасандоз ва рушди он, марҳила ба марҳила қадамҳои устувор гузошта, нишондиҳандаҳои ҷалби онҳо сол то сол афзоиш ёфта истодааст (ҷадвали 1):

Ҷадвали 1. – Бақияи сандуқи пасандозии аҳолӣ дар бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон, млн. сомонӣ

Нишондиҳандаҳо	**Солҳо**						**Тағйирот, 2024/2014**
	2014	**2016**	**2018**	**2020**	**2022**	**2024**	
Бақияи пасандозҳои аҳолӣ, *млн. сомонӣ*	6 690	9 243	9 723	11 414	15 507	25 529	+18 839
Бо фоиз нисбат ба ММД	14,82	16,98	14,12	13,82	13,39	16,64	+1,82
Бо пули миллӣ, *млн. сомонӣ*	2 308	3 474	4 769	6 368	8 632	15 436	+13 128

Бо асъори хориҷӣ, *млн. сомонӣ*	4 382	5 768	4 954	5 045	6 874	10 093	+5 711
Амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ, *млн. сомонӣ*	2 437	3 693	5 104	6 076	7 426	11 142	+8 705
Бо фоиз нисбат ба ММД	5,34	6,77	7,41	7,36	6,41	7,26	+1,92
Амонатҳои шахсони воқеӣ, *млн. сомонӣ*	4 253	5 550	4 619	5 338	8 081	14 387	+10 134
Бо фоиз нисбат ба ММД	9,32	10,18	6,70	6,46	6,98	9,37	+0,05

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои омории Бонки миллии Тоҷикистон

Он нишондиҳандаҳои оморие, ки аз ҷониби муаллиф бо истифода аз ҳисоботҳои расмии худи мақомоти соҳавӣ мавриди таҳлил қарор гирифта аст, чунин собит месозанд, ки сол то сол ва бо дарки афзалиятҳои зиёди ҷалб ва гузоштани пасандоз дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, дар ҳоли афзоиш қарор дорад. Ин аст, ки ҳаҷми умумии бақияи пасандозҳо аз 6 690 млн. сомонии соли 2014 ба 25 529 млн. сомонӣ дар соли 2025, ки 18 839 млн. сомонӣ ва нисбат ба ММД аз 14,82 фоиз ба 16,64 фоиз, ки 1,82 фоиз афзоиш, пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ аз 2 437 млн. сомонии соли 2014 ба 11 142 млн. сомонӣ дар соли 2024, ки 8 705 млн. сомонӣ ва нисбат ба ММД аз 5,34 фоиз ба 7,26 фоиз, ки 1,92 фоиз афзоиш, пасандозҳои шахсони воқеӣ аз 4 253 млн. сомонии соли 2014 ба 14 387 млн. сомонӣ дар соли 2024, ки 10 134 млн. сомонӣ ва нисбат ба ММД аз 9,32 фоиз ба 9,37, ки 0,05 фоиз афзоиш ба мушоҳида мерасад, ки ҷиҳати тақвияти ташаккули сандуқи пасандозии аҳолӣ дар низоми бонкӣ, чораҳои мушаххас аз ҷониби тарафҳои дахлдор татбиқ шуда истодаанд.

Ҳамзамон, новобаста ба тағйиротҳои баамаломада дар иқтисодиёти миллӣ, раванди ҷалби маблағҳои аҳолӣ ба сифати пасандоз дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ татбиқ шуда, нишондиҳандаҳои онро метавонем дар ҷадвалҳои зер вобаста ба ҳиссаи ҳар яке аз сохторҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва минтақаҳои Тоҷикистон мушоҳида ва таҳлил намуда бошем(ҷадвали 2,3).

Ҷадвали 2. - Бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар сохторҳои алоҳидаи бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон, млн. сомонӣ

Нишондиҳанда	**Солҳо**				**Тағйирот 2024/2021**
	2021	**2022**	**2023**	**2024**	
Бонкҳо	8 920	14 237	17 896	23 457	+14 537
Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ	-	-	18,74	32,86	+14,12
Ташкилотҳои маблағгузории хурд	1 177	1 174	1 452	1 941	+764
Ташкилотҳои қарзии исломӣ	61,29	79	94,21	97,17	+35,88

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои омории Бонки миллии Тоҷикистон

Ҷадвали 3. – Бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар низоми бонкдории ҳар яке аз минтақаҳои Тоҷикистон, млн. сомонӣ

Нишондиҳанда	**Солҳо**				**Тағйирот 2024/2021**
	2021	**2022**	**2023**	**2024**	
ВМКБ	369,7	378	392,2	495,4	+125,6
НТҶ	384,5	502,4	610	954	+569,4
В. Хатлон	838,4	1 124,3	1,2	1 561,5	+723
В. Суғд	2 234	2 597,5	3,1	4 918,5	+2 684,4
Ш. Душанбе	6 332,4	10 905,4	14	17 600,3	+11 267,9


Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои омории Бонки миллии Тоҷикистон

Тибқи натиҷаҳои ҷадвали 2. чунин маълум мегардад, ки ҳаҷми бештари бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар сохтори мақоми бонкдоштаи низоми бонкӣ мавҷуд буда, аз 8 920 млн. сомонӣ ё 87,80 фисади соли 2021 ба 23 457 млн. сомонӣ ё 91,88 фисад дар соли 2024, ки 14 537 млн. сомонӣ ё 4,08 фисад зиёд мебошад. Ҳаҷми бақияи пасандозҳои дигар сохторҳои низоми бонкӣ бошад аз 1 238 млн.

сомонӣ ё 12,18 фисади соли 2021 ба 2 071 млн. сомонӣ ё 8,11 фисад дар соли 2024 расида, 833 млн. сомонӣ афзоиш, вале дар ҳаҷми -4,07 фисад коҳиш ёфтааст. Вобаста ба ҷадвали 3. бошад, иброз карда мешавад, ки аз ҳаҷми умумии бақияи пасандозҳои соли 2021 дар ҳаҷми 6 332,4 млн. сомонӣ ё 62,32 фисад ва соли 2024 дар ҳаҷми 17 600,3 ё 68,94 фисад, ки афзоиш 11 267,9 млн. сомонӣ ё 6,62 фисад ба ш. Душанбе, ки дар ҷойи аввал, ба в. Суғд соли 2021 дар ҳаҷми 2 234 млн. сомонӣ ё 22 фисад ва соли 2024 дар ҳаҷми 4 918,5 ё 19,26, ки 2 684,5 млн. сомонӣ афзоиш, вале дар ҳаҷми -2,74 фисад коҳиш, ба в. Хатлон соли 2021 дар ҳаҷми 838,4 млн. сомонӣ ё 8,25 фисад ва соли 2024 дар ҳаҷми 1 561,5 ё 6,11 фисад, ки 723,1 млн. сомонӣ афзоиш, вале -2,14 фисад коҳиш ва ба дигар минтақаҳо дар ҳаҷму фисадҳои гуногуни дигар рост меоянд.

Имрӯз тибқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ тамоми бонкҳои тиҷоратии амалкунанда, ба ҷалби пасандозҳои аҳолӣ машғул буда, нишондиҳандаҳои фаъолияти онҳо аз ҳисоботи худи онҳо ва БМТ маълум мебошад. Аммо бархе аз онҳо дар ин бозор фаъолияти назаррасро нисбат ба дигар бонкҳо нишон дода, ҳаҷми бештари бақияи сандуқи пасандозиро дар низоми бонкӣ ташкил медиҳанд (диаграммаи 1).

Диаграммаи 1. – Ҷалби пасандозҳои аҳолӣ аз ҷониби бархе аз бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон дар соли 2024, млн. сомонӣ



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботи алоҳидаи ҳар яке аз бонкҳои болозикр

Агар соли 2024 ҳаҷми умумии бақияи сандуқи пасандозии аҳолӣ дар низоми бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон 25 529 млн. сомониро ташкил намуда бошад, пас ҳиссаи КВД БАҶТ «Амонатбонк» 6 856 млн. сомонӣ ё 26,85 фисад, яъне аз чор як ҳисса ва дар ҳаҷми 4,46 фисад нисбат ба ММД, ки аз ҳамаи бонкҳои тиҷоратӣ зиёдтар дар соли 2024 ҷалби пасандозро ба роҳ мондааст, ҳиссаи ҶСК «Бонки Эсхата» 4 148 млн. сомонӣ ё 16,24 фисад ва дар ҳаҷми 2,72 фоиз нисбат ба ММД, ки дар ҷойи дуюм ва ҳиссаи ҶСК «Ориёнбонк» 1 920 млн. сомонӣ ё 7,52 фоиз ва дар ҳаҷми 1,25 фоиз нисбат ба ММД. Ҳамингуна, аз диаграмма метавон ҳиссаи дигар бонкҳоро низ арзёбӣ намуд, ки саҳми ҳар яке аз онҳо дар низоми бонкии кишвар ва бахусус бозори пасандоз мушоҳида мегардад.

Шариф Раҳимзода бо таълифи нашрияҳои зиёди илмӣ дар ин масъала, чунин иброз медорад, ки рушд ва таъмини бардавоми фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ аз омилҳои зерин, ки ба бонк таъсири мусбат мерасонанд, вобаста мебошад: дастгирии бонкҳо аз ҷониби давлат, суғуртакунонии пасандозҳо ва рушди технологияҳои –иттилоотӣ [11, с. 441]. Ҳикматов У.С. ҷалби пасандозҳои аҳолиро саривақтӣ дониста, қайд мекунад, ки барои бонкҳои тиҷоратӣ пасандозҳо сарчашмаи асосии ҷалби -маблағгузорӣ барои амалӣ кардани фаъолияти худ ба ҳисоб мераванд [7, с. 176].
Нишондиҳандаҳои болозикри сандуқи пасандозиро агар ба бақияи сандуқи қарзӣ таҳлил намоем, мушоҳидаи он мегардад, ки тамоюли бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ нисбат ба ҳаҷми бақияи қарзҳои додашуда зиёдтар мебошад (ҷадвали 4).

Ҷадвали 4. – Бақияи қарзҳои додашудаи бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон ба аҳолӣ, млн. сомонӣ

Солҳо	Ҳаҷми умумии қарз	Бо пули миллӣ	Бо асъори хориҷӣ

2020	10 882	6 287	4 594
	Бо фоиз нисбат ба ММД: 13,18%		
2021	11 970	8 008	3 961
	Бо фоиз нисбат ба ММД: 12,10%		
2022	13 577	9 716	3 861
	Бо фоиз нисбат ба ММД: 11,73%		
2023	17 842	15 619	5 758
	Бо фоиз нисбат ба ММД: 15,04%		
2024	21 377	15 619	5 758
	Бо фоиз нисбат ба ММД: 13,94%		
Т/т 2024/2020	+10 495, +0,76%	+9 332	+1 164

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои омориии Бонки миллии Тоҷикистон

Тибқи натиҷаҳои омори ҷадвали 4. маълум мегардад, ки қарз низ яке аз амалиётҳои калидии бонкҳои тиҷоратӣ дар баробари ҷалби пасандоз маҳсуб ёфта, дар таъмини сатҳи баланди даромади бонк бо мақсади дар сатҳи лозима нигоҳ доштани вазъи устуворӣ беназир мебошад. Ҳаҷми бақияи сандуқи қарзии бонкии кишвар аз 10 882 млн. сомонӣ ё 13,18 фисад нисбат ба ММД дар соли 2020 ба 21 377 млн. сомонӣ ё 13,94 фисад нисбат ба ММД дар соли 2024, ки 10 495 млн. сомонӣ ё 0,76 фисад нисбат ба ММД афзоиш ёфтааст. Дар солҳои 2021 ва 2022 нисбат ба соли 2020 коҳишёбии сатҳи сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ нисбат ба ММД мушоҳида гашта, сабабгори он метавонад аз яктараф ин таъсири беморию коронавирус дар арсаи минтақаю ҷаҳон ба иқтисодиёти кишвари мо, ва аз тарафи дигар ин аз фаъолият бозмондани бархе аз бонкҳо ва дар заминаи ин мушкилот, зиёдшавии шикояти муштариёни худи он бонкҳо ва тарсу нобоварӣ гузоштан ба дигар аҳолӣ бо далели ғайрипардохтпазир гаштанашон бошанд. Аммо баъд аз соли 2022 ҳиссаи сандуқи қарзӣ нисбат ба ММД дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад, ки ин раванд бояд дар солҳои оянда боз ҳам афзоиш дода шуда, ҳаҷми бештари рушди иқтисодиёти миллӣ бо назардошти таҷрибаи кишварҳои хориҷа, мебояд аз маблағгузории қарзии бахши бонкӣ вобаста бошад. Ин аст, ки имрӯз вобаста ба беш доштани талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои қарзӣ, ҳатто шаклҳои навини он аз ҷониби бархе аз бонкҳои алоҳида дар амал татбиқ мешаванд, ки худи ин татбиқшавӣ боз ҳам собитсозандаи ҳолати устуворию молиявии низоми бонкӣ мебошад. Чун ҷори намудани шакли дилхоҳи хизматрасониҳои навин, бидуни таъмини воситаҳои молиявӣ дар ин шароити кунунӣ самаранок набуда, бардавом дар бозори бонкӣ боқӣ намемонад.

Агар таҷрибаи хориҷаро назар андозем, чунин ҷараён мушоҳида мегардад, ки дар бархе аз кишварҳо, аниқтараш дар Ҳиндустон ҳиссаи қарзи бонкӣ дар ММД ба 76,7 фоиз, Покистон ба 48,6 фоиз, Қазоқистон ба 44,9 фоиз, вале дар Тоҷикистон ба 13,9 фоиз баробар мебошад. Дар кишварҳои номбурда, меъёри фоизи қарзи бонкӣ нисбат ба кишвари мо пасттар буда, барои аҳолӣ имкони зиёди гирифтанро медиҳад, ки дар ин асос манбаи марказии таъмини ММД, аз рушди бахши бонкии онҳо огаҳӣ медиҳад. Мушкилоти асосӣ дар кишвари мо ин фоизи пасти ҷалби пасандозҳо нисбат ба меъёри фоизи қарз мебошад, ки аксари аҳолӣ ҳавасманд ба ин самт нест ва дигар ин фоизи баланди қарзҳои додамешуда, ки аҳолӣ наметавонанд саривақт маблағи қарз ва фоизи бонкиро пардохт намоянд. Чун тағйиротҳои таъсиррасон дар иқтисодиёт зиёд ва номуайян буда, ба фаъолияти молиявии мизоҷу бонк таъсир мерасонанд.

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 1. ва ҷадвали 4.-ро агар аз лиҳози афзоиш таҳлил намуда бошем, пас чунин мушоҳида мегардад, ки сандуқи бақиявии ҳардуйи шакли хизматрасониҳо дар давоми солҳои охир афзоиш ёфта истодааст, аммо сандуқи бақияи пасандозӣ нисбат ба сандуқи бақияи қарзӣ зиёд ба чашм мерасад. Агар соли 2020 бақияи қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ дар дасти аҳолӣ 10 882 млн. сомонӣ ва дар соли 2024 ин раванд 21 377 млн. сомониро ташкил намуда бошад, пас дар соли 2020 бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ 14 414 млн. сомонӣ ва дар соли 2024 бошад 25 529 млн. сомониро ташкил намудааст, ки ҳаҷми пасандоз дар соли 2020 нисбат ба ҳаҷми қарзҳо 3 532 млн. сомонӣ ва дар соли 2024 бошад 4 152 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст. Аз натиҷаи таҳлили бақияи пасандозҳо ва бақияи қарзҳо метавон чунин қайд намуд, ки бонкҳои тиҷоратиро мебояд, баҳри зиёд анҷом намудани амалиётҳои фаъол, сараввал ҳаҷми амалиётҳои ғайрифаъолро таҳким бахшида бошанд. Чун аз нишондиҳандаҳои омории низоми бонкии кишвар мушоҳида мегардад, ки бо назардошти ҷалби пасандозҳои як қисми аҳолӣ, ҳоло ҳам дар иқтисодиёт маблағҳои

зиёд дар дасти дигар қисми аҳолӣ мавҷуд мебошанд, ки ҳаҷмашон ҳатто аз ҳаҷми ҷалби пасандозҳои солонаи бонкҳои тиҷорати низ зиёдтар мебошанд (ҷадвали 5).

Ҷадвали 5. – Тамоюли ҳаҷми пулҳои захиравӣ ва ҳиссаи ҳар яке аз сохтори таркибии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. сомонӣ

Нишондиҳанда	Солҳо						Тағйирот, 2024/2014
	2014	2016	2018	2020	2022	2024	
Пулҳои захиравӣ	6 070	12 048	15 594	22 534	38 447	46 068	+39 998
Пули нақд дар муомилот	4 760	8 390	13 173	19 059	32 460	38 801	+34 041
Захираҳои бонк	1 244	3 465	2 026	2 127	5 156	6 040	+4 796
Захираҳои ҳатмӣ	417	484	600	366	742	1 237	+820
Суратҳисоби муросилотӣ	827	2 981	1 427	1 760	4 413	4 803	+3 976
Дигар пасандозҳо	67	193	394	1 348	831	1 227	+1 160

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои омориии Бонки миллии Тоҷикистон

Бо таҳлил аз ин нишондиҳандаҳо, метавон чунин арзёбӣ намуд, ки ташаккули ҳаҷми пулҳои захиравӣ дар БМТ аз ҷониби тамоми бонкҳои тиҷоратӣ, масъалаи муҳими низоми бонкдорӣ буда, дар рушди босуботи молиявии низоми бонкии кишвар таъсиргузор мебошад. Ин аст, ки ҳаҷми пулҳои захиравӣ аз 6 070 млн. сомонии соли 2014 ба 46 068 млн. сомонӣ дар соли 2024, ки 39 998 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст. Худи афзоишёбии мазкур, ин фаъолияти дурусти пасандозии бонкҳои тиҷоратиро исбот месозад, ки дар танзими давлатии бонкҳои тиҷоратӣ бо мақсади дар вазъи муътадил қарор додани ҳаҷми ҳаракати пулҳои нақд ва коҳиши сатҳи бекурбшавии пули миллиро нишон медиҳад. Аммо бо назардошти ин масири афзалиятдошта, ҳоло ҳам дар ҷамъият аз ҳаҷми пулҳое, ки бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун пасандоз ҷалб менамоянд, ҳаҷми пулҳои нақдӣ дар муомилотбуда зиёд мебошад. Чун агар дар соли 2020 бақияи пасандозҳои аҳолӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ 11 414 млн. сомониро ташкил намуда бошад, пас ҳаҷми пулҳои нақди дар муомилотбуда дар ин сол 19 059 млн. сомонӣ, ки 7 645 млн. сомонӣ ва дар соли 2024 ҳаҷми бақияи пасандозҳо 25 529 млн. сомонӣ ва ҳаҷми пулҳои нақди дар муомилотбуда 38 801 млн. сомонӣ, ки 13 272 млн. сомонӣ зиёд мебошанд. Агар бо истифода аз хизматрасониҳои навину эътимодбахш, бонкҳои тиҷоратӣ тавонанд маблағҳои боқимондаи бидуни пасандозгузории аҳолиро ба доираи сармояи бонк бо мақсади идораи босамари онҳо ворид гардонанд, пас устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар симои ба сармоягузорӣ табдил намудани пасандозҳо аён гашта, боз ҳам метавонанд эътимод ва устувории хешро дар ҷомеа баланд бардошта бошанд.

Бо назардошти ба роҳ мондани таҳлилҳои амиқи илмӣ ва нишон додани вазъи бозори пасандозгузории аҳолӣ дар низоми бонкӣ, ҳамзамон баён гардидани таъсири мусбати ҷалби пасандозҳои аҳолӣ дар рушди устувори молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, бархе аз роҳҳои зеринро бо мақсади татбиқ ва расидан ба сатҳи баланди сармоягузории дохилӣ аз ҳисоби этимоди зиёди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ва ҷалби тамоми маблағҳои аз фаъолият дурмонда ё ба дигар самт равонагаштаи онҳо, пешниҳод менамоем:

- қабули на шумораи зиёди кормандон, балки кормандони соҳавии низоми бонкӣ, ки мактаби иқтисодиро гузаштаанд ва донандаи як ё ду забони хориҷӣ мебошанд;
- васеъ намудани сатҳи ҷаҳонбинии низоми бонкии кормандон, дар заминаи ҳар семоҳа вобаста ба шуъбаҳои дахлдор пурсиши санадҳои меъёриву ҳуқуқии амалкунанда;
- аз ҷониби ҳар як корманд вобаста ба шуъбаҳои худ, дар ҳар як шаш моҳ гузаронидани семинарҳои дохилаи бонк;
- ба роҳ мондани ҳамкориҳо байни бонкҳои муваффақ ва дар ин замина, равона намудани кормандон ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи якдигар;
- бо соҳибкорони инфиродие, ки дар маҳалли бонк ба фаъолият машғул мебошанд, ҳар моҳ ҷамъ намудан ва фаҳмонидани афзалиятҳои гузоштани пасандоз дар бонкҳои тиҷоратӣ, дар мисоли мушаххас нишон додани сатҳи овардани даромади иловагӣ ва амнияти зиёди маблағҳои онҳо;
- пайваста ташкили рӯзи дарҳои кушод вобаста ба амалиёти пасандозӣ ва васеъ намудани сатҳи шиносоии табақаи дигари аҳолӣ ба хизматрасонии мазкур;
- ба ҷуз аз истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, боз ҳам дар маҳаллаҳои муайяни дурдасту камогоҳии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ, гузоштани овезаҳои иттилоотӣ вобаста ба шаклҳои гузоштани пасандоз ва муҳлатҳои онҳо бо нишон додани сатҳи қабули меъёри мусбати пасандоз;

- баланд бардоштани ҳавасмандии фоизии муштарие, ки ҳар шаш моҳ ё сол каме ҳам бошад, сатҳи бақияи пасандозҳои муҳлатноки худро дар бонки дилҳоҳ афзоиш медиҳад;

- кам намудани сатҳи қарздиҳӣ ба шахсони тасодуфӣ ва роҳ надодан ба ҳолати норасоии молиявие, ки метавонад сатҳи муносиби пардохтпазирии бонкро дар назди пасандозгузорон аз байн барад;

- қарздиҳии бештари маблағҳои худӣ ва ҷалшдуа ба он соҳаҳо ё шахсоне, ки рушди фаъолият дар онҳо дида шуда, ҳамчун самти афзалиятдошта дар иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, бо муҳим донистани ҷалби босуръати пасандозҳои аҳолӣ дар шароити навини иқтисодӣ ва таъсири мусбати он дар рушди сармояи ҳар яке аз бонкҳои тиҷоратӣ, чунин иброз менамоем, ки истифодаи саривақтии роҳҳои мушаххаси илмии пешниҳодгардида, заминаи ҳалли мушкилот дониста шуда, имкони онро дорад, ки дар баланд гаштани эътимоди иқтисодии аҳолӣ ба низоми бонкӣ, нақши калидии бонкҳои тиҷоратӣ ҷиҳати таъмини хариди интизориҳои аҳолӣ, афзоши қарздиҳии бонкӣ, коҳиш додани сатҳи бекорию истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ бо мақсадии таъмини бозорҳои дохила ба маҳсулоти ватанӣ, зиёд гаштани ҳаҷми буҷети давлатӣ, паст намудани сатҳи содироти ҳаҷми зиёди воситаҳои молиявӣ ба хориҷи кишвар, муайян шудани иқтидорҳои молиявии дохилаи истифоданашуда ва дар кам вобаст шудан аз сармоягузориҳои хориҷӣ боис гардад.

Адабиёт

1. Авгонов Н.А. Мукаммалгардонии равандҳои ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ҳамчун иқтидори захираҳои сармоягузорӣ: дисс. доктори фалсафа (Ph.D): 05.09.00 / Н.А. Авгонов. – Душанбе, 2021. – 193 с.
2. Асосҳои сиёсати макропруденсиалии Бонки миллии Тоҷикисон. Бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №304 аз 9 октябри соли 2009 ва тағйиру иловаҳо ба он таҳти №95 аз 12 июли соли 2016.
3. Бонки миллии Тоҷикистон, www.nbt.tj. Омор, бахши монетарӣ, фоизи амонатҳо.
4. Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ». Бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №304 аз 9 октябри соли 2009 ва тағйиру иловаҳо ба он таҳти №55 аз 24 майи соли 2022.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо». Аз 15.03.2023, № 1961
6. Ҷулиев М.Ҳ. Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини ҳамгироии рушди низоми бонкӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон: дисс. доктори фалсафа (Ph.D): 05.09.00 / М.Ҳ. Ҷулиев. – Душанбе, 2024. – 173 с.
7. Ҳикматов У.С. Саводнокии молиявӣ. Васоити таълимӣ / У.С. Ҳикматов. – Душанбе: “Аниса 95”, 2021. – 340 с.
8. Олимов У.М. Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.07 / У.М. Олимов. – Душанбе, 2024. – 171 с.
9. Тилабов Ё.Е. Ташаккулёбии захираҳои сармоягузорӣ дар шароити норасоии пасандозҳои дохилӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон): дисс. номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.01 / Ё.Е. Тилабов. – Душанбе, 2019. – 156 с.
10. Хайрзода Ш.Қ. Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бесуботии молиявӣ (назария, методология, амалия): дисс. доктори илмҳои иқтисодӣ: 08.00.10 / Ш.Қ. Хайрзода. – Душанбе, 2021. – 430 с.
11. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз (нашрир сеюм). Китоби дарсӣ / Раҳимзода Шариф. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2018. – 521 с.

Маълумот дар бораи муаллиф

Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло–доктори фалсафа (PhD), муаллими калони кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.

Сведения об авторе

Хаёзода Киёмуддин Амонулло–доктор философии (PhD), старший преподаватель кафедры финансы и кредита Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки. 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16.

About the author

Hayozoda Qiyomuddin Amonullo–doctor of philosophy (PhD), senior lecturer of the department of finance and credit, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarov street, 16.

УДК:339

МУНОСИБАТҲОИ АСЪОРӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Шарбатов С.С.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар шароити гузариш ба мносибатҳои пешрафтаи бозорӣ ва дар давраи дарозмуддат нигоҳ доштани он яке аз масъалаҳои асоие мебошад, ки ба он давлат ва дигар сохторҳои дахлдор аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд. Зеро ин масъала бевосита ба пурзур намудани захираҳои асъории давлат ва рушди ин гуна муносибатҳо вобастагии зиёд дорад. Аз ҳамин лиҳоз дар мақолаи мазкур масъалаҳои мубрами рушди амалиётҳои асъорӣ ва муносибатҳои асъорӣ дар сатҳҳои гуногун мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта аз тарафи муаллиф як қатор мушаххасот ошкору пешниҳод гардидааст. Илова бар ин дар мақолаи мазкур гуруҳбандии иштирокчиёни муносибатҳои асъорӣ, фаъолони пешбари ин масъал ва як қатор алоқамандиҳои дигар мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд, ки инҳо метавонад ҳамчун навгонӣ дар мавзӯи мазкур бошанд.
Калидвожаҳо: Амалиётҳои асъорӣ, муносибатҳои асъорӣ, пули миллӣ, қурби пули миллӣ, муносибатҳои қарзӣ, фишангҳои сиёсати пулӣ, амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ.
Барои иқтибос: Шарбатов, С. С. Муносибатҳои асъорӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёти миллӣ / С. С. Шарбатов, М. Н. Эмомов // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 393-400.

ВАЛЮТНЫЕ ОТНОШЕНИЯ И ИХ РОЛЬ В РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

Шарбатов С.С.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотатция. В контексте перехода к развитым рыночным отношениям и их долгосрочного поддержания одним из главных вопросов, которому государство и другие соответствующие структуры придают первостепенное значение, является развитие валютных резервов государства и развитие таких отношений. Поэтому в данной статье анализируются и обсуждаются актуальные вопросы развития валютных операций и валютных отношений на различных уровнях, а также раскрывается и представляется ряд специфики. Кроме того, в статье анализируется и обсуждается группировка участников валютных отношений, ведущие игроки в этой области и ряд других взаимосвязей, которые можно считать новаторскими в данной тематике.
Ключевые слова: валютные операции, валютные отношения, национальная валюта, обменный курс, долговые отношения, рычаги денежно-кредитной политики, расчетные операции.

CURRENCY RELATIONS AND THEIR ROLE IN THE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY

Sharbatov S.S.
Tajik State University of Finance and Economics

Annotation. In the context of the transition to developed market relations and their long-term maintenance, one of the key issues to which the state and other relevant structures attach primary importance is the development of the state's foreign exchange reserves and the development of such relations. Therefore, this article analyzes and discusses current issues in the development of foreign exchange transactions and foreign exchange relations at various levels, revealing and presenting a number of specific aspects. Furthermore, the article analyzes and discusses the grouping of participants in foreign exchange relations, the leading players in this area, and a number of other relationships that can be considered innovative in this area.
Keywords: foreign exchange transactions, foreign exchange relations, national currency, exchange rate, debt relations, monetary policy levers, settlement transactions.

Гузориши масъала. Дар қолаби равандҳои мураккаби иқтисодӣ ва рушди доимии он яке аз масъалаҳои асосие, ки дар ин муҳит аҳамияти меҳварӣ ва асосӣ дорад, ин муносибатҳои иқтисодии бо асъори хориҷӣ ифодаёфта ва захираҳои озоди асъории ба рушди иқтисодиёт мусоидаткунанда мебошад. Вобаста ба ин иброз доштан зарур аст, ки дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ яке аз масъалаҳои асосие, ки бевосита дар равобити доимии ҷараёнҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ нақши калидӣ дорад, албатта муносибатҳои асъорӣ мебошад.


Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ Ш. Раҳимзода, Аҳадов И.Қ., Гончаренко Л.И., Малкова Ю. В., Полежарова Л. В., Тихонова А. В., Юмаев М.М., Махшулов С.Ҷ., Нурмаҳмадзода Ҷ.Нуралиев, С.Икромӣ, М. Ниёзов, М. Султонов. ва дигарон.

Мақсади мақола аз омӯзиши муносибатҳои асъорӣ ва нақши онҳо дар рушди иқтисодиёти миллӣ иборат аст.

Муҳтавои асосии мавод. Одатан дар сатҳи иқтисоди миллӣ ҳамча гуноа муносибатҳои асъорӣ ҳадди зиёд аз 80% хосияти иқтисодӣ ва тиҷоратӣ дошта онҳо низ дар мпешрафти иқтисодиёти ин ё он давлат нақши калидӣ мебозанд. Муносибатҳои асъорӣ воситаи асосии ташкили муҳит дар қолаби рушди иқтисодӣ ва густариш пайдо кардани равандҳои иқтисодӣ мебошад. Аз ин хотир зарурияти рушди муносибатҳои асъориро дар баррасии иқтисодиёт ҳамчун омили асосӣ ҳисоб намудан шарти зарурӣ мебошад. Аз ҳамин хотир муносибатҳои асоъориро дар сатҳи иқтисодӣ ва бозорҳои васеъи сармоя дар чанд ҷанба арзёбӣ намудан мумкин аст.. Бинобар ин зарурияти тақвияти рушди муносибатҳои асъорӣ як ҷараёни оддӣ набуда балки он раванҳои гуногуни иқтисодӣ ва ғайри иқтисодиро дар сатҳи муносибатҳои дохилию хориҷӣ дар бар мегирад.

Вобаста ба манбаҳо ҳаминро гуфтан зарур аст, ки тибқи он "...муносибатҳои асъорӣ ин муносибатҳои вобаста ба мубодилаи асъорҳо дар тиҷорати хориҷӣ, ҳамкории иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ, пешниҳод ва гирифтани қарзҳо дар хориҷа ва хариди асъори хориҷӣ ва дигар дороиҳои асъории хориҷӣ мебошанд"[10].

Дар ин муҳити тафсир ҳаминро кардан зарур аст, ки яке аз масъалаҳои асосии ифодаи мантиқии асъори хориҷӣ ин роҳи ягонаи расидан ба ҳадафҳои рушд мебошад. Дар робита ба ин метавон иброз дошт, ки муносибатҳои асъорӣ дар шароити имрӯза фаротар аз равандҳои дар боло зикргардида мебошад. Зеро дар айни замон муносибатҳои асъорӣ асос ва рушд дар самти иқтисодиёт ва истеҳсолот маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад бояд иброз дошт, ки чунин тамоил махсусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳалаи руши иқтисодӣ ва густариши муносибатҳои тиҷоратии бурунмарзӣ қарор дорад ҳамчун масъалаи асосӣ маҳсуб меёбад. Арзёбӣ ва баҳодиҳии рушди муносибатҳои асъорӣ дар навбати аввал аз дипломати баланди байнидавлатӣ иборат бошад, дар навбати дигар аз гурӯҳи иштирокчиён вобастагии зиёд дорад. Вобаста ба ин мо гуруҳи иштирокчиёни муносибатҳои асъориро дар сатҳи зерин мукаммалан инъикос намудем (нигаред расми 1).




Расми 1 Гурӯҳи иштирокчиёни муносибатҳои асъорӣ
Сарчашма. Таҳияи муаллиф

Дар рушди муносибатҳои асъорӣ ва танзими равандҳои он, ки асосҳои рушди иқтисодиро инъикос менамоянд, гуруҳи иштирокчиён дар ин масъала нақши калидӣ дошта ҳар яки он дар доираи вазифа ва салоҳиятҳои худ ба ин масъала диққати махсус медиҳад. Дар айни замон барои муаян кардани мавқеъ ва ҳиссаи иштирокчиёни бозори асъор гурӯҳбандии онҳо муҳим ва зарурӣ буда, роҳҳои фаъолгардонии онҳо низ муҳим ва зарур мебошад.

Дар тамои муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ давлат нақши калидӣ дошта қабл аз вобаст намудани шаклҳои нави ҳамкории барои пешрафти ҷомеа ва рушди иқтисод дар ин муҳит нақши калидӣ мебозад. Вобаста ба ин метавон гуфт, ки муносибатҳои асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабл аз ташкили сохтор нави давлатдорӣ баъд аз соҳибистиқлолӣ дар солҳои 1991 вусъати нав пайдо намуд. Илова бар ин метавон гуфт, ки қабл аз ҷори намудани муомилоти пулӣ дар сатҳи иқтисодиёти давлат баъд аз соҳибистиқлолӣ муносибатҳои нави асъорӣ шакл гирифта буданд, ки дар ин муддат ҳатто имконияти бамуомилот баровардани пулӣ миллӣ вуҷуд надошт. Зеро маҳдудиятҳои иқтисодӣ ва зиёд будани шиддати хавфи сиёсӣ дар сатҳи давлат имкон намедод, ки давлат дар фикри ба муомилот баровардани пули миллӣ бошад, ҳатто гуфтан мумкин аст, ки дар ҳомон ҳамон замон зарурияти ҳамкорӣ барои танзими авзои иқтисодӣ, чопи пули миллӣ, азнавсозӣ

ва бакордарории корхонаҳои истеҳсолӣ, хароҷотҳои давлатӣ ва монанди инҳо зарурияти тақвияти ҳамкориро дар доираи ташкили муносибатҳои асъорӣ ба миён овард, ки ҳамаи ин заруриятҳо ислоҳоти ҷиддиро тақозо менамуд. Вобаста ба ин "...бо мақсади ҳалли масъалаҳои зикргардида ва суръатбахшӣ ба ислоҳоти иқтисодӣ зарур аст, ки ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо созмонҳои бонуфузи байналмилалии молиявӣ, аз қабили Хазинаи Байналмилалии Асъор, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёии Рушд, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ва Бонки Исломии Рушд идома ёбанд" [8.17] Заминҳои нави ҳамкори бо соззмонҳои молиявии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ хосиятҳои нави муносибатҳои асъорӣ ва роҳ кушодан ба сиёсатҳои нави асъорӣ буд.



Расми 1. Аломатҳои асосии асосии танзимнамоӣ ва рушди низоми пули миллӣ
Сарчашма. Аз тарафи муаллиф сохта шудааст.

Дар сатҳи муносибатҳои иқтисодӣ гузариш ба шаклҳои нави ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ имкон медиҳад, мувозинатҳои асъори таъмин гардида омилҳои манфии алоқаманд бо асъор ва муносибатҳои асъорӣ дар сатҳи бехатар идора карда шаванд. Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки дар сатҳи баррасии муносибатҳои асъорӣ вобаста ба гурӯҳи ташкилкунандагони ин муносибатҳо корбарӣ намудан муҳим ва зррӣ мебошад. Агар дар марҳалаи аввали роҳи мувафақонаи ташкили муҳит барои муносибатҳои асъорӣ аз давлат ва бонки марказӣ оғоз гардад, рушди минбаъдаи он аз фаъолони ин муҳит сохторҳои давлдор ва шахсони алоҳида вобастагии зиёд дорад. Бо ин метавон гуфт, ки роҳҳои гусариши муносибаҳои асъориро аксар маврдӣ мо метавонем дар ду ҷанбаи асосӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор диҳем:

1. Муносибаҳои асъории давлат бо созмонҳо ва институтҳои молиявии бпйналхклӣ:
2. Муносибатҳоиҳои асъорӣ бо бонҳо, ташкилотҳои молиявию қарзии ғайрибонкӣ,ва шахсони воқеӣ .

Новобаста аз оне, ки дар сатҳи иқтисоди миллӣ муносибатҳои асъорӣ ва асъор ҳамчун омилҳои асоии рушди иқтисодиёт маҳсуб меёбанд, дар марҳалаи иптидоӣ ташаккули дурусти заминаҳои нави муомилоти пулӣ боиси дигар равандҳои марбут ба амалиётҳои асъорӣ ва муносибатҳои асъорӣ мегарданд. Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки дар заминаи бунёд ва танзими меърҳои муомилоти пулӣ рушди муносибатҳои асъориро низ таъмин кардан мумкин аст, ки он аз ҷузъҳои зерин иборат мебошанд. (нигар расми 3)


Дар рушди иқтисоди миллӣ ва бунёди заминаҳо - зерсохтҳои иқтисодӣ дар шароити имрӯза аз доштани низми мукаммали пулӣ вобастагии зиёд дорад[3.118]. Ҳамаи ин ба он боис мегардад, ки бунёди замина барои баромадан ба фазои кушоди асъорӣ замина фароҳам оварда шавад. Вобаста ба расми мазкур ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки роҳи ягонаи расидан ба муносибатҳои асъорӣ аломатҳои танзим ва нигоҳории мувозинатҳои пулӣ мебошад, ки ин ҷараёнҳо имкон медиҳанд роҳи ягонаи расидан баҳадафҳои баромадан ба муносибатҳои бурунмарзии асъорӣ мусоидат менамояд. Тавре аз расми мазкур бар меояд устуворӣ ва пойдории пули милӣ дар рушди иқтисодӣ ва фароҳам овардан як қатор шароитҳои алоқаманд, аз он вобаста аст, ки то кадом андоза он дар ҳамбастагӣ бо нишондиҳандаҳои рушд пешрафти иқтисодиро тахмин карда метавонад. Чи тавре, ки ас сарчашмаҳо маълум аст воҳиди пули миллӣ дар Тоҷикистон сомонӣ мебошад, ки онт бо як қатор меъёрҳои дигари ба он хос таркиб ёфтааст[4.182].

Дар иқтисодиёти имрӯза гуфтан мумкин ат, ки дар ҷангҳои асъорӣ ва нигоҳ доштани мувозинатҳои қурбӣ дар ҳар як давлат боназардошти манфиатҳои иқтисодӣ яке аз масъалаҳои асоии мебошад, ки он дар меъёри режими қури пул ва устувории он асос ёфтааст. Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки таъмини усувории қурбюи пули милли боназардошти ҳисоб намудани манофеи иқтисодӯза яке аз масъала ҳои асосие мебошад, ки дар он салоҳияти давлат ва имкониятҳои боку ташкилотҳои ғайрибонкӣ назаррас мебошад.

Шартҳои мубодила ва тартиби фаъолияти бозори пул ва тилло низ якеа аз масъал аҳои асосӣ ва меҳварӣ дар амалиётҳои асъорӣ ва баромадан баромадан ба муҳити беруна мебошад. Аз ин лиҳоз иброз доштан зарур аст, ки роҳи ягонаи расида ба низомҳои нави асъорӣ ва рушди мубодилаи он дар иқтисодиёт бевосита аз устуории пули миллӣ шароит ва шартҳои муболила ва имкониятҳои бозори пулу тилло вобаста мебошад.

Тарти ҳисоббаробаркунӣ дар кишвар низ яке аз масъалаҳои асосие мебошад, ки дар он раванҳои дурусти мубодилаи иқтисодию тиҷоратӣ нақши калидӣ доранд ва инҳо имкон медиҳанд, дар сатҳи доимӣ гаштани равандҳои нави иқтисодию тиҷоратӣ муносибатҳои нави асъорӣ ба роҳ монда шуда имкониятҳои минбаъдаи рушд таъмин карда шаванд. Иловатан метавон гуфти ки пешрафти тамоми соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа дар сатҳи истеҳсолот ва соҳибкорӣ муҳим ва зарурӣ мебошад.

Дар арзёбӣ ва баррасии равандҳои ташкили муҳити соҳибкорӣ ва таъсири он ба сатҳи рушди иқтисодиёти миллӣ гуфтан мумкин аст, ки иқтисодиёт дар ҳамон ҳолате ноустувор мегардад, ки "...агар пули миллии он бинобар таварруми баланд ва ноустуворӣ дар бозорҳои молиявии байналмилалӣ барои пасандозҳо номувофиқ бошад, ки дар ниҳоят боиси фирори сармоя ба хориҷа бо норасоии шадиди сармоягузорӣ дар иқтисоди дохилӣ мегардад"[2.23]. Ҳамзамон бо ин метавон гуфт, ки шаклҳои далатию ҳуқуқии муносибатҳои асъорӣ дар сатҳи байналмилалӣ вобаста ба муносибатҳои пулӣ низоми асъорӣ мебошад. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ дар баробари дигар масъалаҳои муҳими иқтисодӣ, ки онҳо хосияти маҳсуси ташаккули муносибатҳои иқтисодиро доро мебошанд, низомҳои асъорӣ пайвасткунанда ва рушдиҳандаи муносибатҳои асъорӣ вобаста ба сатҳи фарогирӣ аз нуқтаи назари маҳаллӣ минтақвӣ ва ҷаҳониро доро мебошанд. Илова бар ин низомҳои асъорӣ метавонанд, роҳи ягонаи дуруст ва самараноки расидан ба муносибатҳои асъорӣ бошанд. Дар ҳамин замина вобаста ба фосилаи идорашавандагии низоми асъорҳои асъорӣ дар иқтисодиёти имрӯз якчанд низомҳои асъорӣ дар муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ки ҷараён дар сатҳи омилӣ ба таври зерин инъикос гардидааст. (нигар расми 2)



Расми 2. Ташаккулёбии низомҳои асъорӣ дар сатҳи муносибатҳои асъорӣ
Сарчашма. Таҳияи муаллиф.

Низомҳои асъорӣ дар иқтисодиёт равандӣ мураккаб буда он ифодаи равобити доимии муносибатҳои асъорӣ дар сатҳи иқтисодиёт дар сатҳи маҳал минтақа ва ҷаҳонӣ мебошад. Вобаста ба ин дар пешрафти иқтисодиёт дар сатҳи ҷаҳонӣ, ки он бо муносибатҳои асъорӣ ва асъор ифода меёбанд муҳим ва зарурӣ мебошад. Ин заруриятро ба инобат гирифта олимон ва коршиносони соҳа низ онро дар самт ва равияҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Вобаста ба масъалаи мазкур олими тоҷик Шари Раҳимзода чунин қайд намудааст, ки "... пешрафти савдои байналмилалӣ зарурияти интихобу истифодаи пули ҷаҳонӣ ё ба таври дигар асъори ҷаҳониро ба миён овард. Ва ҳамин масъала дар навбати худ зарурияти ташкили низоми асъорӣғбозори асъор, қабулу истифодаи қоидаҳои ягонаи табдили асъор, таъмини устувории курбӣ он ва ҳалли масъалаҳои ба он алоқамандро талаб кард"[7.449].


Гуфтан мумкин аст, ки низоми асъори миллӣ дар шароит имрӯза ба он ифода мебод, ки дар дохили давлат вобаста ба талабот ва қонугузориҳои миллӣ ин ҷараён дар кадом сатҳ амалӣ мегардад ва ин чигуна имкониятҳоро ҳамчун заминаи ташаккул барои гардиши асъор ва муносибатҳои асъорӣ ба вуҷуд меоварад. Дар низоми асъори миллӣ усутвории курб, қобилияти харидории он ва як қатор масъалаҳои дигар ба он боис гарди, ки замина барои ташкили муҳит ҷиҳати баромадан ба бозорҳои дигар фароҳам оварда шавад. Қайд кардан зарур аст, ки бозорҳои асъорӣ ба миқдор ва намудҳои гуногуни асъорӣ ва тартиби гузаронидан ва иҷрои амалиёт фарқ мекунанд[1.125].

Дар ҳамин заминаҳо гуфтан мумкин аст, ки низоми асъории миллӣ (НАМ) ба маҷмӯи усулҳо, афзорҳои вобаста ва мақомоти миллӣ ишора мекунад, ки тартиби мушаххаси ҳисоббаробаркуниҳои пулиро байни давлати муайян ва дигар кишварҳо амалӣ мекунанд. "...Дар марҳалаҳои аввал низомҳои асъории миллӣ ба вуҷуд омада он низомҳои нав ва мушобеҳро ба вуҷуд овард. Ин низом дар айни замон низоми пулии кишвар буданд, ки бар асоси қонунгузории миллӣ, вале дар бар гирифтани ҳуқуқи байналмилалӣ буданд. СИМ бо танзими худ дар дохили худи давлат, тавассути системаи чораҳое, ки табдилпазирии пули миллиро, шароити фаъолияти бозорҳои дохилии асъори хориҷӣ ва тилло, шаклҳои ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ ва режими маҳдудиятҳои асъориро муайян мекунанд, тавсиф мешавад"[10]. Вобаста ба сатҳи рушди иқтисодӣ ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ, низоми асъории миллӣ аз ҳудуди як давлат берун мерафт ва бо ин васила ба пайдоиши низомҳои асъории ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мусоидат мекард.

Системаи асъории минтақавӣ шакли ташкилӣ ва иқтисодии муносибатҳо байни гурӯҳи мушаххаси кишварҳо дар соҳаи асъорӣ мебошад, ки дар созишномаҳои минтақавӣ муқаррар шудааст. Дар ҳоле ки системаҳои пулии миллӣ аз ҷониби мақомоти миллӣ (бонки марказӣ ё

вазорати молияи кишвари мушаххас) танзим карда мешаванд, IMS ва RMS аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ (ХБА ва Бонки марказии Аврупо) танзим карда мешаванд.

Иловатан ишора гардидаат, ки "... низоми пулии ҷаҳонӣ механизмест, ки иқтисодиёти миллии алоҳидаро ба як иқтисоди ягонаи ҷаҳонӣ мепайвандад. Асоси ҳуқуқии низоми пулии ҷаҳонӣ созишномаҳои байналмилалӣ, шартномаҳо ва санадҳои дуҷониба ва бисёрҷониба мебошанд. Ҳадафи асосии низоми пулии ҷаҳонӣ ин миёнаравии самараноки ҳаракати молҳо, сармоя ва хизматрасонӣ тавассути ташкили ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ ва пардохтҳо барои содирот ва воридот ва фароҳам овардани шароити мусоид дар муносибатҳо байни кишварҳои алоҳида барои рушди тақсимоти байналмилалии меҳнат мебошад. Дар сатҳи муносибатҳои асъорӣ вобаста ба шакли муносибатҳ, дараҷаи рушди онҳо ва дар ҳамин замина тақвияти равандҳои ҳамкорӣ мо ҷанбаҳои институтсионалии муносибатҳои асъориро муаян карда сохтор ва шакли суратгирии онҳоро дар сатҳи ҳамкориҳо таҳлилу баррасӣ намудем. Вобаста ба ин метавон гуфт, ки иштирок дар муносибатҳои асъорӣ як қатор бартариятҳои иқтисодӣ ва равобити тиҷоратию ҳамкорӣ дар арсаҳои гуногунро тақозо менамояд. Воаста ба ин мо низоми нави муносибатҳои ҳамкориро дар сатҳи амалиёт ва хизматрасониҳои бо асъори хориҷӣ ифодаёфта мавриди таҳлил ва баррасӣ додем.



Расми 4. Сохт ва шаклҳои муносибатҳои асъорию қарзӣ дар равобити иқтисодӣ
Сарчашма. Таҳияи муаллиф.

Вобаста ба маълумотҳои расми 4 ҳаминро қайд кардан мумкин аст, ки тамоюлҳои мураккаби амалиётҳои асъорӣ ва муносибатҳои асъорӣ дар доираи шаклҳои муаян муҳим буда, онҳо метавона асос барои гуногуншаклии муносибатҳои асъорӣ бошанд Аз ин хотир мо ҷанбаҳои институтсионалии шаклҳои муносибатҳои асъориро баррасӣ намуда онро дар доираи маълумотҳои мавҷуд ав адабиётҳои илмӣ ба 6 шакли муаян тақсимбандӣ намудем. Аз шакли аввали муносибатҳои асъори, ки он амалиёти ҳисоббаробаркуниро дар бар мегирад, асоси иқтисодӣ дошта он равобитҳои доимии ҳисоббаробаркуниро дар шаклҳои муаян ҳамкории гуногунҷанба ифода менамояд. Ҳамчунин гуфтан мумкин аст, ки ҷанбаи дигари ин муносибатҳоиро муносибатҳои қарзӣ ташкил медиҳад, ки он бевосита метаонад асоси асъорӣ ва ғайри асъорӣ бошад. Зеро яке аз механизмҳои асосие, ки бевосита муносибатҳои асъориро дар фаолиятҳои муаян инъикос менамояд, албатта ин муносибатҳои қарзӣ мебошад ва ин ҳам хосияти дохилӣ дорад ва ҳам хосияти байналмилалӣ.

Дар дигар тараф яке аз шаклҳои маъмули муносибатҳои асъорӣ, ки шояд он имрӯз хосияти худро дигаргун намудааст, ин амалиёти интиқолӣ интиқолӣ мебошад, ки бидуни кушодани суратҳисобҳои бонкӣ ва тассути суратҳисобҳои бонкӣ дар шакли сармоя ва дигар воситаҳои бо асъор ифодаёта амалӣ карда мешавад ва пайвастагии он низ ба малиётҳои содиротӣ ва воридотӣ ногусастанӣ мебошад. Дар ҳамин замина қайд кардан зарур аст, ки содирот ва воридоти яке аз қисматҳои асосӣ ва рушдёбандаи муносибатҳои асъорӣ дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ маҳсуб меёбад. Амалиёт бо асъори хориҷӣ ва дигар амалиётҳои ғайритиҷоратии бо асъори хориҷӣ асосёфта яке аз масъалаҳои асоие мебошад, ки ба он аҳамияти такмилдиҳӣ дар муносибатҳои асъорӣ дода мешавад.

Барои тақвияти муносибатҳои асъорӣ ва дар ҳамин замина баланд баардоштани самараи иқтисодии он зарурияти андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад ё ин масъалаҳо тақвият ва самараи иқтисодии муносибатҳои асъориро баланд менамояд:

1. Ташкили муҳити ҳамкорӣ ва ҳамигироии иқтисодию тиҷоратӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва дар ҳамин замина ҷалби сармоями хориҷӣ ба давлат;
2. Фароҳам овардани имкониятҳои сармоягузорӣ ва ҷалби сармоя ба бахшҳои воқеии қаблан истифоданагаардида, махсусан тақвияти канданиҳои фоиданок[3.118];
3. Азоиши бемаҳдуди ҳиссаи содирот ва дар ҳамин замина додани имконият ба истеҳсолкунандагони дохилӣ;
4. Баланд бардошштани самари ҳамкорӣ бо институтҳои молиявию қарзии байналхалқи ва дар заминаи робитаҳои тиҷоратӣ афзоиш додани амалиётҳои асъорӣ;
5. Афзалиятдиҳқаҳои иимконияти сармоягузоришаванда[6.169] ва ғ.

Ҳамаи масъалаҳои дар боло зикргардида дар доираи сиёсати пулию қарзӣ ҳалу фасл карда мешавад. “...Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаҳои 4 ва 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” таҳия гардида, самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъории давлат, истифодаи босамари фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ва рушди муътадили нишондиҳандаҳои пулӣ барои расидан ба мақсади асосии нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо дар соли оянда муайян менамояд [9].”

Адабиёт

1. Аҳадов, И. Қ. Модели устувории фаъолияти бонкӣ ва самаранокии дороиҳо / И. Қ. Аҳадов, Р. Ш. Саераева // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. – No. 2(52). – EDN MQRUIN.
2. Гончаренко Л. И., Малкова Ю. В., Полежарова Л. В., Тихонова А. В., Юмаев М. М. Об Основных направлениях налоговой политики на 2022 год и на период 2023–2024 годов. Экономика. Налоги. Право. 2022;15(1):23–34.
3. Махшулов С.Ҷ. Хусусиятҳои хосси ташаккули муносибатҳои қарзӣ дар Тоҷикистон / С.Ҷ. Махшулов / [Матн]. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2024. № 6-1. С. 118.
4. Махшулов, С. Ҷ. Рушди низоми бонкӣ ва муносибатҳои қарзӣ дар шароити муосир / С. Ҷ. Махшулов, Ҷ. Р. Сандалов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 10-1. – P. 182-190. – EDN PGZAVX.
5. Махшулов С.Ҷ . Таъмини бехатарии низоми қарздиҳӣ дар шароити муосир. / С.Ҷ.Махшулов, И.Қ. Ҷумаев / [Матн]. Паёми молия ва иқтисод. 2022. № 4-2 (34). С. 74.
6. Махшулов, С. Ҷ. Устувории молиявии низоми бонкӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт / С. Ҷ. Махшулов, М. Ҳ. Ҷулиев, З. А. Ҷиҳонова // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 1(30). – P. 169-176. – EDN FDHVDW.
7. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз (нашри дуюм) / Ш. Раҳимзода // – Душанбе : Эр-граф, 2009. – 449 р. – ISBN 978-99947-42-05-2. – EDN FSLCAC.
8. Ҷ.Нурмаҳмадзода, Ҷ.Нуралиев, С.Икромӣ, М. Ниёзов, М. Султонов. Рушди низоми бонкӣ дар 25 соли истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: «Вектор принт»,2016.Саҳ 17
9. Манбаи электронӣ file:///C:/Users (санаи мурочиат 21.12.2025)
10. Маълумотҳои электронӣ. https://nbt.tj/tj/monetary_policy/projection.php (мурочиат 12.01.25)

Маълумот дар бораи муаллиф

Шарбатов Сорбон Сулаймонович–Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фаъолияти бонкӣ. Суроға: 734067, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14.

Сведения об авторе

Шарбатов Сорбон Сулаймонович-Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры банковского дела. Адрес: 734067, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14.

About the author

Sharbatov Sorbon Sulaimonovich-Tajik State University of Finance and Economics, assistant at the Department of Banking. Address: 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14.

УДК: 336

АСОСҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ИНСТИУТСИОНАЛИИ ИДОРАКУНИИ ПУЛИ НАҚД ВА РОҲҲОИ ТАЪМИНИ САМАРАИ ИҚТИСОДИИ ОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Ҷиҳонов С.А.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Пул ҳамчун воситаи муомил дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ нақши калидӣ дошта идораи босамарӣ он таъминкунандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Бо ҳамин мақсад ҷанбаҳои институтсионалии идоракунии пули нақд дар таркиби сиёсати пулию қарзӣ яке аз масъалаҳои асосие мебошад, ки мо дар мақолаи илмии худ ин масъаларо мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додем. Илова бар ин дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодии ҳаҷми пули дар муомилотбударо дар сатҳи арегатҳои пулӣ мавриди таҳлил қарор додем. Ҳамчун асосҳои иқтисодӣ ва институтсионалии сатҳи монетизатсияи иқтисодиро дар алоқаманддӣ бо суръати рушди иқтисодӣ таҳлил намуда роҳҳои боз ҳам босамар гардонидани ин масъаларо таҳқиқ намудем. Ҳамчун дар мақолаи мазкур таъсир ва алоқамандии ҳаҷми пулро аз нуқтаи назари таъсири омилҳои манфӣ ва мусбӣ баррасӣ намудем.

Калидвожаҳо: Ҳаҷми пули дармуолимлотбуд, агрегатҳои пулӣ, рушди иқтисодӣ, монетизатсияи иқтисодӣ, суръати гардиши пул, бехатарии иқтисодӣ, бахши воқеии иқтисодиёт, сиёсати пулию қарзӣ.

Барои иқтибос: Ҷиҳонов, С. А. Асосҳои иқтисодӣ ва институтсионалии идоракунии пули нақд ва роҳҳои таъмини самараи иқтисодии он дар шароити муосир / Н. М. Қарахонова // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 401-407.

ЭКОНОМИЧЕСКИЕ И ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ УПРАВЛЕНИЯ НАЛИЧНЫМИ СРЕДСТВАМИ И ПУТИ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИХ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ЭФФЕКТИВНОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Джихонов С.А.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. Деньги как средство обмена играют ключевую роль в социально-экономической жизни, а их эффективное управление обеспечивает социально-экономическое развитие. В связи с этим институциональные аспекты управления наличными средствами в структуре денежно-кредитной политики являются одним из главных вопросов, которые мы проанализировали и рассмотрели в нашей научной статье. Кроме того, в данной статье мы проанализировали социально-экономические аспекты объема денежных средств в обращении на уровне денежных агрегатов. Мы проанализировали экономические и институциональные основы уровня монетизации экономики в связи с темпами экономического роста и исследовали пути повышения эффективности этого вопроса. Как и в данной статье, мы рассмотрели влияние и взаимосвязь объема денежных средств с точки зрения воздействия негативных и позитивных факторов.

Ключевые слова. Объём денежных средств в обращении, денежные агрегаты, экономический рост, монетизация экономики, скорость денежного обращения, экономическая безопасность, реальный сектор экономики, денежно-кредитная политика.

ECONOMIC AND INSTITUTIONAL FOUNDATIONS FOR CASH MANAGEMENT AND WAYS TO ENSURE ITS ECONOMIC EFFICIENCY IN MODERN CONDITIONS

Jihonov S.A.
Tajik State University of Finance and Economics

Annotation. Money, as a medium of exchange, plays a key role in socioeconomic life, and its effective management ensures socioeconomic development. Therefore, the institutional aspects of cash management within the framework of monetary policy are one of the key issues we analyzed and addressed in our research article. Furthermore, in this article, we analyzed the socioeconomic aspects of the volume of money in circulation at the level of monetary aggregates. We analyzed the economic and institutional foundations of the level of monetization of the economy in relation to economic growth rates and explored ways to improve this efficiency. As in that article, we examined the influence and interrelationship of cash volume in terms of the impact of negative and positive factors.

Keywords. Volume of money in circulation, monetary aggregates, economic growth, monetization of the economy, velocity of money circulation, economic security, real sector of the economy, monetary policy.

Гузориши масъала. Яке аз масъалаҳои асосие, ки дар сатҳи низоми бонкӣ ба он аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд, ин истифодаи воситаҳои пулӣ ва сарчашмаҳои ташаккулёбии маблағҳои пулӣ мебошад. Илова бар ин ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки суръати гардиши воситаҳои пулӣ яке аз омилҳои самараноке мебошад, ки тавассути он суръати рушди иқтисоди баланд ва сатҳи самари иқтисодӣ баланд барошта мешавад. Танзими воситаҳои пулӣ яке аз омилҳои самарнок пеш бурдани равандҳои иқтисодӣ дар асоси пешниҳоди ҳаҷми воситаҳои пулӣ пулӣ ва ҳаҷми пул мебошад. Новобаста аз оне, ки дар иқтисодиёт раванди муносибатҳои пулӣ аз сатҳи иқтисодиёти оилаҳо оғоз меёбад, ҳаҷми он дар таркиби нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аосӣ ва зарурӣ меббошад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Вобаста ба таҳқиқоти мазкур муаллиф аз таҳлилҳои муҳаққиқон аз қабили Шариф Раҳимзода, Иброҳими Ҳ.Ҳ., Махшулов С.Ҷ., Амирзода С.А., Миршарифзода Э.Қ., Давлатов Ҳ.Ҷ., Одилов М.А. ва дигарон истифода намудааст.

Мақсади мақола омӯзиши асосҳои иқтисодӣ ва инстиутсионалии идоракунии пули нақд ва роҳҳои таъмини самараи иқтисодии он дар шароити муосир мебошад.

Муҳтавои асосии мавод. Вобаста ба ин чунин пешниҳод шудааст, ки "...ҳаҷмӣ пул яке аз нишондиҳандаҳоҳои муҳими муомилоти пулӣ буда, аз ҷамъи пулҳои нақдию ғайринақдӣ ва ўҳдадориҳои молиявӣ иборат мебошад" [8.94]. Воқеан ҳаҷми пул дар сатҳи муносибатҳои иқтисодӣ метавонанд ҳамхосиятҳои иқтисодӣ ва ҳам зосиятҳои иқтисоӣ дар сатҳи тамоюлҳои мусбат ва манфӣ дошта бошад. Бинобар ин идора дурусти он метавонад натиҷаи воқеии сатҳи иқтисодиётро аз нуқтаи назари омилҳои ба рушд нигаронидашуда дигаргун намояд. Ҳамчунин гуфтан мумкин аст, ки дар таҷриба иқтисодӣ ба ҳамҷми пул меттавонад омилҳои зиёд ва ҳамчунин ҳаҷми пул метавонад ба як қатор омилҳо таъсир расонад. Вобаста аз ин вазъи макроиқтисодии давлат ва рушди доимии он аз ҳаракати дуруст ва самарноки муомилоти пулӣ ва пайваста будани он вобастагии зиёд дорад. Бо ин восита мо метавонем барои идораи дурусти воситаҳои пулӣ гурӯҳи омилҳоеро, ки метавонанд хосияти иқтисодӣ дошта бошанд таҳқиқ намоем. Зеро дар муомилоти пулӣ барзиёдии пули дармуомилотбуда бидуни банақшагирии дуруст вобаста ба таъсри омилӣ ё сатҳи иқтисодӣ метавонанд боиси ба миён омадани як қатор мушкилотҳо гарддад. Аз ин хотир танзими муомилоти пулӣ дар сатҳи иқтисодиёт боиси таъмини бехатарии иқтисодӣёт ва ба қадри кофӣ таъмин намудани иқтисодиёт бо пул мебошад.

Зеро тағйирёбии бармаҳалли ҳаҷми пул дар муомилот метвонад боиси болоравии сатҳи нархҳо, номувозинатии сатҳи истеҳсолот, паст гардиани қобилияти харидории аҳолӣ, коҳишёбии эътибори қурбӣ ва як қатор масъалаҳои дигар мегардад. Аз ин лиҳоз барои танзими ҳаҷми пул ва нишондиҳандаҳои алоҳидаи ҳаҷми пулӣ агрегатҳои пулӣ истифода мегарданд, ки масъала метаовнад вобаста ба рафтори фарогирии агрегатҳои пулӣ Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар мақомотҳои ваколатдор метавонан, мавқеи худро дигаргун намоянд. (нигар ҷадвали 1)**.**

Ҷадвали 1. - Тамоили тағйирёбии ҳаҷми пул дар муомилоти пулӣ барои солҳои 2015 – 2024 (млн.сомонӣ)

Унсурҳои пулӣ	Солҳо					
	2015	2020	2021	2022	2023	2024
М0 (млн.сомони)	4591	18058,47	20873,71	29632,00	26973,57	34736,25
М1 (млн.сомони)	5403	20010,37	22214,90	31765,11	28910,18	36827,78
М2 (млн.сомони)	6535	22504,49	252651.97	36224,00	34681,41	45667,28
М3 (млн.сомони)	6535	22504,49	25265,97	36224,00	34681,41	45667,28
М4 (млн.сомони)	10790	26139,90	28400,12	39883,84	39548,60	50947,76

Манбаъ : Сомонаи бонки миллии Тоҷикистон https: // www. nbt. Tj

Вобаста ба маълумотҳои ҷадвали мазкур ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки назорати гардиши ҳаракати воситаҳои пулӣ дар шакли, нақдӣ, ғайринақдӣ ва дар суратҳисобҳои бонкӣ яке аз масъалаҳои асосие мебошад, ки ба воситаи он мақомотҳои танзимнамоӣ метвонад вобаста ба мувозинатҳои иқтисодӣ ҳаҷми пулро барои босамрагардонӣ ва идораи дурусти хавфҳо зериназорат мегиранд. Аз ин лиҳоз маслаҳои мубрами идоракунии воситаҳои пулӣ аз рӯи агрегартҳо шароит фароҳам месоза, ки равандҳои таваррумӣ дар сатҳи зарурӣ идора гардида сатҳи монетизатсияи иқтисодӣ дуруст ба роҳ монда шавад. Мо бар он назарем, ки рушди нишондиҳандаҳои васеи ҳаҷми

он ба мо имкон медиҳад, ки дар сатҳи зарурӣ муаммо ва норасоиҳои ҷойдоштаро ошкор намуда нисбат ба онҳо чораҳои зарурӣ андешем. Вобаста ба маълумотҳои дар ҷадвал овардашуда метавон тазаккур дод, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ агрегати М0 ва қисман М1 бо ҳасосиятҳои манфии пуллӣ ва таконҳои иқтисодӣ аз як тараф вбастагӣ дорад, аз тарафи дигар метавонад як қатор мушкилотҳои дигарро низ ба миён оварад.

Идораи самараноки пули нақд дар ҳамон ҳолате имконпазир мегардад, ки агар захираҳои пули нақд дар бахши воқеии иқтисодиёт ва гардиши ғайринақдӣ дар муомилоти шахсони воқеӣ истифода гарданд дар ҳамон ҳолат мувозинати самаранокии пул таъмин мегардад. Илова бар маълумотҳои дар ҷадвал воардашуд аҳаминро қайд кардан зарур аст, ки тағйирёбии нишондиҳандаҳо дар агрегатҳои пулӣ метавон рушди иқтисодӣ ва беҳтаргардии фазои иқтисодиро баҳо додан имконпазиир мегардад. Вобаста ба суръати рушди нишондиҳандаҳои агрегати М0 дар солҳои 2015ғ2020 маълум мегардад, ки вобаста ба суръати пасти тағйирёбии нишондиҳандаҳои пулӣ, суръати рушди иқтисодиёт низ дар сатҳи зарур таъмин нест. Вобаста ба ин агар суръати зиёдшавии агрегати М0 дар солҳои 2015 – 2020 2,9 маротибаро ташкил намуда аз соли 2020 92,3% - ро ташкил намуд. Дар ин мутат кам гардидани чунин тамоил вобаста ба воқеи ятҳои иқтисодӣ дорои хусусиятҳои мусбати иқтисодию иҷтимоӣ буда ин маънои онро дорад, ки дар шароити имрӯза бартарӣ, имконият ва афзалият ба муомилоти ғайринақдӣ дода шудаастт. Тибқи маълумотҳои ҷадвали мазкур мушоҳида кардан мумкин аст, ки агрегати М1 – ҷамъи пулҳои дар суртаҳисобҳои ҷории бонкӣ, ки аз тарафи корхонаю муассисаҳо ва аҳолӣ мебошад, бодарназардошти агрегати М2 – пасандозҳои муҳлатноки аҳолӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ, ки ин нишондиҳандаҳо бартарияти пулҳои ғайринақдиро дар сатҳи низоми бонкӣ ташкил медиҳанд, тамоили зиёдшавӣ доранд. Тибқи маълумотҳои ҷадвали мазкур агар нишондиҳандаҳои агрегати М1 соли 2015 5,4 милиард сомониро ташкил намуда бошад пас ҳамин нишондиҳанда дар соли 2024 36824,78 милиард сомони баробар гардидааст, суръати 5,8 маротиба афзоиш ёфтааст. Тибқи таҳлилҳо ин суръати рушд дар солҳои 2015 – 2020 2,7 маротиба ва дар солҳои 2020 – 2024 84,7% - ро ташкил медиҳад.

Воқеияти мувафақиятҳои низоми бонкиро дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ вобаста ба рушдии технологияҳои рақамӣ афзалият пайдо кардани пардохҳои электронӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ низ тамоили болоравӣ дошта метавонад дар якчанд соли оянда натиҷаҳои назаррасро б бор оварад.

Бояд иброз дошт, ки нишондиҳандаҳои агрегати М2 бошад ҳамчун механизми васеъ кардани имкониятҳои пулӣ ва захираҳои фаъоли бонкӣ, дар шароити имрӯза ба масъалаҳои рақамикунонӣ ё ғайрирнақдикунонии амалиётҳо вобастагии зиёд дорад, тамоили зиёдшавиро касб намуда дар давоми солҳои 2015 - 2024 ба андозаи 5,9 маротиба афзоиш ёфтааст. Тамоилитақсимбандии нишондиҳандаҳо бошад агар суръати рушди агрегати М2 дар давоми соли 2015 6535 млн.сомниро ташкил намуда бошад ин ншондиҳанда дар соли 2020 22504,49 млн. сомониро ташкил намуда суръати рушди он дар ин давра 2,4 маротиба афзоиш ёфта нишондиҳандаи мазкур дар давоми солҳои 2020 - 2024 102,9% афзоиш ёфтааст, ки ин тамоил метавонад қаноатмандкунанда арзёбӣ, гардад, серо қисми зиёд маблағҳои дар гардишбудаи аҳолиро маблағҳои дар суратҳисобҳои ҷорибудаи онҳо ташкил медиҳад.

Мо гуфта метавонем, ки суръати афзоиши ҳаҷми пули дармуомилотпуда дар сатҳи иқтисодиёти кишвар бо сабаби коҳиш додани шиддати хавфҳои бо пули нақд алоқаманд, ин тамоил дар ҳоли коҳишёбӣ қарор дошта суръати рушди он низ ру ба пастравист, ки ин метавонад ба як қатор таконҳои иқтисодӣ ва таҳдидҳои молиявӣ коҳиш диҳад. Бинобар ин мо тамоили ин афзоиш ва сатҳи вобастагии онро дар ҷавали 2 нишон додем.

Ҷадвали 2. - Сатҳи вобастагии сиёдшавии ҳаҷми пулии дар муомилотбуда ва таваррум дар солҳои 2020 - 2024 бо (%)

Нишондиҳандаҳои пулӣ	**Солҳо**				
	2020	**2021**	**2022**	**2023**	**2024**
Зиёдшавии хачми пули дар муомилотбуда (М0) бо фоиз нисбат ба соли кабли	18,7	15,5 %	41,9 %	-8,98 %	28,7 %
Хачми таваррум	7,4	8 %	4,2 %	3,8 %	3,6 %

Манбаъ: **Хачми таваррум** аз https://www.nbt.tj/tj/monetary_policy/shahri-tav/inflation.php

Бояд ёдоар шуд, ки сиёсати пулию қарзӣ дар сатҳи иқтисодиёт на танҳо як таърих ё равандӣ ба муносибатҳои пулӣ ва танзими он алоқаманд, балки он як ҷараёни мураккаб ва печидае мебошад,

ки дар сатҳи ҷамъият мебошад. Гуфтан мумкин аст, ки асос ва сиёсати пулию қарзӣ ҳамчун қисми мураккаби низоми иқтисобӣ, илова бар худ сиёсат буданаш, сиёсати иқтисодӣ, сиёсати иҷтимоӣ, сёсати сохтори савдои хориҷӣ, сиёсати байнидавлатӣ ва дигар сиёсатҳоро дар худ таҷассум менамояд, ки масъала зарурият ва ҷиддияти ин равандро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамояд. Бинобар ин зарурияти идоракунии сиёсати пулию қарзӣ ва танзиму назорати он ба таври доимӣ яке аз масъалаҳои асосие мебошад, ки бевосита метавонанд ба таври доимӣ тамоюлҳои мусбат ва манфиро дар худ дошта бошад. Дар сатҳи сиёёсати пулию қарзӣ бамаврид қайд гардидааст, ки "...дар мамлакатҳои тибқи низоми иқтисоди бозоргонӣ амалкунанда танзим а татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, ҳамчун абекти асосӣ аз тарафи танзимкунандаи хадамоти пулӣ ва зерсохторҳои он дар сатҳи давлат ва минтақаҳоиалоҳидаи он анҷом дода мешаванд, ки пешниҳоди пул бо ҷузъҳои огуногун тавсиф гардида, талаботи умуми самаранокро ташкил мекунад [2.291-299]". Бо ин гуфтан мумкин аст, ки яке аз механизмҳои асосии таркибии сиёсати пулию қарзӣ танзими ҳаҷми пул дар сатҳи давлат, минтақа, иқтисодиёт ва соҳаву соохторҳои алоҳидаи он мебошад. Дар дигар маврид ҳамчин зарурият ва муҳимиятҳои ҷиддӣ ҷой дорад, ки "... дар давлатҳои алоҳида вобаста ба тартиби таҳлили иқтисодӣ ва зарурияти пурра муаян намудани омилҳои ба тағйирёбии ҳаҷми пул таъсиррасонанда, миқдори гуногуни агрегатҳои пулиро истифода мебаранд. Масалан дар руссия панҷ агрегати пулӣ (М0,М1, М2, М3, М2х), дар ШМА - чор, Шветсарияю Олмон ғ се ва фаронса ду агрегат, истифода мегарданд [7.95]". Иловатан гуфтан мумкин ааст, бо сабаби пеш рафтани техника ва технологияҳои муосир ва рушди муносибат иқтисодва сатҳи фарогирии он агрегати М4 низ истифода мегардад, ки зарурияти он дар ҳоли асоснокгардии мукаммал қарор дорад.

Вобаста ба суръати рушди ҳаҷми пули дармуомилоттбуда ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки мувозинати ин иқтидор дар солҳои охир бинобар ислоҳоти ҷиддӣ дар сохтори ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тамоили коҳишёби дорад, ки ин аз ҷойгузинии муомилоти пулҳои ғайринақдӣ мебошад ва ин метавонад то як андоз ба коҳиш додани сатҳи таваррум махсусан таварруми муътадил дар сатҳи меъёри пешбини намудаи давлат бошад. Вобаста баа ин таҳлии ҷадвали 2 маълум аст, ки агар сруъати рушди пулҳои нақди дар муомилотбуда дар соли 2020 18,7%ғро ташкил намуда бошад пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба -8,23% ва соли 2024 28,7%ғро ташкил намуд. Дар алоқаманди бо таваррум аз таҳлилҳо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки пастравии суръати рушди пули дар муомилотбуда вобаста ба баробарии тағйирёбандаҳо эҳсо мегардад. Тибқи маълумотҳо соли 2023 суръати рушди ҳаҷми пули дар муомилотбуда нисбат ба соли 2022 ага – 8,28% кам гардида боша баробар бо ин сатҳи таваррум бошад 3,8%ғайраро ташкил намудааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2022 4,2% - ро ташкил медод. Илова бар ҳамаи ин мо сатҳи вобастагии муомилоти пулиро дар таркиби иқтисодӣ миллӣ бо ҷанбаҳои таъсиррасонӣ дар сатҳи унсурҳои зерин ҳамчун асос меҳисобем. (нигар расми 1)



Расми 1. - Хосиятҳои таъсиррасонии ҳаҷми пули дар муомилотбуда вобаста раванҳои сиёсати пулию қарзӣ

Сарчашма. Таҳияи муаллиф.

Чи тавре, ки аз таҷрибаи таърихии иқтисодӣ ва воқеиятҳо ба ҳам алоқаманди иқтисодӣ бар меояд, вазифаи хун дар организм барои зинда монданро бозад, пул дар иқтисодиёт чунин вазифаи муҳимро доро мебошад. Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки солимиии иқтисодиёт аз таъмини мутавозини иқтисодиёт бо пул вобаста мебошад ва ин вобастагӣ тақозо менамояд, ки сатҳи барориш ва тақисмнамоии пул дар иқтисодиёт аз нуқтаи назари самаранокӣ ба роҳ монда шуда назорати доимии он ҳамчун асос бошад. Бинобар ҳамин моро зарур аст, ки барои рушди ҳамарафаи иқтисодиёт мувозинаи таъмини пулро дар сатҳи сохтор ва мақомотҳои дахлдори соҳавӣ ҷорӣ намуда сатҳи самараи иқтисодиётро боло бардорем. Чи тавре, ки аз маълумотҳои расми мазкур бар меояд,

муомилоти пулӣ ё ҳаҷми пули дар муомилотбуда дар навбати аввал гар як масъалаи содда бошад он дар муҳити кушоди иқтисодӣ дорои як қатор иқтиорҳос, ки онҳоо вобаста ба муҳити иқтисодӣ, сиёсати идоракунӣ, сафарбарсозӣ ва дигар масъалаҳои ба ин баробар метавонанд дорои таъсирҳои гуногуни иқтисодӣ бшанд.

Тибқи маълумотҳои дар расм овардашуда ҳаҷмпули дар муомилотбуда метавонанд, ҳам ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ҳам ҷанбаҳои иҷтимоӣ дошта бошад, агар ба шарте, ки самаранокии он дар сатҳи иқтисодиёт ба таври зарурӣ таъмин гардад. Вобаста ба ҷанбаҳои иқтисодии ҳаҷми пули дар муомилотбуда, ки онро дар муҳити илми монетизатсияи иқтисодиёт менаоманд, ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки барои рушди мутавозини он пулҳои самарнок, яъне пулҳои дарозмуддат дар бахши воқеии иқтисодиёт ниҳоят нақши калиди дошта он метавонад ба дигаргуншавии иқтисодиёт низ нақши калидӣ дошта бошад. Илова бар ин яке аз масъалаҳои муҳими дигар ин ҷанбаҳои иҷтимоии он мебошад, ки бевосита ба беҳтаргардии фазои зиндагии аҳолӣ аз сатҳи маънавиёт то сифати зиндагӣ сар карда метавонад манфиатовар бошад. Ин албатта ба манбаҳои даромади пулии аҳолӣ ва истифодаи самараноки онҳо дар самтҳои фоидаовар мебошад. Илова бар ин ҳаҷми пули дармуомилотбуда агр дар сатҳи иқтисоиёт аз нуқтаи наазари шуури дарки ҳодисаҳои иқтисодӣ ва воситаҳои мултипликаторӣ истифода гаардаа дар ин ҳолат метавонад як қатор имкониятҳои навро ба миён оварад. Ин масъалаҳоро дар сатҳи арзёбӣ метавон ҳамчун ҷанбаҳои мусбати ҳаҷми пули дармуомилотбуда ё агрегати М0 ном бурд. Вобаста ба ҷанбаҳои дигари ҳаҷми пул, ки он масоили нархӣ ва ғайринархиро дар бар мегирад, аз он равишҳое иборат аст, ки метавонад дар сурати беасос афзоиш ёфтан ё ғайрисамарнок истифода гардидан як қатор оқибатҳои ногувори иҷтимоию иқтисодиро ба бор воарад.

Вобаста ба ин масъала метавон хотирнишон намуд, ки тасири нархи ва ғайринархии даваррум дар марҳаллаи аввал ба ба болоравии сатҳи таваррум ва вайрон шудани мувозинаи нарх ва талаабот боис мегардаад. Ин ҳолат метавонад дар муҳити нави иқтисодӣ бо сабаби давомдор гардиданаш як қатор муаммоҳои ғайриқобили пешбиниро дар муҳити ҳавасамндагрдонии иқтисодӣ ба миён оваряад. Аз ин лиҳоз зарурияти идоракунӣ ва танзим ҳаҷми пул дар муҳти нархӣ ба таври доимӣ бояд қарор дода бошад. Олмилҳои ғайринархии муомилоти пулӣ бештар метаонад ҷанбаи дигари иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дошта бошад. Бо ин мақсад мо гуфта метавонем, ки дар сатҳи иқтисодиётии миллӣ омилҳои ғайринархии масъалаи таҳқиқшаанда бештар ба қобилияти харидории аҳолӣ ва бо мурури замон аз байн бурдани ҳавасмандии истеҳсолотиро дар сатҳи хурд ба миён меоварад. Чуниҳолат ба он боис мегардад, ки дар сатҳи дохили мавқеи ҳиссаи воридот баланд ва ҳиссаи содирот ва итсеҳсолти дохилӣ коҳиш ёбад.

Чи тавре, ки дар равишҳои илмӣ баъзе ҳолат нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва тамоюли тағйирёбии онҳоро ба оқибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ мушобеҳ месозанд, ин масъала низ метавонад дар баробари ҳама масъалаҳои дар боло зикргардида оқибатҳои сиёсӣ дошта бошад. Албатта ҳаҷми пули дар муомилотбуда дар баробари ҳамин як равиши содда нест балки ҳамбастагии қавии соҳавӣ ва сохториро доро мебошад. Агар ҳаҷми пул мувозинати иқтисодиётро вайрон намояд, пас оқибатҳои он дар муҳити ҷамъият метавонад оқибати ногувори сиёсӣ дошта бошад, ки метавонад ангезаҳои он аз ҷанг низ бартар бошад. Ҳатто оқибатҳои он метавонанд таъсири соҳавӣ ва ғайрисоҳавӣ дошта бошанд. Бинобар ин мо аминем, ки гирифтани пеши роҳи тамоми тамоюлҳо тавре, ки қаблан иброз намуда будем,ин идораи дурусти пул ё дар мавриди дигар сатҳи онетизатсияи иқтисодиёт дар самтҳои асосӣ ва воқеии иқтисодиёт мебошад.

Чи тавре, ки аён аст, дар сурати идораи дурусти пул дар қолаби монетизатсия имкон медиҳад, ки рушди истеҳсолот дар бахшҳои гуногун таъмин гардад. Аз ин лиҳоз моро зарур аст, ки ба ин масъала аҳамияти аввалиндараҷа дода наазорат ва идоракунии онро дар якҷоягӣ бо БМТ ва дигар бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии дар ин муҳит фаъол зери назорати доимӣ диҳем. Аз ҳамин хотир метавон мутмаин гардид, ки идораи ҳаҷми пул дар ҳамон ҳолате таъмин мегардад, ки агар дар он сатҳи монетизатсия дар бахши воқеӣ дуруст ба роҳ монда шавад. Илова бар ин ба сатҳи руш ва ҳаҷми пул аз рӯи мавқеъ ва ҳиссаи монтизатсия низ баҳо дода мумкин мебошад. Дар асоснок намоӣ ба ин мо сатҳи монетизатсияи иқтисодиётро дар ҳамбастагӣ бо тамоили боло гирифтани қарздиҳӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додем ва алоқамандии масъаларо бо сатҳи рушди иқтисодиёт баррасӣ намудем (нигар ҷадвали 3).

Ҷадвали 3. - Баҳодиҳва сатҳи арзёбии монетизатсияи иқтисодва алоқамандии он бо рушди иқтисодиёт

Номгӯи нишондиҳандаҳо	Солҳо					
	2015	2020	2021	2022	2023	2024

Сатҳи монетизатсия	22,29 % (БМТ)	31,8 % (БМТ)	28,7% (БМТ)	34,5% (БМТ)	30,2 % (БМТ)	29,8 % (БМТ)
Суръати рушди иқтисод	6 % (аз паём)	4,5% (аз паём)	Беш аз 9 % (аз паём)	8 % (аз паём)	8,3 % (аз паём)	8,4 % (аз паём)
Хачми карздихи	12,5 млрд.сом они (БМТ)	8903692,00 хаз.сом (аз БМТ)	11970,36 млн.сом (аз БМТ)	13577,58 млн.сом (аз БМТ)	17844,84 млн.сом (аз БМТ)	21376,99 млн.сом (аз БМТ)

Манбаъ: Паёмҳои Президенти ҶТ https: // www. president. Tj / missives, Сомонаи бонки миллии Тоҷикистон https://nbt.tj [9], ***Формулаи*** **сатхи монетизатсия (М3/ММД)[10]**

Вобастагии сиёсати пулию қарзӣ бо сиёсаати иқтисодӣ, ки дар ҷанбаҳои рушд онҳо ба якдигар алоқамандии зич доранд моро ба он водор менамояд, ки таҳсири алоқамандии нишондиҳандаҳои иқтисодиро баррасӣ намуда тамоюлҳои ба рушд нигронидашударо таҳли ва таъсири омилҳои манфии ҷойдоштаро дар асоси ба кор андохтани фишангҳои гав ислоҳ намоем. Қайд кардан зарур аст, ки яке аз масъалаҳои асосие. Ки бевосита ба сатҳи рушди иқтисодиёт ва ҳалдафҳои стратегии давлат таъсир мерасонад ин сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт мебошад. Манетизатсияи иқтисодиёт як омили мураккаби пулиест, ки ба воситаи он ба мувозинатҳои таъминоти пулии бахшҳои воқеии иқтисодиёт баҳо медиҳанд. Дар шароите, ки тамоми имкониятҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ фароҳаманду захираҳои пулӣ барои тезонидани ҷараёниистеҳссолот басандагӣ намекунад, зарурати баланд кардани сатҳи монетизатсия дар чунин ҳолатҳо муҳим ва зарурӣ мебошад. Қарзҳо низ қисми муҳими сиёсати пулию қарзӣ буда дар татбиқи манетизатсияи иқтисодӣ нақши асосӣ доранд. Тавре зиккр шудааст “ҳамчунин гуфтан мумкин аст, ки аз ҳаҷми умумии қарзҳои пешниҳодшуда 6,8% он ба таври фосилавӣ тавассути замимабарномаҳои мобилӣ пешниҳод карда шудаанд” [4.118]. Дар дигар маврид вобаста ба манетизатсия дар сатҳи қарздиҳӣ ба маврид зикр гардидааст, ки “...қарз на танҳо воситаи таъмини маблағ барои харид ва сармоягузорӣ мебошад, балки ҳамчун замина барои рушди истеҳсолот, тавсеаи тиҷорат, дастгирии иҷтимоӣ ва баробарсозии имкониятҳои иқтисодӣ амал мекунад” [5.113].

Дар низоми имрӯзаи иқтисодӣ яке аз масъалаҳои асосии рушди иқтисодӣ мавҷудияти имкониятҳои рушд мебошанд ва ин метавонад ҳамчун масъалаи зарурӣ дар самти монетизатсия асосӣ мебошад. Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт яке аз масъалаҳои асосие, мебошад, ки камчинии бахши воқеии иқтисодиётро бо пул таъмин менамояд. Дар ҳаминҷо зикр гардидааст, ки “Дар шароити имрӯза зоҳиран акмалкардҳои қарзхӯ ва муносибатҳои қарзиро на танҳо дар сатҳи институтҳои молиявию қарзӣ балки дар соҳаҳои саноат, сохтумон, кишоварзӣ ва хизматрасонӣ низ мушоҳида намудан мумкин аст” [3.182]. Дар давраи баъд аз соли 2020, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор душвориҳои иқтисодии марбут ба печидагиҳои 10 сол пешро аз сар гузаронид, ба бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, дастгирии бахши соҳибкоӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда дастгирии пайвастаи онро ҳамчун асос ва ҳадафи стратегии худ медонад. Ин аст, ки дар паёми худ роҳбари давлат барои дасгири пайватаи фаъолияти соҳибкорӣ дар баробари маблағузорӣ ва дастгирии молиявию қарзӣ ба ин соҳа чунин иброз доштан, ки “...Бо ин мақсад, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, адлия, молия, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Бонки миллӣ, хадамоти алоқа, гумрук, Кумитаи андоз ва дигар вазорату идораҳо фароҳамсозии асосҳои ҳуқуқиву ташкилӣ, танзими давлатӣ, маблағгузории ташкили инфрасохтори иқтисоди рақамӣ, инчунин, муносибатҳои иштирокчиёни соҳибкории рақамӣ ва савдои электрониро таъмин намоянд [6]”.

Дар иловаи ин гуфтаҳо ба маврид зикр гардидаааст, ки “...татбиқи самтҳои асосии рушди соҳаи иқтисодиёт ва ҳалли мушкилотҳое, ки дар соҳаи фаъолияти бонкӣ мавҷуд мебошанд, бе истифодаи самараноки сиёсати пулию қарзӣ дар шароити рушди муносибатҳои муосири молиявӣ имконопазир мегардад [1.216-222].”Вобаста ба ин пешниҳоди роҳбари давлат ҳаминро иброз доштан зарур аст, ки яке аз масъалаҳои асосие, ки дар дастгирии бахши воқеӣ махсусан бахши соҳибкорӣ ҳамчун асос иброз гардидааст, масъала маблағгузори ба шаклҳои навтарини ин масъала мебошад ва дар татбиқи ин масъала нақши БМТ комилан назаррас аст, ки метавонад дар сатҳи худ дигар сохторҳоро низ муттаҳид намояд. Бинобар ҳамин рушди сатҳи монетизатсияи самаранок яке аз масъалаҳои калидие мебошад, ки тавассути он ба таъмини рушди иқтисодиёт мусоидат намудан имконпазир мебошад. Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвали мазкур бар меояд, ки агар сатҳи монетизатсияи иқтисодӣ дар соли 2015 22,29%ғро ташкил намуда бошад ин нишондиҳанда дар соли

2029 29,8%ро ташкил намудааст, ки ин нишондиҳана метавонад алоқамандии худро бо рушди иқтисодиёт инъикос намояд. Тибқи таҳлилҳо агар дар соли 2015 суръати рушди иқтисод 6% ва сатҳи монетизатсия 22,29% -ро ташкил намуда бошад ин нишондиҳанда дар соли 2024 8,4% , манетизатсияи иқтисоди бошад, 29,8% - ро ташкил намудааст. Аз ин гуфтан мумкин аст, ки дар сурати зиёд гардидани суръати монетизатсия 33,6 банди фоизиро ташкил намуда бошад, суръати рушди иқтисодӣ вобаста ба фоиз 40 банди фоизиро ташкил медиҳад. Вобаста ба ин гуфтан мумкин аст, ки агар дар давоми 10 сол ба ҳисоби миёна сатҳи монетизатсия дар як сол 17% зиёд гарда, пас суръати рушди иқтисодиёт ба ҳисоби миёна вобаста ба муқоисаи солҳои қаблӣ аз 20% зиёд мебошад.

Хулоса. Аз таҳлили боло чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ барои таъмини рушди иқтисодиёт, идораи дурусти ҳаҷми пул, балан бардоштани сатҳи самарнокии манетизатсияи иқтисодӣ, аз байн бурдани нобаробарӣ ва дар маҷмӯ татбиқи дурусти сиёсати пулию қарзӣ андешидани чораҳои зерин бояд муҳим ва зарурӣ бошанд:

1. Ташкили низоми маркаазонидашуда идора ва назорати ҳаҷми пул дар муомилот вобаста ба пешрафтҳои иқтисодибю иҷтимоӣ;
2. Маҳдуд кардани низоми муомилоти пулҳои нақдии берун аз гардиши иқтисодӣ буда ва ҷалби онҳо барои сафарбарсозӣ ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ;
3. Дар асоси нақша ва амалкрдҳои институтсионалӣ маҳдуд кардани агрегати М0 ва додани имконият барои тақвияти агрегати М2 ва муносибагардонии он бо шароит;
4. Идораи босамари манетизатсияи иқтисодӣ ва ба таври нақшавӣ баланд кардани он;
5. Додани бартари ба муомилоти пулҳои нав ва имкониятҳои нави дастгирии бахши воқеии иқтисодиёт дар заминаи техника ва технологияҳои муосир ва ғ.

Адабиёт

1. Иброҳими, Ҳ. Ҳ. Баъзе масъалаҳои назарияви ташакулёбии сиёсати пуливу қарзӣ дар шароити бозор / Ҳ. Ҳ. Иброҳими // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – No. 4-2(43). – P. 216-222. – EDN LPBKNM.
2. Махшулов, С. Ҷ. Мавқеи Бонки миллии Тоҷикистон дар татбиқи сиёсати иқтисодии давлат / С. Ҷ. Махшулов, В. С. Тоҳиров // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 4-1(38). – P. 291-299. – EDN SFTQUF.
3. Махшулов, С. Ҷ. Хусусиятҳои хосси ташаккули муносибатҳои қарзӣ дар Тоҷикистон / С. Ҷ. Махшулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 6-1. – P. 118-124. – EDN CEOMMW.
4. Махшулов, С. Ҷ. Рушди низоми бонкӣ ва муносибатҳои қарзӣ дар шароити муосир / С. Ҷ. Махшулов, Ҷ. Р. Сандалов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 10-1. – P. 182-190. – EDN PGZAVX.
5. Муомилоти пулӣ ва қарз: воситаи таълимӣ / С. А. Амирзода, Э. Қ. Миршарифзода, Ҳ. Ҷ. Давлатов, М. А. Одилов. – Душанбе: "Ашуриён", 2025. – 160 с. – С. 106.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ 28.12.2024 12.26.шаҳри Душанбе
7. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз / Ш. Раҳимзода / Китоби дарсӣ. Душанбе 2019. Саҳ 94
8. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз / Ш. Раҳимзода / Китоби дарсӣ. Душанбе 2019. Саҳ 95-96
9. https://nbt.tj/tj (санаи мурочиат 25.10.2025)
10. https: / /www. president. Tj / missives (санаи мурочиат 25.10.2025)

Маълумот дар бораи муаллиф

Ҷиҳонов Сунатулло Абдураҳмонович-ассистенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к.Нахимов 64/14.

Сведения об авторе

Джихонов Сунатулло Абдурахмонович-ассистент кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.

About the author

Jihonov Sunatullo Abdurakhmonovich-Assistant Professor, Department of Economic Theory, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 64/14 Nakhimov Street, Dushanbe, 734067, Republic of Tajikistan.

УДК: 338

САЙЁҲӢ ВА РУШДИ МИНТАҚАҲОИ ТОҶИКИСТОН

Абдалимов А.
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур сайёҳӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар асоси назарияҳои рушди минтақавӣ ва консепсияи рушди устувор, ҳолат ва тамоюлҳои рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои асосии кишвар, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, инчунин шаҳри Душанбе таҳлил гардидаанд. Таъсири сайёҳӣ ба диверсификатсияи иқтисод, рушди соҳибкории хурду миёна, шуғли аҳолӣ ва беҳтар гардидани инфрасохтори минтақавӣ арзёбӣ шудааст. Дар мақола мушкилоти асосии рушди сайёҳии минтақавӣ, аз ҷумла маҳдудиятҳои инфрасохторӣ, сармоягузорӣ, кадрӣ ва экологӣ муайян гардида, имкониятҳо ва самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳа асоснок карда шудаанд. Дар натиҷа пешниҳодҳои амалӣ ҷиҳати такмили сиёсати давлатии рушди сайёҳӣ ва таъмини рушди устувори минтақаҳо ироа мегарданд.

Калимаҳои калидӣ: сайёҳӣ, рушди минтақавӣ, рушди устувор, сайёҳии кӯҳӣ, инфрасохтор, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуғли аҳолӣ, сиёсати давлатӣ.
Барои иқтибос: Абдалимов, А. Сайёҳӣ ва рушди минтақаҳои Тоҷикистон / А. Абдалимов // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 408-416.

ТУРИЗМ И РАЗВИТИЕ РЕГИОНОВ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Абдалимов А.
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

Аннотация. В статье рассматривается туризм как один из ключевых факторов социально-экономического развития регионов Республики Таджикистан. На основе теорий регионального развития и концепции устойчивого развития проанализированы состояние и основные тенденции развития туристской отрасли в Горно-Бадахшанской автономной области, Согдийской и Хатлонской областях, а также в городе Душанбе. Оценено влияние туризма на диверсификацию экономики, развитие малого и среднего предпринимательства, занятость населения и формирование региональной инфраструктуры. Выявлены основные проблемы развития регионального туризма, включая инфраструктурные, инвестиционные, кадровые и экологические ограничения, а также определены перспективы и приоритетные направления его дальнейшего развития. В заключение предложены практические рекомендации по совершенствованию государственной политики в сфере туризма и обеспечению устойчивого развития регионов.

Ключевые слова: туризм, региональное развитие, устойчивое развитие, горный туризм, инфраструктура, Республика Таджикистан, занятость, государственная политика.

TOURISM AND DEVELOPMENT OF REGIONS IN TAJIKISTAN

Abdalimov A.
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan

Abstract. The article examines tourism as one of the key factors of socio-economic development of the regions of the Republic of Tajikistan. Based on regional development theories and the concept of sustainable development, the current state and main trends of tourism development in the Gorno-Badakhshan Autonomous Region, Sughd and Khatlon regions, as well as in the city of Dushanbe, are analyzed. The impact of tourism on economic diversification, small and medium-sized business development, employment, and regional infrastructure formation is assessed. The study identifies the main challenges of regional tourism development, including infrastructural, investment, human resource, and environmental constraints, and substantiates перспективеs and priority directions for further development. Practical recommendations aimed at improving state tourism policy and ensuring sustainable regional development are proposed.

Keywords: tourism, regional development, sustainable development, mountain tourism, infrastructure, Republic of Tajikistan, employment, public policy.

Гузориши масъала. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии сохтори иқтисоди ҷаҳонӣ соҳаи сайёҳӣ ба яке аз бахшҳои босуръат рушдёбанда ва дорои аҳамияти стратегии иқтисодӣ табдил ёфтааст. Тибқи арзёбиҳои Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ (UNWTO), сайёҳӣ имрӯз на танҳо манбаи даромад, балки омили муҳими рушди минтақаҳо, диверсификатсияи иқтисод ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ мебошад [24; 30]. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки кишварҳое, ки сиёсати муназзами рушди сайёҳиро татбиқ менамоянд, метавонанд нобаробарии минтақавиро коҳиш дода, рушди устувори иҷтимоию иқтисодиро таъмин намоянд [25; 29].

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди сайёҳӣ аҳамияти хоса дорад, зеро беш аз 93 фоизи қаламрави кишварро минтақаҳои кӯҳӣ ташкил медиҳанд, ки имкониятҳои рушди саноати вазнин дар онҳо маҳдуд мебошад. Дар чунин шароит сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои алтернативии рушди иқтисодӣ баррасӣ шуда, дар санадҳои стратегӣ ва барномавии давлатӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд [2; 4]. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 сайёҳиро яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ муайян намуда, рушди онро ҳамчун воситаи таҳкими иқтидори минтақавӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ арзёбӣ мекунад [2].

Захираҳои бойи табиӣ, манзараҳои нодири кӯҳӣ, пиряхҳо, кӯлҳои баландкӯҳ, иқлими гуногун, инчунин мероси ғании таърихию фарҳангӣ Тоҷикистонро ба яке аз кишварҳои дорои иқтидори баланди сайёҳӣ дар Осиёи Марказӣ табдил медиҳанд [7; 24]. Ҳамзамон, мавҷудияти минтақаҳои гуногуни маъмурию иқтисодӣ, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, инчунин шаҳри Душанбе, шароити заруриро барои ташаккули намудҳои гуногуни сайёҳӣ — кӯҳӣ, экологӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва шаҳрӣ фароҳам меорад [19; 22].

Бо вуҷуди ин, таҳлил нишон медиҳад, ки рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон яксон нест. Дар ҳоле ки шаҳри Душанбе ва баъзе минтақаҳои вилояти Суғд аз лиҳози инфрасохтор ва шумораи сайёҳон пешсаф мебошанд, минтақаҳои кӯҳӣ ва дурдаст, аз ҷумла ВМКБ ва қисме аз вилояти Хатлон, бо вуҷуди иқтидори баланди сайёҳӣ, ҳанӯз пурра аз имкониятҳои мавҷуда истифода намебаранд [6; 7]. Ин нобаробарӣ зарурати таҳқиқи амиқи омилҳои рушди сайёҳии минтақавӣ ва таҳияи сиёсати дифференсиалиро тақозо мекунад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Дар адабиёти илмӣ рушди минтақавӣ ҳамчун раванди мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ мешавад, ки ба истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ, иқтидори инсонӣ ва институтсионалӣ такя мекунад [15; 17]. Тибқи назарияи рушди эндогенӣ, маҳз фаъолсозии захираҳои маҳаллӣ метавонад рушди устувори минтақаҳоро таъмин намояд [17]. Дар ин замина сайёҳӣ ҳамчун соҳаи дорои таъсири мултипликативӣ арзёбӣ мегардад, зеро рушди он ба афзоиши шуғл, рушди соҳибкории хурду миёна ва беҳтар гардидани инфрасохтори иҷтимоӣ мусоидат мекунад [11; 26].

Таҳқиқотҳои иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки ҳар як воҳиди хароҷоти сайёҳӣ метавонад таъсири мусбат ба як қатор соҳаҳои вобаста, аз ҷумла нақлиёт, савдо, сохтмон ва кишоварзӣ расонад [12; 35]. Барои минтақаҳои дорои имкониятҳои маҳдуди рушди саноат, чунин таъсир метавонад аҳамияти ҳалкунанда дошта бошад. Аз ин лиҳоз, рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон метавонад ҳамчун яке аз механизмҳои муҳими диверсификатсияи иқтисод баррасӣ гардад [19; 21].

Асосҳои назариявии рушди минтақавӣ дар доираи як қатор мактабҳо ва равишҳои иқтисодӣ ташаккул ёфтаанд. Назарияҳои классикии ҷойгиршавии истеҳсолот, ки бо номи И. Тюнен ва А. Вебер алоқаманданд, ба нақши ҷойгиршавии захираҳо, хароҷоти нақлиёт ва бозорҳо аҳамияти калон медоданд. Гарчанде ин назарияҳо бештар ба истеҳсолоти моддӣ нигаронида шуда буданд, онҳо барои фаҳмиши ҷойгиршавии фаъолияти сайёҳӣ низ аҳамият доранд, зеро сайёҳӣ аз дастрасии нақлиётӣ ва наздикӣ ба бозорҳои истеъмолӣ вобастагии зиёд дорад [15; 35].

Дар нимаи дуюми асри XX назарияи «қутбҳои рушд»-и Ф. Перру ташаккул ёфт, ки тибқи он рушди иқтисодӣ дар минтақаҳои муайян мутамарказ шуда, минбаъд тавассути таъсири мултипликативӣ ба минтақаҳои атроф паҳн мегардад [18]. Аз ин лиҳоз, марказҳои сайёҳӣ метавонанд ҳамчун қутбҳои рушд баромад намуда, ба фаъолшавии фаъолияти иқтисодӣ дар минтақаҳои ҳамсоя мусоидат намоянд [26; 30].

Дар адабиёти илмии муосир сайёҳӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои дорои таъсири мултипликативии баланд арзёбӣ мешавад. Тибқи таҳқиқоти А.Ю. Александрова ва В.А. Квартальнов, рушди сайёҳӣ ба афзоиши талабот ба хизматрасониҳои нақлиётӣ, савдо, меҳмоннавозӣ, сохтмон ва соҳаҳои марбут оварда мерасонад [11; 14]. Ин таъсир барои минтақаҳое, ки имкониятҳои рушди саноат маҳдуданд, аҳамияти махсус дорад.

Илова бар ин, сайёҳӣ метавонад ба диверсификатсияи сохтори иқтисоди минтақаҳо мусоидат намояд. Тибқи таҳлили М. Портер, рақобатпазирии минтақаҳо бештар ба қобилияти онҳо барои рушди соҳаҳои хизматрасонии дорои арзиши иловагии баланд вобаста аст [35]. Дар ин замина

рушди сайёҳӣ метавонад мавқеи минтақаҳоро дар иқтисоди миллӣ ва байналмилалӣ тақвият бахшад [30].

Ҳамзамон, таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки рушди номуназзам ва беназорати сайёҳӣ метавонад ба оқибатҳои манфии экологӣ ва иҷтимоӣ оварда расонад [28; 40]. Аз ин рӯ, дар солҳои охир консепсияи сайёҳии устувор ҳамчун қисми таркибии рушди устувор мавқеи марказӣ пайдо кардааст [25; 39]. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои экосистемаҳои ҳассос ва мероси фарҳангии нозук мебошад, татбиқи принсипҳои сайёҳии устувор аҳамияти махсус дорад [22; 24].

Мақсади мақола ин омӯзиши сайёҳӣ ва рушди минтақаҳои Тоҷикистон мебошад.

Муҳтавои асосии мавод. Дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди сайёҳӣ ҳамчун воситаи таъмини рушди устувори минтақаҳо эътироф гардидааст. Барномаҳои давлатии рушди минтақаҳо ва стратегияҳои соҳавӣ ба рушди инфрасохтор, ҷалби сармоягузорӣ ва рушди захираҳои инсонӣ дар соҳаи сайёҳӣ равона шудаанд [3; 4]. Бо вуҷуди ин, дар амал мушкилоти инфрасохторӣ, молиявӣ ва кадрӣ ҳамоно боқӣ мондаанд, ки самаранокии рушди сайёҳии минтақавиро маҳдуд месозанд [6; 9].

Маҳз дар ҳамин замина омӯзиши илмии робитаи сайёҳӣ ва рушди минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Таҳлили ҳолати кунунии рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои гуногун, арзёбии таъсири он ба нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва муайян намудани мушкилот ва имкониятҳои рушди минбаъда метавонанд барои таҳияи сиёсати самараноки давлатии рушди сайёҳӣ заминаи боэътимод фароҳам оваранд [2; 24].

Ҳадафи асосии мақолаи мазкур таҳлили нақши сайёҳӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи пешниҳодҳои амалӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии сиёсати рушди сайёҳии минтақавӣ мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф дар мақола вазифаҳои таҳлили асосҳои назариявӣ, омӯзиши таҷрибаи минтақавӣ, арзёбии мушкилот ва имкониятҳо ва таҳияи тавсияҳои амалӣ гузошта шудаанд [11; 19].

Объекти тадқиқот раванди рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, предмети тадқиқот маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалиест, ки дар ҷараёни таъсири сайёҳӣ ба рушди минтақавӣ ташаккул меёбанд. Асоси иттилоотии тадқиқот маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳӣ, санадҳои расмии давлатӣ ва маводи ташкилотҳои байналмилалӣ мебошанд [6; 7; 24].

Дар илми иқтисодӣ масъалаи рушди минтақавӣ ҳамчун яке аз самтҳои калидии таҳқиқот баррасӣ мешавад, зеро фарқият дар сатҳ ва суръати рушди иҷтимоию иқтисодӣ байни минтақаҳо метавонад ба устувории умумии иқтисоди миллӣ таъсири ҷиддӣ расонад [15; 17]. Нобаробарии минтақавӣ бо маҷмӯи омилҳо, аз ҷумла шароити ҷуғрофӣ, иқтидори табиӣ, сатҳи рушди инфрасохтор, захираҳои инсонӣ ва хусусиятҳои таърихию фарҳангӣ муайян мегардад [21; 35]. Дар чунин шароит ҷустуҷӯи механизмҳои самараноки рушди минтақаҳо аҳамияти махсус пайдо мекунад ва сайёҳӣ ҳамчун яке аз чунин механизмҳо дар адабиёти илмии муосир мавқеи устувор касб намудааст [11; 24].

Дар назарияҳои рушди эндогенӣ, ки дар охири асри XX рушд ёфтанд, рушди минтақаҳо пеш аз ҳама бо истифодаи захираҳои дохилӣ, дониш, сармояи инсонӣ ва институтсионалӣ алоқаманд карда мешавад [17; 39]. Ин равиш махсусан барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ аҳамияти калон дорад, зеро онҳо на ҳамеша имконияти ҷалби сармояи бузурги берунаро доранд. Дар ин замина сайёҳӣ ҳамчун соҳае баррасӣ мешавад, ки метавонад захираҳои маҳаллиро фаъол намуда, рушди устувори минтақавиро таъмин кунад [19; 25].

Дар даҳсолаҳои охир консепсияи рушди устувор ҳамчун парадигмаи асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ эътироф гардидааст. Тибқи ин консепсия, рушди иқтисодӣ бояд бо ҳифзи муҳити зист ва таъмини адолати иҷтимоӣ ҳамоҳанг карда шавад [39]. Дар асоси ин равиш мафҳуми «сайёҳии устувор» ташаккул ёфтааст, ки дар ҳуҷҷатҳои UNWTO ва OECD ба таври васеъ инъикос шудааст [25; 29].

Сайёҳии устувор истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва фарҳангиро дар назар дошта, ба иштироки фаъоли ҷомеаҳои маҳаллӣ такя мекунад [28; 40]. Барои минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои экосистемаҳои ҳассос мебошанд, татбиқи принсипҳои сайёҳии устувор аҳамияти калидӣ дорад [22; 24]. Таҷрибаи кишварҳои дорои шароити монанд нишон медиҳад, ки бе риояи ин принсипҳо рушди сайёҳӣ метавонад ба оқибатҳои манфии экологӣ ва иҷтимоӣ оварда расонад [31; 32].

Таҳқиқотҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки таъсири сайёҳӣ ба рушди минтақаҳо бисёрҷанба мебошад. Аз як тараф, рушди сайёҳӣ ба афзоиши шуғл, даромадҳои аҳолӣ ва рушди

инфрасохтори иҷтимоӣ мусоидат мекунад [26; 30]. Аз ҷониби дигар, дар сурати набудани сиёсати муназзам он метавонад боиси афзоиши нобаробарии иҷтимоӣ ва фишор ба муҳити зист гардад [28].

Дар илми иқтисодӣ таъкид мешавад, ки таъсири мусбати сайёҳӣ бештар дар ҳолатҳое ба назар мерасад, ки сиёсати давлатӣ ба рушди сайёҳии минтақавӣ равона шуда, манфиатҳои аҳолии маҳаллиро дар марказ қарор медиҳад [24; 25]. Иштироки ҷомеаҳои маҳаллӣ дар банақшагирӣ ва идоракунии сайёҳӣ яке аз омилҳои муҳими рушди устувор ба шумор меравад [31].

Омӯзиши рушди сайёҳӣ дар минтақаҳо истифодаи маҷмӯи усулҳои илмиро тақозо мекунад. Усулҳои таҳлили оморӣ барои арзёбии динамикаи шумораи сайёҳон, ҳаҷми хизматрасониҳо ва нишондиҳандаҳои шуғл васеъ истифода мешаванд [6; 9]. Усули таҳлили муқоисавӣ имконият медиҳад, ки фарқиятҳои минтақавӣ ва таҷрибаи кишварҳои дигар таҳлил карда шаванд [30; 33].

Илова бар ин, усули таҳлили системавӣ сайёҳиро ҳамчун низоми мураккаб баррасӣ мекунад, ки унсурҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва институтсионалиро дар бар мегирад [15; 25]. Дар таҳқиқоти мазкур инчунин усулҳои сифатӣ, аз ҷумла таҳлили санадҳои стратегӣ ва барномаҳои давлатӣ истифода шудаанд [2; 3; 4].

Асоси иттилоотии тадқиқот маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳӣ, инчунин маводи ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла UNWTO, World Bank ва UNDP мебошад [6; 7; 8; 9; 24].

Хамин тавр, таҳлили асосҳои назариявӣ ва методологии рушди сайёҳӣ ва минтақаҳо нишон медиҳад, ки сайёҳӣ метавонад ҳамчун омили муҳими рушди минтақавӣ баромад намояд, агар он дар асоси сиёсати илмӣ асоснок ва принсипҳои рушди устувор рушд ёбад [25; 39]. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои гуногунрангии ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ мебошад, зарурати таҳқиқоти комплексии сайёҳии минтақавӣ аҳамияти махсус дорад [19; 21].

Рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти минтақаӣ дошта, сатҳ, самтҳо ва суръати инкишофи он вобаста ба шароити табиӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва инфрасохтории ҳар як минтақа фарқ мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати маъмурию ҳудудӣ ба якчанд минтақаи асосӣ — шаҳри Душанбе, вилояти Суғд, вилояти Хатлон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тақсим мешавад, ки ҳар кадоми онҳо дорои иқтидори хоси сайёҳӣ мебошанд [6; 7]. Таҳлили рушди сайёҳӣ дар ин минтақаҳо имкон медиҳад, ки нақши воқеии он дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарқиятҳои минтақавӣ ошкор гардад.

Тибқи маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар солҳои охир соҳаи сайёҳӣ дар кишвар тамоюли афзоишро нишон медиҳад. Аз ҷумла, шумораи сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ дар давраи солҳои 2018–2024 афзоиш ёфта, бахусус пас аз сабукгардонии низоми раводид ва татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ ҷараёнҳои сайёҳӣ фаъол гардиданд [6]. Дар стратегияҳои давлатӣ таъкид мегардад, ки сайёҳӣ бояд ба яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ табдил дода шавад [2; 4].

Ҳамзамон, таҳлил нишон медиҳад, ки рушди сайёҳӣ дар минтақаҳо яксон нест. Қисми асосии ҷараёнҳои сайёҳӣ ба шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд рост меояд, дар ҳоле ки минтақаҳои кӯҳӣ ва дурдаст ҳиссаи камтар доранд [7; 9]. Ин ҳолат зарурати таҳлили минтақавиро тақвият мебахшад.

Рушди сайёҳӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ).

ВМКБ яке аз минтақаҳои дорои иқтидори нодири сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Манзараҳои кӯҳии Помир, қуллаҳои баланд, пиряхҳо, кӯлҳои кӯҳӣ, инчунин фарҳанги ғании этнографӣ ва таърихи қадимаи минтақа барои рушди сайёҳии кӯҳӣ, экологӣ, варзишӣ ва этномадании имкониятҳои васеъ фароҳам меоранд [22; 24]. Роҳи машҳури Помир аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамчун яке аз самтҳои ҷолиби сайёҳӣ дар миқёси ҷаҳонӣ эътироф гардидааст [24].

Бо вуҷуди ин, таҳлили оморӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи ВМКБ дар ҷараёнҳои умумии сайёҳии кишвар ҳанӯз нисбатан паст мебошад [6]. Сабабҳои асосии ин ҳолат маҳдуд будани инфрасохтори нақлиётӣ, мавсимияти шадиди сайёҳӣ, норасоии меҳмонхонаҳо ва хизматрасониҳои мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ мебошанд [7; 9]. Дар ҳисоботҳои UNDP таъкид мегардад, ки рушди сайёҳӣ дар ВМКБ бештар ба лоиҳаҳои хурди ҷомеамеҳвар такя мекунад, ки иқтидори онҳо маҳдуд аст [8].

Дар солҳои охир бо дастгирии давлат ва шарикони байналмилалӣ як қатор лоиҳаҳо ҷиҳати рушди сайёҳии устувор дар ВМКБ татбиқ мегарданд. Рушди хонаҳои меҳмонӣ, омӯзиши роҳбаладони маҳаллӣ ва беҳтар намудани инфрасохтори хизматрасонӣ метавонад дар оянда ба фаъолшавии ҷараёнҳои сайёҳӣ мусоидат намояд [31; 32].

Хусусиятҳои рушди сайёҳӣ дар вилояти Суғд.

Вилояти Суғд яке аз минтақаҳои пешсафи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози рушди сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Шаҳри бостонии Хуҷанд, ёдгориҳои таърихӣ, бозорҳои анъанавӣ, манзараҳои водии Фарғона ва кӯҳҳои Фон заминаи мусоид барои рушди сайёҳии фарҳангӣ, таърихӣ ва экологиро фароҳам меоранд [11; 14]. Тибқи маълумоти оморӣ, вилояти Суғд яке аз минтақаҳое мебошад, ки шумораи зиёди сайёҳонро қабул мекунад [6].

Афзалияти асосии вилояти Суғд дастрасии нисбатан хуби нақлиётӣ, рушди шабакаи меҳмонхонаҳо ва хизматрасониҳо, инчунин ҳамсоягӣ бо бозорҳои сайёҳии кишварҳои ҳамсоя мебошад [7; 33]. Илова бар ин, баргузории фестивалҳо ва чорабиниҳои фарҳангӣ нақши муҳим дар ҷалби сайёҳон мебозад.

Бо вуҷуди ин, таҳлил нишон медиҳад, ки рушди сайёҳӣ дар вилояти Суғд низ бо як қатор маҳдудиятҳо рӯ ба рӯ мебошад. Аз ҷумла, масъалаи ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, диверсификатсияи маҳсулоти сайёҳӣ ва мутобиқсозии хизматрасониҳо ба стандартҳои байналмилалӣ аҳамияти калон дорад [14; 26]. Дар стратегияҳои рушди минтақавӣ зарурати рушди сайёҳии кӯҳӣ ва экологӣ дар минтақаҳои атрофи кӯҳҳои Фон таъкид мешавад [2; 33].

Рушди сайёҳӣ дар вилояти Хатлон.

Вилояти Хатлон дорои захираҳои бойи табиӣ ва таърихӣ мебошад. Ёдгориҳои бостоншиносӣ, мавзеи таърихии Ҳулбук, иқлими мусоиди минтақа ва мавҷудияти деҳоти анъанавӣ имкониятҳои рушди сайёҳии фарҳангӣ, таърихӣ ва аграриро фароҳам меоранд [19; 23]. Бо вуҷуди ин, таҳлили оморӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи вилояти Хатлон дар ҷараёнҳои сайёҳӣ нисбат ба иқтидори мавҷуда паст мебошад [6].

Яке аз сабабҳои асосии ин ҳолат норасоии инфрасохтори сайёҳӣ, маҳдуд будани сармоягузорӣ ва сатҳи пасти шинохти брендҳои сайёҳии минтақа мебошад [7; 9]. Дар бисёр мавридҳо объектҳои сайёҳӣ ба таври кофӣ муаррифӣ нашудаанд, ки ин ҷалби сайёҳонро маҳдуд мекунад [24].

Дар барномаҳои давлатии рушди минтақаҳо зарурати рушди сайёҳии вилояти Хатлон тавассути эҳёи ёдгориҳои таърихӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва инфрасохтори маҳаллӣ таъкид мегардад [3; 4]. Истифодаи ин равиш метавонад ба фаъолшавии иқтисоди маҳаллӣ мусоидат намояд.

Нақши шаҳри Душанбе дар рушди сайёҳӣ.

Шаҳри Душанбе ҳамчун пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон маркази маъмурӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар буда, нақши калидӣ дар рушди сайёҳӣ мебозад. Аксари сайёҳони хориҷӣ сафарро маҳз аз Душанбе оғоз намуда, шаҳр ҳамчун «дарвозаи сайёҳӣ» барои минтақаҳои дигар хизмат мекунад [7; 11]. Инфрасохтори нисбатан рушдёфта, мавҷудияти меҳмонхонаҳо ва хизматрасониҳои муосир ҷалби сайёҳонро таъмин менамояд.

Бо вуҷуди ин, таҳлил нишон медиҳад, ки имкониятҳои сайёҳии шаҳр ҳанӯз пурра истифода нашудаанд. Рушди сайёҳии шаҳрӣ, чорабиниҳои байналмилалӣ ва ҳамоҳангсозии ҷараёнҳои сайёҳӣ бо минтақаҳои атроф метавонад нақши Душанбе-ро ҳамчун маркази сайёҳии минтақавӣ тақвият бахшад [30; 33].

Муқоисаи рушди сайёҳӣ дар минтақаҳо.

Муқоисаи рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳар як минтақа дорои афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои хоси худ мебошад. ВМКБ аз лиҳози иқтидори табиӣ бартарӣ дошта, вале аз норасоии инфрасохтор ранҷ мебарад [22; 24]. Вилояти Суғд аз лиҳози инфрасохтор ва шумораи сайёҳон пешсаф аст, аммо ниёз ба диверсификатсияи намудҳои сайёҳӣ дорад [11; 14]. Вилояти Хатлон дорои иқтидори бойи таърихӣ мебошад, аммо сатҳи истифодаи он паст аст [19; 23]. Шаҳри Душанбе ҳамчун маркази ҳамоҳангсозӣ ва тақсимоти ҷараёнҳои сайёҳӣ нақши калидӣ мебозад [7].

Ин фарқиятҳо нишон медиҳанд, ки сиёсати рушди сайёҳӣ бояд хусусияти дифференсиалӣ дошта, ба шароити ҳар як минтақа мутобиқ карда шавад [2; 3]. Танҳо дар ин сурат сайёҳӣ метавонад ба омили воқеии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёбад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рушди сайёҳии минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз иқтидори баланд, бо як қатор маҳдудиятҳои системавӣ рӯ ба рӯ мебошад. Ин маҳдудиятҳо ба инфрасохтор, сармоягузорӣ, захираҳои инсонӣ, маркетинг, инчунин ба ҷанбаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ марбутанд. Ҳамзамон, дар шароити кунунӣ имкониятҳои назаррас барои рушди устувори сайёҳӣ вуҷуд доранд, ки истифодаи ҳадафманди онҳо метавонад ба таҳкими иқтидори иқтисодии минтақаҳо мусоидат намояд.

Мушкилоти инфрасохторӣ.

Яке аз мушкилоти асосии рушди сайёҳии минтақавӣ сатҳи пасти рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва хизматрасонӣ мебошад. Дар бисёр минтақаҳои дурдаст, хусусан минтақаҳои кӯҳӣ,

роҳҳои автомобилгард дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дошта, мавсимияти иқлимӣ дастрасиро маҳдуд месозад [6; 7]. Таҳқиқотҳои Бонки ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки сифати пасти инфрасохтор хароҷоти сафарро зиёд намуда, ҷолибияти самтҳои туристиро коҳиш медиҳад [9].

Норасоии инфрасохтори сайёҳӣ, аз ҷумла меҳмонхонаҳои мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ, марказҳои иттилоотии сайёҳӣ, хизматрасониҳои нақлиётии маҳаллӣ ва инфрасохтори фароғатӣ, махсусан дар ВМКБ ва қисме аз вилояти Хатлон мушоҳида мешавад [7; 22]. Ин ҳолат ба сатҳи қаноатмандии сайёҳон таъсири манфӣ мерасонад ва давомнокии будубошро маҳдуд мекунад [24].

Маҳдудиятҳои сармоягузорӣ ва молиявӣ.

Мушкилоти дигари муҳим маҳдуд будани сармоягузорӣ ба рушди сайёҳии минтақавӣ мебошад. Гарчанде дар сатҳи давлатӣ як қатор имтиёзҳо ва барномаҳои дастгирӣ пешбинӣ шудаанд, ҷалби сармояи хусусӣ ва хориҷӣ ба минтақаҳо ҳанӯз ба сатҳи зарурӣ нарасидааст [3; 4]. Сабабҳои асосӣ хавфҳои баланди сармоягузорӣ, камбуди инфрасохтор ва норасоии лоиҳаҳои омодаи инвестиционӣ мебошанд [9; 30].

Тибқи таҳлили OECD, дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ механизмҳои самараноки шарикии давлат ва бахши хусусӣ (PPP) метавонанд нақши калидӣ дар рушди инфрасохтори сайёҳӣ бозанд [29]. Барои Тоҷикистон татбиқи чунин механизмҳо дар сатҳи минтақавӣ аҳамияти махсус дорад [2; 33].

Масъалаҳои кадрӣ ва рушди захираҳои инсонӣ.

Омодасозии кадрҳои касбӣ яке аз омилҳои калидии рушди устувори сайёҳӣ ба шумор меравад. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар бисёр минтақаҳо норасоии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ, аз ҷумла роҳбаладон, менеҷерони сайёҳӣ ва кормандони меҳмонхонаҳо эҳсос мешавад [11; 14]. Сатҳи пасти дониши забонҳои хориҷӣ ва малакаҳои муосири хизматрасонӣ сифати маҳсулоти туристиро маҳдуд мекунад [19; 21].

UNWTO таъкид менамояд, ки рушди захираҳои инсонӣ ва барномаҳои бозомӯзӣ метавонанд ба баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаҳо мусоидат намоянд [25]. Барои Тоҷикистон ҳамоҳангсозии низоми таҳсилоти касбӣ бо талаботи бозори меҳнат дар соҳаи сайёҳӣ аҳамияти калон дорад [20; 24].

Мушкилоти маркетинг ва муаррифии иқтидори минтақавӣ.

Яке аз маҳдудиятҳои ҷиддии рушди сайёҳии минтақавӣ сатҳи пасти маркетинг ва брендинг мебошад. Бисёре аз минтақаҳо бренди равшан ва шинохташудаи сайёҳӣ надоранд, ки ин ҷалби сайёҳонро маҳдуд мекунад [30; 33]. Истифодаи нокифояи технологияҳои рақамӣ, платформаҳои онлайн ва шабакаҳои иҷтимоӣ рақобатпазирии маҳсулоти туристиро коҳиш медиҳад [26].

Таҳқиқотҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки муаррифии ҳадафманд ва рақамисозии маркетинг метавонад ҷараёнҳои сайёҳиро ба таври назаррас афзоиш диҳад [29; 30]. Барои минтақаҳои Тоҷикистон рушди порталҳои иттилоотии сайёҳӣ ва системаҳои бронкунии онлайн аҳамияти махсус дорад [7; 24].

Чолишҳои экологӣ ва иҷтимоӣ.

Рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои дорои экосистемаҳои ҳассос метавонад ба мушкилоти экологӣ оварда расонад. Ифлосшавии муҳити зист, фишор ба экосистемаҳои кӯҳӣ ва истифодаи нодурусти захираҳои табиӣ аз ҷумлаи чолишҳои асосӣ мебошанд [28; 40]. Барои Тоҷикистон, ки дорои пиряхҳо ва минтақаҳои муҳофизатшаванда мебошад, риояи меъёрҳои экологӣ аҳамияти калидӣ дорад [22; 24].

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, сайёҳӣ метавонад ҳам таъсири мусбат ва ҳам манфӣ дошта бошад. Дар сурати идоракунии нодуруст он метавонад ба тағйирёбии арзишҳои фарҳангӣ ва афзоиши нобаробарии иҷтимоӣ оварда расонад [28]. Аз ин рӯ, иштироки фаъоли ҷомеаҳои маҳаллӣ дар банақшагирӣ ва идоракунии сайёҳӣ ҳамчун омили муҳими рушди устувор таъкид мегардад [31; 32].

Имкониятҳои рушди сайёҳии минтақавӣ.

Бо вуҷуди мушкилот, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имкониятҳои васеи рушди сайёҳии минтақавӣ мебошад. Гуногунрангии захираҳои табиӣ ва фарҳангӣ имкон медиҳад, ки намудҳои гуногуни сайёҳӣ, аз ҷумла кӯҳӣ, экологӣ, фарҳангӣ, этнографӣ ва аграрӣ рушд ёбанд [19; 22]. Афзоиши таваҷҷуҳи ҷаҳонӣ ба сайёҳии устувор ва таҷрибавӣ барои Тоҷикистон имконияти иловагӣ фароҳам меорад [25; 39].

Рушди сайёҳии ҷомеамеҳвар(баҷомеатакякунанда) ҳамчун яке аз самтҳои умедбахш баррасӣ мешавад, зеро он иштироки аҳолии маҳаллиро таъмин намуда, манфиатҳои иқтисодиро дар дохили минтақа нигоҳ медорад [31]. Таҷрибаи Непал ва Қирғизистон нишон медиҳад, ки чунин равиш метавонад ба рушди устувори минтақаҳои кӯҳӣ мусоидат намояд [31; 32].

Ҳамин тавр, таҳлили мушкилот ва имкониятҳои рушди сайёҳии минтақавӣ нишон медиҳад, ки сайёҳӣ метавонад ба драйвери воқеии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёбад, агар маҳдудиятҳои мавҷуда ба таври системавӣ ҳал карда шаванд [2; 24]. Ин талаб мекунад, ки сиёсати давлатӣ ба рушди инфрасохтор, ҷалби сармоягузорӣ, рушди захираҳои инсонӣ ва татбиқи принсипҳои рушди устувор равона карда шавад [3; 25].

Хулоса ва пешниҳодҳои амалӣ.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки сайёҳӣ дар шароити муосири рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба яке аз омилҳои калидии рушди минтақаҳо табдил ёбад. Хусусиятҳои ҷуғрофӣ, табиӣ ва фарҳангии кишвар, бахусус мавҷудияти минтақаҳои кӯҳӣ, мероси бойи таърихию этнографӣ ва гуногунрангии иқлимӣ, заминаи мусоидро барои рушди намудҳои гуногуни сайёҳӣ фароҳам меоранд [22; 24]. Дар баробари ин, таҳлил нишон дод, ки истифодаи иқтидори сайёҳии минтақаҳо ҳанӯз ба сатҳи зарурӣ нарасида, байни минтақаҳо тафовути назаррас вуҷуд дорад [6; 7].

Натиҷаҳои таҳлили минтақавӣ нишон медиҳанд, ки рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти нобаробар дорад. Вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе аз лиҳози инфрасохтор, шумораи сайёҳон ва сатҳи хизматрасонӣ мавқеи пешсафро ишғол менамоянд, дар ҳоле ки Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилояти Хатлон бо вуҷуди иқтидори баланди табиӣ ва таърихӣ, аз маҳдудиятҳои инфрасохторӣ, молиявӣ ва кадрӣ ранҷ мебаранд [6; 7; 19]. Ин ҳолат зарурати татбиқи сиёсати дифференсиалии рушди сайёҳии минтақавиро тақозо мекунад, ки бояд ба хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии ҳар як минтақа мутобиқ карда шавад [2; 3].

Таҳқиқот ҳамчунин тасдиқ намуд, ки сайёҳӣ дорои таъсири бисёрсамта ба рушди минтақаҳо мебошад. Аз як тараф, рушди сайёҳӣ ба афзоиши даромадҳои маҳаллӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар гардидани инфрасохтори иҷтимоӣ мусоидат мекунад [11; 26; 30]. Аз ҷониби дигар, дар сурати набудани идоракунии самаранок ва банақшагирии илмӣ, сайёҳӣ метавонад ба мушкилоти экологӣ ва иҷтимоӣ оварда расонад [28; 40]. Аз ин рӯ, рушди сайёҳӣ бояд дар асоси принсипҳои рушди устувор амалӣ гардад [25; 39].

Дар ҷараёни таҳлил муайян гардид, ки мушкилоти асосии рушди сайёҳии минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи пасти инфрасохтори нақлиётӣ ва хизматрасонӣ, маҳдуд будани сармоягузорӣ, норасоии кадрҳои касбӣ, заъфи маркетинг ва муаррифии иқтидори сайёҳӣ, инчунин чолишҳои экологию иҷтимоӣ вобаста мебошанд [7; 9; 24]. Ҳалли ин мушкилот муносибати системавӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаҳои маҳаллиро талаб мекунад [29; 30].

Бо вуҷуди маҳдудиятҳои зикршуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имкониятҳои васеи рушди сайёҳии минтақавӣ мебошад. Гуногунрангии захираҳои табиӣ ва фарҳангӣ, афзоиши таваҷҷуҳи байналмилалӣ ба сайёҳии кӯҳӣ ва экологӣ, инчунин таҷрибаи мусбати кишварҳои дорои шароити монанд имконият медиҳанд, ки сайёҳӣ ба яке аз драйверҳои асосии рушди минтақавӣ табдил дода шавад [24; 31; 32]. Истифодаи оқилонаи ин имкониятҳо метавонад ба коҳиши тафовути минтақавӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии минтақаҳо мусоидат намояд [25].

Хулоса. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳодҳои амалии зерин ироа мегарданд.

Пеш аз ҳама, дар сатҳи давлатӣ зарурати таҳияи сиёсати мукаммали рушди сайёҳии минтақавӣ ба миён меояд, ки бояд бо стратегияҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва барномаҳои давлатии рушди минтақаҳо ҳамоҳанг карда шавад [2; 4]. Дар ин замина тавсия дода мешавад, ки барномаҳои махсуси рушди сайёҳӣ барои ҳар як минтақа таҳия гардида, дар онҳо афзалиятҳо, маҳдудиятҳо ва механизмҳои дастгирӣ ба таври мушаххас муайян карда шаванд [3].

Дар самти рушди инфрасохтор, афзоиши сармоягузорӣ ба роҳҳои нақлиётӣ, инфрасохтори муҳандисӣ ва объектҳои хизматрасонии сайёҳӣ аҳамияти калидӣ дорад. Ҷалби сармояи хусусӣ ва хориҷӣ тавассути истифодаи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонад ба суръатбахшии татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ мусоидат намояд [29; 30]. Ҳамзамон, фароҳам овардани муҳити мусоиди ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ барои сармоягузорон зарур аст [9].

Дар самти рушди захираҳои инсонӣ тавсия дода мешавад, ки низоми таҳсилоти касбӣ ва бозомӯзии кадрҳо дар соҳаи сайёҳӣ такмил дода шавад. Омодасозии мутахассисони дорои малакаҳои муосир, дониши забонҳои хориҷӣ ва таҷрибаи амалии кор метавонад сифати хизматрасониҳоро ба таври назаррас беҳтар намояд [11; 25]. Ҷалби ҷавонон ва аҳолии маҳаллӣ ба фаъолияти сайёҳӣ метавонад ба коҳиши бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат кунад [19; 21].

Яке аз самтҳои муҳими рушди сайёҳии минтақавӣ тақвияти маркетинг ва муаррифии иқтидори сайёҳӣ мебошад. Ташаккули брендҳои минтақавии сайёҳӣ, истифодаи платформаҳои рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва системаҳои муосири бронкунӣ метавонад рақобатпазирии

минтақаҳоро дар бозорҳои байналмилалӣ баланд бардорад [26; 30; 33]. Муаррифии мақсадноки маҳсулоти сайёҳӣ имконият медиҳад, ки ҷараёнҳои сайёҳӣ диверсификатсия гардида, вобастагӣ аз як самт коҳиш ёбад [24].

Дар самти таъмини рушди устувор, татбиқи механизмҳои ҳифзи муҳити зист ва мероси фарҳангӣ бояд дар маркази сиёсати рушди сайёҳӣ қарор гирад. Банақшагирии рушди сайёҳӣ бояд бо дарназардошти иқтидори борбардории экологӣ, иштироки фаъоли ҷомеаҳои маҳаллӣ ва ҳифзи арзишҳои анъанавӣ анҷом дода шавад [28; 39]. Рушди сайёҳии ҷомеамеҳвар метавонад ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок баррасӣ гардад [31; 32].

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки сайёҳӣ метавонад ба яке аз абзорҳои муассири рушди устувори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёбад, агар он дар асоси сиёсати илмӣ асоснок, ҳамоҳангсозии институтсионалӣ ва иштироки фаъоли ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор рушд ёбад [24; 25]. Татбиқи пешниҳодҳои ироашуда метавонад ба баланд бардоштани самаранокии рушди сайёҳии минтақавӣ, беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар бозори байналмилалии сайёҳӣ мусоидат намояд [30].

Адабиёт

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ». — Душанбе, 1999 (бо тағйиру иловаҳо).
2. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. — Душанбе, 2018.
3. Барномаи давлатии рушди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025. — Душанбе, 2021.
4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. — Душанбе, 2016.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ. — Душанбе, нашрҳои солҳои 2018–2025.
6. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Солномаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон. — Душанбе, 2018–2024.
7. Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисобот ва маълумоти расмӣ. — Душанбе, 2019–2024.
8. United Nations Development Programme (UNDP). Sustainable Development Reports: Tajikistan. — New York, 2019–2023.
9. World Bank. Tajikistan: Economic Update. — Washington, 2018–2024.
10. Asian Development Bank. Tourism Development in Central Asia. — Manila, 2020.
11. Александрова А.Ю. Международный туризм. — М.: КНОРУС, 2018.
12. Биржаков М.Б. Введение в туризм. — СПб.: Невский фонд, 2019.
13. Кабушкин Н.И. Менеджмент туризма. — М.: Новое знание, 2020.
14. Квартальнов В.А. Туризм: теория и практика. — М.: Финансы и статистика, 2017.
15. Мухамеджанов А. Региональная экономика. — М.: Юрайт, 2021.
16. Шишков Ю.В. Регионализация и глобализация мировой экономики: альтернатива или взаимодополнение? // МЭиМО. — 2008. — № 8. — С. 3–14.
17. Мюрдал Г. Экономическая теория и слаборазвитые регионы. — М.: Прогресс, 1972.
18. Перру Ф. Экономика XX века. — М.: Экономика, 2000.
19. Абдалимов А. Рушди сайёҳӣ ҳамчун омили рушди устувори минтақаҳо. — Душанбе: МУТПТ, 2022.
20. Абдалимов А., Қодирова М. И. Иқтисодиёти сайёҳӣ. — Душанбе, 2013.
21. Сафаров С. Асосҳои рушди минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. — Душанбе, 2020.
22. Раҳмонқулов Ф. Сайёҳии кӯҳӣ дар Тоҷикистон. — Душанбе, 2019.
23. Ҳайдаров А. Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ. — Душанбе, 2018.
24. UNWTO. Tourism and Regional Development. — Madrid, 2019.
25. UNWTO. Sustainable Tourism Development. — Madrid, 2021.
26. Hall C.M. Tourism Planning: Policies, Processes and Relationships. — London: Routledge, 2018.
27. Sharpley R. Tourism Development and the Environment. — London, 2019.
28. Butler R. Sustainable Tourism: A State-of-the-Art Review // Tourism Geographies. — 2015.
29. OECD. Tourism Trends and Policies. — Paris, 2022.
30. World Economic Forum. Travel & Tourism Competitiveness Report. — Geneva, 2019.

31. Nepal Tourism Board. Tourism Statistics**.** — Kathmandu, 2019–2023.
32. Kyrgyz Republic. Tourism Development Strategy**.** — Bishkek, 2020.
33. Georgia National Tourism Administration. Tourism Development Report**.** — Tbilisi, 2021.
34. Central Asia Regional Economic Cooperation (CAREC). Tourism Strategy 2030**.** — Manila, 2020.
35. Porter M. The Competitive Advantage of Nations**.** — New York, 1998.
36. Balassa B. The Theory of Economic Integration**.** — London, 1961.
37. Meade J.E. The Theory of Customs Unions**.** — Amsterdam, 1955.
38. Todaro M., Smith S. Economic Development**.** — London, 2020.
39. Sachs J. The Age of Sustainable Development**.** — New York, 2015.
40. Stabler M. Tourism and Sustainability. — Oxford, 2018.

Маълумот дар бораи муаллиф

Абдалимов Абдураҳмон– Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи сайёҳӣ ва бизнеси меҳмондорӣ. Нишонӣ: 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5.

Сведения об авторе

Абдалимов Абдурахмон– Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент кафедры туризма и бизнес гостеприимства. Адрес: 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбад,48/5.

About the author

Abdalimov Abdurakhmon– International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, PhD in Economics, Associate Professor of the Department of Tourism and Hospitality Business. Address: 734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbad Avenue, 48/5.

УДК: 339

ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВИИ МЕХАНИЗМҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ШАРОИТИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ

Судиқов А.К.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар шароити рушди раванди таҳавуллоти ҷиддӣ дар иқтисоди ҷаҳон ба масъалаи ҳамгироии иқтисоди таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда мешавад, зеро он ба унвони маҳаки асосии густариши механизмҳои сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамгироии иқтисодӣ, метавонад дар таҳқими раванди сармоягузориҳо нақши қобили таваҷҷӯҳ дошта бошад, чунки дар доираи ҳамгироии кишварҳо заминаи устувор барои густариши сармоягузориҳо гузошта мешавад.
Бо назардошти мубрамияти ташаккул ва рушди механизмҳои сармоягузорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ, муаллиф талош намудааст, то механизмҳои мавҷудаи сармоягузориро бо назардошти ҳамгирошавии иқтисоди мавриди таҳлилу омӯзиш қарор диҳад. Муаллиф, дар равнади таҳқиқот тавонистааст мушахассоти механизмҳои мавҷударо ба таври қобили қабул ифшо намояд ва ҳамзамон мазмуну моҳияти ин механизмҳоро дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ шарҳу тафсири муфассал диҳад.
Калидвожаҳо: ҳамгироии иқтисодӣ, сармоягузориҳо, механизм, абзорҳо, иқтисодиёт, тавсеа, раванд, моделҳо, воситаҳо, захира, равобит.
Барои иқтибос: Судиқов, А. К. Таҳлили назариявии механизмҳои сармоягузорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ / А. К. Судиқов // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 417-422.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ИНВЕСТИЦИОННЫХ МЕХАНИЗМОВ В КОНТЕКСТЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ

Судиков А.К.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотатция. В условиях развития процесса серьезных преобразований в мировой экономике особое внимание уделяется вопросу экономической интеграции, поскольку он рассматривается в качестве основного критерия расширения инвестиционных механизмов. Экономическая интеграция может сыграть важную роль в стимулировании инвестиционного процесса, поскольку интеграция стран обеспечивает прочную основу для увеличения инвестиций.
Рассматривая взаимосвязь формирования и развития инвестиционных механизмов в контексте экономической интеграции, автор попытался проанализировать и изучить существующие инвестиционные механизмы с учетом интеграции экономики. В ходе исследования автору удалось подробно раскрыть особенности существующих механизмов, а также подробно объяснить содержание и природу этих механизмов в контексте экономической интеграции.
Ключевые слова: экономическая интеграция, инвестиции, механизмы, инструменты, экономика, развитие, рост, модели, финансовые средства, ресурсы, отношения.

THEORETICAL ANALYSIS OF INVESTMENT MECHANISMS IN THE CONTEXT OF ECONOMIC INTEGRATION

Sudiqov A.K.
Tajik State University of Finance and Economics

Annotation. In the context of the development of the process of serious transformations in the global economy, special attention is paid to the issue of economic integration, since it is considered as the main criterion for expanding investment mechanisms. Economic integration can play an important role in stimulating the investment process, as the integration of countries provides a solid foundation for increased investment.
Considering the relationship between the formation and development of investment mechanisms in the context of economic integration, the author tried to analyze and study the existing investment mechanisms taking into account the integration of the economy. In the course of the research, the author was able to reveal in detail the features of existing mechanisms, as well as explain in detail the content and nature of these mechanisms in the context of economic integration.
Keywords: economic integration, investments, mechanisms, tools, economy, development, growth, models, financial resources, resources, relations.

Гузориши масъала. Рушди иқтисодии кишварҳо дар марҳилаҳои мухталиф аз ҳаҷм ва андозаи сармоягузориҳо вобастагии зиёд дорад, аз ҷумла дар шароити имрӯза. Тавре аз мушоҳида бар меояд, ҷаҳони кунунӣ босуръат дар ҳоли таҳавуллоти технологии ҷиддӣ қарор дорад, бинобар ин, ҳар як кишвари олам талош дорад то бо ин тренди ҷаҳони муосир ҳамқадам бошад. Дар чунин шароит сармоягузорӣ метавонад ба рушди иқтисодии кишвар, густариши шохаҳо ва самтҳои мухталифи он мусоидат намояд.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Дар доираи таҳқиқот муаллиф аз таҳқиқотҳои муҳаққиқон аз қабили Андреева Л.Ю., Вовченко Н.Г., Епифанова Т.В., Полуботко А.А., Аникеева А.А., Чернолецкая А.К., Бочаров, В.В., Зенькова, Л. П., Ковалев, В.В., Иванов, В.В., Лялин, В.А. истифода намудааст.

Мақсади мақола ин омӯзиш ва таҳлили назариявии механизмҳои сармоягузорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ мебошад.

Муҳтавои асосии мавод. Тавре аз мушҳодаҳо бар меояд, иқтисоди ҷаҳон ба таври қобили таваҷҷӯҳ рушд намудаистодааст, чунин рушдро метавон бо ҷаҳонишавӣ асоснок намуд. Ҷаҳонишавӣ иқтисодҳои миллиро маҷбур ба муттаҳид шудан мекунад, ҳамзамон ин раванд ба таври муназзам бо таъсиси ташкилотҳои ҳамгироии минтақавӣ сарукор гирифтааст. Рақобат ва майл ҷиҳати доштани ҷойгоҳи муайян дар тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, тамаркузнамоӣ ба самтҳои афзалиятноки рушдро тақозо менамояд. Дар чунин шароит, ба унвони яке аз омилҳои асосии ҳамгироӣ фаъолияти сармоягузорӣ баромад менамояд, зеро дар шароити ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавӣ, сармоягузорӣ муҳимтарин муҳарики пешбаранда ва таъминкунандаи равобити иқтисодӣ баҳисоб меравад.


Дар ҳоли ҳозир, сармоягузориҳо дар раванди ҳамгироии иқтисодӣ иҷрокунандаи нақши макразӣ мебошанд. Сармоягузорҳо муҳарики воқеии таъминкунандаи тавсеаи иқтисодӣ, таҷдидкунанда ва баландбардорандаи қобилияти рақобатнкоии иқтисодиёти кишаварҳои ҳамгиро арзёбӣ мегарданд. Иловтан, сармоягузорӣ дар муттаҳиднамоии талошҳо ва захираҳо ҷиҳати татбиқнамоии лоиҳаҳои муштарк ва таъсиси коопертасияҳои истеҳсолӣ созгорӣ менамоянд.

Дар тафсироти муосир, истилоҳи сармоягузорӣ аз ҷониби М.В. Чиненова[8] бо назардошти чунин ҷанба мавриди баррасӣ қарор додашудааст: “....Сармоягузорӣ-ин таҳвили сармоя ба дилхоҳ фаъолият бавоситаи харидоринамоии когазҳои қиматнок ё ба таври мустақим харидории худи корхона бо мақсади касби даромади иловагӣ ва ё таъсиррасонӣ ба кору амалкардҳои корхона дониста мешавад”. Инчунин, сармоягузорӣ ин маҷмӯи аз хароҷотҳоест, ки дар шакли маблағгузориҳои дарозмуддат ба соҳаи нақлиёт, кишоварзӣ, саноат, хизмтарасониҳо сафарбар карда мешавад.

Бочарев В.В [4]., зимни тафсири мафҳуми сармоягузорӣ бештар ба ин бовараст, ки он аз луғути лотинии «invest» гирифта шудааст ва маънои ҳиссагузорӣ ва ё саҳмро дар худ ҷой додааст. Аммо, Ковалев В.В [6], бошад ба муқобили назароти Бочрев В.В., буда, ба ин назараст, ки ин сармчашмаи аслии ин истилоҳ луғути лотинии «investio»- пӯшонидан маҳсуб меёбад. Чунин як назарот дар Луғати бузурги иқтисодӣ низ мушоҳида мегардад, дар ин сармчашма истилоҳи сармоягузорӣ гӯё аз луғати олмонии Investition ва луғати лотинии investio, яъне мепӯшонам манша мегирад [3].

Хусуситяҳои моделҳои ҳамгироӣ ва амалнамоии дуҷониба дар қарни 21 тавассути заҳматҳо ва таҳқиқотҳои олимони зерин ба монанди Молл В., Падаоа –Скопа Т., Сапира А., Блид Ҳ., Ҳуфбауэра Г., Шотта Ҷ., мавриди баҳарбардорӣ қарор дода шудаанд [7].

Бо назардошти такомулҳо ва таҳаввулоти дар равнақу тавсеаи ғояҳои илмӣ ҷиҳати шаклдиҳии консепсияи ҳамгироии иқтисодӣ дар арсаи фаромилалӣ бавуқуъ омода, метавон марҳилаҳои зерини рушди таърихии тавсеаи ҳамгироии иқтисодиро, ки аз тарафи намояндагони ҷомеаҳо ва мактабҳои илмӣ-таҷрибавӣ шарҳу тафсир дода шудааст, пешниҳод намуд. Ин назарот ба таври муфассал дар расми 1 мавриди пешниҳод қарор дода шудаанд:




Расми 1. Марҳилаҳои рушди таърихии тавсеаи ҳамгироии иқтисодиро, ки аз тарафи намояндагони ҷомеаҳо ва мактабҳои илмӣ-таҷрибавӣ [5]

Масъалаҳои таснифи аломатҳои ҳамгироӣ, ки тафовути ин равандро аз дигар падидаҳо ва фарояндҳои ҳаммонанд дар фазои иқтисодию сиёсии фаъолиятнамоии иштирокчиёни ин навъ равобит таъмин месозад, барои таҳкими заминаҳои асосии ҳамгироии иқтисодӣ нақши қобили таваҷҷӯҳ доранд.

Дар ҳоли ҳозир, яке аз омилҳои асосии ҳамгироии иқтисодӣ фаъолияти сармягузорӣ маҳсуб меёбад. Фаъолияти сармоягузорӣ дар навбати худ ҳамчун омили аслии равнақ шуморида шуда, дар фарояндӣ ҷаҳонишавӣ бузургтарин нақшро ичро менамояд. Дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ барои таҳрики ҷараёнҳои сармоягузорӣ, маҷмӯи механизмҳои сармоягузорӣ истифода карда мешавад. Ин

механизмҳо метавон ба якчанд гурӯҳ ҷудо намуд. Дар расми 2 ин механизмҳо мавриди пешниҳод қарор дода шудаанд:



Расми 2. Механизмҳои сармоягузории дар раванди ҳамгироӣ истифодашаванда

Механизми таъсиси фазои мусоид. Ин механизмҳо баҳри бартарафнамоии монеаҳо ва ҳамоҳангии тартибу қоидаҳо барои ҳаракати озоди сармоя сафарбар гардидаанд. Ҳамоҳангӣ ва мусолиҳанамоии қонунгузорӣ, мутобиқнамоии меъёрҳои миллии сармоягузорӣ, тартиботу қоидаҳо ва инчунин ҳамоҳангии режими ҳуқуқиро барои сармоягузорӣ байни кишварҳои иштирокчӣ тақозо менамояд. Ҳимояи сармоягузориҳо бошад, ҷоринамоии стандартҳои умумӣ ва кафолатҳои ҳуқуқиро барои сармоягузорон талаб менамояд, махсусан механизмҳои ҳалу фасли баҳсҳо, зеро ин муаммо хавфҳоро коҳиш дода, ҷолибияти сармоягузории минтақаро боло мебардорад. Бартарафнамоии монеаҳои хусусияти тиҷоратию маъмурӣ дошта. Ташаккулидиҳии минтақаҳои озоди савдо, иттиҳодияҳои гумрукӣ ва бозорҳои ягона барои гардиши мол, хизматрасониҳо, сармоя ва қувваи корӣ, татбиқи ин амалҳо иқтидори бозори фурӯшро густариш дода, самарнокии сармоягузориро баланд мебардорад.


Механизмҳои молиявӣ-ниҳодӣ. Ин механизмҳо дар худ ниҳодҳо ва абзорҳои махсусгардонидашударо барои маблағгузории лоиҳаҳои муштарак дохил намудаанд. Бонкҳои рушд ва фондҳои сармягузорӣ, таъсиси бонкҳои фаромилалии тавсеёфта ва фондҳои сармоягузории пешниҳодкунандаи маблағгузориҳои имтиёзӣ, кафолатҳо ва инчунин дар ҷараёни сармоягузории лоиҳаҳои ҳамгироӣ иштироккунанда. Маблағгузориҳои муштарак. Истифодаи механизмҳои мутаҳҳидкунандаи захираҳои бонкҳои милли рушд, бонкҳои тиҷоратӣ, ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаои бузурги инфрасохторию тавлидотӣ. Буҷети иттиҳодияҳои ҳамгироӣ. Ташаккулдиҳии буҷетҳои муштараке, ки воситаҳои он баҳри татбиқу амалинамоии лоиҳаҳо ва барномаҳи умумӣ ироъа дода мешаванд [1]. Барномаҳои давлатии дастгиринамоӣ. Мудохилаи мустқами давлат ва барномаҳои дастгирикунанда, ки дарои тақвиятбахшии раванди ҳамгироӣ, баҳри таҳрики фаъолнокии сармоягузориҳо махсусан барои тавсеабахшии соҳибкории хурду миёна нигаронида шудаанд.

Механизмҳои кооператсионию тавлидотӣ. Ин механизмҳо ҷиҳати ташаккули сохторҳои муштараки тавлидотӣ сафарбар карда шудаанд таъсиси корхонаҳо ва ширкатҳои фаромилалӣ. Ташаккул ва шаклдиҳии ширкатҳои фаромарзӣ дар бахшҳо ва соҳаҳои дорои иқтидори қобили таваҷҷӯҳи ҳамгироӣ, барои мутаҳҳиднамоии кӯшишу талошҳо, донишу салоҳиятҳо. Тавсеаи кластерӣ, равнақи кластерҳои минтақавию байнидавлатӣ бо назардошти усули “тахассуси ҳушмандона” ҷиҳати эҷоди истеҳсолоти инноватсионии дорои волотарин технологияҳо. Равнақи занҷираҳои минтақавии арзиши изофашуда. Таҳрики равобити кооператсионӣ миёни корхонаҳои кишварҳои мухталифи иштирокчии ҳамгироӣ баҳри таъсиси маҳсулотҳои дорои арзиши баланди изофӣ дар доираи бозори ягона. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ. Ҷалби сармояи хусусӣ барои маблағгузорӣ ва идоранамоии объектҳои инфрасохторӣ ва дигар лоиҳаҳои қобили назари хусусияти иҷтимоӣ дошта ва барои густариши раванди ҳамгироӣ муҳим [2].

Механизмҳои таъмини иттилоотӣ ва мувофиқнамоӣ, платформаҳои иттилоотӣ. Таъсиси пойгоҳи умумии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, сармоягузорон ва шарту шароити пешбурди тиҷорат. Созмонҳои ҳамоҳангунанда, ташаккули гурӯҳҳои корӣ ва комиссияҳо дар сатҳи иттиҳодияи ҳамгироӣ ҷиҳати коркарду татбиқи сиёсати сармоягузории мувофиқашуда. Пайвастшавии босамари ин механизмҳо самараи ҳамафзоии афзоишдиҳандаи ҷолибияти сармоягузории минтақа дар умум боло бурда, дар раванди боз ҳам умқтаршавии ҳамгироии иқтисодӣ мусоидат хоҳад намуд.

Васеънамоии донишу фаҳмишҳо дар бораи механизмҳои сармоягузорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисоди дарки нисбатан умқтари ҳам асосҳои назариявӣ ва ҳам дар амал татбиқнамоии абзорҳои амиқ ва созишномаҳоро тақозо менамояд.

Назарияҳои ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ якчанд марҳилаи ҳамгироиро аз ҳам чудо менамоянд (Минтақаҳои озоди савдо (МОС), иттиҳодияҳои гумрукӣ, бозори ягона ва иттиҳоди иқтисодӣ, ҳамгироии пурра(иттиҳоди сиёсӣ)), бар ин асно бояд қайд намуд, ки дарҳар як марҳилаи механизмҳои сармоягузорӣ умқтар мегарданд. Дар расми 7 марҳилаҳои ҳамгироии байналмилалӣ пешкаш гардидаанд:



Расми 3. Марҳилаҳои ҳамгироии байналмилалӣ

Ҳамзамон, метавон якчанд назарияи мавҷударо дар самти ҳамгироии итисодӣ мавриди пешниҳод қарор дод:

Назарияи ҷобаҷо гузории истеҳсолот. Ҳамгироӣ ба таври қобили таваҷҷӯҳ омилҳои ҷобаҷогузории истеҳсолотро дигар менамояд. Сармоя ба он қисматҳои минтақаҳои ҳамгирошудае интиқол дода мешавад, ки дар натиҷаи дастёбӣ ба бозорҳои нисбатан бузург, захираҳои махсусшуда ва инфрасохтори зарурӣ, даромад ва самараи бештарро ба бор меоварад.

Назарияи бунёдкунанда ва радкунандаи тиҷорат: механизмҳои сармоягузорӣ дар дохили ҳамгироӣ (самараи эҷоди тиҷорат) на танҳо баҳри тағйири масири ҷарёнҳои мавҷуда аз кишварҳои сеюм (самара аз раднамоии тиҷорат) балки баҳри бунёди ҷараёнҳои нави тиҷоратӣ сафарбар гардидааст.

Назарияи танзими ниҳодӣ (институтсионалӣ): самаранокии механизмҳои сармоягузорӣ ба таври мустақим аз сифати ниҳодҳо ва мувофиқнамоии меъёрҳои ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Ҳар қадаре, ки сатҳу дараҷаи ҳамоҳангии қонунгузорӣ дар сатҳи хуб таъмин шуда бошад, то ҳамон андоза хавфҳои сармоягузорӣ поёнтар ва ҷараёни сармоягузориҳо бештар хоҳад гашт.

Дар умум метавон гуфт, ки ҳамгироии иқтисодӣ ба унвони муҳимтарин раванд ба ҳисоб рафта, он дар густариши равобит ва тақвиятбахшии муносибатҳои иқтисодии кишварҳо мусоидат менамояд. Чунин амал боис ба афзоиши тиҷорат, сармоягузориҳо ва мутаносиба далели возеҳи рушди иқтисодӣ мегардад. Ҳамзамон, бо густариши равобит дар доираи ингуна иттиҳодияҳо маҳдудиятҳои тиҷоратӣ бардошта мешаванд, дар натиҷа гардиши озоди мол, кор, хизмат, сармоя ва қувваи корӣ таъмин мегардад, яъне ҳамгироии иқтисодӣ имкон дорад дар болоравии назарраси

нишондиҳандаҳои ММД ва мутаносибан дар беҳдошти сатҳи некуаҳволии аҳолӣ нақши ҳалкунанда ва қобили таваҷҷӯҳ дошта бошад.

Аз натиҷаҳои таҳлили амалинамуда чунон бар меояд, ки ҳамгироии иқтисодӣ дар дастёбӣ ба бозорҳои нисбатан бузург, ҷалби сармоя ва махсусан сармояи хориҷӣ, беҳдошти рақобатпазирии иқтисоди миллӣ нақши калидӣ дорад, бар ин асно воридшавӣ ба чунин иттиҳодияҳо дар шароити таҳаввулотҳои ҷиддӣ дар иқтисоди ҷаҳон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон шарти зарурӣ маҳсуб меёбад.

Адабиёт

1. Андреева Л.Ю., Вовченко Н.Г., Епифанова Т.В., Полуботко А.А. Институты и инструменты «Зеленого финансирования»: риски и возможности устойчивого развития Российской экономики // Лесотехнический журнал. – 2017. – № 2. – с. 205-213.
2. Аникеева А.А., Чернолецкая А.К. Анализ механизмов привлечения инвестиционных ресурсов в период кризиса // Экономика, предпринимательство и право. – 2021. – Том 11. – № 6. – С. 1587-1604.
3. Большой экономический словарь / Общ. Ред. А.Борисов. – М.: Книжный мир, 2000. – 896 с
4. Бочаров, В.В. Инвестиции. – Санкт-Петербург: Питер, 2008. – 176 с.
5. Зенькова, Л. П. Институциональные подходы к циклам зарубежных экономистов / Л. П. Зенькова // Экономика и управление Минск 2009. – № 2 (18). – С. 12–18.
6. Ковалев, В.В., Иванов, В.В., Лялин, В.А. Инвестиции. – М.: Издательство Проспект, 2015. - 592 с.
7. Концептуальные основы экономической интеграции в условиях глобализации и устойчивого развития региональной экономики Губин А.М.
8. Чиненова М.В. Инвестиции. Москва, КНОРУС, 2007 г, 248 с.

Маълумот дар бораи муаллиф

Судиқов Аҳкомуддин Киромудинович– ассистенти кафедраи идораи давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Нахимов 64/16. Телефон: +992918-87-43-10

Сведения об авторе

Судиков Ахкомуддин Киромудинович–ассистент кафедры государственного и местного управления Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/16. Телефон: +992918-87-43-10

About the author

Sudiqov Akhkomuddin Kiromudinovich–Assistant Professor of the Department of Public and Local Administration of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov street 64/16. Phone: +992+918-87-43-10

УДК: 338

ПРОБЛЕМЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА ЖЕНЩИН В СФЕРЕ ТУРИЗМА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Абдалимова Н.А.
Институт экономики и демографии НАНТ

Аннотация. В статье анализируются проблемы формирования и развития человеческого капитала женщин в сфере туризма Республики Таджикистан в контексте реализации государственной социально-экономической и гендерной политики. На основе анализа нормативно-правовых документов, официальных статистических данных и материалов международных организаций выявлены ключевые барьеры, ограничивающие участие женщин в туристской отрасли и их профессиональное продвижение. К таким барьерам отнесены низкий уровень оплачиваемой занятости женщин, высокая доля молодых женщин в категории NEET, сегрегация занятости по видам деятельности, преобладание низкооплачиваемых и неформальных рабочих мест, ограниченный доступ к предпринимательству и финансовым ресурсам, дефицит профессиональных, цифровых и языковых компетенций, а также высокая нагрузка неоплачиваемого домашнего труда. Показано, что, несмотря на значительный потенциал туризма как сферы занятости и самореализации женщин, отсутствие комплексных механизмов поддержки снижает отдачу от женского человеческого капитала. Обоснованы приоритетные направления решения выявленных проблем, включая модернизацию системы профессиональной подготовки, развитие микроквалификаций, поддержку женского предпринимательства, внедрение принципов достойного труда и интеграцию гендерно-чувствительных индикаторов в управление развитием туризма. Сделан вывод о необходимости согласованной политики государства, бизнеса и образовательных институтов для превращения туризма в устойчивый инструмент социально-экономического развития и расширения экономических возможностей женщин в Республике Таджикистан.

Ключевые слова: человеческий капитал, женщины, туризм, занятость, гендерное равенство, профессиональные компетенции, предпринимательство, неформальная занятость, устойчивое развитие, Республика Таджикистан.

Для цитирования: Абдалимова, Н. А. Проблемы формирования и развития человеческого капитала женщин в сфере туризма Республики Таджикистан / Н. А. Абдалимова // Финансово-экономический вестник. – 2026. – No. 1. – С. 423-432.

PROBLEMS OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF WOMEN'S HUMAN CAPITAL IN THE FIELD OF TOURISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Abdalimova N.A.
Institute of economics and demography of the NAST

Abstract. The article examines the problems of formation and development of women’s human capital in the tourism sector of the Republic of Tajikistan within the framework of national socio-economic and gender policies. Based on the analysis of legal and regulatory documents, official statistical data, and reports of international organizations, the study identifies key barriers limiting women’s participation in tourism and their professional advancement. These barriers include low levels of paid employment among women, a high share of young women in the NEET category, occupational segregation, the prevalence of low-paid and informal jobs, limited access to entrepreneurship and financial resources, deficits in professional, digital, and language skills, as well as the heavy burden of unpaid domestic work. The article demonstrates that despite the significant potential of tourism as a source of employment and economic empowerment for women, the absence of comprehensive support mechanisms reduces the returns on women’s human capital. Priority directions for addressing these challenges are substantiated, including the modernization of professional training systems, the development of micro-qualifications, support for women’s entrepreneurship, the promotion of decent work principles, and the integration of gender-sensitive indicators into tourism governance. The study concludes that coordinated efforts by the state, the private sector, and educational institutions are essential to transform tourism into a sustainable driver of inclusive socio-economic development and women’s economic empowerment in the Republic of Tajikistan.

Keywords: human capital, women, tourism, employment, gender equality, professional skills, entrepreneurship, informal employment, sustainable development, Republic of Tajikistan.

МАСЪАЛАҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНИИ ЗАНОН ДАР СОҲАИ САЙЁҲИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Абдалимова Н.А.
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ

Аннотатсия. Дар мақола масъалаҳои ташаккул ва рушди сармояи инсонии занон дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи сиёсати давлатии иҷтимоию иқтисодӣ ва гендерӣ мавриди таҳлил қарор дода мешаванд. Дар асоси омӯзиши санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, маълумоти расмии оморӣ ва маводи ташкилотҳои байналмилалӣ монеаҳои асосие муайян карда шудаанд, ки иштироки занонро дар соҳаи сайёҳӣ ва пешрафти касбии онҳоро маҳдуд месозанд. Ба чунин монеаҳо сатҳи пасти шуғли пулакӣ, шумораи зиёди занони ҷавон дар гурӯҳи NEET, сегрегатсияи шуғл аз рӯи намудҳои фаъолият, ҳукмронии ҷойҳои кори каммузд ва ғайрирасмӣ, маҳдуд будани дастрасӣ ба соҳибкорӣ ва захираҳои молиявӣ, норасоии малакаҳои касбӣ, рақамӣ ва забонӣ, инчунин сарбории баланди меҳнати хонагии бе музд дохил мешаванд. Нишон дода мешавад, ки сарфи назар аз иқтидори баланди соҳаи сайёҳӣ ҳамчун манбаи шуғл ва худтаъминкунии иқтисодии занон, набудани механизмҳои мукаммали дастгирӣ ба самаранок истифода шудани сармояи инсонии онҳо монеъ мегардад. Самтҳои афзалиятноки ҳалли мушкилот пешниҳод карда мешаванд, аз ҷумла такмили низоми омодасозии касбӣ, рушди микромалакаҳо, дастгирии соҳибкории занон, ҷорӣ намудани принсипҳои меҳнати шоиста ва ворид намудани нишондиҳандаҳои ҳассос ба гендер дар идоракунии рушди сайёҳӣ. Хулоса бароварда мешавад, ки рушди устувори сармояи инсонии занон дар сайёҳӣ танҳо дар шароити ҳамоҳангии сиёсати давлатӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва низоми маориф имконпазир мебошад.

Калидвожаҳо: сармояи инсонӣ, занон, сайёҳӣ, шуғл, баробарии гендерӣ, салоҳиятҳои касбӣ, соҳибкорӣ, шуғли ғайрирасмӣ, рушди устувор, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Постановка проблемы. Туризм как сфера услуг обладает высокой трудоёмкостью и сравнительно низким порогом входа для части профессий, что делает отрасль потенциально важным каналом расширения занятости женщин, роста их доходов и укрепления социально-экономической устойчивости домохозяйств. Во многих странах именно туризм и гостеприимство создают рабочие места для молодежи и женщин, обеспечивая возможности для профессиональной мобильности через сервисные и управленческие компетенции. В Республике Таджикистан развитие туризма закреплено как приоритет государственной политики в Стратегии развития туризма на период до 2030 года, где предусмотрены меры по улучшению инфраструктуры, повышению качества услуг, расширению туристских продуктов и совершенствованию управления отраслью [4]. Параллельно в стране действует Национальная стратегия активизации роли женщин на 2021–2030 годы, направленная на расширение экономических возможностей женщин, укрепление их участия в рынке труда, поддержание предпринимательства и усиление институциональных механизмов гендерного равенства [1].

Несмотря на стратегические ориентиры, формирование человеческого капитала женщин в туризме сталкивается с комплексом ограничений. Под человеческим капиталом в настоящей статье понимается совокупность накопленных у женщин знаний, навыков, компетенций, здоровья, трудового опыта и социальных ресурсов, позволяющих создавать доход и профессионально развиваться в туристской экономике. Влияние человеческого капитала на экономический рост и благосостояние домохозяйств широко обосновано в экономической теории. В прикладном измерении для Таджикистана ключевым становится вопрос о том, какие факторы мешают женщинам переводить образование и навыки в оплачиваемую занятость и устойчивые доходы. Всемирный банк в страновой гендерной оценке указывает на сравнительно низкую оплачиваемую занятость женщин и значительный разрыв по показателям NEET (Not in Employment, Education or Training)- «молодёжь, не занятая в трудовой деятельности, образовании или профессиональной подготовке»: среди молодых женщин доля тех, кто не учится и не работает, существенно выше, чем среди молодых мужчин [2]. Эти характеристики создают риск неиспользования человеческого капитала и «потери» потенциала экономической активности в тех секторах, где женская занятость могла бы расти, включая туризм и гостеприимство.

Отдельный аспект проблемы заключается в структуре занятости и сегментации рынка труда: женщины чаще концентрируются в низкооплачиваемых и менее защищенных сегментах услуг, в том числе в неформальных видах деятельности. В туристской экономике это проявляется через распределение по «узлам» цепочки добавленной стоимости: размещение, питание, ремесленное

производство и микросервис, посреднические услуги и транспорт. Исследование цепочки добавленной стоимости туризма в Таджикистане, выполненное для Всемирного банка, показывает различия между формальным и неформальным секторами, а также подчеркивает специфику участия женщин в отдельных узлах, где женская занятость может быть значительной, но при этом женское предпринимательское владение и качество рабочих мест остаются ограниченными [5]. Такой дисбаланс означает, что для женщин «вход» в туризм может быть относительно доступен, но «рост» внутри отрасли — затруднен.

Анализ последних исследований и публикации. Исследование опирается на документы национальной политики и статистические источники, а также на материалы международных организаций. В качестве ключевых нормативно-стратегических источников используются Национальная стратегия активизации роли женщин в Республике Таджикистан на 2021–2030 годы [1] и Стратегия развития туризма до 2030 года [4]. Для характеристики гендерной ситуации на рынке труда и социально-экономических контекстов применяется страновая гендерная оценка Всемирного банка [2], а также статистические ресурсы UN Women по Таджикистану [3] и тематические публикации Агентства по статистике (включая сборник «Women and Men of the Republic of Tajikistan»- Женщины и мужчины Республики Таджикистан) [7]. Для анализа туризма как сектора занятости используются результаты исследования цепочки добавленной стоимости туризма в Таджикистане (World Bank, 2017) [5].

Методологически статья основана на сочетании институционального анализа (как формальные правила и программы влияют на возможности женщин), подхода человеческого капитала (как навыки и здоровье трансформируются в доход), а также отраслевого анализа цепочки добавленной стоимости (как распределяются роли и доходы по узлам туризма). Такой подход позволяет связывать «макро» рамку стратегии и институтов с «микро» барьерами занятости и предпринимательства, а также формировать пакет решений, учитывающий структуру отрасли.

Цель статьи - выявить ключевые проблемы формирования и развития человеческого капитала женщин в туризме Таджикистана и обосновать направления решений, повышающих отдачу от женского человеческого капитала в отрасли. Для достижения цели решаются следующие задачи: анализируется институциональная рамка гендерной политики и туризма, раскрываются основные барьеры на уровне образования, занятости и предпринимательства, рассматриваются социальные и инфраструктурные ограничения, а также предлагаются меры, согласуемые с национальными стратегиями и международными рекомендациями [1, 6].

Изложение основного материала. Формирование человеческого капитала женщин в туризме нельзя анализировать вне институциональной рамки, задаваемой государственными приоритетами. Национальная стратегия активизации роли женщин на 2021–2030 годы закрепляет цели расширения экономических возможностей женщин и предусматривает план действий, координируемый профильным государственным органом [1]. Для туристской сферы важны положения стратегии, направленные на повышение доступа женщин к профессиональному обучению, занятости и предпринимательству, а также на снижение барьеров участия в экономической жизни.

Стратегия развития туризма до 2030 года определяет комплекс мер по развитию инфраструктуры, туристских продуктов, улучшению сервиса и управлению отраслью [4]. Хотя гендерная повестка не всегда артикулируется как отдельный блок в отраслевых стратегиях, развитие туризма объективно влияет на женскую занятость, поскольку расширение инфраструктуры размещения и питания, роста числа туроператоров и сервисных компаний увеличивает спрос на труд в сегментах, где женщины традиционно представлены.

Однако для превращения потенциала в результат требуется согласование двух стратегических треков: «развитие туризма» и «активизация роли женщин». Без явного включения гендерных показателей в мониторинг туризма (например, доли женщин в занятости отрасли, в управленческих позициях, среди владельцев микробизнеса, в программах обучения) невозможно оценить, насколько туризм действительно становится каналом развития женского человеческого капитала. Международная практика управления гендерным равенством предполагает именно такой переход: от общих деклараций к измеряемым результатам и целевым механизмам поддержки [3; 8].

Человеческий капитал женщин в туризме формируется на пересечении образовательных, профессиональных и социальных факторов. На уровне «входа» в отрасль часто действуют механизмы, расширяющие участие женщин: туризм включает множество профессий начального уровня, не требующих длительной специализации, а также сезонные и частично занятые формы

труда. Это может облегчать включение женщин, особенно в условиях, когда оплачиваемая занятость ограничена или доступ к формальному рынку труда затруднен.

Однако «вход» сам по себе не гарантирует развития человеческого капитала. Развитие означает накопление компетенций, повышение производительности труда, рост доходов, профессиональное продвижение и расширение экономической автономии. Для туризма критическим является наличие профессиональных компетенций, влияющих на качество сервиса и конкурентоспособность предприятий: языковая подготовка, цифровая грамотность, навыки продаж и коммуникации, стандарты обслуживания, основы безопасности и управления рисками. Без системной поддержки обучения женщины могут оставаться в сегментах низкой производительности и низкой оплаты, не достигая управленческих позиций и не получая доступа к предпринимательским возможностям.

Для Таджикистана данный риск усиливается особенностями гендерной ситуации на рынке труда. Всемирный банк отмечает сравнительно низкую оплачиваемую занятость женщин и значительный разрыв по NEET среди молодых женщин [2]. Это означает, что значимая часть женщин либо не включена в оплачиваемую экономическую активность, либо включена неформально, без устойчивых механизмов накопления профессионального опыта и компетенций. В этой логике туризм может быть как «переходным сектором» (первым шагом к занятости), так и «ловушкой» низкой производительности, если отсутствуют траектории квалификационного роста.

Проблемы, с которыми сталкиваются женщины в туристской сфере Таджикистана, целесообразно рассматривать как многоуровневые барьеры: барьеры навыков и образования; барьеры занятости и качества рабочих мест; барьеры предпринимательства и доступа к ресурсам; социальные и инфраструктурные барьеры, связанные с неоплачиваемым трудом и мобильностью; институциональные барьеры координации и мониторинга.

Первый блок связан с образовательными и квалификационными аспектами. Туризм предъявляет повышенные требования к коммуникативным навыкам и стандартам обслуживания. При этом в современных условиях конкурентоспособность туризма все больше зависит от цифровых компетенций: работа с онлайн-платформами, цифровой маркетинг, коммуникация с туристами в мессенджерах, репутационное управление. Недостаток таких навыков ограничивает способность женщин превращать участие в туризме в устойчивый рост доходов, особенно в сегментах, где клиент принимает решение на основе цифровой информации и отзывов.

“...Дар низоми имрӯзаи бонкӣ бартарии асосии бонкӣ бар бозори рагобат ва бозори бонкӣ ин шакли муосири хизматрасонӣ мебошад ва бояд асоси онро техника ва технологияи муосир бо дарназардошти манфиатҳои умуми миллӣ ташкил намояд”[3.116]. Дар хулоса қайд кардан бамаврид аст, ки дар заминаи техникаву технологияи муосир ҷорӣ намудани намудҳои нави хизматрасонии фосилавии бонкӣ бо истифодаи усулҳои инноватсионӣ ва вертуалӣ дарёфт гардида хусусиятҳои хос ва истифодаи самараноки онҳо дар шароити тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ асоснок шудааст. Ҳамчунин, истифодаи имкониятҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар асоси воситаҳои ҳозиразамони бонкӣ баррасӣ гадида, роҳҳои имконпазири он дар сатҳи зарурӣ барои иҷро пешниҳод гарданд. Зеро солҳои охир, вобаста ба мушкилотҳои мавҷудаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар самти амалиёт тавассути кортҳои пардохтӣ, хизматрасониҳои муосири бонкӣ, амалиётҳои қарзӣ ва монанди инҳо зарурати таҳқиқотҳои бештарро ба миён овардааст.

Қайд кардан зарур аст, ки бозори хизматрасониҳои бонкӣ, ташаккул ва рушди он дар шароити имрӯза мавриди баррасӣ қарор гирифта, хусусият ва ҳолати рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосир, вазъи он бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда, таҷрибаи ҷаҳонии ташаккулу рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва имкони истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст, ки дар ин замина амалиёт ва хизматрасониҳои қарзӣ мавқеи асосӣ доранд. Тавре зикр гардидааст "...дар шароити имрӯза зоҳиран акмалкардҳои қарзхӯ ва муносибатҳои қарзиро на танҳо дар сатҳи инстиутҳои молиявию қарзӣ балки дар соҳаҳои саноат, сохтумон, кишоварзӣ ва хизматрасонӣ низ мушоҳида намудан мумкин аст" [5.182]. Иловатан дуруст зикр гардидааст, ки "...дар шароити имрӯза рақобатҳои тезу тунд дар сатҳи низоми бонкӣ вобаста ба технологияҳои ҳозиразамон ҷараён доранд бо ин гуфтан мумкин аст, ки дар ин самт воситаҳои татбиқ мавқеи асосӣ ва калидӣ доранд"[9.138].

Хулоса. Дар доираи ин гуфтаҳо ҷиҳати баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои бозори бонкӣ, аз байн бурдани мушкилотҳои таҷамӯъ ва таъмини пурраи аҳолӣ ба воситаҳои ҳозиразамони хизматрасонӣ дар сатҳи зарурӣ, андешидани чораҳои зерин ба манфиати рушди бомароми соҳа мебошад;

- фароҳам овардани шароити технологӣ ва дар заминаи ин пешниҳод намудани намудҳои навтарини амалиётҳои бонкӣ новобаста аз вақту соати корӣ ва ҳамзамон таъмини амнияти амалиётҳои электронӣ ва воситаҳои электронии пардохтӣ;

- ташкили дурусти инфрасохтори низоми самараноки хизматрасониҳои бонкӣ дар заминаи техникаву технологияи ҳозиразамони бонкӣ бо фароҳамовардани шароит ҷиҳати маҳдудкунии амалиётҳои нақдӣ:

- дар минтақаҳои дастнорас ташкил намудани нуқтаҳои хизматрасонии қабул ва додани пули нақд новобаста аз вақту соати корӣ ба мизоҷон бо фароҳам ории шароити хизматрасонии саривақтӣ;

- кам кардани сатҳи хароҷотҳо бо назардошти паст кардани меъёри фоизи хизматрасониҳои бонкӣ;

- дар тамоми минтақаҳои дурдасти кишвар фароҳам овардани шароити хизматрасонӣ ба аҳолӣ;

- имкони афзоиш додани самаранокии бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз сатҳи ҳамгироии он бо бозорҳои минтақавии молиявӣ вобаста мебошад, бинобар ин ташаккули қонунгузории муосир, баландбардории иқтидори танзимгарон, ташаккулдиҳии низоми корпоративии идоракунии тиҷорат зарур шуморида мешавад;

- "...ҳатми намудани низоми баҳисобгирӣ дар корхонаву муассисаҳои сатҳи гуногун махсусан субъетҳои соҳибкорӣ ва мукаммал гардонидани низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ" [4.181].

Адабиёт

1. Акобирзода Н. Заминаи ҳуқуқии фаъолияти зиддиинҳисорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Акобирзода. Ҳаёти ҳуқуқӣ. 2020. № 1 (29). С. 254-260.
2. Мирзоев Ҳ.Ҳ., Миршарифзода Э.Қ., Зиёев З.М. ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ: афзалият ва роҳҳои вусъат бахшидани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Паёми молия ва иқтисод. 2024. № 4-2 (43). С. 453-460.
3. Мирзоев Ҳ.Ҳ., Шарбатов С.С.Арзёбии сифати хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун воситаи афзоиши самаранокии фаъолияти бонк. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2024. № 6-2. С. 116-122.
4. Мирзоев Ҳ.Ҳ. Таҷрибаи хориҷии идоракунии низоми бонкӣ. Паёми молия ва иқтисод. 2022. № 1 (30). С. 281-286.
5. Махшулов, С. Ҷ. Рушди низоми бонкӣ ва муносибатҳои қарзӣ дар шароити муосир / С. Ҷ. Махшулов, Ҷ. Р. Сандалов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 10-1. – P. 182-190. – EDN PGZAVX.
6. Махшулов, С. Ҷ. Хусусиятҳои хосси ташаккули муносибатҳои қарзӣ дар Тоҷикистон / С. Ҷ. Махшулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – No. 6-1. – P. 118-124. – EDN CEOMMW.
7. Раджабов Р.К. Проблемы развития банковского обслуживания национальной экономики / Р.К. Раджабов, Х.М. Ятимов. -Душанбе: Ирфон, 2003. - С.29; Рахимов З.А. Инвестиционная деятельность банковской системы в условиях рынка / З.А. Рахимов. -Душанбе: Ирфон, 2002. -110 с.

8. Содиқова М. Асосҳои назариявӣ-методологӣ ва ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақа / М.Содиқова. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ), 2020. № 9. Саҳ. 256

9. Шариф Раҳимзода. Ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ. / Раҳимзода Ш / Монографияи [Матн]. Душанбе "Эрграф 2019". Саҳ 138.

10.Сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон https://www.nbt.tj (Санаи мурочиат 25.10.2025)

Маълумот дар бораи муаллиф	Сведения об авторе	About the author
Раҳимзода Ҷурабек Раҳим-докторанти курси 2-юм аз руи ихтисоси (PhD) 6D050600 – молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.Нахимов 64/14.	**Рахимзода Джурабек Рахим**-докторант 2-го года обучения по специальности 6D050600 – финансы, Таджикский государственный университет финансов и экономики. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.	**Rahimzoda Jurabek Rahim**-2nd year doctoral student in the specialty (PhD) 6D050600 – finance, Tajik State University of Finance and Economics Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Str. 64/14.

УДК: 336.1:004

БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ВА МЕХАНИЗМҲОИ ТАКМИЛИ ОН ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНӢ

Ҳикматов М.Н.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур таҳлили буҷети давлатӣ ва имкониятҳои такмили он дар шароити рақамикунонӣ равона шудааст. Дар шароити муосири рушди технологӣ, рақамикунонӣ барои баланд бардоштани шаффофиятнокӣ, самаранокӣ ва идоракунии самаронкии маблағҳои давлатӣ аҳамияти калидӣ дорад. Мақола равандҳои автоматикунонии идоракунии молияи давлатӣ, истифодаи низомҳои электронӣ ва барномаҳои рақамӣ, аз ҷумла TFMis/SGB.net, инчунин нақши онҳо дар назорат ва ҳисоботдиҳӣ ва коҳиши хатогиҳои инсонӣ ва омилҳои инсониро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Пешниҳодҳо оид ба ҷорӣ намудани буҷетбандии натиҷагирона, портали «Буҷети кушода», таҳлили додаҳои калон ва истифодаи баронмаҳои муосири рақамӣ барои такмили системаи буҷетӣ пешниҳод шудаанд. Мақола барои олимон, муқақиқон, мутахассисони молия, кормандони давлатӣ ва онҳое, ки ба рушди низоми рақамикунонии идоракунии молияи давлатӣ таваҷҷуҳ доранд, манфиатдор хоҳад буд.

Калимаҳои асосӣ: буҷети давлатӣ, рақамикунонӣ, идоракунии молия, автоматикунонӣ, назорати молиявӣ, TFMis/SGB.net, буҷетбандии натиҷагирона, маълумоти кушода, таҳлили маълумотҳои калон, самаранокӣ, шаффофиятнокӣ.

Барои иқтибос: Ҳикматов, М. Н. Буҷети давлатӣ ва механизмҳои такмили он дар шароити рақамикунонӣ / М. Н. Ҳикматов // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – С. 441-447.

ГОСУДАРСТВЕННЫЙ БЮДЖЕТ И МЕХАНИЗМЫ ЕГО СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ В УСЛОВИЯХ

Хикматов М.Н.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. В данной статье проведен анализ государственного бюджета и возможностей его совершенствования в условиях цифровизации. В современных условиях технологического развития цифровизация имеет ключевое значение для повышения прозрачности, эффективности и результативного управления государственными финансовыми средствами. В статье рассматриваются процессы автоматизации управления государственными финансами, использование электронных систем и программ, включая TFMis/SGB.net, а также их роль в контроле, отчетности и снижении ошибок, связанных с человеческим фактором. Предлагаются меры по внедрению результативного бюджетирования, портала «Открытый бюджет», анализа больших данных и использования современных цифровых программ для совершенствования бюджетной системы. Статья будет полезна ученым, исследователям, специалистам по финансам, государственным служащим и всем, кто интересуется развитием цифровизации управления государственными финансами.

Ключевые слова: государственный бюджет, цифровизация, управление финансами, автоматизация, финансовый контроль, TFMis/SGB.net, результативное бюджетирование, открытые данные, анализ больших данных, эффективность, прозрачность.

STATE BUDGET AND MECHANISMS FOR ITS IMPROVEMENT IN THE CONTEXT OF DIGITALIZATION

Hikmatov M.N.
Tajik State University of Finance and Economics

Abstract. This article analyzes the state budget and opportunities for its improvement in the context of digitalization. In the current era of technological development, digitalization is key to enhancing transparency, efficiency, and effective management of public financial resources. The article examines processes of automating public financial management, the use of electronic systems and programs, including TFMis/SGB.net, as well as their role in control, reporting, and reducing human errors. Recommendations are provided for implementing performance-based budgeting, the "Open Budget" portal, big data analysis, and modern digital programs to improve the budget system. The article will be useful for

scholars, researchers, finance specialists, government officials, and anyone interested in the development of digital public financial management.

Keywords: state budget, digitalization, financial management, automation, financial control, TFMis/SGB.net, performance-based budgeting, open data, big data analysis, efficiency, transparency.

Гузориши масъала. Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ нақши буҷети давлатӣ ҳамчун воситаи асосии танзими иқтисодӣ ва таъмини рушди иҷтимоии кишвар боз ҳам муҳимтар мегардад. Рақамикунонӣ ба низоми идоракунии молияи давлатӣ талаботи нав пеш мегузорад: баланд бардоштани шаффофиятнокии он, самаранокӣ, суръати гардиши захираҳои молиявӣ ва назорати самараноки истифодаи онҳо. Дар чунин шароит такмили механизми буҷетӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар раванди банақшагирӣ, иҷро ва назорати буҷетӣ, яке аз самтҳои калидии сиёсати молиявии давлат ба ҳисоб меравад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Аз ҷониби таҳқиқотчиён аз қабили Бегматов А. А., Давлатшоев О. Ҳ., Каримов Б. И., Оймаҳмадов Г. Н., Раҳимзода Ф. М., Сафаров Х., Сидиков Н. Г., Халимов Д. М. ва дигарон дар доираи мавзуи мазкур таҳлилҳо гузаронида шудааст.

Мақсади мақола - буҷети давлатӣ ва механизмҳои такмили он дар шароити рақамикунонӣ мебошад.

Муҳтавои асосии мавод. Аз нигоҳи моҳияти иқтисодӣ, буҷети давлатӣ муносибатҳои пулиеро ифода менамояд, ки байни давлат ва шахсони ҳуқуқию воқеӣ вобаста ба азнавтақсимкунии даромади миллӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳадафи ин муносибатҳо ташаккул ва истифодаи фондҳои мутамаркази пулӣ барои маблағгузории соҳаҳои иқтисодиёт, таъмини хароҷоти иҷтимоию фарҳангӣ, мудофиа ва идоракунии мамлакат мебошад.

Ҷамъоварии захираҳои молиявӣ дар буҷет ба давлат имкон медиҳад, ки манбаъҳои молиявиро барои рушди соҳаҳои афзалиятнок ва татбиқи барномаҳои стратегии миллӣ равона намояд. Дар шароити рақамикунонӣ ин раванд бо истифода аз системаҳои электронии андозбандӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ ва платформаҳои рақамии идоракунии молия самараноктар мегардад.

Буҷети давлатӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ қисми таркибии низоми молия буда, хусусиятҳои умумии молия ва ҳамзамон аломатҳои хоси худро дорад. Он пеш аз ҳама воситаи азнавтақсимкунии даромади миллӣ байни соҳаҳои иқтисодиёт, минтақаҳо ва табақаҳои аҳолӣ мебошад. Буҷети давлатӣ дорои хусусиятҳо буда онҳо чуинин мебошанд:

- буҷет шакли махсуси азнавтақсимкунии даромади миллӣ мебошад, ки дар ихтиёри давлат мутамарказ гардида, барои қонеъгардонии талаботи умумидавлатӣ истифода мешавад;
- тавассути буҷет азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ байни соҳаҳо ва минтақаҳо амалӣ мегардад;
- тақсимоти буҷетӣ бештар ба таъмини такрористеҳсоли васеъ ва ҳалли масъалаҳои стратегии рушди иқтисодӣ равона шудааст;
- буҷет дар низоми молияи давлатӣ мавқеи марказӣ дошта, воситаи асосии танзими таносубҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Буҷети давлатӣ қисми маркази системаи молияи давлатӣ ба ҳисоб рафта, он нақши муҳимро дар ташкилкунӣ, тақсимкунӣ ва истифодаи захираҳои молиявӣ бозида ва барои таъмини рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва устувории молиявии кишвар хизмат мерасонад [13].

Моҳияти буҷети давлатӣ тавассути ду вазифаи асосии он: тақсимотӣ ва назоратӣ ифода меёбад.


Вазифаи тақсимотӣ дар азнавтақсимкунии даромади миллӣ ва ташаккули фондҳои мутамаркази давлатӣ зоҳир мегардад. Дар шароити рақамикунонӣ ин раванд бо истифодаи технологияҳои “Big Data”, таҳлили маълумоти молиявӣ ва системаҳои иттилоотии ҳамгиро суръат ва дақиқии бештар пайдо мекунад.

Вазифаи назоратӣ бошад, таъмини воридшавии саривақтӣ ва пурраи даромадҳо ба буҷет, инчунин истифодаи мақсаднок ва самараноки хароҷотро дар бар мегирад. Ҷорӣ намудани аудитҳои электронӣ, мониторинги онлайн ва платформаҳои “буҷети кушода” имконият медиҳанд, ки сатҳи шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ баланд бардошта шавад.

Механизми буҷетӣ маҷмӯи шаклҳо, усулҳо ва воситаҳое мебошад, ки давлат тавассути онҳо ташаккул, тақсим ва истифодаи захираҳои буҷетиро амалӣ менамояд. Он ҳамчун олати татбиқи сиёсати буҷетии давлат баромад мекунад. Механизми молиявӣ низоми молиявии ҷомеа аст, ки зинаи асосии он буҷети давлатӣ мебошад [2].

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва табдилдиҳии рақамӣ механизми буҷетӣ бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад, расми 1:

Расми 1. Талаботи механизмҳои буҷетӣ дар шароити рақамикунонӣ




Сарчашма: таҳияи муаллиф

Рақамикунонӣ имкон медиҳад, ки ба ҷои усулҳои фармоишӣ-амрӣ усулҳои ғайримустақими танзими иқтисодӣ васеъ истифода шаванд. Масалан, тавассути субсидияҳои рақамӣ, грантҳои электронӣ ва мониторинги автоматикӣ давлат метавонад ба рушди соҳаҳои афзалиятнок таъсири ҳадафманд расонад.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатӣ” низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз буҷетҳои сатҳҳои зерин иборат мебошад, дар расми 2 нишон дода шудааст:

Расми 2. Низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон



Муносибатҳои молиявие, ки дар байни давлат ва корхонаю ташкилотҳо, муассисаҳо ва аҳолӣ амалӣ мегардад, дар буҷети давлатӣ дарҷ мешавад.

Системаи буҷавӣ ҳамчун маҷмӯъи муносибатҳои байни субъектҳои гуногун оиди маҷмӯи муносибатҳои байни субектҳои гуногун оиди бунёд ва ташакули даромадҳо, тақсими даромади ҳамаи звенаҳои буҷавӣ: буҷаи давлатӣ, ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ, воситаҳои пулии ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ, гирифтан ва баргардонидани қарзҳо, танзими қарз, раванди иҷрои нақшаҳои буҷавӣ, қабули иҷрои онҳо, назорат ва ғайра ташкил карда мешавад.

Даромадҳои буҷети ҷумҳуриявӣ аз се гурӯҳи асосӣ иборат мебошанд: даромадҳои андозӣ, даромадҳои ғайриандозӣ ва маблағҳои беподош (трансфертҳо).

Ба гурӯҳи даромадҳои андозӣ андозҳои умумидавлатӣ шомил мегарданд, ки номгӯй ва меъёрҳои онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд. Ҳаҷм ва тартиби тақсими ин андозҳо миёни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ ҳамасола дар Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои соли дахлдори молиявӣ муқаррар карда мешавад.

Даромадҳои ғайриандозӣ бошанд, аз ҳисоби хизматрасониҳои пулакие, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳои буҷетии тобеи онҳо пешниҳод менамоянд, ташаккул меёбанд. Ба ин гурӯҳ инчунин фоидаи Бонки миллии Тоҷикистон дохил мешавад, ки мутобиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба буҷет гузаронида мешавад. Ҳамзамон, маблағҳо аз фурӯши захираҳо ва пасандозҳои ҷумҳуриявӣ, фоиз аз сармоягузориҳои давлатӣ ва дигар даромадҳои дорои хусусияти молиявӣ ба ҳамин гурӯҳ мансубанд.

Ба даромадҳои буҷети ҷумҳуриявӣ инчунин маблағҳои беподош, аз ҷумла грантҳо ва кӯмакҳои молиявие, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҳукуматҳои давлатҳои хориҷӣ пешниҳод мегарданд, дохил карда мешаванд. Илова бар ин, маблағҳое, ки дар натиҷаи ҳисоббаробаркуниҳо байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ ба вуҷуд меоянд, низ ҳамчун манбаи даромад эътироф мегарданд. Маблағҳои аз истифода ва фурӯши амвол бадастомада, инчунин қарзгирии дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриявӣ, одатан ҳамчун манбаи маблағгузории касри буҷет истифода шуда, дар таркиби манбаъҳои молиявии он ба инобат гирифта мешаванд[4].

Низоми молиявии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятнамоянда бо ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва истифода аз рақаминамоии дар инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда на танҳо ба талаботҳои стандарти молиявии ҷаҳонӣ ҷавобгӯй гардида истода аст, балки ҷузъи ҷудонашавандаи муносибатҳои молиявии байналхалқиро баранда аст[8.с-29].

Баъди ба нақшагирии даромадҳои давлатӣ ин даромадҳо ба даромадҳои ҷумҳуриявӣ ва даромадҳои маҳалӣ бо меъёрҳои муаян тақсим карда мешаванд, аз ин рӯ мо нишондиҳандаҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2020 то 2024 дар ҷадвали 1 баррасӣ гардидааст пешниҳод намудем.

Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳандаҳо / Солҳо	2020	2021	2022	2023	2024
Даромадҳои буҷети давлатӣ (млрд, сомонӣ)	25064985,2	30053803,1	36056818,1	43903428,9	46613913,5
Хароҷотҳои буҷети давлатӣ (млрд, сомонӣ)	24812543,1	29342724,5	35338892	43034816	45836059,8
Даромадҳои андозӣ (млрд, сомонӣ)	15366511,1	19669567,1	21824239,5	25769144,9	29129107,6
Даромадҳои ғайриандозӣ (млрд, сомонӣ)	1895417,7	1601205,4	2418541,5	2333228,3	3629857
Даромадҳо аз сармоя (млрд, сомонӣ)	690367,8	68478,8	567117,6	192814,5	381571,8
Грантҳо (млрд, сомонӣ)	1150735,9	237298,9	1020950	542284,2	695818,8

Сарчашма: коркарди муаллиф дар асоси Маҷмуаи омории молияи Тоҷикистон дар соли 2025.

Аз таҳлили ҷадвали мазкур бар меояд, ки даромадҳои буҷети давлатӣ аз 25,0 млрд сомонӣ дар соли 2020 то 46,6 млрд сомонӣ дар соли 2024 афзоиш ёфта, тақрибан 85 – 86% рушдро ташкил медиҳанд, ки ин нишонаи тавсеаи фаъолияти иқтисодӣ ва беҳтар гардидани ҷамъоварии даромадҳо мебошад. Хароҷоти буҷет низ аз 24,8 млрд то 45,8 млрд сомонӣ зиёд гардида, афзоиши мутаносиб бо даромадҳо дорад, ки сиёсати ҳамоҳангшудаи банақшагирии фискалиро инъикос мекунад. Дар ҳамаи солҳои таҳлил буҷет бо профит иҷро шудааст (аз 252 млн то 868 млн сомонӣ), ки ин нишондиҳандаи устувории молиявӣ ва назорати нисбатан самараноки касри буҷет мебошад. Даромадҳои андозӣ аз 15,3 млрд то 29,1 млрд сомонӣ афзоиш ёфта, зиёда аз 60% даромади умумиро ташкил медиҳанд, ки вобастагии асосии буҷетро аз манбаъҳои дохилӣ нишон медиҳад. Коҳиши муваққатии даромад аз сармоя ва тағйирёбии ҳаҷми грантҳо собит месозад, ки манбаъҳои ғайриандозӣ устувории доимӣ надоранд ва хусусияти мавсимӣ ё сиёсӣ доранд. Дар маҷмӯъ, таҳлил нишон медиҳад, ки молияи давлатӣ дар солҳои 2020 – 2024 тамоюли рушди мусбат дошта, сатҳи

идоракунии буҷет ва стратегияи молиявӣ дар сатҳи қаноатбахш қарор дорад, ба ҳамин асос натиҷаҳои он дар расми 3. нишон дода шудааст.


Истифодаи самараноки захираҳои буҷетӣ ба он вобаста аст, ки даромадҳо хусусияти умумӣ доранд ва ба харoҷоти мушаххас вобаста нестанд. Аз ин рӯ, дар шароити рақамӣ имконияти тақсимоти чандир ва фаврии маблағҳо вобаста ба талаботи иқтисодӣ фароҳам меояд.

Дар аксари низомҳои иқтисодӣ буҷети давлатӣ яке аз воситаҳои муҳими таъсиррасон ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Тавассути буҷет давлат:

- ✓ сохтори истеҳсолоти ҷамъиятиро такмил медиҳад;
- ✓ сатҳи амнияти иқтисодиро таъмин менамояд;
- ✓ рушди илм, технология ва навоварирo дастгирӣ мекунад;
- ✓ сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолиро баланд мебардорад.

Дар шароити рақамикунони буҷети давлатӣ на танҳо воситаи тақсимот, балки платформаи иттилоотии ягонаи идоракунии молиявӣ мегардад. Системаҳои автоматикунонидашудаи идоракунии молияи давлатӣ имкон медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои буҷетӣ дар вақти воқеӣ таҳлил гардида, қарорҳои фаврӣ қабул карда шаванд.

Расми 3. - Нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ дар солҳои 2020 – 2024.



Сарчашма: коркарди муаллиф дар асоси маълумотҳои оморӣ.

Раҳимзода Ф.М. дар мақолаи илмии худ оиди шаффофияттнокии буҷет ибрози андеша намудааст ки “Шаффофияти буҷет (ё ошкорбаёнӣ) яке аз муҳимтарин принсипҳои буҷетӣ буда, маънои дастрасӣ ва фаҳмо будани иттилоотро дар бораи раванди буҷетӣ барои ҷомеа ва васоити ахбори омма дорад. Шаффофияти буҷет барои таъмини масъулияти Ҳукумат дар назди ҷомеа ва мубориза бо коррупсия аҳамияти калидӣ дорад. Мо бар он ақидаем, ки шаффофият метавонад аз ҷузъиёт ё муҳимиятҳои хос ба монанди интишороти ҳатмӣ, дастрасии маълумот, таҳияи буҷети шаҳрвандӣ ва ҳисоботдиҳӣ иборат бошад” [9].

Дар асоси гуфтаҳои он инро бояд гуфт, ки шаффоиятнокӣ ё ошкорбаёнии буҷети давлатӣ метавонад воситаи таъмини самаранокии маблағҳои буҷетиро дар ҳама зинаҳо таъмин намояд.

Дар шароити густариши технологияҳои рақамӣ зарурати таҷдиди куллии низоми идоракунии молияи давлатӣ беш аз пеш эҳсос мегардад, зеро усулҳои анъанавӣ дигар наметавонанд талаботи шаффофият ва самаранокии муосирро пурра қонеъ созанд. Рақамикунонии фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳамчун асоси рушди устувор ва мутавозини давлат ва системаҳои минтақавии таркибии он муайян карда мешавад ва он тағйироти кули оварда мерасонад.[5. с - 165] Инчунин, бо тақвияти рушди иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои пешрафтаи инноватсионӣ аҳолӣ метавонад бо кумаки онҳо ба хизматрасониҳо саривақти дастрасӣ пайдо кунанд, ки ин имкониятҳо пештар бо мушкилот ё комилан имконпазир буд. [6]

Амалҳои автоматикунонии равандҳои технологияҳои иттилоотӣ дар низоми идоракунии молияи давлатӣ дар шароити рақамикунонӣ истифодаи васеи воситаҳои техникии муосирро талаб менамоянд ва ҳангоми татбиқи онҳо иштироки мустақими инсон то ҳадди муайян коҳиш меёбад. Ин равандҳо гузариш аз шакли анъанавии коргузорӣ ба шакли электрониро дар бар гирифта, суръат ва дақиқии амалиётҳои молиявиро таъмин менамоянд. Масалан, коҳиш додани чопи ҳуҷҷатҳои натиҷавӣ дар қоғаз ва гузариш ба гардиши электронии ҳуҷҷатҳо ба сарфаи маблағ ва шаффофияти бештар мусоидат мекунад. Назорати камеравии фаъолияти кормандон ва мониторинги доимии равандҳои молиявии электронӣ низ ба баланд гардидани интизоми молиявӣ замина мегузорад. Дар ин замина, истифодаи низоми иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ, аз ҷумла барномаи TFMis/SGB.net, ки аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад, аҳамияти муҳим дорад. Тавассути ин барнома сабтнамоӣ, коркарди маълумот ва ҳисоботдиҳӣ ба таври электронӣ анҷом дода шуда, шаффофият ва самаранокии идоракунии буҷет таъмин карда мешавад.

Рақамикунонӣ имкон медиҳад, ки равандҳои банақшагирӣ, тақсимот ва назорати маблағҳои буҷетӣ дар вақти воқеӣ амалӣ гардида, хатогиҳои инсонӣ ва таъхирҳои маъмурӣ ба ҳадди ниҳоӣ расонида шаванд. Ҳамгироии пойгоҳҳои додаҳо миёни сохторҳои давлатӣ ба таҳлили амиқи нишондиҳандаҳои молиявӣ замина фароҳам оварда, қабули қарорҳои асоснок ва дурнамобинро таъмин менамояд. Дар баробари ин, дастрасии васеи ҷомеа ба маълумоти буҷетӣ сатҳи эътимоди шаҳрвандонро нисбат ба сиёсати молиявии давлат баланд бардошта, фарҳанги ҳисоботдиҳӣ ва масъулиятнокиро тақвият мебахшад. Истифодаи барномаҳои нави рақамӣ дар соҳаи молия инчунин ба коҳиши хароҷоти маъмурӣ ва беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳои давлатӣ мусоидат мекунад, зеро равандҳо содда, зуд ва шаффофтар мегарданд. Бо татбиқи технологияҳои муосир давлат метавонад хавфҳои молиявиро пешакӣ арзёбӣ карда, стратегияҳои пешгирикунандаро роҳандозӣ намояд, ки ин ба суботи буҷетӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, рушди пайдарпайи инфрасохтори рақамӣ ва такмили заминаи ҳуқуқиву институтсионалӣ шарти асосии ташаккули низоми муосир ва устувори буҷети давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Хулоса ва пешниҳодҳо. Ҳамин тариқ, буҷети давлатӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ воситаи асосии азнавтақсимкунии даромади миллӣ ва танзими рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи давлат дар солӣ ҷорӣ мебошад. Дар шароити рақамикунонӣ такмили механизмҳои буҷетӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-рақамӣ, баланд бардоштани шаффофиятнокии низоми буҷетӣ ва натиҷагароии хароҷот самти афзалиятноки сиёсати молиявии давлат ба ҳисоб меравад.

Ташкили механизми муосири буҷетӣ имкон медиҳад, ки рушди устувори иқтисодӣ, беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳои давлатӣ ва таъмини бехатарии молиявии мамлакат таъмин карда шавад, ба ҳамин хотир мо чунин пешниҳодҳои зеринро барои беҳтар гардонии буҷети давлатӣ зарӯр медонем:

1. Зарур аст, ки системаи ягонаи электронии идоракунии молияи давлатӣ таъсис дода шавад, то ҳамаи равандҳои таҳия, тасдиқ ва иҷрои буҷет дар як платформаи рақамӣ мутамарказ гарданд.

2. Бояд буҷетбандии барномавӣ ва натиҷагирона ҷорӣ карда шавад, то маблағгузорӣ ба нишондиҳандаҳои мушаххаси самаранокӣ пайваст шуда, хароҷот ба дастовардҳои воқеӣ равона гардад.

3. Тақозо мешавад, ки портали “Буҷети кушода” таъсис дода шавад, то шаффофият баланд гардида, шаҳрвандон имкони назорат ва иштирок дар муҳокимаи буҷетро пайдо намоянд.

4. Муҳим аст, ки технологияҳои муосир, аз қабили зеҳни сунъӣ ва таҳлили додаҳои калон, барои пешгӯии даромадҳо ва идоракунии хавфҳои молиявӣ истифода шаванд.

5. Бояд низоми маъмурикунонии андоз пурра рақамикунонӣ карда шавад, то ҷамъоварии даромадҳо беҳтар гардида, таъсири омилҳои инсонӣ ва хавфҳои коррупсионӣ коҳиш ёбанд.

6. Зарур мебошад, ки сатҳи саводнокии рақамии кормандони соҳаи молия тавассути омӯзиш ва барномаҳои такмили ихтисос дар хориҷи кишвар махсусан дар кишварҳои пешрафтаи рақамӣ мунтазам баланд бардошта шавад.

Адабиёт

1. Бегматов, А. А. Нақши андозҳои ғайримустақим дар ташаккулёбии даромади буҷети давлатӣ / А. А. Бегматов, Н. А. Солиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – No. 4(24). – P. 34-42. – EDN OAWWGM.

2. Давлатшоев, О. Ҳ. Масъалаҳои самаранокии иҷроиши буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / О. Ҳ. Давлатшоев, Ш. М. Давлатмуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – No. 3. – P. 22-27. – EDN HOBBDE.

3. Каримов, Б. И. Самаранокии низоми электронӣ омили баланд бардоштани идораи молияи давлатӣ / Б. И. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – No. 1. – P. 73-78. – EDN JFWJSF.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28 июни соли 2011, № 723.

5. Қурбонализода, Д. Т. Муаммоҳои ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар системаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ / Д. Т. Қурбонализода // Мақомоти гумрук ва нақши он дар таъмини бехатарии иқтисодӣ : Сборник материалов международной научно-практической конференции, Душанбе, 30 ноября 2024 года. – Душанбе: ДДМИТ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 2024. – P. 164-168. – EDN JYYBUE.

6. Қурбонализода, Д. Т. Рушди хизматрасониҳои пулакӣ барои аҳолӣ дар шароити рақамикунонӣ / Д. Т. Қурбонализода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2025. – No. 3(91). – P. 239-251. – EDN EAPBSM.

7. Маҷмуаи омории молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2025. 121- саҳ.

8. Оймаҳмадов, Г. Н. Устувории молиявии макроиқтисодӣ: таҳлили нишондиҳандаҳои асосӣ ва танзими хавфҳои бо он алоқаманд / Г. Н. Оймаҳмадов, М. Н. Ҳикматов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4. – P. 28-34. – EDN OSPGFJ.

9. Раҳимзода, Ф. М. Буҷети давлатӣ ҳамчун механизми асосии идоракунии молияи давлатӣ дар шароити муосир / Ф. М. Раҳимзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4. – P. 204-212. – EDN CLXDHZ.

10. Сафаров, Х. Ҷанбаҳои назариявӣ-методии идоракунии касри буҷет дар шароити муосир / Х. Сафаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. – No. 3(23). – P. 169-176. – EDN MATQTN.

11. Сидиков, Н. Г. Развитие механизма налогобложения доходов физических лиц и рост доходов государственного бюджета / Н. Г. Сидиков // Экономика и торговля. – 2025. – № 1(2). – С. 137-142. – EDN JVMOOF.

12. Халимов, Д. М. Применение мандатной модели распределения прав доступа к информационной системе управления государственными финансами TFMIS SGB.net / Д. М. Халимов, М. Ю. Рытов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. – № 6. – С. 22-28. – EDN YMJVNB.

13. Ҳикматов, М. Н. Баъзе масъалаҳои назариявии молияи давлатӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ / М. Н. Ҳикматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – No. 12. – P. 249-254. – EDN GGDRYA.

14. Qurbanizoda, D. The effect of inflation on the level of social services in digital conditions / D. Qurbanizoda // , 19 апреля 2024 года, 2024. – P. 122-127. – EDN EQXWQB.

15.https://moliya.tj. Сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Санаи воридшавӣ: 12.12. 2025.

Маълумот дар бораи муаллифон

Ҳикматов Муҳаммадназар Назруллоевич-Докторнати PhD – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Суроға: 734067, ш. Душанбе к. Нахимов, 64/14.

Сведения об авторах

Хикматов Мухаммадназар Назруллоевич-Доктор PhD – Таджикский государственный финансово- экономический университет, Адрес: 734067, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.

About the authors

Hikmatov Muhammadnazar Nazrulloevich-PhD Doctor – Tajik State University of Finance and Economics, Address: 734067, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14.

ҲУҚУҚШИНОСӢ

УДК: 323

НАҚШИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ҶАВОНОН: ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНӢ ВА ТАҶРИБАИ СИЁСӢ

Сатторзода Б.А.
Мирзоев С.А.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Дар мақола нақши конститутсионии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа таҳлил гардида, заминаҳои сиёсиву ҳуқуқии ташаккули ин раванд баррасӣ мешаванд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон барои солҳои 2020–2030 ва ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон гардидани соли 2027 ҳамчун «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» равона шудааст. Муаллифон мафҳумҳои фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқиро аз дидгоҳи илмӣ шарҳ дода, робитаи онҳоро бо рушди давлати ҳуқуқбунёд нишон медиҳанд. Дар хулоса аҳаммияти маърифати ҳуқуқӣ дар таҳкими волоияти қонун, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад.

Калимаҳои асосӣ: Маърифати ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, волоияти қонун, давлати ҳуқуқбунёд, ҳуқуқу озодиҳои инсон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати ҳуқуқӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ.

Барои иқтибос: Сатторзода, Б. А. Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккул ва рушди маърифати ҳуқуқии ҷавонон: заминаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва таҷрибаи сиёсӣ / Б. А. Сатторзода, С. А. Мирзоев // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – P. 448-455.

РОЛЬ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ФОРМИРОВАНИИ И РАЗВИТИИ ПРАВОВОГО ОБРАЗОВАНИЯ МОЛОДЕЖИ: ПРАВОВО-КОНСТИТУЦИОННЫЕ ОСНОВЫ И ПОЛИТИЧЕСКИЙ ОПЫТ

Сатторзода Б.А.
Мирзоев С.А.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. В статье анализируется конституционная роль Президента Республики Таджикистан в обеспечении защиты прав и свобод человека и гражданина, а также в повышении уровня правовой грамотности общества, рассматриваются политико-правовые основы формирования данного процесса. Основное внимание уделено Государственной программе обучения и правового воспитания граждан на 2020–2030 годы, а также инициативе Республики Таджикистан по объявлению 2027 года «Международным годом правового просвещения». Авторы с научной точки зрения раскрывают понятия правовой культуры и правового просвещения, показывая их взаимосвязь с развитием правового государства. В заключении обосновывается значение правового просвещения для укрепления верховенства закона, предупреждения правонарушений и развития гражданского общества на национальном и международном уровнях.

Ключевые слова: Правовое просвещение, правовая культура, верховенство закона, правовое государство, права и свободы человека, Президент Республики Таджикистан, правовая политика, гражданское общество, программа правового обучения и воспитания, международный год правового просвещения.

THE ROLE OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF LEGAL EDUCATION OF YOUTH: LEGAL-CONSTITUTIONAL FRAMEWORK AND POLITICAL EXPERIENCE

Sattorzoda B.A.
Mirzoev S.A.
Tajik State University of Finance and Economics

Abstract. The article analyzes the constitutional role of the President of the Republic of Tajikistan in ensuring the protection of human and civil rights and freedoms, as well as in enhancing the level of legal awareness within society, and examines the political and legal foundations for the formation of this process.

Particular attention is paid to the State Program for Legal Education and Training of Citizens for the period 2020–2030, as well as to the initiative of the Republic of Tajikistan to proclaim 2027 as the “International Year of Legal Awareness.” The authors provide a scholarly interpretation of the concepts of legal culture and legal awareness, demonstrating their interconnection with the development of a rule-of-law state. In conclusion, the importance of legal awareness in strengthening the rule of law, preventing legal violations, and fostering the development of civil society at both national and international levels is substantiated.
Keywords: Legal awareness, legal culture, rule of law, rule-of-law state, human rights and freedoms, President of the Republic of Tajikistan, legal policy, civil society, program of legal education and training, international Year of Legal Awareness.

Гузориши масъала. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳомии Конститутсия ва ҳуқуқу озодиҳои инсон бо ташаббусҳои сиёсӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар ташаккул ва рушди маърифати ҳуқуқии ҷомеа нақши калидӣ мебозад. Татбиқи пайгиронаи барномаҳои давлатӣ дар соҳаи таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ заминаи мустаҳками баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ, таҳкими волоияти қонун ва рушди ҷомеаи шаҳрвандиро фароҳам меорад. Эълон гардидани соли 2027 ҳамчун «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти бузурги сиёсӣ-ҳуқуқӣ дошта, далели эътирофи байналмилалии сиёсати ҳуқуқбунёди давлат мебошад. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ҳамчун омили пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ, таҳкими адолати иҷтимоӣ ва таъмини суботу амнияти пойдор дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ баромад менамояд.

Таҳлили тадқиқотҳои охир ва нашрияҳо. Доир ба мавзуи мазкур таҳқиқот аз ҷониби олимон Исмоилов Ш.М., Сотиволдиев Р.Ш., Насриддинзода Э.С., Саъдизода Ҷ., Алиев Ф.Ш., Маҷидзода Дж.З., Кравченко О.В., Насков Д.С., Зубова Я.В. ва дигарон анҷом дода шудааст.

Мақсади мақола – ин таҳлили нақши конститутсионӣ ва сиёсӣ-ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккул ва рушди маърифати ҳуқуқии ҷомеа, арзёбии заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ ва ташаббусҳои миллӣ ва байналмилалӣ дар самти таҳкими волоияти қонун ва фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад.

Пешниҳоди маводи асосӣ. Дар ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши конститутсионӣ дорад. Вобаста ба масъалаи мазкур дар моддаи 64 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мегардад, ки “Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад”.

Бо мақсади дуруст ба роҳ мондан ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, таҳти №691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» [14] бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, таҳти №599 «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» [5], тасдиқ гардид.

Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурати қабули он барои солҳои 2020-2030 аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат аз 26 декабри соли 2018, инчунин Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ гардидааст, бармеояд [2, с. 97].

Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 ҳадафҳои зерини асосии сиёсати давлатӣ дар рушди саводнокии ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандонро муайян карда аст:

1. Риояи Конститутсия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстӣ;
2. Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон;
3. Таъмини дастрасии тарзу усулҳои қонунии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
4. Тарғиби арзишҳои демократӣ, дарк намудани ягонагии ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, таъмини иштироки фаъоли аҳолӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5. Мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он;

6. Баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва аз байн бурдани ҳеҷангорӣ (нигилизм)-и ҳуқуқӣ;

7. Байни шаҳрвандон ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузирии масъулияти ҳуқуқӣ;

8. Баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

9. Ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектони тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ;

10. Ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон;

11. Ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониш ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон истифодаи иқтидори илмию фарҳангии ҷомеа [6].

Ҳамасола Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон *ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон* баргузор мегардад.

Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, ки 16 декабри соли 2025 ироа гардид, як қатор дастовардҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Дар қатори ин дастовардҳо, қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи эълон намудани **соли 2027 ҳамчун «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ»** бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун рӯйдоди муҳим ва дорои аҳаммияти ҷаҳонӣ таъкид гардид [1].

Ин иқдоми Тоҷикистон далели равшани эътирофи байналмилалии сиёсати ҳуқуқбунёд, мардумсолор ва ислоҳотпарвари давлату Ҳукумати кишвар мебошад. Пешниҳоди чунин ташаббус дар сатҳи ҷаҳонӣ на танҳо нуфузи байналмилалии Тоҷикистонро боло мебардорад, балки саҳми арзишманд дар таҳкими фарҳанги ҳуқуқӣ дар миқёси ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

Маърифати ҳуқуқӣ яке аз унсурҳои калидии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, таҳкими волоияти қонун ва таъмини адолати иҷтимоӣ мебошад. Ҷомеае, ки шаҳрвандони он ҳуқуқу уҳдадориҳои худро хуб медонанд, қонунро эҳтиром мекунанд ва дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона иштирок менамоянд, метавонад ба рушди устувор ва амнияти пойдор ноил гардад.

Дар замони муосири ҷаҳони ноором ва пур аз низоъҳо, ҷомеаи башарӣ беш аз ҳар вақти дигар эҳтиёҷ ба таҳкими пояҳои адолат, эҳтиром ба қонун ва ҳамбастагии ҳуқуқӣ дорад. Маърифати ҳуқуқӣ - ҳамчун пояи ҷомеаи демократӣ ва василаи муҳими ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон — имрӯз ба як масъалаи глобалии стратегӣ табдил ёфтааст.

Воқеан Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фарогири самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро вобаста ба иҷтимоиёт, сиёсат, фарҳанг ва дигар масъалаҳои рушди ҷомеаи имрӯза фарогир мебошанд.

Ҳануз, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба *Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023* бо мақсади арҷу эҳтиром гузоштан ба меъёрҳои қонуни асосии давлат ва ба ифтихори сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷомеа дар шароити муосир соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда буд.

Дар ин замина бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» бармеомаданд, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668, ба имзо расида буд [15].

Мақсад аз ба тавсиб расидани фармони мазкур, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона бо он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ба ҳисоб мерафт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон *муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон* бо мақсади тақвияти масъалаи мазкур ба муносибати таҷлили 80-умин солгарди қабули Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид аз санаи 24.09.2025 дар мубоҳисаҳои иҷлоси 80-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид иброз доштанд, ки имрӯзҳо ҷомеаи ҷаҳонӣ шоҳиди нодида гирифтан ва поймол шудани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ гардидааст, ки пойдевори назму низом ва сулҳу субот дар ҷаҳон ба ҳисоб мераванд.

Таъкид карда буданд, ки ҳамаи кишварҳои ҷаҳонро зарур аст риояи қатъии қонунҳои байналмилалӣ ва дар чаҳорчӯбаи қонун ҳаллу фасл намудани ҳама гуна низову ихтилофҳоро ба роҳ монанд.

Аз ин рӯ бо мақсаи ҳаллу фасл намудани ҳама гуна низову ихтилофҳо бо дарки амиқи ин воқеият қайд намуда буданд, ки Тоҷикистон пешниҳод менамояд, Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид имконияти эълон намудани Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқиро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Бинобар ин, пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи минбари бонуфузи Созмони Милали Муттаҳид ҷиҳати **эълон намудани Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ,** иқдоме саривақтӣ, дурбин ва ҷавобгӯ ба талаботи мураккаби ҷаҳони муосир маҳсуб меёфт.

Бо пешниҳоди ин ташаббус, Тоҷикистон аз тамоми кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид даъват ба амал оварда буд, ки онро дастгирӣ намоянд ва дар таҳкими фарҳанги ҷаҳонии ҳуқуқ, шаффофият ва адолат саҳмгузор бошанд. Танҳо тавассути маърифати ҳуқуқӣ ва эҳтиром ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мо метавонем заминаи мустаҳками сулҳу субот ва ҳамзистии осоиштаро дар ҷаҳон ба вуҷуд оварем.

Хушбахтона 12-уми декабри соли 2025 бо иқдоми Тоҷикистон қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар хусуси эълон кардани соли 2027 ҳамчун «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» қабул гардид.

Воқеан пазируфтани ин ташаббусҳо ифодаи эътироф ва дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ибтикороти созандаи Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи глобалӣ ба ҳисоб меравад.

Дар Паёми худ Сарвари давлат борҳо таъкид намуданд, ки волоияти қонун, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ кафолати асосии пешрафти давлат ва беҳбудии зиндагии мардум мебошад. Аз ин лиҳоз, ташаббуси эълон гардидани Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ идомаи мантиқии сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самти таҳкими низоми ҳуқуқӣ ба шумор меравад.

Тазаккур бояд дод, ки ду истилоҳи ҳуқуқӣ: яке фарҳанги ҳуқуқӣ дигаре маърифати ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ ҷой дорад [13, с. 89].

Фарҳанги умумии ҷомеа васеъ буда, тамоми намудҳои фарҳанг ба он дохил мешаванд. Фарҳанги ҳуқуқӣ як навъи фарҳанги умумии ҷомеа мебошад, ки дар навбати худ ба зернамудҳо ҷудо мешавад. Яке аз зернамудҳои он фарҳанги ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад.

Фарҳанги ҳуқуқӣ дар давлатҳои ҳуқуқбунёд сатҳи дониши ҳуқуқӣ, дарки қонунҳо, риоя, иҷро ва истифодаи онҳоро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт инъикос менамояд.

Бояд қайд намуд, ки фарҳанги ҳуқуқӣ бо сатҳи бадастовардаи рушд дар ташкили ҳуқуқии ҳаёти одамон, ки бо сохти иҷтимоӣ, маънавӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ вобаста аст, ифода меёбад ва он дар навбати худ, аз сатҳи рушди фаъолияти ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва рушди ҳуқуқии субъект, инчунин дараҷаи кафолати давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд гувоҳӣ медиҳад [12, с. 65,19].

Ба маънои дигар фарҳанги ҳуқуқӣ ташаккул ва мутобиқати шахсро дар соҳаи ҳуқуқ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ, сиёсат, иқтисодиёт (аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ), иҷтимоиёт, фарҳанг, муносибатҳои корӣ ва ба инҳо монандро дар асоси қонунҳо ва принсипҳо фаҳмидан мумкин аст [10, с. 20].

Яке аз хусусиятҳои асосии давлати ҳуқуқбунёд ин ҳифзи боэътимоди ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мебошад. Ин вазифаро шохаҳои ҳокимияти давлатӣ: макомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ танҳо ба роҳу усулҳои ба онҳо хос амалӣ мегардонанд. Дар ин кор иштироки шаҳрвандон муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин ҷо то куҷо ҳуқуқу уҳдадориҳои худро шаҳрвандон медонанд вобастагии калон дорад. Мутаассифона, таълими ҳуқуқии шаҳрвандон дар айни замон ниҳоят дар сатҳи паст қарор дорад. Саъю кушишро ба суи пурзур кардани таълиму тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ лозим меояд. Ин кор нақшаю барномаҳои гуногун дорад, ки аз тарафи мақомот ва ташкилоту муассисаҳои гуногун ба амал бароварда мешавад ва хусусиятҳои ба худ хос дорад [7].

Маърифати ҳуқуқӣ - аҳамияти муҳими муосир дорад, зеро бе фарҳанги ҳуқуқӣ иқтидори дарки меъёрҳои Конститутсионӣ, бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва волоияти қонунро дар ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ кардан имконнопазир аст [8, с. 28].

Дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷомеа қонунгузории амалкунанда, ки ҷузъи таркибии сиёсати ҳуқуқии давлат мебошад, нақши муҳим дорад. Ҳамзамон, меъёрҳои қонунгузорӣ яке аз унсурҳои марказии маърифати ҳуқуқӣ буда, маърифати ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ аз якдигарӣ вобастагии калон доранд. Сатҳи баланди маърифати ҳуқуқии аҳолӣ омили асосии аз ҷониби давлат қабул гардидани қонунҳои босифат мегардад ва дар навбати худ қонунҳо асоси манбаи рушди маърифати ҳуқуқии ҷомеа мебошанд.

Дар шароити муосир, соҳаи қонунгузорӣ ҳамчун воситаи рушди маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, бояд арзишҳои ҳуқуқи фитриро татбиқ намояд, зеро ин барои қабули қонунҳои ҳуқуқие, ки баҳри ҷомеаи шаҳрвандӣ заруранд, шароити мусоид омода мекунад. Бинобар ин олимони тоҷик Ш.М. Исмоилов ва Р.Ш. Сотиволдиев қайд менамоянд, ки «санадҳои ҳуқуқӣ дар асос ва мувофиқи талаботи ҳуқуқи фитрӣ қабул мешаванд» [9, с. 215]. Қонунгузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии берун аз арзишҳои фарҳангӣ амалкунанда дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳолатҳоеро ба вуҷуд меоранд, ки ба вайроншавии шуури ҳуқуқӣ оварда мерасонанд, сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷомеа ва аъзои онро паст месозанд. Дар бештари мавридҳо зери мафҳуми маърифати ҳуқуқии ҷомеа сатҳи дониши онҳо оид ба қонунҳо, муносибати онҳо ба ҳуқуқ фаҳмида мешавад.

Олими дигари тоҷик Э.С. Насриддинзода дуруст қайд менамояд, ки «Фарҳанги ҳуқуқӣ нишондиҳандаи рушди ҳуқуқии ҷомеа мебошад. Дар заминаи фарҳанги ҳуқуқӣ сатҳи инкишофи ҳуқуқии ҷомеа муайян карда мешавад. Фарҳанги ҳуқуқӣ аз вазъи воқеии ҳаёти ҳуқуқӣ дарак медиҳад. Дар ин раванд низоми ҳуқуқии ҷомеа қисми ҷудонашавандаи фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад». Аз ин бармеояд, ки сатҳи рушди низоми қонунгузорӣ ва низоми ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ аз фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ вобастагии калон дошта, барои рушди бемайлони онҳо фарҳанги ҳуқуқӣ таъсиргузор аст [11, с. 9].

Дар натиҷаи ба таври бояду шояд доштани фарҳанги ҳуқуқӣ дар ҳама ҷабҳаҳо (аз ҷумла дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқӣ, сиёсат, иқтисодиёт (аз ҷумла дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ), иҷтимоиёт (аз ҷумла соҳаи маориф), фарҳанг, муносибатҳои корӣ ва ба инҳо монанд) маҷмӯи донишҳои ҳуқуқӣ, малакаҳо, қобилияти дар амал истифода намудани онҳо, таъмини волоияти қонун ва дар ин замина маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ баланд бардошта мешавад. Яъне дар натиҷаи доштани фарҳанги ҳуқуқӣ (ақл, адаб, дониш, илм, муносибати хуб) маърифати ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд.

Мутобиқи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон маҳсуб мешавад.

Маърифати ҳуқуқи инсонро бо назардошти синну сол чунин гуруҳбандӣ кардан мумкин аст [3, с. 23, 82]:

1) Маърифати ҳуқуқии хонандагон (то синни 14-сола);

2) Маърифати ҳуқуқии ҷавонон (аз 14 то 35-сола);

3) Маърифати ҳуқуқии намояндагони синну соли миёна (аз 35 то 60-сола);

4) Маърифати ҳуқуқии калонсолон (аз 60- сола боло).

Чуноне, ки дар Паём ироа шуд дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад.

Барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ тавассути таълимоти ҳуқуқӣ вазифаҳои зеринро ҳал кардан лозим аст [4, с. 99 - 100]:

- омӯхтани қонунгузории ҷории Тоҷикистон;
- омӯзиши ҷараёни татбиқи қонунҳо;
- таҳқиқ ва шарҳи амали принсипҳои қонунгузорӣ;
- гузаронидани семинарҳои кушоди таълимӣ барои ҳайати профессорону омӯзгорон;
- ташкили раванди таълим ва таълим дар шакли суҳбат, дарс, семинар, лексия, мизи мудаввар, викторина, конфронс, озмун, фаъолияти лоиҳа ва ғайра дар мавзӯъҳои ҳуқуқӣ бо донишҷӯён;
- омӯзиш дар вариантҳои имконпазири рафтори ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои ҳаррӯза, ки дастгирии ҳуқуқиро талаб мекунанд;
- рушди арзишҳои маънавӣ ва ахлоқии шахс тавассути омӯзиши қонун, анъана, таърих ва фарҳанги Тоҷикистон;
- дарки арзиш ва нақши ҳар як шаҳрванд (шахси мушаххас) дар рушди ҷомеа ва давлат;
- таълими ҳуқуқии шаҳрвандӣ, ки ба ташаккули маърифати ҳуқуқӣ равона шуда бошад;
- таълими иҷрои уҳдадориҳои конститутсионӣ;
- эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ;
- ташаккули дониш дар бораи низоми ҳуқуқӣ;
- таълими иҷтимоӣ-ватандӯстӣ, ташаккули рафтори фаъоли ҳуқуқӣ дар ҷавонон, ки ба тарзи ҳаёти солим, татбиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои арзишӣ дар фаъолияти иҷтимоӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ нигаронида шудааст ва ғ.

Дар асоси таҳлилҳои болозикр ба мафҳуми умумии маърифати ҳуқуқӣ чунин таъриф додан мумкин аст: Маърифати ҳуқуқӣ қисми таркибии фарҳанги ҳуқуқии инсон буда аз маҷмӯи донишҳои

ҳуқуқӣ, малакаҳо, қобилияти дар амал истифода намудани онҳо, таъмини волоияти қонун ва дар ин замина маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ иборат мебошад.

Дар маҷмӯъ эълон гардидани соли 2027 ҳамчун Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки масъалаҳои зерин дар сатҳи ҷаҳонӣ мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гиранд:

1. Баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва фарҳанги (маърифати) ҳуқуқии шаҳрвандон.
2. Таҳкими дастрасӣ ба адолат.
3. Пешгирии қонуншиканиҳо дар сатҳи байналмилалӣ.
4. Рушди фарҳанги эҳтиром ба ҳуқуқи инсон.
5. Тақвияти масъулияти шаҳрвандӣ, бахусус миёни ҷавонон.
6. Замина барои таҳияи барномаҳои фарогири омӯзиши ҳуқуқ дар муассисаҳои таълимӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ.
7. Шаффофият ва ҷавобгарии мақомоти давлатӣ ва байналмилалӣ.
8. Ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи тарғиб ва ҳифзи ҳуқуқи башар ва ғайра.

Қобили зикр аст, ки Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо як санади сиёсӣ нест, балки барномаи амал барои рушди минбаъдаи кишвар мебошад. Дар он масъалаҳои рақамикунонии идоракунии давлатӣ, коҳиши омили инсонӣ, муборизаи бо коррупсия, ислоҳоти молиявӣ ва андозӣ ба таври возеҳ баён гардидаанд, ки ҳамаи ин самтҳо бевосита бо сатҳи маърифати ҳуқуқии ҷомеа алоқаманд мебошанд. Аз ин рӯ, Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ метавонад ҳамчун заминаи мусоид барои тақвияти омӯзиши ҳуқуқ дар муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани савияи ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ ва густариши корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ хизмат намояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба масъалаи тарбияи насли босавод, ватандӯст ва қонунпазир таваҷҷуҳи хос зоҳир намуданд. Бинобар ин дар шароити ҷаҳони муосир, ки таҳдидҳои гуногуни идеологӣ ва иттилоотӣ вуҷуд доранд, эълон гардидани соли 2027 ҳамчун «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» барои ҷавонон ҳамчун сипари муҳофизатӣ хизмат мекунад.

Дар натиҷаи таҳлили маводҳои илмӣ чунин хулоса кардан мумкин аст: **Якум.** Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи эълон намудани соли 2027 ҳамчун «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» як дастоварди бузурги сиёсиву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаи сиёсати дурбинонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ин иқдом на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ аҳаммияти бузург дошта, метавонад ба таҳкими волоияти қонун, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмини сулҳу суботи пойдор мусоидат намояд. Бо такя ба чунин ташаббусҳо ва татбиқи пайгиронаи онҳо, Тоҷикистон минбаъд низ ҳамчун давлати ташаббускор, масъул ва ҳуқуқбунёд дар арсаи байналмилалӣ мавқеи худро боз ҳам мустаҳкам хоҳад кард. **Дуюм.** Нақши баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ дар сатҳи байналмилалӣ дар пешгирии содиршавии ҷиноятҳо ва дигар намуди ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидаткунанда мебошад. Баланд гардидани маърифати ҳуқуқии инсоният ин чунин шакли маҳдудкунандаи рафтор мебошад, ки дар он рафтори зиддиҳуқуқӣ қатъ, маҳдуд ва нест мегардад. **Сеюм.** Ҷалби бештари шаҳрвандон ба дарки моҳияти меъёрҳои Конститутсия, санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он, омӯзиши санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа ва азбар намудани онҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Адабиёт

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 16 декабри соли 2025 [Манбаи электронӣ] – URL: https://www.president.tj/event/missives/54181 (санаи мурочиат: 15.01.2026).
2. Алиев Ф.Ш. Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис…. барои дарёфти номзади илми ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. / – Душанбе, 2021. – С.97.
3. Алиев Ф.Ш. Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. барои дарёфти номзади илми ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. / – Душанбе, 2021. – С.23; Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12. 00.01. – Душанбе, 2018. – С. 82.
4. Алиев Ф.Ш. Асари ишорашуда. С. 99-100.

5. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009, № 253 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview .php?show detail =&sanad ID=403. (санаи мурочиат: 13.01.2026 с.).

6. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009, № 253 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview .php?show detail =&sanad ID=403. (санаи мурочиат: 14.01.2026 с.).

7. Зубова Я.В. Правовое просвещение граждан как основа и условие формирования правового государства ISSN 0321–3056 ИЗВЕСТИЯ ВУЗОВ. СЕВЕРО-КАВКАЗСКИЙ РЕГИОН. ОБЩЕСТВЕННЫЕ НАУКИ. 2010. №5. С. 28. [Манбаи электронӣ] – https://cyberleninka.ru/article/n/pravovoe-prosveschenie-grazhdan-kak-osnova-i-uslovie-formirovaniya-pravovogo-gosudarstva/viewer. (санаи мурочиат: 15.01.2026).

8. Зубова Я.В. Асари ишорашуда. С. 28.

9. Исмоилов Ш.М., Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. – Душанбе, 2008. – С. 215.

10. Маҷидзода Дж.З., Кравченко О.В., Насков Д.С. Нақши тарбияи ҳуқуқӣ дар иҷтимоишавии ноболиғон // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – №3 (35). – С. 48-54; Алиев Ф.Ш. Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. барои дарёфти номзади илми ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. / – Душанбе, 2021. – С.20.

11. Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2016. – С. 9.

12. Раҷабзода Р.М. Аҳамияти фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – №2 (46). – 2020. – С. 65; Алиев Ф.Ш. Фарҳанги ҳуқуқии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. барои дарёфти номзади илми ҳуқуқшиносӣ: 12.00.01. / – Душанбе, 2021. – С.19.

13. Сатторзода Б.А., Мирзоев С.А., Эраҷи М. Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими маърифати ҳуқуқии ҷомеа. / Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории тоҷикистон // Масоили мубрами давлат, ҷомеа ва ҳуқуқи муосир (маҷаллаи илмӣ). 2024. №1 (1). Душанбе, 2024. С. 89.

14. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, № 691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 6.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 11.01.2026 с.).

15. *Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668 // Ҷумҳурият* [Манбаи электронӣ] – URL: https: // jumhuriyat.tj/uato/2334-tavzeot-ba-farmoni-prezidenti-umurii-toikiston-dar-borai-soli-marifati-uu-jelon-namudani-soli-2024-az-30-dekabri-soli-2023-668.html (санаи мурочиат: 18.01.2026).

Маълумот дар бораи муаллифон

Сатторзода Бобочон Абдуҷаббор-номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш. Душанбе к. Нахимов, 64/14. Тел: (+992) 908886995.

Мирзоев Субҳоналӣ Ахтамҷонович-номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва муқовимат бо

Сведения об авторах

Сатторзода Бободжон Абдуджаббор-кандидат педагогических наук, доцент, ректор Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 908 886 995.

Мирзоев Субхонали Ахтамджонович-кандидат юридических наук, доцент, и.о. заведующего кафедрой административного права и

Information about the authors

Sattorzoda Bobojon Abdujabbor-Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Rector of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Tel.: (+992) 908 886 995.

Mirzoev Subhonali Akhtamjonovich-Candidate Candidate of Law Sciences, Associate Professor, Acting Head of the Department of

коррупсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш. Душанбе к. Нахимов, 64/14. Тел: (+992) 934445553, E-mail: m.subhon-85@mail.ru.

противодействия коррупции Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992) 934445553. E-mail: m.subhon-85@mail.ru.

Administrative Law and Anti-Corruption of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Tel.: (+992) 934445553. E-mail: m.subhon-85@mail.ru.

УДК: 331.22

МАФҲУМИ ҲУҚУҚӢ ВА МОҲИЯТИ МУЗДИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Маҳмадуллозода Н.Р.
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ
Ҳаитов С.П.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. Мақсади таҳқиқот дар дар мақолаи мазкур аз ошкорсозии мафҳуми ҳуқуқии музди меҳнат ва аҳамияти он, таҳлили ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии он мебошад. Муаллиф бо истифодаи аз усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бо назардошти меъёрҳои байналмилалӣ ва миллӣ таркиб ва низоми пардохти музди меҳнат, кафолатҳои давлатии таъмини онро баррасӣ намудааст. Муаллиф ба ин натиҷа мерасад, ки мафҳуми музди меҳнат дорои табиати дуҷониба аст: аз як ҷониб - ҳамчун воситаи иқтисодии такрористеҳсоли қувваи корӣ ва аз ҷониби дигар - ҳамчун институти ҳуқуқии ҳуқуқи меҳнат, ки бо меъёрҳои қонунгузорӣ танзим мегардад. Ҳамзамон, мавҷудияти як қатор мушкилот, аз ҷумла сатҳи пасти музди меҳнати ҳадди ақал, мавҷудияти тафриқаи байнисоҳавӣ ва байниминтақавӣ дар андозаи он, сари вақт ва пурра пардохт нашудани музди меҳнат ва афзоиши шуғли ғайрирасмӣ ошкор карда шудаанд. Дар хулосаи мақола мазкур бо мақсади баланд бардоштани нақши музди меҳнат дар таъмини сатҳи муносиб ва шоистаи зиндагии кормандон аз ҷониби муаллиф якчанд пешниҳодҳо, аз ҷумла ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи индексатсияи даромадҳои аҳолӣ бо назардошти сатҳи таваррум” барои индексатсияи музди меҳнати кормандони бахши хусусӣ, муҳлат ва тартиби он, манзур шудаанд.

Калидвожаҳо: музди меҳнат, муносибатҳои меҳнатӣ, пардохти музди меҳнат, андозаи музди меҳнат, ҳуқуқ, ҳади аққал, корфармо, кафолатҳо, корманд, индексатсия, қонун.
Барои иқтибос: Маҳмадуллозода, Н. Р. Мафҳуми ҳуқуқӣ ва моҳияти музди меҳнат дар шароити муосир / / Н. Р. Маҳмадуллозода, С. П. Ҳаитов // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – No. 1. – P. 456-464.

ПРАВОВОЕ ПОНЯТИЕ И ЗНАЧЕНИЯ ЗАРАБОТНОЙ ПЛАТЫ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Махмадуллозода Н.Р.
Институт философии, политологии и права имени А. Баховаддинова НАНТ
Хаитов С.П.
Таджикский государственный финансово-экономический университет

Аннотация. Целью исследования в настоящей статье является выявление правового понятия заработной платы и её значения, а также анализ её правовых и экономических аспектов. Автор, используя сравнительно-правовой метод с учётом международных и национальных норм, рассматривает структуру и систему оплаты труда, а также государственные гарантии её обеспечения. Автор приходит к выводу, что понятие заработной платы носит двойственный характер: с одной стороны - как экономическое средство воспроизводства рабочей силы, с другой - как правовой институт трудового права, регулируемый нормами законодательства.
В то же время выявлен ряд проблем, в том числе низкий уровень минимальной заработной платы, наличие межотраслевой и межрегиональной дифференциации её размера, несвоевременная и неполная выплата заработной платы, а также рост неформальной занятости. В заключении статьи, с целью повышения роли заработной платы в обеспечении достойного и надлежащего уровня жизни работников, авторами предлагается ряд мер, включая внесение изменений и дополнений в Закон Республики Таджикистан «Об индексации доходов населения с учётом уровня инфляции» в части индексации заработной платы работников частного сектора, а также установления сроков и порядка её проведения.

Ключевые слова: заработная плата, трудовые отношения, оплата труда, размер заработной платы, право, минимальный размер, работодатель, гарантии, работник, индексация, закон.

THE LEGAL CONCEPT AND SIGNIFICANCE OF WAGES IN MODERN CONDITIONS

Mahmadullozoda N.R.
Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovaddinov of the National of Sciences of Tajikistan

Khaitov S.P.
Tajik State University of Finance and Economics

Abstract. The purpose of the research in this article is to identify the legal concept of wages and their significance, as well as to analyze their legal and economic aspects. Using the comparative legal method and taking into account international and national standards, the author examines the structure and system of wage payment, as well as state guarantees for their provision. The author concludes that the concept of wages has a dual nature: on the one hand, as an economic means of reproducing the labor force, and on the other, as a legal institution of labor law regulated by statutory norms.
At the same time, a number of problems are identified, including the low level of the minimum wage, the existence of intersectoral and interregional differentiation in its amount, untimely and incomplete payment of wages, as well as the growth of informal employment. In the conclusion of the article, with the aim of enhancing the role of wages in ensuring a decent and adequate standard of living for workers, the authors proposes a number of measures, including the introduction of amendments and additions to the Law of the Republic of Tajikistan "On the Indexation of Population Incomes with Regard to the Level of Inflation" concerning the indexation of wages of private sector employees, as well as the establishment of the time frame and procedure for its implementation.
Keywords: wages, labor relations, remuneration of labor, wage level, law, minimum wage, employer, guarantees, employee, indexation, legislation.

Гузориши масъала. Музди меҳнат манбаи асосии даромади аксарияти аҳолӣ мебошад. Беҳбудии тахминан ҳар як оила аз андоза, мунтазамӣ ва сари вақт гирифтани музди меҳнат вобаста аст.

Андозаи музди меҳнат нишондиҳандаи асосӣ барои муайянсозии сатҳу сифати зиндагӣ дар ҳар давлат эътироф шудааст.

Музди меҳнат ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ҳисобида мешавад. Ҳамчун категорияи иқтисодӣ, музди меҳнат дар иқтисодиёти бозоргонӣ як қатор вазифаҳои муҳимро иҷро мекунад. Функсияҳои аввалини он такрористеҳсолкунӣ мебошанд. Асоси объективии ташаккули андозаи музди меҳнат арзиши қувваи корӣ мебошад, ки он дар навбати худ аз рӯи ҳаҷм ва арзиши воситаҳои зиндагӣ, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои корманд ва аъзои оилаи ӯ заруранд, муайян карда мешавад. Инҳо талабот ба хӯрок, либос, манзил, истироҳат, таҳсилот, тандурустӣ, инчунин хароҷоти нигоҳдории оилаи корманд ва дигар хароҷотро дар бар мегиранд, ки такрористеҳсолии қувваи кориро таъмин мекунанд. Аммо, на ҳамеша арзиши қувваи корӣ ва пардохти он ба ҳам мувофиқат мекунанд. Шакли зуҳури арзиши қувваи корӣ меъёри музди меҳнат мебошад, ки корфармо ба корманд ба шарти иҷрои меъёри мураккабӣ, вазнинӣ, шиддатнокии меҳнат ва ғайра, кафолат додааст.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Муаллифон дар рафти таҳияи мавод аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сарчашмаҳо истифода намудаанд.

Мақсади мақола- омӯзиши мафҳуми ҳуқуқӣ ва моҳияти музди меҳнат дар шароити муосир мебошад.

Муҳтавои асосии мавод. Функсияи дигари муҳими музди меҳнат ин вазифаи ҳавасмандгардонии он мебошад, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ, сифати кор ва муайян кардани фарқияти андозаи музди меҳнат вобаста ба тахассуси корманд ва мураккабии кори иҷрокардаи ӯ, равона карда шудааст. Кори ихтисосманд аз рӯи дараҷаи мураккабии кори иҷрошуда зиёдтар пардохта мешавад, бинобар ин корманд манфиатдор аст, ки ихтисоси худро такмил диҳад ва ин намудҳои корро иҷро кунад.

Дар баробари ин функсияи танзимкунанда низ мавҷуд аст, ки метавонад танзимгари талабот на танҳо ба қувваи корӣ, балки ба маҳсулот ва хизматрасониҳои ниҳоии истеъмолӣ бошад.

Коҳиши нақши ин функсияҳо бо бисёр омилҳое алоқаманд аст, ки аз аввали солҳои 90-ум дар ҶТ ба таври объективӣ рушд кардаанд. Даст кашидан аз танзими қатъии давлатии музди меҳнат ва гузариш ба танзими музди меҳнат тавассути шарикии иҷтимоӣ, шартномаҳои коллективӣ ва кафолатҳои давлатӣ, аз қабили ҳадди ақали музди меҳнат натиҷаҳои мусбӣ ба бор наоварданд. Зеро, низоми шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон дар давраи баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ акнун инкишоф меёфт, вобаста ба вазъи начандон хуби моливӣ ҳадди аққали музди меҳнат муддати

тӯлонӣ бетағйир монд ва танҳо аз аввали солҳои 2000-ум таҷдиди назар карда шуд. Дар ҳоле, ки сатҳи музди меҳнати ҳадди ақҷал бояд ҳам ҳадди ақали зиндагиро муайян кунад ва ҳам замина барои таъини андозаи тарифҳо ва маоши мансабии категорияҳои гуногуни кормандон бошад. Давлати Тоҷикистон кӯшиш мекунад, ки қобилияти харидории музди меҳнати ҳадди ақалро барқарор карда, андозаи онро тадриҷан ба сатҳи ҳадди ақҷали зиндагӣ баробар кунад. Дар айни замон, барқарорсозии қобилияти харидории музди меҳнати ҳадди ақал дар баробари чораҳои муҳофизати музди меҳнат аз таваррум, яъне баланд бардоштани сатҳи мундариҷаи воқеии музди меҳнат масъалаи муҳим мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми музди меҳнат ҳамчун категорияи иқтисодӣ тасниф шудааст, ки чунин мазмун дорад: музди меҳнат шакли пулии ифодаи арзиши қувваи корӣ мебошад, ки он ҳамчун подош барои меҳнат ва натиҷаҳои ниҳоии он зоҳир мешавад. Арзиши қувваи корӣ дар бозори меҳнат зери таъсири пешниҳоди он аз ҷониби кормандон ва талаботи корфармоён ба он ташаккул меёбад. Шакли зуҳури арзиши қувваи корӣ меъёри (андозаи) музди меҳнати кафолатдодаи корфармо мебошад, ба шарти аз ҷониби корманд иҷро намудани кори дорои хусусияти муътадил, мураккаб, вазнин, шиддатнок ва ғайра. Бо мафҳуми музди меҳнат инчунин, дарки он ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ - яке аз унсурҳои пешбари муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ, алоқаманд мебошад.

Музди меҳнат ҳамчун унсури муносибатҳои ҳуқуқи меҳнатӣ аз руи аломатҳои зайл фарқ карда мешавад: 1) музди меҳнат- ин подош барои меҳнат мебошад, яъне барои иҷрои кори мувофиқ ба функсияи муқарраршудаи меҳнат; 2) дар шакли пулӣ пардохта мешавад; 3) ба меъёрҳои пешакӣ муқарраршуда асос ёфтааст (меъёрҳои тарифӣ, дараҷаҳои тарифӣ, маоши вазифавӣ (мансабӣ), нархномаи корбайъ); 4) андозаи он бо ҳадди ниҳоӣ маҳдуд намешавад ва наметавонад аз андозаи ҳадди ақали музди меҳнате, ки қонун муқаррар кардааст, камтар бошад; 5) дар асоси иҷрои меъёрҳои муқарраршудаи меҳнат пардохт мешавад; 6) хусусияти мунтазам дошта, дар муҳлатҳои муқарраршуда пардохт карда мешавад; 7) андозаи мушаххаси музди меҳнат аз тахассус, мураккабӣ, миқдор, сифат ва шароити кори иҷрошуда вобаста аст [11].

Ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ, музди меҳнат ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои асосии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатиро (корманд ва корфармо) ифода мекунад. Мушаххасоти онҳо дар асоси созиши тарафҳо оид ба муқаррар намудани музди меҳнат барои корманд ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ бо корфармо сурат мегирад, ки шартҳои шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла музди меҳнатро ҳатмӣ мегардонад. Танзими ҳуқуқии музди меҳнат дар боби 11 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ) [8] оварда шудааст.

Меъёрҳои КМ ҶТ мафҳуми «музди меҳнат» ва дигар мафҳумҳои асосии соҳаи пардохт ва меъёри меҳнатро дар бар мегиранд. Мутобиқи моддаи 142 КМ ҶТ таркиби музди меҳнат аз қисмҳои доимӣ ва тағйирёбанда иборат мебошад. Қисми доимии он аз ҳиссаи соатбайъ ё моҳонаи меъёрҳои тарифӣ (маош) иборат аст. Одатан, дар таҷриба ҳиссаи доимии музди меҳнат соҳаи таъсири давлат мебошад, ки ин ё он дараҷа, аз ҷумла ҳадди ақали музди меҳнат ва кафолатҳои дигарро дар бар мегирад. Ҳиссаи тағйирёбандаи музди меҳнат ба натиҷаҳои кор вобастагӣ дошта, иловапулиҳои гуногун, ҷубронпулиҳо (барои дараҷаи тахассус, собиқаи корӣ, аз рӯи натиҷаҳои кори солона, унвони илмӣ ва монанди онҳо) ва мукофотпулиро (барои сифати баланди кор, барои аз миқдор зиёд истеҳсол намудани маҳсулот) дар бар мегирад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии музди меҳнат, ки усулҳои танзими онро муайян мекунад, муқаррароти асосии конститутсионӣ ва принсипҳои аз ҷониби умум эътирофшуда, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон (конвенсияҳои ТБМ) дар соҳаи шароити меҳнат, аз ҷумла музди меҳнат мебошанд, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] мувофиқат мекунанд. Ҳуқуқи ҳар як корманд ба музди меҳнати одилона ва қонеъкунандаи таъмини ӯ ва оилааш, инчунин ҳуқуқ ба музди баробар барои меҳнати баробарарзиш бидуни ҳеҷ гуна табъиз дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (қ. 2, 3 моддаи 23) [2] дарҷ ёфтааст.

Дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (1966) [3] ҳамчун як шартномаи бисёрҷонибаи байналмилалии давлатҳо, муқаррар карда шудааст, ки музди меҳнати ҳадди ақҷал бояд барои ҳамаи кормандон эҳтиёҷоти мавҷудаи онҳо ва оилаҳои онҳоро таъмин намояд, инчунин барои кори баробарарзиш бояд музди баробар дода шавад (моддаи 7 Аҳднома).

Дар Эъломияи ТБМ (1944) принсипҳои "кор мол нест", "музди баробар барои кори баробарарзиш" эътироф шудааст ва он дар дебочаи оинномаи ТБМ низ ифода ёфтааст [4]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, ки Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои

ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад (қисми 3 моддаи 1). Дар моддаҳои 35 ва 37 Конститутсия инчунин гуфта мешавад, ки дар Тоҷикистон меҳнат ва саломатии одамон ҳифз карда мешаванд, ҳадди ақали музди меҳнат кафолат дода мешавад [1].

Қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳоро дар соҳаи музди меҳнат, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои корманд ва корфармо, кафолатҳои давлатии музди меҳнати кормандон, аз ҷумла муқаррар намудани ҳадди ақали музди меҳнатро пешбинӣ намудааст.

Моддаи 4 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи асосии таъмини ҳуқуқи ҳар як корманд ба пардохти саривақтӣ ва пурраи музди меҳнатро бо андозаи на камтар аз ҳадди ақали музди меҳнат, ки қонун муқаррар кардааст ва эҳтиёҷоти мавҷудаи корманд ва оилаи ӯро қонеъ карда метавонад, ифода мекунад. Ҳуқуқ ба пардохти саривақтӣ ва пурраи музди меҳнат мутобиқи тахассус, мураккабии кор, миқдор ва сифати кори иҷрошуда ба ҳуқуқҳои асосии корманд дохил мешавад (қисми 1 моддаи 18 КМ ҶТ). Корфармо инчунин вазифадор аст, ки сари вақт ва дар ҳаҷми пурра музди меҳнати кормандро пардохт намояд (қисми 2 моддаи 19 КМ ҶТ).

Кафолатҳои давлатии музди меҳнат, ки дар моддаи 141 КМ ҶТ муқаррар шудаанд, дар моддаҳои дигари ҳамин Кодекс ба таври илова ифода ёфтаанд.

Бо рушди иқтисодиёти бозоргонӣ дар Тоҷикистон нақши танзими музди меҳнат дар ҳама сатҳҳои шарикии иҷтимоӣ меафзояд. Корфармо дорои низоми музди меҳнат мебошад, ки он тибқи қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои дорои меъёрии ҳуқуқи меҳнат бо шартномаҳо, созишномаҳо ва қоидаҳои дохилӣ муқаррар карда шудаанд. Бо ёрии шартномаи коллективӣ, созишномаҳо ё қоидаҳои дохилӣ як қатор масъалаҳо дар соҳаи музди меҳнат муайян карда мешаванд. Дар бисёр моддаҳои КМ ҶТ шартномаи коллективӣ ва санади меъёрии локалӣ ҳамчун "усули танзими муносиб" нишон дода шудаанд. Сабаб ин аст, ки ҳам шартномаҳои коллективӣ ва ҳам танзими локалии муносибатҳои меҳнатӣ аз ваколатҳои корфармо асос меёбанд, гарчанде ки дар амал афзалият ба шартномаи коллективӣ дода мешавад. КМ ҶТ тавсия медиҳад, ки дар шартномаи коллективӣ шаклҳо, низом ва андозаи музди кор, пардохти ҷубронпулӣ, механизми танзими музди меҳнат бо назардошти болоравии нархҳо ва сатҳи таваррум, муқаррар карда шавад.

Кодекси меҳнати амалкунандаи ҶТ иштироки комиссияҳои сеҷонибаро ҳамчун мақомоти шарикии иҷтимоӣ дар ҳалли масъалаҳои музди меҳнат пешбинӣ менамояд.

Танзими инфиродии музди меҳнат яке аз шартҳои ба мундариҷаи шартномаи меҳнатӣ шомил будани масъалаи музди меҳнатро ифода мекунад. Ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ, тарафҳо бояд шартҳои муздро муайян кунанд, ки андозаи музди меҳнат (маоши мансабӣ) -и корманд, пардохтҳои иловагӣ, кӯмакпулиҳо ва пардохтҳои ҳавасмандкуниро дар бар гирад. Музди меҳнати корманд тибқи шартномаи меҳнатӣ мутобиқи низоми музди меҳнати корфармо муқаррар карда мешавад. Ин низомҳо бо шартномаҳои коллективӣ созишномаҳо, қоидаҳои дохилӣ таъсис дода мешаванд ва аз ҷониби тарафҳои шартномаи меҳнатӣ, пешбинӣ нашудаанд. Ҳангоми бастани он, тарафҳо шартҳои музди меҳнатро инфиродӣ ва мушаххас мекунанд, яъне андозаи маоши мансабӣ ё меъёри музди меҳнати корманд, кӯмакпулиҳои имконпазир ва пардохтҳои иловагӣ, мукофотпулӣ, ки барои корфармо эътибор доранд. Корманд бояд бо шартномаи коллективӣ ва (ё) санади меъёрии локалӣ ошно бошад, агар ин санад низоми музди меҳнати қабулкардаи ин корфарморо муқаррар кунад.

Дар баъзе ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, шартномаи меҳнатӣ танзимгари асосии муқаррар намудани музди меҳнат мегардад. Ба инҳо дохил мешаванд:

-музди меҳнат барои роҳбарони ташкилотҳои корпоративӣ, муовинони онҳо ва сармуҳосибон;

-музди меҳнати корманде, ки бо корфармо - шахси воқеӣ шартномаи меҳнатии хаттӣ бастааст, ки ҳатман тамоми шароити барои корманд ва корфармо муҳимро дар бар мегирад;

-музди меҳнати корманде, ки бо ташкилоти динӣ ба сифати корфармо шартномаи меҳнатӣ бастааст, ки мутобиқи КМ ҶТ ва қоидаҳои дохилии ташкилоти динӣ "шароити барои корманд ва корфармои зикршуда муҳимро" дар бар мегирад.

Кафолатҳои асосии давлатӣ оид ба пардохти музди меҳнати кормандон. Ҳангоми таъмини ҳуқуқи кормандон ба пардохти саривақтӣ ва пурраи музди меҳнат, ба кафолатҳои музди меҳнат диққати махсус дода мешавад. Низоми кафолатҳои асосии давлатии музди меҳнат дар моддаи 141 КМ ҶТ муқаррар карда шуда, дар моддаҳои дигари ин Кодекс муфассал танзим шудаанд.

Ин низом кафолатҳои зеринро давлатиро дар бар мегирад:

-андозаи ҳадди аққали музди меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-тадбирҳо барои нигоҳдории сатҳи воқеии музди меҳнат;

-маҳдуд кардани нигоҳдорӣ аз музди меҳнат, аз ҷумла ҳаҷми андозбандӣ аз даромад;

-маҳдуд кардани пардохти музди меҳнат дар шакли натура;

-назорати давлатӣ аз болои риояи қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатро дар бар мегиранд, аз ҷумла гузаронидани назорату санҷишҳо оид ба пурра ва саривақт пардохт намудани музди меҳнат ва риояи кафолатҳои давлатии музди меҳнат;

-мӯҳлатҳо ва пайдарпаии пардохти музди меҳнат;

-масъулияти корфармоён барои вайрон кардани талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат, шартномаҳои коллективӣ, созишномаҳо доир ба музди меҳнат.

1. Ҳадди ақали музди меҳнат яке аз кафолатҳои аввалиндараҷа дар ин низом мебошад. Он дар тамоми қалamрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нисбати ҳама кормандон амал мекунад. Ёдовар мешавем, ки мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 35) ҳадди ақали музди меҳнат барои ҳар як корманд ва бидуни ҳеҷ гуна табъиз кафолат дода мешавад. Асоси таъсиси он андозаи ҳадди ақали зиндагист, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009 № 521 "Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"[5] пешбинӣ шудааст. Мутобиқи моддаи 3 ин қонун тадриҷан боло бурдани андозаи ҳадди ақали музди меҳнат ба арзиши ҳадди ақали зиндагӣ пешбинӣ шудааст. Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 феврали соли 2025, №962 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 1 сентябри соли 2025 [9] андозаи ҳадди ақали музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ 1000 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шудааст.

Манбаъҳои маблағгузорӣ барои таъмини андозаи ҳадди аққали музди меҳнат барои корфармоён аз инҳо иборатанд:

-ташкилотҳое, ки аз ҳисоби буҷаи ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ мешаванд - аз ҳисоби буҷаи ҷумҳуриявӣ;

-ташкилотҳое, ки аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ маблағгузорӣ карда мешаванд - аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ;

-ташкилотҳои ғайридавлатӣ – аз ҳисоби мабалағҳои чунин ташкилотҳо.

Дар баробари ин, ҳадди ақали музди меҳнат аз ҷониби ҳамаи ин ташкилотҳо аз ҳисоби дигар намудҳои манбаъҳои молиявӣ таъмин карда мешавад. Ба онҳо маблағҳои ғайрибуҷавӣ, инчунин маблағҳое, ки аз фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолиятҳои даромаднок ба даст меоянд, дохил мешаванд.

Барои корманде, ки меъёри вақти кориро дар як моҳ пурра кор кардааст ва меъёрҳои меҳнатро иҷро кардааст, музди моҳонаи ӯ наметавонад аз ҳадди ақали музди меҳнат камтар бошад. Ин кафолати муҳими ҳуқуқӣ барои муқаррар ва пардохт намудани музди меҳнат ба корманд на камтар аз ҳадди ақали музди меҳнати пешбинишуда мебошад. Барои ин корфармо масъул аст. Музди меҳнати ҳадди аққал, ба мисли "нуқтаи ибтидоӣ", ҳамчун меъёри тарифӣ ё маоши мансабӣ дар нақшаи дараҷаҳои вазифавӣ ва музди меҳнат, ки дар ҷадвали воҳидҳои кор ва ғайра муайян шудаанд, хизмат мекунад.

Ҳамзамон, дар ноҳияҳо ва маҳалҳое, ки ба музди меҳнат коэффитсиентҳои ноҳиявӣ, барои кор дар биёбон, маҳалҳои беоб ва баландкӯҳ муқаррар шудаанд, андозаи ҳадди ақали музди меҳнат бо истифодаи ин коэффитсиентҳо ва изофапулиҳо муайян карда мешавад.

2. Кафолати навбатии давлатӣ ин тадбирҳо барои нигоҳдории сатҳи воқеии музди меҳнат меҳнат мебошад. Таъмини чунин нигоҳдорӣ тибқи моддаи 144 КМ ҶТ, индексатсияи музди меҳнатро бо назардошти сатҳи таваррум вобаста ба болоравии нархи истеъмолии молҳо ва хизматрасониҳо дар бар мегирад.

Индексатсия барои нигоҳ доштани қобилияти харидории даромадҳои пулӣ ва пасандозҳои шаҳрвандон равона карда шудааст.

Ташкилотҳое, ки аз буҷетҳои дахлдор маблағгузорӣ мешаванд, индексатсияи музди меҳнатро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат ба роҳ мемонанд; дигар корфармоён - бо тартиби муайяннамудаи шартномаи коллективӣ, созишномаҳо, қоидаҳои дохилӣ.

3. Кафолати дигари давлатӣ ин маҳдуд кардани нигоҳдорӣ аз музди меҳнат, аз ҷумла ҳаҷми андозбандӣ аз даромад мебошад. Номгуи чунин асосҳо ва андозаи нигоҳ доштани музди меҳнати кормандонро КМ ҶТ (моддаи 163) ва дигар қонунҳо муқаррар мекунанд.

Мувофиқи моддаи 163 КМ ҶТ нигоҳ доштани маблағ аз музди меҳнати корманд барои ҷуброни қарзҳояш дар назди корфармо тибқи амри корфармо дар ҳолатҳои зерин амалӣ карда мешавад:

“-барои баргардонидани пешпардохти коркарданашуда, ки ба ҳисоби музди меҳнат ба корманд дода шудааст;

-барои баргардонидани маблағе, ки дар натиҷаи ҳисоби нодуруст зиёдатӣ дода шудааст;

-барои ҷуброни пешпардохти истифоданашуда ва сари вақт барнагардонидае, ки барои сафари хизматӣ ё барои гузаронидан ба кори дигар, ҷойи дигар ва эҳтиёҷоти хоҷагидорӣ дода шудааст, агар корманд аз асос ва андозаи нигоҳ доштани маблағ норозигӣ баён накунад. Дар чунин ҳолатҳо корфармо ҳуқуқ дорад, дар бораи нигоҳ доштани маблағ дар муддати на камтар аз як моҳи рӯзи охирини муҳлати муайяншудаи баргардонидани пешпардохт, ҷуброни қарзҳо ва ё аз рӯзи нодуруст гузаронидани маблағ супориш диҳад;

- ҳангоми аз кор озод намудани корманд то охири соли корие, ки дар он корманд аллакай рухсатии меҳнатӣ гирифтааст, барои рӯзҳои корнакардаи рухсатӣ” [8].

Агар корманд бинобар асосҳои зерин аз кор озод шуда бошад, маблағ барои ин рӯзҳо аз музди меҳнат нигоҳ дошта намешавад:

-барҳам хӯрдани ташкилот ё қатъ гардидани фаъолияти корфармо - шахси воқеӣ ва ё ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории кормандон (сархати якуми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ);

-қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бинобар иваз шудани соҳибмулк, ҳангоми ошкор гардидани номувофиқатии корманд ба вазифаи (мансаби) ишғолкардааш ё кори иҷро мекардааш дар натиҷаи нокифоягии ихтисос ё вазъи саломатиаш, ки барои давом додани ҳамин кор халал мерасонад, агар ин номувофиқатии корманд дар натиҷаи аттестатсия ва ё дар асоси хулосаи тиббӣ тасдиқ шуда бошад (сархати дуюми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ);

-ҳозир нашудан ба кор дар давоми бештар аз чор моҳи бефосила дар натиҷаи корношоямии муваққатӣ, бе ҳисоб кардани рухсатии давраи ҳомиладорӣ ва таваллуд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳлати аз ин зиёдтари нигоҳ доштани ҷойи корро (вазифаро) ҳангоми бемории муайян муқаррар накарда бошад(сархати панҷуми қисми 1 моддаи 42 КМ ҶТ);

-ҳангоми даъват ё ба хизмати ҳарбӣ дохил шудани корманд (сархати якуми моддаи 48 КМ ҶТ);

-ҳангоми фиристонидан ба таҳсил, ба нафақа баромадани корманд ва дар ҳолате, ки дар рӯзи аз кор озод шудан корманд маблағи барои пардохт ҳисобшударо надошта бошад;

-ҳангоми ҷуброни зарар, ки бо гуноҳи корманд ба корфармо расонида шудааст, ба андозаи на зиёдтар аз музди миёнаи моҳонаи корманд (моддаи 189 КМ ҶТ).

Музди меҳнатеро, ки корфармо ба корманд барзиёд пардохтааст, аз ҷумла ҳангоми истифодаи нодурусти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои ҳолатҳои ҳисоби нодуруст аз корманд рӯёнидан мумкин нест. Корфармо уҳдадор аст, ки маблағро дар асоси аризаи хаттии корманд аз музди меҳнати ӯ бо тартиби ҳисоби ғайринақдӣ нигоҳ дорад. Андозаи умумии нигоҳдошташаванда аз музди меҳнат ва дигар намудҳои даромадҳои корманд аз 20 фоиз ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 50 фоизи музди меҳнати корманд зиёд буда наметавонад. Ҳангоми нигоҳ доштан аз музди меҳнат барои якчанд ҳуҷҷатҳои иҷро бояд барои корманд на камтар аз 50 фоизи музди меҳнати барои пардохт пешбинишуда мононда шавад. Нигоҳ доштани маблағ аз музди меҳнат ҳангоми иҷрои корҳои ислоҳкунӣ ва рӯёнидани алимент, ҷуброни зарари ба саломатӣ расонидашуда, ҷуброни зарар ба шахсоне, ки ба онҳо дар натиҷаи вафоти саробон зарар расонида шудааст ва ҷуброни зарари дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда аз 70 фоизи музди меҳнат зиёд буда наметавонад.

Ба нигоҳ доштани маблағ аз кумакпулиҳои яквақта, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯёнидани маблағ аз онҳо манъ аст, роҳ дода намешавад.

4. КМ ҶТ пардохти музди меҳнат дар шакли аслиро маҳдуд кардааст. Мутобиқи моддаи 159 КМ ҶТ бо розигии корманд ба ивази пардохти пулӣ қисман ба пардохти аслӣ (шакли омехтаи пардохт) роҳ дода мешавад, вале он аз 20 фоизи маблағи умумии музди меҳнати якмоҳаи ӯ зиёд буда наметавонад. Пардохти аслӣ ба ҷойи пардохти пулӣ бояд ба арзиши пулии музди меҳнат баробар буда, барои истеъмоли шахсӣ мувофиқ ва ба корманд ва аҳли оилаи ӯ фоиданок бошад. Музди меҳнати аслиро бо молу ашёе, ки муомилоти озоди онҳо тибқи номгӯйи тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд ё манъ шудааст, пардохтан мумкин нест. Пардохти музди меҳнат дар шакли уҳдадориҳои қарзӣ, забонхатҳо ва купонҳо манъ аст.

5. Низоми мазкур (моддаи 130 КМ ҶТ) назорати давлатиро оид ба риояи қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои меъёрҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла санҷиши пардохти пурра ва саривақтии музди меҳнат ва иҷрои кафолатҳои давлатии музди меҳнатро дар бар мегирад. Назорати мазкур қисми назорати давлатӣ оид ба риояи қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат мебошад, ки аз ҷониби Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ амалӣ карда мешавад. Назорати давлатии риояи якхелаи ин меъёрҳо аз ҷониби ҳамаи корфармоён дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокурорҳои тобеи ӯ амалӣ карда мешавад. Назорати ҷамъиятии он низ амал мекунад.

6. Кафолати муҳими давлатӣ ин муқаррар намудани мӯҳлат ва пайдарҳамии пардохти музди меҳнат мебошад. Моддаҳои 158 ва 160 КМ ҶТ тартиб, ҷой ва мӯҳлати пардохти музди меҳнатро пешбинӣ менамоянд.

Ӯҳдадории корфармо ҳангоми пардохти музди меҳнат муқаррар карда шудааст, ки тибқи он бояд ҳар як кормандро дар бораи таркиби музди меҳнат дар давраи дахлдор, ҳаҷм ва асосҳои нигоҳ доштан аз он, инчунин оид ба маблағи умумии пардохтшаванда ба таври хаттӣ огоҳ созад. Ҳама маълумоти зикршуда бояд дар варақаҳои махсуси музди меҳнат инъикос карда шаванд, ки шакли онҳоро корфармо дар мувофиқа бо мақомоти намояндагии кормандон бо тартиби муқаррарнамуда бояд тасдиқ намояд.

Музди меҳнат ба корманд, чун қоида, дар ҷои кор пардохта мешавад ё ба суратҳисоби бонкии муайяннамудаи корманд тибқи шартҳои муайяннамудаи шартномаи коллективӣ ё шартномаи меҳнатӣ гузаронида мешавад.

КМ ҶТ корфарморо вазифадор менамояд, ки ҳадди аққал ҳар ним моҳ музди меҳнатро дар мӯҳлатҳои (рӯзи) мушаххас, ки бо қоидаҳои дохилии меҳнат, шартномаи коллективӣ ва шартномаи меҳнатӣ муқаррар шудааст, пардохт кунад. Ин ӯҳдадории корфармо оид ба пардохти ҳар ду ҳафта, ки дар қонун муқаррар шудааст, имкон намедиҳад, ки пардохти музди меҳнат дар дигар давраҳо, масалан, дар як моҳ як маротиба таъмин карда шавад. Агар рӯзи пардохти музди меҳнат ба рӯзи истироҳат ё иди ғайрикорӣ рост ояд, пас пардохти музди меҳнат дар арафаи ин рӯз гузаронида мешавад. Пардохти рухсатӣ на дертар аз як ҳафта пеш аз оғози он пардохта мешавад. Ҳангоми аз кор озод кардани корманд ҳамаи маблағҳое, ки ба ӯ бояд тибқи КМ ҶТ дар рӯзи аз кор озод кардан (рӯзи охирини кор) ҳисоб карда шаванд, пардохт карда шаванд. Агар корманд дар рӯзи аз кор озодшавӣ кор накарда бошад, пас маблағҳои зикршуда, бояд на дертар аз рӯзи дигар пас аз пешниҳоди талабот оид ба аз кор озод шудан пардохта шаванд. Ҳангоми баҳс дар бораи маблағе, ки корманд қарздор аст, корфармо вазифадор аст, ки маблағи бидуни баҳсро дар мӯҳлати муайяншуда пардохт кунад.

7. Кафолати давлатии навбатӣ -ин масъулияти корфармоён барои вайрон кардани талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат, шартномаҳо, созишномаҳои коллективӣ мебошад. Меъёрҳои танзимкунандаи тартиби умумӣ ва мӯҳлати пардохти музди меҳнат дар моддаҳои 147 ва 158 КМ ҶТ ҳамчун талабот нисбати корфармоён барои иҷрои ӯҳдадориҳои асосии худ оид ба пардохти саривақтии музди меҳнати кормандон, ифода ёфтаанд.

Вайронкуниҳои сершумори муҳлатҳои пардохти музди меҳнат, мутаассифона, то имрӯз идома доранд,пешгирии ин қонуншиканиҳо, бахусус тақвияти масъулияти корфармоён, тадбирҳои муассиртарро талаб мекунанд. Чунин масъулият барои таъхир дар пардохти музди меҳнат ба кормандон ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо дар бахши музди меҳнат барои корфармо ва (ё) намояндагони ваколатдори ӯ дар моддаи 158 КМ ҶТ пешбинӣ шудаанд.

Корфармо барои ба таъхир андохтани пардохти музди меҳнат тибқи қисми 5 моддаи 158 КМ ҶТ дар назди корманд масъулияти молиявӣ дорад. Агар музди меҳнат бо гуноҳи корфармо аз мӯҳлати муқарраргардида дертар пардохт карда шавад, ӯ уҳдадор аст ба андозаи фоизи меъёри бонкӣ, ки дар маҳалли иҷрои кор дар рӯзи пардохти маош мавҷуд аст, барои ҳар рӯзи таъхир дар пардохти маош, маблағи иловагӣ диҳад. Тартиби ҳисоби музди иловагӣ бо дастуруламал дар бораи пардохти музди меҳнати иловагӣ ба кормандон дар мавриди бо айби корфармо ба таъхир афтодани пардохти музди меҳнат, ки бо Фармоиши якҷояи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон аз 25.12.2008, №75 тасдиқ шудааст [10], муайян гардидааст.

Мутобиқи талаботи моддаи 134 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон [6], барои сари вақт напардохтани музди меҳнат ҳангоми набудани аломати ҷиноят, нисбати шахсони масъул ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ карда шудааст. Тибқи Кодекси ҷиноятии

Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 153[1]) [7], дар мавриди аз ҷониби корфармо беш аз ду моҳ пардохт нашудани музди меҳнат, роҳбари корхона, муассиса ё ташкилот, новобаста аз шакли моликияташ, агар ин кирдор бо ғараз ё дигар манфиатҳои шахсӣ содир шуда бошад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Хулоса. Музди меҳнат яке аз категорияҳои асосии иқтисодию ҳуқуқӣ буда, татбиқи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро ба гирифтани подош барои меҳнат таъмин менамояд ва ҳамчун манбаи асосии даромади аксарияти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад. Таҳлили мафҳуми музди меҳнат табиати дуҷонибаи онро ошкор месозад: аз як ҷониб - ҳамчун воситаи иқтисодии такрористеҳсоли қувваи корӣ ва аз ҷониби дигар - ҳамчун институти ҳуқуқии ҳуқуқи меҳнат, ки бо меъёрҳои қонунгузорӣ танзим мегардад.

Дар шароити ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ ва рақамикунонии муносибатҳои меҳнатӣ аҳамияти музди меҳнат ҳамчун омили устувории иҷтимоӣ, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва ҳавасмандгардонии ҳосилнокии меҳнат меафзояд. Ҳамзамон, як қатор мушкилот, аз ҷумла сатҳи пасти музди меҳнати ҳадди ақал, мавҷудияти тафриқаи байнисоҳавӣ ва байниминтақавӣ дар андозаи он, сари вақт ва пурра пардохт нашудани музди меҳнат ва афзоиши шуғли ғайрирасмӣ боқӣ мемонанд. Яке аз масъалаҳои муҳими музди меҳнат ин индексатсияи андозаи он бо назардошти сатҳи тавваррум маҳсуб мешавад. Маъмулан музди меҳнати кормандони соҳаҳои бучетӣ марҳила ба марҳила бо Фармонҳои дахлдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон индексатсия шуда, баланд бардошта мешаванд. Мутаассифона, дар бахши хусусӣ корфармоён муддатҳои тулонӣ музди меҳнати кормандонро индексатсия намекунанд, ки дар натиҷаи қобилияти харидории музди меҳнат дар ин бахши иқтисод коҳиш ёфта, ҳавасмандии мутахассисонро барои кор аз байн мебарад ва боиси тарки ҷои кор ва муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷаи кормандони соҳибихтисос гардида истодааст.

Бинобар ин зарур аст, ки бо мақсади баланд бардоштани нақши музди меҳнат дар таъмини сатҳи муносиб ва шоистаи зиндагии кормандон танзими ҳуқуқии пардохти музди меҳнат таҷдиди назар карда шавад. Аз ҷумла, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи индексатсияи даромадҳои аҳолӣ бо назардошти сатҳи тавваррум” тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, индексатсияи музди меҳнати кормандони бахши хусусӣ, муҳлат ва тартиби он ба таври ҳатмӣ муқаррар карда шавад. Назорати давлатии риояи қонунгузории меҳнат дар самти ҳисобу пардохти музди меҳнат тақвият дода шуда, механизмҳои танзими музди меҳнат тавассути шарикии иҷтимоӣ рушд дода шавад. Амалисозии ин тадбирҳо ба таҳкими сатҳи музди меҳнат, ҳифзи иҷтимоии кормандон ва баланд бардоштани самаранокии муносибатҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад намуд.

Адабиёт

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.с.1999, 22. 06. с.2003 ва 22. 05. с.2016. Душанбе: «Нашриёти Ганҷ». 2016. – 136 с.

2. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10 декабри соли 1948 // Международное право в документах: Сборник международно-правовых актов и внутреннего законодательства Республики Таджикистан. - Душанбе: «Контраст», 2011. - С. 219-223.

3. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки бо қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ аз 16 декабри соли 1966 қабул шудааст. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.mfa.tj (санаи мурочиат: 15.02.2023 с.).

4. Декларация МОТ от 10 мая 1944 года «О целях и задач Международной организации труда» // https://normativ.kontur.ru/document?moduleId=1&documentId=277925.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009 № 521 “Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ” // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №5, мод. 328.

6. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №12, қ. 1, мод. 989.

7. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1998. № 9. Мод. 68, 69; № 22. Мод. 306; 1999. № 12. Мод. 316; 2001. № 4. Мод. 149,167).

8. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, № 1329 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2016. - № 7. - Мод. 604.

